М.А. Маҳмудов, Т.Н. Зиёзода, А.Г. Холиқов,
З. Искандаров, Р.Ш. Сотиволдиев, Ш.М. Менглиев,
Е.М. Павленко, Н. Муродова, Р.Ф. Салихова,
Ғ. Лутфонов, У.З.Тоҳиров, М.Н. Халифаев

# ҲУҚУҚИ ИНСОН

## Китоби дарсӣ барои синфи 10

НАШРИ ДУЮМ

Бо тағйироту иловаҳо

Зери таҳрири умумии
М.А. Маҳмудов, Т.Н. Зиёзода, А.Г. Холиқов.

*Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст*

Душанбе
"ТоРус"
2010

**ББК 67.3 Я 72 + 67.99 (2) 3**
**М-48**

**М.А. Маҳмудов, Т.Н. Зиёзода, А.Г. Холиқов, З. Искандаров, Р.Ш. Сотиволдиев, Ш.М. Менглиев, Е.М. Павленко, Н. Муродова, Р.Ф. Салихова, Ғ. Лутфоиов, У.З.Тоҳиров, М.Н.Халифаев**

**ҲУҚУҚИ ИНСОН.** *Китоби дарсӣ барои синфи 10.*
- Душанбе: “ТоРус”, 2010. - 320 саҳ.

Бо дастгирии Идораи Комнссариати Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, лоиҳаи минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон), Дафтари СММ оид ба мусоидат ба бунёди ҳаёти осоишта дар Тоҷикистон, Маркази Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар шаҳри Душанбе таҳия шудааст.

**Китоби дарсӣ дар доираи гранти Хазинаи Каталитикӣ иашр шудааст.**

**Хоиандаи азиз!**

Китоб манбаи доиишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва эҳтиёт намоед. Кӯшиш ба харҷ диҳед, ки соли оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси додару хоҳарчаҳоятон гардад ва ба онҳо низ хизмат кунад.

**Ҷадвали истифодаи иҷоравии китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли хониш | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

ISBN 978-99947-765-6-6

© “ТоРус”, 2010

# САРСУХАН

**Хонандагони азиз!**

Шумо дар синфҳои 8 ва 9 асосҳои давлат ва ҳуқуқро омӯхта, дар бораи сохти давлатии мамлакати мо, ӯҳдадориҳо ва масъулияти ҳар як инсон ва шаҳрванд дар назди давлат ва ҷомеа чизҳои бисёреро аз худ намудед. Дар ин соли таҳсил шумо, чун дигар хонандагони синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон, фанни нав—“Ҳуқуқи инсон”-ро меомӯзед.

“Ҳуқуқи инсон”... Шумо бо ин калимаҳо шояд бори аввал дучор намеоед. Онҳо дар барномаҳои телевизион ва радио садо медиҳанд, дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ зуд-зуд ба чашм мерасанд. Конститутсияи (Сарқонуни) мамлакати моро кушоед. Дар оғози он шумо мехонед, ки “Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд” (моддаи 5) ва андаке баъдтар боби алоҳидаро дар бораи ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд мехонед. Ба масъалаҳои риоя ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон бисёр созишномаҳои байналмилалӣ бахшида шудаанд. Воқеан, “ҳуқуқи инсон” чист? Ва чаро дар айни замон, сарфи назар аз фарқиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динӣ дар байни халқҳои мамлакатҳои гуногун ҳуқуқи инсон дар тамоми ҷаҳон чун яке аз муҳимтарин сангҳои маҳаки тамаддуни инсонӣ дониста мешавад?

Умедворем, ки китоби дарсии мо барои пайдо кардани ҷавоб ба ин савол ба Шумо кӯмак мерасонад.

Ҳарчанд қисми зиёди китоби дарсӣ ба масъалаҳои ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст, тасдиқ кардан хатост, ки ҳуқуқи инсон танҳо ба масъалаҳои қонунгузорӣ ва истифодаи он дахл мекунад. Мафҳуми ҳуқуқи инсон саршор аз ақидаҳои амиқи фалсафию ахлоқист. Асоси онро арзишҳои ахлоқие ташкил медиҳанд, ки аз ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ, ривоятҳои қадимии халқҳои гуногун, ғояҳои мутафаккирони гузашта, аз ҷумла тоҷику форс сарчашма мегиранд.

Аммо дар дунё муносибат ба ҳуқуқҳои инсон якранг нест ва ин зуҳурот пеш аз ҳама ба он сабаб арзи вуҷуд кардааст, ки ба ҷуз аз арзишҳои умумии ахлоқӣ дар ҳар ҷомеа арзишҳои алоҳидаи танҳо ба вай хоси дар раванди инкишофи пешинааш ташаккулёфта мавҷуданд. Ба ин тариқ, дар паси ҳар кадоме аз фарқиятҳо дар муносибат ба ҳуқуқҳои инсон ҳамеша фарқиятҳо дар муқаррароти арзишӣ меистанд ва дарку фаҳмиши моҳият ва сабабҳои онҳо барои ҳар касе, ки ғамхорӣ ба Ватан – Тоҷикистонро қарзи худ меҳисобад, басо муҳим аст. Умедворем, ки китоби дарсии мо ба

шумо дар муносибат ба ин масъалаҳо хирадмандӣ ва эҳсоси масъулият меомӯзонад.

Эҳсоси масъулиятшиносӣ боз аз он ҷиҳат басо муҳим аст, ки ҳуқуқҳои инсон ҳамеша маҳдуданд. Маҳдудиятҳои махсус, масалан, дар ҳолатҳои офатҳои табиӣ, фалокатҳои техногенӣ ва ё эпидемияҳои калон ҷорӣ карда мешаванд. Ҳатто дар ин ҳолатҳо ҳам дараҷаи чунин маҳдудиятҳо аз доираи муқарраркардаи қонуни махсус берун буда наметавонад ва ҳуқуқҳои нисбатан муҳим набояд маҳдуд гарданд. Дар ҳолати муқаррарӣ ҳам фаромӯш кардан лозим нест, ки ҳуқуқҳои инсон аз ӯҳдадориҳо дар назди ҷомеа ва давлат ҳаргиз ҷудо нестанд ва барои мо дар байни ин ӯҳдадориҳо аз ҳама асосиаш вайрон накардани ҳуқуқҳои дигарон аст.

Тасаввурот дар бораи ҳуқуқҳои инсонягон чизи тағйирнопазир нест, онҳо якҷоя бо пешрафти инсоният ташаккул ёфта буданд ва имрӯзу фардо низ инкишоф меёбанд. Шумо аз китоби дарсӣ батафсил мефаҳмед, ки он чӣ гуна ба амал омадааст ва баъд ба хулосаи муҳиме меоед, ки ҳамаи ҳуқуқҳои инсон тақсимнашаванда, вобастаи ҳамдигар ва ба якдигар алоқаманданд.

Амалишавии ҳуқуқҳои инсон ба ташаккули шахсият вобастааст. «Ҷавонон ба ҳаёти мустақилона қадам ниҳода, ҷои худро дар ҷомеа муқаррар кардан мехоҳанд. Дар пеши онҳо интихоби касб, ба вуҷуд овардани оила, пайвастан ба ҷунбиши муайяни сиёсӣ ва ниҳоят, дарёфтани мавқеи устувори шаҳрвандӣ барин масъалаҳо пайдо мешаванд. Ҳамаи ин омилҳое ҳастанд, ки шахсиятро ташаккул медиҳанд», – таъкид кардааст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони мамлакат.

Фаромӯш накунед: ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешрафту инкишофи минбаъдаи он чун давлати пуриқтидори демократӣ, ки риоя ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсонро барои ҳама кафолат медиҳад, аз мавқеи фаъолонаи шаҳрвандию ҳаётии шумо вобастааст.

Китоби дарсӣ аз фаслҳо, бобҳо ва бахшҳо таркиб ёфтааст. Ба истилоҳоти асосӣ дар матни китоб, саволҳо, супоришҳо ва машқҳо барои корҳои мустақилона, ки дар охири ҳар бахш оварда шудаанд, таваҷҷӯҳ намоед. Муаллифони китоб кӯшиш карданд, ки китобро барои омӯзиши шумо шавқовар гардонанд.

Муаллифон дар омӯзиши фанни “Ҳуқуқи инсон” ба шумо шавқи саршору комёбиҳо хоҳонанд.

# ФАСЛИ I
# ҲУҚУҚИ ИНСОН: МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ТАНОСУБ БО ДАВЛАТ ВА ҶОМЕА

## БОБИ 1
## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

### § 1. МАФҲУМИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН

**1.МАФҲУМ ВА ТАНОСУБИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН.** Ҳуқуқи инсон яке аз арзишҳои муҳимтарини тамаддуни ҷаҳонист. Амалисозӣ ва ё баръакс вайрон кардани ҳуқуқи инсон ба инкишофи рӯҳӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии чи давлат ва ҷомеа умуман ва чи ҳар як шахсияти алоҳида таъсир мерасонад. Ҳуқуқҳои инсон ба ҳар як одами дар ҷаҳон зиндагикунанда танҳо ба он хотир хос аст, ки вай ИНСОН аст. Онҳо барои он заруранд, ки моҳияти инсонии ҳар одам ҳимоя карда ва нигоҳ дошта шавад, барои ҳар инсон дар рӯи Замин зиндагонии шоистаю шарафмандона таъмин гардад.

Ҳуқуқи инсон мафҳуми хеле мураккабу гуногунҷабҳа буда, ба он қоидаи ягона ва тафсири якмаъноӣ додан душвор аст. Як гурӯҳи муаллифон ҳуқуқҳои инсонро чун воситаи муваффақшавии инсон ба неъматҳои асосии моддию маънавӣ, амалисозии лаёқату истеъдодҳои худ медонанд. Гурӯҳи дигар ҳуқуқҳои инсонро ҳамчун усули худтасдиққунии нотакрору мустақилонаи шахсият маънидод мекунанд, зеро ҳуқуқҳои инсон он талаботи шахсиятро ошкор месозанд, таъминсозии онҳо ба вай имконият медиҳад, ки чун узви ҷомеаи мушаххас ин-




Расми 1. Инсон аз тавлид то пиронсолӣ ба ҳуқуқ ниёз дорад

кишоф ёбад. Файласуфон бошанд, мегӯянд, ки ҳуқуқи инсон нуқтаи назари махсус ба сохти ҷаҳон ва мавқеи инсон дар он мебошад. Мувофиқи ақидаи онҳо ҳуқуқи инсон мафҳуми ҳуқуқии муайянкунандаи муносибати байниҳамдигарии инсон ва давлат (ҳокимият) мебошад. Зимнан, ҳам ин гурӯҳ ва ҳам гурӯҳҳои дигари олимон ҳақанд, зеро ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётии ҷомеа бо ҳуқуқҳои инсон алоқамандaнд.

Дар фаҳмиши имрӯза аксаран ҳуқуқҳои инсон чун имкониятҳои муҳими табиии (атои табиат) рафтор ва инкишофи инсон дар ҷомеа ва давлат, хусусиятҳои ҷудонопазире, ки ҳудуди озодиҳои ӯро муайян мекунанд, баррасӣ мешаванд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки шахсият дар давлат ва ҷомеа дорои ҳуқуқҳои зиёд мебошад. Ҳар як одам, чун иштирокдори муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ – оилавӣ, меҳнатӣ, молӣ, сиёсӣ ва ғайра ин ҳуқуқҳоро барои қонеъсозии талаботи худ, муваффақшавӣ ба ҳадафҳои муайяни ҳаётии хеш истифода мекунад. Ҳуқуқҳое ҳастанд, ки ба манфиатҳои ҳаррӯзаи одамон марбутанд, масалан, ҳуқуқҳои мусофир дар автобуси шаҳрӣ, ҳуқуқҳои харидор дар мағоза ва дигар ҳуқуқҳое, ки барои қонеъсозии талаботи нисбатан муҳим, аз қабили ҳуқуқҳои одамоне, ки ақди никоҳ мебанданд, ҳуқуқҳои меросгирон ва ғайра нигаронида шудаанд. Ҳамаи ин ҳуқуқҳои гуногуни шахсият ҳуқуқҳои рафтори имконпазири одам мебошанд, ки дар қонунгузории ҳар мамлакат таҳким меёбанд.

Вале фарқ кардани ин ду мафҳум — “ҳуқуқҳои инсон” ва “ҳуқуқҳои шахсият” ҷоиз аст. Зери мафҳуми ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқҳои нисбатан пурраҳамияти шахсият дар ҳар як давлату ҷомеа дар тамоми ҷаҳон, ҳуқуқҳое фаҳмида мешавад, ки бе онҳо ҳар як шахсият наметавонад чун инсон арзи ҳастӣ кунад, чунончи: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсият, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба таҳсил ва боз бисёр ҳуқуқҳои дигар. Ҳуқуқи инсон ҳамон чизест, ки арзиши инсонии ҳар кадом мард, зан ва кӯдакро дар рӯи Замин таъмин менамояд.

**Ҳуқуқи инсон чораи рафтори имконпазири инсон аст, ки бо қонун, ҳамчунин қоидаҳои ахлоқӣ, сиёсӣ, динӣ кафолат дода шудааст.**

Ба ин тариқ, ҳуқуқҳои инсонро чун имконияти ба амал баровардани рафторҳои муайян, вале дар доираи қонун, бе вайрон кардани қоидаҳои ахлоқӣ ва қоидаҳои дигар, масалан, бе роҳ додан ба рафторҳои беэҳтиромона нисбат ба одамони дигар баррасӣ кардан мумкин аст. Одамон ҳуқуқҳои худро озодона амалӣ сохта, бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд. Аз ин рӯ, манфиатҳои яке метавонад мухолифи манфиатҳои дигаре бошад. Чунончи, ҳар одам ҳуқуқи истироҳат кардан дорад, вале вай ин ҳуқуқи худро амалӣ сохта, масалан, дар хонаи худ шабона бо овози баланд мусиқӣ гӯш карда, пеш аз ҳама бояд дар бораи ҳуқуқи ҳамсояҳо ба истироҳат фикр кунад.

Хеле муҳим аст, ки мафҳумҳои “ҳуқуқи инсон” ва “бартарӣ” фарқ карда шаванд, зеро ҳуқуқи инсон ҳаргиз бартарӣ маҳсуб намешавад. Бартарӣ имтиёз, ҳуқуқи истисноиест, ки ба одам барои иҷрои ин ё он амал

дода мешавад. Бартариҳо танҳо ба баъзе гурӯҳҳои одамон ва одамони алоҳида мансуб буда, ба ғояи ҳуқуқҳои инсон мухолифанд. Масалан, дар ҶАҶ (Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ) дар давраи ҳукмронии реҷаи нажодпарастӣ одамони сафедпӯст назар ба одамони сиёҳпӯст бартариҳо доштанд. Одамони сиёҳпӯст бояд дар ҷойҳои алоҳидаи махсус барои онҳо ҷудошуда зиндагӣ мекарданд, онҳо ба кори маошаш баланд қабул шуда наметавонистанд, ҳуқуқ надоштанд, ки якҷоя бо сафедпӯстон хонда таҳсилот гиранд, дар як нақлиёти мусофиркаш савор шаванд ва ғайра. Дар ин ҳолат бартариҳо боиси вайрон кардани ҳуқуқҳои инсон мешаванд, зеро ҳамаи одамон, сарфи назар аз ҷинс, нажод, ранги пӯст, эътиқод ва дигар омилҳо, аз нигоҳи шаъну эътибор ва ҳуқуқҳо баробаранд.

Ба ҷуз истилоҳи "ҳуқуқҳои инсон" дар адабиёт бисёр вақт истилоҳи "озодиҳои инсон" низ дучор меояд. Озодӣ низ ҳамон ҳуқуқ аст. Баъзан ҳатто ибораи "ҳуқуқ ба озодиҳо" истифода мешавад. "Ҳар як одам ба озодии афкор, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад", – иқрор аст яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ — Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. Вале ба ҳар ҳол баъзе фарқиятҳои байни мафҳумҳои "ҳуқуқҳои инсон" ва "озодиҳо" -ро баррасӣ кардан мумкин аст.

**Озодии инсон худмуайянкунии шахсият, имконияти бе ягон маҷбурсозӣ мувофиқи иродаи худ амал кардан аст.**

Агар ҳуқуқи инсон имконияти ба ҷо овардани амалҳои муайян бошад, масалан, ба амал баровардани ҳуқуқҳои инсон бобати иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат дар назар дорад, ки одам аз ҷумла метавонад дар интихобот иштирок намояд, ба ҷонибдории ин ё он ҳизб ва ё номзад овоз диҳад, ё овоз надиҳад, яъне ҳуқуқҳои инсон интихоби амалро дар назар доранд ва давлат ӯҳдадор мешавад, ки барои амалисозӣ ва ҳимояи ин ҳуқуқҳо тамоми шароитҳои имконпазирро муҳайё созад, пас, озодиҳои инсон чунин соҳаҳои фаъолияти одам мебошанд, ки давлат ба онҳо набояд дахл кунад, одам онҳоро бе иштироки давлат ҳам амалӣ мегардонад, масалан, озодии виҷдон, озодии дину эътиқод, озодии афкор ва сухан танҳо ба имкониятҳои интихоби фардии одам вобастаанд. Дар ин маврид давлат на танҳо ба соҳаи озодиҳои фардии шахсият бояд дахолат накунад, балки инчунин бояд ҳимояи ӯро аз дахолати одамони дигар таъмин намояд. Масалан, дар давлати демократӣ муҳим будани ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ ва эътиқоди динӣ пазируфта мешавад – ин кори шахсӣ ва интихоби шахсии ҳар одам аст ва давлат набояд ба мансубияти одам ба ин ё он эътиқоди динӣ таъсир расонад.

Бо вуҷуди фарқиятҳои зикргардидаи байни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон онҳо ба ҳамдигар тавъам буда, якдигарро пурра месозанд, инчунин ба дараҷаи баробар аз ҷониби давлат кафолат дода ва ҳимоя карда мешаванд.

? *"Ҳуқуқҳои шахсият" ва "ҳуқуқҳои инсон" чист? Ҳуқуқҳои инсон бо кадом хусусиятҳояшон фарққунандаанд? Зери мафҳуми "озодиҳои инсон" чиро мефаҳманд?*

**2.ШАЪНУ ЭЪТИБОР ҲАМЧУН АСОСИ КОНСЕПСИЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН.** Асоси ҳуқуқҳои инсонро арзиши муҳимтарин – шаъну эътибор ташкил медиҳад, ки онро аз нигоҳҳои гуногун баррасӣ кардан мумкин аст.

Аз як ҷониб, шаъну эътибор умуман эътироф шудани арзиши инсон ҳамчун мавҷудияти олии соҳибақлу виҷдон, сарфи назар аз сифатҳои мушаххас ва махсусиятҳои характери ӯ мебошад. Масалан, драматурги Юнони қадим Сафокл навиштааст: “Дар олам бисёр чизҳои бузург ҳастанд, вале бузургтар аз одам чизе нест”. Яке аз асосгузорони назарияи ҳуқуқҳои инсон маорифпарвари фаронсавӣ Ж.Ж.Руссо бошад, таъкид мекард, ки шаъну эътибор дар худи моҳияти одам мавҷуд аст: “Даст кашидан аз озодии худ, даст кашидан аз шаъну эътибори инсонии худ, аз ҳуқуқи инсон, ҳатто аз ӯҳдадориҳост”. Ҳамаи одамони рӯи замин бо шаъну эътибори худ тавлид мешаванд ва дар ин бобат ҳама баробаранд. Одамон табиатан дар муносибат бо ҳамдигар бояд дар рӯҳи бародарӣ, эҳтироми шаъну эътибор, ҳуқуқҳо ва озодиҳои одами дигар рафтор намоянд”.

**Шаъну эътибор хосияти объективии инсон, арзиши олии ӯ, муносибати боэҳтиромона ба дигар одамон, давлатҳо ва ҷомеаҳоест, ки арзишмандии ҳама гуна шахсиятро эътироф мекунанд.**

Аз ҷониби дигар, шаъну эътибор баҳои одами мушаххас аз тарафи дигар одамон, аз ҷониби ҷомеа эътироф шудани он сифатҳои ахлоқӣ, интеллектуалӣ ва корӣ, дараҷаи масъулиятнокист, ки ин одам соҳиб мебошад. Одам ҳар қадар бештар сифатҳои мусбат дошта бошад, шаъну эътибори вай дар ҷомеа ҳамон қадар баланд аст. Бисёр вақт баҳои одилонаи ба шахсият аз ҷониби дигар одамон додашударо нуфузу обрӯй меноманд. Дар ҳар фарҳанг як навъ идеали шахсияти арзанда ва сифатҳое, ки вай бояд соҳиб бошад, ҷой дорад.

***Фикр кунед, ба андешаи Шумо, кадом сифатҳо ва ҷиҳатҳои характер шаъну эътибори инсонро инъикос мекунанд?***

Ба ин тариқ, категорияи шаъну эътибор бо мафҳумҳои **виҷдон** (эҳсоси масъулияти маънавӣ барои амалҳои худ дар назди одамони атроф, худбаҳодиҳӣ ба рафтори хеш) ва **қарз** (лаёқати мувофиқсозии амалҳои худ бо манфиатҳои ҷамъият) зич алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз боз як тарафи мафҳуми “шаъну эътибор” аз ҷониби ҳар як инсон дарк гардидани алоқамандии худ бо ҷомеа, аҳамият, нақш, саҳм ва таъсири худ (эҳсоси шаъну эътибори худ) дар он мебошад. Дар шаъну эътибори шахсӣ як навъ майле ба муносибати муайян ба худ, талаби эҳтиром аз ҷониби дигарон ва умуман, аз ҷониби ҷомеа мавҷуд аст.

Шаъну эътибори инсон сарчашмаи ҳуқуқ ва озодиҳои ӯст. Қисматҳо дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳо дар бисёр конститутсияҳои замони ҳозира бо мафҳуми “шаъну эътибори инсон” оғоз мешаванд. Аз ин ҷиҳат Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест. Дар

моддаи 5-и он омадааст: "Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд". Шаъну эътибор маънои ҳимоя аз зӯроварии ҷисмонӣ ва таъсиррасонии рӯҳониро дорад. Ҳеҷ кас набояд мавриди шиканҷа, зӯроварӣ, муносибати бераҳмона ва ҷазодиҳӣ қарор гирад. Шаъну эътибор ҳимояи шараф, обрӯю нуфуз ва номи неки инсонро низ ифода мекунад. Ҳимояи шаъну эътибори шахсият аз ҷониби давлат амалӣ мегардад: ягон ҳолате барои костагии он асос шуда наметавонад. Аз ин рӯ шаъну эътибори ҳама гуна шахсият бояд ҳифз карда шавад.

**3. МУНОСИБАТҲОИ ГУНОГУН БА ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН.** Дар ҷаҳони имрӯза нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон муносибати ягона вуҷуд надошта, дар ин хусус як қатор ақидаҳо, назарияҳо, таълимот ва тасаввурот ҳастанд. Ҳамаи онҳо бо шароитҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии инкишофи ҳар давлат, хусусиятҳои фарҳангӣ ва анъанавии ин ё он ҷомеа асоснок гардонда шудаанд. Аммо байни тамоми гуногунрангиҳои таълимот оид ба ҳуқуқҳои инсон якчанд назарияеро ҷудо кардан мумкин аст, ки таърихи қадимӣ ва то имрӯз ҷонибдорону мухолифони худро доранд. Масалан, барои барқарории гояи ҳуқуқҳои инсон назарияи табиӣ-ҳуқуқӣ ва назарияи позитивӣ (мусбат) таъсири ҳалкунанда расондаанд. Тибқи назарияи аввал ҳуқуқи инсон хусусияти **табиӣ** дорад ва ба ҳар одам аз лаҳзаи таваллудаш мансуб аст. Тибқи назарияи дуюм одам ҳуқуқҳои худро аз **давлат** мегирад.



**Расми 2. Озодӣ**

Дар давраи инқилобҳои буржуазии асрҳои XVII-XVIII - и Аврупо муносибати табииро ба ҳуқуқҳои инсон бисёр мутафаккирону маорифпарварони бузург ҷонибдорӣ карданд ва инкишоф доданд. Дар Ҳолландия инҳо Гуго Гросий ва Спиноза, дар Англия Томас Гоббс ва Ҷон Локк, дар Фаронса Жан-Жак Руссо ва Волтер, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Томас Ҷеферсон ва Александр Ҳамилтон ва дигарон буданд. Чун мутафаккирони замони гузашта ҷонибдорони имрӯзаи ин назария низ бар он ақидаанд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро на Худо ато кардаасту на давлат додааст. Ин ҳуқуқҳо ба вай танҳо ба он сабаб мансубанд, ки вай пеш аз ҳама **инсон** аст. Онҳо зуҳури ҳастию табиати ӯянд ва бинобар ин табиӣ номида мешаванд. Ҳуқуқҳои табиии инсон ба ҳеҷ гуна дарҷ кардану навишти юридикӣ ва таҳкимбахшии қонунӣ эҳтиёҷ надоранд.

Ба ақидаи ҷонибдорони муносибати позитивӣ ҳуқуқҳои инсон аз давлат бармеоянд ва давлат мувофиқи салоҳдиди худ шакл, ҳаҷм ва мундариҷаи онҳоро муайян мекунад, яъне онҳоро ба инсон ҳадя карда, ҳамзамон ҳудудҳои дахолати худро ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон муайян месозад. Ҳуқуқҳои инсон бояд ҳатман дар қонунҳо таҳким ёбанд, дар акси ҳол онҳо аз ҷониби давлат ҳимоя карда намешаванд, бинобар ин чунин ҳуқуқҳоро **позитивӣ** мегӯянд.

Дар ҷаҳони имрӯза омехтагии байниҳамдигарии муносибатҳои табиӣ ва позитивӣ беш аз пеш мушоҳида мешавад.

Инсон ҳуқуқу озодиҳои худро дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ чи бо одамони дигар ва чи бо давлат амалӣ месозад. Аз ин нуқтаи назар боз ду назария – **амудӣ** ва **уфуқиро** ҷудо кардан мумкин аст. **Назарияи амудӣ** аз ҷониби давлат эътироф, риоя ва ҳимоя шудани ҳуқуқҳои инсонро (муносибати амудӣ) дар назар дорад. Инсон ҳуқуқҳои худро ҳамеша дар муносибат бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор амалӣ гардонда, аз як ҷониб, риоя ва ҳифз гардидани ҳуқуқҳои худро талаб менамояд, аз ҷониби дигар, дар назди давлат ӯҳдадориҳои муайянро ба ҷо меорад. **Назарияи уфуқӣ** риояи ҳуқуқу озодиҳоро дар муносибатҳои ҳамдигарии байни одамон (муносибати уфуқӣ) бе ҳеҷ гуна дахолати давлат, масалан, дар оила, байни ҳамсинфон дар назар дорад. Ҳар ду назария ҳам дар қонунгузорӣ инкишоф ёфтаанд: ҳар як одам бояд ҳуқуқу озодиҳои дигар одамонро эҳтиром ва риоя кунад.

## 4. ХАРАКТЕРИ ГУНОГУНҶАНБАГИИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.

Мафҳуми ҳуқуқҳои инсон характери гуногунҷанбагӣ дорад, вай маънои амиқи на танҳо юридикӣ, балки сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фалсафӣ ва ахлоқиро соҳиб аст. Асоси ҳуқуқҳои инсонро нуктаҳои асосии ахлоқ, ки аз ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ ва афкори мутафаккирони бузурги гузашта маншаъ мегирад, нишон медиҳад.

Ҷанбаи ахлоқии ҳуқуқҳои инсон аз он иборат аст, ки вай ғояи арзишмандии ҳар як шахсият, шаъну эътибори инсон, озодӣ, оштинопазирӣ ба зӯроварӣ ва ҷабру зулмро ифода мекунад.

Аз нигоҳи фалсафӣ мафҳуми ҳуқуқҳои инсон ба ғояи гуманизм, яъне инсондӯстӣ асос ёфтааст.

Ҷанбаҳои сиёсии ҳуқуқи инсон аз он иборат аст, ки онҳо бо демократия пайвасти ногустастанӣ доранд. Асоси демократия ҳокимияти халқ аст, вале агар шаҳрвандон дар давлат аз ҳуқуқҳои инсон маҳрум бошанд, пас онҳо имконият надоранд, ки иродаи худро ифода намоянд ва дар идоракунии давлат ширкат варзанд.

Ҳуқуқи инсон ҳамчун мафҳуми иҷтимоию иқтисодӣ мустақилият ва соҳибихтиёрии молумулкии ҳар як шаҳрванд, имконияти амалисозии талаботи иқтисодии худ тавассути амалигардонии ҳуқуқ ба меҳнат, барои сатҳи шоистаи зиндагӣ, ба моликияти хусусиро ифода мекунад. Ғайр аз ин, дар чунин моҳият ҳуқуқи инсон бо ёрии иҷтимоӣ ба одамони бенавою эҳтиёҷманд пайвастагии ногусастанӣ дорад.

Ҳуқуқи инсон ҳамчунин мафҳуми юридикист. Ҳуқуқи инсон маҳз аз нигоҳи ҳуқуқӣ имконияти ба амал баровардани рафторҳои муайяни бо қонуни ҳар мамлакат ва созишномаҳои байнимилалӣ кафолатдодашуда мебошад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ аксаран ҳуқуқи инсонро **субъективӣ** меноманд, зеро он ба субъектҳои алоҳида (ҳар як одами мушаххас, гурӯҳи одамон) мансуб аст. Ва ҳар одам метавонад аз он озодона мувофиқи хоҳишу иродааш, бе ягон фишор истифода намояд ва дар ин маврид ҳуқуқу озодиҳои дигар одамонро халалдор насозад.

**?** ***Фикр кунед: ҳуқуқҳои инсонро боз аз кадом нигоҳ баррасӣ кардан мумкин аст? Масалан, оё ҳуқуқҳои инсон ҷанбаҳои экологӣ, таърихӣ ва ғайра доранд?***

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқҳои инсон, озодиҳои инсон, шаъну эътибори инсон, ҳуқуқҳои табиӣ, ҳуқуқҳои позитивӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Ҳуқуқу озодиҳои инсон чист?*

*2. Ин гуфтаи Далай-ламоро бодиққат хонед: "Ба он андозае, ки кор ба ҳуқуқҳои инсон дахл мекунад, фарқ надорад, ки он одами Шарқ аст ё Ғарб, Ҷануб аст ё Шимол, сафедпӯст ё сиёҳпӯст, ё зардпӯст – ҳамаи мавҷудоти одамӣ аз лаҳзаи тавлид то марг ҳуқуқҳои якхела доранд. Мо ҳама якхелаем". Шумо ин гуфтаро чӣ навъ мефаҳмед?*

*3. Шумо кадом назарияҳо дар бораи ҳуқуқҳои инсонро медонед? Аз ҳуқуқҳои табиӣ ва позитивии инсон мисолҳо оред.*

## § 2. МОҲИЯТИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

**1.МОҲИЯТИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.** Дар фалсафа истилоҳи "моҳият" хосияти доимию асосии ашёро ифода мекунад, ки бе он вай маъние надорад. Барои муайян кардани моҳияти ҳуқуқҳои инсон зарур аст, ки хосиятҳо ва ҷиҳатҳои асосии ифодакунандаи ҳуқуқ ва озодиҳо ҳамаҷониба омӯхта шавад.

Ба қатори чунин ҷиҳатҳои асосӣ инҳоро мансуб донистан мумкин аст:

Аввалан, ҳуқуқҳои инсон дар одамон аз лаҳзаи таваллуд чун шарти ҷудонопазири мавҷудият, ки табиати одамӣ барои зиндагию инкишофи ӯ талаб менамояд, пайдо мешаванд. Ҳуқуқҳои инсон ба ҳамаи одамон аз лаҳзаи таваллуд мансуб буда, онҳоро рабудан мумкин нест.

Дуюм, дар ҳуқуқҳои инсон арзишҳои муҳимтарини умумиинсонӣ, ки бояд онҳо ҳар кадоме сарфи назар аз ҷинс, нажод, миллат, эътиқоди динӣ ва асосҳои дигар истифода шавад, ифода мегардад. Ҳуқуқҳои инсон худ арзиши волотаринанд, ки бояд ҳимоя шаванд.

Сеюм, ҳуқуқҳои инсон андозаи озодии одам ва имкониятҳои истифода аз неъматҳои маънавӣ ва моддиро муайян менамояд, ки байни онҳо ин




**Расми 3. Ҳамаи одамон озод таваллуд мешаванд**

унсурҳоро ҷудо кардан мумкин аст: ҳаёт, саломатӣ, шараф, эътибор, амнияти шахсӣ, моликият ва боз бисёр чизҳои дигар. Дар ин маврид ҳуқуқҳои инсон аз ӯҳдадориҳо дар назди ҷомеа ва давлат ҷудонашавандаанд ва ӯҳдадории аз ҳама муҳим вайрон накардани ҳуқуқҳои дигарон аст.

Чорум, ҳуқуқҳои инсон мавқеъ ва нақши одамро дар ҳаёти ҷомеа инъикос менамояд. Танҳо дар сурате, ки агар эътибори одам паст зада нашавад, агар ӯ худро дар рафтор ва масъулият барои амалҳояш озод ҳис кунад, агар ҳуқуқҳои ӯ боэътимодона ҳимоя шуда бошанд, одам ҳаёти хушбахтонаю саодатмандона ба сар бурда, дар ҳаёти ҷомеа ва давлат фаъолона иштирок мекунад.

Панҷум, ҳуқуқҳои инсон дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва қонунгузории ҳар давлат зикр шудаанд. Чунончи, дар конститутсияҳои аксари мамлакатҳои ҷаҳон қисматҳо ё бобҳои алоҳидаи ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшидашуда мавҷуданд.

Шашум, амалисозии ҳуқуқҳои инсон аз кафолатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, яъне шароитҳо дар ҳар як мамлакати мушаххас вобастаанд. Ба кафолатҳои иқтисодӣ инҳо мансубанд: инкишофи иқтисодии мамлакат, сарватҳо ва неъматҳои моддии ҷомеа, дараҷаи даромади шаҳрвандон. Масалан, амалисозии ҳуқуқ ба манзил бевосита ба суръати сохтмони манзилгоҳҳо ва ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ба инкишофи системаи нигаҳдории тандурустӣ вобаста аст. Ба кафолатҳои сиёсӣ махсусиятҳои инкишофи демократия дар мамлакат, гуногунрангии сиёсӣ, тақсимоти ҳокимият, мавҷудияти ташкилотҳои ҷамъиятиро мансуб донистан мумкин аст.

Ҳамаи онҳо ба амалисозии чунин ҳуқуқҳои сиёсӣ, масалан, ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ ва ғайра таъсир мерасонанд. Ба кафолатҳои ҳуқуқӣ зикр гардидани ҳуқуқҳои инсон дар қонунгузории давлат ва амалисозии нуктаҳои қонун дар амалияро мансуб донистан мумкин аст. Ҳама гуна санадҳо, фармонҳо, амру фармоишот ва дастурҳо, ки ҳуқуқу озодиҳои муқарраргардидаро кам ё инкор мекунанд, ғайриқонунӣ мебошанд.

? ***Фикр кунед, ки зери мафҳуми кафолатҳои маънавӣ чӣ дар назар дошта мешавад? Оё дараҷаи маданиятнокии ҷомеа, маълумотнокии одамон, маънавияту рӯҳоният ба амалисозии ҳуқуқҳои инсон таъсир расонда метавонанд?***

**2. НАҚШ ВА ВАЗИФАҲОИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶОМЕАИ ҲОЗИРА.** Инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеаи ҳозира ва давлат нақши ҳалкунанда мебозад. Риояи ҳуқуқҳои инсон муттаҳидии ҷомеаро таҳким мебахшад, ташаббус ва ҷӯшу хурӯш, некӯаҳволии моддӣ, ватандӯстӣ, ҳисси эҳтиромро ба Ватани худ афзун месозад.

Дар шароити эътироф ва ҳимояи қадру номуси шаҳрвандон нақши ташаббусҳои ҷамъиятӣ афзуда, ҳар гуна институтҳои ҷамъиятӣ (созмонҳои ғайриҳукуматӣ, муассисаҳои кӯдакона, иттифоқҳо, ҷомеаҳо, корхонаҳои савдо ва истеҳсолӣ) таъсис меёбанд, воситаҳои нави ахбори омма пайдо мешаванд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфта, рӯ ба рушд меорад.

Ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи ҳозира вазифаҳои муҳимро ба ҷо меорад. Байни онҳо инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: ахлоқӣ-маънавӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ, маърифатнокӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра.

Вазифаи ахлоқӣ-маънавии ҳуқуқҳои инсон дар ҳамаи намояндагони ҷомеаи ҳозира ташаккул додани арзишҳои ахлоқӣ, этикоде мебошад, ки ҳуқуқ, озодиҳо, шаъну эътибори инсон, сулҳ дар тамоми ҷаҳон, адолатнокӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамдиғарпазирӣ ва диғар арзишҳоро ҳимоя мекунанд.

Вазифаи ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқҳои инсон, ки дар одамон ташаккул додани муқаррарот ва муносибати ҷаҳонбинӣ ба равандҳои инкишофи ҷомеа ва давлат, пеш аз ҳама инсондӯстӣ (гуманизм) ва рад кардани зӯроварӣ, тарбияи эҳсоси масъулият барои рафтори худ, бахри тақдири Ватани худ ва умуман, инсониятро дар назар дорад, ба он хеле наздик аст.



Расми 4. Ҳамаи одамон гуногун бошанд ҳам, баробаранд

Вазифаи маърифатноксозие, ки ҳуқуқи инсон ба ҷо меорад, тарғиби иттилоот, донишҳо дар бораи озодӣ, шаъну эътибори одам, механизмҳои амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ва ғайра мебошад. Танҳо одами бомаърифат метавонад ҳуқуқҳои худро амалӣ созад ва ҳамчунин ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншудаи дигар одамонро ҳимоя ва барқарор кунад.

Вазифаи ҳуқуқии ҳуқуқҳои инсон таъмини амният ва ҳимояи шахсиятро аз таҳдидҳои бешумор ба мавҷудияти он, нигоҳдории тартибот дар муносибати байни одамон, ҳамчунин миёни одам ва давлатро дар назар дорад.

Ва ниҳоят, вазифаи сиёсии ҳуқуқҳои инсон ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахсияти иҷтимоан фаъол мебошад, ки дар ин хусус дар бобҳои оянд аи китоби дарсӣ сухан меравад.

Ба ин тариқ, амалисозии ҳуқуқҳои инсон барои инкишофи ҷомеаи ҳозира нақши ҳалкунанда мебошад. Некӯаҳволии мамлакат аз мавқеи худи шаҳрвандон, ки алоқамандии худро ба тақдири худ ва ояндаи ворисони худ хуб мефаҳманд, вобастагӣ дорад. Ва ин манфиати асосии миллии ҳама гуна давлати демократист, ки вазифаи муҳимтарини худ – риоя ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба ҷо меорад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:**
*моҳият, кафолат, санад, инсондӯстӣ, вазифаҳои ҳуқуқи инсон.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Кадом ҷиҳатҳои асосӣ моҳияти ҳуқуқҳои инсонро муайян мекунанд?*

*2.Кафолатҳоеро, ки ба амалисозии ҳуқуқҳои инсон таъсир мерасонанд, номбар кунед.*

*3.Ҳуқуқҳои инсон дар ҷомеаи ҳозира кадом вазифаҳоро ба ҷо меоранд?*

*4. Ин пораро аз суханронии нависанда Б.Стругатский бодиққат хонед: "Асоси маънавият метавонад (ва бояд) эҳтиром ба худ ва дигарон бошад, он* чиро, ки ба *худ раво намебинӣ, ба дигарон низ раво мабин. Ин принсип ба он маънӣ универсалист, ки ба ҳар як мавҷудоти одамии тамоми замонҳо ва халқҳо дастрасу фаҳмост ва дар ҳамаи замонҳо ва дар ҳамаи халқҳо ба таҳкими мӯътадилии ҷомеа мусоидат мекунад".*

*Ба андешаи Шумо, ин ҷо сухан дар бораи кадом вазифа, ки ҳуқуқи инсон ба ҷо меорад ва эҳтиром ба ҳамаи одамон меравад?*

# БОБИ 2
# ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ҒОЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

## § 3. АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ҒОЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

**1. ПАЙДОИШИ АҚИДАҲО ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ТАЪРИХИ ҶАҲОН.** Ибтидои ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи инсонӣ ба таърихи ҳазорсолаҳои X-VIII пеш аз милод – замоне рафта мерасад, ки нахустин инсонҳои рӯи замин ба даврони асри нави сангин ворид шуда, бо роҳи худмуҳофизат ҳуқуқи худ ва ҳамсару фарзандонашонро дифоъ намуда, усули худмуҳофизаткунӣ ва ҷазодиҳиро амалӣ менамуданд. Нахустинсонҳо дар остонаи тамаддунҳо аз рӯи қонуни ҷангал амал намуда, адолат ва ҳақиқатро тавассути зӯрӣ ва худҷазодиҳӣ ба сомон мерасониданд. Азбаски дар ин даврон одамон ҳуқуқҳои худро тавассути

худмуҳофизат амалӣ менамуданд, роҷеъ ба таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи инсон чизе гуфтан мумкин нест. Зеро ин даврон танҳо барои қонеъ намудани талаботи биологӣ, ҷисмонӣ, иқтисодӣ бо роҳҳои зӯрӣ ва фиреби оддӣ ба дарки ҳуқуқҳо замина мегузошту халос. Он рӯзгор ҳар кас барои ҳаққи худ мубориза мебурд. Гурӯҳи одамоне, ки барои ҳаққи худ мубориза бурда, ҳаққи муқобили худ ва дигаронро намебинад, аз рамаи ҳайвонот кам тафовут дошт. Бинобар ин, давраҳои аввалини эътироф ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ба даврони ҳаёти якҷояи (иҷтимоии) одамон, ба даврони сохти авлодии ҷамоаи ибтидоӣ, ба давроне рост меояд, ки одамон дар доираи маҳдуд ҳам бошад, яке ҳаққи дигареро ҳифз мекард, яке бар дигаре кӯмак менамуд, яке дигареро пуштибонӣ намуда, вазифаи муайянро адо мекард.

Дар даврони сохти авлодии ҷамоаи обшинаи ибтидоӣ инсонҳо чунин ҳуқуқҳои фитрӣ доштанд: ҳуқуқ ба ҳаёт; ҳуқуқ ба никоҳ; ҳуқуқ ба шикор; ҳуқуқи иштирок дар маҷлиси умумии авлод ва қабила; ҳуқуқ ба манзил бо махсусияти коллективӣ; ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ ва коллективӣ; ҳуқуқи истифода аз одатхо ва анъанаҳо; ҳуқуқ ба тоату ибодат ва иштирок дар маросимҳои динӣ; ҳуқуқ ба ҳаракат дар ҳудуди муайян; ҳуқуқи кӯдакон ба таъминот ва ҳифзи зиндагӣ аз ҷониби волидон ва ғ.

Вале ин ҳуқуқҳо ба пуррагӣ ҳанӯз кафолат надоштанд, онҳоро ё муборизаи шахсии субъектҳо ва ё мақомоти ба тозагӣ нерӯгирифтаи авлод ва қабилаҳо ҳифз мекарданд. Асосҳои ҳуқуқӣ ва ё манбаҳои эътирофи ин ҳуқуқҳо ҳанӯз дар даврони қабл аз давлатӣ чунинанд:

1. Усули табиии (инстинкт) худмуҳофизат ва муҳаббати табиӣ байни инсонҳо (аз охирӣ ахлоқ бунёд мешавад);
2. Зарурати зиндагии якҷояи одамон;
3. Ҷаҳонбинии динӣ ва таълимоти динии нахустин инсонҳо;
4. Урфу одатҳо;
5. Қарору дархостҳои маҷлиси умумии авлод, қабилаҳо ва роҳбарони онҳо, ки заминаи тавлиди ҳуқуқи таҳмилӣ гаштаанд.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи инсон дар даврони гузариш аз оилаҳои ғайрииқтисодӣ ба иқтисодӣ қисман оғоз гардида, дар ҳудуди инкишофи нахустин шаклхои ҳамзистии ҷомеа – авлод, қабила ва иттифоқи қабилаҳо заминаи мавҷудият ва эътирофи худро пайдо намуда, дар даврони нахустин тамаддунҳо ва давлатҳо ба зинаи болотари инкишофи худ расидааст.

Ҳуқуқи фитрии инсон маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои инсон аст, ки табиатан ба инсонҳо тааллуқ дошта, шарти мавҷудияти онҳоро ҳамчун вуҷуди бошуур ва иҷтимоӣ ифода менамояд.

Ё:

Ҳуқуқи фитрии инсон ҳуқуқест, ки табиатан ба инсон мансуб буда, бидуни он ӯ ҳамчун инсон зиндагӣ карда наметавонад.

Ҳуқуқҳои табиӣ то пайдоиши давлат ба миён омадаанд. Аз он замоне, ки инсонҳо зиндагии якҷоя ва тамаддуниро касб карда, ба бунёди нахустин давлатҳо замина гузоштанд, ҳуқуқи инсон тадриҷан мавриди дифоъ ва ҳимояи расмӣ қарор гирифт. Вале ин дифоъшавӣ низ аксаран дар доираи манфиати синфҳои ҳоким маҳдуд мешуд. Баъдҳо дар масири таърих

давлатҳо зина ба зина васеъшавии ҳуқуқи инсонро ҳамчун амри воқеии инкишофи ҷамъият ва давлат ногузир қабул намуданд. Дар ин кор саҳми мутафаккирон, олимон ва донишмандони ҳар халқу миллат, ки нахустин шуда, аз ҳуқуқҳои инсон ҳарф зада, ҳимояю эътирофи онро ҳамчун гарави адлу инсофи давлатдорӣ шинохтаанд, хеле бузург аст.

**2. ТАШАККУЛЁБИИ ТАСАВВУРОТ ДАР БОРАИ БЕҲАМТО БУДАНИ ШАХСИЯТИ ИНСОН ВА ҲУҚУҚҲОИ Ӯ ДАР ШАРҚИ ҚАДИМ ВА ҶАҲОНИ АТИҚӢ.** Агар ба таърихи давлатҳои нахустини ҷаҳон Миср, Бобул, Ошур, Чин ва Ҳиндустон назар афканем, ба осонӣ пай мебарем, ки бо вуҷуди истибдодӣ будани низоми идорӣ дар низоми ҳуқуқии онҳо меъёрҳои ҳуқуқие, ки аз эҳтироми ҳуқуқи инсон ва ҳимояи онҳо шаҳодат медиҳанд, зиёданд. Тамаддуни ҳуқуқии мисрӣ тақрибан дар байни солҳои 5500-500 то милод, ҳиндӣ (харапӣ) аз солҳои 3500-1500 то милод (охирӣ аз ҷониби ориёиҳо аз байн бурда шудааст), чиноӣ солҳои 2000-400 то милод, бобулӣ солҳои 2000-529 то милод мавҷуд буданд. Ҳар як тамаддун дар доираи муайян ҳуқуқҳои инсонҳои аввалинро ҳифз кардааст. Инчунин боз дигар марказҳои тамаддуни дунёи қадим мавҷуд буданд, ки инсон ва қисме аз ҳуқуқҳои ӯро аввалин шуда шинохтанд. Ҳуқуқи Мисри қадим *тавассути Худои Осирис таъкид ба адолати судии беғараз менамуд. Осирис тибқи таълимоти мисриҳо тамоми кирдорҳои нек ва бади инсонро болои тарозуи адл гузошта, ҳаққи инсонро ба моликият, ба манзил, ҳаёт, ҳаракат, никоҳ ва амсоли инҳо эътироф ва ҳифз намудааст. Некӯкирдорон ва муҳофизони ҳуқуқи инсонро ба биҳишту бадкоронро ба дӯзах ҳидоят мекардааст ин Худованди додшинос.*

Чунин махсусияти додгоҳӣ дар тамоми давлатҳои Шарқи қадим мушоҳида мешавад. Дар онҳо худоҳои аввалия барои ҷорӣ намудани тартибот ва низоми идорӣ ба инсонҳо кӯмак намудаанд. Митра ва Ардви Сура дар Эронзамин, Геркулес ва Фемида дар Юнон, Осирис дар Миср ва г. шаҳодати ин аст. Хулоса, гуфтан мумкин, ки дар давраҳои аввал инсонҳо ҳуқуқҳои худро тавассути неруҳои динӣ ва хаёлии худ, ки аксаран аз табиат мабдаъ мегирифтанд, ба танзим медароварданд. Баъдан ҳуқуқи судӣ маҳз аз ҳамин таълимот сарчашма гирифтааст. Дар сарзамини тоҷикон Олиҳаи адолати судӣ дар ибтидои ҳазораи 2 –1 қабл аз милод Рашан будааст, ки дар он акси Офтоб чун садоқати Митра ва тарозу бо оташ инъикос ёфтааст. Оташ гунаҳкорӣ ва ё бегуноҳии шахсро муайян мекарду тарозу адлро таъмин менамуд.

Вале ин ҳама нисбӣ буд, зеро ҳанӯз ҳуқуқ манбаҳои ғайриақлӣ дошта, аксари ҳуқуқҳои мардум шинохта намешуд ва ё аз ҷониби сарватмандон поймол мешуд. Аммо дар баробари ин гоҳ-гоҳ дар марказҳои дунёи қадим сарчашмаҳои ҳуқуқие пайдо мешуданд, ки ин ё ҷанбаи ҳуқуқи инсонро эътироф мекарданд.

*Ҳанӯз дар соли 2370 қабл аз милод яке аз ҳокимони Шумери қадим дар Лагаш Урукагин ислоҳоти ҳуқуқӣ гузаронида, ҳуқуқи мардумро ба моликият, ба меҳнати пулакӣ дар саҳро, ба додгоҳи беғараз (манбаҳои*

*ғайриақлӣ дошт), ба манзил, ба ҳаёти осоишта қисман муҳофизат намуда, истифодаи меҳнати ноболиғонро дар кандани канали объёрикунанда манъ кардааст.*

Дар ибтидои давлатдории давлатҳои қадима, ки ҳанӯз боқимондаҳои сохтори авлодӣ ва ҷамоавӣ мавҷуд буд, ҳуқуқҳои инсон қисман эътироф мешуд. Вале баъдҳо, чун давлатҳои ғуломдорӣ инкишоф меёбанд ва истисмори одам барои бунёди иншоот ва гирифтани даромад афзоиш мекунад, даврони беҳуқуқӣ ва ғуломии инсон сар мешавад. Давлатҳои ғуломдории Миср, Бобул, Ҳиндустон, Чин ва ғ. ба ин гурӯҳ дохил буданд.

Таърихи ҳуқуқи инсон ва шинохти ҳуқуқи инсон бо ду роҳ ба инкишоф рӯ овардааст: 1. Роҳи давлатӣ, ки ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои расмии давлат инъикоси худро ёфтааст; 2. Сарчашмаҳои маънавӣ ва фарҳангӣ, ки дар эҷодиёти олимон ва файласуфон арзёбӣ гардидаанд.

**3. ШАХСИЯТ ВА ОЗОДИИ Ӯ АЗ НАЗАРИ ФАЛСАФАИ ЮНОНИ ҚАДИМ ВА РИМИ ҚАДИМ.** Фалсафаи Юнон дар қатори дастовардҳои бузурги илмӣ дар соҳаҳои гуногун дар шинохти ҳуқуқи инсон хизмати бузурге кардааст. Юнониёни қадим аввалин шуда ҳуқуқҳои шаҳрвандонро дар ҳудуди шаҳр-давлатҳо (полисҳо) шинохтаанд. Ба ақидаи онҳо шаҳр-давлатҳо офаридаи Худованд буд. Онҳое, ки дар он зиндагӣ мекунанд, тибқи қонун ва адолати Худованд умр ба сар мебаранд. «Қонун на ба зӯрӣ ва қувва, балки ба адолати илоҳӣ ва тартибот такя мекунад», – мегуфтанд онҳо. Ҳатто дар ин халқият низ олиҳаи адолати судӣ ҳамчун татбиқкунандаи доди ҳақиқат Фемида мавҷуд буд.

Солон (тақрибан солҳои 638-559 то милод зиндагӣ кардааст), Гераклит (охири асри VI-аввали асри V то милод), Демокрит (асрҳои V-IV то милод), Пифагор (солҳои 481-411 то милод), Сукрот (солҳои 469-399 то милод), Афлотун (солҳои 427-347 то милод), Арасту (солҳои 384-322 то милод), Эпикур (солҳои 341-270) аввалин шуда, дар олам инсонро ҳамчун офаранда ва пешбарандаи таърих шинохта, барои ҳимояи ҳуқуқҳои он суханҳои пурарзиш гуфтаанд.

Яке аз шахсиятҳои маъруфи илмӣ ва сиёсии Юнон Солон буд, ки дар соли 594 то милод, ҳангоми сар задани бӯҳрон дар Афина, ислоҳоти сиёсӣ гузарондааст. Ӯ мардумро аз қарзҳои вазнини синфи ҳукмрон ва давлат озод кардааст.

- Бо роҳи қарз ғуломшавиро бекор кард.
- Маҳдудиятро дар истифодаи замин муайян намуд, то замин ба ҳама расад.
- Ба васияти озоди молу мулк иҷозат дод.
- Ба ҳар кас ҳуқуқ дод, ки аз номи каси ҷабрдида дар суд ва ҷамъомадҳо баромад карда, ҳуқуқҳои онро ҳифз намояд.
- Савдои озод ва ҳунармандиро дастгирӣ кард.

Пифагор ва пайравони ӯ дар шинохти ҳуқуқи инсон зинаи навро кашф намуданд, ки он дар пайвасти адолат бо баробарҳуқуқии инсонҳо зоҳир меёфт: ***«Адолат дар баробарии инсонҳо ифода меёбад».***

Афлотун тақсими адолатноки меҳнат, ҳифозати моликият ва баробарҳуқуқии зан ва мардро эълом кардааст: ***«Адолат ҳамчунин маънии онро дорад, ки ҳеҷ кас ҳақ надорад моли касро соҳибӣ намуда, моли худро аз даст диҳад».***

Арасту намудҳои адолатро кашф карда буд: ***«Адолат ба ду намуд ҷудо мешавад: адолати баробаркунанда ва тақсимшаванда. Адолати тақсимшаванда адолатест, ки дар натиҷаи тақсими ҳукумат, ҳаққи меҳнат ва дигар имтиёзҳо дар байни мардум риоят мешавад. Адолати баробаркунанда дар доираи муносибатҳои муомилотӣ мушоҳида мешавад: дар аҳдҳо, рӯёнидани товони зарар, ҷиноят, ҷазо ва ғ.»***

Ақидаҳои табиӣ – ҳуқуқии файласуфони юнонӣ идомаи инкишофи худро дар ҳуқуқи Рими қадим ёфтанд. Ҳуқуқшиносони Рими қадим Ситсерон, Яволен, Улпиан, Гай, Юстиниан бар асоси ғояҳои олии инсонпарварии поквиҷдонӣ, ҳақиқатнигорӣ, адолатпарварӣ заминаи устувори ҳуқуқи хусусии римиро тарҳрезӣ намуданд. Онҳо аввалин шуда, чунин ҷанбаҳои муҳими ҳуқуқи инсон: субъектҳои ҳуқуқ, мақоми ҳуқуқии ашхос, озодии табиии инсон, тақсими ҳуқуқи умумӣ ва хусусиро дар илми ҳуқуқшиносӣ кашф карданд. Бузургтарин навовариe, ки онҳо дар илми ҳуқуқ ворид намуданд, мушаххасии талаботи меъёр ва техникаи қонунгузорӣ буд. Натиҷаи меҳнати ҳуқуқшиносони римӣ буд, ки Аврупои замони Эҳё дар асрҳои XVII-XVIII муносибатҳои молумулкӣ ва шаҳрвандии замони сармоядориро ба осонӣ идора карда тавонист. Ҳоло низ дастовардҳои ҳуқуқи Рими қадим дар қонунгузории граждании аксари давлатҳои ҷаҳон истифода мешавад.

**4. АСРҲОИ МИЁНА ВА ҒОЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН.** Асрҳои миёна, як давраи таназзули инкишофи ҳуқуқи инсонро чи дар Аврупо ва чи дар Осиё рӯи кор овард. Дар муқоиса ба давлатҳои пешин вазъи инкишофи ҳуқуқи инсон бо сабабҳои гуногун паст фуромад. Заифгардии империяҳои бузурги дунёи қадим, моҷароҳои динӣ ва сиёсии кишварҳои ҳамҷавор, таъсиррасонии сахти идеологӣ ва динӣ ба рушди илми ҳуқуқ то дараҷае инкишофи озоди ҳуқуқи инсонро халалдор намуд. Сабабгори ин ҳама мубориза҆ҳои байниҳамдигарии ҷараёнҳои оштинопазири динҳои ҷаҳонӣ, ҳисси худхоҳии давлатҳои ҷангҷӯи асрҳои миёна, ки мақсади оламгириро (Чингизхон, Темур, ҳаракати салибдорон ва ғ.) дар сар доштанд, ба шумор мерафт. Вале бо вуҷуди ин ақидаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар ҷомеа ба пуррагӣ маҳв нагардиданд.

Махсусияти ҳуқуқи инсон дар ин даврон аз он иборат аст, ки ҳуқуқи инсон чун қисми таркибии ҳуқуқ дар тобеияти динҳои ҷаҳонӣ монда буд. Аз ин рӯ динҳои ҷаҳонии буддоӣ, насронӣ ва ислом дар қатори таълимоти динӣ таълимоти ҳуқуқӣ низ доштанд. Дар сарчашмаҳои динии онҳо меъёрҳои ахлоқӣ, зебоишиносӣ, ҳуқуқӣ дар қатори меъёрҳои динӣ зиёд буданд.

Панҷ таълимоти асосие, ки Буддо барои расидан ба мартабаи нирвананест кардани азобу уқубат воситаи асосӣ шуморидааст, инҳоянд:

1. Қатъи зӯроварӣ,
2. Қатъи дуздӣ,

3. Қатъи зино,

4. Қатъи дурӯғ,

5. Нанӯшидани маводи мадҳушкунанда.

Дини исавиён низ чун идомаи дини яҳудиён мардумро баробари баҳри ба сӯи Худованди якка даъват намудан консепсияҳои ҳуқуқии ҳамзистиеро тавлид кард, ки дар онҳо аз эътирофи ҳуқуқҳои инсон таъкидот зиёд аст. Аз ҷумла аз 10 васияте, ки Худованд ба насрониҳо кардааст, 5 тоаш ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон алокамандии зич дорад:

1. Накуш,
2. Зино макун,
3. Дуздӣ макун,
4. Шаҳодати дурӯғ надеҳ,
5. Ба касе ҳасад набар.

Дини Ислом дар асри VII дар нимҷазираи Арабистон пайдо шуда, ба бетартибию бенизомии арабҳои давраи ҷоҳилият хотима дода, алалхусус ба занон хизмати бузург намуд. Арабҳои давраи ҷоҳилияро одат ин буд, ки аз ду духтари тавлидшуда якеро зинда мегӯрониданд. Қуръон зинда гӯронидани духтаронро манъ намуда, ҳуқуқ ба ҳаёт ва моликияти онҳоро эълон намуд. Ҳамчунин дар қатори меъёрҳои динӣ дар худи Қуръон қариб 500 меъёри ҳуқуқӣ ҳаст, ки муносибатҳои давлатӣ, граждани, оилавӣ ва ғайраро танзим мекунанд. Яке аз хусусиятҳои пешқадами ислом назарияи ҳуқуқи инсондӯстӣ мебошад. Сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ ҳамдигарфаҳмию муносибати некбинонаро дар ҷомеа талқин намуда, бо ҳар роҳу васила осоишу хушбахтии инсонҳоро талаб мекунанд. Ҳуқуқҳои фарзанд, хешовандон, ҳамсоя, ғулом, фақир, мискин, мусофир ва дигар категорияҳои инсон дар ҳамаи сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ таъкид мешаванд. Ислом баробарии инсонҳоро дар се самт муқаррар кардааст:

-баробарӣ дар асли инсоният,

-баробарӣ дар ҳуқуқ ва таколиф,

-баробарӣ дар назди додгоҳхо ва иҷрои қонунҳо.

Ҳамчунин меъёрҳои зиёди ҳуқуқии ислом ба озодӣ, ба мақому мартабаи инсон, ба ҳаққи камбағалон, ятимон, ба мубориза алайҳи зӯроварӣ ва маҳкуми дигар ҷиноятҳо бахшида шудааст. Дар ислом ҳатто шахсро барои ба итоати дин даровардан маҷбур намудан манъ аст. «Дар дин ҳеҷ иҷборе нест», – гуфта шудааст дар ояи 256-и сураи Бақараи Қуръон.

Ноғуфта намонад, ки ҳам фалсафаи Юнон, ҳам ҳуқуқи Рими қадим ва ҳам ҳуқуқҳои динҳои ҷаҳонӣ ҳанӯз ҳуқуқи инсонро ба маънии имрӯза ҳифз намекарданд. Зеро нобаробарии аслии байни ғуломон ва ғуломдорон, мардуми бумӣ ва ғайрибумӣ, диндорон ва берун аз дин будагон баръало мушоҳида мешуд. Бинобар ин, онҳо зина ба зина ҳуқуқи инсонро таҷзия менамуданд. Ин масъаларо ҳатто замони феодализм бо тамоми дастовардҳояш ҳал карда натавонист.

Дар даврони асрҳои миёнаи ҷомеаҳои феодалӣ чандин сарчашмаҳои расмии давлатҳо – Ҳақиқати Солидӣ дар давлати Франкҳо (соли 510 милодӣ), Ҳақиқати Рус (асри IX) дар давлати Рус, Хартияи бузурги озодӣ (соли 1215 ) дар Англия, Буллои тиллоӣ (1356) дар Олмон ва ғайра қабул

карда шуданд. Ҳар яке аз ин санадҳои ҳуқуқӣ зинаи нави инкишофи ҳуқуқ буда, дар онҳо эътирофи ҳуқуқи инсон боз ба як зинаи нисбатан баландтари худ мерасад. Масалан, Хартияи бузурги озодии соли 1215- и Англия, ки дар ҳаҷми 63 модда қабул шудааст, натиҷаи мубориза феодалон, баронҳо ва дигар табақаҳои озоди ҷамъият ба муқобили ҳокимияти номаҳдуди шоҳӣ буд. Ҳокимияти шоҳӣ қисман *дар масъалаҳои андозситонӣ ва маъмурӣ дар доираи ҳамин қонун маҳдуд карда мешавад.* Ба ин тариқ, гояи баробарии инсонҳо, ки дар аҳди қадим пайдо шуда буд, дар асрҳои миёна хомӯш нагардида, дар шаклҳои гуногун ва ҷаҳонбиниҳои мухталифи диниву дунявӣ тадриҷан инкишоф меёфт.

**5. ДАВРАИ ЭҲЁ ВА ЗАМОНИ НАВ ДАР ЭЪТИРОФИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН.** Ин даврони гузариш аз феодализм ба капитализм буд. Зеро акнун ҳокимияти номаҳдуди мутлақа нест шуда, ҷойи онро ҳокимияти давлатие мегирад, ки вай ба табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ такя намуда, барои нигоҳ доштани тартибот ва низоми натиҷабахш кӯшиш менамуд. Ҷаҳонбинии нави ҳуқуқии замони нав тасаввуроти навро оид ба ҳуқуқҳои инсон кашф кард.

Назарияи ақлгароёна оид ба ҳуқуқҳои инсон аз ҷониби Г. Гротсий, Б.Спиноза, Ҷ. Локк, Ш. Монтескё, Т. Ҷеферсон, И Кант ва дигарон кор карда баромада шуд. Онҳо сохтори феодалиро маҳкум намуда, назарияи навро оид ба ҳуқуқу озодиҳо, ки ба ҳокимияти ҳуқуқ асос ёфта буд, тарҳрезӣ намуданд. Ба ақидаи онҳо муносибати байни фард ва давлат танҳо дар доираи ҳуқуқ бояд ҳалли худро ёбад. Аз ин нуктаи назар ҳокимият ҳамчун натиҷаи мавҷудияти халқ, натиҷаи созиши байни мардум ва ҳокимон буд, ки мақсади таъмини иҷрои ҳуқуқ, тартибот ва озодиро дошт.

Ҳуқуқшиноси франсавӣ Ш.Л.Монтескё (1689-1755) консепсияи ҳуқуқи табиии инсонро боз ҳам инкишоф дода, воқеияти таъмини онро дар тақсими ҳокимият ба рукнҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ дид. Ӯ мақсади тақсими ҳокимиятро дар барҳам додани сӯиистифода аз ҳокимият медид.

Нақши муҳимро дар татбиқи конститутсионии назарияи тақсимоти ҳокимиятҳо, ки бо мақсади дифои ҳуқуқи инсон кор карда шуда буд, олимони амрикоӣ Т.Пейн, Т.Ҷеферсон, А.Гамилтон ва Д. Медисон иҷро кардаанд. Т.Ҷеферсон аз назари ғояҳои ҷумҳуриявӣ ва демократӣ ҳуқуқи инсонро асоснок намуд. Ӯ ҳангоми омода намудани Эъломияи истиқлолияти ШМА (4-июли соли 1776) ҳуқуқҳои мусодиранашаванда ва фитрии инсонро дар он ҷойгир намуд. Ин аввалин ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ буд, ки ҳуқуқҳои фитрии инсонро таҷассум мекард.

Дар Аврупо дар арафаи Инқилоби буржуазии Фаронса 26 августи соли 1789 Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд қабул карда мешавад. Эъломия чун маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои эътирофшудаи инсон ва шаҳрванд аз номи халқи Фаронса ба ҳукумат пешниҳод мешавад. Эъломия аз муқаддима ва 17 модда иборат буд. Дар Эъломия ҳуқуқҳои инсон аз ҳуқуқҳои шаҳрванд ҷудо карда мешаванд. Ба ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқҳои табиии он – ҳуқуқ ба: озодӣ, баробарӣ, моликият, амният, мубориза алайҳи истисмор ворид мешуд. Ҳуқуқҳои

шаҳрвандӣ ба волоияти ҳокимияти халқӣ, ба озодиҳои кафолатноки шаҳрвандон ва кафолатҳои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ мансуб буд.

Умуман, баъд аз инқилобҳои буржуазии Англия ва Фаронса ҳуқуқи инсон дар Аврупо ба зинаи нави инкишофи худ расида, қисмати зиёди ҳуқуқҳои табиии инсон мавқеи устуворро дар конститутсияҳои расмии давлатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ишғол намуданд. Албатта, ин даврони роҳ ёфтани ҳуқуқҳои инсон ба санадҳои конститутсионии давлатҳои буржуазӣ буд, вале ҳанӯз механизми таъмин ва ҳифзи ин ҳуқуқҳо номукаммал буд.

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Ба фикри Шумо аввал ҳуқуқ пайдо шудааст ва ё ақидаҳо оид ба ҳуқуқ?*

*2. Кадом ҳуқуқҳои фитрии одамонро дар давраи ҷомеаи ошинаи ибтидоӣ номбар карда метавонед?*

*3. Ҳуқуқи фитрӣ чист?*

*4. Адолати судӣ кай ва дар куҷо пайдо шудааст?*

*5. Шахсият ва мақоми ӯ дар фалсафаи Юнон ва ҳуқуқи римӣ.*

*6. Сарчашмаҳои ҳуқуқи римӣ кадомҳоянд?*

*7. Умумият ва махсусиятҳои таълимоти Буддо, Библия ва Қуръонро оид ба ҳуқуқи инсон шарҳ диҳед.*

*8. Замони Эҳё ва инкишофи ақидаҳо оид ба ҳуқуқи инсонро тавсиф бахшед.*

## §4. РОҲҲОИ МУХТАЛИФИ РУШДИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ТАЪРИХИ ТАМАДДУНҲО

**1. ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ТАМАДДУНҲОИ ҚАДИМАИ ШАРҚӢ ВА ҒАРБӢ.** Эҳтимол меравад, ки ибтидои шинохти расмии ҳуқуқи инсон чи дар тамаддуни қадимаи Шарқӣ ва чи дар тамаддуни Ғарбӣ дар зинаҳои ибтидоии ҳаёти иҷтимоӣ ҳамоҳанг ва монанд буд. Зеро нахустинсонҳо бо табиати яхела ва талаботи ба ҳам монанд ба ҳаёти иҷтимоӣ (чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб) қадам гузоштаанд. Дигар ин ки воситаҳои ҳимояи ин ҳуқуқҳо дар ин минтақаҳо ба усулҳои якхелаи ақлӣ ва ғайриақлӣ такя намуда, манбаи эътирофи ҳуқуқи инсонро на дар табиати иҷтимоии он, балки дар талаботи худоҳои аввалия медиданд. Тасаввуроти динии қадима дар заминаи сатҳи пасти шуури одамон ба сарчашмаҳои ғайриақлӣ такя мекард. Худоҳои осмонӣ Осирис, Аҳура Маздо, Митра, Зевс ва ғ. ҳуқуқи инсонро муайян мекарданд ва иҷрои онро тавассути ҳодисаҳои табиӣ гуё назорат менамуданд. Агар хушксолӣ, гармии аз ҳад зиёд, хунукӣ ва ё боришоти аз ҳад зиёд мешуд, ба тафсири коҳинон ин нишонаи беадолатиҳои инсон дар рӯи замин буд. Худоҳои асотирии борон, офтоб, раъду барқ, об ва ғ. тибқи тасаввури мардумони қадим ба ҳаёти онҳо таъсир мерасониданд. Ҳатто гунаҳкорӣ ва ё бегуноҳии шахсро тавассути усулҳои ғайриақлӣ – ордалия (важи гарм ва сард) исбот менамуданд. Ин ҳама нишонаи он буд, ки

ҳуқуқи инсон дар ин зинаҳо чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб ба усулҳои эътироф ва ҳимояи ғайриақлӣ ва ғайришаклӣ шабоҳат дошт. Манбаи эҷод ва ҳимояи ҳуқуқи инсон қувваҳои табиӣ ва осмонӣ буданд. Инсон ҳанӯз аз рӯи талабот дарк намекард, ки ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ шарти мавҷудияти ӯст. Ҳатто сабаби тавлиди фарзандро нафаҳмида, занро дар тамаддуни қадима чун офаридгор мепарастиданд.

**2. ХУСУСИЯТИ ЭЪТИРОФ ВА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ТАМАДДУНИ ШАРҚӢ.** Бо вуҷуди он ки дар ибтидои пайдоиши ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар тамаддуни шарқӣ ва ғарбӣ умумиятҳо зиёд буданд, рафта –рафта байни онҳо дар усулҳои шинохт ва эътирофи ҳуқуқҳо фарқиятҳо пайдо мешаванд. Ин фарқиятҳо бо асосҳои ҷуғрофии макони зист, вазъияти боду ҳаво ва махсусияти инкишофи шуури ин халқиятҳо вобастагӣ дошт. Қисмати давлатҳои шарқӣ, ки дар шароитҳои мусоиди табиӣ қарор доштанд ва тасаввуроти динию сиёсии бармаҳалро соҳиб буданд, бо бунёди иншоотҳои азиму шаҳрҳои аввалия якбора ба низоми ғуломдории махсусияти дастаҷамъонадошта ворид шуданд (Миср, Бобулистон). Аммо қисмати диғарашон (Осиёи Миёна, аз ҷумла сарзамини таърихии Тоҷикистон), ки бо истеҳсолоти осиёгӣ дар ибтидо маълуманд, дар оғози ташаккули ҳуқуқи давлатӣ, мақомоти идоракунӣ ва эътирофи ҳуқуқҳои нахустини иҷтимоии инсон истисмори молу мулки инсонро намедонистанд. Моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот умуман вуҷуд надошт. Деҳқонон ва ҳунармандони озод табақаҳои асосии ҷамъиятро ташкил медоданд. Ҳуқуқҳои табиии инсон бо ҳуқуқҳои нахустини иҷтимоии ӯ – ҳуқуқ ба меҳнат, ба шикор, ҳуқуқ ба ҳунармандӣ, ки ҳамчун мероси даврони авлодӣ баромад мекарданд, дар зинаи нав – зинаи обшинагӣ-ҷамоавӣ арзи вуҷуд мекарданд. Моликият махсусияти дастаҷамъонадоштаро дошта, тамоми аъзои ҷомеа ба замин ва дигар неъматҳои табиӣ ҳуқуқи баробар доштанд. Ҳуқуқҳои молумулкӣ ба замин, манзил, об ва ғ. умумӣ буд. Давлатҳои нахустини шарқӣ, ки бо чунин омилҳо пайдо шудаанд, бо ду аломат аз дигарон тафовут доштанд:

1. Аз рӯи типи таърихиашон – давлатҳои нахустини зироатпарварӣ
2. Вобаста ба шакли идоравиашон – давлатҳои ҷамоавӣ-табақавӣ.

Дар онҳо деҳқонони озод ва табақаҳои ҳунарманд, ки бунёдкори нахустин шаҳр-давлатҳо буданд, нақши муҳим бозидаанд. Ҳуқуқу озодиҳои инсонҳои нахустин дар вазифаи давлатҳои нахустини шарқӣ чунин буданд:

1. Таъмини мардум бо неъматҳои лозима бо усули тақсими адолатноки меҳнату маҳсули меҳнат;
2. Нигоҳ доштани идоракунии марказонидашуда ва танзими муносибатҳои мураккабшудаистода;
3. Таъмини тартибот ва бехатарии мардум.

Ҳамин тавр, инкишофи озоди сохтори авлодии давлатҳои Шарқи осиёӣ ба бунёди давлатҳои типи зироатпарварӣ бо шакли идораи ҷамоавӣ мусоидат карда, табиатан ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар ҳудуди

манфиатҳои дастаҷамъона ҳамчун шарти мавҷудияти нахустин ҷамъиятҳои сиёсӣ ҳимоя намуд. Ин давлатҳо дар муқоиса бо дигар давлатҳои шарқӣ ва ғарбӣ хусусияти синфӣ ва истимориро надошта, ягона мушкилоташон идораи ҷамъиятҳои мураккабгардида буд.

**3. ТАМАДДУНИ МИСРӢ ВА МАСЪАЛАИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН.** Дар тамаддуни мисрӣ, ки тамаддуни нисбатан қадимаи ҳаёти иҷтимоии инсон ба шумор меравад, нишонаи равшани давлати нахустини синфии навъи ғуломдорӣ инъикоси худро ёфтааст. Аз он давроне, ки шоҳигарии Нили боло бо шоҳигарии Нили поин як мешавад (тақрибан соли 3118 то милод) ва сохтмони аҳроми бузурги Миср оғоз мегардад, он ягона давлати абарқудрати навъи ғуломдорӣ дар ҷаҳони қадим буд.

Мисри қадим, ки давлати синфии ғуломдорӣ буд, чунин усулҳои низоми идориро дошт, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон маҳдуд карда мешуд:

1. Ҳокимияти сиёсӣ дар дасти як нафар – Фиръавн муттаҳид шуда буд;
2. Ҳуқуқ ва моликияти табақаҳои мухталиф аз марказ муқаррар мешуд;
3. Мардуми оддӣ ҳуқуқ ба моликият надошт;
4. Шоҳ сояи Худо дар рӯи замин ҳисоб мешуд ва шакли идора истибдодӣ буд.

Бо вуҷуди он ки давлати Миср давлати ғуломдорӣ ва истибдодӣ буд, дар замири ин давлат ғояҳои адлу инсоф, баробарию бародарӣ ва ғояи роҳи нек тарғиби худро дошт. Ба ин тамаддун кашфи тарозуи инсоф, ки кирдори неку бади инсонро бармекашид, мансуб аст, Онро баъдан форсҳо ва юнониҳо қабул намуда, то низоми судии имрӯза расонидаанд.

**4. ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИИ ИНСОН ДАР ТАМАДДУНИ ФОРСҲО ВА ТАЪЛИМОТИ ЗАРДУШТИЯ.** Эътироф ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар тамаддуни мардуми Эрон ва тоҷикон хеле ғанӣ ва ибратомӯз мебошад. Мутобиқи маълумотҳои таърихӣ ибтидои эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ин тамаддун аз давраи ҳукмронии Ҷамшедшоҳи одил дар ибтидои ҳазораи дуи қабл аз милод оғоз шудааст. Тибқи маълумоти Авасто, Ҷамшедшоҳ аз Аҳура Маздо рисолати паёмбариро напазируфта, дархост намудааст, ки ба ӯ шоҳии мулки Аҷамро бо адлу инсоф ва баробарии мардумонаш бидиҳад. Ҳамин тавр, то он рӯзгоре, ки Ҷамшедшоҳи пешдодӣ аз рӯи адлу инсоф ҳукмронӣ мекард, мулки ӯ боқӣ монд.

> *Мутобиқи маълумоти таърихӣ (Берунӣ, Низомулмулк ва дигарон) шоҳони Пешдодӣ дар як сол ду маротиба доди мардумро мешуниданд, ки ин дар арафаи ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон сурат мегирифтааст. Шоҳон 7 рӯз банавбат мардум ва табақаҳои гуногунро дар майдони кушоди шаҳр қабул менамудаанд. Ва он рӯз касе чӣ шикояте нисбати ҳар нафаре дошта бошад, ба шоҳ арза мекардааст ва шоҳаншоҳ ҳақро ба ҳақдор мерасонидааст. Агар рафту даъво нисбат ба шоҳ бошад, дар чунин сурат шоҳ аз тахт фаромада, кулоҳи шоҳиро аз сар гирифта, назди Мӯъбади мӯбадон ба зону зада, аз ӯ хоҳиш мекардааст, ки ин [illegible] нисбати ӯ аз нигоҳи адл ва [illegible] ҳал намояд…*

Чунин буд нуқтаи олии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар аҳди қадими мардуми тоҷик, ки назири худро дар кишварҳои дигар надошт. Ҳамин тавр, идоракунии боадолатона ва ба манфиати ҳуқуқу озодиҳои мардум дар давраи ҳукмронии шоҳони Пешдодӣ ва Каёнӣ то паёмбарии рӯзгори Зардушт мавҷуд буда, эҳтимол меравад, ки дар ин даврон шакли идоракунии ҷамоавӣ- табақавӣ амал мекард. Аммо дар даврони ҳукмронии Каёниёни охир, ки ба ибтидои ҳазораи яки қабл аз милод рост меояд, ҷангу ҷидолҳои дохилии қавмҳои Эрону Тӯрон бо сабабҳои гуногун шиддат мегирад. Дар ин асно дар Тӯрон дар аҳди ҳукмронии Виштосп Зардушт таълимоти динҳои ҷудогонаро муттаҳид намуда, даъват ба сӯи Худои ягонаи некӣ – Аҳура Маздо менамояд. Мазмуни таълимоти Зардушт дар муборизаи қувваи некӣ –Аҳура Маздо бо қувваи бадӣ –Аҳриман ифодаи худро ёфтааст. Зардушт тибқи муқаррароти Авасто мардумро ба роҳи рост, некӣ ва накӯкорӣ “Гуфтори нек, пиндори нек, кирдори нек» даъват менамояд. Дар таълимоти Зардуштия баъдан сарчашмаҳои зиёди динию ҳуқуқие эҷод мешаванд, ки дар онҳо ҳуқуқҳои табиӣ ва иҷтимоӣ аз қабили: ҳуқуқ ба ҳаёт, ба зиндагии хушбахтона, ба касб, ба никоҳ ва озодии никоҳ, ба моликият, ба таҳсил, ба муҳити мусоиди зист ва ҳатто ҳуқуқ ба ҳаёти ҳайвоноти фоидаовар инъикоси худро ёфтаанд.

**5. ИСЛОМ ВА МАСЪАЛАҲОИ ЭЪТИРОФ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН.** Тавре қаблан қайд намудем, ислом дар қатори дигар арзишҳо инсонро чун неъмати олӣ мавриди ҳимояи хеш қарор дод. Таълимоти илоҳии исломӣ оид ба он ки Худованд баробари офаридани инсон тамоми махлуқот ва мавҷудоти оламро барои таъзим ба одам ҳукм мефармояд, маънии онро дошт, ки Офаридгор аз ҳамаи мавҷудоти олам инсонро болотар гузошта, маънии зиндагиро дар ҳастии он мебинад. Бартарии консепсияи исломӣ оид ба ҳуқуқи инсон нисбат ба тамаддуни зардуштӣ дар он буд, ки ислом ҳамаи одамонро, новобаста аз арабу аҷам, турку муғул буданашон, новобаста аз дороияшон ба ҳам баробар донистa, бартариро танҳо ба онҳое медод, ки покизакор, боимон ва ботақвоанд, ба роҳи рост ва ҳақиқат қадам мениҳанд. Аммо дар Зардуштия таълимоти динӣ дар баъзе масъалаҳо маҳдуд баён мешавад. Дигар ин ки таълимоти исломӣ оид ба ҳуқуқи инсон бисёре аз одатҳои ғайриахлоқӣ ва ғайриақлиро, ки ҳуқуқи зардуштӣ талқин мекард, аз байн бурд. Чунончи, ислом исботкунии ғайриақлӣ дар гунаҳкорӣ ва бегуноҳии шахс, никоҳи маҳорим ва ҷазо додани ҳайвонотро бекор кард. Мутаассифона, дар қатори ин бартариҳо ислом низ бисёр одатҳои неку арзишманди мардуми форсро, ки дар ҳимояи ҳуқуқи инсон нақши бориз доштанд, аз байн бурд. Бо вуҷуди ин ислом ва ҳуқуқи исломӣ зинаи навбатии шинохт, эътироф ва инкишофи ҳуқуқи инсон маҳсуб мешавад. Маҳз хизмати мутафаккирони исломӣ дар инкишофи илми ҳуқуқи инсон дар асрҳои минбаъда хеле ҷолиб аст. Ислом ба замми он ки дини табиатан бо сиёсат дар пайвастагӣ пайдошуда аст, назарияи он оид ба инсон аз ҳудуди давлат берун меравад. Категорияҳое, ки дар ин дин мавриди ҳифз қарор мегиранд – *мусулмон, мӯъмин* ва *инсон* дар шакли мардум ё халқ аст.

Қобили қайд аст, ки дар Шарқ (Шарқи Миёна) аз даврони зардуштия сар карда, то зуҳури ислом ва баъд аз зуҳури ислом низ ҳуқуқ тахти парастории дин қарор гирифт. Аммо чунин махсусият дар Ғарб мавҷуд набуд. Аз ин ҷост, ки нуқтаҳои муҳими ҳуқуқу озодиҳои инсонро аз диди таълимоти динӣ муқаррар мекарданд. Ҳатто илми ҳуқуқ низ баъдан дар доираи муқарраротн динӣ сарҳад ва ҳудуди озодии инсонро муқаррар мекард. Аммо дар Ғарб бошад, фалсафаи Юнон ва бисёрхудоии атиқӣ заминаи инкишофи ҳуқуқи римӣ гардиданд.

**6.ТАМАДДУНИ ҒАРБӢ ВА РОҲИ ҒАРБИИ ЭЪТИРОФ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН.** Аз он ки инкишофи фалсафаи Юнон ва бисёрхудоии ҷаҳони атиқӣ то муттаҳид шудан ба ҷараёни яккахудоӣ заминаи ҳуқуқи римӣ гардиданд, ҳуқуқи римӣ дар як муддати кӯтоҳ шароити мусоиди инкишофро барои худ дар муносибатҳои озоди молумулкӣ касб кард. Илми юнониён, ки аз чор давраи инкишофи тафаккур: тафаккури қаҳрамонӣ(бояд қайд кард, ки ин давронро низ аҷдодони тоҷик тибқи маълумоти “Шоҳнома” аз сар гузаронидаанд), тафаккури визионерӣ, тафаккури назариявӣ ва ақлӣ иборат буд, ба инкишофи ҳуқуқи римӣ манбаи хуби ақлӣ ва адолатхоҳӣ дод. Умуман, ҳуқуқи римӣ инсонро манбаи асосии инкишофи илми ҳуқуқ ва муносибати онро дар асосҳои ақлӣ ва адолатхоҳӣ чун раванди инкишофи ҳуқуқ эътироф мекард. Мушаххасият ва айнияти ҳуқуқӣ, кодификатсия ва таснифи ҳуқуқ, ба ҳуқуқи ақлӣ ва ғайриақлӣ ҷудо кардани ҳуқуқ аз дастовардҳои бузурги гарбиён буд. Аммо то паҳншавии насрония дар ин паҳно вай аз дастовардҳои ахлоқӣ маҳрум буд. Танҳо баъди пайдоиши дини насронӣ ворисони ҳуқуқи римӣ ба инкишофи гояҳои ақлонӣ ва ахлоқии ҳуқуқ дар муқобили таълимоти динӣ бештар диққат доданд. Вале баъди расман эътироф шудани дини насронӣ дар интиҳои асри III милодӣ ҳуқуқи римӣ низ зери васигии дин қарор гирифта, дигар манбаъҳои ақлии худ (с.395) ва динҳои мухталифро инкор менамояд. Дарвозаи илми фалсафа ва илмҳои дигар барои гарбиён аз аҳди император Зенон баста мешавад. Ҳамин тавр, бартарии дин дар муайян намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон муқаррар мешавад. Баъдан аз асрҳои VI то асрҳои X бартарии сиёсат ва лашкар муайянкунандаи ҳадду ҳудуди ҳуқуқи инсон дар Ғарб мегардад. Зеро дар ин даврон империяи Рим се мавҷи ҳуҷуми қавмҳои барбариро бар худ қабул мекунад. Танҳо дар даврони Эҳё (асрҳои XVI-XVII) инсон дар Аврупо аз сари нав мавқеи марказии худро дар илм, тамаддун ва дигар соҳаҳо пайдо мекунад. Ҳамин тавр, ҳуқуқи инсон роҳ ба нахустин ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ ёфта, ба тагйир додани мазмун ва моҳияти идораи давлатӣ таи садсолаҳои дигар барои инсоният хизмат карда истодааст.

**7. ХУСУСИЯТИ ЭЪТИРОФ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁ ВА АФРИҚО.** Қатъи назар аз он ки қисме аз давлатҳои Осиё ва Африқо таърихи хеле куҳан доранд, ба

мулки онҳо танҳо баъд аз муборизаҳои озодихоҳона ва озодии воқеии онҳо аз мустамликаи давлатҳои гарбӣ ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ворид гардид. Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон, Ҳабашистон, Миср ва дигар давлатҳои Африқои Шимолӣ кишварҳое буданд, ки дар баробари истиқлолияти сиёсӣ истиқлолияти ҳуқуқ ва озодиҳои шахсиро дар ибтидои асрҳои XVIII-XIX аз даст дода буданд. Қисме аз ин давлатҳо, ки дар асри XX ҳамчун давлатҳои рӯ ба инкишоф шинохта шуданд, ду роҳи асосиро пеш гирифтанд: яке режими конститутсионӣ- демократӣ (Ҳиндустон, Туркия, Филиппин) ва дигаре авторитарӣ (давлатҳои араб, Марокаш, Урдун ва ғ.). Дар ҳарду режими номбурда ҳуқуқу озодиҳои инсон ба таври ба худ хос ҳифз карда мешуд. Мисол, дар Ҳиндустон бо таъсири ҳаракатҳои озодиҳоҳӣ санадҳои конститутсионӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҳанӯз дар байни солҳои 1919- 1935 қабул шуда буд. Дар Индонезияи голландиҳо бошад, Шӯрои халқӣ зери таъсири ҳаракатҳои озодихоҳӣ дар солҳои 20 таъсис ёфт. Ҳамин тавр, Афғонистон соли 1921, Миср соли 1927 ва Ироқ соли 1930 истиқлолияти худро эълом намуданд. Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Алҷазоир, Гвиана, Гваделупа мустақилиятро соҳиб шуданд... Дар солҳои 70-ум мустамликаҳои Португалия дар Африқо ва солҳои 90-ум қисмати ҷанубӣ-ғарбии Африқо – Ҷумҳурии Намибия истиқлолияти худро эълон намуданд. Ҳар як давлати соҳибистиқлол баробари истиқлолияти сиёсӣ ва ҳуқуқҳои сиёсии мардумро эътироф намудан бо қабул намудани конститутсияҳои нахустини худ ҳуқуқҳои фитрӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии миллатҳои озодихоҳро расман эълон намуданд.

**Савол барои муҳокимаронӣ**

1. *Махсусиятҳои пайдоиши ақидаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар Шарқ.*
2. *Мисри Қадим ва масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон.*
3. *Зардуштиён ва ҳимояи ҳуқуқи инсон.*
4. *Ислом ва масъалаи эътироф ва ҳифзи ҳуқуқи инсон.*
5. *Тамаддуни Ғарб ва махсусиятҳои эътирофи ҳуқуқи инсон.*
6. *Ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Осиё ва Африқо.*

## §.5 ҒОЯҲОИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР АФКОРИ МУТАФАККИРОНИ ФОРС-ТОҶИК

**1. МАСЪАЛАИ ЭЪТИРОФ ВА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ДАР АҲДИ ЗАРДУШТӢ.** Аҷдодони тоҷикон дар мулкҳои Суғду Бохтар, Хоразму Хуросон аз даврони қадим сукунат намуда, ба ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии давлатҳои қадима таъсири бузург расонидаанд. Дар даврони тамаддуни зардуштӣ, ки аз ибтидои ҳазораи яки қабл аз милод то қарни VII милодиро фаро мегирад, қисмати асосии ҳудуди мардуми тоҷику форс зери таъсири тамаддуни ҳуқуқии зардуштӣ қарор дошт. Сарчашмаҳои ҳуқуқии «Вандидод», «Бундаҳишн», «Динкард», «Шояст ва нашояст»,

«Ардавирофнома», «Минуи хирад», «Панду андарзҳои Анӯшервон» ва г. аз дастовардхои ҳуқуқие буданд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар ин даврон муқаррар мекарданд. Қобили қайд аст, ки мардуми форс (тоҷикон) аз қадим ба инсон ҳамчун ба мӯъҷизаи маркизии олам муносибат намуда, ҳамеша дар боби ҳурмату эҳтироми ҳаққи инсон, волоияти мақоми он дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва озодии ӯ фикрҳои судманд гуфтаанд.

Яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқии зардуштӣ, ки дар даврони охири тамаддуни зардуштӣ нозил шудааст, нақл дар бораи марди рӯҳониест бо номи Вироф, ки ба ҷаҳони мурдагон сафар кардааст. Вироф дар мурофиаи судии охират ширкат варзида, аз он нақл мекунад, ки чӣ тавр дар он дунё шахсоне, ки ҳуқуқҳои инсонро поймол кардаанд, сазовори ҷазо мегарданду чӣ тавр онҳое, ки кори нек кардаанд, қадр карда мешаванд. Тибқи ин сарчашма ҷазои вазнин барои дуздӣ, зино, расонидани зарари маънавӣ муқаррар шудааст. Ҳуқуқ ба моликият, ба шаъну шараф, тозагии оила, муҳити зист дар ин сарчашма ҳамаҷониба ҳифз гардидаанд. Ин асар мазмунан ба ривояти мисрӣ ва мурофиаи судии Осирис монандӣ дорад.

## 2. АНДЕШАҲОИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС ОИД БА ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ДАВРОНИ АСРҲОИ МИЁНА.

Баъд аз паҳн гардидани дини ислом дар Осиёи Марказӣ ҳуқуқи мусулмонӣ ҳамчун қисмати таркибии он ба ин минтақа роҳ ёфт. Сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ чун муайянкунандаи ҳадду мазмуни ҳуқуқи инсон баромад мекарданд. Акнун мазмун ва мӯҳтавои инсон ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ аз назари ҳуқуқи исломӣ ва таълимоти динии нав таҳлил мегардид. Агарчанде дар даврони ибтидои паҳншавии ҳуқуқи исломӣ аз ҷониби ғозиёни (онҳое, ки бо зӯрӣ исломро паҳн менамуданд) исломӣ ақидаҳои суннатгароӣ бештар ҳис мешуд, вале баъдан ислом асрҳои миёна аз таҷрибаи идоракунии шоҳони Аҷам, фалсафаи Юнон ва ҳуқуқи римӣ васеъ истифода менамояд. Маҳз тавассути олимону донишмандони ғайри араб ( А.Форобӣ, А.Берунӣ, М. Ғазолӣ, А.Сино ва дигарон) ислом аз ин манбаъҳои пурғановати маънавӣ истифода намуд. Ҳамин тавр, назария оид ба ҳуқуқи инсон ба зинаҳои нави инкишофи ақлгароёнаи худ расид, ки дар он инсон ҳамчун мавҷудоти марказӣ таҳлил мешуд. Олимону ҳуқуқшиносони форс-тоҷик дар пайи эҷоди арзишҳои нави ҳуқуқӣ таъиноти Қуръон, ҳадис ва дигар сарчашмаҳои шаръиро мадди назар гирифта, воситаҳои миллии эҷод, таҳия ва танзими ҳуқуқи инсонро кор карда баромаданд.

Асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ роҷеъ ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон панду андарзҳои зиёде гуфтааст. Ӯ тамоми инсонҳоро, новобаста аз вазъи иҷтимоию камбудии ҷисмонӣ, дар як сатҳ гузошта, мардӣ ва ҷавонмардиро ба шахсоне мансуб донистааст, ки дасти маъюбону ятимонро гирифта, онҳоро чун инсони комил эътироф мекунанд:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*
*Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.*

*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.*

Ақидаҳои Рӯдакӣ бештар ба ҷанбаҳои ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон бахшида шуда, дар онҳо омилҳои табиӣ ва иҷтимоии ҳифзи ҳуқуқҳои барҷомондагон ва пиронсолон бахусус таъкид шудааст. Дар «Қасидаи шикоят аз пирӣ» шоир бештар аз рӯзгори пирӣ ҳамчун даврони нотавонии инсон изҳори мулоҳиза намуда, зарурати нигоҳубин ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро дар ин даврон баён намудааст.

Гарчанде Форобӣ падари фалсафаи сиёсии араб ба шумор равад ҳам, андешаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ӯ дар ташаккул ва тақвияти ақидаҳои ҳуқуқии мардуми форс хеле назаррас аст. Ақидаҳои ҳуқуқии ӯ дар асарҳояш «Шаҳри накӯрой», «Моҳияти қонунҳои Афлотун» ва «Сухан оид ба таснифи илмҳо» гирд оварда шудаанд. Ба хусус дар асари «Шаҳри накӯрой» ӯ ба ташкили ҷомеаи адлпарвар кӯшиш намуда, роҳҳои нигоҳ доштани идоракунии адолатнок ва таъмини некӯаҳволии мардумро муайян намудааст. Ба ақидаи ӯ санъати идоракунии ҳоким бояд ба таъмини шароити мусоид барои хушбахтии одамон мувофиқат кунад. Дар пояи фаҳмиши хушбахтон ва бадбахтон ӯ ҷамъияти давлатҳои нек ва бадро кашф мекунад. Танҳо дар давлатҳои нек инсон худро ба пуррагӣ озод ва хушбахт ҳисобида метавонад.

Тибқи ақидаи Форобӣ ҳар як шаҳрванди шаҳри идеалӣ бояд дар ҳолати озодии дохилӣ ва баробарии зоҳирӣ қарор гирад. Ҳамин тавр, ба тариқи сатҳӣ ҳам бошад, Форобӣ заминаҳои назарияи ҷомеаи шаҳрвандиро ҳанӯз дар он даврон кор карда баромад, ки асоси онро баробарии шаҳрвандон, озодӣ ва таъмини хушбахтии аъзои ҷомеа ташкил медиҳад.

Абулқосим Фирдасӣ дар баробари зинда намудани тамаддуни мардуми тоҷику форс ғояҳои олии инсондӯстии шоҳигариҳои Пешдодию Каёнии Аҷамро бо низоми устувори давлату давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и безаволаш манзури ояндагон гардонидааст. Ӯ аз адлу инсоф, баробарию бародарӣ, озодию мустақилияти халқу миллатҳо дар либоси назм ақидаҳои судманду ибратбахш гуфтааст. Аз ҷумла, одилии шоҳ Нӯширавонро дар озод намудани мардум аз пардохти вазнини андозҳо таъкид намуда, аз забони шоҳи одил баробарии мардумро новобаста аз мансабу вазифа ва шоҳу гадо будан дар назди офаридгор чунин таъкид мекунад:

*Хирадманду бинодил онро шинос,*
*Ки дорад зи додори гетӣ сипос...*
*Маро дод фармуду худ довар аст,*
*Зи ҳар бартарӣ ҷовидон бартар аст.*

*Ба яздон расӣ, шоҳу кеҳтар якест,*
*Касеро ҷуз аз бандагӣ кор нест.*

Дар назарияи Фирдавсӣ унсури муҳими ифодакунандаи ҳуқуқи инсон ибораҳои «дод», «ростӣ» (мутаносиби ҳақиқату адолат) ва «меҳр» (адлу инсоф) мебошанд, ки ҳоло низ назарияи навини ҳуқуқи табиӣ онҳоро маҳаки шинохти ҳуқуқи инсон қарор додааст:

*Нафармуд моро ба ҷуз ростӣ,*
*Ки дев оварад каҷживу костӣ...*
*Набояд, ки ҷуз доду меҳр оварем,*
*Дигар чин ба коре ба чеҳр оварем...*

Фирдавсӣ то дараҷае ҳуқуқи инсонро мадди назар гирифтааст, ки дар пайравии таҷрибаи идоракунии шоҳони одили Сосонӣ дар ҳолати наборидани борони баҳор аз заминҳои лалмӣ гирифтани андозро манъ кардааст:

*Махоҳед бож андар он буму руст,*
*Гар абри баҳораш ба борон нашуст.*

Абӯ Ҳамид Муҳаммад Ғазолӣ (1058-1111) яке аз бузургтарин алломаҳои форсу тоҷик аст, ки доир ба ҳуқуқ, давлатдорӣ, фалсафа ва диншиносӣ асарҳои зиёде таълиф намуда, барои пешбурди тамаддуни пешқадами асрҳои миёнаи Шарқ хизмати арзандае кардааст. Аз Муҳаммади Ғазолӣ асарҳои зиёд то ба замони мо омада расидаанд. Дар байни онҳо «Кимиёи саодат», « Эҳёу-л-улуми-д-дин», «Насиҳат-ул-мулук» ва ғайра маъруфу машҳуранд. Ақидаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии Ҳуҷҷат-ул-ислом Муҳаммади Ғазолӣ дар аксари асарҳои ӯ ба назар мерасанд, вале дар байни онҳо «Насиҳат-ул-мулук» сирф ба масъалаҳои ҳуқуқӣ бахшида шудааст.

Ғазолӣ ҳимояи ҳуқуқи инсонро бо роҳи тарбия намудани мақомоти роҳбарикунанда талқин мекунад. Аз ин назар ӯ ба фалсафаи сиёсии юнониён, подшоҳони Аҷам, паёмбарони қавми яҳуд ва асосгузорону донишмандони исломӣ такя намуда, кӯшиши дар доираи адл, инсоф, авф, баробарӣ, хайрхоҳӣ маҳдуд намудани ҳокимиятро талқин менамояд. Ӯ ба ҳокимон ва маликҳо мурочиат намуда, чунин андарзҳо мегӯяд:

*«Фарзанди одамро адл кун, ҳамчунон ки бо ту адл кунанд».*

***

*«Ҳамдостон мабош бо зулм, ки вилоят вайрон шаваду раият дарвеш гардад. Ту он гоҳ подшоҳи дарвешон бошиву солори вайронӣ ва дар ҷаҳон бадном шавӣ».*

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ (1203-1205) яке аз мутафаккирони бузурги форсу тоҷик аст, ки дар мавзӯи баробарии инсонҳо, дастгирии ятимон, маъюбон ва дармондагон андешаҳои ҷолиб гуфтааст. Ӯ тамоми одамонро мансуб ба табиати ягонаи одамӣ ҳисобида, таъкид мекунад, ки онҳо бояд дар ғаму шодии якдигар шарик бошанд, ба зердастон раҳму шафқат намуда, ятимону бепарасторонро эҳтиром созанд:

*Банӣ одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*
*Ту к-аз меҳнати дигарон бегамӣ,*
*Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.*

***

*«Ҳар кӣ ба зердастон набахшояд, ба ҷаври забардастон гирифтор ояд.»*

***

*«Бар раияти заиф раҳм кун, то аз душмани қавӣ заҳмат набинӣ».*

***(Аз «Гулистон»)***

Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ дар асари безаволаш "Маснавии маънавӣ" пайванди ногусастании дӯстии мардуми форс, араб ва туркро суруда, дар либоси назм ҳамдигарфаҳмию гуфтугӯи воқеии намояндагони динҳои масеҳият, насрония ва исломро бо маърифати баланди инсонӣ сурудаст:

*Дар маонӣ қисмату аъдод нест,*
*Дар маонӣ таҷзия в-афрод нест.*
*Иттиҳоди ёр бо ёрон хуш аст,*
*Пойи маънӣ гир, сурат саркаш аст.*

Абӯалии ибни Сино (980-1037) роҷеъ ба адолати иҷтимоӣ изҳори назар намуда, аввалин шуда, зарурати фардикунонии мансабдорони давлатиро таъкид кардааст. Тибқи ақидаи ӯ як шахс дар як вақт наметавонад ҳам низоми идории шаҳрро бар ӯҳда дошта бошад ва ҳам низоми идории деҳро. Дар чунин сурат ҳуқуқҳои инсонҳо поймол мегарданд, зеро шаҳр барои қонеъ гардонидани талаботи худ нерӯи муайянро доимо талаб дорад ва деҳ бошад, мутобиқан сарвари худро бояд дошта бошад. Гузашта аз он, дар чунин сурат як шахс бар манфиати худ сӯиистифода аз мансаб намуда, ҳуқуқҳои авомро поймол хоҳад намуд. Аммо дар масъалаи қонунгузорӣ бошад, Сино ҷонибдори он аст, ки як мақоми қонунбарор метавонад ҳам барои танзими низоми шаҳр ва ҳам барои танзими низоми деҳ қонун қабул намояд. Ба назар чунин мерасад, ки ин табиби бузург аз илми сиёсат ва ҳуқуқ хуб огоҳӣ дошта, аввалин шуда назарияи тақсимоти ҳокимиятро дар Шарқ тарҳрезӣ намудааст.

Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ (1017-1092) машҳур ба Низомулмулки Тӯсӣ шахсест, ки дар ҳаёти сиёсӣ, адабӣ ва маданнии халқҳои Шарқ мавқеи назарраси илмӣ ва амалиро дорост. Ӯ дар байни мутафаккирони форсу тоҷик ва умуман ҷаҳон яке аз аввалин шахсиятҳои сиёсист, ки дар сари қудрати вазирӣ нишаста, бо супориши сарвари замони хеш китобе роҷеъ ба идораи давлат бо номи «Сиёсатнома» навиштааст. Низомулмулк дар «Сиёсатнома» ба давлату давлатдорӣ диққати махсус дода, назарияи идоракунии шарқиро, ки аз таҷрибаи пешқадами шоҳони пешин ва замони исломӣ сарчашма мегирифт, барои давлатҳои қуруни вустоӣ ҳамчун намунаи модел тарҳрезӣ намудааст, ки дар он хушбахтии инсон ва ҳимояи ҳаққу инсоф мавқеи марказиро ишғол менамояд.

*«Чун дуои халқ ба некӯӣ пайваста гардад, мулк пойдор бувад ва ҳар рӯз зиёдат бошад, он малик аз давлату рӯзгори худ бархурдор бувад. Бад-ин ҷаҳон номи некӯ ва бад-он ҷаҳон растагорӣ ёбад ва ҳисобаш осонтар бувад, ки бузургон гуфтаанд: "Мулк бо куфр бипояду бо зулм напояд".*

Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз машҳуртарин донишмандони замони Абдураҳмони Ҷомию Алишери Навоӣ буда, бо эшон мукотибаю дӯстӣ доштааст. Мақоми ӯ, махсусан, дар воизиву тарғиби ахлоқи ҳамида шоистаи таваҷҷӯҳ аст. Мероси адабиву ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ доманаи бепоён дошта, он мабнои фанҳои ахлоқ, таърих, тафсир,

тасаввуф, фиқҳ ва ғайраро фарогир аст. Ба қавли муҳаққиқин миқдори асарҳои илмии ӯ беш аз чил номгӯй аст. Дар байни онҳо «Тафсири Ҳусайнӣ», «Футувватномаи султонӣ», «Рисолаи Хотамия», «Бадоеъ-ул-афкор», «Ахлоқи мӯҳсинӣ», «Мавоҳиб-ул-зуҳал» ва ғ. мавқеи назаррасро ишғол менамоянд. Дар асарҳои ӯ назарияҳои ҷолиби диққат оид ба адлу ҳақиқат, инсоф ва ҳуқуқу озодиҳои инсон баён ёфтаанд.

*Додгарӣ шарти ҷаҳондорияст,*
*Давлати боқӣ зи камозорияст.*
*Мамлакат аз адл шавад пойдор,*
*Кори ту аз адли ту гирад барор.*

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Кадом сарчашмаҳои ҳуқуқии аҳди Зардуштияро медонед?*

*2. Рӯдакӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи мазлумон, чиҳо гуфтааст?*

*3. Назарияи сиёсии Форобӣ ва Фирдавсӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсонро баён кунед.*

*4. Асарҳои Ғазолиро номбар кунед, ки дар онҳо ҳимояи ҳуқуқи инсон баррасӣ шудааст.*

*5. Ҳуқуқи инсон аз назари Саъдӣ ва Румӣ чӣ тарз арзёбӣ шудааст?*

*6. Ақидаҳои Низомулмулк ва Ҳусайн Воизи Кошифиро роҷеъ ба ҳуқуқи инсон шарҳ диҳед.*

## § 6. САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОНИ ТАЪРИХӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**1.МАФҲУМИ САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚӢ.** Ҳар як ҳодиса манбаъ ва сарчашмаи худро дорад. Мисол, сарчашмаи оби ҷӯй пиряху чашмаҳои кӯҳсор аст. Сарчашмаи ҷараёни электрикӣ истгоҳи барқист. Ҳамин тавр, ҳуқуқ низ сарчашмаи худро дорад. Сарчашмаи ҳуқуқро ба ду маънӣ фаҳмидан дуруст аст. Якум, ба маънии васеъ – яъне манбаи эҷоди ҳуқуқ. Аз ин нуқтаи назар табиати иҷтимоии инсон, халқ, манфиати инсонҳо ва мақомоти ваколатдор ҳар кадом чун сарчашма баромад мекунанд. Зеро онҳо омили тавлидшавии ҳуқуқ мебошанд. Дуюм, маънии маҳдуд – яъне дар ҳаёти воқеӣ шаҳрвандон ва мақомоти татбиқкунандаи ҳуқуқ ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие такя мекунанд, ки дар онҳо ҳуқуқҳо муайян шудаанд. Аз ин рӯ, ин санадҳо ва асосҳо чун сарчашмаи ҳуқуқ баромад мекунанд. Азбаски дар ин сарчашмаҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шаклҳои муайян гирд оварда шудаанд, дар илми ҳуқуқшиносӣ сарчашмаи ҳуқуқро чунин таъриф медиҳанд:

**Шаклҳои зоҳирии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқиро сарчашмаи ҳуқуқ меноманд.**

Ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ илми муосири ҳуқуқшиносӣ санадҳои меъёрӣ, ҳуқуқӣ, урфу одатҳои ҳуқуқӣ, амсоли судӣ, шартнома ва ғайраро пешбинӣ намудааст.

Дар таърихи ҷамъияти инсонӣ дар ҳар давру замон ҳар давлату миллат сарчашмаҳои ба худ хоси ҳуқуқиро доштанд. Дар ҳар давру замон, чи татбиққунандагони ҳуқуқ ва чи мардуми оддӣ, ба сарчашмаҳои муайян такя намуда, ҳуқуқҳои худро муаррифӣ ва ҳифз менамуданд. · Аз ин ҷост, ки дар таърихи миллати тоҷик, ки аз миллатҳои қадимаи ориёист, намудҳои мухталифи сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқ истифода шудаанд. Ин ҷо ду нуктаро бояд мадди назар гирифт.

***Якум,*** «сарчашмаҳои таърихӣ- ҳуқуқӣ» гуфта, сарчашмаҳоеро дар назар дорем, ки онҳо замоне дар сарзамини падару бобоёни мо - тоҷикон ҳамчун сарчашма ва манбаи воқеии ҳуқуқ баромад кардаанд, мардум ва татбиққунандагони ҳуқуқ ба онҳо истинод намуда, масъалаҳои ҳуқуқиро ҳал намудаанд.

***Дигар*** ин ки ин сарчашмаҳо дар Тоҷикистони таърихӣ чун манбаи ҳуқуқ баромад кардаанд. Тоҷикистони таърихӣ тамоми марзу буми мардуми тоҷикнишин аст. Аз ин хотир мафҳуми ҷуғрофии Тоҷикистони таърихӣ нисбат ба Тоҷикистони муосир хеле васеъ аст. Ба Тоҷикистони таърихӣ як қисмати Афғонистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Хуросони Эрон ва Қирғизистону Чин, ки аз қадим аҷдодони халқи тоҷик дар ин мавзеъҳо зиндагӣ мекарданд, ворид мешавад. Сарчашмаҳои ҳуқуқии Тоҷикистони таърихиро вобаста ба асосҳои гуногун мумкин аст ба намудҳо ва навъҳо ҷудо намуд. Дар ин ҷода таснифи сарчашмаҳои ҳуқуқии Тоҷикистони таърихӣ вобаста ба низомҳои ҳуқуқӣ ҷолиб аст. Сарчашмаҳои ҳуқуқии Тоҷикистон дар :

- даврони низоми ҳуқуқии зардуштӣ;
- даврони низоми ҳуқуқии мусулмонӣ;
- даврони низоми ҳуқуқии шӯравӣ.

Ҳар кадоме аз ин давраҳо вобаста ба талаботи давру замон ва табиати тамаддунҳои динӣ сарчашмаҳои махсусгардонидашудаи ҳуқуқиро тавлид кардаанд. Махсусияти сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар аввал мисли қонунгузории имрӯза дар шакли санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ баромад намекарданд. Одатан қисми зиёди онҳо дар ҳамбастагии сарчашмаҳои динӣ ифода ёфта буданд. Сарчашмаҳои динии чи зардуштӣ ва чи исломӣ дар қатори меъёрҳои динӣ ва ахлоқӣ теъдоди зиёди муқарраротн ҳуқуқиро дороанд. Аз ин рӯ, Авасто, Қуръон ва ҳадисҳо сарчашмаҳои ҳам динӣ ва ҳам ҳуқуқӣ мебошад. Дигар ин ки дар аҳди зардуштӣ муқарраротн судӣ низ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқӣ (Қонунномаи Сосониён) баромад мекард. Дар аҳди тамаддуни исломӣ бошад, китобу фатвоҳои фақеҳон, ки ба масъалаҳои ҳуқуқ бахшида шуда буданд, ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ баромад мекарданд.

**2.САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОНИ ТАЪРИХӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН .** Ҳамаи сарчашмаҳои динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар Тоҷикистони таърихӣ амал мекарданд, дар қатори дигар меъёрҳо меъёрҳои ҳуқуқиро доир ба баробарии инсонҳо, ҳуқуқу озодиҳо ва ғайра доро буданд.

Авасто – бо қисмати Вандидод.
Хвешкори редагон.
Шояст нашояст.
Эъломияи Куруши кабир.
Қонунномаи Сосониён.
Қуръон.
Ҳадисҳо.
Асарҳои олимони илми ҳуқуқ.
Насиҳатномаи Тоҳир ибни Ҳусайн.
Фармонҳои амирон ва ҳокимон.

Дар қисмати Вандидоди Авасто нахустин маротиба дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба ҳаёти осоишта, ҳуқуқ ба муносибати хуб, ҳуқуқ ба бастани шартномаҳо, ҳуқуқ ба ҳаёти кӯдаки тавлиднашуда, ҳуқуқ ба тандурустӣ, ҳуқуқ ба никоҳ ва ғайра расман эътироф ва эълон шудааст. Дар ин сарчашма бори нахуст намудҳои шартнома, ҳифзи ҳуқуқҳои экологӣ, ҳифзи муҳити зист, тозагии об, ҳимояи ҳаққи ҳайвонҳо, намудҳои ҷиноят, таснифи ҷиноят, намудҳои никоҳ ва ғайра ҳамчун институти ҳуқуқӣ инъикоси худро ёфтаанд. Дар "Хвешкори редагон" оид ба ҳуқуқҳои кӯдакон ва ӯҳдадориҳои томактабию мактабии онҳо ва дар "Шояст ва нашояст" бошад, оид ба амалҳои иҷозатдодашуда ва манъшуда батафсил мулоҳизаҳо баён шудаанд. Сарчашмаҳои ҳуқуқии номбаршуда мансубият ба тамаддуни ҳуқуқии дини зардуштӣ доштанд.

Дар Эъломияи Куруши Кабир соли 539 қабл аз милод нахустин маротиба дар таърихи инсоният ҳуқуқ ба озодии эътиқод, озодии ҳаракат, интихоби манзил ва ҳуқуқ ба моликият расман эълон шуда, мавриди ҳифз қарор мегирад. Қонунномаи Сосониён намунаи нахустини амалияи судии ҳуқуқшиносони форс - тоҷик аст, ки ба сифати сарчашмаи ҳуқуқӣ расман баромад мекард. Дар муҳокимаю ҳалномаҳои ҳуқуқшиносони он давра масъалаҳои гуногуни соҳаи ҳуқуқ ҳалли худро ёфтаанд.

Қуръон сарчашмаи асосии ҳуқуқи исломӣ аст, ки дар қатори меъёрҳои динӣ ва ахлоқӣ меъёрҳои зиёди ҳуқуқиро доро аст. Ба қавли муҳаққиқон бештар аз 500 ояти Қуръон дорои меъёрҳои ҳуқуқист, ки муносибатҳои мухталифро мавриди танзим қарор медиҳанд. Дар Қуръон ҳуқуқ ба ҳаёт, ба саломатӣ, ҳуқуқ ба моликият, ба озодии афкор, ҳуқуқ ба маълумот, ҳимояи пиронсолон, кӯдакон ва ҷавонон ва ғайра танзими ҳамаҷонибаи худро ёфтааст.

Қуръон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ нисбат ба тифлоне, ки аз падару модар бармаҳал ҷудо мегаштанд, бетараф набуд, зеро табиати инсон ва ҷомеаи инсонӣ нигоҳубини ятимон ва парастории онҳоро аз аҳди қадим то ба имрӯз заминаи адолати иҷтимоӣ ҳисоб карда буд ва ҳоло низ чунин меҳисобад. Ва нақши Қуръон дар амалӣ намудани ин таҳқурсии адолати иҷтимоӣ дар Шарқ бениҳоят бузург буда, сарчашмаи рушду нумӯи адабиёти ахлоқии оламшумули форсу тоҷик ба ҳисоб меравад.

**[redacted]тимонро [redacted]моед то он гох, ки [redacted] синни заношўи расанд, пас агар ононро рушде ёфтед, амволашонро ба худашон вогузоред. Ва аз бими он ки мабод ба синни рушд расанд, амволашонро ба ноҳақ ва шитоб махўред...**

***Сураи Нисо, ояи 6..***

**Моли ятимонро ба ятимон диҳед ва ҳалолро ба ҳаром мубодала накунед. Ва амволи онҳоро ҳамроҳ ба амволи хеш махўред, ки ин гуноҳи бузург аст.**

***Сураи Нисо, ояи 2.***

Қуръон дар масъалаи ҳимояи манфиатҳои иқтисодии занон ду тағйироти куллӣ ворид кардааст, ки алоҳида шарҳ додани онҳо шарт аст. Замоне, ки қавмҳои араб дар аҳди ҷоҳилия зиндагӣ мекарданд, урфу одатҳои нангин ҳукмфармо буда, занҳо дар ҳолатҳои сангин қарор доштанд.

1. Қуръон занро аз олами нестӣ ба олами ҳастӣ берун бароварда, аз объекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ба субъекти комилҳуқуқ мубаддал гардонд. Пайғамбари ислом бо меъёрҳои ҳуқуқӣ одатҳои нангини ҷоҳилияро аз қабили зинда гўронидани духтарон, тариқи ашё ба мерос гузаштани занҳо манъ намуда, бар зидди бехудоён ва бисёрхудоёни ҷоҳилӣ, ки занро дар зиндони асорат ва беҳуқуқӣ нигоҳ доштан мехостанд, муборизаи оштинопазир оғоз намуд.

2. Ҳуқуқ ба моликият ва меросро бар занон эълон намуд. Мувофиқи одати ҷоҳилия ҳар марде, ки бар китфи бевазан ҷома партофт, он зан ҳамчун ашё ба он мард дода мешуд. Абулфатҳ ривоят мекунад, ки Авс бинни Собити Ансорӣ вафот ёфт, аз ў як зан, ду духтар ва ду писари амма боқӣ монданд. Писарони амма тамоми амволи Собитро ба пуррагӣ гирифтанд (ба тариқи мерос), чизе ба зан ва духтарон надоданд, зеро дар ҷоҳилия одат чунин буд, ки занон ва кўдакон аз мерос маҳрум буданд. Мол ба касе медоданд, ки ў ба шутур савор шуда, ба корзор мерафт ва ғанимат меовард. Он зан бо ду духтар гирякунон ба назди Расули Акрам (с) рафтанд ва аз воқеият ўро огоҳ карданд. Ва гуфтанд, ки моро чизе нест, мо се нафар бе ягон ризқу рўзӣ мондаем, ҳамаи молу ҳолро ду писари аммаи шавҳари марҳумам гирифтанд. Пас аз нолаю зории зан ривоят мекунанд, ки сураи Нисо, ояи 7 нозил шуд.

**Аз ҳар чӣ падару модар ва хешовандон ба ирс (мерос) мегузоранд, мардонро насибест. Ва аз он чӣ падару модар ва хешовандон ба ирс мегузоранд, чи андак ва чи бисёр занонро низ насибест. Насибе муайян...**

***Сураи Нисо, ояи 7.***

Албатта, дар он давр, ки одатҳои нангини ҷоҳилияи араби бадавӣ дар ҳаёти гузаштаи онон дар шакли муносибатҳои падаршоҳии мутлақ ҷойгир шуда буд, эълон намудани ҳуқуқи зан ба мерос як инқилоби воқеӣ дар ҳаёти иҷтимоии он қавм буд.

Ҳадисҳо, ки нақл, ривоят оид ба гуфтор, кирдор ва афкори Паёмбари ислом махсуб мешаванд, дорои меъёрҳои зиёди ҳуқуқианд. Дар онҳо ғояҳои инсондўстӣ, адлпарварӣ, додварзӣ, ҳимояи мазлумон, ҳаққи

ҳамсоягон ва бегонагон ба тадриҷ баён ёфтаанд. Дар ҳадисҳои Паёмбари ислом зиёданд таъкидоти ҳуқуқие, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро эълон ва ҳифз менамоянд. Дар байни онҳо, махсусан, меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба зан-модар мавқеи муҳимро ишғол менамоянд.

**Хушнудии Худо дар хушнудии зан аст.**
**Ҳуқуқи зан муқаддас аст.**
**Ҳурмату эҳтироми зан воҷиб аст.**
**Биҳишт зери қудуми модарон аст**
**Талаби илм ба ҳар муъмин ва муъмина фарз аст**
***(Аз ҳадисҳои Паёмбари ислом).***

Ҳадисҳо ҳамчунин мардонро барои ҳифзи ҳуқуқи занон масъул менамоянд. Аз ҷумла дар ҳадис гуфта шудааст:

**«Ҳуқуқи зан ба шавҳар чунин аст: ҳангоми таъом хӯрдан ба зан ҳам бихӯронад, ҳангоми либос пӯшидан ба зан ҳам бипӯшонад, ба рӯи зан назанад, занашро танбеҳ накунад».**

Дар қатори сарчашмаҳои ҳуқуқии меъёрӣ боз сарчашмаҳои ҳуқуқие буданд, ки аз ҷониби донишмандони динӣ, ба хусус фақеҳон ва муҷтаҳидон баён карда шудаанд.

Яке аз онҳо «Захират- ул-мулук»-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буда, аз ҷумла дар он чунин омадааст:

"Аммо ҳуқуқи раъоё ду навъ аст, зеро ки раият ду қисманд: мӯъмин ва кофир. Ва аҳкоми ҳуқуқи эшон ба ҳасби куфру ислом мухталиф мегардад. Аммо раияти мусулмонро бар подшоҳ ва ҳоким бист ҳақ аст. Ва қиём ба адои ин ҳуқуқ бар ҳоким ва подшоҳ воҷиб аст.

**Ӯҳдадориҳои ҳоким:**

***Аввал*** он ки бо ҳама мусулмонон батавозӯъ бошад ва ба сабаби ҳукумат ва вилоят бар ҳеҷ мусулмон такаббур накунад.

***Ҳаққи дуюм*** он ки сухани омро дар ҳаққи якдигар нашнавад, ки охир он фитна ба надомат кашад, хоса сухани фосиқонро ва соҳибғаразонро ва ҳасудонро ва тамаъонро, зеро ки тамоъ халқеро ба тамаъи луқмае биранҷонад ва ҳасуд ҷумлаи ҳунарҳоро айб донад... Зеро ҳар кӣ айби дигаронро ба ту расонад, бешак, айби туро низ ба дигарон расонад.

***Ҳаққи сеюм*** он ки чун ба ҷиҳати заллате ё тақсире бар мусулмоне ғазаб кунад ва ваҷҳи имкони авф бошад, аз се рӯз зиёда таъхири авф накунад. Зеро бидон, ки Юсуф аз бародарони худ авф кардӣ, номи ӯ баланд гардида, ба таърих мондӣ.

***Ҳаққи чаҳорум*** он ки файзи адл ва эҳсон бар ҷамеъи раъоё насиб гардонад ва дар нашри осори эшон миёни аҳл ва ноаҳл тамиз накунад, зеро ки подшоҳ сояи ҳақ аст, чунон ки раҳмати ҳақ азза исмаҳу кофиру мӯъминонро шомил аст, ҳамчунин адлу эҳсони ҳоким бояд, ки неку бадро шомил бувад.

Зеро Паёмбари ислом фармудааст, ки фозилтарин ақл баъди имон дӯстӣ кардан аст бо халқ ва некӣ кардан бо некон ва бадон.

***Ҳаққи панҷум*** он ки ба сабаби таҷарруби (ғуруру ҳавобаландӣ) ҳукумат бо истило назар дар ҳарами мусулмонон накунад ва бе истезон (иҷозат хостан) дар манозил ва махозини раъоё наравад. Ва Паёмбар фармудаанд: чун дари хонаи мусулмонон шудӣ, се бор овоз додӣ. Агар иҷозат додандӣ, даромадӣ ва агар не, бознишастӣ ва наранҷидӣ.

Се бор иҷозат хостан маънии онро дорад, ки: бори аввал бишнаванд, бори дуюм худро ва ҷойро рост созанд, бори сеюм ба ҷиҳати маслиҳат иҷозат диҳанд ё манъ кунанд.

***Ҳаққи шашум*** он ки мухотаба ва муомила бо аснофи халқ ба қадри маротаб ва дараҷоти ҳар кас бувад, аз аҷфолу (дурушт, беодоб) авбош ибороти латиф чашм надорад ва аз ҷиҳоли омма фасоҳату балогат наҷӯяд. Ва аз кӯҳӣ ва биёбонӣ адаби маҷлиси ашроф наталабад ва таклифи ҳар кас ба қадри ҳоли ӯ кунад ва ҳар қавмро дар мартабаи ӯ маъзур дорад ва аз мавоҷиҳати (рӯ ба рӯ шудан) ҳеҷ кас истинкоф (саркашӣ, рад) накунад.

***Ҳаққи ҳафтум*** он ки дар маҷлису муҳозир пиронро ҳурмат дорад, хоса пирони муттадинро ва тифлонро ба чашми шафқат нигарад.

***Ҳаққи ҳаштум*** он ки ҳар мусулмонро, ки ба чизе ваъда кунад, он ваъдаро вафо кунад ва хилофи он, албатта, раво надорад.

Ва дар асар аст, ки Зулқарнайн подшоҳӣ ба сабаби се хислат ёфт:

Аввал он ки чун сухан гуфтӣ, рост гуфтӣ ва чун касеро ваъда кардӣ, хилоф накардӣ ва ҳар мол, ки пеш овардандӣ, дар вақт онро сарф кардӣ ва ба фардо нагузоштӣ ва дар хазина наниҳодӣ.

***Ҳаққи нӯҳум*** он ки дар ҳукм сухан ба унф (дуруштӣ) нагӯяд ва бо вазеъ ва шариф рӯи кушода дорад ва бо заъифон сухан ба вафқ (мулоимӣ) гӯяд.

***Ҳаққи даҳум*** он ки дар муносиби ҳукумат риъояти инсоф кунад. Чунон ки инсофи худ аз халқ талаб мекунад, инсофи халқ низ аз нафси худ талаб кунад ва бо мусулмонон чунон муъомила кунад, ки агар он муъомила бо ӯ кунанд, писандад.

***Ҳаққи ёздаҳум*** он ки мубодарати ислоҳи зотулбайн (кӯшиши ислоҳи ду нафари бо ҳам қаҳрӣ) бар худ воҷиб донад ва таъхир дар фасли хусумати мусулмонон раво надорад ва дар ҳукми мухосамот (низоъ, муҷадала) чандон таваққуф накунад, ки модаи ҳақуду (бадхоҳ) адоват гардад ва ба фасод анҷомад.

***Ҳаққи дувоздаҳум*** он ки сиъоти (суханчинӣ, бадгӯӣ) гуноҳи гуноҳони мусулмонон саъйе накунад ва баҳри зилате раъияти заъифро наранҷонад ва аз ҳафавоти (лагжидан) халқ ба қадри имкон таҷовуз кунад ва айбҳои халқро пӯшида дорад.

***Ҳаққи сенздаҳум*** он ки бо иртиккоби шубҳот халқро ба маъосӣ далер нагардонад ва ба ҷиҳати дафъ зиннат аз мавозеъи тӯҳмат эътироз кунад ва агар аҳёнан ба маъсияте мубтало гардад, онро мастуру пӯшида дорад, ки оммаи халқ дар салоҳ ва фасод тобеъи ҳоким ва подшоҳанд. Агар ҳокимро ба ранҷи салоҳ бинанд, ҳама дар салоҳ рағбат намоянд ва савоби он ҳама ба девони аъмоли ӯ роҷеъ (баргардонида) шавад. Ва агар аз ӯ фасод мушоҳида кунанд, яъне он подшоҳ ва ҳоким фосиқ бошад,

ҳама мардумон дар фиску фасод кӯшанд ва он гуноҳ тамом ба девони аъмоли он подшоҳ ва ҳоким бозгардад.

***Ҳаққи чаҳордаҳум*** он ки чун ҷазои ҳоҷати мусулмонон ба калимаи шафоати ҳоким мавқуф бувад, ба шафоати он муҳим кифоят кунад ва эҳмоли он раво надорад ва аз хосияти ҳукумат яке он аст, ки корҳои хатир ва муҳимоти бузург ба як сухани эшон кифоят шавад ва саъодати ин савобро ғанимат шуморад.

***Ҳаққи понздаҳум*** он ки ҷониби масокину зуафоро бар ҷониби аҳли дунё аз ақвие (зӯр, пурқувват) ва ғаниёро ҳеҷ дорад ва бештари муҷолисат бо фуқаро ва аҳлуллоҳ дорад ва ҳар рӯз як бор оинаи дили худро ба мавоъиз ва насоиҳи (насиҳатҳо) сулаҳо ҷило диҳад...

***Ҳаққи шонздаҳум*** он ки аз аҳволи аҳли фоқа ғофил набошад ва дар садди фоқаи заъифон ва фурӯмондагон тақсир раво надорад, нафақаи ятимон бар худ воҷиб донад ва аз бозхост бияндешад, ки дар рӯзе, ки молу мулк фарёдрас набошад, ин ҳама мустаҳақон аз ҳоким талаби ҳуқуқ кунанд. Имрӯз, ки метавонад, дар халоси зимати хеш кӯшад.

***Ҳаққи ҳафтдаҳум*** он ки роҳҳои мусулмононро аз хавфи роҳзанон ва duздон ба сатвати сиёсат эмин дорад ва ҳар кас, ки дар роҳе бо изою таадди мӯътааризи (дучори) мусулмонон шавад, ба никол (азоб, уқубат) ва уқубат ӯро ибрати дигарон гардонад ва дар ҳар вилоят ҳар ҷо ки маҳали хавф бувад, агар имкони иморат бувад, иморат кунад ва агар маҳали иморат набувад, нигоҳ ба онон боздорад.

***Ҳаққи ҳаждаҳум*** он ки дар вилоят ҳар ҷо ба работ ва пуле ҳоҷат бошад, дар иморати он хайр бикӯшад ва эҳмол (гаронӣ) раво надорад.

Дар хабар аст, ки ҳар кӣ бино кунад пуле ба роҳи мусулмонон, ки осон бар вай бигзаранд, Худои азза ва ҷалла осон гардонад бар вай гузаштани сиротро.

***Ҳаққи нуздаҳум*** он ки дар ҳама буқъа аз буъқаҳои (замин, қитъаи хурд) мусулмонон масҷиде бино кунад ва имому муаззини онро таъин кунад ва боби маъишати эшонро муҳайё гардонад, ки ба фарогат мувозибати вақтҳои намоз тавонанд кард ва ҷиҳати талаби қут иқомати ин амр ба эшон мутааззир нашавад.

***Ҳаққи бистум*** он ки амри маъруф ва наҳий мункар тарк накунад ва насиҳати динӣ аз хосу ом дареғ надорад ва раъоёи мамлакати худро ба тоъоти ҳақ таъоло фармояд ва аз маъосӣ ва манохӣ ва сиёсат манъ кунад.

Ҳорунаррашид Шақиқи Балхиро талаб карду гуфт:

—Маро панде деҳ.

Гуфт: – Эй амиралмӯъминин, Худойро сароест, ки онро дӯзах хонанд ва туро дарбони он сарой гардонидааст ва туро се чиз додааст, то бад-он се чиз халқро аз дӯзах боздорӣ: молу шамшеру тозиёна. Бояд, ки ба мол садди фоқаи муҳтоҷон кунӣ, то ба сабаби изтирор (тангдастӣ, дармондагӣ) иқдоми (рафтор, афъол) шубҳот накунанд ва золимонро ба шамшер қамъ (задан, нест кардан) кунӣ ва фосиқонро ба тозиёна адаб кунӣ.

Қобили қайд аст, ки чунин адабиёти ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби фақеҳони бузурги исломӣ таълиф шуда, дар ҳаёту рӯзгори асрҳои миёна чун манбаи

эътимодбахши ҳуқуқӣ хизмат мекарданд, зиёданд. «Насиҳат-ул- мулук»-М. Ғазолӣ, «Сиёсатнома»-и Насриддини Тӯсӣ, «Ахлоқи мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва амсоли инҳо. Ин манбаъхо чун сарчашмаи ҳуқуқ ба он асос баромад мекарданд, ки соҳибони онҳо шахсиятхои маъруфи илми ҳуқуқ ба шумор рафта, чун муҷтаҳид ва ё фақеҳи бузург эътироф шудаанд. Аз ин ҷост, ки ба гуфтаи онҳо чун иҷтиҳод ва ё фатво қозиён истидлол менамуданд. Дигар ин ки дар ин асарҳо теъдоди зиёди иҷтиҳод ва иҷмои даврони пешин гирд оварда шудаанд, ки ба инҳо қозиён бевосита такя менамуданд.

**3.АСАРҲОИ ОЛИМОНИ ИЛМИ ҲУҚУҚ.** Ба замми чунин сарчашмаҳои адабию ҳуқуқӣ боз сирф сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони касбӣ ва назариявӣ таълиф шуда буданд, дар сарзамини тоҷикон чун манбаи ҳуқуқи боэътимод баромад мекарданд. Дар сарзамини тоҷикон асарҳои ҳуқуқии фақеҳони пайрави мактаби ҳуқуқии ҳанафӣ (асосгузораш Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собити Кӯфагӣ) мавриди истифодаи васеъ қарор мегирифтанд. Ба хусус «Ал-фиқҳ - ул акбар»-и Абӯҳанифа (Имоми Аъзам), «Китоб-ул-ҳараҷ»-и Қозӣ Абӯ Юсуф, «Ҳидоя»-и Бурҳониддини Марғелонӣ, «Мухтасар»-и Убайдулло ибни Масъуд ва ғ. Ба меъёрҳои китобҳои номбурда қозиёни (судяҳои) Осиёи Миёна васеъ такя менамуданд. Дар ин асарҳо институтҳои ҳуқуқӣ бо фаслҳои алоҳида баён гардида, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мардуми мусулмон ва ғайри мусулмон мавриди танзими ҳамаҷониба қарор гирифтаанд, ки манбаи хуби танзими ҳуқуқӣ буданд.

"Насиҳатнома"-и Тоҳир ибни Ҳусайн аз зумраи ҳуҷҷатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ аст, ки аз маҳорати баланди таҷрибаи давлатдорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, инсондӯстӣ ва адлу адолатпарварии шахсиятҳои сиёсии мардуми тоҷик шаҳодат медиҳад. "Насиҳатнома" дар шакли мактуб ва васият ба писараш Абдуллоҳ навишта шудааст, ки бояд писараш ҳангоми идораи кишвар ба он такя мекард. Мазмуни насиҳатнома гувоҳи он аст, ки вай як дастури давлатдорист, ки дар он усули идоракунӣ дар такя ба таҷрибаи давлатдории мамолики Шарқ тарҳрезӣ гаштааст. "Насиҳатнома" ба соҳаҳои гуногуни илми ҳуқуқ бахшида шудааст. Дар он меъёрҳои ҳуқуқии идораи давлат, ҳуқуқи хироҷситонӣ, ҳуқуқи ҷиноӣ ва ғ. зиёд мавҷуд аст. Дар масъалаи идораи кишвар "Насиҳатнома" озодии ҳокимро бо ӯҳдадориҳои муайян маҳдуд менамояд, ки бисёр ҷолиб аст.

Ҳоким бояд:

-аз ҳифзи раъияти (халқи) хеш ғофил мабошад;

-адолати иҷтимоиро дар муносибат бо бандагон нигоҳ дорад;

-ҳуқуқи мардумро, ҳифзи саломатиашонро, амнияти роҳҳо ва бехатарияшонро таъмин намояд;

-мардумро сари чанд вақт қабул намояд ва аз ҳоли онҳо огоҳ бошад.

**Фармонҳои амирон ва ҳокимон** аз қадим манбаи боэътимоди ҳуқуқ дар ҳамаи халқу миллатҳо маҳсуб мешавад. Дар таърихи давлатдории тоҷикон низ ин манбаъ васеъ истифода мешуд. Аз Пешдодиён сар карда,

то Сосониёну Сомониён ва ин тараф то Инқилоби Октябр тамоми халқиятҳои ҳукуматгари ин минтақа аз ин усули танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ васеъ истифода намудаанд. Дар ин раванд фармону амрҳои синфи ҳоким ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти мардумро ба танзим медаровард. Албатта, зиёд буданд манбаъҳое, ки моҳияти синфӣ доштанд, вале дар байни онҳо санадҳое, ки моҳияти инсондӯстӣ, адлпарастӣ ва меҳрварзӣ доштанд, кам набуданд. Бояд қайд кард, ки Эъломияи Куруши кабир оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон соли 539 қабл аз милод, "Насиҳатнома"-и Тоҳир ибни Ҳусайн ба писараш Абдулло дар асри IX аз зумраи ҳамин гуна сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Чунин сарчашмаҳои пурарзиши ҳуқуқӣ дар давлатдориҳои баъдӣ низ зиёд мушоҳида мешаванд.

Инак, чанд мисол аз ҳимояи ҳуқуқи инсон:

Ҳангоме ки давлатдории чодарнишинони муғулӣ дар Осиёи Миёна ва Хуросон ба бӯҳрон гирифтор шуд, онҳо аз ҳуқуқшиносони маҳаллӣ дархости чораҷӯӣ намуданд. Он рӯзгор роҳи ягонаи халосиро ҳам ҳукумат ва ҳам ҳуқуқшиносон дар таъмини адл ва ҳимояи ҳаққи мардум диданд. Ва барои он ки адл ҷорӣ шавад, эътирофи ҳокимияти судӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳокимият, ки дар ҳалли баҳсҳо адолатро муқаррар мекард, зарур буд. Аз ин рӯ хони муғул Ғозонхон бо пешниҳоди ҳуқуқшиносони маҳаллӣ ва қозии Ҳирот Сайид Фахриддин фармони махсусе дар бораи дахлнопазирии судяҳо (қозиҳо) қабул менамояд. Бояд қайд кард, ки фармони мазкур то дараҷае адлпарвар ва зарур буд, ки умри империяи аз байнрафтаистодаи муғулро дар сарзамини Осиёи Миёна ва Хуросон боз ба мӯҳлати 50 сол дароз намуд. Сабаби асосӣ он буд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон тавассути дахлнопазирии фаъолияти қозиҳо роҳи ҳимояи худро касб кард.

**Ба маълумоти ҳамаи баскокон, маликҳо ва оионе, ки аз номи мо ҳукумат меронанд, расонида мешавад, ки дар мулкҳои онҳо мо қозиҳо таъин намудаем. Дар ҳалли баҳсҳо... қарори қатъиро қозиҳо мебароранд. Қозиҳо бояд амволи ятимон ва ғайбзадагонро ҳифз кунанд. Ҳеҷ кас, қатъи назар аз он ки ӯ кист, ҳақ надорад, ба кори қозӣ далолат кунад. Ва ҳеҷ кас ҳақ надорад, гунаҳкореро, ки қозӣ аз озодӣ маҳрум намуда, ба маҳбас кашидааст, аз маҳбас озод намояд... Қозиҳо аз супоридани андоз, молиёти дигар ва копчур озоданд... Ҳар нафари дар назди қозӣ алфози қабеҳгӯяндаро мутасаддиён ҳатман ҷазо бидиҳанд...**

**-Қозӣ набояд аз касе чизе ситонад...**

**-Қозӣ набояд дар тахти зӯрӣ ва маҷбурият парвандаҳоро бинад.**

**Бигузор, қозиҳои мулкҳо бидонанд, ки ҳамаи фаъолияти мо барои барқарории адолат байни мардум ва решакан намудани беадолатӣ, зӯрӣ, маҳдудкунии даъвоҳои беасос... равона шудааст. Ҳуқуқ ба оне дода шавад, ки ҳаққи ӯст, дарвозаи фиребгарӣ, зӯрӣ ва дуздӣ баста шавад...**

***Фармон аз 25.03.1300.***

Ҳамин тавр, тайи муддати тӯлонии давлатдорӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон сарчашмаҳои мухталифи ҳуқуқӣ мавриди амал ва татбиқ қарор

гирифтаанд, ки дар аксари онҳо арзишҳои волои ҳуқуқӣ оид ба эътироф ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон тарҳрезӣ шудаанд.

**Савол ва супоришҳо**

*1. Сарчашмаи ҳуқуқӣ чист?*

*2. Сарчашмаҳои ҳуқуқии Тоҷикистони таърихиро оид ба ҳуқуқи инсон номбар кунед.*

*3. Инъикоси ҳуқуқҳои инсонро дар Қуръон шарҳ диҳед.*

*4. Дар ҳадисҳо кадом ҳуқуқҳои инсон таҷассум ёфтаанд?*

*5. Дар "Захират-ул-мулук"-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кадом ӯҳдадориҳои ҳокимон зикр шудаанд?*

*6. Кадом асарҳои олимони гузаштаи ҳуқуқшиноси тоҷикро медонед?*

*7. Дар бораи фармонҳои амирон ва ҳокимон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ маълумот диҳед.*

# БОБИ 3
# ҲУҚУҚИ ИНСОН: ПРИНСИПҲО ВА НАВЪҲО

## §7. ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

**1.МАФҲУМИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ИНСОН.** Ҳуқуқу озодиҳои инсон идеалҳои инсондӯстӣ, адолат, озодӣ, баробарҳуқуқӣ, тоқатпазириро (толерантиро) таҷассум мекунанд. Амалишавии хуқуқҳои инсон барои инкишофи ҷомеаи муосир, ҳимояи имрӯзу фардои инсоният нақши ҳалкунанда мебозад. Дар машғулиятҳои гузашта мо аллакай бо мафҳуми "моҳияти хуқуқҳои инсон" шинос шуда, ҷиҳатҳои асосии онро баррасӣ намудем.

***Ба хотир оред, кадом хосиятҳо ва ҷиҳатҳои асосӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон хосанд?***

Ғояҳо ва муқаррарот дар бораи моҳият ва аҳамиятнокии хуқуқ ва озодиҳои инсонро, ки бо таъбироти мӯъҷаз ва рехта ифода гардида, ба сифати ҳадафҳо ва нишонҳо баҳри минбаъд амалишавии онҳо баромад мекунанд, аксаран принсипҳои ҳуқуқи инсон меноманд. Ин принсипҳо асоси арзишманди ҳуқуқу озодиҳои инсонро ташкил медиҳанд.

**Принсипҳои ҳуқуқи инсон ғояҳои бунёдие мебошанд, ки мундариҷа ва таъиноти иҷтимоии ҳуқуқи инсонро муайян мекунанд.**

Барои тавсифи принсипҳои асосӣ, ки бунёди риояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро ташкил медиҳанд, маънии мафҳумҳоеро чун "гуманизм" (инсондӯстӣ), "баробарҳуқуқӣ", "демократизм", "ҳамраъйӣ", "толерантнокӣ", "шаъну эътибор" ва ғайра ба хотир овардан лозим аст.

Ба ин тариқ, гуманизм системаи ақидаҳоест, ки инсонро чун арзиши

олитарин дар рӯи Замин эътироф мекунад. Бо идеалҳои гуманизм эҳтироми шаъну эътибори ҳар як одам, эътироф кардан, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шахсият пайванди ногусастанӣ дорад.

***Ба хотир оред, ки зери истилоҳи "шаъну эътибори одам" чиро мефаҳманд?***




**Расми 5. Принсипҳои ҳуқуқи инсон**

Ҳамаи одамон шаъну эътибор ва ҳуқуқҳои баробар доранд. Баробарҳуқуқӣ озодии якхелаи ҳуқуқӣ барои ҳамаи одамон, сарфи назар аз ҷинс, нажод, мавқеи ҷамъиятӣ ва шароити зиндагӣ, низоми ақидаҳо ва эътиқодмандиҳои онҳост. Баробарҳуқуқӣ бо мафҳуми "демократизм" алоқамандии зич дорад, зеро дар давлату ҷомеаи демократӣ тартиботе муқаррар мегардад, ки иштироки баробари ҳамаи одамон дар ҳалли масъалаҳои муҳим ва ба эътибор гирифтани фикри ҳар кадомеро таъмин менамояд. Муттаҳидшавӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, дастгирӣ, эътирофи ҳамдигар ва албатта, эҳтироми ҳуқуқҳои дигарон, масъулият барои рафтору амалҳои худ – ҳама мафҳуми "ҳамраъй"-ро таҷассум мекунанд. Баҳри амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчунин мафҳуми "таҳаммулпазирӣ", ки маънои эҳтиром, қабулу фаҳмиши дурусти гуногунрангии бои фарҳангҳои ҷаҳони мо, шаклҳои зудифшосозӣ ва усулҳои зоҳиршавии фарқиятҳои инсониро дорад, нақши муҳим мебозад. Толерантнокӣ омодагӣ ба қабули дигар одамон, тавре ки ҳастанд ва бо онҳо дар асоси баробарҳуқуқӣ, ризоият ва эҳтироми якдигар ҳамкорӣ карданро пешбинӣ менамояд.

Ҳамаи мафҳумҳои дар боло зикршуда бунёди принсипҳои асосии ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд.

**2. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН.** Ба принсипҳои асосии ҳуқуқу озодиҳои инсон инҳо мансубанд: **умумият** ва **универсалӣ** будани ҳуқуқҳои инсон; **содиранопазирии** (ҷудонопазирии) ҳуқуқҳои инсон; **тақсимнашавандагӣ** ва **ҳамбастагии** ҳуқуқҳои инсон; **баробарӣ** ва **манъи маҳдудсозии** онҳо дар асосҳои табъизӣ.

Умумият ва универсалӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон яке аз принсипҳои асосӣ маҳсуб мешавад.

**Универсалӣ, яъне оммавӣ, умумӣ будан аст. Универсализм маънии мавҷудияти хосиятҳои ҳамаро фарогирандаю гуногунҷабҳаест, ки бо аҳамиятнокии гуногунранги функсияҳои гуногунро иҷрокунанда барои бисёр мақсадҳо қобили қабул аст.**

Принсипи умумиятнокӣ ва универсалӣ будан чунин маъниҳо дорад: **якум**, ҳамаи одамони рӯи Замин, сарфи назар аз мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ, динӣ ва ғайра, соҳиби ҳуқуқу озодиҳо мебошанд; **дуюм**, ҳамаи ҳуқуқу озодиҳо аз нуқтаи назари эътирофи мундариҷаи онҳо универсалианд, яъне ҳуқуқу озодиҳои аз ҷониби умум эътирофшудае чун ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ, озодии эътиқод, озодии ҷойивазкунӣ ва бисёр ҳуқуқу озодиҳои дигар ба ҳамаи одамон, сарфи назар аз сохти давлатию сохтори ҷамъиятӣ, режими сиёсӣ, махсусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва динӣ, мақоми байналмилалии мамлакате, ки ин одамон дар он зиндагӣ мекунанд, мансубанд; **сеюм**, одам ҳар ҷое бошад ва ҳар қадар тағйири макон кунад ҳам (ҳатто дар ҷазираи беодам) ӯ соҳиби ҳуқуқу озодиҳои асосӣ мебошад; **чорум**, ҳуқуқи инсон кори дохилии давлате нест, ки одам шаҳрванди вай маҳсуб мешавад, Дар ҷаҳони имрӯза масъалаҳои ҳуқуқи инсон боиси нигаронии қариб ҳамаи давлатҳо, тамоми ҷомеаи байналмилалӣ гардидаанд.

Дигар принсипи муҳимтарин содиранопазирии (ҷудонопазирии) ҳуқуқҳои инсон мебошад. Моҳияти вай аз он иборат аст, ки ҳуқуқҳои инсон ба ҳар одами дар ҷаҳон зиндагикунанда ба он сабаб, ки вай ИНСОН мебошад, аз лаҳзаи таваллуд мансубанд. Касе ва чизе асосе надоранд, ки одамро аз ҳуқуқу озодиҳои табиатан ба ӯ мутааллиқу дар қонунгузориҳои байналмилалӣ ва миллӣ зикргашта маҳрум созанд. Ва худи одам ҳам моҳияти инсонии худро гум накарда, ҳуқуқҳои ҷудонопазири хешро рад карда наметавонад.

Ба принсипҳои асосӣ  ҳамчунин принсипи тақсимнашавандагӣ ва ҳамбастагии ҳуқуқҳои инсон мутаалиқ аст. Моҳияти вай аз он иборат аст, ки комилан ҳамаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба ҳамдигар вобастаанд. Вайрон кардани як гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳо ҳатман боиси вайрон гардидани гурӯҳи дигари ҳуқуқу озодиҳо мегардад. Масалан, бе амалишавии як силсила ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) – ҳуқуқи мурочиат кардан ба суд ва муҳокимаю баррасии одилонаи судӣ), сиёсӣ (озодии сухан, ҳуқуқ бахри иштирок кардан дар гирдиҳамоиҳо ва намоишҳо) баъзан ҳимоя кардани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба сатҳи шоистаи зиндагӣ, раҳоӣ аз гуруснагӣ) номумкин аст.

Тақсимнашавандагии ҳуқуқҳои инсон монеае дар роҳи табъизи одамон бо ҳар гуна асосҳо шуда, ба амалишавии боз як принсип – баробарии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зич вобаста аст.

**Табъиз маънои ҳама гуна фарқиятгузорӣ, истисно кардан ва афзалиятнокиро дорад, ки ба таври баробар амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳоро рад мекунад ё маҳдуд мегардонад.**

Принсипи мазкур чунин маънӣ дорад, ки ҳамаи одамон ба якдигар бояд чун ба ашхоси баробари худ муносибат кунанд. Ҳуқуқҳо ба ҳама, сарфи назар аз баромади иҷтимоӣ, вазъи амволию мансабӣ, навъи шуғл, эътиқодмандӣ, ҷаҳонбинӣ, мансубият ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё ҳизбҳои сиёсӣ, миллат ва забон, эътиқоди динӣ, ҷинс ва синну сол, кафолат дода мешаванд: занҳо бо мардон ва кӯдакону ҷавонон бо калонсолон баробарҳуқуқанд, ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Принсипи баробарҳуқуқӣ имтиёзҳои ноадолатонаро эътироф накарда, ҳама гуна табъизро, бо чӣ асосе бошад, манъ мекунад. Аз ин рӯ, принсипи манъи маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон бо асосҳои табъизӣ низ яке аз принсипҳои муҳимтарин маҳсуб мешавад. Аммо баъзе ҳуқуқҳои инсонро давлат тибқи қонун ва танҳо ба манфиати амнияти ҷомеа, ҳимояи ахлоқ, саломатӣ ва ҳуқуқҳои дигар одамон, масалан, дар ҳолатҳои фавқулодда метавонад маҳдуд кунад.

***Фикр кунед ва мисолҳои ба Шумо маълуми табъизро гӯед.***

Мутаассифона, дар ҷаҳони имрӯза вайрон кардани принсипҳои заминавии ҳуқуқҳои инсон дар ҳама ҷо мушоҳида мешавад. Барои бисёр халқҳои маҳрум аз хӯрокӣ, манзил, таъминоти тиббӣ, имконияти меҳнат кардану ба андозаи баробар подоши меҳнати худро гирифтан, амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил, масъалаи амалигардонӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон танҳо орзу асту бас. Нажодпарастӣ, миллатгароӣ, оштинопазирии сиёсию динӣ, терроризм, шиканҷа, гум шудани одамон, рад кардани ғояҳои шаъну эътибори инсон – ҳамаи инҳо ба принсипҳои асосии ҳуқуқу озодиҳои инсон зарба мезананд. Ва имрӯз вазифаи муҳимтарини тамоми ҷомеаи байналмилалӣ, ҳамаи одамони сайёра аз он иборат аст, ки баҳри барҳақ универсалӣ ва ҷудонопазир гардидани ҳуқуқҳои инсон дар саросари ҷаҳон тамоми саъю кӯшишҳояшонро равона созанд.

**3. ТАҲКИМИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.** Принсипҳои асосии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории миллӣ таҷассуми худро ёфтаанд.

Чунончи, тибқи моддаи 5-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олианд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Моддаи мазкур аҳамияти махсусро дорост, зеро он ғояҳои инсондӯстӣ, эҳтиром кардани қадру эътибори ҳамаи одамон, ӯҳдадориҳои давлатро бобати эътироф кардан ва ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои асосӣ таҳким мебахшад. Ғайр аз ин тибқи моддаи 42-и Конститутсия дар қаламрави Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки ҳуқуқу озодиҳо ва шаъну эътибори дигар одамонро эҳтиром намояд.

Моддаи 17-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои баробарҳуқуқӣ ва манъи табъизро инъикос мекунад. Мувофиқи ин модда ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ, эътиқоди динӣ, ақидаҳои сиёсӣ, маълумотнокӣ, вазъи иҷтимоию молӣ, ҳуқуқу озодиҳои ҳар фардро кафолат медиҳад. Баробарҳуқуқии мардҳо ва занҳо эътироф карда мешавад.

Дар моддаи 14-и Конститутсия нуктае таҳким ёфтааст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ гардонида мешаванд ва маҳдудсозии онҳо танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигар шаҳрвандон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ мумкин аст.

Бисёр принсипҳои заминавии ҳуқуқҳои инсон инъикоси худро дар дигар санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёфтаанд. Масалан, дар Кодекси меҳнат моддаҳое ҳастанд, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ зӯровариро манъ мекунанд. Дар моддаи 1-и Кодекси оила омадааст:...Ҳама гуна шаклҳои маҳдудсозии ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми бастани ақди никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ аз рӯи аломатҳои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ ва ё мансубияти динӣ манъ аст.

Бисёр моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ низ принсипҳои ҳуқуқу озодиҳои инсонро таҳким бахшидаанд. Масалан, дар моддаи 3-и Кодекси ҷиноятӣ возеҳ омадааст, ки қонуни ҷиноӣ ба принсипҳои қонуният, баробарӣ дар назди қонун, инсондӯстӣ, демократизм асос мекунад.

Мутобиқи моддаи 3-и Кодекси гражданӣ қонунгузории гражданӣ ба принсипҳои дахлнопазирии моликият, озодии қарордодҳо, роҳ надодани дахолати ин ё он нафар ба корҳои шахсӣ, зарурати бемонеа амалисозии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, таъмини барқарорсозии ҳуқуқҳои шаҳрвандии вайроншуда ва ҳимояи судии онҳо асос меёбад.

Ба ин тариқ, қонунгузориҳои ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои асосии ҳуқуқу озодиҳои инсонро таҳким бахшидаанд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:**
*принсип, универсализм, табъиз.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Зери ибораи "принсипҳои ҳуқуқи инсон" чиро мефаҳманд? Асоси принсипҳои ҳуқуқи инсонро кадом мафҳумҳои муҳимтарин ташкил медиҳанд? Принсипҳои асосии ҳуқуқи инсонро номбар кунед.*

*2. Ин гуфтаҳоро бодиққат хонед: "Инсондӯстӣ реша ва меваи накӯкорист: оне сазовори таъзим кардан аст, ки соҳиби ин хислат мебошад" (Конфусий); "Зери мафҳуми инсондӯстӣ муносибати барҳақ хайрхоҳонаи одам ба одами наздики худ фаҳмида мешавад" (А.Швейсер); "Агар хоҳем, ки моро эҳтиром кунанд, мо низ бояд ба дигар одамон ва умуман, ба инсоният эҳтиром дошта бошем" (И.Кант). Ба андешаи Шумо, ҳамаи ин суханонро чӣ муттаҳид мекунад? Ин ҷо дар бораи кадом принсипҳои ҳуқуқи инсон сухан меравад?*

*3. Шумо маънии истилоҳи "таҳаммулпазирӣ" (толерантнокӣ)-ро чӣ навъ мефаҳмед?*

*4. Ба андешаи Шумо, агар одам сатҳи шоистаи зиндагӣ надошта бошад, оё принсипҳои заминавии ҳуқуқу озодиҳои инсон вайрон карда мешаванд?*

*5. Оё принсипҳои асосии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким бахшида шудаанд?*

## § 8. ТАСНИФИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

**1.МЕЪЁРҲОИ ГУНОГУНИ ТАСНИФИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.** Ҳар як одам аз лаҳзаи таваллуд то лаҳзаи марг дорои маҷмӯи васеи ҳуқуқу озодиҳои ба ҳам алоқаманду вобастаи якдигар мебошад. Бинобар ин ногузир хоҳиши дар системаи ягона нишон додани ҳамаи ин ҳуқуқу озодиҳои гуногун ва тақсим кардани онҳо аз рӯи аломатҳои (меъёрҳои) хосашон, яъне таснифи онҳо пайдо мешавад.

**Тасниф системаи ба андозаи баробар тобеъсозии мафҳумҳост, ки дар асоси ба назар гирифтани аломатҳои умумӣ ва алоқамандиҳои қонунии байни онҳо мураттаб гардидааст.**

Чунин аломатҳои (меъёрҳои) умумӣ инҳо шуда метавонанд: соҳаҳои фаъолияти ҳаётии инсон, замони пайдошавии ҳуқуқу озодиҳо, ашхосе, ки ба онҳо мансубанд, имконияти маҳдудсозии онҳо, таҳкимбахшӣ дар санадҳои меъёрӣ ва ғайра. Ҳамаи инҳоро мо дар параграфи мазкур баррасӣ менамоем. Бо баъзе навъҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон Шумо аллакай шиносед.

*Дар машғулиятҳои гузашта мо аллакай кӯшиши муайян намудани фарқияти байни мафҳумҳои "ҳуқуқҳо" ва "озодиҳо"-ро кардем. Ба хотир оред, ки онҳо чигунаанд? Фикр кунед, ҳуқуқу озодиҳои табиӣ ва позитивӣ бо кадом аломатҳои умумӣ тавсиф мешаванд?*




**Расми 6. Таснифи ҳуқуқҳои инсон**

Аммо ба таври аниқу дақиқ ба гурӯҳҳо (намудҳо) ҷудо кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон на ҳамеша имконпазир аст ва ҳама гуна таснифот шартист, зеро ҳар як ҳуқуқ метавонад дар шаклҳои гуногун амалӣ шавад. Масалан, ҳуқуқи ҳар як одам ба таҳсил ҳам чун талаботи инкишофи ҳар як шахсият (соҳиб шудан ба донишҳо ва малакаҳои нав), ҳам чун фаъолияти давлат бобати фароҳам овардан шароитҳо баҳри таълими шаҳрвандон (сохтмони мактабҳо, нашри китобҳои дарсӣ, тайёр кардани муаллимон) ва ҳатто чун навъи эҷодиёти инсон (иштирок дар машғулиятҳои мактаби мусиқӣ ва ғайра) амалӣ мешавад. Пас ҳуқуқ ба таҳсилро ҳам чун ҳуқуқи шахсии ҳар як одам, ҳам чун ҳуқуқи иҷтимоӣ, ки давлат кафолат медиҳад ва ҳам чун ҳуқуқи фарҳангӣ баррасӣ кардан мумкин аст.

Ҳангоми таснифи ҳуқуқу озодиҳо ба гурӯҳҳо ва намудҳо ҳамчунин бояд дар хотир дошт, ки ҳуқуқу озодиҳоро ба асосию дуюмдараҷа тақсим кардан нашояд. Ягон ҳуқуқ бояд боло бардошта ва бар зарари ҳуқуқи дигар тафсир бахшида нашавад, ҳар як ҳуқуқ барои мукаммал будани зиндагии инсон зарур аст ва бо ҳуқуқи дигар набояд иваз карда шавад.

**2. ТАСНИФ АЗ РӮИ СОҲАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ҲАЁТӢ.** Дар ҷаҳони имрӯза яке аз тақсимоти маъмули ҳуқуқу озодиҳои инсон ба намудҳо тасниф аз рӯи соҳаҳои фаъолияти ҳаётии одам ва ҷамъият мебошад, ки дар онҳо ин ҳуқуқу озодиҳо амалӣ мешаванд.

Амалан дар ҳамаи санадҳои меъёрии байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва дохилидавлатии ба ҳуқуқҳои инсон умуман (на ба ягон гурӯҳи алоҳида) бахшидашуда ҳуқуқу озодиҳо ба шахсӣ (шаҳрвандӣ), сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ тақсим карда шудаанд.

Ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) на танҳо ба шаҳрвандони давлат, балки ҳамаи одамоне, ки дар қаламрави он зиндагӣ мекунанд, мутааллиқанд. Онҳо асоси мақоми ҳуқуқии одамро ташкил дода, аз нигоҳи баромад характери табиӣ доранд ва ба ҳар кас аз лаҳзаи таваллуд бе ягон маҳдудият мутааллиқанд. Мубориза бо вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ вазифаи давлат мебошад. Ҳуқуқҳои муҳимтарини ин гурӯҳ инҳоянд: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсият, озодӣ аз ғуломӣ, зӯроварӣ ва маҷбурсозӣ, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва манзил, озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ, озодии бастани ақди никоҳ ва ғайра.

Ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ имконияти иштироки одамро (чун қоида, шаҳрванди мамлакатро) дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, дар ташаккул ва амалишавии ҳокимияти давлатӣ ифода мекунанд. Ҳуқуқҳои сиёсӣ ба мустаҳкам намудани алоқамандии шаҳрванд бо ҷомеа ва давлат нигаронида шудаанд. Ҳадафи онҳо роҳ надодан ба муносибати бетарафонаи одамон ба тақдир ва фаъолияти давлати худ аст, бинобар ин онҳоро ҳуқуқҳои оммавӣ низ мегӯянд. Ба ҳуқуқҳои сиёсӣ инҳо мансубанд: озодии сухан ва эътиқод, ҳуқуқи дастрасӣ ба хизмати давлатӣ, ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳуқуқи иштирок дар ҳаракатҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, озодии

ҷамъомадҳо, намоишҳо ва ғайра. Ҳуқуқҳои сиёсӣ ҳам ба таври инфиродӣ ва ҳам якҷоя бо дигар ҳуқуқҳо метавонанд амалӣ шаванд.

Ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба таъмини некӯаҳволӣ ва сифатнокии ҳаёти одам нигаронида шудаанд. Ин ҳуқуқҳо ба одам имконият медиҳанд, ки дар соҳаи истеҳсолот ва тақсими неъматҳо инкишоф ёбад, кафолат ва ҳимояи давлатии озодии иқтисодӣ ва мӯътадилии ҳаёти иҷтимоии худро соҳиб шавад. Ба ин гурӯҳи ҳуқуқҳо мансубанд: ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқи меросгирӣ, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи саломатӣ ва ғайра.

Ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ инкишофи маънавии одамро кафолат дода, ба ҳар як фард кӯмак мекунанд, ки иштирокдори комилҳуқуқи пешрафти маънавию фарҳангӣ гардад. Ба ҳуқуқҳои фарҳангӣ инҳоро мансуб донистан мумкин аст: ҳуқуқи дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи ройгон истифода кардани захираи бойгониҳою китобхонаҳо, ҳуқуқи истифода аз забони модарӣ, ҳуқуқ ба инкишофи фарҳанг вобаста ба мансубияти миллию этникии худ ва ғайра.

***Фикр кунед, ҳуқуқу озодиҳои зерин ба кадоме аз гурӯҳҳои зикршуда мансубанд: ҳуқуқ ба баррасии боадолатонаи судӣ ва ҳуқуқ ба кӯмаки адвокат дар суд, ҳуқуқ ба муҳити мусоиди зист, ҳуқуқ ба иттилоот, озодии эҷодиёт, ҳуқуқ ба гирифтани кӯмакпулиҳо?***

**3. ТАСНИФ АЗ РӮИ ЗАМОНИ ПАЙДОИШ.** Ба ҷуз таснифоти зикршуда аз рӯи соҳаҳои асосии фаъолияти ҳаётии ҷомеа эътироф шудааст, ки ҳуқуқҳои инсон ҳамчунин аз рӯи замони пайдоиш ва таҳкимёбӣ дар аснод ба се насл зертақсим гарданд: **якум** (охири асри XVIII), **дуюм** (охири асри XIX), **сеюм** (солҳои 70-уми асри XX).

Ғояи наслҳои ҳуқуқи инсон аз шиорҳои Инқилоби бузурги Фаронса **"Озодӣ, баробарӣ, бародарӣ!"** таврид гашта, аз ҷониби ҳуқуқшиноси француз Карел Васак таҳия шудааст. Ба андешаи ӯ, арзишмандии озодии шахсият дар насли якуми ҳуқуқҳои инсон, ғояи баробарии иҷтимоӣ дар насли дуюм ва ғояи бародарии халқҳо дар насли сеюм инъикос ёфтааст.

***Ба хотир оред, Инқилоби бузурги Фаронса кай ба амал омадааст? Ба фикри Шумо, чаро мо вобаста ба омӯзиши ҳуқуқҳои инсон натиҷаҳои онро ба хотир овардем?***

Ба насли якуми ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсиро, ки дар натиҷаи инқилобҳои демократӣ дар Аврупо ва ИМА дар охири асри XVIII ба амал омада, ба таври васеъ машҳур гардиданд, мансуб медонанд. Эъломияи қонунии онҳо ба сифати ҳуқуқҳои табиии мутааллиқ ба ҳар одам нахустин маротиба дар Эъломияи ҳуқуқҳои Вирҷинӣ (соли 1776). Билли амрикоӣ оид ба ҳуқуқҳо (солҳои 1789-1791), Эъломияи фаронсавии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд (соли 1789) ба амал омад. Ҳуқуқҳои насли аввал ба одам аз лаҳзаи таваллуд мансуб буда, ҷудонопазиранд ва аз

ҷониби давлат набояд маҳдуд карда шаванд. Ба насли якум ҳуқуқҳои зерин мансубанд: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодӣ ва амният, ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодии сухан, озодии эътиқоди динӣ ва ғайра.

Насли дуюми ҳуқуқҳои инсон дар бораи худ дар раванди муборизаҳо бо нобаробариҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои некӯаҳволии моддии аҳолӣ, дар рафти баромадҳои иқтисодӣ, ки дар охири асри XIX дар тамоми ҷаҳон ба амал омаданд, дарак дод. Ҳуқуқҳои насли дуюм ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангианд. Ин ҳуқуқҳо бори аввал расман дар Конститутсияи Иёлоти Муттаҳидаи Мексика (соли 1917), Конститутусияи веймарии Олмон (соли 1919), Конститутсияи Ҷумҳурии Испания (соли 1931) ва албатта, дар Конститутсияи ИҶШС (соли 1936) ва конститутсияҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ инъикос ёфтанд. Онҳо ғояҳои таҳкими шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҳаёти инсонро дар соҳаҳои меҳнат, маишат, шуғл, некӯаҳволӣ, ҳифзи иҷтимоӣ таҷассум мекарданд. Ҳаҷму дараҷаи амалишавии ин ҳуқуқҳо аз бисёр ҷиҳат ба вазъи иқтисодии мамлакат вобаста аст. Ба ин гурӯҳ чунин ҳуқуқҳо мансубанд: ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба интихоби касб, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра.

Ташаккули насли сеюми ҳуқуқҳои инсон дар нимаи дуюми асри XX ҳамчун натиҷаи муборизаи бисёр халқҳои ҷаҳон барои истиқлолияти миллӣ ва озодшавӣ аз юғи мустамликавӣ оғоз ёфт. Ин ҳуқуқҳоро аксаран ҳуқуқҳои ҳамраъӣ меноманд. Онҳо ғояи баробарии халқҳои ҷаҳонро таҷассум мекунанд, зеро ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ ба шумор мераванд. Ба ин насл инҳоро мансуб медонанд: ҳуқуқ ба сулҳ, ҳуқуқ ба халъи силоҳ, ҳуқуқ ба инкишоф, ҳуқуқ ба муҳити мусоиди зист, ҳуқуқ ба мероси умумии инсоният, ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ, ҳуқуқ ба озодӣ аз геносид ва апартеид ва ғайра.

Бо ташаккулу таҳкимёбии ҳуқуқҳои насли сеюм дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дарки алоқамандӣ ва ҳамбастагии ҳуқуқҳои инфиродию дастаҷамъона пайдо шуд. Ғайр аз ин ба навъи мазкур ҳуқуқҳои гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ: ҳуқуқҳои кӯдакон, пиронсолон, ашхоси имкониятҳои маҳдуддошта, занҳо, бехонаҳо, бекорон ва ғайраро мансуб медонистагӣ шуданд.

Зери таъсири ҷаҳонишавӣ (глобализатсия), пешрафти илмӣ- техникӣ, алалхусус дар соҳаи генетика, тиб, информатика, клонсозӣ, трансплантатсия (гирифта партофтан ё пайванди узвҳои одам) номгӯи ҳуқуқҳои нав беш аз пеш меафзояд. Дар натиҷа ақидаҳо оид ба барқарору пайдошавии насли чоруми ҳуқуқҳои инсон ба миён меоянд, ки ҷавоби ҳуқуқие хоҳад гашт ба рӯйдодҳои асри XXI, вақте шояд сухан дар бораи зинда мондани инсон ҳамчун навъи биологӣ, ниғоҳдории тамаддуни инсонӣ, инкишофи кайҳонии инсоният меравад.

**4. НАВЪҲОИ ДИГАРИ ТАСНИФОТ.** Шумораи хеле зиёди навъҳои дигари таснифот мавҷуданд. Масалан, аз рӯи мақоми сиёсӣ-ҳуқуқии шахсият (дар одам мавҷуд будани шаҳрвандии давлат) ҳамаи ҳуқуқу озодиҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст: ҳуқуқу озодиҳои ба **ҳар одам мутааллиқи** сарфи назар аз шаҳрвандии ӯ амалишаванда ва

ҳуқуқу озодиҳои **мутааллиқ танҳо ба шаҳрванди ҳар як давлати мушаххас**. Дар ин ҳолат ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, масалан, ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ва ғайраро асосан шаҳрвандони давлат амалӣ месозанд.

Аз рӯи субъектҳо чунин фарқиятҳо мегузоранд: **ҳуқуқҳои инфиродии ба ҳар одам мутааллиқ**, масалан: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба меҳнат ва ғайра ва **ҳуқуқҳои дастаҷамъонаи мутааллиқ ба гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ**, масалан: ҳуқуқҳои халқҳо, ҳуқуқи ақаллиятҳо, ҳуқуқи категорияҳои камҳимояи аҳолӣ (кӯдакон, занҳо, пиронсолон, маъюбон, гурезаҳо, меҳнаткашони муҳоҷир, маҳбусон). Як қисми ҳуқуқҳои коллективӣ ҳамзамон ба таври инфиродӣ низ амалӣ шуда метавонанд (масалан, ҳуқуқи диндорон), қисми дигар танҳо ба таври коллективӣ амалӣ мешаванд (иштирок дар гирдиҳамоиҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта).

**Субъект шахс, гурӯҳи одамон, ташкилот ё ягон иттиҳодияи дигаре, ки мувофиқи қонунгузории мамлакат соҳиби ҳуқуқҳо буда, ба зимма ӯҳдадориҳо низ дорад.**

Меъёри дигари таснифот таҳкими ҳуқуқу озодиҳо дар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ аст. Бо асоси мазкур ҳуқуқу озодиҳоро ба: **асосӣ (конститутсионӣ)** ва **муштак (мушаххасгардонанда)** тақсим кардан мумкин аст. Ҳуқуқҳои конститутсионӣ дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ёфта, нуктаҳои асосии асноди байналмилалиро таҷассум мекунанд. Онҳо тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон (шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ)-ро фаро мегиранд. Ҳуқуқҳои аз инҳо муштақ одатан дар санадҳои дигари меъёрӣ – ҳуқуқии миллӣ таҳким бахшида мешаванд.

Ҳамаи ҳуқуқу озодиҳо вобаста ба имконияти муваққатан маҳдуд кардани давлат ба **мутлақ**, ки боздоштану маҳдудсозии онҳо дар ягон ҳолат мумкин нест (масалан ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ аз шиканҷа) ва **нисбӣ**, ки ба мӯҳлати муайяне дар ҳолатҳои ҷорӣ кардани вазъияти фавқулодда ё вазъияти ҷангӣ маҳдуд кардан ва боздоштан мумкин аст (масалан, озодии ҷойивазкунӣ ва ғайра) ҷудо мешаванд. Чун қоида, ба ҳуқуқҳои мутлақ ҳамаи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ мансубанд.

Аз рӯи нақши давлат дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон гурӯҳҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст: ҳуқуқу озодиҳои **позитивӣ**, ки дар қонунгузории давлатӣ, чун қоида, дар шакли: "ҳар инсон ба... ҳуқуқ дорад", "давлат вазифадор аст, ки баҳри амалишавӣ ва ҳимояи онҳо тамоми шароитҳоро фароҳам орад" аниқу дақиқ муқаррар гардида ва таҳким ёфтаанд ва ҳуқуқу озодиҳои **негативӣ**, ки ба онҳо на давлат ва на шахси дигаре ҳуқуқи дахолат кардан надоранд. Ба ҳуқуқҳои позитивӣ мансубанд: масалан, қисми асосии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ – ҳуқуқ ба ҳимоя аз бекорӣ, ҳуқуқ ба таҳсил ва ёрии тиббӣ, таъминоти иҷтимоӣ, дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва ғайра. Ба ҳуқуқҳои негативӣ аксари озодиҳои шахсӣ мутааллиқанд, масалан, озодии эътиқоди динӣ, ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва ғайра.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *тасниф, наслҳои ҳуқуқҳои инсон, субъект.*

---

***Савол ва супоришҳо:***

*1. Тасниф чист? Кадом меъёрҳои таснифи ҳуқуқу озодиҳо ба Шумо маълуманд?*

*2. Ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии бароятон маълумро номбар кунед.*

*3. Фикр кунед, кадом ҳуқуқу озодиҳоро аллакай имрӯз ба насли чоруми ҳуқуқҳо мансуб донистан мумкин аст?*

*4. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва боби марбути ҳуқуқҳои инсони Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро бодиққат хонед ва нақшаи зерро пур кунед:*

| Конститустияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон | Эъломияи умумии ҳуқуқи башар |
|---|---|
| 1. Ҳуқуқҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ)<br>Моддаи ____________ | Моддаи ______________ |
| 2. Ҳуқуқҳои сиёсӣ<br>Моддаи____________ | Моддаи______________ |
| 3. Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ<br>Моддаи____________ | Моддаи______________ |
| 4. Ҳуқуқҳои фарҳангӣ<br>Моддаи____________ | Моддаи______________ |

# БОБИ 4
# АСОСҲОИ МАҲДУДСОЗИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ АСОСИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

## §9. АСОСҲОИ УМУМИИ МАҲДУДСОЗИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ АСОСИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

### 1. МАФҲУМИ МАҲДУДСОЗИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН.

Аз ҷониби ҳар як инсон амалисозии ҳуқуқу озодиҳояш бо масъулияти ӯ барои амалҳояш, инчунин ӯҳдадориҳои вай дар назди ҷомеа ва давлат пайвандиногусастанӣ дорад. Ҳар як одам дар интихоби амалҳои хеш озод аст, аммо чунин озодӣ ҳаргиз комилу мутлақ нест. Бинобар ин зарурати бо қонун таҳким бахшидани доираи муайяни рафтору амалҳои инсон мавҷуд аст. Бо ин мақсад ва баҳри муваффақшавӣ ба мувозинати байни манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат маҳдудиятҳои оқилонаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷорӣ карда мешаванд.

**Маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон бо қонунгузорӣ таҳким бахшидани ҳудудҳои зарурии амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигар одамон ва мӯътадил фаъолият кардани ҷомеа ва давлат аст.**

Аммо дар ҷаҳони имрӯзаи мутамаддин маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҳолатҳои муайяни зерин мумкин аст: бо мақсади эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқҳои дигар одамон; таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи сохти давлатӣ ва ғайра. Маҳдудсозиҳои ҷоришаванда бояд бо принсипҳои инсондӯстӣ, адолатнокӣ ва хушахлоқӣ мутобиқ бошанд.




**Расми 7. Асосҳои умумӣ барои маҳдуд кардани баъзе ҳуқуқҳои инсон**

Тадбирҳои маҳдудсозӣ набояд ғайриқонунӣ ва аз ҳад зиёд бошанд ва ҳуқуқу эътибори инсонро паст зананд. Чунончи, маҳдудсозиҳои қонунии ҳуқуқу озодиҳои инсон, масалан, маҳдудсозии ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандони хориҷӣ (ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ), маҳдудсозии ҳуқуқҳои ашхоси иллатдор (ҳуқуқ ба бастани ақди никоҳ), боздоштан ва ҳабскуниҳои қонунӣ ва ғайра шуда метавонанд.

? *Ба хотир оред, кадом ҳуқуқҳо нисбӣ ва мутлақ номида мешаванд?*

## 2. АСОСҲОИ УМУМИИ МАҲДУДСОЗИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИЛЛӢ.

Дар қонунгузориҳои ҳозираи байналмилалӣ ва миллии як қатор давлатҳо ду шакли асосҳои маҳдудсозии ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳким бахшида шудаанд: асосҳои умумии маҳдудсозиҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар шароитҳои муқаррарӣ мумкин аст ва асосҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳангоми вазъиятҳои фавқулодда.

Асосҳои умумии маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар шароитҳои муқаррарӣ дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар таҳким бахшида шудааст:

**Ҳар як инсон дар бобати татбиқи ҳуқуқу озодиҳои худ бояд танҳо ба дараҷае маҳдуд карда шавад, ки аз тарафи қонун фақат бо мақсади таъмини эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва қонеъ гардонидани талаботи одилонаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии умумӣ дар шароити ҷомеаи демократӣ муқаррар карда шудааст.**

***Қисми 2-и моддаи 29-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар.***

Маҳдудсозиҳои ҳуқуқӣ дар моддаи 19-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ зикр шудаст, ки ҳуқуқи инсонро ба баёни озодонаи афкор таҳким мебахшад. Дар банди 3-и моддаи 19 омадааст: ҳуқуқи мазкур бо баъзе маҳдудиятҳо, ки бояд бо қонун муқаррар гарданд ва онҳо ногузиранд, вобастагӣ дошта бошанд: а) барои эҳтироми ҳуқуқҳо ва нуфузи дигар одамон; б) барои муҳофизати амнияти давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, тандурустӣ ва маънавиёти аҳолӣ. Ғайр аз ин дар ҳуҷҷати мазкур имконпазирии манъи амалҳои зидди инсондӯстонаю бадахлоқона – тарғиби ҷанг, ҳама гуна тазоҳурот ба манфиати бадбиниҳои миллӣ, нажодӣ ё динӣ, ки як навъ барангезандагиро ба табъиз, душманию зӯроварӣ (моддаи 20) мемонанд, пешбинӣ гардидаанд. Тибқи моддаи 4-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ танҳо чунин маҳдудсозиҳое иҷозат дода мешаванд, ки бо қонун муайян мегарданд ва ин ҳам танҳо ба он хотир аст, ки вай бо табиати ҳуқуқҳои таҳкимёфта мувофиқ меояд ва ҳадаф аз он мусоидат кардан ба некӯаҳволии умумӣ дар ҷомеаи демократӣ мебошад.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҷорӣ кардани маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар шароитҳои муайян бо мақсади нигоҳдории тартибот, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои одамон ва дигар арзишҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол эътироф менамояд.

**Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо [redacted] мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво диниста мешавад.**

*Қисми 3-и моддаи 14-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳури Тоҷикистон.*

Дар ин маврид Конститутсия маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои мушаххасро пешбинӣ менамояд. Масалан, дар қисми 4-и моддаи 27 омадааст: «Шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок кардан надоранд».

Моддаҳои дар боло овардашуда ва дигар нуктаҳои ба асосҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон бахшидашудаи Конститутсия дар санадҳои алоҳидаи меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфта ва мушаххас гардонида шудаанд. Масалан, тибқи қисми 5-и моддаи 8-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Дар ин маврид Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин амалҳоро манъ карда, барои барангехтани ҷанги миллӣ, нажодӣ, маҳаллӣ ё динӣ (моддаи 189), ғасби зӯроваронаи ҳокимият (моддаи 306), даъватҳои оммавӣ ба зӯроварона дигаргун сохтани сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 307) ҷазоҳо пешбинӣ менамояд.

**3. КОНСТИТУТСИЯИ (САРҚОНУНИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МАҚСАДҲОИ МАҲДУДСОЗИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД.** Тавре пештар қайд гардид, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро танҳо бо мақсадҳои зерин раво медонад: таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигар шаҳрвандон, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии мамлакат. Ҳамаи ҳадафҳои зикршуда байни ҳамдигар алоқаманданд.

Маҳдудсозиҳои бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигар шаҳрвандон ҷоришаванда бо амалишавии ӯҳдадориҳои ҳар як одам – вайрон накардани ҳуқуқҳои дигар одамон бевосита алоқаманд мебошанд. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро арзиши олитарин эълон доштааст. Давлате, ки бо чунин масъулият ӯҳдадории эътироф ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро ба зиммаи худ гирифтааст, ба ин ҳадафҳо бе маҳдудсозии амалҳое, ки бар зарари озодиҳои эълоншуда мебошанд, муваффақ шуда наметавонад.

Ҳуқуқу озодиҳои нисбиро дар асоси қонун метавон маҳдуд кард. Масалан, тибқи моддаи 22-и Конститутсия, ки ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро таҳким мебахшад, ба ҷуз ҳолатҳои пешбиникардаи қонун ба манзил зада даромадани касе мумкин нест. Вале агар соҳиби манзил ҳуқуқҳои дигар одамонро вайрон кунад, муоинаи манзил аз ҷониби намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бозрасиҳои санитарию зидди сӯхтор мумкин аст.

Маҳдудсозиҳои бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҷоришаванда ба кӯшиши давлат баҳри ба ҳамаи шаҳрвандон аз ҷониби қонун додани кафолати мӯътадилӣ дар ҷомеа вобаста аст. Масалан, тибқи моддаи 29-и Конститутсия шаҳрванд ҳақ дорад дар маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, раҳпаймоии осоишта, ки қонун муқаррар кардаст, ширкат варзад. Аммо иштирокдорони онҳо вазифадоранд, ки тартиботи ҷамъиятиро риоя кунанд. Барои навъҳои алоҳидаи ҳуқуқвайронкунӣ, масалан, ташкили бетартибиҳои оммавӣ, онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Маҳдудсозиҳои бо мақсадҳои ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии мамлакат ҷоришавандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳамияти муҳимтарин доранд. Тибқи моддаи 7-и Конститутсия давлат соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии ҷумҳуриро таъмин менамояд. Дар ин маврид тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст. Ғайр аз ин маҳдудсозиҳои нисбат ба ҳуқуқ ба иттилоот ҷоришаванда бевосита бо ҳимояи сохти контитутсионӣ алоқаманданд. Чунончи, ҳуқуқ ба озодии ахбор на танҳо бо ҳуқуқи дигар одамон ба махфӣ будани ҳаёти шахсӣ, сирри шахсиву оилавӣ, инчунин ҳифзи сирри давлатӣ маҳдуд карда мешавад.

Мувофиқи моддаи 30 номгӯи маълумотҳоеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян мекунад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:**
*маҳдудсозии ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқҳои нисбӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо**

*1. Зери ибораи "маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд" чиро мефаҳманд?*

*2. Дар ҷаҳони имрӯза қувват гирифтани терроризми байналхалқӣ мақомоти давлатии ҳокимиятро маҷбур месозад, ки аз ҷумла бобати маҳдудсозии ҳуқуқҳои шаҳрвандон, масалан, васеъ кардани салоҳиятҳои хадамоти махсус оид ба гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ, назорат ба почтаи электронӣ, дастрасӣ ба суратҳисоби бонкӣ, муоинаи шахсӣ тадбирҳои гуногун андешанд. Ба андешаи Шумо, оё ин маҳдудсозиҳо дурустанд?*

*3. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом асосҳои умумӣ ва ҳадафҳои маҳдудсозии ҳуқуқҳои инсон пешбинӣ шудаанд?*

*4. Ин фораро бодиққат хонед: "Прокуратураи округии шаҳри Сюрих (Швейсария) нисбати шаҳрванд А. оид ба далели аз ҷониби ӯ содир кардани якчанд ҷиноятҳои вазнин тафтишот мебурд. Барои гузаронидани ташхиси тиббӣ якчанд тори мӯи шаҳрванд А. лозим шуд. Ӯ изҳор кард, ки сикх аст ва мувофиқи эътиқоди динӣ ба мӯйсараш қайчӣ задан мумкин нест, яъне ба андешаи ӯ, гузаронидани чунин ташхис вайрон кардани озодии эътиқоди динии ӯ аст". Ба андешаи Шумо, оё ин вазъият вайрон кардани ҳуқуқи инсон аст? Чаро?*

# §10. НОРАВОИИ МАҲДУДСОЗИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ҶУДОГОНАИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ШАРОИТИ ВАЗЪИЯТИ ФАВҚУЛОДДА

**1. МАФҲУМИ ВАЗЪИЯТИ ФАВҚУЛОДДА ВА МАҲДУДСОЗИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН.** Ба ҷуз маҳдудсозиҳои умумии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар шароити муқаррарӣ равост, давлат метавонад ҳамчунин маҳдудсозиҳои умумии ҳуқуқу озодиҳои ҷудогонаи инсон ва шаҳрвандро дар вазъиятҳои фавқулодда ҷорӣ намояд.

Одатан, вазъияти фавқулодда дар мамлакат дар ҳолатҳое, ки вазъияти фавқулодда ба ҳастии миллат ё шароити мӯътадили зиндагии ҳамаи (қисми) аҳолӣ, мавҷудияти худи давлат таҳдид мекунад ва амалҳои муқаррарии мақомоти давлатии ҳокимият барои ба танзим даровардани чунин вазъият кофӣ нестанд, ҷорӣ карда мешавад. Чунин таҳдидҳо аз инҳо бармеоянд: дигаргуниҳои ҷиддии харобиовари табиӣ (сӯхторҳо, обхезиҳо, заминларзаҳо, гуруснагӣ, эпидемияҳо, ҳамлаи ҳайвонот ва ҳашароти зараррасон), омилҳои берунӣ (амалиётҳои ҷангии давлатҳои хориҷӣ), омилҳои дохилидавлатӣ (бадшавии вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодии аҳолӣ, муташанниҷ гардидани вазъи сиёсӣ дар ҷомеа). Дар ин маврид давлат баҳри ба эътидол овардани вазъияти баамаломада ва бартарафсозии оқибатҳои манфии он бо мақсади нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ дар қаламрави худ маҷбур аст, ки чораҳои фавқулодда бинад. Ин чораҳо дар навбати аввал маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои муайяни шаҳрвандон ва ба

зиммаи онҳо гузоштани ӯҳдадориҳои иловагиро пешбинӣ менамоянд. Одатан, ин маънии маҳдудсозии як қисми ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, пурзӯр кардани масъулияти маъмурӣ ва ҷиноиро дорад.

**Вазъияти фавқулодда чораҳои муваққатии бо мақсади таъмини амнияти шаҳрвандон ва давлат эълонгардида дар ҳолати ба амал омадани таҳдиди воқеӣ ба ҳаёти аҳолии мамлакат, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, истиқлолияти давлат ва тамомияти арзии он аст.**

**2. ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МАҲДУДСОЗИҲОИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ДАР ШАРОИТҲОИ ВАЗЪИЯТИ ФАВҚУЛОДДА.** Махсусиятҳои ҷорӣ намудани режими вазъияти фавқулодда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҳдудсозиҳои ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар ин давра дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи режими ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» (аз 3 ноябри соли 1995), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз вазъиятҳои фавқулоддаи характери табиӣ ва техногенидошта» (аз 15 июли соли 2004) ва дигар санадҳои меъёрӣ таҳким ёфтаанд.

**Ҳангоми таҳдиди бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, истиқлолияти давлат ва тамомияти арзии он ва офатҳои табиӣ, ки дар натиҷаи он мақомоти конститутсионии ҷумҳурӣ наметавонад ба тарзи мӯътадил фаъолият намояд, ҳамчун тадбири муваққатӣ барои амнияти шаҳрвандон ва давлат вазъияти фавқулодда эълон мегардад.**

***Моддаи 46-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Моддаи 1-и Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи режими ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» таркиби режими фавқулоддаро ҳамчун чораи муваққатии мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон эълоншавандаи пешбиникунандаи режими махсуси ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, ки дар амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, ҳамчунин ҳуқуқҳои ашхоси юридикӣ маҳдудиятҳоро раво мебинанд ва ба зиммаи онҳо ӯҳдадориҳои иловагӣ вомегузоранд, таҳким мебахшад.

Моддаи 4-и Қонун «Дар бораи ҳимояи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз вазъиятҳои фавқулоддаи характери табиӣ ва техногенидошта» мафҳуми «вазъияти фавқулодда»-ро ҷорӣ менамояд.

**Вазъияти фавқулодда ҳолати дар ҳудуди муайян дар натиҷаи садама, рӯйдоди хатарноки табиӣ, фалокатҳо, офатҳои табиӣ ва ғайра ба амал омадаест, ки боиси ҳалокати одамон, зараррасонӣ ба саломатии онҳо ё муҳити зисти табиӣ, хисороти зиёди моддӣ ва халалдор шудани шароитҳои фаъолияти ҳаётии одамон мегардад ё гардидааст.**

Қонун «Дар бораи режими ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» чунин шартҳои ҷорӣ кардани вазъияти фавқулоддаро дар Тоҷикистон пешбинӣ менамояд: 1) ҳангоми офатҳои табиӣ, садамаҳо, фалокатҳо, эпидемияҳо, ки ба ҳаёту саломатии аҳолӣ таҳдид мекунанд; 2) ҳангоми вайронкуниҳои оммавии тартиботи ҷамъиятӣ, ки ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон таҳдиди воқеӣ мекунанд; 3) ҳангоми кӯшишҳои ғасби ҳокимияти давлатӣ ё дигаргунсозии сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи зӯроварӣ; 4) ҳангоми таарруз ба тамомияти арзии давлат, ки ба тағйир ёфтани сарҳадҳои он таҳдид мекунад; 5) ҳангоми зарурати барқарорсозии тартиботи ҳуқуқии конститутсионӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ.




**Расми 8. Зиндагии инсон дар шароити ҳолатҳои фавқулодда**

Дар мамлакатҳои гуногун усулҳои худии ҷорӣ кардани режими вазъияти фавқулодда мавҷуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қисми дуюми моддаи 46-и Конститутсия ҳуқуқ дорад, ки дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ, ё дар маҳалҳои алоҳидаи зери хатар қарордошта бо фаврӣ пешниҳод кардани фармон дар ин хусус ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо огоҳсозии СММ вазъияти фавқулодда эълон намояд. Мӯҳлати вазъияти фавқулодда 3 моҳ буда, дар сурати зарурат онро дароз кардан мумкин аст.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитҳои ҷорӣ гардидани вазъияти фавқулодда маҳдудсозиҳои ҳуқуқу озодиҳои гуногунро пешбинӣ менамояд. Масалан, вобаста ба таҳдиди мавҷуда давлат метавонад режими махсуси кори корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳоро муқаррар кунад, яъне рӯзи кории баъзе кормандон (духтурон, ҳарбиён, коркунони милитсия) дароз мешавад, шаҳрвандони дигар (муаллимони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, кормандони муасиссаҳои томактабӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ) баръакс метавонанд муваққатан фаъолияти меҳнатии худро қатъ кунанд. Дар чунин ҳолатҳо маҳдудсозии ҳуқуқҳо ба таҳсил, махфӣ будани мукотиба ва гуфтугӯҳои телефонӣ, озодии ҷойивазкунӣ, ҳуқуқи иштирок дар чорабиниҳои динӣ, ҳуқуқ ба гузаронидани ҷамъомадҳо, гирдиҳамоиҳо,

намоишҳо, озодии сухан, ҳуқуқи истифода аз васоити ахбори умум ва боз бисёр ҳуқуқҳои дигар имконпазир аст.

Аммо чунин маҳдудиятҳо танҳо дар сурати мавҷудияти таҳдиди воқеӣ ва дар асоси қонун ҷорӣ мегарданд.

**3.НОРАВОИИ МАҲДУДСОЗИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ҶУДОГОНАИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ШАРОИТИ ВАЗЪИЯТИ ФАВҚУЛОДДА.** Баробари ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки нисбати онҳо дар шароити вазъияти фавқулодда аз ҷониби давлат ҷорӣ кардани маҳдудиятҳо мумкин аст, чунин гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳое мавҷуданд, ки маҳдудсозии онҳо дар ягон шароит раво нест. Чунин ҳуқуқу озодиҳоро мутлақ меноманд.

Мутобиқи қонунгузориҳои байналмилалӣ ҷорӣ гардидани вазъияти фавқулодда барои маҳдудсозии чунин ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) асос шуда наметавонад: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмонаю ҷазодиҳӣ, озодӣ аз ғуломӣ ва ҳолати озод набудан. Ин ҳуқуқҳо характери табиӣ дошта, маҳдуд карда намешаванд.

Мутобиқи моддаи 47-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити вазъияти фавқулодда ҳуқуқҳо ва озодиҳои дар моддаҳои 16,17, 18, 19, 20, 22, 25 ва 28 –и Конститутсия пешбинигардида маҳдуд карда намешаванд.

*Моддаҳои зикршудаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро бодиққат хонед. Дар ин моддаҳо кадом ҳуқуқу озодиҳо таҳким бахшида шудаанд?*

Ҳамин тавр, ҳангоми вазъияти фавқулодда давлат наметавонад, ки аз ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандони дар хориҷа будааш даст кашад. Вай сарфи назар аз вазъияти дохилии мамлакат вазифадор аст, ки нисбат ба онҳо ӯҳдадориҳои худро ба ҷо орад. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба ҳимояи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми давраи амали вазъияти фавқулодда берун аз ҳудуди мамлакат низ (моддаи 16-и Конститутсия) боқӣ мемонад.

Сарфи назар аз ҷорӣ гардидани вазъияти фавқулодда касе ҳақ надорад, ки ҳуқуқи баробарӣ дар назди қонун ва судро маҳдуд кунад. Давлат ҳуқуқу озодиҳои ҳар як одамро, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, ақидаҳои сиёсӣ, маълумотнокӣ, вазъи иҷтимоию амволӣ кафолат медиҳад, яъне дар шароити вазъияти фавкулодда табъиз низ раво нест (моддаи 17-и Конститутсия).

Дар шароити ҷорӣ гардидани вазъияти фавқулодда ҳамчунин маҳдудсозии ҳуқуқ ба ҳаёт ва дахлнопазирии шахсият (моддаи 18-и Конститутсия), ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ва кӯмаки адвокат (моддаи 19-и Конститутсия), фарзияи бегуноҳӣ (моддаи 20-и Конститутсия), дахлнопазирии манзил (моддаи 22-и Конститутсия), ҳуқуқ ба имконияти шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳуқуқу манфиатҳои шахс (моддаи 25-и

Конститутсия) ва ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ (моддаи 28-и Конститутсия) мумкин нест.

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:**
*вазъияти фавқулодда, лаҳзаи фавқулодда, ҳуқуқҳои мутлақ.*

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Зери ибораи «вазъияти фавқулодда» чиро мефаҳманд? Он дар кадом ҳолатҳо дар мамлакат ҷорӣ карда мешавад?*

*2.Ба андешаи Шумо, чаро дар шароитҳои вазъияти фавқулодда маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ҷудогонаи инсон ва шаҳрванд мумкин аст?*

*3. Маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро дар шароити вазъияти фавқулодда кадом санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким мебахшанд?*

*4. Ҳуқуқу озодиҳои мутлақи ба Шумо маълумро номбар кунед.*

# БОБИ 5
# ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН, СИЁСАТ ВА АХЛОҚ: ТАНОСУБ

## § 11. АФЗАЛИЯТИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН НИСБАТ БА СИЁСАТ

***Схемаро бодиққат омӯзед. Ба хотир оред, ки давлат чист? Таърифи шакли идоракунӣ, сохти давлатӣ ва режими сиёсиро гӯед.***



**1.ШАХСИЯТ ВА ДАВЛАТ.** Муносибатҳои байни давлат ва инсон бояд ба эҳтирому масъулиятнокии байниҳамдигарӣ асос ёбанд. Ҳар як одами дар давлати муайян зиндагикунанда ӯҳдадор мешавад, ки қонуни асосӣ ва тартиботи ҷамъиятиро эҳтиром кунад ва риоя намояд. Аз ҷониби дигар, давлат бояд барои рушди мӯътадили ҷомеа шароитҳои муайян фароҳам созад. Дар назди вай вазифаҳои таъмини сулҳу осоиш ва амният, ҳаёти шоистаи аҳолӣ меистанд. Амалишавии ин вазифаҳо аз сиёсати давлат вобаста аст.

**Сиёсат (дар забони юнонӣ polis – давлат) санъати идоракунии давлат, низоми муносибатҳои байни одамон бобати ташкил намудан ва истифода кардани ҳокимият аст.**

Сиёсат мундариҷа, моҳият ва вазифаҳои фаъолияти ҳар як давлатро муайян мекунад. Ҳаёти сиёсиро метавон ҳамчун яке аз соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ баррасӣ кард, зеро сиёсат бо роҳи иштироки инсон ё гурӯҳи одамон дар корҳои давлатӣ амалӣ мегардад. Функсияи асосии сиёсати давлат нигаҳдорию эҳтиёт кардан ва инкишоф додани миллат, таъмини тамомияти арзии давлат ва мӯътадилии низоми давлатӣ, ҳимояи амният ва некӯаҳволии шаҳрвандони худ мебошад.

Ҳар як давлат барои амалисозии манфиатҳои миллӣ сиёсати дохилӣ ва беруниро пеш мебарад. Сиёсати дохилӣ бо ҳалли вазифаҳои ҷамъиятии дохилӣ вобаста буда, ҳалли масъалаҳои сохтмони давлатӣ ва низоми идоракунии давлатӣ, инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, болоравии некӯаҳволӣ, сифат ва давомнокии зиндагии аҳолӣ, таҳкими амният ва тартиботи ҳуқуқиро дар назар дорад. Сиёсати берунӣ фаъолияти давлат дар арсаи байналмилалиро, ки бо муносибати байни давлатҳо (пеш аз ҳама давлатҳои ҳамсоя) вобаста аст, бо мақсадҳои ҳимояи манфиатҳои умумидавлатӣ, таъмини амнияти давлат, мустаҳкамшавии мавқеи он дар ҷаҳон ва пурзӯршавии таъсираш ба равандҳои ҷаҳонии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳарбӣ-сиёсӣ фаро мегирад.

Аммо сиёсати ҳам дохилӣ ва ҳам берунии ҳар як давлат мақсадҳои умумӣ доранд, ки онҳо таъмини рушди ҳамаҷонибаи инсон ва фароҳам овардани шароитҳо барои эҳтиром ва амалисозии ҳуқуқу озодиҳои асосии ӯ мебошад.

Афзалиятнокии ҳуқуқҳои инсон нисбат ба сиёсат чунин маъно дорад, ки ҳамаи дигаргунсозиҳои давлатӣ ва ислоҳот бояд ба манфиати беҳбуди ҳаёти инсон сурат гирифта, ҳуқуқу озодиҳои ӯро коста нагардонанд. Тамоми фаъолияти давлат бояд ба амалисозии ҳуқуқҳои инсон, таъмини манфиатҳои ӯ нигаронида шавад. Бинобар ин функсияҳои сиёсии давлат дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра амалӣ мегарданд. Дар замони ҳозира сиёсати давлат бояд ба талаботи инсондӯстӣ ва эҳтироми ҳуқуқҳои инсон асос ёбад, ки ин бешак, ба инкишофу мустаҳкамшавии сулҳ ва амният дар рӯи Замин мусоидат мекунад.

Аммо афзалиятнокии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ чун арзиши олӣ нисбат ба сиёсати давлат таърихан на ҳамеша амалӣ мегардид. Масалан, дар давлатҳои ғуломдорӣ ва феодалӣ сиёсат манфиати танҳо табақаҳо ва синфҳои



**Расми 9. Сиёсат, ахлоқ, ҳуқуқи инсон**

ҳукмронро таҷассум мекард. Чунин давлатҳо арзишнокии шахсиятро умуман эътироф намекарданд ва ҳуқуқҳои инсон бошанд, моҳияти табақавӣ доштанд. Қисмати асосии аҳолӣ аз ҳуқуқу озодиҳои оддӣ маҳрум буд. Чунончи, ғуломдор ғуломро метавонист бихарад, бифурӯшад ва ҳатто бикушад. Бинобар ин сиёсат ба зӯроварию маҷбурсозӣ асос ёфта буд. Таърих бисёр мисолҳои амиқан галати сиёсати давлатҳоро медонад, ки ба талафоти ҷонӣ ва азобу уқубатҳои одамон оварда расондаанд.

Дар ҷаҳони имрӯза амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз навъи давлат, сиёсати давлатӣ ва режими сиёсӣ вобаста аст.

**2.РЕЖИМИ СИЁСӢ ВА ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.** Зери мафҳуми режими сиёсии давлат маҷмӯи усулҳо ва методҳое фаҳмида мешаванд, ки бо ёрии онҳо мақомоти давлатӣ ҳокимияти сиёсии ба онҳо мансуббударо амалӣ мегардонанд. Ҳамагуна режими сиёсӣ механизмҳои муносибатҳои байниҳамдигарии ҳокимият: ҷомеа (халқ) ва шахсият (шаҳрванд), кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таҷассум менамоянд.

? ***Ба хотир оред, ки кадом навъҳои режимҳои сиёсӣ ба Шумо маълуманд?***

Олимон се навъи асосии режимҳои сиёсиро ҷудо мекунанд: тоталитарӣ, авторитарӣ ва демократӣ. Ба режими сиёсии тоталитарӣ ҳукмронии комили ҳокимият бар ҷомеа ва шахсият, назорати ҳамаро фарогиранда ба шаҳрвандон аз ҷониби давлат характернок аст.

**Тоталитаризм (аз лот. Totalis –умумӣ) режими сиёсиест, ки дар он мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бо фарогирии ҳаёти шахсии ҳар як одам назорати пурра мебаранд.**

Ҳангоми режими сиёсии тоталитарӣ ҳуқуқҳои инсон қатъиян маҳдуд мешаванд; ҳокимият дар дасти табақаи ҳукмрон, ки сохтори ҳизбӣ-давлатиро роҳбарӣ мекунад, ҷамъ меояд; тақсими ҳокимият ба рукнҳо рад карда мешавад; идоракунӣ ба таври максималӣ муттамарказ мегардад; интихобот гузаронида шавад ҳам, аҳамияти воқеӣ надорад; гуногунандешии сиёсӣ бо ҳукмронии як ҳизб иваз мешавад; идеологияҳои мухолифи идеологияи расмӣ манъ мегарданд; афкори дигар таъқиб мешавад; масъулиятнокии давлат дар назди шаҳрванд эътироф

намегардад; шаҳрвандон дар механизми умумии давлат чун "мехаки оддие" баррасӣ мешаванд.

*Мисолҳои таърихии ба Шумо маълуми режими сиёсии тоталитариро ба хотир оред ва гӯед. Ба андешаи Шумо, оё дар даврони режими тоталитарӣ афзалиятнокии ҳуқуқҳои инсон нисбат ба сиёсат амалӣ мегардад?*

Режими сиёсии авторитарӣ бо ҳокимияти бемаҳдуди як одам ва ё гурӯҳи одамон ба шаҳрвандон бо нигаҳдории озодии нисбии шахсият ва ҷомеа дар соҳаҳои ғайрисиёсӣ, масалан, дар иқтисодиёт ва фарҳанг фарқ мекунад.

**Авторитаризм (аз лот. Auctoritas – ҳокимият, таъсир) режими сиёсиест, ки дар он ҳокимият дар дасти як одам (диктатор) ё гурӯҳи одамон ҷамъ омада, он бо мавҷудияти назорат аз ҷониби давлат пеш аз ҳама ба соҳаи сиёсӣ характернок мебошад.**

Дар даврони режими сиёсии авторитарӣ ҳамаи рукнҳои ҳокимият дар дасти як мақомоти давлатӣ ё одам (диктатор) ҷамъ меоянд; тақсимоти ҳокимият риоя намешавад; идоракунии давлат муттамарказ аст; фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои мухолифин дар сурати мутобиқат накардани манфиатҳои онҳо бо манфиатҳои ҳизби ҳукмрон манъ карда мешаванд; фаъолияти васоити ахбори омма зери назорати давлат аст.

*Мисолҳои таърихии ба Шумо маълуми режими сиёсии авторитариро ба хотир оред ва гӯед.*

Дар давраи режими сиёсии авторитарӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, алалхусус дар соҳаи сиёсӣ, ба таври назаррас маҳдуд мегарданд. Ҳатто агар ҳуқуқу озодиҳои инсон, масалан, дар соҳаҳои иҷтимоӣ ё фарҳангӣ эътироф шуда, аз ҷониби давлат дар қонунгузорӣ таҳким ёбанд ва қисман амалӣ шаванд ҳам, дар воқеият манфиатҳои элитаи сиёсии ҳукмрон назар ба ҳуқуқҳои ҳар як шахсияти алоҳида бартарӣ доранд.

Бар фарқияти режимҳои сиёсии тоталитарию авторитарӣ барои режими сиёсии демократӣ эътироф ва амалишавии воқеии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ ва масъулияти байниҳамдигарии давлат ва шаҳрвандон хос аст.

**Демократия (аз юнонии demos – халқ, cratos-ҳокимият) режими сиёсиест, ки ба эътирофи халқ ҳамчун манбаи ҳокимият, ҳуқуқи он барои иштирок кардан дар ҳалли корҳои давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо доираи васеи ҳуқуқу озодиҳо, амалишавии назорати ҷомеа (аксарият) бар ҳокимият бунёд ёфтааст.**

Дар даврони режими сиёсии демократӣ инҳо эътироф мешаванд ва амалӣ мегарданд: принсипҳои давлати иҷтимоӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ; нақши волои конститутсияи бо роҳи демократӣ қабулшуда ҳамчун асоси ҳуқуқии тартиботи ҳуқуқии мавҷуда; идоракунии давлат дар асоси ба рукнҳо тақсим кардани ҳокимият; озодии фаъолияти ҳамаи ҳизбҳое, ки

зӯровариро пеша намекунанд; аҳамияти воқеии сиёсии интихобот ва дигар шаклҳои иштироки шаҳрвандон дар раванди сиёсӣ.

Эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, таъминот ва ҳимояи онҳо самти афзалиятноки фаъолияти давлати демократӣ мебошад. Шахсият имконият дорад, ки дар идоракунии давлат фаъолона иштирок намояд. Ба ин тариқ, ба режими сиёсии демократӣ амалисозии принсипҳои зерин хос аст: баробарӣ; озодии афкор ва сухан, озодии интихобот; тақсимшавии ҳокимият; озодии иқтисодӣ; ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон.

***Принсипҳои зикршудаи демократияро баррасӣ намоед. Ба андешаи Шумо, оё ин принсипҳо афзалиятнокии ҳуқуқҳои инсонро нисбат ба сиёсат таҷассум мекунанд?***

**3.МУХТОРИЯТИ ШАХСИЯТ ВА ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.** Давлат, ҷомеа ва шахсият вобастаи ҳамдигаранд ва бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Муносибатҳои одам ва давлат тавассути амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва иҷрои ӯҳдадориҳои тарафайн сурат мегиранд.

Давлат ба худ ӯҳдадорӣ мегирад, ки ҳуқуқҳои инсонро эътироф менамояд, таъмин мекунад ва ҳимоя месозад. Ҳар як одам низ барои рафторҳои худ масъул аст ва дар назди давлату ҷомеа ӯҳдадориҳояшро ба ҷо меорад.

Фаъолияти давлатро мухторияти шахсият метавонад маҳдуд созад, амалишавии ҳуқуқу озодиҳои ҷудогонаи одам низ бо қонуни давлат маҳдуд карда мешаванд. Мухторияти (соҳибихтиёрии) шахсият чунин маъно дорад, ки одам дар фаъолияти худ, дар интихоби рафтор озод аст. Чунин соҳаҳои фаъолияти ҳаётии инсон мавҷуданд, ки масалан, амалисозии озоди эътиқоди динӣ, ба онҳо ҳеҷ кас, ҳатто давлат ҳам, ҳуқуқи дахолат кардан надорад. Яъне ҳудудҳои фаъолияти давлатӣ аҳамияти махсус доранд, давлат наметавонад, ки бевосита ба ҳамаи ҳуқуқҳои инсон таъсир расонад.

***Схемаро бодиққат омӯзед. Фикр кунед, ки муносибати байниҳамдигарии шахсият, ҷомеа ва давлат чӣ навъ амалӣ мегарданд?***




**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:**
*сиёсат, режими сиёсӣ, тоталитаризм, авторитаризм, демократия.*

***Савол ва супоришҳо***

*1. Сиёсат чист ва ҳадафҳои асосии сиёсати имрӯза кадомҳоянд? Шумо маънии ибораи афзалиятнокии ҳуқуқҳои инсон нисбат ба сиёсатро чӣ тавр мефаҳмед?*

*2. Режимҳои асосии сиёсиро номбар карда, онҳоро тавсиф бахшед.*

*3. Ба андешаи Шумо, дар давраи кадом режимҳои сиёсӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бештар вайрон карда мешаванд? Ҷавоби худро бо далелҳо исбот кунед.*

*4. Ба фикри Шумо, дар ҷаҳони имрӯза чаро аксари давлатҳо барои барқароршавии демократия мекӯшанд?*

*5. Ин гуфтаи Арастуро хонед: "Ҳадафи сиёсат некӯаҳволии умум аст: халқ ва ҳокимият бояд ба қонун итоат кунанд". Ин андешаи файласуфро Шумо чӣ гуна мефаҳмед?*

*6. Пораи зерро аз китоби файласуф ва ҳуқуқшиноси рус И.А.Илин "Мусалламаҳои ҳокимият" хонед: "Сиёсат ба одам ҳокимият медиҳад, вале на барои зиштковию зулму истибдод... Ҳеҷ чизи фақиртаре аз сиёсатмадори бевиҷдону бемасъулият нест... Вай тарсуи азалиест, ки комёбии сиёсӣ ба даст оварда наметавонад. Ва ҳеҷ чизи хатарноктару зараррасоне чун сиёсатмадори беқалб нест. Гирди номи ӯ метавонад шӯру магал ва ҳаёҳуй ба амал ояд, ки нодонҳо ва бадкорон онро чун "шӯҳрат" қабул мекунанд. Аз гирди ӯ метавонад дарёи хун ҷорӣ шавад: аз вай метавонад харобиҳои даҳшатнок ва азобу уқубатҳо ба амал оянд: вале ӯ барои халқи худ роҳҳои таърихиро пайдо карда наметавонад". Шарҳ диҳед, ки Шумо ин суханонро чӣ гуна мефаҳмед?*

## §12. АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ВА ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

**1.МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚ ВА МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚ.** Муносибатҳои байни одамон дар ҷомеа бо низоми меъёрҳои иҷтимоӣ ба танзим дароварда мешавад, ки асоситарини онҳо меъёрҳои ахлоқ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Дар меъёрҳои ахлоқӣ тасаввурот дар бораи некию бадӣ, адолату эътибор, шарафу шафқат ифода ёфтаанд. Меъёрҳои ахлоқ маҳсули рушди таърихии инсоният мебошанд, онҳо дар рафти муборизаҳо бо бадӣ, барои барқарории некию инсондӯстдорӣ, бахту саодати одамон ташаккул ёфтаанд. Ба сурати умум мундариҷаи ахлоқ дар "Қоидаи тиллоӣ", ки ҳанӯз дар Юнони қадим, Ҳиндустону Чин маълум буд, ифода ёфтааст: "Нисбат ба дигарон тавре рафтор намо, ки нисбат ба ту низ чунин рафтор кунанд".

Меъёрҳои ахлоқӣ (маънавӣ) дар афкори ҷамъиятӣ тарҳрезӣ гардида ва бо худи ҳамин афкор аз вайрониҳо эмин монда, чун қоида, бар асари мӯътақидии шахсӣ ва одатҳои одамон ба ҷо оварда мешаванд. Меъёрҳои ҳуқуқ аз ҷониби давлат муқаррару тасдиқ мегарданд ва бо меъёрҳои ахлоқ алоқамандии зич доранд. Чунончи, масалан, панди бузургон "Ҳуқуқ санъати некию адолатнокист" алоқамандии таркибии ҳуқуқ ва ахлоқро бозгӯ мекунад, ки мувофиқи ин муқаррарот қонунҳо бояд боадолатона ва инсондӯстона бошанд.

Меъёрҳои умумиинсонии ахлоқ арзишҳои маънавианд. Ҳуқуқҳои инсон бо арзишҳои ахлоқӣ алоқамандии зич доранд. Мафҳумҳои мазкур ё якдигарро пурра месозанд, ё дар ҳамбастагӣ аҳамияти умумиро моликанд. Вақте сухан дар бораи эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон меравад, дараҷаи инкишофи муносибатҳои ахлоқӣ дар ҷомеа дар назар дошта мешавад, ки бо ҳуқуқҳои инсон бевосита алоқаманданд. Ҳуқуқҳои инсон низ арзише маҳсуб мешаванд, ки дигар категорияҳои ахлоқиро муттаҳид месозанд.

Арзиш гуфта ҳамаи он чиро меноманд, ки рӯҳияи мусбат дошта, ҳамчун некӯаҳволӣ, накӯкорӣ, кӯмак ва зарурат баррасӣ мешавад.

**Арзишҳо идеалҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи маънавие мебошанд, ки инсоният ба онҳо муваффақ шуда, дар шуури ҷамъиятӣ таҷассум сохтааст.**

Арзишҳо таваҷҷӯҳро ба худ ҷалб карда, ҳамчун сарват ва манфиат баррасӣ мешаванд ва тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии одам ва ҷомеаро фаро мегиранд. Онҳо мувофиқсозандаи манфиатҳои шахсият ва ҷомеа, таъминкунанда ва болобарандаи шаъну эътибори инсон, нигоҳдорандаи тартиботи ҷамъиятӣ мебошанд.

## 2.ҲУҚУҚИ ИНСОН ҲАМЧУН АРЗИШИ УМУМИИНСОНӢ

Ҳуқуқи инсон арзиши бузургтарини маънавӣ мебошад. Он чун арзиши умумиинсонӣ аз ҷониби тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст.

Мундариҷаи ҳуқуқу озодиҳои инсонро чун арзиши маънавӣ як силсила категорияҳои ахлоқӣ муайян мекунанд, аз ҷумла: инсондӯстӣ, озодӣ, адолат, шаъну эътибор, виҷдон, поквиҷдонӣ ва ғайра. Масалан, ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ, дахлнопазирии манзил, махфияти мукотибот ба меъёрҳои ахлоқии ҳалимӣ, раҳмдилӣ, боодобӣ асос ёфтаанд. Дар озодӣ аз шиканҷа ва муносибатҳои ғайриинсонии золимонаю ҷазодиҳӣ арзишҳои маънавӣ-инсондӯстонаи ҳамдардӣ ва инсонгароӣ ниҳонанд. Дар ҳуқуқи ҳимояи баробар аз ҷониби қонун ва баррасии одилонаи судӣ мафҳумҳои маънавии баробарӣ, боварӣ, кӯмаку дастгирӣ, худидоракунӣ мавҷуданд. Озодии афкор, виҷдон, дин, эътиқод ба хирадмандӣ, мулоҳизакорӣ, зиёӣ будан, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба раҳму шафқат, саховатмандӣ ва адолат асос меёбанд.

**?** ***Арзишҳои ахлоқии ба Шумо маълуми бо ҳуқуқҳои инсон алоқамандро ба хотир оред.***

Инсондӯстӣ ҷараёни афкори ҷамъиятиест, ки дар даврони Эҳё пайдо шуда, арзишмандии ҳар як шахсияти инсониро таҳким бахшидааст ва чунин арзишҳои ахлоқиеро муайян кардааст, ки ҳуқуқҳои инсонро таъмин ва ҳимоя мекунанд: шаъну эътибор, виҷдон, маънавият, озодӣ, баробарӣ, ҳамраъӣ. Инсондӯстдорӣ, волоияти мақоми иҷтимоии инсон ва ҳимояи манфиатҳои вай ба пайдошавии худи категорияи «ҳуқуқҳои инсон” оварда расондааст. Даст кашидан аз гояҳои гуманизм, инсондӯстдорӣ ба футурравию пошхӯрии олами ба инсоният маълум ва ҳамаи арзишҳои умумиинсонии ба он такякунанда оварда мерасонад.

Ҳамаи одамон озоданд. Озодӣ яке аз арзишҳои ахлоқии умумиинсонист, имконияти ба амал баровардани ҳамаи чораҳоест, ки ба каси дигар зарар нарасад. Файласуфи машҳури Юнони қадим Суқрот (солҳои 470-399 то милод) ҳаёти худро ба он бахшидааст, ки озодии суханро соҳиб шуда, мувофиқи эътиқоди худ амал намояд.

Озодии инсон бисёрҷабҳа аст, вай ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳар як шахсияти алоҳидаро фаро мегирад. Аммо озодӣ мутлақ шуда наметавонад, чунки он ба ҳар кас тааллуқ дошта бошад ҳам, одамон дар ҷомеа зиндагӣ мекунанд. Сарфи назар аз он ки озодӣ арзиш аст, инсоният ҳанӯз аз замонҳои қадим ба хулосаи зарурати маҳдудсозии он бо мақсади нигоҳдошти некӯаҳволии умум, назорати муносибатҳои байни одамон, ҳамчунин кафолатҳои он расидааст. Озодӣ дар мустақилияти шахсият ифода меёбад, вале амалҳои мустақилонаи одам бояд оқилона бошанд ва ба дигар одамон зараре нарасонанд. Дар назди ҳар як шахсият чунин вазифаи маънавӣ меистад: "Ман соҳибихтиёрии худро маҳдуд месозам, то ки қарзи хешро дар назди дигарон ба ҷо орам, ҳуқуқҳои дигаронро эҳтиром кунам, нисбати дигарон ноадолатӣ накунам, ба некӯаҳволии онҳо мусоидат намоям".

Адолатнокӣ категорияи ахлоқии бевосита бо ҳуқуқҳои инсон алоқаманд аст, зеро он маънии баробариро ифода мекунад. Ҳамаи одамон гуногунанд, аммо онҳо бобати ҳуқуқҳо ва шаъну эътибори худ баробаранд. Адолатнокӣ татбиқи мавзунияти ҷаҳонӣ дар рӯи Замин, ҳолати баробармувозинатии ҷомеа аст, ки дар он ҳар кадоме ба ҳар нафаре хидмат мерасонад, "чизи худро" медиҳаду мегирад. Моҳияти маънавии адолатнокиро се қоидаи асосӣ муайян мекунанд: "ростгӯю ростқавл бош", "ба нафари дигаре зарар нарасон", "ба ҳар кас чизи худашро деҳ". Адолатнокӣ сатҳи некӯаҳволии ҳаёт ва пешрафти ҷомеаро таҷассум менамояд, рушди давлат ва давлатдориро таҳким мебахшад ва чун асоси маънавии мақоми инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ хизмат менамояд.

? ***Ба гуфтаи Арасту, "адолатнокӣ як навъ миёне байни барзиёдӣ ва камист. Беадолатӣ зараррасонист, дар навбати худ зарари орӣ аз некӣ аст. Ба худ додани ҳиссаи зиёди некӣ ва қисми ками бадӣ беадолатист". Шумо ба маънии ин гуфтаи Арасту сарфаҳм меравед?***

Шаъну эътибор ва қадру қимат категорияҳои муҳимтарини маънавӣ ва ахлоқие мебошанд, ки муносибати боэҳтиромонаро ба ҳар як одам, сарфи назар аз хизматҳо, мавқеи ҷамъиятӣ, мансубияти миллӣ ё эътиқодмандиҳо аз ҷониби дигар одамон, ҳамчунин ҷомеа ва давлат дар назар дорад. Шаъну эътибори инсониро ба андозаи баробар ҳам тифли навзод, ҳам ҷинояткор ва ҳам шаҳрванди қаторӣ соҳибанд. Дар давлатҳое, ки беҳокимиятӣ, қашшоқӣ, беқонунӣ ҳукмронанд, дар бораи шаъну шараф ва қадру қимати инсон сухан гуфтан ҳам нашояд. Эҳтироми қадру қимати инсон дар тамоми низоми ҳуқуқҳои инсон ва ба андозаи боз ҳам

равшантару пурчилотар дар чунин ҳуқуқҳо, чун ҳуқуқ ба дахлнопазирии қадру қимат ва обрӯю нуфуз, ҳуқуқ ба ном, ба ҳаёт, ба манъи шиканҷа, муносибату ҷазодиҳии ғайриинсонию пастзанандаи шаъну эътибор, ба манъи ғуломдорӣ ва меҳнати маҷбурӣ, ба ҳаёти шахсӣ, ба зиндагии шоиста ва ғайра таҷассум меёбанд.

Байни арзишҳои ахлоқие, ки ба ҳуқуқҳои инсон муносибати бевосита доранд, инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: ҳақиқат, виҷдон, поквиҷдонӣ, муҳаббат, саодат ва бисёр арзишҳои дигар. Виҷдон эҳсоси ботинӣ, чунин рӯҳияи инсон аст, ки имконият медиҳад, некию зиштӣ, хубию бадӣ, адолатнокию беадолатӣ фарқ карда шавад. Ин ҳамон нидои даруниест, ки ба одам кӯмак мекунад, дар асоси тасаввуротҳои умумии маънавӣ ин ё он тарзи рафторро интихоб намояд. Бо мафҳуми виҷдон категорияи ахлоқии поквиҷдонӣ – муносибати бомасъулиятонаи одам ба муҳит, атроф, одамон, кор, ӯҳдадориҳои ба зиммаи ӯ гузошташуда дар назди ҷомеа ва давлат зич алоқаманд аст. Муҳаббат низ ҳамчун арзиши ахлоқӣ баррасӣ мешавад. Дар муҳаббат мундариҷаи ғамхорӣ, муносибати боэҳтиромона ба нафаре: ба одам, ба наздикон ва пайвандон, ба табиат, ба Ватан ва ғайра таҷассум меёбад.

**Арзишҳои ахлоқӣ ба ҳуқуқҳои инсон барои таъмини манфиатҳои инсон хизмат карда, баҳри бунёди ҷомеаи инсондӯстона замина фароҳам меоранд.**

**3.ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ.** Ҳуқуқҳои инсон ибтидои маънавӣ дошта, аз меъёрҳои ахлоқӣ бармеоянд, аммо онҳо чун дар меъёрҳои ахлоқӣ дар меъёрҳои ҳуқуқӣ низ таҳким меёбанд. Бисёр вақт санадҳои қонунгузорӣ категорияҳои маънавиро инъикос мекунанд. Чунончи, дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар гуфта шудааст, ки ҳамаи одамон соҳиби “ақл” ва “виҷдон” мебошанд ва нисбати якдигар бояд дар рӯҳияи “бародарона” рафтор намоянд. Дар Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак мафҳумҳои ”хушбахтӣ” ва “муҳаббат” ҳастанд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои ахлоқӣ чун қисми таркибии ҳуқуқу озодиҳои таҳкимёфтаи инсон ва чун кафолатҳои ҳимояи онҳо баромад мекунанд. Чунончи, дар моддаи 1-и Конститутсия чунин нишондодҳои категорияҳои ахлоқӣ чун “зиндагии арзанда” ва “инкишофи озодона”, дар моддаи 5 – “қадр” ва “номус”, дар моддаи 17 – “баробарҳуқуқӣ”, дар моддаи 34 – “ғамхорӣ” ва ғайра мавҷуданд.

Дар қонунгузориҳои миллии оилавӣ ва гражданӣ истилоҳи ҷуброни хисороти (зарари) ахлоқӣ истифода шуда, дар қонунгузориҳои ҷиноятӣ чунин принсипҳои маънавӣ чун адолатнокӣ ва инсондӯстӣ таҳким ёфтаанд, масъулият барои рафтори бадахлоқонаи одам, ҳамчунин барои содир кардани ҷиноятҳо бар зидди озодии шахсӣ, паст задани шаъну эътибор ва қадру қимат, масалан, барои дуздидани одам, ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ, зархарид кардани одамон барои истисмор, ғайриқонунӣ ҷойгузин сохтан дар бемористони касалиҳои рӯҳӣ, маҷбурсозӣ, тӯҳмат, таҳқир кардан пешбинӣ шудааст.

Ҳамаи мисолҳои овардашуда ба ҳамбастагии зичи меъёрҳои ахлоқ ва меъёрҳои ҳуқуқ далолат мекунанд. Мафҳумҳои ахлоқ бо категорияҳои ҳуқуқӣ омехта шуда, аҳамияти аслии худро гум намекунанд. Ҳуқуқҳои инсон ҳамчун соҳаи якдигарро пурракунандаи ҳуқуқ ва ахлоқ баромад мекунанд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:**
*меъёрҳои ахлоқ, меъёрҳои ҳуқуқ, арзишҳо.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Фарқияти байни меъёрҳои ахлоқ ва меъёрҳои ҳуқуқ аз чӣ иборат аст?*

*2.Арзишҳои ахлоқӣ чистанд? Арзишҳои ахлоқии ба Шумо маълумро номбар кунед.*

*3.Кадом арзишҳои ахлоқӣ асоси ҳуқуқу озодиҳои инсонро ташкил медиҳанд?*

*4.Ин гуфтаҳоро бодиққат хонед: "Озодӣ ҳуқуқи шаҳрванд ба мустақилият аст, ки барои ҷомеа зараррасон нест" (Ҷ.Милл); "Озодӣ ва ӯҳдадориҳо дар назди ҷомеа бо ҳам сахт алоқаманданд" (Сперанский). Ба андешаи Шумо, ҳамаи ин гуфтаҳоро чӣ муттаҳид месозад? Сухан дар бораи кадом арзиши ахлоқӣ меравад, ки асоси ҳуқуқҳои инсонро ташкил медиҳад?*

# БОБИ 6
# ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛЁБИИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁДИ ИҶТИМОӢ ВА ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

## § 13. ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ВА ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

**1. ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД: МАФҲУМ, УНСУРҲО, АЛОМАТҲО.** Ғояҳои инсондӯстӣ, адолатнокӣ, зарурати эътироф ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон барои пайдоиш ва инкишофи назарияи давлати ҳуқуқбунёд муайянкунанда ғаштанд. Проблемаи давлати ҳуқуқбунёд, ки бисёр вақт бо номҳои "давлати қонунгузорӣ", "давлати тартиботи ҳуқуқӣ" ва ғайра низ ёд мешавад, таваҷҷӯҳи одамони пешқадам, мутафаккирони рӯшанфикри дунёи қадим, асрҳои миёна ва замони ҳозираро ҳамеша ба худ ҷалб мекард ва мекунад. Ғояҳоро дар хусуси нақши қонун дар давлат, таносуби қонун ва ҳокимияти давлатӣ ҳанӯз Афлотун, Арасту, Полибий, Сисерон, Сенека ва дигар файласуфон баён кардаанд. Чунончи, Афлотун навиштааст: "Ман фанои давлатеро мебинам, ки дар он қонун қувва надорад ва зери ҳокимияти кадомест. Он ҷое, ки қонун фармонфармои ҳокимон аст ва онҳо ғуломони қонунанд, ман наҷоти давлат ва ҳама гуна хайру саховатро мебинам, ки худоҳо метавонанд ба давлат ато бикунанд".

Арасту таъкид мекард, ки "қонун бояд ба ҳама ҳукмронӣ кунад", арбоби сиёсии Рим Сисерон низ принсипи ҳуқуқиеро баён карда буд, ки тибқи он бояд ҳама "зери таъсири қонун қарор мегирифтанд, набалки танҳо баъзе шаҳрвандони алоҳида".

Ғояҳои давлати ҳуқуқбунёд дар асрҳои XVIII-XIX дар асарҳои Ҷ.Локк, Ш.Л.Монтеске, Ж.Ж.Руссо, И.Кант ва олимони диғар инкишоф дода шуданд. Чунончи, файласуфи бузурги немис Иммануил Кант барои давлат зарурати такя овардан ба қонун ва тибқи он амал карданро таъкид намудааст. Ба гуфтаи Кант, давлат ба сифати иттиҳоди одамони зиёди тобеи қонун баромад карда, он ҷо қоидае амал мекунад, ки тибқи он қонунбарор нисбати халқ он чиро, ки худи халқ нисбати хеш ба ҷо намеорад, ҳал карда наметавонад. Агар давлат худро аз принсипи мазкур, аз риояи ҳуқуқу озодиҳо канор гирад ва ҳимояи қонунҳоро таъмин накунад, вай ногузир эҳтирому боварии шаҳрвандони худро аз даст медиҳад, онҳоро ба шуғлҳои нисбати худ дар мавқеи мухолиф қароргирифта водор месозад.




**Расми 10. Сарфи назар аз нажод ҳамаи мо баробарем**

Файласуфон ва ҳуқуқшиносони замони ҳозира давлати ҳуқуқбунёдро чун давлати демократие баррасӣ мекунанд, ки дараҷаи баланди рушди тамаддуни инсониро шиори худ қарор додааст. Ифодаи "давлати ҳуқуқбунёд" маънии робитаи зичи давлат ва ҳуқуқро дорад. Давлати ҳуқуқбунёд давлатест, ки ба ҳуқуқ такя мекунад, дар он волоияти қонун пурра таъмин мегардад.

**Давлати ҳуқуқбунёд давлатест, ки дар фаъолияти худ бо ҳуқуқ (қонун) вобаста ва маҳдуд аст.**

Волоияти ҳуқуқ дар давлати ҳуқуқбунёд маънои волоияти на танҳо қонунҳо, балки ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро низ дорад, аз ин рӯ на ҳамаи давлатҳоро ҳуқуқбунёд номидан мумкин аст. Дар давлати ҳуқуқбунёд одам арзиши олитарин маҳсуб мешавад, ҳуқуқу озодиҳои ӯ афзалият дошта, мундариҷаи қонунҳо ва фаъолияти мақомоти давлатиро муайян мекунанд. Давлати ҳуқуқбунёд комилан инсондӯстона аст.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон унсури аввалиндараҷа ва кафолатнокию ҳимояи онҳо аломати муҳимтарини давлати ҳуқуқбунёд аст. Дигар

унсурҳо ва аломатҳои хоси чунин давлат дар асоси онҳо муайян мешаванд.

Давлати ҳуқуқбунёд аз чунин унсурҳои асосӣ таркиб меёбад: афзалиятнокии ҳуқуқҳои инсон, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, тақсимшавии ҳокимият.

Ба унсурҳои зикршуда чунин аломатҳои давлати ҳуқуқбунёд мутобиқат мекунанд:

волоияти ҳуқуқҳо дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ;

эътироф ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

тақсимшавии ҳокимият ба қонунбарор, иҷроия ва судӣ ва назорати судӣ-конститутсионӣ;

масъулиятнокии байниҳамдигарии шаҳрвандон ва давлат.

Давлати ҳуқуқбунёд пеш аз ҳама волоияти қонун, нуфузи он ва аз ҷониби ҳамаи мақомоти давлатӣ, ашхоси мансабдор, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳо ва шаҳрвандон қатъиян риоя шудани қонунро дар назар дорад. Дар давлати ҳуқуқбунёд дар назди қонун ва суди мустақил ҳама баробаранд. Қонунҳо ба адолат асос ёфта, ба ҳимояи озодӣ, шаъну эътибор ва қадру қимати шахсият нигаронида шудаанд.

Дар давлати ҳуқуқбунёд ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф гардида ва кафолат дода мешаванд, дар асоси ташкили ҳокимияти давлатӣ принсипи тақсимшавӣ ба ҳокимиятҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ меистад. Давлати ҳуқуқбунёди замони ҳозира давлати демократиест, ки дар он иштироки халқ дар амалисозии ҳокимият (бевосита ё тавассути намояндагон) таъмин мегардад ва ин дараҷаи баланди фарҳанги ҳуқуқию сиёсии аҳолӣ, ҷомеаи рушдёфтаи шаҳрвандиро тақозо мекунад. Дар давлати ҳуқуқбунёд имконияти дар доираи қонун ҳимоя кардан ва ташвиқу тарғиб намудани ақидаву эътиқодҳои худ кафолат дода мешавад, ки ин аз ҷумла дар ташаккулёбӣ ва амал кардани ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дар озодии матбуот ва ғайра ифодаи худро меёбад.

Давлати ҳуқуқбунёд масъулиятнокии байниҳамдигарии шаҳрвандон ва давлатро дар назар дорад. Ифодаи масъулиятнокии давлат дар назди шаҳрвандон нигаҳдорӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, муҳофизати тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният мебошад. Масъулиятнокии шаҳрванд дар назди давлат бо ӯҳдадориҳои конститутсионии вай муайян мешавад, ки байни онҳо муҳимтаринашон риояи қонунҳо ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳо мебошанд.

**2.КАФОЛАТНОКИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН – АЛОМАТИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД.** Давлати ҳуқуқбунёд на танҳо қонунияти расмиест, ки нигаҳдошти тартиботи ҳуқуқиро дар ҷомеа таъмин мекунад, балки адолати ба эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон асосёфта мебошад. Ҳуқуқҳои инсон ва давлати ҳуқуқбунёд зуҳуроти ба ҳам вобастаанд ва яке ба дигаре вуҷуд дошта наметавонад.

Эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифаи асосӣ ва аломати муҳимтарини маҳз давлати ҳуқуқбунёди демократӣ мебошад. Дар таърихи инсоният ягон давлати дигар ба худ чунин ӯҳдадориҳо

нагирифтааст. Чунончи, масалан, дар давлатҳои ғуломдорӣ ва феодалӣ эътирофу таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон имконнопазир буд. Онҳо танҳо дар Замони нав, дар шароити пойдории ғояҳои инсондӯстӣ, ҳамраъйӣ, қонуният, демократикунонии муттасили ҷомеа ва барқарории давлати ҳуқуқбунёд ба таври воқеӣ имконпазир гаштанд.

Бинобар ин конститутсияҳои бисёр давлатҳои демократии замони ҳозира гояҳои давлати ҳуқуқбунёдро таҳким бахшидаанд. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумурии Тоҷикистон низ давлатро ҳуқуқбунёд эълон кардааст. Тибқи моддаи 1-и Конститутсия “Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад”. Давлат ба худ ӯҳдадориҳои риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро мегирад.

**3. ПРИНСИПИ ТАҚСИМШАВИИ ҲОКИМИЯТ ВА ТАЪМИНИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.** Фаъолияти мақомоти давлати ҳуқуқбунёд ба принсипи тақсимшавии ҳокимият ба рукнҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ асос меёбад. Бе амалишавии принсипи мазкур дар амал ҷорӣ кардани риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон гайриимкон аст. Таърих бисёр мисолҳои гасб кардани ҳокимияти давлатӣ, муттаҳидсозии он дар дасти як одам ва ё мақомоти давлатиро медонад, ки ногузир ба беқонунӣ ва вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон оварда расонидаанд. Ба андешаи яке аз асосгузорони принсипи тақсим кардани ҳокимиятҳо Ҷ.Локк, чунин ҳокимият худ тобеи қонун нест ва табиист, ки он ба қонун тобеъшавии дигаронро таъмин карда наметавонад ва ҳамчунин қодир нест, ки озодиҳои табиии инсонро кафолат диҳад. Файласуфи дигар Ш.-Л.Монтеске низ дар тақсимоти дақиқ ва муносибати байниҳамдигарии ҳокимиятҳо на танҳо кафолати воқеии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, балки ҳимояи онҳоро аз зулму истибдод ва беқонунӣ қайд кардаст.

Ғояҳои тақсими ҳокимият таваҷҷӯҳи на танҳо олимони Ғарб, балки бисёр мутафаккирони Шарқро чун Ал-Форобӣ, Абулҳасан Амирӣ, Низомулмулк, Ғазолӣ, ибни Ҳалдун, Аҳмади Дониш ва дигарон ба худ ҷалб кардааст. Аммо онҳо бар фарқияти мутафаккирони Ғарб ба рукнҳои гуногун тақсим кардани ҳокимиятро пешниҳод накарда, балки таваҷҷӯҳи бештари худро ба сифатҳои инсонии ҳокимон ва амалдорон равона намудаанд ва ғояи ташкил намудани мақомотеро пешниҳод кардаанд, ки ба сифати ҳамвазни ҳокимияти мутлақи подшоҳон бошад. Чунончи, Ал-Форобӣ байни дувоздаҳ сифати ҳамидаи ҳокими накӯкор сифати «нисбат ба одамон боадолат будан»-ро зикр кардааст. Низомулмулк, Муҳаммад Заҳирии Самарқандӣ ва дигарон вазиронро ба сифати ибтидои боздошт нишон додаанд, ки гӯё ба туфайли онҳо «дар характери шоҳон қаҳру ғазаб боло гирифта наметавонад».

Дар ҷаҳони имрӯза принсипи тақсимоти ҳокимиятҳо маънои таъмини баробарвазнии ҳамаи рукнҳои ҳокимиятро дорад. Ҳар кадом рукни ҳокимият функсияҳои қатъиян муайянкардаи қонунро ба ҷо оварда, намегузорад, ки рукни дигар аз доираи салоҳиятҳои худ берун баромада,

ҳуқуқҳои инсонро поймол созад. Сардори давлат қонунҳои зиддиҳуқуқии ҳокимияти қонунбарорро имзо намекунад, ташкилу фаъолияти ҳокимияти иҷроия зери назорати ҳокимияти қонунбарор аст, ҳокимияти қонунбарор ва сардори ҳокимияти иҷроия дар ташкили ҳокимияти судӣ иштирок мекунанд.

Бо мақсади санҷиши мундариҷаи ҳуқуқии қонунҳо дар давлати ҳуқуқбунёд назорати судии конститутсионӣ амалӣ мегардад, ки функсияҳои онро дар давлатҳои гуногун судҳои олӣ, судҳои конститутсионӣ ё шӯроҳои конститутсионӣ (давлат) ба ҷо меоранд. Вазифаи асосии онҳо муайян кардани мутобиқати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба Конситутсия мебошад. Ҳамаи санадҳои қонунгузории мавриди истифодаи мақомоти ҳокимият бояд ба талаботи риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мутобиқат кунанд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маънӣ, ҳадаф ва мундариҷаи санадҳои ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судиро муайян мекунанд.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба сифати асоси ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ принсипи тақсимоти ҳокимиятҳоро таҳким бахшидаст. Мувофиқи моддаи 9-и Конститутсия ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипи тақсимоти он ба ҳокимиятҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ асос ёфтааст.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:**
*давлати ҳуқуқбунёд, принсипи тақсими ҳокимиятҳо.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Давлати ҳуқуқбунёд чист?*

*2.Унсурҳо ва аломатҳои асосии давлати ҳуқуқбунёдро номбар кунед.*

*3.Робитаи байниҳамдигарии давлати ҳуқуқбунёд бо ҳуқуқҳои инсон дар чӣ ифода меёбад?*

*4.Дар Рими қадим ақидае паҳн шуда буд: «Шоҳ қонун нест, қонун шоҳ аст». Шумо инро чӣ тавр мефаҳмед?*

*5.Ба андешаи Шумо, чаро принсипи тақсими ҳокимиятҳо ба қонунбарор, иҷроия ва судӣ яке аз аломатҳои давлати ҳуқуқбунёд аст?*

## §14. ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ВА ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ

**1.ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ.** Дар ҷаҳони имрӯза дар назди давлат маҷмӯи томи вазифаҳои муҳимтарин меистанд, ки таъиноти иҷтимоии давлат дар онҳо ифода мегардад. Ва дар тавсифи таъиноти иҷтимоии давлат вазифаи аз ҳама асоситарини он таъмини сатҳи муайяни зиндагии шаҳрвандони худ, қонеъсозии талаботи моддӣ ва маънавии онҳо мебошад.

Мафҳуми «давлати иҷтимоӣ" дар миёнаҳои асри XX пайдо шудааст. Нуктаҳо дар бораи давлати иҷтимоӣ дар конститутсияҳои як қатор

давлатҳои демократии иқтисодиёташон хеле пешрафта (дар Ҷумҳурии Федеролии Олмон - соли 1949, Фаронса – 1958, Испания – соли 1978 ва ғайра) зикр ғардидаанд. Чунин давлат чун «давлати некӯаҳволии умум» баррасӣ мешавад.

Аммо ғояи некӯаҳволии халқ ҳамчун вазифаи асосии давлат ҳанӯз дар давраи дунёи қадим пайдо шуда буд. Масалан, Арасту давлатро «иттиҳоди озодон баҳри муваффақшавӣ ба ҳаёти хушбахтона» донистааст. Дар Рим шиори зер маълум буд: «Некӯаҳволии халқ қонуни олитарин аст».

Давлати иҷтимоии замони ҳозира вазифадор аст бобати фароҳам овардани шароитҳое, ки ҳаёти шоиста ва рушди озодонаи шаҳрвандонро таъмин менамоянд, ғамхорӣ кунад. Зимнан, зери мафҳуми ҳаёти шоиста таъминоти моддии мутобиқи стандартҳои ҷаҳонӣ, дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, амнияти ҳуқуқии шахсӣ ва зери мафҳуми рушди озодона рушди зеҳнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии инсон фаҳмида мешавад.

Давлати иҷтимоӣ давлатест, ки сиёсаташ ба таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ ва рушди озодонаи инсон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои вай нигаронида шудааст.

Сиёсати иҷтимоии давлат яке аз принсипҳои асосии давлати демократии замони ҳозира мебошад. Моҳияти давлати иҷтимоӣ дар муттаҳидшавии ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ, миллатҳо, арзишҳо ифода ёфта, аломатҳои асосии он таъмини қадру қимати инсон, адолат, масъулиятнокӣ, барҳам додани нобаробарии воқеӣ, ба эътидол омадани низоъҳои иҷтимоӣ ва ихтилофот дар ҷомеа мебошад. Дар давлати иҷтимоӣ ҳама гуна шаклҳои табъизи одамон аз рӯи аломатҳои мансубияти иҷтимоӣ манъ аст.

Инкишофи моликияти хусусӣ, ки ба тақсимоти табақавии иҷтимоии ҷомеа бурда мерасонад, аз давлати иҷтимоӣ ҳалли проблемаи нисбатан мураккаб – эътидолбахшии низоъҳоро аз рӯи принсипи “то ки камбағалон набошанд», на аз рӯи принсипи «то ки бойҳо набошанд» тақозо мекунад. Таъминоти шоистаи моддӣ маънии баробарии пурраи моддиро надорад. Давлат бояд роҳҳоеро дарёбад, ки пеши роҳи камбизоатии оммавиро гирифта, болоравии некӯаҳволии шаҳрвандонро таъмин намояд.

Яке аз ҷиҳатҳои давлати иҷтимоии замони ҳозира ғамхории зиёд дар ҳаққи категорияҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ беҳимояи шаҳрвандон: кӯдакон, одамони имкониятҳояшон маҳдуд, пиронсолон, бехонаҳо ва ғайра мебошад.

Аммо давлати иҷтимоӣ набояд тайёрхӯронро тарбият кунад ва бо васояти худ ба фаъолмандии корӣ, ташаббусҳои соҳибкории аъзои ҷомеа халал расонад. Сухан танҳо дар бораи фароҳам овардани чунин имкониятҳои мусоиди ҳуқуқӣ ва ташкилӣ меравад, ки дар онҳо шаҳрвандон бо кӯшишҳои хеш барои худ ва аҳли оилаашон некӯаҳволӣ ба вуҷуд оранд.

Фаъолияти давлати иҷтимоӣ бевосита бо таъмину ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд алоқаманд аст. Сухан пеш аз ҳама дар бораи насли дуюми ҳуқуқҳои инсон-ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ меравад, ки амалисозии онҳо аз давлат бунёди кӯдакистонҳо, мактабҳои

олӣ ва таҳсилоти умумӣ, роҳҳою кӯпрукҳо, иншооти табобатию курортӣ, хонаҳои маданият, пардохти музди меҳнати коркунони соҳаи буҷетӣ, нафақа ва ҳадди ақали музди меҳнат, навъҳои гуногуни кӯмакҳои моддӣ, тарбияи ятимон ва бепарасторон, шаклҳои хадамоти гуногуни маишӣ ва ғайраро тақозо мекунанд. Аммо давлати иҷтимоӣ ба амалишавии тамоми маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳо таъсири бевосита мерасонад.

**2. ШАРОИТҲОИ ШОИСТАИ ЗИНДАГӢ.** Тавре дар боло изҳор гардид, маънии фаъолияти давлати иҷтимоӣ аз он иборат аст, ки давлат ба нишондодҳои қонун асос карда, ба худ ӯҳдадории барои ҳар инсон таъмин кардани шароитҳои зиндагии шоистаи моддиро мегирад ва ҳар одам ба чунин сатҳи зиндагӣ умед баста метавонад, ки дар он на танҳо зиндагии оддӣ ба сар барад, балки худро ҳамчун шахсият зоҳир карда, аз давлати худ ифтихор намояд.

Ҳуқуқи ҳар як одам ба шароитҳои шоистаи зиндагӣ ва моҳияти он дар моддаи 25-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар кушода дода шудааст: «Ҳар як инсон ба чунин сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла хӯрок, пӯшок, манзил, нигоҳубини тиббӣ ва таъминоти зарурии иҷтимоие, ки барои сиҳатию некӯаҳволии худи ӯ ва оилааш зарур аст, ба таъминот дар ҳолатҳои бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, бесаробон мондан, пиронсолӣ ё дигар ҳолатҳои маҳрумият аз воситаҳои зиндагӣ, ки бо сабабҳои новобаста аз ӯ ба вуҷуд меоянд, ҳақ дорад»". Ва минбаъд: «Модарону кӯдакон ба васоят ва кӯмаки махсус ҳақ доранд. Хамаи кӯдаконе, ки дар аҳди никоҳ ва берун аз он таваллуд шудаанд, бояд аз ҳимояи иҷтимоӣ баробар истифода намоянд».

Ҳуқуқи мазкурро дигар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ низ таҳким бахшидаанд. Масалан, тибқи моддаи 11-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ "давлат ҳуқуқи ҳар шахсро ба сатҳи кофии зиндагӣ барои худи ӯ ва оилаи ӯ бо фарогирии хӯрок, пӯшок ва манзили кофӣ ва пайваста беҳтар шудани шароитҳои зиндагӣ» эътироф мекунад. Дар ин маврид ҷомеаи байналмилалӣ ба озоду эмин будани ҳар кадоме аз гуруснагӣ эътибори махсус медиҳад.

Ба ин тариқ, шароитҳои шоистаи зиндагӣ таъминоти оддӣ бо хӯрок, либос, манзил, ёрии тиббӣ, музди меҳнат, шароитҳои хуби маишӣ, хадамоти гуногуни иҷтимоӣ дар таъминоти коммуналӣ, қувваи барқ, об ва ғайраро фаро мегиранд. Кӯшиш ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ҳамчун некӯаҳволӣ асоси амалишавии як силсила ҳуқуқу озодиҳоро ташкил медиҳад, ки дар боби алоҳидаи китоби дарсии мазкур мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

**3. МОҲИЯТ ВА МУНДАРИҶАИ ФАЪОЛИЯТИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТ.** Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи ташкил кардани давлати иҷтимоиро пеш гирифта, онро дар моддаи 1-и Конститутсия таҳким бахшид. Мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат дар шахси мақомоти ҳокимияти қонунбарор ва иҷроия оид ба самтҳои асосии зерин сиёсати иҷтимоиро таҳия месозад: дастгирии давлатии оила,

модарӣ, падарӣ ва кӯдакӣ, таъин кардани нафақаҳо ба маъюбон ва дигар ашхоси ғайри қобили меҳнат; таъсиси низомҳои хадамоти ичтимоии шуғл, ки вазифадоранд бобати бо ҷои кор таъмин намудани ашхоси кори доимӣ надошта ва ба онҳо додани кӯмакпулиҳои мувофиқ ба сабаби бекорӣ чораҳо бинанд; пардохти нафақаҳои давлатӣ ва кӯмакпулиҳои ичтимоӣ, ҳифзи меҳнат ва сиҳатии одамон; муқаррар кардани андозаи минималии кафолатноки пардохти музди меҳнат ва ғайра.

Давлат ба андозаи иқтидору имкониятҳои моддӣ ва молиявии худ кӯшиш мекунад, ки дар ҳаёт сиёсати ичтимоиро татбиқ карда, дараҷаи некӯаҳволии аҳолиро баланд бардорад. Самаронокии сиёсати ичтимоии давлат, бешак, аз рушди иқтисодии мамлакат, мавҷудияти заминаҳо ва захираҳои моддӣ-техникӣ, аз мӯътадилии вазъи сиёсӣ, ҳамчунин аз дурандешӣ, инсондӯстӣ ва муттасил дар ҳаёт татбиқ намудани ислоҳотҳо вобаста аст.

Фаъолияти ичтимоии давлат оид ба таъминсозии шароитҳои шоистаи зиндагии аҳолӣ маблағи зиёди молиявии буҷет ва маҷмӯи томи чорабиниҳои гуногунро тақозо мекунад, ки сиёсати оқилонаи андозбандӣ, таҳияи буҷети давлатӣ, гузаронидани ислоҳотҳои ичтимоӣ, ҷорӣ намудани барномаҳои гуногуни ичтимоӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, шуғли аҳолӣ, сохтмони коммуналӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд.

Сиёсати ичтимоии давлат бояд оқилона бошад. Аз як тараф, фаъолияти ичтимоии давлат ба фаъолияти озодонаи соҳибкории одамон, рушди муносибатҳои бозорӣ набояд халал расонад. Вай дахолати номаҳдуди давлатро ба ин соҳаҳо дар назар надорад. Ин фаъолият на бо чораҳои фармонфармоӣ, баръакс бо тавсияҳо ва манфиатдорӣ амалӣ мешавад. Аз тарафи дигар, ҳамзамон бо кафолатнокии шароитҳои мусоиди зиндагӣ давлат бояд бемасъулиятии шахсии шаҳрвандони алоҳидаро огоҳ созад. Таъмини ҳаёти шоиста маънии озодии номаҳдуди соҳибихтиёронаро надорад, баръакс эҳтиром ва риояи қонунҳоро талаб мекунад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *давлати ичтимоӣ, сиёсати ичтимоии давлат, шароитҳои шоистаи зиндагӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Давлати ичтимоӣ чист?*

*2.Моҳияти сиёсати ичтимоии давлат дар чӣ ифода меёбад?*

*3.Зери мафҳуми шароитҳои шоистаи зиндагӣ чиро мефаҳманд?*

*4.Ин гуфтаҳоро бодиққат хонед: «Ба бузургии ҳама гуна ҷомеа ба туфайли як меъёри оддӣ, ки маҳз ин аст, баҳо додан мумкин: ин ҷомеа дар ҳаққи кӯдакон, пиронсолон ва маризон чӣ гуна ғамхорӣ мекунад?» (А.Тойнби); «Ҷомеа ба онҳое, ки дар камбағалии худ гунаҳкор нестанд, бояд кӯмакпулӣ диҳад, на садақа» (П.Буаст). Ба андешаи Шумо, ин гуфтаҳоро чӣ маънии муттаҳид месозад?*

# §15. НАҚШИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ДАР ТАШАККУЛИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

**1.ҶОМЕАИ ШАҲРАНДӢ: МАФҲУМ, УНСУРҲО.** Давлати муосири ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ бо мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ" пайванди ногусастанӣ дорад.

Тасаввурот дар бораи ҷомеаи шаҳрвандӣ аз таълимоти Арастую Афлотун, Сисерон, мутафаккирони даврони Эҳё сар карда, то ақидаҳои файласуфон ва ҳуқуқшиносони имрӯза эволютсияи дурударозеро тай кардааст. Истилоҳи "ҷомеаи шаҳрвандӣ" аз асри XVIII сар карда босуботона истеъмол мешавад, то ин вақт олимон давлат ва ҷомеаро чун воҳиди ягона баррасӣ мекарданд.

*Ба хотир оред, ки ҷомеа чист? Робитаи вай бо давлат чӣ гуна аст?*

Дар дунёи қадим ва дар давраи асрҳои миёна байни мафҳумҳои "ҷомеа" ва "давлат" фарқияти принсипиалӣ намегузоштанд. Таърихан аввал ҷомеа чун иттиҳоди одамон зуҳур карда, баъд давлат чун шакли ташкили ҷомеа пайдо мешавад. Фаъолияти давлат комилан ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро ба танзим медарорад.

Дар Замони нав, дар давраи инқилобҳои буржуазӣ зери таъсири эълом гардидани ҳуқуқҳои табиии инсон ва зарурати ҳимояи юридикии онҳо, бо таҳкимёбии институти шаҳрвандӣ, ҳамчунин ба сабаби аҳамияти афзоянда ва фаъолмандии шахсияти алоҳида дар ҳаёти ҷамъиятӣ байни мафҳумҳои давлат ва ҷомеа фарқиятҳо ба мушоҳида расиданд. Манфиатҳои шахсии одамони алоҳида, соҳибихтиёрию озодӣ ва ҳаёти шахсии онҳо аз назорати давлатӣ берун мебарояд. Одамон мустақилона дар муносибатҳои амволию молиявӣ, дар соҳаи истеҳсолот ва тақсимоти маҳсулот ширкат меварзанд, ҳуқуқу озодиҳои шахсиашонро (шаҳрвандиашонро) амалӣ мегардонанд.

Тадриҷан зери мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ соҳаи махсуси муносибатҳо, асосан муносибатҳои молумулкӣ, бозорӣ, оилавӣ, рӯҳонӣ, динӣ, маънавиро, ки байни одамон, сарфи назар аз давлат, амалӣ мегарданд, мефаҳмидагӣ шуданд. Яъне сухан дар бораи дахолат накардани ҳокимияти давлатӣ ба "корҳои шаҳрвандии" шахсият, ба ҳаёти шахсии одамон мерафт.

Таркиби "ҷомеаи шаҳрвандӣ" шартист, зеро ҷомеаи "ғайри-шаҳрвандӣ" ва зиёда аз он "зиддишаҳрвандӣ" умуман вуҷуд надорад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, аз шаҳрвандон иборат аст. Ҳамзамон ҳама гуна ҷомеаи иборат аз шаҳрвандонро ҷомеаи шаҳрвандӣ номидан нашояд. Зери мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ навъи махсуси ҷомеае фаҳмида мешавад, ки бо дараҷаи баланди камолот, оқилӣ, мутамаддинӣ, дар он фароҳам будани шароитҳои мусоид барои шаҳрвандони худ характернок аст. Ҷомеаи давраи сохти ибтидоии ҷамъиятиро ба сабаби дар он мавҷуд набудани мафҳумҳое чун "шаҳрванд" ва "шаҳрвандӣ" ҷомеаи шаҳрвандӣ

номидан нашояд. Ҳамин тавр, ҷомеаҳои ғуломдорӣ ва феодалӣ низ ҷомеаҳои шаҳрвандӣ шуда наметавонистанд, зеро онҳо қисми зиёди аъзои худро ба сифати одамони озоду баробарҳуқуқ эътироф намекарданд.

*Фикр кунед, оё ҷомеаи замони режими тоталитариро ҷомеаи шаҳрвандӣ номидан мумкин аст?*

Ҷомеаи шаҳрвандиро аз боло ҷорӣ кардан, ё бо қонун таъсис додан мумкин нест. Вай маҳсули рушди дурударози таърихии худи ҷомеаест, ки тарзи махсуси зиндагӣ, тафаккур, муошират, сохти махсуси иқтисодиро дар назар дорад, арзишҳои бунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон, қадру қимат, мустақилияти рӯҳонӣ, шахсӣ, сиёсӣ, маънавии ӯ мебошанд.

Ҷиҳатҳои асосии тавсифбахшандаи ҳамагуна ҷомеаи шаҳрвандии замони ҳозира инҳоянд: 1) озодии иқтисодӣ, бисёршаклии моликият, муносибатҳои бозорӣ, рақобат; 2) эътироф ва ҳимояи бечунучарои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; 3) қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва характери демократии ҳокимият; 4) баробарии ҳама дар назди қонун ва суд; 5) гуногунандешии сиёсӣ ва идеологӣ; 6) озодии афкор, сухан ва матбуот, мустақилияти воситаҳои ахбори умум; 7) дахолат накардани давлат ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон, ӯҳдадориҳо ва масъулиятнокии байниҳамдигарии онҳо; 8) сулҳи шаҳрвандӣ, шарикӣ ва ризоияти миллӣ; 9) сиёсати босамари иҷтимоии таъминкунандаи шароитҳои шоистаи зиндагии одамон; 10) рушди идоракунии маҳаллӣ ва худидоракунӣ.

**Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаи худидоракунандаест, ки аъзои он – одамони озод бо мақсади қонеъсозии манфиатҳо ва талаботи худ мустақилона зиндагӣ ва меҳнат мекунанд ва дар назди гузаштаи таърихӣ, имрӯзу фардои инсоният масъулияти баланд эҳсос менамоянд.**

Унсурҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ инҳоянд: шахсият, шаҳрвандон, оила, гурӯҳҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ, мактабҳо, муассисаҳои динӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, воситаҳои мустақили ахбори омма, сохторҳои ғайридавлатӣ (ғайриҳукуматӣ), бунёдҳо, марказҳо, клубҳо аз рӯи шавқмандиҳо ва ғайра.

Ҷомеаи шаҳрвандиро бе шахсияти озод, ки имкониятҳои васеи фаъолияти мустақилона дорад, тасаввур кардан номумкин аст. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчунин оила чун муассиса (институт)-и муҳимтарини сохти ҳаёти иҷтимоӣ нақши басо муҳим мебозад. Барқарории ҷомеаи шаҳрвандӣ бе ташаккули гурӯҳҳо ва табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ: синфҳо, гурӯҳҳои иттифоқҳои касаба (иттиҳоди кормандони як корхона), ҷамоаҳои этникӣ (миллатҳо, халқиятҳо) ва ҳудудҳо ( сокинони як деҳа, шаҳр, ноҳия), гурӯҳҳои синнусолӣ (ҷавонон, нафақагирон), ҷамоаҳои ҳамсоя, давраҳои дӯстона, синфҳои мактабӣ ва ғайраву ва ҳоказо номумкин мебошад. Унсурҳои иқтисодии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба моликияти хусусӣ ва фаъолияти озоди соҳибкории шаҳрандон асос ёфтаанд. Дар шароитҳои инқилоби

иттилоотӣ ҷомеаи шаҳрвандиро бе унсурҳои иттилоотӣ, ки ба онҳо воситаҳои гуногуни ғайридавлатии ахбори омма, радио, телевизион, матбуот, робитаҳои компютерӣ ва ғайра мансубанд, тасаввур кардан мумкин нест. Дар барқарории ҷомеаи шаҳрвандӣ иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ: аҳзоби сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳо ва бунёдҳои хайриявӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ (СҒҲ) ва ғайра нақши муҳим мебозанд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ худидоракунанда аст, бинобар ин дар он нақши чунин унсурҳо чун мақомоти худидоракунии маҳаллӣ махсус мебошад. Худидоракунии маҳаллӣ имконияти иштироки бевоситаи шаҳрвандонро дар ҳалли масъалаҳое, ки аҳамияти маҳаллӣ доранд, фароҳам меорад.

**2.ТАНОСУБИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА ДАВЛАТ.** Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаи озод, демократӣ ва худрушдкунандаест, ки дар он инсон, шаҳрванд, шахсият мавқеи марказиро ишғол менамояд. Вай ҳамаи сохторҳои ғайридавлатиро дар соҳаҳои фаъолияти ҳаётии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ фаро мегирад.

Давлати демократии ҳуқуқбунёд ба ҳаёти шахсии одамон дахолат намекунад, муайян намесозад, ки онҳо бояд бо чӣ машғул шаванд, чиро дӯст доранд, барои чӣ ва зидди чӣ мубориза баранд. Шавқмандиҳои гуногунранги одамон дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ тавассути амалҳои якҷояи онҳо, иттиҳодияҳо, ассосиатсияҳо сурат мегиранд.

Аммо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳамбастагии зич ва ҳатто ягона бо давлат арзи вуҷуд мекунад, рушд меёбад ва амал менамояд, ҳарчанд дар муносибатҳои байни онҳо норизоияту ихтилофот ҳам шуда метавонанд, ки бояд дар доираи қонун ҳаллу фасл гарданд. Одам ва давлат дар бораи “қоидаҳои бозӣ”, ӯҳдадориҳо ва масъулиятнокии байниҳамдигарӣ ба мувофиқа меоянд. Вазифаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба он назорат кардан ва роҳ надодан ба вайроншавии ин қоидаҳост.

Байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ робитаҳои зич мавҷуданд. Чунончи, масалан, ҳалқаи пайвандкунандаи байни онҳо ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд. Ҳизби сиёсӣ шакли намояндагии манфиатҳои аъзои ҷомеаи шаҳрвандиест, ки бо идеологияи ягона муттаҳид буда, барои ҳокимияти сиёсӣ мекӯшанд. Онҳо талаботи табақаҳои кофии гуногуни ҷомеаро ҷамъбаст карда, онҳоро дар шакли талабот ба ҳукумат ташаккул медиҳанд.

***Фикр кунед, робитаи байниҳамдигарӣ миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд чӣ тарз мушоҳида карда мешавад?***

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат набояд ҳамчун мухолифин дар муқобили ҳамдигар қарор гиранд, балки дар асоси эҳтироми қонун мунтазам бо якдигар ҳамкории муназзам намоянд. Бинобар ин робитаи нисбатан зичи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ бобати бунёди мамлакати пурқуввату мӯътадил шарики давлат мебошад. Ҳалли бисёр проблемаҳои замони ҳозира, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо бо

кӯшишҳои умумӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ имконпазир аст .

**3.ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ.** Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаи озоди демократӣ, ҳуқуқбунёд ва мутамаддинест, ки дар он барои режими ҳокимияти шахсӣ, зӯроварӣ ба одамон, бадбинии иҷтимоӣ ҷой нест, ин ҷо ахлоқ ва қонун, принсипҳои инсондӯстӣ ва адолатнокиро эҳтиром мекунанд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ аз шаҳрванд ва озодиҳои ӯ ибтидо мегирад. Худи унвони « шаҳрванд" дар замони худ ҳамчун муродифи мустақилият, баробарҳуқуқӣ, қадру қимат ва худэҳтироми шахсият садо дода буд. Мақоми шаҳрвандро Инқилоби бузурги Фаронса, ки ғояҳояш дар Эъломияи машҳури ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд (соли 1879) таҷассум ёфтаанд, махсусан боло бардошт.

Ҷомеаи шаҳрвандии муосир вазифадор аст, ки барои бе мамониат амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои шахсият дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ, принсипҳои демократия, баробарҳуқуқӣ, арзишҳои маънавӣ ва фарҳангӣ, идеалҳои адолатнокӣ шароиту муҳити зарурӣ фароҳам орад.

Байни вазифаҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: 1) ҳимояи иҷтимоӣ ва ёрии байниҳамдигрии шаҳрвандон; 2) назорати фаъолияти давлат (аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқҳои инсон); 3) иштирок дар идоракунӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ; 4) барқарории арзишҳои инсондӯстӣ ва демократӣ. Бисёр вақт иҷрои вазифаҳои мазкурро созмонҳои гуногуни ғайриҳукуматӣ, васоити ахбори омма ва сохторҳои дигар ба зиммаи худ мегиранд.

Нақши танзимгарии давлат ба ҳадди ақали зарурӣ: ҳимояи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, кафолатнокии риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсоният мефарояд.

Соҳибкорӣ ва озодӣ, ташаббус ва салоҳиятмандии одамон, фаъолияти соҳибкории онҳо, муносибатҳои шахсии молумулкӣ ва бозор бе ҳуқуқҳои инсон имконнопазиранд. Агар одам ҳуқуқу озодиҳои оддии шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ надошта бошад, фаъолияти озоду мустақилонаи ӯ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа амалӣ намегардад. Бинобар ин эътироф, риоя ва ҳифзи бечунучарои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аломати муҳимтарин ва ҳамзамон шарти зарурии ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳама гуна мамлакат аст.

**Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси эътироф ва истифодаи васеи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташаккул ёфта, рушд мекунад. Устуворӣ ва пешрафти ҷомеаи шаҳрвандӣ аз сатҳи амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон вобаста мебошад.**

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҷомеаи шаҳравндӣ, унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Ҷомеаи шаҳрвандӣ чист? Фарқияти байни ҷомеа ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз чӣ иборат аст?*

*2. Ҷиҳатҳо ва унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандиро номбар кунед ва шарҳ диҳед.*

*3. Бисёр муҳаққиқони замони ҳозир изҳор доранд, ки дар табиат пайдо кардани ҷомеаи ҳақиқии шаҳрвандӣ басо душвор аст, онҳо беш аз ҳама дар идеал, дар шуури одамон мавҷуданд. Оё Шумо ин ақидаро ҷонибдорӣ мекунед? Чаро?*

# §16. БАРҚАРОРИИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД, ИҶТИМОӢ ВА ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**1.БАРҚАРОРИИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД, ИҶТИМОӢ ВА ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.** Дар ҳар мамлакат рушди ормонҳои давлатдории демократӣ ва принсипҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба махсусиятҳои ватанӣ такя карда, аз шароитҳои ташаккулёфтаи таърихӣ, анъанаҳои фарҳангӣ, хусусиятҳои шуур ва мавқеи фаъолонаи аҳолӣ вобаста аст. Баъди эълон шудани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои худро ба сохтани давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ равона намуд.

Тоҷикистони ҳозираи соҳибистиқлол ояндаи худ ва тақдири шаҳрвандони хешро дар давлати пуриқтидори демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ ва ҷомеаи фаъоли шаҳрвандӣ мебинад, ки дар ташаккули онҳо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бояд нақши махсус бозад. Он асосҳои ҳуқуқиро гузошта, дурнамои рушди ҷамъиятӣ ва барқарории давлатдории замони ҳозираро муайян намуд.

Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояҳо, унсурҳо ва аломатҳои давлати ҳуқуқбунёд пурра таҷассум ёфтаанд.

> **Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.**
>
> *Моддаи 1-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Моддаи 10-и Конститутсия яке аз аломатҳои давлати ҳуқуқбунёд-волоияти қонунро дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ таҳким мебахшад. Мувофиқи моддаи мазкур Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд, Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёди дар назди шаҳрвандони худ масъул ба зиммаи худ ӯҳдадориҳои конститутсионии таъмини ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кафолати риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро гирифтааст.

**Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.**

*Қисми 3-и моддаи 5-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Тибқи моддаи 17-и Конститутсия давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, маълумот ва молу мулк ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад. Боби алоҳидаи 2-юми Конститутсия ба ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст.

Ба сифати асосҳои ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 9 принсипи тақсими ҳокимиятҳоро таҳким бахшидааст. Сардори давлат ва ҳамзамон сарвари ҳокимияти иҷроия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ҳокимияти иҷроияро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад. Мақомоти олии намояндагӣ ва қонунбарор (парламент) - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз ду палата: Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст. Ҳокимияти судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди Конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди олии иқтисодӣ, суди ҳарбӣ, суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба амал мебароранд.

Ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадоранд, ки дар фаъолияти худ кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин кунанд. Мувофиқи моддаи 64-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Санадҳои меъёрии аз ҷониби мақомоти ҳокимияти қонунбарор қабулшаванда бояд бо гояҳои инсондӯстдорӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо фарогир бошанд. Дар таъмини ҳуқуқҳои инсон мақомоти ҳокимияти иҷроия, махсусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бояд нақши калон бозанд.

Тибқи моддаи 84-и Конститутсия ҳокимияти судӣ мустақил буда, ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият, манфиатҳои давлат, созмону муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд. Ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ, прокуратура, ҳамчунин комитетҳо, шӯъбаҳо, идораҳои махсус таъсисёфта, ки бояд ҳуқуқу озодиҳои категорияҳои гуногуни аҳолиро ҳифз намоянд, нигаронида шудаанд.

Тоҷикистон ҳамчунин роҳи бунёди давлати иҷтимоиро эълон доштааст.

**Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.**

*Моддаи 1-Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Меъёрҳо ва арзишҳои дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуда дар ташаккули институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши

муҳим мебозанд. Чунончи, нуқтаҳои алоҳидаи конститутсионӣ дахлнопазирии шахсият ва ҳаёти шахсии инсон, гуногунрангии идеологӣ ва сиёсӣ, ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, фаъолияти озодонаи иқтисодӣ, соҳибкорӣ, ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлат, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ ва ғайраро эътироф мекунанд.

Дар Тоҷикистони имрӯза васоити мустақили ахбори омма, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, сохторҳои ҷамъиятӣ фаъолона рушд мекунанд. Аммо раванди барқарорӣ ва рушди давлати ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дуру дароз ва мураккаб аст. Вай аз бисёр омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳамчунин аз мавқеи фаъолонаи шаҳрвандӣ ва масъулиятнокии ҳар як инсони дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагикунанда вобаста аст.

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Мундариҷаи моддаи 1-Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки давлатро ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ эълон кардааст, баррасӣ намоед ва шарҳ диҳед.*

*2. Кадом унсурҳо ва ҷиҳатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Конститутсияи имрӯзаи Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд?*

*3. Таърихи барқарории давлати тоҷиконро ба хотир оред ва муайян намоед, ки Тоҷикистони имрӯза бо кадом ҷиҳатҳо аз давлатҳои қадимаи тоҷикон фарқ мекунад?*

# БОБИ 7
# САНАДҲО ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН

## §17. САНАДҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

**1.САНАДИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚӢ: МАФҲУМ, НАВЪҲО.** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсонро эътироф карда, худро давлати демократии ҳуқуқбунёд эълон кард. Яке аз аломатҳои давлати ҳуқуқбунёд волоияти ҳуқуқ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётии ҷомеа аст. Ҳуқуқ низоми меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор аст, ки муносибатҳои аз давлат бармеомада ва иродаю манфиатҳои онро дар ҷомеа ба танзим медарорад.

***Фикр кунед, байни мафҳумҳои "ҳуқуқи инсон" ва "ҳуқуқ" (чун низоми меъёрҳо) чӣ фарқияте ҳаст?***

Қоидаҳо ва меъёрҳои барои ҳама ҳатмии рафтор, ки ҳуқуқро ташкил медиҳанд, худ аз худ вуҷуд дошта наметавонанд, онҳо бояд дар ягон шакли барои ҳама дастрас ифода гарданд, ба таври хаттӣ дар ҳуҷҷатҳо, нишондодҳо, дастурҳои махсус таҳким ёбанд ва то ба маълумоти

шаҳрвандон расонида шаванд. Чунин ҳуҷҷатҳои махсус санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мебошанд.

**Санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҳуҷҷати расмиест, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқии аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё шахсони мансабдори салоҳиятманд, ё бо роҳи раъйпурсӣ қабулшаванда ифода меёбанд.**

Ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аломатҳои зерин хосанд: 1) онҳо аз ҷониби мақомоти ба он салоҳиятманди давлатӣ қабул карда мешаванд; 2) онҳо дар шакли ҳуҷҷати расмӣ мураттаб карда мешаванд; 3) онҳо муқаррар мекунанд, ки меъёрҳои ҳуқуқро тағйир медиҳанд ва ё дигар мекунанд; 4) онҳо қоидаҳои рафтори умумиро барои ҳама таҳким мебахшанд (масалан, қонуни муқарраркунандаи кӯмакпулиҳо ба модарони танҳо санади меъёрӣ аст, қарори мақомоти таъминоти иҷтимоӣ дар бораи муқаррар кардани нафақа, фарз кардем, ба модари танҳое санади инфиродии истифода кардани ҳуқуқ мебошад). Дар ҳар мамлакат бо қонунгузорӣ тартиби нашр, тағйир додан, дигар кардан ва пурра сохтани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад.



**Расми 11. Асноди меъёрию ҳуқуқии ҶТ**

Чун қоида, ҳамаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба ду шакл – қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ ҷудо мешаванд, ки дар зер сухан дар бораи онҳо меравад. Барои таснифи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мафҳуми дорои қувваи юридикие, ки мақомоти давлатии ин ё он ҳуҷҷатро нашркарда муайян месозанд, аҳамияти ҳалкунанда дорад. Вобаста ба ин дар ҳар мамлакат тартиби (иерархияи) қатъӣ, яъне низоми ҷойгиршавӣ ва тобеияти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муқаррар мегардад.

**Қувваи юридикӣ хосияти махсуси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аст, ки мавқеи онро дар низоми ҳамаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муайян мекунад.**

Санадҳое ҳастанд, ки дорои қувваи олии юридикӣ (қонунҳо) ва қувваи камтари юридикиранд (санадҳои зерқонунӣ). Агар байни онҳо ихтилофоте мушоҳида шавад, санади дорои қувваи бештари юридикӣ амал менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб (иерархия)-и санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ чунин аст: 1) Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) Қонунҳои конститутсионӣ; 3) Қонунҳо; 4) Қарорҳои Маҷлиси Олӣ; 5) Фармонҳои Президент; 6) Қарорҳои Ҳукумат; 7) Санадҳои вазоратҳо, идораҳо ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ.

***Нақшаро бодиққат омӯзед. Навъҳои асосии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро аз назар гузаронед.***




Дар давлат қонуни аз ҳама муҳимтарини қувваи олии юридикӣ дошта Конститутсияи мамлакат мебошад.

**Конститутсия (аз лот. constititio –муқаррарот, тасдиқот) қонуни асосиест, ки эътибори олии юридикӣ дошта, асосҳои сохти ҷамъиятӣ ва сохти давлатдорӣ, муносибати байниҳамдигарии миёни давлат ва шахсият, ташкил ва фаъолияти низоми мақомоти давлатиро таҳким мебахшад.**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки асосҳои сохти конститутсиониро муайян карда, ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаю ӯҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд, тартиби ташкили фаъолияти рукнҳои қонунбарор, иҷроия ва судии ҳокимият, шаклҳои идоракунии давлатиро таҳким мебахшад. Меъёрҳои Конститутсия дар тамоми қаламрави мамлакат мустақиман амал карда, ҳар кас ӯҳдадор аст, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя кунад. Ҳамаи қонунгузориҳои дигар ба Конститутсия асос меёбанд, ягон санади меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон набояд хилофи он бошад.

Ҳамаи дигар наъҳои қонунҳо дар муқоиса бо Конститутсия қувваи камтари юридикӣ доранд.

**Қонун санади меъёрӣ-ҳуқуқиест, ки аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ қабул карда мешавад.**

Қонунҳо, чун қоида, аз ҷониби мақомоти қонунбарори ҳокимият дар мамлакат - парлумон қабул карда мешаванд. Дар Тоҷикистон қонунҳоро Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мекунад. Аммо қонунҳое низ ҳастанд, ки бо роҳи раъйпурсӣ қабул карда мешаванд. Инҳо санадҳое мебошанд, ки шаҳрвандон бо роҳи овоздиҳии умумихалқӣ қабул карда, онҳо масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятии ҷумҳуриро ба танзим медароранд. Ҳамаи қонунҳо бо тартиботи махсус таҳия шуда, муносибатҳои нисбатан муҳимро дар ҷомеа танзим мекунанд. Дар баъзе мамлакатҳо номгӯи қатъии масъалаҳое муқаррар шудаанд, ки маҳз бо кӯмаки қонун танзим карда мешаванд. Дар Тоҷикистон чунин номгӯй нест, бинобар ин Маҷлиси Олӣ расман оид ба ҳамаи масъалаҳои муҳим метавонад қонун қабул намояд.

Ҳамаи қонунҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард:

1.Қонунҳои конститутсионии танзимкунандаи масъалаҳои нисбатан муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ. Чунин масъалаҳо аз нигоҳи умумӣ дар Конститутсия ба танзим оварда шудаанд, аммо онҳо дар қонунҳои конститутсионӣ инкишофи минбаъда пайдо кардаанд (масалан, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 ноябри соли 1995 ва ғайра). Қонунҳои конститутсионии аз ҷониби мақомоти қонунбарор ё бо роҳи раъйпурсӣ мувофиқи тартиботи муқарраргардида қабулкардашуда набояд хилофи Конститутсия бошанд.

2.Қонунҳои ҷорӣ (муқаррарӣ), ки барои ба танзим даровардани ҳамаи масъалаҳои дигари ҳаёти ҷомеа қабул карда мешаванд (масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз вазъиятҳои фавқулоддаи характери табиӣ ва техногенидошта" аз 15 июли соли 2004 ва ғайра). Қонунҳои ҷорӣ низ набояд хилофи Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ бошанд.

Гуногуннавъии алоҳидаи қонунҳои ҷорӣ кодексҳо мебошанд, ки як навъ санадҳои мураккаби системанокback.

**Кодекс қонуни воҳид ва ба низом даровардашудаест, ки тавассути он дар ҳаҷми пурра, бевосита ва системанок соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ ба танзим дароварда мешавад.**

Чун қоида, дар кодекс бо тартиби муайян ҳамаи меъёрҳо ё меъёрҳои аз ҳама асосии ягон соҳаи ҳуқуқ ҷойгир гардида, онҳо ба низоми воҳид дароварда шудаанд, онҳо ба қисматҳо ва бобҳо тақсим гардида ва мувофиқа кунонида шудаанд. Чунончи, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи меъёрҳо дар бораи ҷиноятҳо ва ҷазоҳо, дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои аз ҳама муҳими

танзимкунандаи муносибатҳои амволӣ ва шахсии молукулкӣ ҷамъ оварда шудаанд.

Боз як навъи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, санади зерқонунии меъёрӣ-ҳуқуқӣ аст.

**Санади зерқонунӣ санади меъёрӣ-ҳуқуқиест, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор бар асос ва барои иҷрои қонун қабул карда шудааст.**

Санади зерқонунӣ дар муқоиса бо Конститутсия ва қонунҳо қувваи камтари юридикӣ дорад ва аз ин рӯ набояд хилофи онҳо бошад. Санадҳои зерқонунӣ одатан аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ қабул гардида, бояд нуктаҳои асосии қонунро мушаххас гардонанд. Дар Тоҷикистон чунин санадҳои зерқонунӣ ҳастанд: 1) Қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон мувофиқи салоҳиятҳои ба онҳо вогузоштаи Конститутсия қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳою қарорҳо қабул мекунанд. 2) Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармонҳои Президент метавонанд оид ба доираи васеи масъалаҳо қабул шаванд, вале онҳо низ набояд хилофи Конститутсия ва қонунҳои Тоҷикистон бошанд. 3) Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон набояд хилофи Конститутсия, қонунҳо ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд. 4) Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии вазоратҳо, комитетҳои давлатӣ ва мақомоти дигари идоракунии давлатӣ бар асос ва барои иҷрои Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ интишор мегарданд.

**2. КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН— САРҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН.** Аксари кулли давлатҳои ҷаҳон гояҳои ҳуқуқҳои инсонро дастгирӣ карда, меъёрҳоро дар бораи ҳуқуқу озодиҳо дар конститутсияҳо ё қонунҳои махсуси конститутсионӣ таҳким мебахшанд. Дар ҳар кадом мамлакат чунин таҳкимбахшӣ хусусиятҳои худро дорад. Чунончи, масалан, дар Албания баробари қисматҳо дар бораи ҳуқуқҳо дар Конститутсияи соли 1976 Хартияи ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон (соли 1993) амал менамояд, дар Исроил Қонуни асосӣ дар бораи қадру қимат ва озодии шахсият (соли 1992), дар Либия Эъломияи сабзи ҳуқуқҳои инсон (соли 1988) қабул карда шудаанд, дар Фаронса Эъломияи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд (1789) амал мекунад. Дар Конститутсияи Бразилия (соли 1988) маҷмӯи васеи бесобиқаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таҳким ёфтаанд, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ (соли 1996) бошад, ба ҷуз ҳуқуқу озодиҳои асосӣ ҳуқуқҳои навтарин шомил гардидаанд, Конститутсияи Миср (соли 1971) бар асоси нақши махсуси ислом дар ҳаёти ҷомеа ва тавзеҳоти махсус дар бораи шариат номгӯи ҳуқуқу озодиҳоро овардааст.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низ санади асосии меъёрӣ-ҳуқуқиест, ки ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро эълом дошта, кафолат медиҳад.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан ҷавон аст, вай бо овоздиҳии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 қабул карда шудааст. Таълифу таҳияи он бо мантиқи рушди вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои охир муайян гардида, он дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиеро, ки дар натиҷаи ислоҳот ба амал омадаанд, таҳким бахшидааст.

Эътибори асосии Конститутсияи ҳозираи Тоҷикистон эълон доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст. Онҳо дар мувофиқати қатъӣ бо меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф гардида ва кафолат дода шудаанд. Нуктаҳо дар бораи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон яке аз асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Ҳамаи нуктаҳои Конститутсия саршор аз ғояҳои инсондӯстианд.

Боби 2-и Конститутсия ба ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Дар он номгӯи васеи ҳуқуқҳои асосии инсон инъикос гардида, ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ таҳким ёфтаанд.

Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои баробарӣ ва манъи табъиз, дахолат накардан ба ҳаёти шахсии инсон, ҳуқуқу озодиҳое, ки мақоми ҳуқуқии на танҳо шаҳрвандони мамлакат, балки хориҷиён ва ашхоси бетабааро низ ташкил медиҳанд, ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои категорияҳои алоҳидаи одамон, проблемаҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таваҷҷӯҳи махсус дода шудааст. Бо Конститутсия ҳамчунин асосҳои таъсиси сохторҳо, тартибу механизмҳои барои амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зарурӣ гузошта шудааст.

Барои иҷрои нуктаҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие қабул карда мешаванд, ки онҳо низ барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо нақши муҳим мебозанд. Байни санадҳои зиёди меъёрӣ-ҳуқуқии ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон муносибати бевоситадошта масалан, инҳоро номбар кардан мумкин аст: Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи режими ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» аз 3 ноябри соли 1995, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 феврали соли 1996, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 14 декабри соли 1990 ва ғайра ва ҳоказо.

Байни санадҳои зерқонунӣ ба сифати мисол инҳоро қайд кардан мумкин аст: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа» аз 3 декабри соли 1999 ва Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмин намудани ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 тасдиқ карда шудааст, «Низомнома дар бораи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2002 тасдиқ карда шудааст ва ғайра.

Ба ин тариқ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон низоми томеро мемонанд.

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:**
*санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, қувваи юридикӣ, Конститутсия, қонун, санади зерқонунӣ*

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Ба андешаи Шумо, дар ҷаҳони имрӯза Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои чӣ лозиманд?*

*2. Ба фикри Шумо, зарурати дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати арзишҳои олӣ таҳким бахшидани ҳуқуқу озодиҳои инсон барои чӣ ба миён омад?*

*3. Андешаи Шумо дар бораи нақши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чӣ гуна аст?*

*4. Ба моддаҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон такя карда, номбар кунед, ки дар он кадом ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳким бахшида шудаанд?*

*5. Ин гуфтаро бодиққат хонед: «Озодӣ вобаста будан аз қонунҳост» (Сисерон). Шумо маънии ин гуфтаро чӣ гуна мефаҳмед?*

# §18-19. САНАДҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ҲУҚУҚӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН

## 1.САНАДҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ҲУҚУҚӢ: МАФҲУМ, НАВЪҲО.

Дар ҷаҳони имрӯза ҳуқуқҳои инсон дар санадҳои гуногуни меъёрӣ-ҳуқуқии аксари кулли давлатҳо таҳким бахшида шудаанд. Ҳамаи онҳо амалан ба стандартҳои дар ин соҳа таҳиякардаи ҷомеаи байналмилалӣ такя мекунанд. Зери мафҳуми стандартҳои ҳуқуқҳои инсон талабот ва меъёрҳои ҳатмии дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ таҳкимёфтаи ба эътирофи ҳуқуқҳои инсон чун арзиши олӣ асосёфта фаҳмида мешавад.

Дар айни замон маҷмӯи томи санадҳои гуногуни байналмилалӣ-ҳуқуқии ба масъалаҳои амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон бахшидашуда мавҷуданд. Зери мафҳуми санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ одатан қарордодҳои байналхалқии миёни давлатҳо басташуда ва чун қоида дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, масалан, СММ ё конференсияҳои байналмилалӣ қабулгардида фаҳмида мешавад.

**Санади байналмилалӣ-ҳуқуқӣ карордод ё созишномаи байналмилалии байни давлатҳо дар шакли хаттӣ басташуда ва бо ҳуқуқҳои байналмилалӣ танзимшавандаест, сарфи назар аз он ки вай дар як, ду ё якчанд ҳуҷҷати байни ҳамдигар алоқаманд омадааст ва ҳамчунин сарфи назар аз он ки номи мушаххас дорад.**

Дар ҳар як қарордоди байналмилалӣ ҳадафҳои имзошавии он, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафайн, тартибу шартҳои қувваи амал пайдо кардани қарордод, мӯҳлати амали он муайян карда мешавад.

Аксари давлатҳои ҳозира дар қонунгузории миллӣ афзалиятнокии принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалиро нисбат ба принсипҳо ва меъёрҳои дохилидавлатӣ қайд кардаанд.

**Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.**

***Қисми 3-и моддаи 10-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.***

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ метавонанд номҳои гуногун дошта бошанд: эъломия, конвенсия, паймон, созишнома, статут (қонун, низомнома), хартия, оиннома, протокол ва ғайра.

**Эъломия** (декларатсия) (аз лот. declaratio –изҳорот, огоҳсозӣ) санади ҳуқуқии байналмилалиест, ки аз принсипҳо ва ҳадафҳои умумии ҳарду ҷониб мувофиқакарда таркиб ёфтааст. Эъломияҳо қувваи ҳатмӣ надоранд, онҳо танҳо тавсияҳо ва пешниҳодҳо мебошанд. Масалан, Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ. Эъломияҳо танҳо имзо карданро аз ҷониби давлатҳо талаб мекунанд.

**Имзо кардан усули ифодаи ризоияти давлат бобати ба худ қабул кардани ӯҳдадориҳо аз рӯи қарордоди байналмилалист.**

**Конвенсия** созишномаи байналмилалӣ аз рӯи ягон масъалаи махсус, проблемаи яккела мебошад, масалан, Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо, Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак.

**Паймон** қарордоди байналмилалии фарогирандаи гурӯҳҳои гуногуни проблемаҳо аст, масалан, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ.

Бисёр вақт бар иловаи конвенсия ё паймон протоколҳои махсусе қабул мегарданд, ки батанзимдарории ҷузъиро фаро мегиранд. Масалан, Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ду протоколи факултативӣ дорад: “Дар бораи ҷалб намудани кӯдакон ба низоъҳои мусаллаҳона» ва «Дар бораи хариду фурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакона ва порнографияи кӯдакона».

Паймонҳо, конвенсияҳо ва протоколҳо на аз лаҳзаи қабулу имзошавӣ, балки аз лаҳзаи ратификатсия (тасдиқ) шудан ҳукми амал пайдо мекунанд.

**Ратификатсия (аз лот. Ratus-тасдиқ кардашуда ва facio-мекунам) тасдиқ гардидани қарордодҳои нисбатан муҳими байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатии мамлакат-сардори давлат ё парламент мебошад.**

Ҳамаи қарордодҳои тасдиқкардаи давлат барои ҳама ҳатмӣ аст.

**Резолютсия (аз лот.resolutio-қарор) қарорест, ки дар натиҷаи муҳокимаи ягон масъала дар ҷамъомади (анҷуман, конференсия, сессия) машваратии мақомот, маҷлис қабул карда шудааст, масалан, резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ.**

**Оинномa қарордоди байналмилалист, ки ҳадафҳои таъсис, принсипҳо, фаъолият, сохтори дохилии ташкилотҳои гуногуни байналмилалиро таҳким мебахшад, масалан, Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид.**

**Статут (аз лот. Statuo-қарор мекунам, ҳал мекунам) қарордоди байналмилалист, ки ҳадафҳо, сохтор ва функсияҳои ягон мақомоти байналмилалиро таҳким мебахшад, масалан, Статути Суди байналмилалии чиноӣ.**

Боз дигар навъҳои қарордодҳои байналмилалӣ мавҷуданд.

Қарордоди байналмилалии амалкунанда барои ҳамаи иштирокдорон ҳатмӣ буда, аз ҷониби онҳо бояд поквиҷдонона иҷро карда шавад. Давлатҳои иштирокдор метавонанд аз ӯҳдадориҳои худ даст кашида, аз ҳуҷҷати мазкур бароянд, яъне онро аз эътибор соқит донанд, ки истилоҳи байналмилалии он **денонсатсия** (аз лот. Denuntiatio-огоҳсозӣ) аст.

Ҳангоми имзокунӣ, ратификатсия, қабул ё тасдиқ кардани қарордод ё ҳамроҳшавӣ ба он давлат метавонад тавзеҳе диҳад, яъне изҳороти яктарафае намояд, ки тавассути он вай мехоҳад амали юридикии нуктаҳои муайяни қарордодро бобати истифода дар худ қатъи назар намояд ё тағйир диҳад.

Қарордодҳои байналмилалӣ метавонанд кушода ё пӯшида бошанд. Ба қарордодҳои кушодаи байналмилалӣ давлатҳо, новобаста аз ризояти дигар давлатҳои дар он ширкатдошта, ҳамроҳ шуда метавонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокдори қарордодҳои гуногуни байналмилалист. Тоҷикистон, чун бисёр давлатҳои дигар, ӯҳдадор шудааст, ки қонунгузории миллиашро мутобиқи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ гардонад. Ин раванд имплементатсия ном дорад.

**Имплементатсия - инъикос ва таҳкимбахшии меъёрҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар қонунҳо ва санадҳои зерқонунии миллӣ.**

Қарордодҳои байналмилалӣ барои тасдиқ (ратификатсия) аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод мегарданд. Дар асоси қарори Маҷлиси намояндагон дар бораи тасдиқ кардани (ратификатсияи) қарордоди байналмилалӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санад ба имзо расонида, баъдан он бо мӯҳр таҳким мeёбад ва ҳамин тавр ба вай мақоми ҳуҷҷати расмӣ дода мешавад, минбаъд онро Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо мекунад.

Меъёрҳои расман эълоншудаи қарордодҳои байналмилалӣ, ки барои иҷрои онҳо қабул кардани қонунҳо ҳатмӣ нест, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита амал мекунанд. Нисбати иҷрои дигар меёърҳои қарордодҳои байналмилалӣ мутобиқан санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дохилимиллӣ қабул карда мешаванд.

**2. БИЛЛИ – МАҶМӮАИ САНАДҲОИ АСОСИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН: ТАЪРИХИ ТАҲИЯ, МУНДАРИҶА ВА АҲАМИЯТИ ОН.** Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ маркази ҳамкориҳои давлатҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон Созмони Милали Муттаҳид гардид. Оинномае, ки СММ фаъолияти худро дар асоси он амалӣ месозад, 26 июни соли 1945 дар шаҳри Сан-Франсиско (ИМА) дар ҷамъомади Конфронси Милали Муттаҳид оид ба масъалаи таъсиси созмони байналмилалӣ ба имзо расида, 24 октябри соли 1945, баъди тасдиқ (ратификатсия) шудани он аз ҷониби ИҶШС, ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Чин ва бисёр давлатҳои дигар ҳукми амал пайдо кард. Он нахустин ҳуҷҷати СММ гардид, ки ғояҳо ва принсипҳои ҳуқуқу озодиҳои инсонро инъикос кардааст.

Матни Оинннома бо суханҳои зерин шурӯъ мешавад: «Мо, халқҳои Милали Муттаҳид бо нияти қатъии наҷот додани наслҳои оянда аз харобиҳои ҷанг, ки тӯли ҳаёти мо ба сари инсоният ду маротиба бори гарони ғаму андӯҳи баённашаванда овард ва бо азми қавии бори дигар тасдиқ кардани боварӣ ба ҳуқуқҳои асосии инсон, ба қадру қимат ва арзишмандии шахсияти инсоният, ба баробарҳуқуқии мардон ва занон ва ба баробарии ҳуқуқҳои миллатҳои калону хурд ва фароҳам овардани шароитҳое, ки дар онҳо метавонанд ӯҳдадориҳои аз қарордодҳо бармеомада риоя ва эҳтиром шаванд, қарор додем, кӯшишҳоямонро баҳри расидан ба ин ҳадафҳо муттаҳид созем».

Байни ҳадафҳои асосии Созмони Милали Муттаҳид амалисозии ҳамкориҳои бисёртарафа дар ҳавасмандсозӣ ва рушди эҳтиром ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама бе фарқ кардани нажод, ҷинс, забон ва дин нишон дода шудааст.

Иҷлосияи Кулли СММ дар сессияи нахустини худ моҳи январи соли 1946 дар бораи омодасозии ҳуҷҷати махсуси байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон қарор қабул кард. Моҳи феврали соли 1946 Комиссияи оид ба ҳуқуқҳои инсон таъсис ёфта, ба зиммаи он вазифаи тайёр кардани Билли (лоиҳаи қонуни) байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои инсон вогузошта шуд. Дар ибтидо дар назар буд, ки он як ҳуҷҷат мешавад. Баъд қарор шуд, ки Билл бояд аз се қисмат таркиб ёбад: эъломия, ки дар он принсипҳои умумӣ эълон дошта мешаванд; паймон (ё паймонҳо), ки барои давлатҳои онҳоро тасдиқкарда характери ҳатмӣ дошта бошанд ва чораҳои амалисозӣ, яъне механизмҳои назорати иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби давлатҳо.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз ҷониби Иҷлосияи Кулли СММ 10 декабри соли 1948 қабул карда шуд. Аз ҳамон замон ҳар сол 10 декабр чун Рӯзи байналмилалии ҳуқуқҳои инсон қайд карда мешавад.

Таъиноти Эъломияи умумии ҳуқуқи башар хизмат кардан ба сифати вазифаест, ки ба иҷрои он бояд ҳамаи халқҳо ва давлатҳо дар кӯшишҳои худ оид ба таъмин намудани эътироф ва риояи умумию пурсамари ҳуқуқу озодиҳои дар он зикршуда саъй намоянд. Эъломия бо 48 овоз қабул гардид,

касе зидди он овоз надод. Ҳангоми овоздиҳӣ ба ҷонибдории он ҳашт давлат худдорӣ карданд: ҶШС Белоруссия, Полша, Арабистони Саудӣ, ИҶШС, ҶШС Украина, Чехословакия, Югославия ва Иттиҳоди Африкои Ҷанубӣ.

Эъломия бо доштани моҳияти танҳо тавсиявӣ дар инкишофи минбаъдаи механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон нақши ҳалкунанда бозида, таҳкурсии мустаҳкаме гардид, ки дар заминаи он низомҳои ҳам универсалӣ ва ҳам минтақавию байналмилалии ҳимоя ва амалисозии ҳуқуқҳои инсон бунёд карда шуданд.

Моддаи 1-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар принсипи асосиро таҳким бахшид: "Тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ бо ҳам баробар ба дунё меоянд. Онҳо соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд".

Эъломия аз 30 модда иборат буда, нуктаҳои умумиро тасвият мекунад. Вай ҳуқуқу озодиҳои бунёдиро фарогир буда; ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ (моддаҳои 3-19), ҳуқуқҳои сиёсӣ (моддаҳои 20-21), ҳамчунин ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро (моддаҳои 22-28) инъикос кардааст ва байни онҳо ягон хел иерархияе, яъне андозаи каму бешӣ намегузорад. Ҳуқуқҳои асосии дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар зикргардида барои таҳияи беш аз 100 созишнома, эъломия ё дигар ҳуҷҷатҳо дар доираи низоми СММ заминаи боэътимоде гардиданд. Байни онҳо аз ҷумла инҳоро номбар кардан мумкин аст: Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ; Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ; Конвенсияи байналхалқӣ доир ба барҳам додаи ҳамаи шаклҳои табъизи нажодӣ; Конвенсия дар бораи барҳам додаи ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон; Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар навъҳои муносибатҳои золимонаю ғайриинсонӣ ё пастзанандаи қадру қимат ва ҷазодиҳӣ; Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак; Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ва дигар эъломияҳо ва ё созишномаҳо дар бораи масъалаҳое чун табъиз, геносид, ғуломӣ, ҳамчунин некӯаҳволии иҷтимоӣ, пешрафт ва рушд.

Соли 1951 бо мақсади ҳалли душвориҳои дар як қарордод муттаҳид сохтани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қарор гардид, ду паймон тайёр карда шавад. Баъди меҳнати пурмашаққати солҳои тӯлонӣ Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инчунин Протоколи факултативӣ ба он омода гардида, 16 декабри соли 1966 аз тарафи Иҷлосияи XXI Кулли СММ тасдиқ ва барои имзо кушода эълон гардида, соли 1976 ҳукми амал пайдо карданд. Протоколи дуюми факултативӣ ба Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки ба бекор кардани ҳукми қатл нигаронида шуда буд, аз ҷониби Иҷлосияи Кулли СММ 15 декабри соли 1989 қабул гардид. Тибқи моддаи 1-и Протокол "ҳар шаҳрванде, ки зери ҳимояи ҳуқуқҳои давлати иштирокдори Протокол қарор дорад, қатл карда намешавад".

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар якҷоя бо ин ду паймон ва протоколҳои факултативӣ Билли ягонаи байналмилалиро оид ба ҳуқуқҳои инсон ташкил медиҳанд.

Билли байналмилалӣ ба ақидаҳо, мавқеъҳо ва фаъолияти ҳам одамони алоҳида ва ҳам ҳукуматҳои давлатҳои ҷаҳон таъсири калон расонд. Вай ҳуҷҷати муҳимтарини таърихиеро мемонад, ки дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшудаи инсон стандартҳои асосиро поягузорӣ намуд.

## 3.АҲАМИЯТИ САНАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН БАРОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.

Қарордодҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон тибқи ҳадафҳо ва принсипҳои Оинномаи СММ барои ҳифзи сулҳу амният, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои асосии байналмилалии фарогирандаи стандартҳои ҳуқуқи инсонро тасдиқ карда, ба зиммааш ӯҳдадории иҷрои ин нишондодҳоро гирифтааст. Аз ҷумла Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Протоколи якуми факултативӣ ба Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ тасдиқ гардида, 4 январи соли 1999 ҳукми амал пайдо карданд. Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар навъҳои муносибатҳои золимона, ғайриинсонӣ ё пастзанандаи қадру қимат ва ҷазодиҳӣ ва Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъизи нажодӣ 11 январи соли 1995 тасдиқ гардида, 10 феврали соли 1995 барои ҷумҳурӣ ҳукми амал пайдо карданд. Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон ва Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак 26 октябри соли 1993 тасдиқ гардида, 25 ноябри соли 1993 барои ҷумҳурӣ ҳукми амал пайдо намуданд. Протоколи якуми факултативӣ ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак марбут ба иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона ва Протоколи дуюми факултативӣ марбут ба харидуфурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакона ва порнографияи кӯдакона 5 августи соли 2002 барои ҷумҳурӣ тасдиқ гардида, 5 сентябри соли 2002 ҳукми амал пайдо карданд. Давлат нисбат ба Протоколи якум чунин тавзеҳ пешниҳод кард: “Аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати корҳои хориҷӣ эҳтиромона изҳор медорад, ки тибқи банди 2-и моддаи 3-и Протоколи факултативӣ ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак марбут ба иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона даъват кардани ашхоси ба синни 18-солагӣ нарасида ба Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст”. Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо 8 январи соли 2002 тасдиқ гардида, аз 1 июли соли 2003 барои ҷумҳурӣ ҳукми амал пайдо кард.

Ғайр аз санадҳои зикршудаи байналмилалӣ Тоҷикистон ба як силсила ҳуҷҷатҳои минтақавӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ҳамроҳ шудааст. Масалан, Конвенсияи ИДМ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз 25 майи

соли 1995 дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) моҳияти ҳатмӣ дорад.

Принсипҳои дар санадҳои зикршудаи байналмилалӣ-ҳуқуқӣ таҳкимёфта дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардонида (имплементатсия карда шуда), инъикоси худро дар бисёр қарорҳои судҳои Тоҷикистон ёфтаанд. Вақтҳои охир теъдоди санадҳои дохилидавлатии меъёрӣ-ҳуқуқӣ афзуда, дар онҳо чораҳои ҳифзи ҳуқуқии принсипҳои мазкур ба назар гирифта шудааст.

Тоҷикистон тарафдори риояи бечунучарои қарордодҳои байналмилалӣ буда, ҷонибдории худро ба принсипҳои иҷрои поквиҷдононаи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ эълон мекунад. Ба ин тариқ, тасдиқ гардидани қарордодҳои асосии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон дар таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи муҳимест.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *санади байналмилалӣ-ҳуқуқӣ, эъломия, паймон, конвенсия, протокол, резолютсия, оинномa, статут, имзо кардан, ратификатсия, имплементатсия, денонсатсия, Билли байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Санади байналмилалӣ – ҳуқуқӣ чист? Шумо кадом навъҳои қарордодҳои байналмилалиро медонед?*

*2.Ин гуфтаи профессор Е.А.Лукашеваро бодиққат хонед: "Имрӯз беш аз ҳарвақта "пайванди" ҳуқуқҳои байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон, ба ҳамдигар воридшавӣ ва пурзӯр гардидани таъсири байниҳамдигарии онҳо ба амал меояд". Ба андешаи Шумо, чаро давлатҳои ҳозира мекӯшанд, ки дар қонунгузории миллии худ стандартҳои байналмилалии ҳуқуқҳои инсонро таҳким бахшанд?*

*3.Ба фикри Шумо, кадом воқеаҳои таърихӣ сабаби аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул гардидани Оинномаи СММ ва Билли байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои инсон шуданд?*

*4.Ҳуҷҷатҳои асосии ба Билли байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои инсон воридшударо номбар кунед.*

*5.Кадом принсипҳои дар қарордодҳои байналмилалӣ нишондодашудаи ҳуқуқҳои инсон дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд?*

*6.Кадом ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (ратификатсия) карда шудаанд?*

# ФАСЛИ II
# ҲУҚУҚҲО, ОЗОДИҲО ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

## БОБИ 8
## МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

### §20. МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ ИНСОН

**1. МАҚОМИ ҲУҚУҚӢ: МАФҲУМ ВА УНСУРҲО.** Ба фаҳмиши моҳияти мақоми ҳуқуқии инсон таърифи мафҳумҳои зерин: «инсоният», «миллат», «халқ», «гурӯҳи иҷтимоӣ», «инсон» «шахсият», «шахс», ки Шумо бо онҳо аллакай ҳангоми омӯзиши таърих ва дар доираи дигар фанҳо дучор омадаед, мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, зери мафҳуми инсоният ҷамъи одамони дар рӯи Замин зиндагикунанда фаҳмида мешавад. Миллат шакли таърихан ташаккулёфтаи ҷамъи одамон аст. Аломатҳои асосии тавсифбахшандаи миллат инҳоянд: ягонагии ҳудуди онҳо, робитаҳои иқтисодӣ, забон, характери миллӣ ва фарҳанг. Халқ тамоми аҳолии давлат аст, ки сарфи назар аз ҷамоаҳои миллии таркибёфтааш ҷамоаи воҳиди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсиро ташкил медиҳад. Зери мафҳуми гурӯҳи иҷтимоӣ ҷамъи афроди аз рӯи манфиатҳо, арзишҳо ва меъёрҳои рафтор муттаҳидгаштаи дар амалиёти байниҳамдигарии бонизом қарордошта фаҳмида мешавад. Гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ аз одамон таркиб ёфтаанд. Ҳар инсон субъекти дорои шуур, ирода ва тафаккури




**Расми 12. Дарахти ҳуқуқҳои инсон**

муносибатҳои ҷамъиятӣ аст. Шахсият субъекти фаъоли муносибатҳои ҷамъиятист, ки сифатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайраи ӯро ифода мекунанд, шахс бошад, шаҳрванди алоҳида чун субъекти ҳуқуқ аст.

Дар шароити ҳозира ҳар одам дар давлат ва ҷомеа мақом ва мавқеи махсус дорад. Дар илм фарқ кардани мақоми ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд қабул шудааст. Он ба робитаи ҳуқуқии ҳар як фард бо давлат, ҳамчунин алоқамандии байниҳамдигарӣ бо якдигар асос меёбад.

**Мақоми ҳуқуқӣ ҳолати муайяни инсон, ҷораи озодии ӯ, омӯзиши имконпазирӣ ва ҳатмият дар рафтори ҳар як инсон аст.**

Асоси муносибатҳои нишондодашудаи байни давлат ва ҳар як инсонро ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳои зикркардаи давлат дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Ба ин тариқ, ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаҳои асосӣ унсурҳои мақоми ҳуқуқии инсонро ташкил менамоянд.

Ҳуқуқҳои инсон характери табиӣ доранд, онҳоро ба андозаи баробар ҳамаи одамон аз лаҳзаи таваллуд, сарфи назар аз шаҳрванди давлат будан ё набудан ва қатъи назар аз он ки дар куҷо зиндагӣ мекунанд, доро мебошанд. Ҳуқуқҳои шаҳрванд ҳуқуқҳоеро ба худ шомил месозанд, ки ба сабаби шаҳрванди давлати мушаххас будани инсон ба ӯ мансуб дониста мешаванд. Бинобар ин шаҳрванди ин ё он давлат тамоми маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои аз ҷониби умум эътирофшуда ва он ҳуқуқҳоеро, ки дар ин давлат ба ӯ мансуб дониста мешаванд, соҳиб аст. Шахси шаҳрванди давлати муайяннабуда (бетабаа) на ҳамаи ҳуқуқҳоеро соҳиб аст, ки давлат ба шаҳрвандони худ медиҳад. Масалан, онҳо дар интихобот ба мақомоти олӣ ва маҳаллии ҳокимият интихоб шуда ва ба хизмати давлатӣ даромада наметавонанд ва ғайра.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои аз ҷониби умум эътирофшуда ва универсалии инсонро таҳким мебахшад. Чунончи, дар боби дуюми Сарқонуни мамлакати мо ҳуқуқҳои ба ҳар инсони дар қаламрави Тоҷикистон зиндагикунанда кафолатдодашуда номбар карда мешаванд. Масалан, «Ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад» (моддаи 18), «Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад» (моддаи 19), «Ба ҳар кас озодии сухан... кафолат дода мешавад» (моддаи 30), «Ҳар кас ҳақ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад» (моддаи 32) ва ғайра. Ин ҳуқуқҳои муқарраркарда ва кафолатдиҳандаи давлат ҳолати имкониятҳои амал кардани ҳар одамеро, ки дар ҳудуди давлат мебошад, муайян мекунанд. Ин ҳуқуқҳоро ҳам шаҳрвандон ва ҳам одамони шаҳрванди ин давлат набуда (бетабаа) соҳибанд. Дар маҷмӯъ онҳо низоми меъёрҳои ҳуқуқиеро мемонанд, ки қоидаҳои рафтори ба қонеъсозии талаботи худ нигаронидашударо таҳким мебахшанд.

Унсури дигари мақоми ҳуқуқии инсон озодӣ мебошад. Озодӣ ҳолати инсон, шароитҳои фаъолияти ҳаётӣ ва имконияти аз рӯи диди худ амал кардани ӯ аст. Аммо озодӣ бо масъулиятнокӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Одам озодии худро амалӣ сохта, амалҳои худро бо озодии дигар одамон

ҳамбаста мегардонад. Мувофиқи қисми 2-юми моддаи 14-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд». Пас инсон имкониятҳои амал кардан ва истифода карданро аз неъматҳои пешниҳодшуда дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт озодона муайян менамояд.

Маҳдудияти озодиҳо дар ҳолатҳои қатъиян муайянкардаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст.

***Ба хотир оред, ки дар кадом ҳолатҳо маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон мумкин аст?***

Унсури мақоми ҳуқуқии инсон ҳамчунин вазифадорӣ мебошад. Вазифадорӣ рафтори аз нигоҳи объективӣ зарурӣ ва бояду шояди рафтори инсон аст, ки ба он одамони дигар, ҷомеа ва давлат манфиатдоранд. Одам танҳо ҳуқуқҳоро дошта наметавонад. Давлат ба ҳар як шахсият маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳоро кафолат дода, ҳақ дорад, аз вай рафтореро талаб намояд, ки ба амсилаҳо ва намунаҳои муайяни аз ҷониби ҷомеа қабулшуда ва дар меъёрҳои юридикӣ зикргардида мувофиқат кунад. Риояи ин талабҳо вазифаи инсон мебошад. Мундариҷаи вазифаҳои инсон ва шаҳрванд дар боби дигари китоби дарсии мазкур баррасӣ мешавад. Пас ҳуқуқҳо бе вазифаҳо ва вазифаҳо бе ҳуқуқҳо вуҷуд дошта наметавонанд. Онҳо категорияҳои ҳуқуқии байни ҳамдигар алоқаманд мебошанд.

Дар меъёрҳои юридикӣ одатан намудҳои рафторҳои ҳатмӣ, мақсаднок, нисбатан қобили истифода ва аз нигоҳи иҷтимоӣ манфиатбахш зикр мегарданд. Агар одам аз талаботи меъёрҳо барканор шавад, давлат ҳақ дорад нисбат ва чунин одам чораҳои муайяни маҷбурсозиро истифода кунад.

Ба ин тариқ, мақоми ҳуқуқии инсон ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаҳои одамро шомил месозад. Дар онҳо дараҷаи озодӣ дар интихоби рафтори мувофиқ ва масъулиятнокии шахсият дар назди давлат, ҷомеа ва одамони дигар ифода меёбад. Таносуби озодӣ ва вазифа дар моддаи 29-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ба таври зайл ифода гардидааст: «Ҳар як инсон дар назди ҷомеае, ки рушди озод ва камолоти шахсияти ӯ фақат дар он имконпазир аст, ӯҳдадор мебошад". Унсурҳои мақоми ҳуқуқии инсон бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд, онҳо бо ҳамдигар алоқаманданд. Маҳз мақоми ҳуқуқии шахсият услуби мутавозии ҳамкориҳои байни одамон, ҳамчунин муносибатҳои мӯътадили инсони алоҳида, ҷомеа ва давлатро ба амал меорад.

**2. НАВЪҲОИ МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ ИНСОН.** Дар илми ҳозираи ҳуқуқшиносӣ тақсим кардани мақоми ҳуқуқии инсон ба навъҳои зерин қабул шудааст: умумӣ, махсус ва инфиродӣ.

Умумӣ чунин мақоми ҳуқуқиест, ки ба он комилан ҳар одам соҳиб аст. Мақоми умумии ҳуқуқии одам ҳолати умумии иҷтимоии ӯро ифода мекунад.

Махсус чунин мақомоти ҳуқуқиест, ки характери соҳавӣ дорад,

масалан, мақоми шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ, мақом дар соҳаҳои меҳнатӣ, оилавӣ, мурофиавӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ.

Инфиродӣ чунин мақоми ҳуқуқиест, ки мавқеи инсонро дар ягон соҳаи алоҳида тавсиф мебахшад, масалан, мақоми соҳибкор, мақоми шахси мансабдор, хизматчии давлатӣ ва ғайра.

Чун қоида, мақоми ҳуқуқии инфиродӣ ба одам баробари мақоми умумии ҳуқуқӣ дода шуда, хусусиятҳои ӯро чун мутахассис, соҳибкасб дар соҳаи худ, шахси мансабдор ва гайра ифода мекунад.

Баробари ин мақоми ҳуқуқии инсон ҳолати умумии ҳуқуқии шахсият ва шаҳрванд аст. Бо мақоми ҳуқуқии инсон мақоми иҷтимоии инсон, ки мавқеи одамро дар ҷомеаи мушаххас тавсиф мебахшад, зич алоқаманд аст.

**3. МАҚОМИ ИҶТИМОИИ ИНСОН.** Ҳар як инсон чун узви ҷомеа, ягон гурӯҳи иҷтимоӣ, намояндаи миллат ё халқият боз мақоми иҷтимоӣ ҳам дорад. Мақоми иҷтимоии инсон бо функсияҳое, ки вай ба алоқамандиҳои гуногуни байниҳамдигарӣ бо дигар одамон ворид шуда, иҷро мекунад ва бо ӯҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои аз онҳо бармеомада нисбат ба дигар иштирокдорони ҷомеа ва гурӯҳи иҷтимоӣ муайян мешавад.

Одам мақоми муайяни иҷтимоиро метавонад аз лаҳзаи таваллуд соҳиб шавад, масалан, мақоми иҷтимоии муайянкунандаи мансубияти миллӣ (тоҷик, ӯзбек, рус ва гайра), ҷои таваллуд (душанбегӣ, парижӣ, одессагӣ). Дигар мақомоти ҳуқуқиро мо бо навъи муайяни фаъолияти касбӣ машғул шуда, соҳиб мешавем ё ба даст меорем, масалан, мақоми шавҳар ё завҷа, муаллим, футболбоз, пианинонавоз. Дар тӯли ҳаёт мақоми иҷтимоии шахсият метавонад дигар шавад, масалан, одам вақти мактабхонӣ хонанда аст, баъди хатми мактаб ба таълимгоҳи олӣ дохил шуда, донишҷӯ гардид, аспирантураро хатм карда ва рисолаи илмӣ дифоъ карда, номзад ё доктори илм шуд.

Ҳар як шахсият метавонад якбора якчанд мақоми ҳуқуқӣ дошта бошад. Дар ин маврид худи инсон барои худ он мақоми иҷтимоиеро ҷудо месозад, ки муайянкунанда, асосӣ аст. Зимнан, мақоме, ки ҷомеа ба сифати асосӣ барои он одам ҷудо мекунад, на ҳамеша мувофиқ меояд. Масалан, соҳибкор умедвор аст, ки дар тавсифи иҷтимоии ӯ чизи асосӣ вазъи моддиаш аст, вале дар афкори ҷамъиятӣ, байни хешу табор ва ёру дӯстони наздикаш метавонад сатҳи масъулиятшиносӣ ва фарҳанги баланди ӯ аҳамияти ҳалкунанда дошта бошад.

Ба ин тариқ, мақоми иҷтимоӣ мавқеи шахсро дар низоми иҷтимоӣ нисбат ба одамони дигар ва умуман ҷомеа дар назар дорад. Асоси мақоми иҷтимоии шахсиятро маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои дар санадҳои юридикӣ таҳкимёфта ташкил медиҳад. Дараҷаи мақоми иҷтимоии инсон на танҳо бо ҳуқуқу озодиҳои ба ӯ додашуда, ҳамчунин бо имкониятҳои амалисозии онҳо, ки ҳолати воқеии инсонро тавсиф мебахшанд, муайян карда мешавад. Дар ҷомеаи ҳозира чунин категорияҳои одамоне ҳастанд, ки мақоми иҷтимоии онҳо ҳифзи махсусро мехоҳад, масалан, нафақагирон, кӯдакон, одамони имкониятҳояшон маҳдуд ва гайра. Дараҷаи амалишавии ҳуқуқҳои инсон нишондиҳандаи қонеъмандии талабҳои ҳаётии чи худи инсон ва чи ҷомеа мебошанд.

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *инсоният, миллат, халқ, гурӯҳи иҷтимоӣ, инсон, шахсият, шахс, мақоми ҳуқуқии инсон, унсурҳои мақоми ҳуқуқии инсон, мақоми иҷтимоии инсон.*

**Саволҳо ва супоришҳо:**

*1. Мақоми ҳуқуқии инсон чист? Унсурҳои асосии мақоми ҳуқуқии инсонро номбар кунед.*

*2. Шумо кадом навъҳои мақоми ҳуқуқии инсонро медонед? Онҳоро тафсир кунед.*

*3. Мақоми иҷтимоии инсон чист? Фикр кунед ва мақоми иҷтимоии худро муайян намоед.*

## § 21. МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**1. МАФҲУМИ ШАҲРВАНДӢ ВА РАИЯТ.** Мақоми ҳуқуқии шаҳрванд бо мафҳуми «шаҳрвандӣ» зич алоқаманд аст. Шаҳрвандӣ ҳолати табиии инсон буда, барои нишон додани робитаҳои ҳуқуқии одам бо давлати мушаххас истифода мешавад.

**Шаҳрвандӣ алоқаи устувори сиёсӣ-ҳуқуқии одам ва давлат аст, ки дар маҷмӯи ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва масъулияти байниҳамдигарии онҳо ифода мешавад.**

Дар мамлакатҳои шакли идоракуниашон монархӣ одатан барои нишон додани шаҳрвандӣ истилоҳи «раият» истифода мешавад. Дар ҷаҳони имрӯза раиятӣ, масалан, аз рӯи қонунгузории Шветсия, Дания, Белгия ва мамлакатҳои дигар мавҷуд аст. Истилоҳи «раият» барои нишон додани мансубияти шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намешавад.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон категорияҳои гуногуни одамон - шаҳрвандони Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси табааи ягон давлатро надошта, яъне бетабаа сукунат доранд. Тибқи моддаи 6-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Халқи Тоҷикистонро сарфи назар аз миллаташон шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил менамоянд». Шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мавҷудияти шиносномаи (паспорти) Тоҷикистон, то гирифтани шиноснома бо шаҳодатнома дар бораи таваллуд ё дигар ҳуҷҷати ба шаҳрвандии шахс ишораткунанда, ки қонунгузории миллӣ муайян менамояд, тасдиқ карда мешавад.

Мавҷудияти шаҳрвандӣ дар инсон барои соҳибияти пурраву комил ба ҳуқуқу озодиҳои дар Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузорӣ таҳкимёфта, ҳамчунин иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммаи ӯ вогузошта замина ба ҳисоб меравад. Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҳуқуқу озодиҳо ва ӯҳдадориҳои ташкилдиҳандаи мақоми ҳуқуқии шаҳрванди давлати мо таҳким бахшида шудаанд. Ҳамаи одамони шаҳрванди Тоҷикистон маҳсубшаванда мақоми якхелаи ҳуқуқӣ дошта, ба андози баробар соҳиби ҳуқуқу озодиҳо мебошанд ва ӯҳдадориҳои баробар доранд.

Боби 2-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як вақт ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои чи ҳар одам ва чи танҳо ба шаҳрвандони Тоҷикистон мансуббударо таҳким бахшидааст. Шаҳрванд аз ҳамаи ҳуқуқу озодиҳо бархурдор буда, дар назди ҷомеа ва давлат вазифаҳое дорад, ки ба ӯ ҳам чун шаҳрванд ва дар як вақт ҳам чун умуман, одам дода шудааст. Масалан, моддаи 27-и Конститутсия танҳо ба шаҳрвандони мамлакат ҳуқуқҳои иштирок кардан дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат бевосита ё тавассути намояндагон ва дастрасиро ба хизмати давлатӣ додааст. Мувофиқи моддаи 28-и Конститутсия ҳар шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба муттаҳид шуда, аз сафҳои онҳо бароянд.

**2. АСОСҲОИ СОҲИБИЯТ ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАҲРВАНДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.** Асоси ҳуқуқии соҳибият ва қатъ гардидани шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон Конститутсия ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 ноябри соли 1995 ва дигар санадҳои қонунгузорӣ мебошад.

Мувофиқи моддаи 15-и Конститутсия «шаҳрванди Тоҷикистон шахсе ҳисоб меёбад, ки дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад». Яъне Конститутсия танҳо як ҳолати соҳибиятро ба шаҳрвандӣ таҳким бахшидааст. Дигар асосҳои соҳибият, ҳамчунин қатъ гардидани шаҳрвандӣ бо Қонуни конститутсионии зикршуда муайян карда мешаванд. Чунин асосҳо тибқи моддаҳои 15 ва 27-и Қонуни конститутсионии мазкур инҳо мебошанд:

| № | Соҳибият ба шаҳрвандии ҶТ | Қатъ гардидани шаҳрвандии ҶТ |
|---|---|---|
| 1. | Аз рӯи таваллуд | Дар натиҷаи баромадан аз шаҳрвандӣ |
| 2. | Бо тартиби аз қайд гузаштан | Гум кардани шаҳрвандӣ |
| 3. | Бо тартиби қабул ба шаҳрвандӣ | Дар натиҷаи бекор кардани қарор дар бораи қабули шаҳрвандӣ |
| 4. | Дар натиҷаи барқарорсозии шаҳрвандӣ | Дар натиҷаи маҳрум шудан аз шаҳрвандӣ |
| 5. | Бо роҳи интихоби шаҳрвандӣ (оптатсия) | Бо роҳи интихоби шаҳрвандӣ (оптатсия) |
| 6. | Аз рӯи асосҳои дигар | Аз рӯи асосҳои дигар |

Соҳибият ба шаҳрвандии Тоҷикистон аз рӯи таваллуд чунин маъно дорад, ки кӯдаки волидонаш шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз мавқеи буду боши онҳо, шаҳрвандии мамлакати моро соҳиб мешавад.

Дар сурати шаҳрвандони давлатҳои гуногун будани волидон кӯдак, агар дар қаламрави Тоҷикистон таваллуд шавад, соҳиби шаҳрвандии давлати мо мешавад: агар вай берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ таваллуд шаваду вале яке аз волидон ба таври доимӣ дар Тоҷикистон зиндагӣ дошта бошад ҳам, кӯдак шаҳрвандии Тоҷикистонро соҳиб мешавад. Кӯдаке, ки яке аз волидонаш шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешаваду волиди дигар шахси бетабаа бошад, низ, сарфи назар аз ҷои таваллуд, шаҳрванди Тоҷикистон мебошад. Агар ҳар ду волид ашхоси бетабаа бошанду вале ба таври доимӣ дар Тоҷикистон зиндагӣ кунанд, кӯдак шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад. Кӯдаконе, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ қарор доранду волидонашон маълум нестанд, низ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Дар сурати муқаррар кардани падархондии кӯдак, вақте падар шаҳрванди мамлакати мо эътироф шаваду модар шахси бетабаа бошад, кӯдаки ба синни 14-солагӣ нарасида, сарфи назар аз ҷои таваллуди ӯ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешавад. Ғайр аз ин кӯдаке шаҳрванди Тоҷикистон эътироф мешавад, ки волидайни ӯ дар шаҳрвандии дигар давлатҳо қарор доранду аммо ин давлатҳо ба ӯ шаҳрвандии худро надодаанд.

Бо тартиби аз қайд гузаштан ашхосе соҳиби шаҳрвандӣ мешаванд, ки ҳамсар ё хешовандашон аз рӯи шаҷараи бевосита (бобояш, бибияш) шаҳрванди Тоҷикистон маҳсуб мешаванд. Дар ин маврид ба ҳаққонияти ақди никоҳи байни шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахси хориҷӣ басташуда диққат додан лозим аст, зеро тартиби оддии соҳибият ба шаҳрвандӣ ба андозаи муайян метавонад барои бастани аҳди никоҳи бардурӯғ асос шавад. Чунин никоҳҳо барои гирифтани шаҳрвандии Тоҷикистон бояд асос нашаванд, вале агар барои додани шаҳрвандӣ ба чунин одам қарор қабул шуда бошад, он мувофиқи тартиботи муқарраркардаи қонун бояд дар тӯли панҷ сол бекор карда шавад.

Шаҳрвандии Тоҷикистон бо тартиби аз қайд гузаштан ҳамчунин ба ашхосе дода мешавад, ки дар лаҳзаи таваллуд ақаллан яке аз волидонашон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буду вале аз рӯи таваллуд шаҳрвандии дигар давлатро соҳиб шудаанд. Чунин ашхос шаҳрвандии Тоҷикистонро тӯли панҷ сол бо расидан ба синни ҳаждаҳсолагӣ соҳиб шуда метавонанд.

Дар қонунгузории мамлакати мо нуктаи муҳим қабул ба шаҳрвандӣ (натурализатсия) мебошад. Дар ин маврид шарти қабул ба шаҳрвандӣ зиндагии доимӣ дар мамлакат аст. Барои шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа мӯҳлати 5-сол ё 3 соли истиқомати бетанаффус пеш аз мурочиат баҳри соҳибият ба шаҳрвандии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Шаклҳои нисбатан оддӣ ва сабуки қабул ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи асосҳои зерин пешбинӣ мешавад: 1) дар шаҳрвандии

собиқ ИЧШС будан; 2) ба фарзандӣ қабул кардани кӯдаке, ки шаҳрванди Тоҷикистон аст; 3) мавҷудияти комёбиҳои барҷаста дар соҳаҳои илм, техника ва фарҳанг, ё вақте шахс соҳиби касбест, ки барои мамлакат манфиатовар аст; 4) мавҷудияти хизматҳо дар назди халқ дар эҳёи Тоҷикистон, дар амалисозии арзишҳои умумиинсонӣ; қаблан дар шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон будан ё аз рӯи таваллуд дар шаҳрвандии Тоҷикистон будани ақаллан яке аз волидон аз рӯи шаҷара (падар, модар, бобо, бибӣ ва ғайра); 6) дар аҳди никоҳ будан бо шаҳрванди Тоҷикистон; 7) ёфтани паноҳгоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муроҷиат бобати гирифтани шаҳрвандӣ асоси бечунучарои додани шаҳрвандии Тоҷикистон шуда наметавонад. Бо қонун ҳолатҳое пешбинӣ шудаанд, ки муроҷиат бобати қабул ба шаҳрвандии Тоҷикистон рад карда мешавад: 1) агар одам ҷонибдори зӯран дигаргун кардани сохти конститутсионӣ дар мамлакат бошад; 2) агар дар сафи ҳизбҳо ё ташкилотҳое бошад, ки фаъолияти онҳо бо принсипҳои конститутсионии мамлакат мувофиқ нестанд; 3) агар шахс барои амалҳои аз ҷониби қонунҳои Тоҷикистон таъқибшаванда маҳкум шудаасту дар шакли аз озодӣ маҳрум ҷазо мебинад; 4) агар шахс шаҳрвандии дигар давлатро соҳиб асту байни ин давлат ва Тоҷикистон бобати душаҳрвандӣ созишнома нест.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳолатҳои дар боло зикршуда чи ҳангоми муайян кардани шартҳои додани шаҳрвандии Тоҷикистон ва чи барқарорсозии шаҳрвандии ашхосе, ки қаблан дар шаҳрвандии мамлакати мо буданд, ба эътибор гирифта мешаванд.

Ба шаҳрвандии Тоҷикистон дар ҳолатҳои барқарорсозӣ ба шаҳрвандӣ соҳиб шудан мумкин аст: 1) агар дар шахс шаҳрвандии Тоҷикистон ба сабаби фарзандхонӣ, муқаррар кардани васояту парасторӣ қатъ шуда бошад; 2) агар дар шахс шаҳрвандии Тоҷикистон ба сабаби тағйир ёфтани шаҳрвандии волидан қатъ шуда бошад. Дар ин маврид шахс ҳақ дорад, шаҳрвандии худро дар тӯли панҷ сол аз рӯзи ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидан барқарор намояд.

Проблемаи шаҳрвандӣ вақте низ пайдо мешавад, ки сарҳадҳои мамлакат тағйир ёбанд. Дар ин маврид ашхоси дар ҳудуди мансубияти давлатиаш тағйирёфта зиндагикунанда ҳуқуқи интихоби шаҳрвандии худро соҳиб аст. Аммо тартибу шартҳои интихоби шаҳрвандӣ бо қарордодҳои байнилмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки асосҳои соҳибият ба шаҳрвандии мамлакати мо ҳамчунин дигар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 ноябри соли 1995 шуда метавонанд. Бо ҳамин тартиб бо қонунгузорӣ ҳолатҳои қатъшавии шаҳрвандии Тоҷикистон бо фарогирии маҳрум кардан аз шаҳрвандӣ ва гум кардани шаҳрвандӣ муайян гардидаанд.

Қатъшавии шаҳрвандӣ аз ҷониби шахс гум кардани робитаи ҳуқуқӣ бо ҳамон давлат аст. Усули нисбатан паҳншудаи қатъшавии шаҳрвандӣ

бо иродаи (хоҳиши) худи одам вобаста аст – ин баромадан аз шаҳрвандӣ мебошад. Агар дар ин хусус шаҳрванд мувофиқи тартиботи муқарраршуда дархост намояд, ин ҳолат ҷой дорад. Тартиби оддии баромадан аз шаҳрвандии Тоҷикистон вақте истифода мешавад, ки агар ақаллан яке аз волидон ё ҳамсар, ё кӯдаки шахси бобати баромадан аз шаҳрвандӣ дархосткарда шаҳрвандии дигар давлатро дошта бошад, ё вай барои иқомати доимӣ ба дигар давлат рафта бошад, ба шарте, ки омилҳои монеъшавандаи қонеъсозии чунин дархост набошанд. Дархост дар бораи баромадан аз шаҳрвандӣ дар мавридҳои зерин рад карда мешавад; 1) агар шаҳрванд дар мамлакате, ки Тоҷикистон бо он ба ӯҳдадориҳои қарордодӣ дар бораи кӯмаки ҳуқуқи робита надорад, зиндагӣ кунад, ё нияти он ҷо кӯчида рафтан дошта бошад; 2) агар шахс бо ашхоси воқеӣ ва юридикии Тоҷикистон ӯҳдадориҳои амволӣ дошта бошад; 3) тибқи муқаррароти қонун дар назди мамлакат дигар вазифаҳои иҷронакарда дошта бошад.

Баромадан аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳое роҳ дода намешавад, ки: агар одами дархосткунанда бобати даъват ба хизмати ҳақиқии ҳарбӣ даъватнома дошта бошад ва ин амал то анҷоми мӯҳлати хизмат давом мекунад; агар шаҳрванд ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда бошад, ё нисбати ӯ ҳукми қувваи қонунӣ пайдонокарда мавҷуд бошад, ки бояд иҷро шавад, ё баромадани шахс аз шаҳрвандӣ ба манфиатҳои амнияти давлат мухолиф бошад.

Яке аз асосҳои қатъшавии шаҳрвандии Тоҷикистон шаҳрвандиро гум кардани шахс маҳсуб мешавад. Қонун ду ҳолатро муқаррар кардааст, ки дар сурати мавҷудияти онҳо шахс шаҳрвандиро гум мекунад: 1) агар шахс ба хизматӣ ҳарбӣ дарояд, дар мақомоти амният, политсия, мақомоти адлия ё дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлати хориҷӣ хизмат кунад; 2) агар шахси ба таври доимӣ дар давлати хориҷӣ зиндагикунанда бе сабабҳои узрнок тӯли панҷ сол дар қайди консулӣ наистода бошад. Дар ҳар ду ҳолат ҳам шахсони зикршуда шаҳрвандиро ба таври механикӣ гум намекунанд. Гумшавии шаҳрвандӣ танҳо аз замони қайдшавии далелҳои мазкур аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ба амал омада, дар ин бобат баровардани ягон хел қарори махсус талаб карда намешавад.

Боз як асоси қатъшавии шаҳрвандӣ интихоб кардани шаҳрвандии дигар давлат (оптатсия) дар натиҷаи дигаргуншавии сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз рӯи дигар асосҳои пешбиникардаи қарордоди байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин дар натиҷаи бекор кардани қарор дар бораи қабул ба шаҳрвандӣ қатъ мегардад. Ба ин далели қаблан пешниҳод гардидани маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои бардурӯғе асос мешавад, ки бояд бо тартиботи судӣ тасдиқ карда шавад. Танҳо дар асоси қарори суд бекор кардани қарор дар бораи қабул ба шаҳрвандӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонда мешавад. Қисми 2-и моддаи 30-и Қонуни конститутсионии зикршуда нуқтаи басо

муҳим дорад, ки тибқи он қоидаи болоӣ ба ҳамсар ва кӯдакони шахси шаҳрвандии Тоҷикистонро соҳибшуда, агар огоҳии онҳо бобати бо роҳи ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба шаҳрвандӣ исбот нашавад, паҳн намегардад.

Тағйир ёфтани шаҳрвандии яке аз ҳамсарон шаҳрвандии кӯдакони аз ин никоҳ таваллудшуда, аз он ҷумла кӯдакони ба фарзандхонӣ қабулкардашударо тағйир намедиҳад. Иқомати доимии шаҳрванд берун аз ҳудуди мамлакат, ба ҷуз ҳолатҳои муқарраркардаи қонун, боиси қатъшавии шаҳрвандии ӯ намегардад. Шаҳрванди дар хориҷа будаи Тоҷикистон аз ҳимоя ва парастории давлат бархурдор аст.

**3. ДУШАҲРВАНДӢ ВА БИСЁРШАҲРВАНДӢ.** Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷуз ҳолатҳои пешбиникардаи қонун ва қарордодҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансубияти шаҳрвандони Тоҷикистон ба шаҳрвандии дигар давлат иҷозат намедиҳад. Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 ноябри соли 1995 мумкин набудани душаҳрвандӣ аниқу дақиқ таъкид шудааст.

Муайян кардани мақоми ҳуқуқии шахси душаҳрвандӣ дошта бо он зич алоқаманд аст, ки ӯ дар кадоме аз давлатҳо зиндагӣ мекунад. Чунончи, агар одами дар шаҳрвандии як мамлакат қарордошта барои истиқомати доимӣ ба қаламрави дигар мамлакат равад, вай аз лаҳзаи пайдо кардани мақоми дар қаламрави он доимозиндагикунанда ҳуқуқу вазифаҳоеро амалӣ месозад, ки аз шаҳрвандии дигар мамлакат бармеоянд. Дар ҳаҷми пурра истифода кардани он ҳуқуқу озодиҳо, ҳамчунин ба зимма доштани вазифаҳои шаҳрванди мамлакате, ки вай дар қаламрави он ба таври доимӣ зиндагӣ мекунад, бо проблемаи истиқомати доимӣ алоқаманд аст. Ба ибораи дигар, шахс ҳуқуқ надорад, ки дар як вақт ҳуқуқу озодиҳои аз шаҳрвандии ҳар ду мамлакат бармеомадаро амалӣ гардонад.

Чун қоида, бо истиқомати доимӣ ҳамчунин проблемаҳои таъминоти иҷтимоӣ, тақсимот, хизматрасонии тиббӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои ҳарбӣ (дар қайди ҳарбӣ будан, хизмати ҳарбиро иҷро кардан, эҳтиётӣ будан ва ғайра) алоқаманданд.

Шаҳрвандии волидайн шаҳрвандии кӯдаконро муайян мекунад. Волидайн барои кӯдак то расидани ӯ ба синни 18-солагӣ аз тариқи якҷоя ариза додан шаҳрвандии як мамлакатро ба роҳи рад кардани шаҳрвандии дигар мамлакат интихоб карда метавонанд. Дар мавриди набудани яке аз волидон чунин ҳуқуқро волиди дигар соҳиб аст. Тағйирёбии шаҳрвандии волидон ба тағйир ёфтани шаҳрвандии кӯдакони то 18-сола оварда мерасонад. Аммо дар сурати гум кардани шаҳрвандии давлат ва нигаҳдории шаҳрвандии давлати дигар мутаносибан шаҳрвандии кӯдакони то 18-сола тағйир меёбад. Шаҳрванди ба синни ҳаждаҳсолагӣ расида ва душаҳрвандӣ дошта метавонад ҳар ду шаҳрвандиро ҳам нигоҳ дорад, ё яке аз онҳоро интихоб намояд. Он чи ки дар боло зикр шуд, ба кӯдакони ба фарзандхонӣ қабулшуда ва онҳое, ки яке аз волидонашон душаҳрвандӣ дораду дигаре бетабаа ё номаълум аст, низ мутааллиқ аст.

Шахсони душаҳрвандӣ дошта аз ҳимояву парастории ҳар кадоме аз давлатҳо бархурдоранд. Дар сурати қарор доштани онҳо дар хориҷа ҳимоя ва парасторӣ аз ҷониби давлате пешниҳод мегардад, ки онҳо дар қаламрави вай ба таври доимӣ зиндагӣ мекунанд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред**: *шаҳрвандӣ, раият, душаҳрвандӣ, натурализатсия, оптатсия.*

---

**Савол ва супоришҳо**

*1. Шаҳрвандӣ чист? Оё ҳар одами хоста шаҳрвандии дигар давлатро соҳиб шуда метавонад?*

*2. Шумо кадом санадҳои қонунгузории Тоҷикистонро, ки ба масъалаҳои шаҳрвандӣ бахшида шудаанд, медонед?*

*3. Асосҳои соҳибият ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кунед. Соҳиб шудан ба шаҳрвандӣ аз рӯи таваллуд чӣ маънӣ дорад?*

*4. Дар кадом ҳолатҳо дархостро дар бораи қабул ба шаҳрвандӣ рад кардан мумкин аст?*

*5. Асосҳои қатъшавии шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кунед.*

*6. Оё дар Тоҷикистон ба душаҳрвандӣ роҳ дода мешавад?*

*7. Ин вазъиятро бодиққат хонед ва баррасӣ кунед: «Кӯдак дар Ҷумҳурии Қирғизистон таваллуд шуд. Волидони кӯдак шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Кӯдак соҳиби шаҳрвандии кадом давлат мешавад?»*

## §22. ВАЗЪИЯТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ВА АШХОСИ БЕТАБАА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**1.МАФҲУМҲОИ «ШАҲРВАНДИ ХОРИҶӢ» ВА «ШАХСИ БЕТАБАА».** Ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври доимӣ ва муваққатан теъдоди зиёди сайёҳон, донишҷӯёни хориҷӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ, намояндагони сафоратхонаҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ва ғайра меоянд. Ҳамаи онҳо шаҳрвандони хориҷианд ва бо вазъияти ҳуқуқии худ аз шаҳрвандони Тоҷикистон фарқ мекунанд.

Мувофиқи моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъияти ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 феврали соли 1996 **шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ашхосе эътироф мешаванд, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд ва ҳуҷҷате доранд, ки мансубияти онҳоро ба шаҳрвандии дигар давлат тасдиқ мекунад.**

Ин ҷо сухан дар бораи он шаҳрвандони хориҷие меравад, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асосҳои қонунӣ қарор доранд. Ба сурати умум онҳоро ба ду категория тақсим намудан мумкин аст – шаҳрвандони хориҷии муваққатан оянда ва ба таври доимӣ иқоматдошта.

Шаҳрвандони хориҷии ба таври доимӣ истиқоматкунанда онҳоеанд, ки ба Тоҷикистон ба мӯҳлати беш аз шаш моҳ омадаанд ва **шаҳодатномаи зиндагӣ кардан** (вид на жительство) доранд.

**Шаҳодатномаи зиндагӣ кардан (вид на жительство) ҳуҷҷатест, ки ба шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бетабаа дода шуда, ҳуқуқи онҳоро барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.**

Шаҳодатномаи зиндагӣ кардан аз он шаҳодат медиҳад, ки шаҳрванди хориҷӣ барои иқомати доимӣ дар қаламрави давлати мо рухсатномаи махсусе дорад, ки онро мақомоти корҳои дохилӣ додаанд. Ариза дар бораи додани шаҳодатномаи зиндагӣ кардан ба шаҳрвандони хориҷии муваққатан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омада ба мақомоти корҳои дохилии ҷои истиқомат дода мешавад, ашхоси дар хориҷа зиндагикунанда бошанд, чунин аризаро ба намояндагии дипломатӣ ва муассисаҳои консулгарии Тоҷикистон медиҳанд.

Шаҳодатнома дар бораи зиндагӣ кардан ба шаҳрванди хориҷии ба синни 16-солагӣ расида ба мӯҳлати амали ҳуҷҷати ӯ, ки шахсияташро тасдиқ менамояд, вале ба мӯҳлати на беш аз 5 сол, ба шахси ба синни 45-солагӣ расида ба тамоми мӯҳлати амали ҳуҷҷаташ, ки шахсияти ӯро тасдиқ мекунад, дода мешавад. Бо анҷом ёфтани мӯҳлати амали шаҳодатнома дар бораи зиндагӣ кардан ин мӯҳлатро бо аризаи шахс ба мӯҳлати на беш аз 5 сол дароз кардан мумкин аст. Ариза на дертар аз 10 рӯзи қабл аз анҷомёбии мӯҳлати амали шаҳодатнома дар бораи зиндагӣ кардан дода шуда, дар сурати гум кардани он фавран дода мешавад. Бояд гуфт, ки миқдори дароз кардани мӯҳлати амали шаҳодатнома дар бораи зиндагӣ кардан маҳдуд нест.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз кардани шаҳодатнома дар бораи зиндагӣ кардани шаҳрванди хориҷиро ба шаҳодатнома дар бораи зиндагӣ кардани шахси бетабаа, масалан, вақте ки мӯҳлати амали ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти ӯ ба охир расидаст, пешбинӣ менамояд.

Гирифтани шаҳодатнома дар барои зиндагӣ кардан бо гирифтани рухсат барои омадан ба Тоҷикистон ва рафтан аз он, ки **раводид** (виза) номида мешавад, пайванди ногусастанӣ дорад. Мӯҳлати шаҳодатнома дар бораи зиндагӣ кардан баробари дароз гардидани мӯҳлати раводиди омадану рафтан дароз карда мешавад. Дароз кардани мӯҳлати шаҳодатнома дар бораи зиндагӣ кардан бе дароз кардани мӯҳлати раводиди омадану рафтан ҳақиқӣ ҳисоб намешавад.

**Раводид рухсатномаи махсус барои омадан, рафтан, зиндагӣ кардан ва гузаштани шахси хориҷӣ аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.**

Раводиди вуруд шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ аз тарафи Вазорати корҳои хориҷӣ ва сохторҳои хориҷии он, ҳамчунин сафоратхонаҳо ва консулгариҳои мамлакатҳои хориҷӣ, ки Тоҷикистон бо онҳо созишномаҳои дахлдор дорад, дода мешавад. Додани

раводиди вурудӣ дар мавридҳои зерин рад карда мешавад: 1) ба манфиати таъмини амнияти миллӣ ё нигаҳдории тартиботи ҷамъиятӣ; 2) агар ин барои ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Тоҷикистон ва шахсони дигар зарур бошад; 3) агар ҳангоми сафари қаблии шахс ба Тоҷикистон далелҳои аз ҷониби ӯ вайрон карда шудани қонунгузории ҷумҳурӣ дар бораи вазъияти ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ, қонунгзориҳои гумрукӣ, асъорӣ ва ғайра муқаррар карда шуда бошанд; 4) агар ҳангоми пешниҳоди дархост дар бораи вурудшавӣ шахс дар бораи худ маълумоти бардурӯғ дода ва ё ҳуҷҷати заруриро пешниҳод накарда бошад; 5) аз рӯи асосҳои дигари муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шаҳрвандони хориҷии муваққатан оянда ба Тоҷикистон дар асосҳои дигари қонунӣ ворид мешаванд, яъне онҳо бо мақсади истиқомати доимӣ намеоянд. Инҳо шаҳрвандони хориҷие мебошанд, ки барои таҳсил, табобат ё чун сайёҳ ва ғайра меоянд. Онҳо вазифадоранд, ки баъди омадан дар бадали се шабонарӯз ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияташонро аз қайд гузаронанд.

Бо анҷом ёфтани мӯҳлати раводиди вурудӣ ё рад сохтани дароз кардани мӯҳлати шаҳодатнома дар бораи зиндагӣ кардан ва дар сурати мавҷудияти раводиди берун рафтан, ки мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон додаанд, шаҳрвандони хориҷӣ аз мамлакат берун мераванд.

Ба шаҳрванди хориҷӣ додани раводиди вурудӣ ва мутаносибан берун рафтан аз Тоҷикистон дар мавридҳои зерин рад карда мешавад: 1) дар сурати мавҷудияти асосҳо барои кашидани ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ – то анҷомёбии кор; 2) агар ӯ барои содир кардани ҷиноят маҳкум шуда бошад – то анҷоми мӯҳлати ҷазо ё озодшавӣ аз ҷазо; 3) агар омадани ӯ ба манфиатҳои таъмини амнияти миллӣ мухолиф бошад – то анҷомёбии чунин ҳолат; 4) дигар асосҳое мавҷуданд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаасту ба вурудоӣ монеъ мешаванд.

Рафтани шаҳрванди хориҷӣ мавқуф гузошта мешавад, агар ӯ ӯҳдадориҳои амволие дошта бошад, ки бо онҳо манфиатҳои амволии шаҳрвандони Тоҷикистон, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои дигар вобастаанд.

Категорияи махсуси одамони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагикунандаро ашхоси бетабаа ташкил медиҳанд.

**Шахси бетабаа (апатрид) шахсест, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон нест ва исботи мансубияти хешро ба шаҳрвандии ягон давлати хориҷӣ надорад.**

Ашхоси бетабаа низ чун хориҷиён ба Тоҷикистон бо ҳуҷҷатҳои додаи мақомоти салоҳиятдори ҷои истиқомати онҳо ва тасдиқкунандаи шахсияти эшон, дар сурати мавҷудияти раводид, агар тартиби дигари омадану рафтан бо Созишномаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакати дахлдор муқаррар нагардида бошад, омада ва аз он берун рафта метавонанд.

Ашхоси бетабаа барои иқомати доимӣ шаҳодатнома дар бораи зиндагӣ кардан мегиранд, ки ба мӯҳлати 5 сол дода мешавад, ашхоси бетабааи синнашон аз 45 сола боло чунин шаҳодатномаи бемӯҳлат мегиранд. Бо анҷомёбии мӯҳлати шаҳодатнома барои зиндагӣ кардан бо аризаи шахси бетабаа мӯҳлати амали он дароз карда мешавад. Ариза дар хусуси дароз кардани мӯҳлати шаҳодатнома дар бораи зиндагӣ кардан ба мақомоти корҳои дохилии ҷои истиқомат на камтар аз 10 рӯзи қабл аз анҷоми мӯҳлати амали шаҳодатнома дар бораи зиндагӣ кардан ва дар сурати гум кардани он фавран дода мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъияти ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 феврали соли 1996 ашхоси бетабааро, агар аз қонунгузории Тоҷикистон чизи дигаре барнаояд, баробари шаҳрвандони хориҷӣ медонад.

**2.МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ ХОРИҶИЁН ВА АШХОСИ БЕТАБАА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.** Дар ҳар мамлакат мақоми ҳуқуқии хориҷиён ва ашхоси бетабаа хусусиятҳои худро дорад.

**Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълоншуда истифода мебаранд ва баробари шаҳрвандони Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.**

***Қисми 2-и моддаи 16-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.***

Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди қонун, сарфи назар аз баромади хеш, мақоми иҷтимоию амволӣ, мансубияти нажодӣ ва миллӣ, ҷинс, таҳсилот, забон, муносибат ба дин, шуғл ва дигар ҳолатҳо, баробаранд.

Ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосие, ки мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабааро ташкил медиҳанд, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ба тарзи зайл тавсиф мешаванд:

Дар соҳаи меҳнат ва шуғл. Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабааи дар мамлакат ба таври доимӣ иқоматдошта ҳуқуқ доранд, ки ба сифати коргарон ва хизматчиён кор кунанд, ё бар асоси тартиботи барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида бо фаъолияти дигари меҳнатӣ машғул шаванд. Онҳо аз ҳуқуқҳо бархурдор буда, дар муносибатҳои меҳнатӣ баробари шаҳрвандони Тоҷикистон масъулият ба дӯш доранд.

Хориҷиён ва ашхоси бетабааи муваққатан омада метавонанд бо фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд, агар ин бо ҳадафҳои омадани онҳо ба мамлакат ҳамоҳанг бошад, вале онҳо наметавонанд ба вазифаҳои алоҳида таъин шуда, бо фаъолияти муайяни меҳнатӣ, ки бо мансубият ба шаҳрвандони Тоҷикистон алоқамананд, машғул шаванд. Масалан, онҳо наметавонанд кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё хизматчиёни давлатӣ бошанд ва ғайра.

Мутаносибан, шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа дар асосҳои умумӣ баробари шаҳрвандони Тоҷикистон ба истироҳат ҳуқуқ доранд.

2) Дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ, Мувофиқи моддаи 38-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад, бинобар ин ба шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа низ ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигоҳдории тандурустии давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабааи ба таври доимӣ иқоматдошта чун шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқи баробари аз ёрии тиббӣ истифода карданро доранд. Ба шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабааи муваққатан ба мамлакат омада ёрии тиббӣ мувофиқи тартиботи муқарраркардаи Вазорати нигаҳдории тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешавад.

3) Дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ. Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа ба таъминоти иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд. Ашхоси зикршудаи дар мамлакат ба таври доимӣ иқоматдошта баробари шаҳрванди Тоҷикистон ба нафақаи давлатӣ, кӯмакпулиҳо ва дигар шаклҳои таъминоти иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд. Агар барои таъин кардани нафақа ба шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа собиқаи кориашон дар мамлакат нокифоя бошад, собиқаи кории онҳо дар хориҷа ба назар гирифта мешавад.

**Ба шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабааи муваққатан дар мамлакат сукунатдошта ҳуқуқи гирифтани кӯмакпулиҳо ва дигар шаклҳои таъминоти иҷтимоӣ мувофиқи тартиботи муқарраркардаи қонунгузории Тоҷикистон дода мешавад.**

4) Дар соҳаи таҳсилот. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон эълом доштааст, ки ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Ин чунин маънӣ дорад, ки шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа баробари шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқи таҳсилро соҳибанд. Ба онҳо дар асосҳои умумӣ дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таълимгоҳҳои давлатӣ кафолат дода мешавад, онҳо таҳсилоти олӣ низ гирифта метавонанд.

5) Иштирок дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ. Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа баробари шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, дар иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои кооперативӣ, ҷамъиятҳои илмӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ муттаҳид шаванд. Қонунгузорӣ муқаррар кардааст, ки онҳо ҳуқуқи таъсиси ҳизбҳои сиёсиро надоранд. Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа ҳамчунин ҳуқуқ надоранд, ба сафи ҳизбҳои сиёсие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, дохил шаванд.

6) Дар соҳаи ҳуқуқи интихоботӣ. Нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидае амал мекунад, ки тибқи вай онҳо ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти қонунбарор ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, инчунин иштирок кардан дар овоздиҳии умумихалқӣ (раъйпурсӣ) надоранд.

Ба шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа дигар ҳуқуқу озодиҳо низ кафолат дода шудаанд. Аз ҷумла онҳо ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсии ғайриамволӣ, ҳуқуқи истифода кардан аз дастовардҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи

ҷойивазкунӣ ва интихоби ҷои истиқомат, ҳуқуқ ба ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншуда ва ғайраро доро мебошанд.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа на танҳо ҳуқуқҳо, балки вазифаҳо низ доранд. Пеш аз ҳама онҳо бояд Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳоро риоя кунанд, ба ҳуқуқу озодиҳо, шаъну эътибор ва қадру қимати дигар одамон эҳтиром гузоранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа бо фаъолияти меҳнатӣ, соҳибкорӣ машғул шуда, дар натиҷаи онҳо даромадҳо мегиранд, бинобар ин нишондоди Конститутсия дар бораи вазифаи супоридани андозҳо ва боҷҳо аз ҷумла ба ин категорияи ашхос низ тааллуқ дорад. Боз як вазифаи шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа муҳофизати табиат, ҳамчунин арзишҳои маънавӣ ва ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ мебошад.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа барои ҷиноятҳо, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ғайра, ки қонунгузории мамлакат пешбинӣ мекунад, инчунин барои вайрон кардани режими сукунат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият ба дӯш доранд. Вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи вазъияти ҳуқуқӣ, инчунин дигар санадҳои қонунгузории мамлакат аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа ба кам шудани мӯҳлати сукунат ё берун кардани онҳо аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон боис мегардад. Аз қаламрави ҷумҳурӣ берун кардани шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа дар ҳолатҳои зерин ба амал меояд: 1) агар ҳуқуқвайронкуниҳо мухолифи манфиатҳои таъмин кардани амнияти миллӣ ё нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ бошанд; 2) агар ин барои муҳофизати саломатӣ ва маънавияти аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон зарур бошад; 3) агар онҳо қонунгузорӣ дар бораи мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ, санадҳои қонунгузории соҳаҳои гумруку асъор ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дағалона вайрон карда бошанд.

Қарор дар бораи берун кардан аз қаламрави ҷумҳурӣ аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ бо ризоияти Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад. Шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бетабаа, ки нисбати ӯ чунин қарор бароварда шудааст, ҳуқуқ дорад, дар бадали як ҳафта ба суд шикоят кунад. Агар суд қарори мазкурро қобили амал донад, ашхоси мазкур аз қаламрави Тоҷикистон берун карда мешаванд, ки ин кафолати риояи ҳуқуқҳои инсон аст.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *шаҳрванди хориҷӣ, шахси бетабаа, шаҳодатнома дар барои зиндагӣ кардан, раводид.*

---

**Савол ва супоришҳо**

*1.Фарқияти байни мафҳумҳои "шаҳрванди хориҷӣ" ва "шахси бетабаа" аз чӣ иборат аст?*

*2. Шаҳодатнома дар барои зиндагӣ кардан чист?*

*3.Дар кадом ҳолатҳо ба шаҳрванди хориҷӣ додани раводиди вурудӣ рад карда мешавад?*

*4.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа кадом ҳуқуқу озодиҳо кафолат дода мешаванд?*

*5.Вазифаҳои хориҷиён ва ашхоси бетабаа кадомҳоянд? Ба андешаи Шумо, оё онҳо аз вазифаҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ мекунанд?*

*6.Дар кадом ҳолатҳо шаҳрвандони хориҷӣ аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон берун карда мешаванд?*

# БОБИ 9
# ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ШАХСӢ

## § 23. ТАВСИФИ УМУМИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ШАХСӢ

Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) гурӯҳи махсуси ҳуқуқҳои инсон мебошанд. Онҳо бояд озодӣ ва мухторияти фардро, чун узви ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳимояи юридикии ӯро аз дахолати ғайриқонунии берунӣ таъмин намоянд. Асос ва таъиноти ҳуқуқҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) таъмини бартарияти майлҳои инфиродии дохилии рушди ҳар як шахсият, имконияти худмуайянкунӣ ва худтатбиқкунии инфиродии инсон аст. Зеро хусусиятҳои инфиродӣ хоси ҳар як шахсият мебошанд. Онҳо бо мақоми иҷтимоӣ, шароитҳои тарбия, муҳити зист, хусусиятҳои миллӣ, касбӣ ва ғайра муайян карда мешаванд.

***Таснифоти ба Шумо маълуми ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба хотир оред. Кадом ҳуқуқу озодиҳо ба насли якум тааллуқ доранд? Кадом ҳуқуқҳоро инфиродӣ, мутлақ ва негативӣ меноманд?***

Категорияи ҳуқуқҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) ба ҳуқуқҳои «насли якум» мутааллиқ аст. Пайдоиши онҳоро одатан бо инқилобҳои буржуазии асрҳои XVII-XVIII ва санадҳои қонунгузории он солҳо алоқаманд медонанд. Аммо ин ҳуқуқҳо дар ҷои хушку холӣ ба вуҷуд наомадаанд. Онҳо таърихи барқароршавию рушди худро доранд, манбаъҳои он бо неш задани тухмиҳои назарияи табиӣ – ҳуқуқӣ, ки дар асоси он ғояҳои озодӣ ва баробарии умумии одамон меистанд, алоқаманд аст. Тасаввуроти дар ҷараёни ғояҳои табиӣ – ҳуқуқӣ ташаккулёфта дар бораи ҳуқуқҳои фитрӣ ва дахлнопазири инсон дар асоси Билли байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои инсон гузошта шуда буданд. Тавсифи ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсии (шаҳрвандии) инсон пеш аз ҳама дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948), Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли1966) ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки имрӯз ба сифати стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон баррасӣ мешаванд, дода шудаанд.

**Ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) маҷмӯи ҳуқуқҳо ва озодиҳои табиӣ ва ҷудонопазире мебошанд, ки ба инсон аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ дошта, аз мансубияти ӯ ба шаҳрвандии давлати муштаххасе вобаста нестанд.**

Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсии (шаҳрвандии) инсон озодии инфиродии ӯро, ки имконнопазирии дахолати ғайриқонунию зӯроваронаи давлатро ба тарафҳои шахсии ҳаёти инсон дар назар дорад, таҷассум мекунад. Онҳо ба инсон чунин неъматҳоро кафолат медиҳанд: ҳаёт, саломатӣ, шараф, қадру қимат, озодии виҷдон, амнияти шахсӣ ва ғайра, ки барои ҳар як шахсият аҳамияти махсус ва арзиши баланд доранд. Зеро бе мавҷудияти онҳо дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон маънии худро гум мекунанд.



**Расми 13. Ҳама ҳуқуқи зиндагӣ доранд**

Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) бо мансубияти шаҳрвандии инсон алоқаманд нестанд ва аз он барнамеоянд, балки ба ҳар кас аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ доранд. Онҳо бар асоси истилоҳи «ҷомеаи шаҳрвандӣ», ки дар он қисми зиёди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон амалӣ мегарданд, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ номида мешаванд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ асоси мақоми ҳуқуқии инсонро ташкил медиҳанд. Бар фаркият аз дигар ҳуқуқҳои инсон онҳо моҳияти инфиродӣ, на коллективии амалишавӣ доранд. Ғайр аз ин махсусияти гурӯҳи мазкури ҳуқуқ аз он иборат аст, ки онҳо аз ҷониби ҳар як инсон ба таври доимӣ, дар тамоми тӯли ҳаёт амалӣ мегарданд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсии (шаҳрвандии) инсон негативӣ мебошанд. Давлат ҳуқуқ надорад, ки ба соҳаи ҳаёти шахсии фард дахолат кунад, вале дар айни замон ба зиммаи худ ӯҳдадорӣ намегирад, ки ҳимояи озодиҳои шахсиро аз дахолати ғайриқонунӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ашхоси мансабдор ва шаҳрвандон таъмин кунад. Онҳо як навъ имкониятҳои воқеиро мемонанд, ки давлат ба ҳар фард барои худтатбиқкунӣ, рушд ва қонеъсозии талаботи худ кафолат медиҳад.

Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, чун қоида, мутлақанд, яъне боздошт ва маҳдудсозии онҳо дар ягон ҳолат раво нест, масалан, ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ аз шиканҷа, озодӣ аз ғуломӣ. Аммо маҳдудсозиҳои қонунӣ дар боздоштҳо, ҳабскуниҳо, дар маҳбас нигоҳ доштанҳо, қатъномаи ба ҷое нарафтан ва ғайра ифода мегарданд.

Ба ин тариқ, ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) чунин хусусиятҳо доранд: онҳо табиианд, ҷудонопазиранд, ба ҳар кас аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ доранд, аз шаҳрвандӣ вобаста нестанд, ҳуқуқҳои "насли якуманд", инфиродӣ, негативӣ ва мутлақанд.

**1. НИЗОМИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ШАХСИИ (ШАҲРВАНДИИ) ИНСОН.** Ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) вобастаи ҳамдигар буда, низоми ягонаро мемонанд. Низоми ҳуқуқҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) дар моддаҳои 3-16 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, моддаҳои 6-17, 23, 26 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, дар ду Протоколи факултативӣ ба ин паймон ва дигар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ – ҳуқуқӣ зикр гардидааст. Он ҳамчунин дар қонунгузории миллии бисёр мамлакатҳои ҷаҳон таҷассум ёфтааст.

*Моддаҳои нишондодашудаи санадҳои байналмилалии мазкурро бодиққат омӯзед, дар онҳо кадом ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон таҳким ёфта ва кафолат дода шудаанд?*

Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ дар низом тарзе ташкил карда шудаанд, ки ҳар кадоме аз онҳо бевосита алоқаманданд ва яке аз дигаре бармеоянд (масалан, ҳуқуқи дахлнопазирии манзил давоми мантиқии ҳуқуқи дахлнопазирии шахсият аст).

Бо шумули ҳуқуқу озодиҳои шахсии (шаҳрвандии) инсон дар санадҳои гуногуни байналмилалӣ-ҳуқуқӣ инҳо мансуб дониста шудаанд: ҳуқуқ ба ҳаёт ва тансиҳатӣ, ҳуқуқ ба қадру қимати шахсият, ба шараф ва номи нек; ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ; ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, манзил, сирри шахсӣ ва оилавӣ, махфияти мукотибот, гуфтугӯҳои телефонӣ, мухобироти почтавӣ, телеграфӣ ва ғайра; озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист, озодии виҷдон ва дин; интихоби озодонаи миллат ва забони муошират ва ғайра.

Ҳуқуқҳои зикршуда дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтаанд ва онҳо дар бахшҳои минбаъдаи китоби дарсии мазкур омӯхта мешаванд.

Дар конститутсияҳои давлатҳои гуногун, чун қоида, ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) пеш аз ҳама таҳким меёбанд, вале ин аҳамияти ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро кам намегардонад. Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ бо ҳамаи ҳуқуқҳо ва озодиҳои дигари инсон ва шаҳрванд зич алоқаманданд.

*Фикр кунед ва аз ҳамбастагии ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) ва ҳамаи гурӯҳҳои дигари ҳуқуқу озодиҳо мисолҳо оред.*

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқ ва озодиҳои шахсии (шаҳрвандии) инсон, низоми ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ).*

---

**Саволҳо ва супоришҳо**

*1.Пораи зерро аз мақолаи профессор Ф.М.Рудинский "Ҳуқуқҳои шаҳрвандии инсон" (Масъалаҳои умуминазариявӣ, Ҳуқуқҳои инсон, М.2001) бодиққат хонед. «Бар фарқият аз дигар ҳуқуқҳо, ки шахсият ба сифати ходими сиёсӣ (ҳуқуқи сиёсӣ), меҳнаткаш ва соҳибмулк (ҳуқуқҳои иқтисодӣ), иштирокдори ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ) баромад мекунад, дар ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ манфиатҳои инсон чун индивид, яъне чун шахсияти соҳиби хусусиятҳои нотакрори инфиродӣ таҷассум меёбад. Ин ҳуқуқҳо шахсиятро инфиродӣ мегардонанд, ба зоҳиршавии беҳтарин манфиатҳои маънавӣ, майлу рағбатҳо, лаёқатмандиҳои шахсӣ мусоидат мекунанд. Онҳо имконияти интихоби бемамониати навъҳои гуногуни рафторро дар соҳаи озодиҳои инфиродӣ кафолат медиҳанд. Мундариҷаи онҳо бо он маълум мегардад, ки онҳо бояд чунин неъматҳои пурқимати ин озодиро, чун дахлнопазирии ҳаёт, шараф ва қадру қимати шахсӣ, амнияти шахсӣ, ҳаловатҳои ҳаёти хусусӣ ва оилавӣ таъмин кунанд". Муаллиф таваҷҷӯҳро ба кадом хусусиятҳои ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсӣ ҷалб мекунад?*

*2.Ба андешаи Шумо, ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсии (шаҳрвандии) инсон аз дигар гурӯҳҳои ҳуқуқу озодиҳо бо чӣ фарқ мекунанд?*

*3.Ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсии (шаҳрвандии) инсон дар кадом ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва миллӣ таҳким ёфтаанд? Ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ барои ҳар инсон чӣ аҳамият доранд?*

*4.Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро бодиққат омӯзед ва нақшаро пур кунед:*

| Ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсӣ | Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ | Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон |
|---|---|---|
| 1.Ҳуқуқ ба ҳаёт | Моддаи ________ | Моддаи ________ |
| 2.Ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ | Моддаи ________ | Моддаи ________ |
| 3.Ҳуқуқ ба озодии ҳаракат | Моддаи ________ | Моддаи ________ |
| 4.Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ | Моддаи ________ | Моддаи ________ |
| 5.Ҳуқуқҳои дигар | Моддаи ________ | Моддаи ________ |

## §24. ҲУҚУҚ БА ҲАЁТ

**1.АСОСҲОИ ФАЛСАФӢ ВА МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ҲУҚУҚ БА ҲАЁТ.** Андешаи он ки ҳаёти инсон арзиши аз ҳама воло дар рӯи Замин аст, чун худи таърихи инсоният хеле кӯҳна мебошад. Масъалаҳои ҳаёт ва мамот яке аз проблемаҳои доимиест, ки дарки он дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ гуногун буд. Ҳуқуқ ба ҳаёт чун яке аз ҳуқуқҳои муҳимтарину аввалиндараҷаи инсон имрӯз ҳам мавриди назари басо ҷиддии олимон,

сиёсатмадорон, нависандагон, ходимони ҷамъиятию динӣ ва дигарон қарор дорад.

Шумо аз дарсҳои таърих медонед, ки дар ҷамъияти ибтидоӣ бисёр вақт халосӣ аз одамони касалманд, маъюбону шалҳо бо роҳи қатл кардани онҳо амалӣ мегардид. Ба ин муносибат расму оинҳои махсус ҷой доштанд. Аммо ин ҳама тавзеҳоти худро доштанд, зеро сохти ҷомеавӣ (общинагӣ) ба манфиатҳои қабилавӣ ва авлодӣ бартарии бештар медод ва табиист, ки одами бемор ё маъюбу шал дарди сари зиёдатӣ буду аз вай халос шудан лозим меомад. Чунин сарнавишт ҳатто насиби тифли бемор шуда метавонист. Ҳаёти инсон танҳо вақте арзиш дошт, ки ӯ ба ҷомеа нафъ меовард.



**Расми 14. Мо ҳуқуқ ба ҳаёт дорем, онро бояд ҳимоя кард**

Бо парокандашавии сохти ҷамоаи ибтидоӣ, ҷудо гардидани ҷомеа ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ (камбағалон ва сарватмандон, озодон ва озоднабудагон) муносибат ҳам ба масъалаҳои ҳаёту мамот тағйир меёбад. Ақидае (қоидае, таълимоте) дар хусуси он маъмул мегардад, ки баъди марг ҳаёте бо номи “олами мурдагон” мавҷуд аст, масалан, шоҳигарии Аида дар фалсафаи Юнони қадим. Ба андешаи мутафаккирони атиқа, одамон дар дасти худоён чун зочаҳоянд ва аз хоҳишҳои онҳо чизе вобаста нест. Аммо бо вуҷуди ин ҳама манфиатҳои коллективии ҷомеа назар ба манфиатҳои шахсӣ бартарӣ доштанд.

Ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ қоидаҳои ахлоқӣ ва тасаввуроти то ин дам дар халқҳо ҷамъшударо доир ба арзишҳои умумиинсонӣ дар маҷмӯъ андӯхта, хулоса карданд ва яке аз аҳкоми асосии ҳар як дин “Накуш”, яъне “инсонро аз ҳаёт маҳрум накун” гардид. Маънии ин аҳком чи дар ислом, чи дар динҳои насронию буддизм, яҳудият ва чи дар динҳои дигар ҷои баҳс надорад. Ҳаёти инсон офаридаи волои Офаридгор аст ва танҳо оне, ки офаридааст, ҳуқуқи маҳрум кардани одам аз ҳаёт ва ба ӯ раҳму шафқат кардан дорад.

Аммо таърих бисёр мисолҳои риоя нашудани ин аҳкомро медонад, масалан, шумораи зиёди лашкаркашиҳои салибӣ, гулханҳои инквизитсия, ҷиҳодҳои динӣ ва ҷангҳои истилогарона дар асрҳои миёна. Ва танҳо дар Замони нав бо ташаккули назарияи табиӣ-ҳуқуқии ҳуқуқҳои инсон муносибат ба ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаёт, бе ҳеҷ гуна фарқияту маҳдудият, тадриҷан тағйир меёбад. Вале, масалан, дар

Эъломияи фаронсавии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ин ҳуқуқ ба таври қонунгузорӣ таҳким наёфта буд.

Бори аввал ҳуқуқ ба ҳаёт баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, ки ҳаёти 60 млн. одамро рабуд, вақте инсоният дарк кард, ки ҳаёт неъмати бебаҳост, ба таври юридикӣ эътироф гардид. Моддаи 3-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948) ҳуқуқ ба ҳаётро таҳким бахшид: "Ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад". Моддаи 6-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ эълом дошт: "Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳаққи ҷудонопазири ҳар як инсон мебошад. Ин ҳуқуқ тавассути қонун ҳифз карда мешавад. Ҳеҷ кас наметавонад худсарона аз ҳаёт маҳрум карда шавад".

***Ин гуфтаи шоири англис Ҷон Доннро бодиққат хонед: "Марги ҳар одам маро низ мекушад, зеро ман заррае аз инсоният ҳастам. Биноан ҳаргиз напурс, ки зангӯла барои кӣ занг мезанад: он барои ту занг мезанад". Шумо ин гуфтаро чӣ тавр мефаҳмед?***

Дар айни замон ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқи аз ҷониби умум эътирофшуда ва меҳвари тамоми низоми ҳуқуқҳои шахсии (шаҳрвандии) инсон мебошад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хулосаи зарурати эътирофи ҳуқуқ ба ҳаёт нисбат ба ҳамаи одамон, сарфи назар аз нажод, ҷинс, дин ва дигар аломатҳо расид ва давлатҳоро вазифадор намуд, ки дар қаламрави худ ин ҳуқуқро риоя кунанд ва қонунҳои миллие қабул намоянд, ки ин ҳуқуқро кафолат диҳанд.

Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқи бунёдист ва онро дар ҷанбаҳои гуногун бояд баррасӣ кард. Пеш аз ҳама, ин ҳуқуқи шахсият ба дахлнопазирии ҳаёт, ба озодӣ аз ҳар гуна дахолатҳои ғайриқонунӣ ба ҳаёти ӯ аз ҷониби давлат, намояндагони он, ё ашхоси ҷудогона, нораво будани худсарона, ғайриқонунӣ аз ҳаёт маҳрум кардани инсон мебошад. Аз ҷониби дигар, бисёр саволҳои дигари баҳсталаби вобаста ба амалисозӣ ва маҳдудгардонии ҳуқуқ ба ҳаёт, масалан, дар бораи оғози лаҳзаи ҳаёт, масъалаҳои исқоти ҳамл, эвтаназия, клонсозӣ ва ғайра пайдо мешаванд. Яке аз ҷанбаҳои ҳуқуқи мазкур ҳамчунин масъалаи ҳукми қатл мебошад.

Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқи табиӣ, ҷудонопазир, ба ҳар кас аз лаҳзаи таваллуд мансуб, имконияти ҳимояи дахлнопазирии ҳаёт ва озодона соҳибихтиёрӣ кардан ба он аст, ки бо қонунгузориҳои миллӣ ва байналмилалӣ кафолат дода мешавад. Ҳуқуқ ба ҳаёт дар ҳамаи санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар бораи ҳуқуқҳои инсон ва конститутсияҳои миллии аксари мамлакатҳои ҷаҳон таҳким бахшида шудааст. Вай аз ҷумлаи ҳуқуқҳои инфиродии инсон аст ва унсури муҳимтаринаш ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти инсон мебошад. Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқи бевосита амалкунанда аст ва дар ҳеҷ маврид, аз ҷумла дар ҳолати вазъияти фавқулодда, вақте хатари таҳдид ба ҳаёти тамоми миллат мавҷуд аст, маҳдуд карда намешавад, ҳарчанд ҳуқуқ ба ҳаёт ва ҳуқуқи худсарона маҳрум накардан аз ҳаёт бисёр вақт вайрон карда мешавад.

Аз ҳуқуқ ба ҳаёт дигар ҳуқуқҳои инсон, чун ҳуқуқ ба муҳити мусоиди зист, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ ва ғайра

бармеоянд, ки дар айни замон амалӣ гардонида мешаванд. Ҳуқуқи инсон ба ҳаёт бо зарурати ҳалли проблемаҳои иҷтимоӣ, масалан, бо проблемаҳои нигаҳдории тандурустӣ (пиршавии аҳолӣ, кам шудани таваллуд, ғуруснагӣ, қашшоқӣ ва ғайра) зич алоқаманд аст. Вай ба доираи васеи фаъолияти ҳаётии ҷомеа ва давлат: ахлоқ, дин, сиёсат, ҳуқуқ, тиб ва ғайра дахл мекунад.

Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчунин ба зиммаи ҳар давлат ӯҳдадориҳо мегузорад, масалан, даст кашидан аз ҷангҳо ва амалиётҳои ҷангӣ ҳамчун воситаи ҳалли низоъҳои байналхалқӣ ва ихтилофоти дохилӣ; гузаронидани муборизаи пурсамар бо ҷинояткорӣ ва терроризм; мубориза бо маъюбшавии истеҳсолӣ, таъмини бехатарӣ аз сӯхтор, бехатарии технологӣ, бехатарӣ дар нақлиёт, дастрасии ёрии тиббӣ, ҳимояи ҳар инсон аз зӯроварии ғайриқонунӣ. Аз ҷумла ҷомеаи байналмилалӣ аз давлатҳо даъват ба амал меорад, ки аз ҳукми қатл ҳамчун усули ҷазодиҳӣ даст кашанд.

Қонунгузории ҳар як давлат, чун қоида, як қатор чорабиниҳои ҳимоякунандаи ҳаёти инсонро таҳким мебахшад, масалан, муқаррар кардани ҷазо барои куштор; таъмини кафолатҳои таъқиботи ҷиноятӣ барои ҷиноят бар зидди ҳаёт; ба иҷро расонидани амалҳои ҳимоя ва пешгирикунанда дар сурати мавҷудияти хатари бевосита барои ҳаёти инсон.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар моддаи 5 ҳаётро дахлнопазир эълом дошта ("ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд"), ҳуқуқи инсонро ба ҳаёт ҳимоя мекунад. Тибқи моддаи 18-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон "ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад". Ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ бояд дар ҳимояи ҳаёти инсон аз сӯиқасд ба он аз ҷониби ҳар касе набошад, бошанд.

Ҳуқуқ ба ҳаёт на танҳо бо Конститутсия, балки бо қонунгузории ҷиноятӣ дар он моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он ҷо сухан дар бораи ҷавобгарӣ барои як қатор ҷиноятҳо (куштор, расонидан то ба худкушӣ, дар ҳолати хатарнок гузоштан ва ғайра) меравад, кафолат дода мешавад.

Ҳеҷ як манфиати ҷамъиятӣ куштори одамеро, ки барои ҳаёти дигар одамон хатарнок нест, қонунан ҳақ баровардa наметавонад. Куштори инсон бо истифодаи қувва танҳо дар се ҳолати истисноӣ қонунӣ аст: ҳимояи шаҳрвандон аз истифодаи ғайриқонунии зӯроварӣ; ҳангоми гузаронидани ҳабси муташаккилона ё рафъи фирори маҳбус; барои пахш кардани исён ва бетартибиҳои ғайриқонунӣ. Тавре маълум аст, барои инсон эҳсоси худнигоҳдорӣ хос аст. Одам аз ҳамла ё зӯроварӣ худро муҳофизат карда истода, барои зӯроварии ҷавобӣ ё ҳимояи зарурӣ ҳақ дорад. Ин боз яке аз мушкилоти марбут ба амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқи ҳар инсон ба ҳаёт аст.

**2.ҶАЗОИ ҚАТЛ ВА ҲУҚУҚ БА ҲАЁТ .** Яке аз проблемаҳои аз ҳама шадиди ҷаҳони имрӯза бекор кардани ҳукми қатл аст. Ҳукми қатл дар санадҳои қонунгузории бисёр мамлакатҳо чун чораи истисноии ҷазодиҳӣ зикр гардидааст. Вале оё он омили нигаҳдорандаи ҷинояткорӣ аст? Оё он

ҳуқуқҳои инсонро вайрон намекунад? Онро истифода кардан даркор аст ё бекор кардан? Агар ҷазои қатл нисбати одами бегуноҳ ба сабаби хатои судӣ ба ҷо оварда шуда бошад, оё ин хаторо ислоҳ кардан мумкин аст? Ба ин саволҳо ҷавобҳои якхела нестанд.

**Ҷазои қатл, аз ҳаёт маҳрум кардани шахс аз ҷониби давлат мутобиқи қонун баъди ҳукми қатл баровардани суди босалоҳият аст.**

Дар мамлакатҳое, ки ҷазои қатл бекор карда нашудааст, он барои ҷиноятҳои нисбатан вазнин тибқи қонуни вақти содир шудани ҷиноят амалкунанда ва ба нуктаҳои Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ихтилофнадошта ба амал баровварда мешавад.



Расми 15. Ҳуқуқ ба ҳаёт

Дар қисми 2-и моддаи 6-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ омадааст: “Дар кишварҳое, ки ҳукми қатлро бекор накардаанд, ҳукми қатл метавонад танҳо барои ҷиноятҳои вазнинтарин мутобиқи қонуне, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят амал мекард ва бо муқаррароти ҳамин Паймон ва Конвенсия дар бораи пешгирии ҷинояти қатли ом ва ҷазо барои он мухолиф набошад, баровварда шавад. Ин ҷазо метавонад танҳо ҷиҳати иҷрои ҳукмномаи қатъие, ки аз тарафи суди босалоҳият баровварда шудааст, анҷом дода шавад”.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ бо дар назардошти мувофиқи мақсад будани бекор кардани чунин ҷазо дар ҳамаи мамлакатҳо дар оянда ба давлатҳо пешниҳод менамояд, ки теъдоди одамони нисбаташон ҷазои қатл иҷрошавандаро ҳар чи камтар кунанд. Чунончи, ҷазои қатл нисбати ашхоси аз 18-сола ҷавон ва занҳои ҳомила ба амал баровварда намешавад. Аз ҳаёт маҳрум кардани аъзои гурӯҳи муайян дар миқёси васеъ баробари геносид аст, ки мансуб ба ҷиноят бар зидди инсоният мебошад.

**Геносид (аз юнонии genos – авлод, қабила ва лот. caedo - мекушам) - қатли оми гурӯҳҳои алоҳидаи одамон аз рӯи аломатҳои нажодӣ, миллӣ ва ё динӣ яке аз ҷиноятҳои вазнинтарин бар зидди инсоният мебошад.**

Кӯшиши бекор кардани ҷазои қатл соли 1989 ба пайдоиши Протоколи дуюми факултативӣ ба Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки ҷазои қатлро бекор мекунад, оварда расонд. Аммо протоколи мазкур аз ҷониби на ҳамаи давлатҳои ҷаҳон тасдиқ карда шудааст.

*Оё Шумо пешравиро ба сӯи бекор кардани ҷазои қатл дуруст мешуморед?*

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои қатл чун навъи истисноии ҷазо барои содир кардани чунин ҷиноятҳо пешбинӣ мегардад: куштор, таҷовуз, терроризм, қатли ом, биосид.

> **Ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин.**
> *Қисми 2-и моддаи 18-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумуҳурии Тоҷикистон.*

Аммо аз 15 июли соли 2004 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун дар бораи боздошти истифодаи ҷазои қатл истифода мешавад, яъне чун дар бисёр давлатҳои дигари ҷаҳон ба ҷазои қатл боздошт (моратори) ҷорӣ карда шудааст.

> **Мораторий (аз лот. moratorins – сусткунанда, бозмонондан) ба баъд бозмонондани иҷрои ӯҳдадории муқарраркардаи давлат ба мӯҳлати муайян ва ё то ба охир расидани ягон воқеаҳои фавқулодда мебошад.**

**3.ҲУҚУҚ БА ҲАЁТ ВА ҶАНГ.** Низоъҳои мусаллаҳона воқеияти бераҳмонаи асри XXI аст. Ба назар чунин мерасад, ки ҳанӯз асри XX бояд сиёсатмадоронро ба хулосаи зер меовард: бо роҳи зӯроварӣ ҳал кардани ягон мушкилот мумкин нест! Ҷанг танҳо проблемаҳои нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайра ба бор меоварад. Ва агар пешгирӣ кардани низоъҳои мусаллаҳона муяссар нагардад, ақаллан барои ҳимояи одамон аз воқеияти ҷанг ва кам кардани оқибатҳои харобиовари он тадбирҳо андешидан лозим аст.

Дар ҷаҳони имрӯза масъалаи ҳуқуқи ҳар як инсон ба ҳаёт дар давраи ҷанг ва низоъҳои мусаллаҳона басо муҳим аст.

*Оё Шумо бо чунин ақида розӣ ҳастед, ки баҳри ҳуқуқ ба ҳаёт ҳатто дар давраи ҷанг ё низоъҳои мусаллаҳона мубориза бурдан лозим аст ва ин бефоида нест? Дар ин хусус далелҳо оред.*

Дар айни замон механизмҳое мавҷуданд, ки имконият медиҳанд, оқибатҳои низоъҳои мусаллаҳона сабуктар гардонда шаванд; аввалан, қарордодҳои байналмилалие ҳастанд, ки истифодаи навъҳои алоҳидаи силоҳҳоро маҳдуд месозанд; дуюм, фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, ки ба зарардидагони ҷанг кӯмакҳо мерасонанд.

Ҳамаи қарордодҳо, эъломия ва конвенсияҳои мансуб ба ҳимояи зарардидагони ҷанг бо як ном – ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона муттаҳид мешаванд, ки асоси онро конвенсияҳои женевагӣ ташкил медиҳанд. Аввалин чунин конвенсия соли 1864 қабул шуда, ба вазъи беморон ва захмиёни артишҳои амалкунанда дахл дошт. Тадриҷан доираи амалиёти он васеъ гашта, аз соли 1868 инҷониб амали Кумитаи

байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ба беморон, захмиён ва хизматчиёни киштиҳои дар баҳрҳо дучори гарқшавӣ гардидаи қувваҳои мусаллаҳ (конвенсияи дуюм) паҳн мешавад. Риояи конвенсияи зикршудаи женевагӣ барои наҷот додани ҳаёти ҳарбиёни зиёде дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ ёрӣ расонд. Аммо талафоти зиёди одамӣ дар ин ҷанг аҳли ҷаҳонро мӯътақид сохт, ки конвенсияҳои женевагиро таҳким бахшидан лозим аст.

Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар соли 1949 конвенсияҳои нави женевагӣ дар бораи ҳимояи зарардидагони ҷанг таҳия гардиданд. Онҳо мутаносибан ҳимояи беморон ва захмиёнро дар хушкӣ (конвенсияи якум), дар баҳр (конвенсияи дуюм) таъмин карда, инчунин ба ҳимояи асирони ҳарбӣ (конвенсияи сеюм) ва аҳолии осоишта (конвенсияи чорум) бахшида шуданд. Ин чор конвенсия имрӯз низ амал мекунанд. Дуруст аст, ки онҳоро як қатор протоколҳои марбут ба ҳимояи зарардидагони низоъҳои байналмилалӣ, ҳамчунин онҳое, ки аз низоъҳои мусаллаҳонаи дохилӣ зарар мебинанд, пурра гардондаанд.

Аз ҷумла конвенсияҳои ҳозираи женевагӣ: 1) истифодаи чунин усулҳо ва воситаҳои бурдани ҷангро, ки ба муҳити зист зарари васеъмиқёсу ҷиддӣ мерасонанд, манъ мекунанд; 2) даъват ба амал меоранд, ки бо асирони ҳарбӣ ва аҳолии осоишта муносибати инсондӯстона карда шавад; 3) чораҳои махсуси ҳифзи занону кӯдакон, ҳамчунин журналистони дар сафарҳои хидматии пурхатарбударо пешбинӣ менамоянд; 4) ба кормандони соҳаи тиб имконияти бемамониат расонидани ёрии тиббӣ ба зарардидагон, ҳамчунин кашондани доруворӣ ва таҷҳизоти тиббиро кафолат медиҳанд.



**Расми 16. Ҳуқуқ ба ҳаёт**

Дар айни замон беш аз 160 давлати дунё иштирокдори конвенсияҳои женевагӣ буда, вазифадоранд, ки онҳоро иҷро кунанд.

Боз як имконияти ҳифзи ҳаёти инсон дар вақти ҷанг ё низоъҳои мусаллаҳона мавҷуд аст – ин манъи истифодаи навъҳои алоҳидаи силоҳ мебошад. Давлатҳо борҳо кӯшишҳои маҳдудсозии истифодаи силоҳҳоеро кардаанд, ки ба иштирокдорони амалиётҳои ҳарбӣ ё аҳолии осоишта ҷафоҳои зиёд мерасонанд (тирҳои тарканда, минаҳои зидди кӯшуни пиёдагард ва ғайра). Дарҳол баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ силоҳи атомӣ дар маркази диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт ва сабаби ин воқеаҳои 6 августи соли 1945 рӯйдода буданд. Дар ин рӯз ҳарбиёни амрикоӣ ба

сари аҳолии шаҳрҳои Хиросима ва Нагасакии Япония бомбаҳои атомӣ партофтанд.

Дар солҳои 60-70-уми асри XX қарордодҳои муҳими байналхалқии марбут ба истифодаи яроқи ядроӣ (ҳастаӣ) ҳукми амал пайдо карданд. Онҳо санҷиши яроқи ҳастаӣ дар атмосфера, фазои кайҳонӣ ва зери об, паҳн кардани яроқи ҳастаӣ, ҷойгузин сохтани яроқи ҳастаӣ ва дигар навъҳои силоҳи қатли омро дар қаъри баҳрҳо ва уқёнусҳо манъ мекунанд. Истифодаи силоҳи ҳастаиро ҷомеаи байналмилалӣ ҷинояти вазнинтарин бар зидди инсоният донистааст.

Дар давраи ҷанг ва низоъҳои мусаллаҳона ҳамчунин истифодаи силоҳҳои химиявӣ, бактериологӣ ва биологӣ ба ҳаёти инсон хатари ҷиддӣ меоранд. Дар айни замон давлатҳои иштирокдори СММ усулҳои самарабахши назорати тадқиқотҳои илмиро дар ин соҳа меҷӯянд.

Вале ҳар қадар қарордодҳои хуб мавҷуд бошанд ҳам, иродаи давлатҳо ва ҳамаи иштирокдорони низоъҳо бобати истифодаи ин қарордодҳо ва эътирофу эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ба ҳаёт аз ҳама муҳимтар аст.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқ ба ҳаёт, ҷазои қатл, геносид, мораторий.*

---

**Савол ва супоришҳо**

*1. Зери мафҳуми ҳуқуқи инсон ба ҳаёт чӣ фаҳмида мешавад? Ба андешаи Шумо, чаро ҳуқуқро ба ҳаёт ба ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) мансуб медонанд?*

*2.Рӯйхати санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллиро, ки дар онҳо сухан дар бораи ҳуқуқ ба ҳаёт меравад, бо иқтибосҳои мушаххас тартиб дода, онҳоро тавзеҳ бахшед.*

*3.Файласуфи англис Ҷон Локк тасдиқ мекард, ки ҳуқуқ ба ҳаёт, амвол ва озодӣ қонуни табиист. Ба андешаи Шумо, чаро ин тавр аст?*

*4.Проблемаҳои аз назари Шумо бевосита бо амалишавӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ба ҳаёт алоқамандро номбар кунед. Давлат бо мақсади таъмини ҳуқуқи ҳар одам ба ҳаёт чӣ ӯҳдадориҳое ба зимма дорад?*

*5.Шоир В.А.Жуковский навиштааст: «Ҷазои қатл ба ҷуз намояндаи ҳақиқати қотеъона, ки зиштиро таъқиб намуда, аз он тартиботи ҷамъиятии худи Худованд муқарраркардаро раҳоӣ мебахшад, чизи дигаре нест. Ҷазои қатл чун Немезидаи аз дурӣ бо шамшери худ таҳдидкунанда, чун ҳароси ҳалокати имконпазир, чун шабаҳи таъқибкунандаи ҷинояткор бо ҳастии ноаёни худ даҳшатангез аст ва фикри мавҷудияти он бисёр одамонро аз бадкориҳо бозмедорад". Оё Шумо бо ин андешаҳо розӣ ҳастед? Чаро? Далелҳои асосии ҷонибдорон ва онҳоеро, ки зидди ҷазои қатл ҳастанд, номбар кунед.*

*6.Ин пораро аз номаи инсоне, ки дар ибтидои асри XX ба ҷазои қатл маҳкум шудааст, бодиққат хонед: "Зиндагиро бо дақиқаҳо шумурдан лозим меояд, он кӯтоҳ аст. Феълан номаро навишта истода, метарсам, ки ҳамин ҳоло дар кушода мешаваду ман онро ба охир расонда наметавонам. Ман дар ин оромии ноҳинҷор чӣ қадар худро бад ҳис мекунам! Андак хиширросе дили маро ба таппиш меорад...Дар гичиррос мезанад... Вале ин дар поён аст. Ва ман боз менависам. Аз роҳрав қадамзаниҳо ба гӯш мерасанд ва ман сӯи дар медавам. Не, ин ҳаросам*

*беҳуда, вай садои қадамзании нозир аст. Оромии пурҳарос маро гулӯгир мекунад. Ҳаво намерасад. Ба сари ман гӯё сурб рехтаанд, он вазнин асту рӯи болишт меафтад. Номаро ба ҳар ҳол то ба охир навиштан даркор. Ман дар чӣ хусус навиштанӣ будам? Ҳа, дар бораи ҳаёт, зиндагӣ! Вақте дар паҳлуи ту марг меистад, оё дар ин хусус ҳарф задан хандаовар нест? Бале, марг дар паҳлӯи ман истодааст. Ман нафаси хунуки онро ба худ эҳсос мекунам, шабаҳи даҳшатангези он аз пеши чашмонам дур намешавад... Пагоҳӣ бармехезию чун кӯдак шодӣ мекунӣ, ки ҳанӯз зиндаӣ, боз як рӯзи дигар аз ҳаёт ҳаловат мебарӣ. Вале шабона! Оҳ, вай чӣ қадар машаққатҳое меорад, ки гуфтанашон осон нест... Хуб, бас аст акнун: соат наздики дуи шаб. Хобидану ором будан мумкин: имрӯз барои бурдани ман намеоянд"... Ин пораро тавзеҳ бахшед.*

*7.Дар бораи ҷанг се нуқтаи назар ҳаст: а) Дар ҷанг ҳеҷ гуна ҳуқуқ ба ҳаёт буда наметавонад. Ҷанг ноадолатӣ аст, ғаму андӯҳ аст; б) Ҷангҳо боадолатона ва беадолатона мешаванд, иштирок дар ҷанги боадолатона ҷиноят нест; в) Агар роҳи халосӣ аз ҷанг набошад, баъзе маҳдудиятҳо ҷорӣ кардану дар хусуси камтар сохтани бераҳмиҳои ҷанг созиш намудан мумкин ва зарур аст. Кадом нуқтаи назар ба Шумо наздиктар аст?*

## § 25. ҲУҚУҚ БА ОЗОДӢ ВА ДАХЛНОПАЗИРИИ ШАХСИЯТ

**1.АСОСҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ҲУҚУҚ БА ОЗОДӢ ВА ДАХЛНОПАЗИРИИ ШАХСИЯТ.** Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият яке аз ҳуқуқҳои бунёдӣ ва фитрии шахсии (шаҳрвандии) инсон аст. Он ба ҳуқуқҳои насли якум тааллуқ дорад. Аммо нишонаҳои аввалини ҳуқуқи мазкур ҳанӯз дар Хартияи бузурги озодиҳои соли 1215 ба назар мерасанд. Дертар дар марҳилаи инқилобҳои буржуазии асри XVIII он дар санади Хабеас Корпуси Британия (соли 1679), Эъломияи фаронсавии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд (соли 1789) ва ҳуҷҷатҳои дигар чун кафолат аз ҳабсҳои ғайриқонунӣ ва истибдоди судӣ инъикос ёфтааст. Ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва аксари конститутсияҳои ҳозира низ озодӣ ва дахлнопазирии шахсиятро эълом медоранд.

Моддаи 3-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсиятро ин тавр таҳким бахшидааст: “Ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад”. Моддаи 9-и ҳуҷҷати байналмилалии мазкур тасдиқ мекунад: ”Ҳеҷ касро худсарона дастгир, ҳабс ё бадарға кардан мумкин нест”.

Меъёрҳои мазкур ҳамчунин дар Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ таҷассум ёфтаанд. Аз ҷумла дар қисми 1-и моддаи 9-и ҳуҷҷати мазкур омадааст: “Ҳар як инсон ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад. Ҳеҷ кас наметавонад худсарона ба ҳабс гирифта шавад ё дар ҳабс нигоҳ дошта шавад. Ҳеҷ кас набояд аз озодӣ, ғайр аз асосҳо ва мутобиқи расмиёте, ки тавассути қонун муқаррар карда шудаанд, маҳрум карда шавад”.

Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият аз ҷониби давлат ҳимоя шудани ҳар як одамро аз тааррузи ҳар касе ба ҳаёт, саломатӣ, озодӣ, амнияти шахсӣ, шараф ва қадру қимати ӯ дар назар дорад. Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият моҳиятан аз ду ҳуқуқи ба ҳам алоқаманд: озодии шахсият ва ҳуқуқи дахлнопазирии шахсият таркиб ёфтааст. Онҳо аз якдигар ҷудонопазиранд. Яъне шахсияте, ки озодии ӯ пурра таъмин аст, дахлнопазир низ мебошад. Ва агар дахлнопазирии шахсият таъмин бошад, пас ӯ озод низ аст.




**Расми 17. Ҳуқуқи ноболиғоне, ки дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ нигоҳ дошта мешаванд**

Озодии шахсият мафҳуми васеест, ки инҳоро дар назар дорад: озодии ҷисмонӣ (яъне озодии амал тибқи озодии худ, аз ҷумла озодии ҳаракат, озодӣ аз ҳабсу боздоштҳои ғайриқонунӣ); озодии ахлоқӣ (яъне озодии афкор, виҷдон, дин); озодии иҷтимоӣ (озодии интихоби забони муошират, мансубияти миллӣ).

**Ҳуқуқи дахлнопазирии шахсият ҳуқуқи ҳар инсон ба ҳимоя ва ҳифзи давлатӣ аз таарузи ғайриқонунии ҳар касе ба озодӣ ва амнияти шахсии ӯ мебошад.**

Амнияти шахсӣ маънии набудани зӯроварии ғайриқонунӣ ё таҳдиди зӯроварӣ ба шахсият ва бовар доштани шахсият ба оромӣ, имконияти иштирок кардан дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дорад. Амнияти шахсӣ ҳамчунин кафолатро аз тааррузи зиддиҳуқуқӣ ба се навъи дахлнопазирии инсон: ҷисмонӣ (ҳаёт, саломатӣ), ахлоқӣ (шараф, қадру қимат) ва маънавӣ (имконияти дар асоси озодии ифодаи ирода рафтор кардан, ба маҷбурсозии ғайриқонунӣ дучор наомадан) дар назар дорад.

Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ба ҳамаи одамон, сарфи назар аз шаҳрвандӣ, ҳамчунин ноболиғӣ, бемори рӯҳӣ будан, ашхоси қобилияти фаъолияташон маҳдуд ё ғайри қобили амал донисташуда дахл дорад. Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсиятро то ҳадди муайян, вале танҳо дар асоси қонун маҳдуд кардан мумкин аст.

Дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият дар меъёрҳои алоҳидаи инъикоскунандаи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон инъикос ёфтааст.

**Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст.**

*(Моддаи 18-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ кафолатҳои ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва маънавии дахлнопазирии инсонро таҳким мебахшанд. Масалан, ҳаёту саломатиии инсонро (озодӣ аз шиканҷа, ҷазо, муносибати ғайриинсонӣ, озмоишҳои тиббӣ) моддаи 18-и Конститутсия, манъи истифодаи меҳнати занон ва ноболигонро дар корҳои вазнин ва зеризаминӣ, ҳамчунин дар корҳои шароити меҳнаташон барои саломатии онҳо зарарнок моддаи 35-и Конститутсия кафолат медиҳанд.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои куштор, расонидани зарарҳои ҷисмонӣ, таҷовуз ба номус, лату кӯб ва дигар ҷиноятҳои зидди озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ муқаррар менамояд. Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ва психологӣ гирифтани шаҳодати шоҳид, гумонбар, ҷабрдида ё айбдоршавандаро манъ мекунад.

Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият нораво будани худсариро ҳангоми боздошт ё ҳабс кардан дар назар дорад. Тибқи моддаи 6-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷкистон ҳеҷ касро бе иҷозати прокурор ба ҳабс гирифтан мумкин нест.

**Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс ва бадарға кардан мумкин нест.**

*Қисми 2-и моддаи 19-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ дахлнопазирии шахсияти одамон бо риояи қоидаҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи тиббӣ кафолат дода мешавад, масалан, гирифтани ризоияти беморон барои амалиёти ҷарроҳӣ, ҳар гуна ташхису таҳлилҳо ва ҳатто сӯзантабобат.

Риояи шараф ва қадру қимати шахсият аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Ҳар инсон, сарфи назар аз ҷинс, синну сол, вазъи иҷтимоӣ, молу мулк, вазифаи ишғолкардааш, шараф ва қадру қимат дорад. Онҳо ногузиранд, бинобар ин ҳар кас ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки ӯро эҳтиром кунанд ва дахлнопазирии маънавиашро вайрон накунанд.

**?** ***Ба хотир оред, ки зери мафҳумҳои "шараф" ва "қадр" чиро мефаҳманд?***

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯҳмат ва таҳқирро ҷиноят мешуморад ва чунин кирдорҳоро манъ месозад, зеро онҳо шарафи инсонро паст зада, шаънашро доғдор месозанд. Чунин амалҳоро Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масалан, ҳангоми гузаронидан тафтишот, шаҳодатдиҳӣ, ташхиси тафтишотӣ ва ғайра манъ мекунад.

Кодекси гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, қоидаҳои ҳифзи шараф ва қадру қимати инсонро аз ҷумла бо роҳи таллофӣ кардани зарари ахлоқӣ таҳким бахшидааст. Дар сурати аз ҷониби шахси ҷавобгар паҳн карда шудани маълумотҳое, ки шаъну эътибори даъвогарро догдор месозанд, суд новобаста аз гуноҳи шахси ҷавобгар зарари расонидашударо бо ифодаи пулӣ муайян карда, ба фоидаи даъвогар меруёнад. Агар маълумотҳои тӯҳматангези пастзанандаи шаъну эътибор дар матбуоти даврӣ чоп шаванд, суд ҷавобгарро метавонад водор созад, ки дар ҳамон нашрия раддия чоп кунонад.

Дахлнопазирии маънавии шахсият бо роҳи манъ кардани амалҳои гуногуни характери зӯроварӣ дошта ва ба рӯҳияи инсон таъсири манфӣ расонанда таъмин карда мешавад. Масалан, пурсиши иштирокдори мурофиа зери таъсири гипноз ё бо роҳи истифодаи фишороварихои гуногуни экстрасенсорӣ; ё маълумотгирии муфаттиш бо роҳи тарсондан, истифодаи сеҳру ҷоду ва ғайра.

**2. МАҲДУДИЯТИ ОЗОДӢ ВА МАҲРУМИЯТ АЗ ОЗОДӢ.** Таъмини дахлнопазирии ҷисмонӣ, рӯҳонӣ, маънавии шахсиятро давлат кафолат медиҳад. Аммо бо дар назардошти манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат дар баъзе ҳолатҳо маҳдудсозии ҳуқуқҳо ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият имконпазир аст. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳо, шартҳо ва тартиби чунин даҳолатро муайян мекунад ва таҳким мебахшад.

Ҳуқуқи инсонро ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият дастгиру ҳабс кардан маҳдуд месозанд. Дар қонунгузориҳои байналмилалӣ ва миллӣ ин мафҳумҳо, ҳамчунин истилоҳҳои “ашхоси дастгиршуда” ва “маҳбус”-ро фарқ мекунанд.

**Дастгир кардан боздошти муваққатии (на бештар аз 72 соат) шахси ба содир кардани ҷиноят гумонбар аст, ки ба ӯ дар шакли маҳрум кардан аз озодӣ ҷазо додан мумкин аст.**

Ҳабс кардан ҳамчун чораи нисбатан қатъии пешгирӣ дар маҳбас нигоҳ доштан аст.

**Ҳабс кардан (дар забони лот. arrestum –суд, қарор) боздошти маҷбурӣ ва ҷой кардан дар маҳбас аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он навъи ҷазои ҷиноятиест, ки аз ҷудонигоҳдории қатъӣ иборат аст.**

Ба ин тариқ, шахси дастгиршуда ҳама гуна шахсест, ки аз озодии шахсӣ маҳрум шуда, аммо барои содир кардани ҷиноят маҳкум нашудааст, маҳбус бошад, шахсест, ки дар натиҷаи маҳкум шудан барои содир кардани ягон ҷиноят аз озодӣ маҳрум гардонда шудааст. Ҳамаи ашхоси аз озодӣ маҳрумшуда коҳидаву нозуктабиатанд. Рафтори ашхоси мансабдор, махсусан ходимони милиса, нисбати шахси дастгиршуда ва маҳбус бояд инсондӯстона бошад ва ба қонун қатъиян мутобиқат кунад.

Дастгирӣ ва ҳабси ғайриқонунии одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят ҳисоб мешавад (моддаи 358-и КҶ).

Ҳабс ва дастгир карданро метавонад корманди милиса ба амал барорад, вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатро ба ин амалҳо прокурор медиҳад. Дар бораи ҳама гуна ҳодисаҳои дастгир кардан мақомоти таҳқиқу тафтишоти пешакӣ ё муфаттиш бояд дар бадали 24 соат прокурорро ба таври хаттӣ огоҳ созанд, прокурор дар навбати худ, дар бадали 48 соат барои ҳабс кардан ё озод кардани одами дастгиршуда бояд иҷозат диҳад. Дастгиркунӣ набояд аз 72 соат (аз лаҳзаи дастгиршавӣ то гирифтани иҷозати прокурор барои ҳабс) беш бошад.

**Ҳабс ва дастгир кардан бояд асос дошта бошанд. Ҳангоми ҳабс ва дастгиркунӣ бояд тартиботи амалисозии онҳо ва мӯҳлатҳои қонунӣ риоя гарданд. Ҳамаи инҳоро Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.**

Шахсро танҳо бо асосҳои зерин дастгир кардан мумкин аст: 1) вақте одамро ҳангоми содир кардани ҷиноят, ё баъди он дастгир кардаанд, яъне дар лаҳзае, ки шахс ҷиноятро ба анҷом расонид, ҳанӯз дар ҷои ҷиноят аст, ё кӯшиши аз он ҷо пинҳон шудан дорад; 2) вақте шоҳидон, аз ҷумла ҷабрдидагон, он одамро чун ҷиноятсодиркарда рӯирост нишон медиҳанд; 3) вақте дар одами гумонбар ё либоси ӯ, дар киса ё манзилаш нишонаҳои баралои ҷиноят пайдо карда мешаванд; 4) агар баъзе маълумотҳои дигаре бошанд, ки барои гумонбар донистани ин одам дар содир кардани ҷиноят асос шуда метавонанд, ин шахсро танҳо вақте дастгир кардан мумкин аст, ки ӯ барои пинҳон шудан аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ воқеан кӯшиш намояд; 5) асоси дастгиркунӣ набудани ҷои доимии зист бошад; 6) ҳамчунин муқаррар нагардидани шахсияти ин одам асоси дастгиркунӣ шуда метавонад.

Ашхоси дастгиршуда бояд дар ҷойҳои расман эътирофшудаи нигаҳдорӣ нигоҳ дошта шаванд, дар ин хусус оилаҳои онҳо ва намояндагони қонунӣ бояд маълумоти пурра гиранд. Дар сурати дастгир кардан мақомоти дастгиркуниро ба амал оварда ё муфаттиш бояд дар бораи дастгиркунии кӯтоҳмуддат протокол тартиб диҳанд ва дар он ба таври ҳатмӣ асосҳо, сабабҳо, рӯз ва соат, сол ва моҳ, ҷои дастгиркунӣ, шарҳи одами дастгиршуда ва замони тартиб додани протоколро нишон диҳанд. Баъди пур кардани протокол он аз ҷониби шахси онро пуркарда ва шахси дастгиршуда имзо карда мешавад.

Шахси дастгиршуда ҳуқуқ дорад: 1) донад, ки ӯро барои содир кардани кадом ҷиноятҳо гумонбар медонанд, аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ талаб намояд, фаҳмонанд, ки барои чӣ ӯро дастгир кардаанд; 2) қонунӣ будан ё набудани дастгир шуданро дар суд радду бадал намояд; 3) аз маъмурияти ҷои алоҳидаи нигоҳдории муваққатӣ ва ё ҷои нигоҳдории тафтишотӣ талаб намояд, ки талаби ӯро дар хусуси тафтиши қонунмандии дастгир кардани ӯ ба прокурор хабар диҳанд; 4) аз амалҳои ашхоси таҳқиқу тафтиши пешакӣ гузаронида, муфаттиш ё прокурор шикоят кунад, тавзеҳот бидиҳад ва дархост намояд; 5) бо шикоят ва аризаҳо бо мақомоти

давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ашхоси мансабдор мурочиат кунад; 6) аз либосу пойафзоли худ, инчунин дигар асбобу ашёи зарурӣ истифода барад.

Ашхоси дастгиршуда вазифадоранд, ки талаботи Қоидаҳои тартиботи дохилиро дар ҷойҳои нигоҳдории дастгиршудагон риоя кунанд.

Ҳабс кардани нафаре маънои аз озодӣ маҳрум кардани ӯро дорад. Ҳабс (дар маҳбас нигоҳ доштан) чораи охирин аст, вақте асосҳое мавҷуданд, ки шахси айбдоршаванда дар озодӣ монда, метавонад аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пинҳон шавад, ё бо амалҳои худ ба рафти тафтишот халал расонад. Сарфи назар аз ҳадафҳои ҳабс барои амалӣ гардонидани он асосҳои қонунӣ заруранд. Ҳабс танҳо бо иҷозати прокурор фақат аз рӯи парвандаҳои оид ба ҷиноятҳое, ки барои онҳо қонун ҷазоро дар шакли маҳрум кардан аз озодӣ ба мӯҳлати беш аз як сол пешбинӣ мекунад, ба амал баровstyleарда мешавад.

Дар сурате, ки муфаттиш дар бораи ҳабс кардан қарор қабул менамояд, вай вазифадор аст, дар бадали 24 соат аз лаҳзаи дастгир кардани шахс ба прокурор қарорро дар хусуси истифода кардани чораҳои пешгирӣ дар шакли нигоҳдорӣ дар ҳабс пешниҳод намуда, дар он бояд асосҳоеро баён намояд, ки тибқи онҳо зарурати ба ҳабс гирифтани айбдоршаванда ба миён омадааст. Прокурор дар бадали 48 соат бояд масъаларо дар хусуси додани иҷозат барои ҳабс ё озод кардани шахси дастгиршуда ҳал намояд. Ба қарор маводи тасдиққунандаи асоснокии қарор замима карда мешавад.

Шахси ҳабсшуда ҳуқуқ дорад: 1) дар бораи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаҳои худ ба забони модарӣ ё забони дигари барояш фаҳмо маълумот бигирад; 2) муносибати шоиста бинад; 3) бо ариза, раддия дар бораи ҳуқуқҳо ва озодиҳои худ чи шахсан ва чи ба воситаи адвокат нисбат ба маъмурияти ҷойҳои нигоҳдории дастгиршудагон ва маҳбусон ба суд, прокуратура, мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ба ҳизбҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, васоити ахбори умум, ҳамчунин ба мақомот ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон мурочиат намояд; 4) бо хешовандон ва дигар одамон танҳо бо рухсати хаттии муфаттиш (чун қоида, на бештар аз як маротиба дар як моҳ) мулоқоти давомнокиаш аз як то ду соат дошта бошад; 5) ҳамарӯза аз хешовандон дастовез, маводи ғизоӣ барои истеъмол қабул намояд; 6) бо худ ҳуҷҷатҳо ва навиштаҷоти марбут ба парвандаи ҷиноятӣ дошта бошад; 7) аз лаҳзаи роҳ дода шудани адвокат ба парванда бо ӯ мулоқотҳои мӯҳлат ва давомнокиашон номаҳдуд кунад; 8) аз сайругашти ҳаррӯзаи давомнокиаш як соат истифода кунад; 9) ба озодии афкор, виҷдон ва эътиқоди динӣ ҳақ дорад; 10) бо ҷаҳони берунӣ муоширт намояд; 11) бо ному фамилияи худ ном гирифта шавад; 12) моҳе як маротиба пули фиристодашударо гирад.

Шахси дастгиршуда вазифадор аст: 1) қоидаҳои муқаррааргардидаи тартиботи дохилӣ ва қоидаҳои санитарӣ-гигиениро риоя кунад, намуди зоҳирии хуб дошта бошад, дар камераҳо ҳамеша тозагиро нигоҳ дорад; 2) талаботи маъмуриятро бечуну чаро иҷро кунад, бо кормандони он ва байни худ ҳалиму меҳрубон бошад; 3) ҳангоми ба камера дохил шудани ашхоси

ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ аз ҷой бархезад ва дар саф истад; 4) ба ашёву таҷҳизот ва дигар амвол муносибати эҳтиёткорона кунад; 5) бо таъиноти маъмурият дар камера вазифаи навбатдориро ба ҷо орад.

Ба усулҳои дигари қонунии маҳдудсозии озодиҳо ва дахлнопазирии шахсият инҳо тааллуқ доранд: табобати маҷбурии ашхоси рӯҳан бемор, ки барои худ ва дигар одамон хавфноканд, карантини муваққатӣ нисбат ба одамони гирифтори бемориҳои хавфноки сирояткунанда, фиристодани ноболиғон ба мактабҳои махсуси тарбиявӣ ва ғайра.

**3.МАХСУСИЯТҲОИ ДАСТГИРКУНӢ ВА ҲАБСИ ПЕШАКИИ НОБОЛИҒОН.** Дастгиркунӣ ва ҳабси пешакӣ нисбат ба ноболиғон низ истифода мешавад. Ноболиги ҷиноят содиркарда ба кафолатҳои гуногуни суди боадолат, аз ҷумла ба ҳифзи иловагии махсус ҳуқуқ дорад.

Тибқи моддаи 37(b) Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (соли 1989) “ҳабс, дастгиркунӣ ва ё дар маҳбас нигоҳ доштани кӯдак тибқи қонун танҳо ба сифати чораи охирин бо истифодаи мӯҳлати ҳар чи кӯтоҳи давраи дахлдор амалӣ гардонда мешавад”.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хусусиятҳои дастгиркунӣ ва ҳабси ашхоси ноболиг таҷассум ёфтаанд.

Қонунгузорӣ нисбати ноболиғон ба сифати чораҳои огоҳу пешгирикунанда кафолати шахсию ҷамъиятӣ ва назорати имконпазири волидон, васиҳо ва парасторон, маъмурияти кӯдакистонҳоро пешбинӣ мекунад. Дастгиру ҳабс кардан чун чораи пешгирикунанда нисбат ба ноболигон дар ҳолатҳои истисноӣ, агар инро вазнинии ҷинояти содиршуда талаб кунад, истифода мегардад. Дар лаҳзаи интихоби чораҳои пешгирикунанда синну сол, ҳолати саломатӣ ва вазъи оилавӣ ба инобат гирифта мешавад. Ноболигони дастгир ва ҳабсшуда бояд аз калонсолон ва ноболигони маҳбус ҷудо нигоҳ дошта шаванд. Дар лаҳзаи нисбат ба ноболиғ истифода гардидани ҳабси пешакӣ маводи парванда аз ҷониби прокурор омӯхта мешавад ва ноболиги гумонбар ё айбдоршавандаро дар ҳама ҳолат худи прокурор мепурсад. Дар бораи дастгир шудани ноболиг ҳатман волидони ӯ ё шахсони онҳоро ивазкунанда хабардор карда мешаванд.

Ноболиги бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда ҳақ дорад: 1) донад, ки ӯро барои содир кардани кадом ҷиноят гумонбар медонанд; 2) талаб намояд, ки прокурор дурустии дастгиркуниро санҷад; 3) аз амалҳои таҳқиқу тафтиши пешакӣ, муфаттиш ё прокурор шикоят кунад, шарҳу тавзеҳот диҳад ва дархосту хоҳиш иброз дорад; 4) бо шикоят ё хоҳиш ба мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё ашхоси мансабдор мурочиат кунад; 5) аз либосу пойафзол, инчунин дигар чизҳои зарурии дар Қоидаҳои тартиботи доҳилии ҷойҳои нигоҳдории ашхоси дастгиршуда зикргардида истифода кунад.

Дастгиру ҳабс кардан ва аз озодӣ маҳрум намудани ноболиг дар ҳолатҳои истисноӣ, ҳамчун чораи ниҳоӣ истифода шуда, он бояд тибқи қонун ва аз рӯи имконият бояд дар мӯҳлати кӯтоҳтарин давом кунад.

Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муносибати худро ба ноболиғон дар асоси риоя ва эҳтироми ҳуқуқҳои онҳо муайян намуда, бояд дар ҳаққи ноболиғон ғамхорӣ намоянд ва ба онҳо зараре нарасонанд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *озодии шахсият, дахлнопазирии шахсият, амнияти шахсӣ, маҳрумият аз озодӣ, дастгиркунӣ, ҳабс.*

---

**Саволҳо ва супоришҳо:**

*1. Шарҳ диҳед, ки Шумо моҳияти ҳуқуқҳои инсонро ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ чӣ хел мефаҳмед?*

*2. Амнияти шахсии инсон чист?*

*3. Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳкимбахшандаи ҳуқуқро ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият номбар кунед.*

*4. Оё ҳуқуқро ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият маҳдуд кардан мумкин аст?*

*5. Маҳрум кардан аз озодӣ чӣ маънӣ дорад ва одам баъди кадом амалҳо аз озодӣ маҳрумгашта дониста мешавад?*

*6. Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом мақомот салоҳияти додани иҷозатро ба ҳабси пешакӣ дорад?*

*7. Ба андешаи Шумо, барои одам маҳдудияти озодӣ душвор аст, ё маҳрумшавӣ аз озодӣ?*

*8. Ноболиғи барои содир кардани ҷиноят дастгиршуда кадом ҳуқуқҳоро дорад?*

*9. Вазъияти зеринро бодиққат хонед ва муҳокима кунед: "Хонандагони синфи 8 "б" П. Тешаев ва Н. Нуров (ҳар ду 15- сола) аз ҷониби муаллими тарбияи ҷисмонӣ дар майдончаи варзишии мактаб ҳангоми ҷанг ва занозанӣ бо якдигар боздошт гардида, ба кабинети директор оварда шуданд. Директор баъди муайян кардани он ки онҳо чандин маротиба ба чунин амалҳо айбдоранд, ба волидони бачаҳо муроҷиат накарда, ба милитсия занг зад. Бачаҳо дар шӯъбаи милиса муддати 5 соат нигоҳ дошта шуданд ва танҳо баъди ин ҷо омадани волидонашон ба хонаҳояшон ҷавоб дода шуданд". Ба фикри Шумо, дар шӯъбаи милиса муддати 5 соат боздошт шудани ноболиғон маҳдудсозии озодӣ аст, ё маҳрум кардан аз озодӣ? Ба ақидаи Шумо, нисбат ба хонандагон бояд чӣ гуна чораҳо медиданд?*

*10. Ба фикри Шумо, оё ба муассисаҳои махсуси тарбиявӣ фиристодани хонандагон маҳрум кардан аз озодӣ аст?*

## §26. ҲУҚУҚ БА ҲАЁТИ ХУСУСӢ

**1. ТАВСИФИ УМУМИИ ҲУҚУҚ БА ҲАЁТИ ХУСУСӢ.** Ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ яке аз ҳуқуқҳои шахсии (шаҳрвандии) инсон буда, ба ҳар кас аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ дорад, аз мансубияти шаҳрвандии шахс вобаста нест ва аз чунин тарафҳои зиндагии дохилӣ ва доираи муоширате, ки онҳо бошуурона махфӣ нигоҳ медоранд, иборат аст. Дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ мафҳуми умумӣ буда, дахлнопазирӣ ба тарафҳои гуногуни ҳаёти шахсӣ (хусусӣ), аз ҷумла асрори шахсиву оилавӣ, дахлнопазирии манзил, махфияти мукотибот, гуфтугӯҳои телефонӣ, мухобироти почтавӣ, телеграфӣ ва ғайраро дар назар дорад.

**Ҳаёти хусусӣ соҳаи махсуси фаъолияти ҳаётии инсон аст, ки аз ҷониби худи инсон мувофиқи эътиқоди ботинии ӯ назорат карда шуда, мақсадаш қонеъ гардонидани талабҳои шахсии ӯ аст.**

Ҳаёти хусусӣ соҳаи аз шахсият ҷудонопазирест, ки одам худ қоидаҳои худро муқаррар карда, қарорҳо қабул менамояд. Ҳама гуна дахолат ба ҳаёти шахсии инсон танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ дар асоси қонун ва қарори махсуси суд имконпазир аст.

***Фикр кунед, оё ашхоси мазкур ба ҳаёти хусусӣ ҳақ доранд: кӯдак, маҳкумшуда, шаҳрванди ғайри қобили амал?***

Ҳар як одам одатҳо, некбинию бадбиниҳо, тарафҳои сусти характер, сир, нақшаҳо, шуғлҳои дӯстдошта ва ғайра дорад, ки бо мафҳуми ҳаёти хусусӣ фаро гирифта мешаванд. Ҳаёти хусусиро ҳар кас дорад, вале оё ӯ мехоҳад, ки ин тарафи ҳаёташ ба ҳама маълум бошад?

Ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ ҳуқуқ аст, на вазифа. Ҳар як одам метавонад "фазои ҳаётӣ"-и худро ҳимоя намояд, вале ӯ инро барои ҳама ошкоро ба ҷо оварда метавонад, ахбороте, ки одам танҳо бо хоҳиши худ ба дигарон мегӯяд, номи ахбороти конфиденсиалиро (аз лот. confident-боварӣ) гирифтааст. Ахбороти махфӣ (конфиденсиалӣ) маънии ахбороти хусусиро дорад, ки шахс ба ягон одами дилхоҳаш бовар карда гуфтааст.

Маънии мафҳуми "ҳаёти хусусӣ" моҳияти таърихӣ дорад, ба ташаккули он расму оинҳо, дараҷаи фарҳанги ҷомеа, хусусиятҳои миллӣ ва анъанавии инкишофи давлат асари худро мегузоранд.

***Ба андешаи Шумо, оё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати амалишавии ҳуқуқҳо ба ҳаёти хусусӣ ягон махсусиятҳо ҳастанд?***



**Расми 18. Ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ**

Зӯран зада даромадан ба манзил, дахолат кардан ба ҳаёти хусусӣ барои ҳеҷ кас мумкин нест, Давлати демократии ҳуқуқбунёд на танҳо ба ҳаёти хусусии шахс дахолат намекунад, балки вазифадор аст, ки онро аз тааррузи ғайриқонунӣ ҳимоя кунад. Масалан, дар бисёр мамлакатҳо сирри шахсӣ ва оилавӣ бо қонун ҳифз карда мешавад. Ҳуқуқ ба эҳтироми ҳаёти

хусусӣ ҳуқуқи дахолат накардан ба ҳаёти шахсӣ, ҳуқуқи бо хоҳиши худ зиндагӣ кардан бе ошкорсозии тафсилоти ҳаёти шахсӣ аст. Давлати тоталитарӣ баръакс, чун қоида, кӯшиш мекунад, ки соҳаи ҳаёти хусусиро то ҳадди охирин маҳдуд созад. Дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ як қисми соҳибихтиёрии хосаи инфиродӣ, гуфтан мумкин аст, мухторияти шахсият мебошад.

Олимон, ҳуқуқшиносони имрӯза ду ҷиҳати хоси ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусиро ҷудо мекунанд: ҳуқуқи инсон ба дурӣ, ё ҷудошавӣ ва ҳуқуқи инсон ба муошират. Ҳуқуқ ба дурӣ, ё ҷудошавиро онҳо тавассути мафҳуми "сир" баррасӣ мекунанд. Дар айни замон (алалхусус дар Ғарб) мафҳуми "прайвеси" (аз англ. privacy – ҷудоӣ, сир, махфият) хеле маъмул гаштааст. Ба ибораи дигар, ҳуқуқ ба ҷудо будан маънии ҳуқуқи инсонро ба осудагузорӣ дорад. Равоншиносии имрӯза чунин меҳисобад, ки хоҳиши ҷудо, бо фикру андешаҳои худ танҳо ба танҳо будан хосияти табиии ҳар як шахсияти инкишофёфта мебошад, ки онро бояд эҳтиром кард. Ҳуқуқ ба дуриҷӯиро ҳамчун ҳуқуқи мухтор будани шахс аз ҷаҳони ӯро иҳотакарда тавсиф бахшидан мумкин аст.

Ҳуқуқи инсон ба муошират пеш аз ҳама маънии иштироки ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳамкорӣ ва нигаҳдории муносибатҳо бо дигар одамон, алалхусус дар соҳаи эҳсосотӣ, барои рушд ва худтатбиқуниро дорад. Дар ин маврид низ рафтори ӯ набояд ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусии дигар одамонро халалдор гардонад.

Дар бисёр мамлакатҳо маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ бо қонунгузорӣ ба танзим даровarда шудаанд. Қонунбарор кӯшиш менамояд, ки байни амалисозии ҳуқуқи инсон ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ ва манфиатҳои давлат созишу мусолиҳа пайдо карда, ҳамчунин мақомоти давлатиро аа ошкорсозии сирри давлатию ҳарбӣ эмин дорад.

**2.АСОСИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ҲУҚУҚ БА ҲАЁТИ ХУСУСӢ.** Дар ибтидои асри XX дар аксари санадҳои байналмилалӣ ва конститутсионӣ таҳкимбахшии ҳуқуқҳо ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ ҷой надоштанд. Бартарият танҳо ба махфияти мукотибот ва мухобироти телеграфию телефонӣ дода шуда буд. Танҳо баъди анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳангоми ислоҳотбахшии низоми давлатии мамлакатҳои аврупоӣ дар конститутсияҳо ишораҳо оид ба ҳаёти хусусии инсон пайдо шуданд. Ҳуқуқи мазкур таҳкими меъёриро дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар пайдо кард.

> **Ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ҳеҷ як фард дахолати худсарона намудан ва ба дахлнопазирии манзил, сирри мукотибот, шараф ва обрӯи ӯ худсарона сӯиқасд кардан мумкин нест. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки дар мавриди чунин мудохила ё сӯиқасд аз ҳимояи қонун истифода намояд.**
> *Моддаи 12-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар*

Хоҳиши ҳар инсон ва ҳар як оила бобати дар назари дигар одамон ба таври мусбат вонамуд шудан ва пинҳон доштани маълумотҳо дар хусуси далелҳо ва ҳодисаҳое, ки метавонанд обрӯи ӯро (онҳоро) резонанд, комилан табиӣ аст. Вале аз ҷониби дигар, маҳз ҳамин далелҳо ҳамеша таваҷҷӯҳи аҳли ҷомеаро ба худ ҷалб мекунанд.

***Фикр кунед, оё байни озодии ахбори умум ва сирри шахсию оилавӣ ҳудуде вуҷуд дорад?***



**Расми 19. Ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ**

Чун қоида, қонунгузорӣ манъ будани ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифода кардани ахборотро дар бораи ҳаёти шахсии одам бе розигии ӯ кафолат медиҳад. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба ҳаёти хусусии одамро таҳким бахшидааст. Мувофиқи қисми 2-и моддаи 23-и Конститутсия “дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст”. Ғайр аз ин дар моддаи мазкур гуфта шудааст: “Маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истисноии мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст”.

Дар ҷаҳони имрӯза бе истифодаи воситаҳои нави алоқа зиндагӣ кардан маънӣ надорад. Ва вазифаи асосии давлат фароҳам овардани шароитҳое мебошад, ки ахбороти бо шабакаҳои алоқа додашаванда аз ҷониби дигарон истифода бурда нашавад. Табиист, ки ҳуқуқи инсонро ба маҳрамияти шахсию оилавӣ, сирри муросилоту мухобирот комилан мутлақ шуморидан нашояд. Давлат далелҳои ҷиноятқорона, фаъолияти зиддиҳуқуқии инсонро махфӣ нигоҳ дошта наметавонад. Баъзан бар асоси қарори мақомоти судӣ, вақте оид ба парвандаи ҷиноятӣ гирифтани далелҳои фошкунанда лозим меояд, маҳдудсозии ҳуқуқҳо ба маҳрамияти мукотибот, гуфтугӯҳои телефонӣ, мухобироти почтавию телеграфӣ ва ғайра мумкин аст.

***Ҷадвали муайянкунандаи мафҳуми “ҳаёти хусусӣ”-ро бодиққат омӯзед. Шумо ба соҳаи ҳаёти хусусӣ боз чиро дохил карданиед? Оё ҳисобҳои бонкӣ, сирри духтурӣ, иттилоот аз адвокат ё нотариус ҳаёти хусусии инсон шуда метавонанд?***




Дахлнопазирии манзили инсон аз ҷониби давлат ба ҳуқуқи махсуси ҳимоя молик аст.

**Манзил бинои барои зиндагонии озодонаи инсон махсус пешбинишуда мебошад.**

Касе ҳақ надорад, ки ба манзил бар хилофи иродати одамони дар он зиндагикунанда, ба ҷуз ҳолатҳои муқарраркардаи қонун ё дар асоси қарори суд, дарояд. Дар ҳамаи ҳолатҳои дигар худсарона зада даромадан ба манзил танҳо барои рафъ намудани хатари ҷиддӣ ё барало ба амнияти ҷамъиятӣ, инчунин ҳаёту саломатии одамон мумкин аст.

**Манзили шахс дахлнопазир аст. Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст.**

***Моддаи 22 —и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳуқуқи инсонро ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ кафолат медиҳанд. Чунончи, Кодекси ҷиноятӣ барои дахолати ғайриқонунӣ ба ҳаёти хусусӣ ҷазо пешбинӣ менамояд. Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ дахлнопазирии манзил ва маҳрамияти мукотиботро кафолат медиҳад: “Кофтуков, кашида баровардан, азназаргузаронии ҷои истиқомати шаҳрвандон, ҳабс кардани мухобирот ва ёфта баровардани онҳо аз муассисаҳои почтавӣ-телеграфӣ

танҳо дар асос ва мувофиқи тартиботи муқарраркардаи Кодекси мазкур мумкин аст” (моддаи 7). Дар Кодекси оилавӣ муносибатҳои дохили оила ва ҳуқуқ ба дахлнопазирии он муайян карда шудааст. Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ» (соли 1998) ҳамчунин муқаррар гардидааст, ки мақомоти чорабиниҳои фаврӣ–ҷустуҷӯиро ба амалбароранда аз усулҳои гуногуни ҷамъоварии ахбор, ки ҳаёти хусусии шаҳрвандонро маҳдуд месозанд, метавонанд истифода кунанд. Инҳо назорати маводи бо почта фиристодашаванда, мухобироти телеграфӣ ва ғайра, шунидани гуфтугӯҳои телефонӣ ва амсоли инҳо мебошанд. Вале асос барои маҳдудсозии махфияти алоқаи почтавӣ танҳо қарори суд аст.

Вайронкуниҳои асосии ҳуқуқҳои инсон ба ҳаёти хусусӣ инҳоянд: вайрон кардани ҷудонопазирии шахс ё даҳолат ба корҳои шахсии ӯ (шунидан, ба даст овардани гуфтугӯҳои телефонӣ ё тафтиши (перлюстратсияи) мукотибот, ошкор сохтани маълумотҳои моҳияти шахсӣ дошта, ки аз назари шахс ба нуфузи ӯ дар ҷомеа таъсири номатлуб мерасонанд ё боиси диққатӣ ва ғаму андӯҳи ӯ мешаванд; истифодаи ном ё тасвири шахс ба манфиати оне, ки аз вай истифода мебарад, дар навбати аввал бо мақсади гирифтани фоидаи тиҷоратӣ.

**Перлюстратсия (аз лот. Perlustro –тапреҳ медиҳам) аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ашхоси аз почта мавод фиристонанда ба таври махфӣ кушодан ва аз назар гузаронидани мукотибот бо мақсади сензура ё назорат аст.**

*Ҷадвалро бодиққат омӯзед. Кадом ашхоси мансабдор ва кормандони муассисаҳои давлатӣ ҳақ доранд, ки ба манзил дароянд?*



**3. ҲАЁТИ ШАХСИИ КӮДАК.** Таъмини ҳуқуқҳои кӯдак яке аз проблемаҳои муҳимтарини инсоният аст. Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (соли 1989) ҳуҷҷати махсусест, ки пурра ба ҳуқуқҳои кӯдак бахшида шудааст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯдаконро соҳиби ҳамаи ҳуқуқҳое эътироф кардааст, ки ба калонсолон дода шудааст, аз ҷумла соҳиби ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ.

Дар моддаи 3-и Конвенсия омадааст, ки ҳамаи амалиёт нисбат ба кӯдак бояд тамоми манфиатҳои ӯро ба эътибор гирад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳ ва оила, модарӣ ва кӯдакӣ зери ҳимояи давлатанд. Қонунгузории мамлакат, ҳамаи мақомоти давлатӣ вазифадор шудаанд, ки дар навбати аввал ба таъмини ҳуқуқҳои кӯдак ба зиндагӣ кардан ва тарбия гирифтан дар оила, ҳуқуқи муошират бо ҳар ду волид, бобоҳо, бибиҳо, бародарон, хоҳарон ва дигар хешовандон, ҳамчунин ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ мусоидат кунанд.

**Ягон кӯдак дар амалисозии ҳуқуқи ӯ ба ҳаёти шахсӣ, ҳаёти оилавӣ, дахлнопазирии манзил ё маҳрамияти мукотибот ё тааррузи ғайриқонунӣ ба шарафу обрӯи вай объектҳои даxолати худсарона ё ғайриқонунӣ шуда наметавонад.**

*Моддаи 16-и Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак.*

Кӯдак ба мукотибот ва навиштори озод, махфияти рӯзнома, интиқолоти почтавӣ, гуфтугӯҳои телефонӣ, мухобироти телеграфӣ, махфияти падархондӣ ҳақ дорад.

Одамони соҳиби баъзе касбу ихтисосҳо, ки ба онҳо вобаста ба фаъолияти касбиашон чунин маълумотҳо бовар карда мешаванд (духтурон, адвокатҳо, рӯҳониён, нотариусҳо) барои маълуму ошкор сохтани ин маълумотҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ҳамчунин касе наметавонад дахлнопазирии манзили кӯдакро вайрон кунад, ғайриқонунӣ ба манзил даромадан ҷиноят аст.

Тавре дар боло гуфта шуд, кӯдак ба ҳимояи қонун аз чунин мудохилот ва таарруз ҳақ дорад, масалан, қонунгузории ҷиноятӣ сирри падархонд доштани кӯдакро аз дигар шаҳрвандон ҳимоя мекунад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳаёти хусусӣ, манзил, перлюстратсия*

---

**Саволҳо ва супоришҳо:**

*1. Зери мафҳуми ҳуқуқи инсон ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ чиро мефаҳмед?*

*2. Ҳаёти хусусӣ чист?*

*3. Ба андешаи Шумо, оё танқид кардани камбудиҳои дигарон даxолат ба ҳаёти шахсӣ аст?*

*4. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳкимбахшандаи ҳуқуқи инсонро ба ҳаёти хусусӣ номбар кунед.*

*5. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқро ба ҳаёти хусусӣ ҳимоя карда, ҳифзи судии онро кафолат медиҳад. Вале оё мо чунин шуморида метавонем, ки ҳимояи ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ вазифаи танҳо давлат аст?*

*6. Перлютратсия чӣ маънӣ дорад?*

*7. Агар дар синф ба амал омадани дуздӣ маълум шавад, оё муаллим ҳақ дорад, ки кофтукови хонандагонро гузаронад?*

*8. Ҷаҳони шахсии худро, ки ба касе дастрас набошад, нависед.*

# § 27. ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ЭЪТИҚОД

**1.МАФҲУМИ "ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ЭЪТИҚОД".** Эълом доштани озодии виҷдон ва эътиқодро аз ҷумлаи музаффариятҳои муҳимтарини инсоният медонанд. Ҳар як давлати ҳозираи демократии ҳуқуқбунёд пеш аз ҳама озодии виҷдонро таҳким бахшида, кафолат медиҳад.

**Озодии виҷдон яке аз ҳуқуқҳои асосии шахсии (шаҳрвандии) инсон буда, озодии шахсият аз ҳама гуна назорати идеологӣ, ҳуқуқи ҳар касро барои мустақилона баҳри худ интихоб кардани низоми арзишҳои маънавӣ дар назар дорад.**

Озодии виҷдон ҳуқуқи фитрии бунёдии инсон буда, озодии ӯро баҳри интихоби ҷаҳонбинӣ пешбинӣ мекунад. Озодии виҷдон ба ҳар кас аз лаҳзаи таваллуд мансуб буда, аз шаҳрвандӣ вобаста нест. Инсон ҳуқуқи худро ба озодии виҷдон амалӣ гардонда, худро инсон эҳсос мекунад ва ҳаёташ маънӣ пайдо карда, мавқеи худро дар зиндагӣ муайян месозад. Ба ин тариқ, он яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои инсон аст, ки амалӣ гардонданаш ба шукуфоии давлат, барқарории ҷомеаи шаҳрвандӣ, амалишавии дигар ҳуқуқу озодиҳо таъсир мерасонад.

Мафҳуми "озодии виҷдон" аз рӯи маъно бо мафҳуми "озодии афкор" хеле наздик буда, бисёр вақт дар ҳамбастагӣ истифода мешавад. Озодии афкор ва виҷдон ҳаҷман назар ба озодии эътиқод хеле васеъ аст, зеро аввалан, доштани аз ҷумла ақидаҳои атеистиро низ фаро гирифта, сониян, на танҳо ҷанбаи динӣ, балки ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти зеҳнӣ ва маънавии инсонро шомил месозад. Озодии афкор ва виҷдон ҳуқуқи мутлақи инсон буда, аз ҷониби давлат маҳдуд карда намешавад.

**Атеист (эътиқоди динӣ надошта) одамест, ки ба мавҷудияти ҳама гуна қувваҳои фавқултабиӣ бовар надорад.**

Озодии эътиқод яке аз унсурҳои озодии виҷдон аст. Он ба дин муносибати бевосита дошта, дар ҳамин соҳа амалӣ мешавад.

**Дин (аз лот. Religio – тақводорӣ, муқаддас, предмети парастиш) ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонэҳсоскунӣ, инчунин рафтору амалҳои ба онҳо мутобиқест (парастишест), ки ба боварӣ ба мавҷудияти қувваҳои фавқултабиӣ асос меёбад.**

Озодии эътиқод ҳуқуқи негативӣ буда, ҳимояи озодии дин аз ҷониби давлат таъмини гуногуннавъии диниро дар назар дорад. Давлат ҳуқуқ

дорад танҳо вақте дахолат кунад, ки қоидаҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи рафтор дар ҷомеа, қонунгузории мамлакат вайрон карда мешаванд, ба ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон хавф таҳдид мекунад.

Озодии эътиқод яке аз ҳуқуқҳои асосии шахсии (шаҳрвандии) инсон аст, ки ҳуқуқи ба таври инфиродӣ ё якҷоя бо дигарон эътиқод овардан ба ҳар дин, озодона интихоб намудан, доштан ва паҳн кардани эътиқоди динӣ ва тибқи он амал карданро фаро мегирад.

Ба ин тариқ, озодии эътиқод инҳоро дар бар мегирад: 1) ҳуқуқи эътиқод овардан ба ҳар дин; 2) ҳуқуқи ба ҷо овардани расму оинҳои динӣ; 3) ҳуқуқи иваз кардани дин; 4) ҳуқуқи паҳн кардани иттилоот дар бораи таълимоти динӣ; 5) ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти динӣ; 6) ҳуқуқи ба амал баровардани фаъолияти хайру эҳсонкорӣ; 7) ҳуқуқи ба амал баровардани фаъолияти динии фарҳангӣ- маърифатӣ; 8) озодӣ аз табъиз бо асосҳои динӣ.

Агар Шумо дар хона намоз хондан хоҳед, касе ҳақ надорад, ки инро ба Шумо манъ кунад, ба шарте, ки амалҳои Шумо ҳуқуқҳои дигар аъзои оиларо маҳдуд насозанд. Ё агар ҳамаи хешовандони Шумо ва ҳамсояҳоятон рӯза гиранду Шумо инро намехоҳед ва рӯза намегиред, касе ҳақ надорад, ки Шуморо ба рӯзадорӣ маҷбур созад. Шумо ҳуқуқ доред, барои худ интихоб кунед, ки ба кадом дин эътиқод меоред ва ё баръакс атеист бошед.



**Расми 20. Ҳар кас ҳуқуқи озодии ақида ва виҷдонро дорад.**

Эҳтиром ба ҳуқуқҳои инсон ба озодии виҷдон ва эътиқод бо ҳақ баровардани ҳама гуна амалҳои динӣ ва ҷазодиҳӣ нисбат ба одамони алоҳида, ё ба ташкилотҳои динӣ номувофик аст. Чунончи, ҷавобгарии чи гражданӣ ва чи ҷиноятӣ наметавонад ба тамоми ташкилоти динӣ паҳн шавад, танҳо ба ин сабаб, ки як ё якчанд аъзои он ба ҳуқуқвайронкунӣ ё ҷиноят айбдор карда мешаванд.

**Табъизи динӣ ҳама гуна фарқиятгузорӣ, маҳдудсозӣ ё бартаридиҳии ба дин ё мазҳаб асосёфтан ҳадафаш рад кардан ё кам сохтани эътироф ва имконияти амалисозӣ дар асоси принсипи баробарии ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инфиродӣ мебошад.**

*Фикр кунед ва мисолҳои ба Шумо маълуми табъизи диниро оред.*

**2.ОЗОДИИ ДИН, ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ ОН.** Дар давоми асрҳо муносибатҳои байниҳамдигарии эътиқодмандон ва эътиқод надоштагон (чун намояндагони динҳои гуногун) басо мураккаб буд. Замонҳое буданд, ки эътиқодмандон барои муҳаббати худ ба Худованд дучори азобу уқубатҳо мешуданд. Аз ҷумла дар ин хусус ба хотир овардани тақдири насрониёни аввалин дар Рими қадим кофист. Дар асрҳои миёна, дар замони бартарияти комили эътиқодмандӣ ҳоли онҳое, ки умуман ва ё ба андозаи зарурӣ эътиқод надоштанд, хароб буд. Дар Аврупо судҳои инкивизитсия бар хилофи аҳкоми маҳакии насронии "накуш" озодфикронро хеле "муваффақона" нобуд месохтанд. Нуҷумшинос ва риёзидони бузург Мирзо Улуғбек (солҳои 1394-1449) низ чун бисёр олимони он замон ба он сабаб, ки ба инкишофи чунин илмҳои дақиқ, чун нуҷумшиносӣ ва риёзӣ, мусоидат карда, мавқеи ҷойгиршавии ситораҳоро меомӯхт, таблисаи астрономӣ мураттаб сохта, дар як гӯшаи Самарқанд нахустин расадхонаи ҷаҳонро бунёд намуд, ба "бехудоӣ" айбдор карда шуд. Ба андешаи рӯҳониён фақат Худованд қодир буд, ки ситораҳо ва кайҳонро омӯзад. Онҳо барои тозагии дин мубориза бурда, муваффақ шуданд, ки ба писари Улуғбек Абдулатиф таъсир расонанд ва ӯ барои куштани падараш розигӣ диҳад. Ҳамин тавр, Мирзо Улуғбек соли 1449 аз дасти қотили зархарид Аббос кушта шуд.

Дар асри XX дар як қатор мамлакатҳои сотсиалистӣ ба дин зарбаи ҳалокатбор зада шуд. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ муносибати рӯҳониён бо Давлати Советӣ ба таври драмавӣ сурат гирифт. Аз Инқилоби Октябр вақти зиёде нагузашта, Декрет дар бораи ҷудо кардани калисо аз давлат ва мактаб аз калисо қабул шуд. Он ба эътиқодмандон ва атеистон ҳуқуқҳои баробар дод. Вале дар амал эътиқодмандон ва ходимони дин беш аз пеш дучори таъқиб, маҳдудсозиҳои ҳуқуқҳояшон мегардиданд, зеро идеологияи расмии Иттиҳоди Шӯравӣ ба атеизм асос ёфта буд. Дар даҳсолаҳои аввали мавҷудияти ИҶШС намояндагони ҳамаи конфессияҳои динӣ дучори таъқибу ҷазодиҳӣ гардида, бисёре аз онҳо нест карда шуданд. Ба таври оммавӣ вайрон кардану мурдорсозии калисоҳо, масҷидҳо, аҳром ва синагогҳо, ки бисёре аз онҳо ёдгориҳои таърихию меъморӣ буданд, шурӯъ ёфт. Одами ошкоро эътиқодманд аз ҷумла умеди иштирок кардан дар мақомоти ҳокимият ва идоракунӣ, ишғол кардани вазифаҳои роҳбарикунандаро надошт. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ рӯҳониён худро аз нигоҳи ватандӯстӣ нишон доданд ва таъқиби онҳо андак сусттар шуд. Вале дар солҳои 60-ум пӯшидашавӣ ва вайронсозии иншоотҳои динӣ характери харобиовар касб кард.

Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон асосҳои ҳуқуқии озодии виҷдон ва эътиқодро таҳким бахшиданд. Чунончи, тибқи моддаи 18-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар "ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ аз тағйири

озодонаи дин ва эътиқод, пайравии озодонаи дин ё эътиқоди худ чи бо тартиби инфиродӣ ва чи якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ дар таълим гирифтан, ибодат намудан ва расму оинҳои динӣ ва маросимиро иҷро кардан иборат аст".



**Расми 21. Озодии эътиқод**

Моддаи 18-и Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ низ мундариҷаи озодии виҷдон ва эътиқодро баён мекунад: "Ҳар кас ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳақ дорад. Ин ҳуқуқ озодии доштан ё қабул кардани дин ё эътиқодро мувофиқи интихоб ва озодии ибодат кардан ба дину эътиқоди худ чи танҳо ва чи якҷоя бо дигар одамон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ, интиқоли дин, иҷрои расму оинҳо ва таълимоти динию маросимӣ фаро мегирад". Мувофиқи санади мазкури байналмилалӣ-ҳуқуқӣ касе набояд дучори маҷбурсозие гардад, ки озодии ӯро нисбати доштан ё қабул кардани дин ва эътиқодмандӣ аз рӯи интихоби худ мекоҳонад.

Аз охири солҳои 80-ум вазъият дар соҳаи дин дар мамлакати мо рӯ ба беҳбудӣ овард. Ибодатхонаҳо барқарор мегарданд, ба эътиқодмандон баргардонда мешаванд, ҷамоаҳои нави динӣ ба миён меоянд. Ходимони дин имконияти ҳар чи бештари ба таври оммавӣ баён кардани фикри худ, иштирок кардан дар ҳаёти ҷамъиятӣ доранд. Ҷамъият ба дарки нуктае наздик мешавад, ки ҳуқуқ ба озодии виҷдон шарти ҷудонопазири мавҷудияти шоистаи инсон аст.

Дар Конститутсияи ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ озодии виҷдон ва эътиқод кафолат дода мешавад, ки музаффарияти муҳими мамлакат дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ мебошад.

**Ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд.**

***Моддаи 26-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.***

Дар мамлакати мо ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро ба дин мустақилона муайян намояд. Агар дар замони шӯравӣ соле ҳамагӣ 30 нафар ба ҳаҷ мерафта бошанд, ҳоло ҳамасола чунин имкониятро беш аз 2 ҳазор мусулмонони Тоҷикистон доранд.

Давлат ба зиммаи худ ӯҳдадорӣ мегирад, ки дар асосҳои қонунӣ

ҳуқуқҳои баробари эътиқодмандон ва одамони эътиқоднадошта, намояндагони як динро бо ашхоси пайрави эътиқоди дигар таъмин менамояд.

Қисми 4-и моддаи 18-и Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ давлатро вазифадор мекунад, ки "...озодии волидайн ва дар ҳолатҳои дахлдор васиёни қонуниро дар бобати таъмини тарбияи динӣ ва ахлоқии фарзандон худ мутобиқи ақидаи худ эҳтиром мекунанд". Дар айни замон аз волидон вобаста аст, ки кӯдакони онҳо чӣ гуна тарбият мегиранд – динӣ ё атеистӣ. Ҳангоми ҳалли масъалаи мазкур ба онҳо лозим меояд, ки масъулияту хирадмандии бузург зоҳир карда, ба мӯд, ҳаёҳуй дода нашаванд, оянлаи имконпазири кӯдакони худро равшан тасаввур намоянд.

**3. МАҲДУДСОЗИИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ЭЪТИҚОД.** Озодии омурзиш ба дин ва эътиқодро чун ҳуқуқу озодиҳои асосии дигар одамон барои нигаҳдории амнияти ҷамъиятӣ, тартибот, тансиҳатию ахлоқ тибқи тартиботи муқарраршуда маҳдуд кардан мумкин аст. Яъне маҳдуд кардани озодии виҷдон ва эътиқод, агар дар асоси қонун эътироф шавад, ки кадом як дине характери зидди инсондӯстона, барои саломатӣ, маънавият ва амнияти ҷамъиятӣ зараррасон дорад, мумкин аст. Ин ҷо сухан пеш аз ҳама дар бораи тариқатҳо ё сектаҳои (мисли "Аум-Сенрикё" ва ғайра) ба тариқи сунъӣ аз ҷониби васвосиҳо –мутаъаллимин таъсисёбанда, расму оинҳои одамонро таҳқиркунанда ва ғайра меравад.

**Секта (аз лот. Secta –таълимот, самт, мактаб) гурӯх ё ҷамоаи динист, ки аз калисои ҳукмрон ҷудо шудааст.**

Ин ҷо ҳамчунин созмонҳои майли экстремистӣ доштаеро чун "Ҳизб-ут-таҳрир-ал-исломӣ" шомил сохтан мумкин аст, ки ислом барояшон фақат чун ниқоб, усули муваффақшавӣ ба ҳадафҳои "ифлосашон" аст. "Ҳизб-ут-таҳрир-ал-исломӣ" ҳизби экстремистии радикалии сиёсиест, ки кӯшиш дорад, бо роҳи ғасби ҳокимият ва маҳв сохтани одамони ба онҳо эътиқоднадошта дар тамоми ҷаҳон давлати исломӣ барпо намояд. Дар ин маврид ҷонибдорони ҳизби мазкур аз қафоравии архаистонаи хеш ба гузашта шарм намедоранд. Онҳо бо гояи эҳёи чунин диндорие қаллобӣ мекунанд, ки озодии виҷдон, яъне дастовардҳои ҳозираи тамаддуни ҷаҳонӣ ва демократия, меъёрҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро намегузорад. Фаъолияти чунин ҳизбҳо ва ҳаракатҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст.

**Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.**

*Моддаи 8-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

**3. ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо карда шудаанд ва наметавонанд, ки ба корҳои давлатӣ мудохила кунанд. Идеологияи ягон ҳизб, ягон дин ҳамчун давлатӣ эътироф карда намешавад.

**Давлати дунявӣ тавсифи конститутсионӣ-ҳуқуқии давлатест, ки маънии ҷудоии дин аз давлат, маҳдуд будани соҳаҳои фаъолияти онро дорад.**

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 1 характери дунявӣ доштани давлатро эълон карда, муқаррар намудани ягон динро ба сифати давлатӣ ё ҳатмӣ манъ мекунад. Ҳоло дар мамлакати мо бисёр ҷомеаҳои динӣ фаъолият дошта, ҳамаи онҳо дар назди қонун баробаранд ва ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаҳои баробар доранд.

*Ба хотир оред, ки истилоҳи «конфессия» чӣ маънӣ дорад? Ба андешаи Шумо, дар қаламрави Тоҷикистон имрӯза чанд конфессия мавҷуд аст?*

Моҳияти «давлати дунявӣ» манфиатҳои ҳамаи табақаҳои ҷомеа, ҳамаи гурӯҳҳои одамон-мусулмонон, насрониҳо ва намояндагони дигар динҳо, ҳамчунин онҳоеро, ки эътиқоди динӣ надоранд, ифода мекунад. Дар фаҳмиши имрӯза моҳияти дунявӣ маънии таъмини ҳамзистии осоиштаи динҳо ва давлатро дорад, ки ба корҳои якдигар халал намерасонанд, ба ҳуқуқу вазифаҳои якдигар даъвогар нестанд. «Дунявӣ» маънии “зиддидинӣ» ё «зиддиатеистӣ» надорад. Давлати дунявӣ муқобилмаънои (антоними) мафҳуми «давлати исломӣ» нест. Қонунҳои Тоҷикистон озодии эътиқоди динӣ ва фаъолияти муассисаҳои диниро эътироф мекунанд. Дар ин фаҳмиш «моҳияти дунявӣ» эҳтирому ҳифзи «эътиқодҳои динӣ», ҷаҳондарккуниҳои гуногун ва ҳимояи онро аз рақибон» инъикос менамояд.



**Расми 22. Озодии виҷдон ва эътиқод**

Ҳангоми муайянсозии мавқеи ислом ва ҳизбҳои динӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба назар гирифтани нуқтаҳои пешбиникардаи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар хусуси он, ки ҳар як одам на танҳо ба озодии фикр, виҷдон ва эътиқод ҳуқуқ дорад, балки табъиз низ дар заминаи динӣ раво нест, басо муҳим аст. Барои мамлакати мо, ки тӯли даҳсолҳои зиёд бехудосозии маҷбурии аҳолиро аз сар гузаронидааст, ҳанӯз иҷрои корҳои зиёде дар

пеш аст, то ки муносибатҳои динӣ моҳияти мувофиқ ба давлати мутамаддинро соҳиб шаванд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *озодии виҷдон, озодии эътиқод, атеизм, дин, табъизи динӣ, давлати дунявӣ, конфессияҳои динӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Озодии виҷдон чист?*

*2. Шумо моҳияти озодии эътиқодро чӣ гуна мефаҳмед?*

*3. Ба андешаи Шумо, чаро дар ИҶШС ин қадар зиёд иншоотҳои динӣ вайрон карда шуданд?*

*4. Фикр кунед, аз ҷониби волидон барои кӯдак интихоб гардидани тарбия ва таълими динӣ ва ҳуқуқи кӯдак ба озодии виҷдон чӣ тавр ба ҳам мувофиқ меоянд?*

*5. Санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии таҳкимбахшандаи озодии виҷдон ва эътиқодро номбар кунед.*

*6. Шумо маънии моддаи 26-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро чӣ гуна мефаҳмед?*

*7. Ба андешаи Шумо, оё маҳдудсозии озодии эътиқод раво аст? Ҷавоби худро бо далелҳо асоснок гардонед.*

*8. Давлати дунявӣ чист?*

## § 28. ҲУҚУҚ БА ҲИМОЯИ СУДӢ ВА ЁРИИ ҲУҚУҚӢ

**1. АСОСИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ҲУҚУҚ БА ҲИМОЯИ СУДӢ ВА ЁРИИ ҲУҚУҚӢ.** Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалкунанда буда, самтҳои фаъолияти ҳамаи рукнҳои ҳокимияти давлатӣ: иҷроия, қонунбарор ва судиро муайян менамоянд. Вазифаи асосии ҳокимияти судӣ ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон мебошад.

Дар ҳама гуна давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёди замони ҳозира суд дар тамоми низоми ҳуқуқӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд. Маҳз суд қонунияти асил ва адолати ҳақиқиро таҷассум месозад. Нақшу эътибори суд ва адолати судӣ, умуман, ҳар қадар баланд бошад ва суд дар муносибати байниҳамдигарӣ бо дигар рукнҳои ҳокимият ҳар қадар бештар мустақилияту соҳибихтиёрӣ зоҳир кунад, дар мамлакат дараҷаи қонунияту демократия ҳамон қадар баландтар мешавад, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон аз тааррузҳои имконпазир ҳамон қадар боэътимодтар ҳифз мегарданд. Ҳуқуқи инсон ба ҳимояи судӣ кафолати муҳими амалишавии ҳамаи ҳуқуқҳо ва озодиҳо мебошанд.

Аммо ба одамони таҳсилоти махсуси ҳуқуқӣ надошта ба қонунҳо ва санадҳои зерқонунии сершумори танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ сарфаҳм рафтан хеле душвор аст, бинобар ин онҳо эҳтиёҷманди ёрии

касбии ҳуқуқӣ мебошанд. Расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ, ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии одамон дар салоҳияти адвокатура аст.

Ҳуқуқи инсон ба ҳимояи судӣ ва ҳуқуқ ба ёрии юридикӣ ҳуқуқҳо ва озодиҳои муҳимтарини шахсӣ (шаҳрвандӣ) мебошанд. Онҳо ба ҳар одам мансуб буда, аз мавҷудияти шаҳрвандӣ вобаста нестанд, онҳоро ҳам шаҳрванди хориҷӣ ва ҳам шахси бетабаа амалӣ гардонда метавонад.

Дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон проблемаи дастрасӣ ба адолати судӣ барои табақаҳои нисбатан камҳимояи аҳолӣ: ашхоси дар хонаҳои парастории иҷтимоӣ қарордошта, пиронсолон ва ашхоси бемории кӯҳнадошта, ашхоси дар муассисаҳои табобатии бемориҳои рӯҳӣ қарордошта, ноболиғони дар муассисаҳои ислоҳотӣ ва муассисаҳои кӯдакона нигоҳдошташаванда, ашхоси дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ қарордошта, гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, ашхоси имкониятҳояшон маҳдуд ва ғайра вуҷуд дорад.

Ҳуқуқи инсон ба ҳимояи судӣ ва ба ёрии ҳуқуқӣ мутлақанд, зеро онҳо дар ягон ҳолат, ҳатто дар шароити вазъияти фавқулодда, маҳдуд карда намешаванд.

Бар фарқият аз дигар ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, ки инсон ҳамеша амалӣ месозад (дахлнопазирии шахсият, дахлнопазирии манзил, озодии виҷдон ва ғ.) ҳуқуқи инсон ба дастрасӣ ба ҳимояи судӣ ва ба ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби одамон давра ба давра, яъне вақте ки ба он зарурат пеш меояд, вақте ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои вайронкардашуда тақозо мегардад, амалӣ мегарданд. Бисёр вақт ҳуқуқҳои мазкурро мурофиавӣ меноманд, зеро инсон онҳоро дар мурофиаи судӣ иштирок карда, амалӣ месозад.

Ҳуқуқи инсон ба дастрасӣ ба адолати судӣ бори аввал дар Хартияи бузурги озодии соли 1215-и Британия, баъд дар Билли амрикоӣ оид ба ҳуқуқҳо (соли 1791) ва дар Эъломияи фаронсавии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд (соли 1789) зикр гардидааст. Вай дар натиҷаи ташаккули дурударози таърихӣ басо рушд кардаву ғанӣ гаштааст. Дар айни замон он дар стандартҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқҳои инсон таҷассум ёфта, бо қонунгузории миллии ҳар давлат таъмин карда мешавад.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар моддаи 8 ҳуқуқ ба ҳимояи судиро чунин муайян кардааст: «Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад», яъне ба ҳар давлати узви СММ тавсия шудааст, ки бо мақсади барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшудаи инсон дар қаламрави худ суди миллии босалоҳият ташкил намоянд.

Дар моддаи 10-и Эъломия омадааст, ки "Ҳар як инсон барои муайян намудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳояш ва муқаррар кардани асоснокии айбномаи ҷиноятие, ки ба дӯши ӯ гузошта шудааст, ба таври баробарии комил ҳуқуқ дорад, ки парвандаи ӯро суди мустақилу бетараф ошкоро ва бо риояи талаботи адолат баррасӣ намояд". Ба ин тариқ, ҳуҷҷати мазкури

байналмилалӣ ҳуқуқ ба ҳимояи судиро барои ҳама, сарфи назар аз ягон фарқият, таҳким бахшидааст.

Моддаи 14-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ низ ба ҳар одам ҳуқуқи ҳимояи судиро кафолат медиҳад: «Ҳамаи шахсон дар назди судҳо ва трибуналҳо баробаранд. Ҳар кас ҳангоми баррасии ҳар навъ айбдории ҷиноятие, ки ба ӯ эълон карда мешавад, ё ҳангоми муайян кардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ӯ дар ягон мурофиаи шаҳрвандӣ, ба мурофиаи одилона ва ошкорои парванда аз тарафи суди босалоҳият, мустақил ва беғаразе, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст, ҳақ дорад».

Ҳамаи меъёрҳои санадҳои байналхалқӣ-ҳуқуқии зикршударо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар мундариҷаи худ таҳким бахшидааст.

**Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.**

***Қисми 1-и моддаи 19-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Меъёри мазкури конститутсионӣ ҳуқуқ ба ҳимояи судиро дар баробари ҳуқуқҳои асосӣ эълом дошта, тасдиқ мекунад, ки он ба ҳамаи одамон, сарфи назар аз баромаду миллат, вазъи иҷтимоӣ, амвол, синну сол ва дигар асосҳо, тааллуқ дошта, аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Кафолати ҳимояи судӣ бо таҳкими ҳуқуқи шахсият бобати талаб кардани баррасии парвандаи ӯ аз ҷониби суд муайян карда шудааст.

Пайдошавии ёрии юридикӣ бо пайдошавии ҳуқуқ ва ташаккули давлат ба таври ногусастанӣ алоқаманд аст. Ҳанӯз дар давлати Афина дар асрҳои VI-VII ҳуқуқи ҳар одами хоҳишманд ба мурочиат кардан баҳри ёрии ҳуқуқӣ ба се «тафсирбахшандаи ҳуқуқи муқаддас» пешбинӣ шуда буд. Истилоҳи «адвокат» (аз лотинӣ advocatus) дар Рими қадим пайдо шудааст, яъне дӯстон ва хешовандони шахсро (яке аз ҷонибҳо дар суд), ки ӯро ҳамроҳӣ мекарданду дар рафти мурофиа маслиҳатҳо медоданд, чунин меномиданд. Баъди инқилоби буржуазӣ ҳуқуқ ба ҳимоя ҳангоми кашидан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ асосан дар санадҳои қонунгузории дохилии давлат таҳким ёфта, маълум мегарданд.

Нахустин ҳуҷҷати байналхалқии таҳкимбахшидаи ҳуқуқ ба гирифтани ёрии юридикӣ Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аст. Дар моддаи П–и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ба инсон «ҳамаи имкониятҳо барои ҳимоя» дар доираи мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар банди b, қисми 3-и моддаи 14 ҳуқуқи ҳар касро баҳри ҳимоя аз ҷониби худи ӯ ё ба воситаи ҳимоятгар ҳангоми баррасии ҳама гуна айбномаи ҷиноятии ба зиммаи ӯ гузошташуда таҳким бахшидааст.

Ҳуқуқи гирифтани ёрии ҳуқуқиро Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад.

**Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад.**

***Қисми 2-и моддаи 19-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Ба ин тариқ, ҳуқуқи ҳар кас ба ҳимояи судӣ ва ҳуқуқи ҳар нафар ба ёрии ҳуқуқӣ дар стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ таҳким ёфта, барои ҳама кафолати амалишавӣ ва ҳимояи дигар ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд.

**2. ҲУҚУҚ БА БАРРАСИИ БОАДОЛАТОНАИ СУДӢ АЗ ҶОНИБИ СУДИ САЛОҲИЯТДОР, МУСТАҚИЛ ВА БЕҒАРАЗ.** Ҳар инсон имконият дорад, барои баррасии парвандааш ва ҳимояи ҳуқуқу вазифаҳояш таъмин кардани суди мустақилу беғараз ва ошкорою боадолатонаро талаб намояд. Давлат оид ба таъмини ҳуқуқи мазкур, аз ҷумла бобати ташаккул додани низоми судӣ, таъмини он бо кадрҳои баландихтисос, биноҳои обод ва воситаҳои техникӣ, қабули қонунҳое, ки самти аз ҷониби суд баррасишавандаи парвандаҳои конститутсионӣ, ҷиноятӣ, гражданӣ ва маъмуриро ба тартиб медароранд, ба зиммаи худ ӯҳдадориҳо мегирад.

Танҳо суд ҳуқуқҳо ва вазифаҳои тарафҳои баҳскунандаро муайян карда, дар натиҷаи гузаронидани фаъолияти махсуси мурофиавӣ нисбати парванда метавонад адолатро муқаррар созад. Ҳокимияти судӣ дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, ҳар кадоме метавонад аз он истифода намояд ва дар сурати розӣ нашудан бо қарори суд аз болои он шикоят оварад. Суд дар асоси принсипҳои таъминкунандаи бартарияти вай дар назди дигар мақомот ташкил гардида, амал менамояд. Чунончи, тибқи моддаи 87-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст». Судяҳо ҳокимияти судиро мустақилона аз номи давлат ва дар асоси принсипҳои ошкорбаёнӣ, баҳсу мунозира ва баробарии ҷонибҳо амалӣ мегардонанд.

***Ба хотир оред, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом судҳо адолати судиро ба амал мебароранд?***

Ҳар одам аз рӯи ҳар кор метавонад ҳимояи судӣ талаб кунад. Қонунгузорӣ чунин навъҳои парвандаҳои дар судҳо баррасишавандаро муайян кардааст: конститутсионӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, хоҷагӣ. Парвандаҳои интизомӣ ва моддии шаҳрвандон дар доираи мурофиаи судии гражданӣ баррасӣ мешаванд. Масалан, шикояти шаҳрванд Н. дар хусуси он ки ӯро барои дағалона вайрон кардани интизоми дохилии ташкилот аз кор озод кардаанд, ҳамчун парвандаи гражданӣ мутобиқи қонунгузории мурофиавӣ баррасӣ карда мешавад. Агар ҳангоми баррасии парванда, сарфи назар аз навъи он, суд қонунеро истифода намояд, ки он ҳуқуқҳои конститутсионии шахсро вайрон мекунад, вай метавонад ба Суди

конститутсионӣ бо дархост мурочиат намояд ва талаб кунад, ки ҳуқуқу манфиатҳояш ҳимоя шуда, парвандаи ӯро баррасӣ намояд ва қонуни ғайриконститутсиониро бекор кунад.

Зиндагии ҳаррӯза бештар бо муносибатҳои шаҳрвандии ба қонеъсозии манфиатҳои шахсии мо нигаронидашуда алоқаманд аст. Ҳар рӯз судяҳо аз рӯи даъвоҳои шаҳрвандон даҳҳо парвандаҳои гражданӣ кушода, аз рӯи онҳо баррасиҳои судӣ ба амал мебароранд, вайронкуниҳои ҳуқуқу манфиатҳоро муайян месозанд, барои барқарорсозии онҳо чораҳое мебинанд, ки қонун муайян кардааст. Масалан, қарордоди иҷора бекор карда мешавад, манзил ба соҳибаш баргардонида мешавад, даъво дар хусуси ҷуброни зарари маънавӣ қонеъ гардонда мешавад, ақди никоҳ бекор мегардад, барои нигоҳдории кӯдакон алимент ситонида мешавад, одами ғайриқонунӣ аз кор озодшуда дар вазифаи пештарааш барқарор карда мешавад ва ғайра.

Аз болои ҳама гуна амалҳо ва санадҳои мақомоти қонунбарору иҷроия, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро поймол месозанд, ба суд шикоят кардан мумкин аст. Мутобиқи қисми 3-и моддаи 32-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад». Дигар қонунҳо низ методи судии аз болои санадҳо ва қарорҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор шикоят карданро муайян менамоянд. Масалан, тибқи моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ» (соли 1998) «шахси гумонбари он ки амалиёти мақомоти фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯиро ба амал бароварда боиси вайрон гардидани ҳуқуқу озодиҳои ӯ шуданд, ҳақ дорад, ки аз болои ин амалҳо ба мақомоти болоии фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯиро ба амал бароварда, прокурор ё суд шикоят намояд».

Шартҳои муҳимтарини баррасии боадолатонаи судӣ салоҳиятмандӣ, мустақилият, бегаразии суд ва ташкилшавии он тибқи қонун мебошад.

Суди босалоҳият судест, ки аз рӯи қонун ҳуқуқи баррасӣ кардани парвандаҳои муайян, яъне парвандаҳои танҳо ба вай тааллуқдоштаро бо ҳайати қонунии суд соҳиб аст. Адолати судиро бояд соҳибкасбони аз нигоҳи юридикӣ босавод, ҷиддӣ ва ба андозаи кофӣ таҷрибаи кории касбию ҳаётидошта ба амал бароранд. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2001) талаботи ба довталабони ишғол кардани мансаби судя пешниҳодшаванда, тартиби пешбарии номзадҳо ба мансаби судя, мӯҳлати ваколати онҳоро муайян кардааст. Дар мамлакат таъсиси додани судҳои алоҳидаи махсус барои кадоме аз рӯи парвандаҳои муайян манъ карда шудааст. Мутобиқи моддаи 84-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани судҳои фавқулодда манъ аст.

Ҳуқуқ ба баррасии парванда аз ҷониби суди мустақил чунин маънӣ дорад, ки агар нисбати мустақилияти суд шубҳае пайдо шавад, шахс ҳақ дорад, ба чунин суд норозигӣ изҳор карда, талаб намояд, ки барои ӯ ҳайати

нави судро пешниҳод кунанд. Агар суд мустақил набошад, вай аз рӯи адолат амал карда наметавонад ва ҳеҷ кас намехоҳад, ки парвандаи худро ба он бовар кунад. Мувофиқи моддаи 84-и Конститутсия ва моддаи 2-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд». Бинобар ин ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ба фаъолияти судя дахолат кунад. Дар сурати дахолат ба фаъолияти судя ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Суд бояд беғараз бошад. Танҳо дар шароити беғаразӣ суд метавонад парвандаро баррасӣ намуда, адолатро барқарор созад. Агар судя ва машваратчиёни халқӣ ба анҷоми кор шахсан манфиатдор бошанд, барқарор сохтани ҳақиқат имконнопазир аст. Он ҷое, ки ҳақиқат нест, адолати судӣ низ нест.

Суди ба истеҳсолот ариза ё шикояти шахсро қабулкарда мутобиқи қонунҳои мурофиавӣ вазифадор аст, ки онро дар мӯҳлатҳои муқарраршуда баррасӣ намояд ва қарори барқарорсозандаи ҳуқуқу манфиатҳои вайронкардашударо қабул кунад. Мутобиқи моддаи 88-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Мурофиа дар ҳамаи судҳо ба тарзи ошкоро мегузарад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Мурофиа ба забони давлатӣ ва ё забони аксарияти аҳолии маҳал барғузор мегардад. Шахсоне, ки забони мурофиаро намедонанд, бо тарҷумон таъмин карда мешаванд».

Кафолати муҳими адолати судӣ аз ҷониби суди мустақил, беғараз ва боадолат фарзияи бегуноҳист, ки мақоми ҳуқуқии гумонбар ва айбдоршаванда ба он асос меёбад.

**3. ФАРЗИЯИ БЕГУНОҲӢ.** Принсипи муҳимтарини амалишавии ҳокимияти судӣ принсипи фарзияи бегуноҳӣ мебошад. Моддаи 11-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар онро ба таври зайл таҳким бахшидааст: «Ҳар як инсоне, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста мешавад, ҳақ дорад то замоне бегуноҳ дониста шавад, ки гуноҳаш дар мурофиаи ошкорои судие, ки дар он барои ҳимояи ӯ тамоми имкониятҳо фароҳам оварда мешаванд, бо тартиби қонунӣ исбот нагардидааст”. Дар қисми 2-и моддаи 14-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ омадааст: «Ҳар каси ба содир намудани ҷиноят айбдоршаванда ҳақ дорад, то вақте ки гунаҳгории ӯ мувофиқи қонун исбот нашавад, бегуноҳ дониста шавад».

**Фарзияи бегуноҳӣ принсипест, ки мутобиқи он айбдоршаванда (судшаванда) то замоне, ки гуноҳи ӯ бо тартиботи муқарраркардаи қонун исбот нагардидааст (зиммаи, исбот кардан ба зиммаи мақомоти айбдоркунанда вогузошта мешавад), бегуноҳ дониста мешавад.**

Мундаричаи принсипи фарзияи бегуноҳӣ дар моддаи 20-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст: «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад. Ҳеҷ кас баъди гузаштани мӯҳлати таъқиби ҷиноӣ, инчунин барои содир кардани рафторе, ки ҳангоми воқеъ шуданаш ҷиноят ҳисоб намеёфт, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад. Барои як ҷиноят ҳеҷ кас такроран ҷазо намебинад. Қонуне, ки баъд аз содир кардани рафтори гайриқонунии шахс қабул шудааст ва он ҷазои шахсро вазнин мекунад, қувваи бозгашт надорад. Агар баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунӣ барои он ҷазо пешбинӣ нашуда бошад ва ё ҷазои сабук пешбинӣ шуда бошад, қонуни нав амал мекунад. Мусодираи пурраи молу мулки шахси маҳкумшуда манъ аст».




**Расми 23. Фарзияи (презумпция) бегуноҳӣ**

Ҳукми суд дар бадали ҳафт рӯз аз лаҳзаи эълон шудани он, агар аз болои он аз ҷониби тарафҳо шикоят нашуда бошад, қувваи қонунӣ пайдо мекунад. Ба ин тариқ, азбаски то қувваи қонунӣ гирифтани ҳукми суд одамон бегуноҳ дониста мешаванд, онҳо ҳуқуқ доранд, талаб намоянд, ки парвандаашонро суди босалоҳият, бегараз ва мустақил баррасӣ намояд.

**4. ҲУҚУҚ БА ЁРИИ ҲУҚУҚӢ.** Имконияти ёрии ҳуқуқии баландсифат гирифтани ҳар одам дар ҳама гуна ҷомеаи мутамаддин неъмати муҳимест. Дар ҷаҳони имрӯза беш аз пеш вазъиятҳое ба амал меоянд, ки барои одам бе маслиҳати мутахассиси баландихтисос ҳал кардани ин ё он проблема басо душвор аст. Бинобар ин давлат вазифадор аст ба ҳар кас ёрии ҳуқуқиро пешниҳод намояд, ки аз ҷониби адвокатҳо пулакӣ ё ройгон расонда мешавад.

Ба ҷуз Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар доираи СММ соли 1990 ҳуҷҷате бо номи «Принсипҳои асосии марбут ба нақши ҳуқуқшиносон» қабул шуд. Дар он омадааст: «Ҳар одам ҳуқуқ дорад бо мақсади гирифтани ёрӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои худ дар ҳар марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳуқуқшиносон муроҷиат намояд. Ҳукумат барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба одамони камбизоат пардохти кофиро таъмин менамояд».

Моддаи 92-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

шаҳрвандон дар ҳамаи марҳилаҳои тафтишот ва суд ёрии ҳуқуқиро кафолат медиҳад.

Ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои расонидани ёрии ҳуқуқӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» (соли 1995) муайян мешавад. Мутобиқи моддаи 1-и қонуни мазкур адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияи мустақили касбӣ маҳсуб шуда, мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ ва юридикӣ расонидани ёрии ҳуқуқиро таъмин мекунад.

Адвокат ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва юридикиро ҳимоя карда истода, ғояҳои инсондӯстӣ, адолат ва қонуниятро ба раҳбарӣ мегирад.

Чанд навъи расонидани ёрии ҳуқуқиро ба мизоҷон ҷудо кардан мумкин аст: 1) додани маслиҳатҳо ва тавзеҳот, маълумотҳои шифоҳӣ ва хаттӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ; 2) тартиб додани аризаҳо, шикоятҳо, дархостҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои юридикӣ; 3) гирифтани маълумотҳо, ҷамъоварии далелҳои исботкунанда ва тайёр кардани ҳуҷҷатҳо барои баррасию ҳалли онҳо мувофиқи тартиботи муқарраргардида; 4) иҷрои вазифаҳои намоянда оид ба парвандаҳои гражданӣ, парвандаҳои ҳуқуқвайрокуниҳои маъмурӣ ва дигар навъҳои парвандаҳо; 5) иштирок дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд, ҳангоми баррасии баҳсҳои хоҷагӣ ва дар Суди конститутсионӣ ба сифати ҳимоятгарон ва намояндагон. Ҳамчунин дигар тарзҳои иштирок, ки хилофи қонунгузории амалкунанда набошанд, мавҷуданд.

Фаъолияти адвокатӣ оид ба расонидани ёрӣ аз ҷониби давлат дода мешавад. Мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба адвокатҳо имконият диҳанд, ки ёрии ҳуқуқӣ расонанд. Талаб кардани рухсати махсус ва мамониати ғайриқонунӣ ба фаъолияти адвокат, зоҳир кардани беҳурматӣ ба адвокат мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба ҷавобгарӣ кашидани одамон метавонанд сабаб шаванд. Давлат бояд мустақилияти фаъолияти адвокатура, дастрасии аҳолиро ба гирифтани ёрии ҳуқуқӣ таъмин намояд. Давлат ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ адвокатураҳоро бо биноҳои зарурии барои шаҳрвандон қулай ва дар назди судҳо воқеъгардида таъмин мекунанд. Давлат ҳамчунин ҷудо кардани маблағҳои пулиро барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандони камбизоат кафолат медиҳад.

Ба ин тариқ, ҳуқуқи ҳар кас ба ҳимояи судӣ ва ҳуқуқи ҳар нафар ба ёрии ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) маҳсуб шуда, ба одамон имконият медиҳанд, ки ҳуқуқҳо ва манфиатҳои худро бо ёрии ҳуқуқшиноси касбӣ дар суд ҳимоя кунанд, худро аз оқибатҳои гуногуни ҳуқуқвайронкуниҳо зери парастории давлат эмин нигоҳ доранд.

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳимояи судӣ, ёрии ҳуқуқӣ, фарзияи бегуноҳӣ, суди салоҳиятдор, мустақил, беғараз.*

**Савол ва супоришҳо**

*1. Моҳияти ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ва ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқиро шарҳ диҳед.*

*2. Кадом санадҳои байналмилалӣ ва миллии ҳуқуқӣ ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ва ёрии ҳуқуқиро таҳким мебахшанд?*

*3. Дар сурати вайрон карда шудани кадом ҳуқуқҳо ба суд муроҷиат намудан мумкин аст? Дар ин хусус дар моддаи 8-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар чӣ гуфта шудааст?*

*4. Истилоҳҳои суди «босалоҳият», «беғараз», «мустақил» чӣ маънӣ доранд?*

*5. Фарзияи бегуноҳӣ чист?*

*6. Навъҳои ёрии ҳуқуқиро номбар кунед.*

*7. Вазъиятҳои зерро бодиққат хонед ва ба саволҳо ҷавоб гӯед: 1) Дар натиҷаи паст шудани шиддати барқ асбобҳои барқии (яхдон, телевизор) оилаи Солеҳовҳо, ки дар бинои 8/2 кӯчаи Шоҳмансур зиндагӣ мекунанд, аз кор баромаданд. Ба ин тариқ, ба оилаи Солеҳовҳо хисороти моддӣ расонида шуд. Ба андешаи Шумо, кадом ҳуқуқҳои шаҳрвандон вайрон карда шуданд? Оё оид ба ин масъала оилаи Солеҳовҳо ба суд муроҷиат карда метавонанд? 2) Падари донишҷӯи соли аввали факултаи ҳуқуқшиносӣ Умед Назаров ба гумони дуздӣ ба ҳабси пешакӣ гирифта шуд. Ин хабар дар байни ҳамсабақони Умед паҳн гардид. Баъзе донишҷӯён худро аз Умед дур кашиданд ва ҳатто ӯро таъна заданд, ки падараш ҷинояткор аст. Ба фикри Шумо, оё ҳамсабақони Умед дуруст рафтор карданд? Рафтори онҳоро аз нигоҳи маънавӣ ва ҳуқуқӣ арзёбӣ намоед. Мундариҷаи принсипи фарзияи бегуноҳӣ ва ҷавобгарии шахсиро дар асоси мисоли овардашуда фаҳмонед.*

*8. Ба шахси ба содир кардани ҷиноят гумонбар ва дастгиршуда аз кадом лаҳза адвокат таъин карда мешавад?*

## §29. ОЗОДИИ ҲАРАКАТ ВА ИНТИХОБИ ҶОИ ЗИСТ

**1. ҲУҚУҚ БА ОЗОДИИ ҲАРАКАТ ВА ИНТИХОБИ ҶОИ ЗИСТ.** Ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист яке аз ҳуқуқҳо ва озодиҳои муҳимтарини шахсии (шаҳрвандии) одам аст. Он як навъ имконияти бемонеа ҳаракат кардан, ҷои рафт ва зист интихоб кардани одам дар қисмати дилхоҳи давлат, ҳамчунин тарк кардани мамлакат ва бозгаштан ба он бо риояи як силсила талаботи қонун мебошад. Махсусияти ин озодӣ имкон доштани одам бахри ихтиёрдорӣ дар макон, ҳамчунин ҳимоя кардан аз дахолати ғайриқонунӣ ба ҳаёти шахсӣ ва таарруз ба он аст.

Озодона ҳаракат кардан дар мамлакат ва ҷаҳон ҳам талабот ва ҳам зарурат аст. Зиёда аз он ин амал яке аз шартҳои инкишофи одам, ҷомеа ва давлат мебошад. Одамон аз замонҳои қадим сайру саёҳатҳо мекарданд ва сарҳадҳои байни давлатҳо ба онҳо барои ҳаракат кардан халал намерасонданд. Ба ҷуз хоҳиши саёҳат кардан одам бисёр вакт бо амри зарурат: сафарҳои корӣ, хабаргирӣ ё аёдати наздикон, зиёрат, ҷамъоварии мавод барои китоб, корҳои тиҷорат ва ғайра ба роҳ мебарояд.

Чунончи, масалан, дар Хартияи бузурги озодиҳои соли 1215 омадааст,

ки ҳамаи тоҷирон бояд ҳуқуқи озодона, бе ҳеҷ хавфу хатар ба Англия дохил шудан, аз Англия берун рафтан, чи бо роҳи хушкӣ ва чи бо роҳи обӣ ба мамлакат омадану дар он гаштугузор кардан дошта бошанд.

Озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист ҳуқуқи табиӣ буда, ба ҳар одам аз лаҳзаи таваллуд мансуб аст ва ҳеҷ кас аз ин ҳуқуқ набояд маҳрум карда шавад. Аммо таърих бисёр мисолҳои вайрон карда шудани ин ҳуқуқро медонад. Чунончи, дар Юнони қадим чунин шакли ҷазодиҳӣ чун остракизм (аз юнонии ostrakon – сафолпора, хазаф) – ронда шудани одамони алоҳидаи «барои халқ хавфнок» (одатан ба мӯҳлати даҳ сол) ҷой дошт. Қарорро дар ин хусус Шӯрои халқӣ қабул карда, дар он ҳар як шаҳрванди ҳуқуқи овоздиҳӣ дошта дар сафолпора номи одами ба рондан маҳкумшударо менавишт. Ба ин тариқ, одам дигар имконияти дар ҳудуди Ватани худ буданро надошт.



**Расми 25. Хонаи умумии мо**

***Фикр кунед, аз фанни таърих боз кадом мисолҳои вайрон кардани ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист ба Шумо маълум аст?***

Махсусияти ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист ин аст, ки вай ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои фардӣ, яъне ҳуқуқҳо ва озодиҳое мансуб аст, ки ҳар одам дар алоҳидагӣ соҳиб асту аз онҳо истифода карда метавонад. Вале баъзан ин ҳуқуқ ба таври коллективӣ низ амалӣ мегардад. Масалан, дар ҳолатҳои ба ҷои дигари доимӣ кӯчидани аҳли оила ё худ ба мамлакати дигар рафтани гурӯҳи гурезаҳо.

Мафҳумҳои «ҷои ист» ва «ҷои зист» аз ҳамдигар тафовут доранд.

**Ҷои зист хавлиҳо, хонаҳо, манзилгоҳҳои зисти хидматӣ, хобгоҳҳо, хонаҳои бачагон ва биноҳои дигаре аст, ки дар онҳо шаҳрванд ба таври доимӣ ё вақти бештаре дар асосҳои пешбиникардаи қонун зиндагӣ мекунад.**

**Ҷои ист меҳмонхонаҳо, санаторияҳо, хонаҳои истироҳат, базаҳои сайёҳӣ (туристӣ), беморхонаҳо, лагерҳои палатавӣ ва ғайра, ҳамчунин биноҳои зисте мебошанд, ки дар онҳо одам муваққатан зиндагӣ мекунад.**

Дар ҳудуди муайян озодона ҳаракат кардани одам, аз рӯи салоҳдиди худ муайян кардани он ки вай дар куҷо бошаду зиндагӣ кунад, бо дигар ҳуқуқҳои одам зич вобаста буда, ба амалишавии онҳо таъсир мерасонад.

Масалан, бо ҳаракат ва интихоби ҷои зист ҳуқуқҳои шаҳрванд ба амалӣ сохтани фаъолияти соҳибкорӣ, ҳуқуқи интихоб кардани навъи фаъолият ва касбу кор, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқук ба нигаҳдории тандурустӣ ва ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба муҳити мусоиди зист ва ғайра метавонанд алоқаманд бошанд.

Аз як шаҳр рафтани шаҳрванд ба шаҳри дигар, ки ба округи дигари интихоботӣ мутааллиқ аст, баъзан ба амалишавии ҳуқуқҳои сиёсии ӯ таъсир мерасонад, масалан, номзадҳое, ки вай ҳангоми интихобот ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҷонибдории онҳо ҳуқуқи овоз додан дорад, дигар мешаванд. Бисёр вақт ҳаракат ва ҷои исту зисти худро тағйир додани одам дар ҳолати экстремалӣ, масалан, дар шароити муқовиматҳои ҳарбӣ, фалокатҳои экологӣ ва техногенӣ як навъ воситаи асосии ҷон ба саломат бурдан, нигаҳдории тандурустӣ, эмин доштани амвол, халосӣ аз зӯроварӣ ва гайра мегардад.

***Фикр кунед ва доир ба ҳамбастагии ҳуқуқ ба озодона ҷойивазкунӣ ва интихоби ҷои зист бо дигар ҳуқуқу озодиҳои одам мисолҳо оред.***

**2. АСНОДИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲУҚУҚИ ОЗОДОНА ҲАРАКАТ КАРДАН ВА ИНТИХОБИ ҶОИ ЗИСТ.** Ҳуқуқ ба озодона ҳаракат кардан ва интихоби ҷои зист аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ эътироф шуда, дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои инсон зикр шудааст.

> **Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар ҳудуди ҳар як давлат озодона рафтуомад кунад ва ба худ маҳалли зист интихоб кунад.**
>
> **Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки ҳар кишвар, аз ҷумла кишвари худро тарк кунад ва ба кишвари худ бозгардад.**
>
> ***Моддаи 13-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар***

Ғайр аз ин тибқи моддаи 14-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар «ҳар як инсон ҳақ дорад, ки аз таъқибот дар дигар кишварҳо паноҳ ҷӯяд ва аз ин паноҳгоҳ истифода намояд».

Дар моддаи 26-и Конвенсияи махсуси соли 1951 дар бораи мақоми гурезаҳо гуфта шудааст: «Ҳар як давлати қарордодкунанда ба гурезаҳои ба таври қонунӣ ба ҳудуди он меомада дар доираи ҳудуди вай бо шарти риояи ҳамаи қоидаҳои одатан дар чунин ҳолатҳо барои хориҷиён муайяншуда ҳуқуқи зист ва озодона рафтуомад кардан медиҳад».

Дар моддаи 12 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ низ озодона рафтуомад кардан зикр шудааст: "Ҳар касе, ки дар қаламрави ягон давлат ба таври қонунӣ қарор дорад, дар ҳудуди ин қаламрав ба рафтуомади озодона ва интихоби озодонаи маҳалли зист ҳақ дорад".

Конвенсияи соли 1998 дар ИДМ қабулшуда дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон мундариҷаи ин моддаро пурра такрор мекунад (моддаи 22).

Ин нуктаҳо амалан дар конститутсияҳои ҳамаи давлатҳои демократӣ ифода ёфтаанд. Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низ озодона ҳаракат кардан ва интихоб намудани ҷои зист зикр шудааст:

**Шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳақ дорад.**

***Моддаи 24-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Ба ифодаи дигар, ҳар кас ҳуқуқ дорад, ки озодона ҳаракат кунад, ҷои бозистодан ва зист интихоб намояд. Ҳар кас метавонад озодона аз ҳудуди мамлакат берун равад ва ба он баргардад.

Ҳуқуқи ҳаракати озодонаро ҳар як одами ба таври қонунӣ дар ҳудуди давлатии ҳар як мамлакат қарордошта соҳиб аст. Инҳо пеш аз ҳама шаҳрвандони ҳамон мамлакат, ҳамчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаае мебошанд, ки ба ин мамлакат омадаанд ва рухсати амалкунандаи ин ҷо зистан доранд. Озодона ҳаракат кардан маънии имконият доштан барои ҳар ҷо будан, рафтан ва ба сифати ҷои зист интихоб кардани онро дорад. Аммо дар ҳолатҳои муқаррар-кардаи қонун ҳуқуқи озодона ҳаракат кардан ва интихоб намудани ҷои зист метавонад маҳдуд карда шавад.




**Расми 24. Озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист**

**3. АСОСҲОИ МАҲДУДКУНӢ ВА КАФОЛАТҲОИ ОЗОДИИ ИВАЗКУНИИ ҶОИ ЗИСТ.** Ҳуқуқи озодона ҳаракат кардан ва интихоб намудани ҷои зист мутлақ набуда, ба зумраи ҳуқуқу озодиҳое мансуб аст, ки ба манфиати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ашхоси дигар, ҳифзи амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатию осоиштагии аҳолӣ аз ҷониби давлат онро метавон маҳдуд кард.

Ҳуқуқи мазкурро дар ҳудудҳои режими муайяндошта маҳдуд кардан мумкин аст: дар минтақаи сарҳад, дар шаҳрҳои мамнӯи ҳарбӣ; дар минтақаҳои маъмурию ҳудудии мамнӯъ; дар минтақаҳои фалокатҳои экологӣ; дар ҳудудҳо ва мавзеъҳои аҳолинишини ҷудогонае, ки он ҷо ба сабаби мавҷудияти хавфи паҳншавии бемориҳои сирояткунанда ва заҳролудшавии одамон шартҳо ва реҷаҳои махсуси зиндагию фаъолият ҷорӣ карда шудаанд; дар ҳудудҳое, ки вазъиятҳои фавқулодда ва ё ҷангӣ ҷорӣ гардидаанд.

Ҳуқуқи шаҳрвандонро баҳри берун рафтан аз ҳудуди мамлакати худ низ ба андешаи таъмини амнияти давлатӣ ва нигаҳдории сирри давлатӣ маҳдуд кардан мумкин аст. Масалан, агар вобаста ба фаъолияти хидматӣ одам аз сирри давлатӣ бохабар бошад, барои ӯ тартиботи махсуси гирифтани рухсатнома баҳри берун рафтан аз ҳудуди мамлакати худ мавҷуд аст. Ҷои зисти низомиён ҳангоми иҷрои хидмати низомӣ аниқ муайян карда мешавад.



**Расми 26. Ҳуқуқи озодии ҳаракат**

Маҳдудияти нисбатан ҷиддӣ манъи умумӣ баҳри рафтан ба ҷои муайян ва ҳатто муваққатан он ҷо будан ва ҳатто аз он берун рафтан аст. Чунончи, тибқи моддаи 4-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи режими ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» (соли 1995) дар ҳолати эълон гардидани вазъияти фавқулодда мақомоти ҳокимияти давлатӣ метавонанд чунин чораҳо андешанд: ба таври муваққатӣ аҳолиро аз ҷойҳои барои зист хатарнок бо ҳатман ҷудо кардани ҷойҳои статсионарӣ ва дигар ҷойҳои зист берун кунанд; дар он ҷо режими махсуси рафтану омадани шаҳрвандонро ҷорӣ намоянд; ба шаҳрвандони алоҳида ба мӯҳлати муқарраргардида тарк кардани ҷои муайян, хонаи (ҳавлии) худро манъ кунанд; карантин, соати комендантӣ ва ғайра ҷорӣ намоянд. Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номгӯи мавзеъҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо зиндагӣ кардани одамони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо манъ аст» аз 26 июли соли 2006 ба чунин мавзеъҳо аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мансуб аст.

Кафили асосии амалисозии ҳуқуқ ба озодона ҳаракат кардан ва интихоб намудани ҷои зист давлат аст. Вай вазифадор аст, барои амалишавии ин ҳуқуқ шароитҳои зарурӣ фароҳам оварад ва дар ҳолатҳои вайрон карда шудани ин ҳуқуқ онро ҳимоя ва барқарор кунад. Бинобар ин ҳар як давлат, масалан, ҳимояи судии ҳаракат ва интихоби ҷои зистро пешбинӣ мекунад ва кафолат медиҳад.

Бисёр мамлакатҳо бо мақсади муайян намудани ҷои зисти аҳолӣ кӯшиш мекунанд, ки ҷойивазкунии аҳолиро дар ҳудуди худ ба танзим дароранд. Ин барои пешниҳоди хадамоти иҷтимоӣ, банақшагирии буҷети маҳаллӣ, мураттаб сохтани рӯйхати интихобкунандагон ва ғайра зарур аст. Чунин қоидаҳо одатан ҳуқуқҳои одамонро барои интихоби ҷои зист халалдор намекунанд. Фақат одамон вазифадоранд, ки ба мақомоти дахлдори давлатӣ ҷои зисти худро муайян кунанд.

Аммо баъзан муҳоҷирати аҳолӣ дар дохили давлат бо роҳи маҳдуд кардан ба танзим даровардa мешавад. Ин кор баҳри истифодаи маҳдудсозиҳои муайяни юридикии маъмурии озодона ҷойивазкунӣ ва интихоби ҷои зист сурат мегирад. Чунин навъи маҳдудсозиҳо, масалан, дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба сифати системаи бақайдгирӣ амалӣ мегардиданд. Дар баъзе мамлакатҳо системаи бақайдгирӣ боқӣ мондааст, ё онро ба таври дигар системаи аз қайд гузаштан номидаанд.

Ба ин тариқ, ҳуқуқ ба озодии ҳаракат кардан ва интихоби ҷои зист яке аз ҳуқуқу озодиҳои асосии шахсӣ ва табиии инсон аст, ки дар санадҳои байналмилалӣ зикр гардида, бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода мешавад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:**
*ҷои ист, ҷои зист.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Ҳуқуқ ба озодии ҳаракат кардан ва интихоб намудани ҷои зист чӣ маънӣ дорад? Шумо кадом махсусиятҳои ин ҳуқуқҳоро номбар карда метавонед?*

*2. Ин гуфтаи А.Д.Сахаровро бодиққат хонед: «Ҳуқуқи рафтанро бояд ҳама, аз ҷумла онҳое, ки аксарияти мутлақро ташкил медиҳанду рафтанӣ нестанд, дошта бошанд. Одам танҳо бо доштани ҳамаи ҳуқуқҳо озод аст. Ту дар хонаи дарҳояш қулф зиста, ҳарчанд зарурати ба кӯча баромадан надорӣ, худро зиндонӣ эҳсос мекунӣ». Шумо ин гуфтаро чӣ тавр мефаҳмед?*

*3. Кадом ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Шумо маълуманд, ҳуқуқи озодона ҳаракат кардан ва интихоби ҷои зистро таҳким мебахшанд?*

*4. Дар кадом ҳолатҳо ҳуқуқи озодона ҳаракат кардан ва интихоби ҷои зистро маҳдуд намудан мумкин аст?*

# БОБИ 10
# ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ СИЁСӢ

## §30. ТАВСИФИ УМУМИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ СИЁСӢ

### 1.МАФҲУМ ВА АҲАМИЯТИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ СИЁСӢ.

Ҳуқуқ ва озодиҳо аз ҷониби одамон дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар соҳаи сиёсӣ, амалӣ гардонида мешаванд. Озодиҳои сиёсӣ дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд гурӯҳи алоҳидаро ташкил дода, ҳамчун махсусияти ҷудонопазири ҷомеаи мутамаддин баромад мекунанд.

Мавҷудияти давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бе ташаккули ақидаҳо ва арзишҳои сиёсӣ, бе иштироки бошууронаи шаҳрвандон дар

ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ дар давлати демократӣ ҳуқуқҳо ва озодиҳои сиёсӣ аз ҷониби шуури умумии ҷамъиятӣ на ҳамчун зуҳуроти дуюмдараҷа, балки чун яке аз арзишҳои гуманистӣ қабул карда мешавад.

**Ҳуқуқҳои сиёсӣ маҷмӯи ҳуқуқ ва озодиҳои ба шаҳрванди давлат мутааллиқ буда, ба ӯ имконият медиҳанд, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии мамлакат ва амалисозии ҳокимияти давлатӣ иштироки озодона васеъ дошта бошад.**

Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ шарти ҳатмии амалишавии ҳамаи дигар ҳуқуқ ва озодиҳо мебошанд, зеро онҳо асоси таркибии низоми демократиро ташкил дода, ҳамчун арзишҳое баромад мекунанд, ки давлат бо онҳо бояд худро маҳдуд созад ва ба онҳо майл кунад.



**Расми 27. Ҳуқуқҳои сиёсӣ**

Ҳар як инсон маҷмӯи томи ҳуқуқ ва озодиҳои гуногунро амалӣ месозад, вале ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсиро асосан шаҳрвандони давлатҳои муайян доранд, яъне мавҷудияти онҳо аз мансубияти шаҳрвандӣ вобаста аст. Ба ин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд шаҳрванди мамлакати мо буд, то ки кас соҳиби ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ бошад. Аммо истисноҳо низ ҳастанд, масалан, ҳуқуқи бо шикоят муроҷиат карданро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ на танҳо шаҳрвандони мо, балки шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа низ доранд.

Амалисозии ҳуқуқҳо ва озодиҳои сиёсӣ бо сохти давлатию ҷамъиятӣ, моҳияти идоракунии давлат, режими сиёсӣ дар мамлакат алоқаманд аст. Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ чун ҳуқуқҳои шахсии (шаҳрвандии) ҳар кас мақоми ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро тавсиф мебахшанд.

Мақсади асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати ҳуқуқбунёду демократӣ баробари кафолати дигар ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ таъмин кардан ва ҳимоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии шаҳрвандон низ мебошад.

***Таснифоти ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро дар замони пайдоишашон ба хотир оред. Кадом ҳуқуқ ва озодиҳо ба "насли якум" мансубанд?***

Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ ба "насли якум"-и ҳуқуқҳои инсон тааллуқ доранд, зеро онҳо арзишҳоеро таҳким мебахшанд, ки дар давраи ба амал омадани инқилобҳои буржуазии асри XVIII ташаккул ёфта, дар амалияи

конунгузории мамлакатҳои демократӣ мустаҳкам ҷой гирифтаанд. Дертар ҳуқуқҳои сиёсӣ дар стандартҳои муосири байналмилалии ҳуқуқҳои инсон инъикос гардидаанд. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар моддаҳои 19-21 ва Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар моддаҳои 19-22 ҳуқуқ ба озодии эътиқод ва баёни озодонаи онҳо, ҳуқуқи ҷамъомад ва ассосиатсияҳои осоишта, ҳуқуқи иштирок кардан дар идоракунии мамлакати худро эълом доштаанд.

Ба ин тариқ, ҳар як шаҳрванди мамлакат ҳуқуқ дорад, дар чорабиниҳо ва ҷамъомадҳои сиёсӣ ширкат варзад, ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шомил шавад ва ғайра. Аммо вай ҳамчунин ҳақ дорад, ки ин ҳамаро рад кунад.

***Ба андешаи Шумо, ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ инфиродианд ё дастаҷамъӣ?***

Ҳуқуқҳои сиёсӣ ҳам инфиродӣ ва ҳам дастаҷамъӣ мешаванд. Бисёр ҳуқуқҳои сиёсӣ аз ҷониби шаҳрванд ба таври инфиродӣ амалӣ мегарданд, шахсан ба ӯ имконият фароҳам меоранд, ки дар сиёсат фаъолона иштирок кунад, масалан, ҳуқуқи интихоб кардан, додани овози худ дар интихобот ё раъйпурсӣ, ба хизмати давлатӣ дохил шудан ва ғайра. Ҳуқуқҳои сиёсии дастаҷамъӣ, чун қоида, ақидаҳои сиёсии гурӯҳи одамонро таҷассум карда, тавассути амалҳои дастаҷамъӣ татбиқ мегарданд, масалан, таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ, ташкили намоиши осоишта ва иштирок дар онҳо ва ғайра.

Гурӯҳи махсуси ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ ҳуқуқи халқҳо (миллатҳо), ақаллиятҳои миллӣ мебошанд. Масалан, байни ҳуқуқҳои муҳимтарини сиёсӣ ҳуқуқи халқҳоро ба худмуайянкунӣ ҷудо мекунанд. Тибқи моддаи 1-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ "Ҳамаи халқҳо ба таъйини сарнавишти худ ҳақ доранд. Дар асоси ҳамин ҳақ онҳо мақоми сиёсии худро озодона муқаррар мекунанд ва рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худро озодона таъмин менамоянд". Онҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ метавонанд озодона боигариҳо ва захираҳои табиии худро бе зараре барои ягон ӯҳдадориҳо, ки аз ҳамкории байналмилалии иқтисодии ба принсипи манфиати байниҳамдигарӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ асосёфта бармеоянд, соҳибихтиёрӣ кунанд. Ягон халқ дар ягон ҳолат аз воситаҳои мавҷудияти ба вай тааллуқдошта маҳрум карда намешавад.

Аз ҳуқуқи худмуайянкунӣ истифода карда, бисёр халқҳои ҳудуди сукунаташон дар ҳайати давлатҳо, масалан, дар Британияи Кабир (Уэлс, Шотландия, Ирландияи шимолӣ), Федератсияи Россия (вилояти мухтори Яҳудистон, округи мухтори Чукотка, округи мухтори Эвенкия ва ғайра) баъзе мухториятҳо доранд. Дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъсис дода шудааст.

Ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ дар Эъломияи СММ дар бораи додани мустақилият ба мамлакатҳо ва халқҳои мустамлика (соли 1960) таҳким бахшида шудааст. Тибқи моддаи 2-и ҳуҷҷати мазкур "ҳамаи халқҳо ҳаққи худмуайянкунӣ доранд; дар асоси ин ҳуқуқ онҳо озодона

макоми сиёсии худро муқаррар карда, рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худро ба амал мебароранд".

Зиддиятҳои байни ҳуқуқҳои инфиродии инсон ва ҳуқуқҳои халқ, миллат, ақаллиятҳои миллӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар ҷаҳони имрӯза яке аз сабабҳои ихтилофоти байни давлатҳо, халқҳо, одамон мегарданд. Ҳуқуқҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ байни худ набояд рақобат кунанд, балки онҳо, ҳарчанд аз рӯи табиати худ аз ҳамдигар фарқ доранд, якдигарро бояд пурра созанд. Қазияи афзалиятмандии ҳуқуқҳои инфиродӣ нисбат ба ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ масъалаи басо муҳим ва баҳснок ба шумор меравад. Фаҳмиши моҳияти худмуайнякунӣ аз принсипи дахлнопазирии ҳуқуқҳои инсон ҷудонопазир аст. Бинобар ин рушди ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ ҳуқуқҳои инфиродии инсонро набояд вайрон кунанд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии шаҳрванд мутлақ нестанд ва дар асоси қонун метавонанд маҳдуд карда шаванд. Масалан, ҳуқуқи озодона баён кардани фикри худ бо мақсади эҳтироми ҳуқуқҳо ва нуфузи дигар одамон, ҳамчунин ҳимояи амнияти давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва маънавияти аҳолӣ метавонад то андозае маҳдуд карда шавад. Аз ҷумла ҳама гуна тарғиби ҷанг ё баромад кардан бо мақсади бадбинии миллӣ, нажодӣ ё динӣ, шӯрангезӣ барои табъиз, душманӣ ё зӯроварӣ манъ аст. Ҳуқуқ ба ҷамъомадҳои осоишта дар шароити вазъияти фавқулодда бо мақсади амнияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон метавонад маҳдуд карда шавад.

Ба ин тариқ, ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ аҳамияти махсус доранд, зеро онҳо ба мустаҳкам кардани алоқаи шаҳрванд бо ҷомеа ва давлат нигаронида шуда, мақсадашон роҳ надодан ба бетафовутии шаҳрвандон ба тақдир ва фаъолияти мамлакати худ мебошад.

**2.НИЗОМИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ СИЁСӢ.** Ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ байни ҳамдигар алоқаманд буда, низоми ягонаро ташкил медиҳанд. Онҳо бо Конститутсия ва қонунгузорӣ кафолат дода мешаванд.

Низоми ҳуқуқҳои сиёсӣ дар моддаҳои 27-31- и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидаанд.

? ***Моддаҳои зикршудаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро бодиққат омӯзед. Дар онҳо мушаххасан кадом ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таҳким бахшида ва кафолат дода шудаанд?***

Дар асоси мундариҷаи фаъолияти шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа дар ин гурӯҳи ҳуқуқҳо навъҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

1) ҳуқуқи шаҳрвандон барои иштирок дар идоракунии корҳои давлатӣ;
2) ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан;
3) ҳуқуқ ба озодии маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта;
4) ҳуқуқи муттаҳид шудан дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;
5) ҳуқуқи муроҷиат кардан бо арзу шикоят (петитсия) ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ.

Ҳуқуқҳои сиёсӣ бо дигар гурӯҳҳои ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон зич алоқаманданд, вале аз онҳо пеш аз ҳама бо он фарқ мекунанд, ки ба иштироки шаҳрвандон маҳз дар ҳаёти сиёсии давлат ва ҷомеа нигаронида шудаанд. Аммо ҳар як инсон ва шаҳрванд на танҳо бо сиёсат машғул аст, ӯ худро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ татбиқ мекунад.

Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ бар фарқият аз ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) на барои таъмини озодиҳои инфиродию мухторияти шахсият, балки барои зоҳиршавии ӯ ба сифати иштирокдори фаъоли раванди сиёсӣ равона гардидаанд.

Амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ ва фаъолияти пурзӯри онҳо дар идораи корҳои давлатӣ яке аз нишондиҳандаҳои ташаккули давлати демократӣ ва барқарории ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ, ҳуқуқ ба худмуайянкунии халқҳо, низоми ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо**

*1. Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ чиро ифода мекунанд? Кадом хусусиятҳои ҳуқуқҳои сиёсиро номбар карда метавонед?*

*2. Ба ақидаи Шумо, ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии инсон аз дигар гурӯҳҳои ҳуқуқ ва озодиҳо бо чӣ фарқ мекунанд?*

*3. Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ дар кадом ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва миллӣ таҳким бахшида шудаанд? Онҳо барои шаҳрванд чӣ аҳамият доранд?*

*4. Ҳуқуқҳои сиёсӣ инфиродианд ё дастаҷамъӣ? Ба андешаи Шумо, оё ҳуқуқ ва манфиатҳои дастаҷамъии ягон ташкилот ё иттифоқ, ки инсони мушаххас узви он аст, барои маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ асос шуда метавонанд?*

*5.Ҳуқуқи халқ ба худмуайянкунӣ чист?*

*6.Ба фикри Шумо, оё рушди давлати демократӣ ва амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд бо ҳамдигар алоқаманданд?*

*7.Ҳуқуқ ва озодиҳои ба низоми ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрванд шомилбударо номбар кунед.*

*8.Иштироки шаҳрванд дар идоракунии корҳои давлатӣ чӣ гуна зоҳир мешавад?*

# § 31. ҲУҚУҚИ ИШТИРОК ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ ВА ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТ

**1.ҲУҚУҚИ ИШТИРОК ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ ВА ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТ: МАФҲУМ, АҲАМИЯТ.** Ҳуқуқи иштирок дар идоракуни давлат ва корҳои ҷамъиятӣ принсипи бунёдии муносибатҳои байниҳамдигарии давлат ва шаҳрвандони он ва яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои сиёсӣ аст.

Иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ бо роҳи ифодаи раъйи онҳо дар интихобот ва раъйпурсиҳо, инчунин иштироки шахсӣ дар кори мақомоти ҳокимиятҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Беҳуда нест, ки кафолатҳо ва ҳамзамон шаклҳои амалишавии

ҳуқуқҳои сиёсии мазкур як қатор ҳуқуқҳои дигар: ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан, ҳуқуқи иштирок намудан дар раъйпурсӣ, ҳуқуқи дастрасии баробар ба хидмати давлатӣ, ҳуқуқи иштирок дар эъзоми адолати судӣ ва ғайра мебошанд.



**Расми 28. Ман ҳуқуқ дорам Президент шавам**

Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи корҳои давлат ба шаҳрвандони мамлакат тааллуқ дорад. Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа дар интихобот ва раъйпурсиҳо овоз дода наметавонанд, барои онҳо хизмати давлатӣ дастрас нест.

Ҳуқуқи мазкур бори аввал дар давраи инқилобҳои буржуазии асри XУIII, дертар дар асри XX дар ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон таҳким ёфт. Чунончи, мутобиқи моддаи 21-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар “Ҳар як инсон ҳақ дорад, бевосита ё ба воситаи намояндагоне, ки озодона интихоб шуданд, дар идораи корҳои кишвари худ ширкат намояд. Ҳар як инсон дар кишвари худ ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар дорад”. Иродаи халқ дар асоси муқаррароти санади мазкури байналмилалӣ бояд асоси ҳокимияти ҳукумат бошад. Он дар интихоботи даврӣ ва ғайриқалбакӣ, ки бояд бо умумӣ ва баробар будани ҳуқуқи интихоботӣ бо роҳи овоздиҳии пинҳонии таъминкунандаи озодии овоздиҳӣ гузаронида мешавад, ифода меёбад.

Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ низ ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи корҳои давлатро таҳким бахшидааст. Мутобиқи моддаи 25-и он “Ҳар як шаҳрванд бояд бидуни ягон навъ табъизи дар моддаи 2 зикршуда ва бидуни маҳдудиятҳои беасос ҳуқуқ ва имкониятҳои зеринро дошта бошад: а) дар пешбурди корҳои давлатӣ чи бевосита ва чи бавоситаи намояндагони ба таври озод интихобшуда ширкат намояд; b) дар интихоботи озоди даврӣ, ки дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ ва баробар бо овоздиҳии пӯшида ва таъминкунандаи иродаи озоди интихобкунандагон доир карда мешаванд, иштирок намояд ва интихоб шавад; c) дар кишвари худ аз имконияти умумии баробар ба хизмати давлатӣ истифода намояд”.

Дар аксари конституцияҳои ҳозираи демократӣ ҳуқуқи шаҳрвандон барои иштирок кардан дар идораи корҳои давлат дар шакли маҷмӯияти ҳуқуқҳои дар боло нишондодашуда ташаккул ёфтааст. Айнан ҳамин тавр он дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳким бахшида шудааст:

**Шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд.**

*Моддаи 27-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат ҳуқуқи муҳими сиёсӣ буда, бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" (соли 1998) ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст.

## 2.ҲУҚУҚИ ИШТИРОК ДАР ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСӢ.

Ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон яке аз шаклҳои асосии ифодаи иродаи халқ ва иштироки он дар ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад. Иштироки шахсии шаҳрвандон дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ба андозаи баробар чун тавассути намояндагони интихобмекардаи онҳо ифодаи соҳибихтиёрии халқ ва шакли амалишавии принсипи ҳокимияти халқӣ аст, ки дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким бахшида шудааст.

**Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Халқи Тоҷикистонро, сарфи назар аз миллаташон, шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил менамоянд.**

*Моддаи 6-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ҳуқуқҳои асосии интихоботии шаҳрвандон аз инҳо иборатанд: 1)ҳуқуқи интихоб кардан (ибрози озодона ва масъулияшиносонаи ирода дар интихобот ва раъйпурсӣ); 2) ҳуқуқи интихоб шудан дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ; 3) ҳуқуқи аз ҷониби интихобкунандагон бозхонд шудани ашхосе, ки ба онҳо нобоварӣ изҳор гардидааст.

*Ба хотир оред, ки принсипи тақсими ҳокимият чӣ маънӣ дорад? Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом мақомот ҳокимиятҳои қонунбарор, иҷроия ва судиро амалӣ мегардонанд? Кадом мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон тавассути интихобот ташаккул дода мешаванд?*

Интихобот ва раъйпурсиҳо дар тамоми ҷаҳон шакли аз ҳама оммавии иштироки одамон дар идораи корҳои давлат ва ҷомеа гардидаанд ва ин таҷриба ба таври мутаносиб шомили ҳаёти шаҳрвандони Тоҷикистон гардидааст.

**Интихобот усули муҳимтарини ташаккули мақомоти ҳокимият бо роҳи овоздиҳии умумихалқӣ мебошад.**

**Раъйпурсӣ овоздиҳии умумихалқӣ оид ба масъалаҳои нисбатан муҳими ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, масалан, даровардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ва ғайра мебошад.**

Интихобот ба мақомоти намояндагии ҳокимият ва раъйпурсии умумихалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории махсус дар бораи интихобот ва раъйпурсӣ гузаронида мешаванд. Ба санадҳои мазкури меъёрӣ-ҳуқуқӣ инҳо мансубанд: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (соли 1994), Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (соли 1999), Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (соли 1995) ва ғайра.

Ҳуқуқи интихоботӣ фаъол (ҳуқуқи интихоб кардан аз ҷониби худи шаҳрвандон) ва ғайрифаъол, яъне пассив (ҳуқуқи интихоб шудани шаҳрвандон ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ) мешавад. Ҳуқуқи интихоботии фаъол ва ғайрифаъол бо расидан ба синни балоғат, яъне аз 18-солагӣ фаро мерасад. Мутобиқи моддаи 27-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи интихоб намудан ва интихоб шудан дорад. Дар раъйпурсӣ низ шаҳрвандони ба синни 18 расида ва мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи овоздиҳидошта ҳуқуқи иштирок кардан доранд. Ба ашхосе, ки дар интихобот ва раъйпурсиҳо дар Тоҷикистон иштирок карда наметавонанд, инҳо мансубанд: ашхоси аз ҷониби суд ғайри қобили амал эътирофшуда, ё ашхоси бо ҳукми суд дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ нигоҳдошташаванда.




**Расми 29. Ҳуқуқ барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат**

Интихобот ва раъйпурсиҳо дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар ва бевосита бо овоздиҳии махфӣ гузаронида мешаванд.

Принсипҳои дар Конститутсия номбаршудаи ҳуқуқи интихоботӣ чунин маънӣ доранд, ки иштироки шаҳрвандон дар интихобот ва райъпурсӣ озод ва ихтиёрианд. Интихобкунандагон дар онҳо дар асосҳои баробар, бе ягон табъиз иштирок мекунанд. Овоздиҳӣ махфӣ буда, аз ҷониби шаҳрвандон бевосита амалӣ мегардад. Ҳар як шаҳрванд як овоз дорад. Назорат ва дахолат ба изҳори иродаи ашхоси овоздиҳанда раво нест. Тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ва раъйпурсӣ кушода ва ошкоро сурат мегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани интихобот ва раъйпурсиҳо ба зиммаи Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсӣ вогузор шудааст.

### 3.ҲУҚУҚИ ДАСТРАСИИ БАРОБАР ВА ХИДМАТИ ДАВЛАТӢ.

Ҳуқуқи дастрасии баробари шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ яке аз ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии сиёсии кафолатдодаи қонунгузориҳои байналмилалӣ ва миллӣ мебошад.

**Хизмати давлатӣ фаъолияти касбии ашхоси вазифаҳои давлатиро ишғолкарда оид ба таъмини иҷрои салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ мебошад.**

Мутобиқи моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" (соли 1998) "шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд". Тибқи моддаи 6-и ҳамин қонун бошад, яке аз принсипҳои амалисозии хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон "афзалиятмандии ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд" маҳсуб мешавад.

Ҳуқуқи дастрасии баробар ба хизмати давлатӣ маънии баробарии имкониятҳои ибтидоӣ ва набудани табъизро аз рӯи кадом як аломат дорад, аммо дар тамоми ҷаҳон ҳини қабулшавӣ ба хизмати давлатӣ низоми озмунҳо, санҷишҳои тестӣ, мусобиқоти дипломҳо мавҷуданд.

Ба хизмати давлатӣ шаҳрвандони на ҷавонтар аз 18-солаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳсилоти мувофиқ дошта, ба талаботи Қонуни мазкур барои хизматчиёни давлатӣ ҷавобгӯянд, қабул карда мешаванд. Шаҳрванд дар ҳолатҳои зерин ба хизмати давлатӣ қабул карда намешавад ва дар хизмати давлатӣ буда наметавонад: 1) бо қарори ҳукми қонунӣ пайдокардаи суд ҳамчун ғайри қобили амал ё қисман ғайри қобили амал эътироф шудани ӯ; 2) мавҷудияти доғи судии сарфи назар нагардида ва ё беэътибор донистанашуда барои дидаю дониста ҷиноят содир кардан, ки ба ишғол кардани вазифаи давлатии хизмати давлатӣ номувофиқ аст; 3) рад кардани раванди ба расмият даровардани дастрасӣ ба маълумотҳо, ки сирри бо қонун ҳимояшавандаи давлатӣ, хидматӣ ва ғайраро ташкил медиҳанд, дар сурати вобаста будани иҷрои вазифаи хидматӣ оид ба вазифаи хидматии хизмати давлатии довталаб бо истифодаи он маълумотҳо; 4) хешовандони наздик ё аз они худӣ будан (волидон, ҳамсарон, бародарон, хоҳарон, писарон, духтарон, ҳамчунин бародарон, хоҳарон, волидон ва фарзандони яке аз ҳамсарон) ба хизматчиёни давлатӣ, агар хизмати давлатии онҳо бо тобеияти бевосита ё зери назорат будани яке аз онҳо бар дигаре алоқаманд бошад; 5) мавҷудияти шаҳрвандии давлати хориҷӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар дастрасӣ ба хизмати давлатӣ дар асосҳои байниҳамдигарии қарордодҳои байнидавлатӣ ба танзим дароварда шуда бошад; 6) дар дигар ҳолатҳои истисноии муқарраркардаи қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар сурати дар рафти тафтишот ошкор гардидани ҳолатҳои монеъшавандаи қабули шаҳрванд ба хизмати давлатӣ шаҳрванди мазкур

ба таври хаттӣ оид ба рад гардидани қабули ӯ ба хизмати давлатӣ бо нишон додани сабабҳои чунин радкунӣ хабардор карда мешавад.

Шаҳрванд ба хидмати давлатӣ дар асоси қарордоди (аҳдномаи) меҳнатӣ, ки дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешавад, қабул мегардад. Қабули шаҳрванд ба хизмати давлатӣ мувофиқи тартиботи муқарраргардида бо қарори мақомоти дахлдори давлатӣ (шахси мансабдор) дар бораи таъин кардани шаҳрванд ба вазифаи давлатии хизмати давлатӣ ба расмият даровада мешавад.

**4.МАҲДУДИЯТҲОИ ҲУҚУҚИ ИШТИРОК ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ ВА ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТ.** Умумӣ будани ҳуқуқҳои интихоботӣ маънии бемаҳдудиятии онҳоро надорад. Чунончи, дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузорӣ маҳдудиятҳои ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат зикр гардидаанд. Аз ҷумла мутобиқи моддаи 27-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон "Шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок кардан надоранд". Маҳдудиятҳои муайян ҳамчунин нисбати қабул ба хидмати давлатӣ раво дониста мешавад.

Дар шароитҳои вазъияти фавқулодда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон интихобот ва раъйпурсӣ гузаронида намешаванд.

Ба ин тариқ, ҳуқуқи шаҳрвандон барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат яке аз ҳуқуқҳои асосии сиёсии таҷассумкунандаи соҳибихтиёрии инсон ва шаҳрванд дар давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрандӣ мебошад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир оред:** *ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат, ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ, ҳуқуқи ғайрифаъоли интихоботӣ, интихобот, раъйпурсӣ, хизмати давлатӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Зери таркиби ҳуқуқи шаҳрванд барои иштирок кардан дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат чиро мефаҳманд?*

*2.Интихобот ва раъйпурсӣ чистанд? Санадҳои ба Шумо маълуми меъёрӣ-ҳуқуқии таҳкимбахшандаи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро бобати интихоб кардан, интихоб шудан ва ҳуқуқи иштирок намудан дар раъйпурсиҳо номбар кунед.*

*3.Моддаи 2-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (соли 1995)-ро бодиққат хонед ва ба саволи зерин ҷавоб гӯед: "Ба раъйпурсии умумихалқӣ масъалаҳо дар хусуси сарҳадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, андозҳо, буҷет, тақсимоти маъмурӣ-ҳуқуқӣ, қабули чораҳои фавқулодда ва таъхирнопазир оид ба ҳимояи тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи саломатӣ ва амнияти шаҳрвандон, тағйир додани мақом ва тамомияти арзии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ҳамчунин масъалаҳои марбут ба таъин намудан ва озод кардани шахсони мансабдор, ки ба салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлиси*

*якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, ҳамчунин масъалаҳои ба иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба қарордодҳои байналмилалии ҷумҳурӣ таллуқдошта баровáрда намешаванд". Ба андешаи Шумо, чаро масаъалаҳои номбаршударо ба раъйпурсӣ баровардан мумкин нест?*

*4.Хизмати давлатӣ чист? Дар кадом ҳолатҳо шаҳрванд хизматчии давлатӣ шуда наметавонад?*

*5.Ба андешаи Шумо, оё маҳдуд сохтани ҳуқуқи шаҳрванд барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат раво аст? Ҷавоби худро далелнок созед.*

## §32. ҲУҚУҚИ МУТТАҲИДШАВӢ

**1. ҲУҚУҚИ МУТТАҲИДШАВӢ: МАФҲУМ, АҲАМИЯТ.** Ҳуқуқи муҳими сиёсӣ, ки ба иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ муносибати бевосита дорад, ҳуқуқи ба ҳар кас кафолатдодашудаи муттаҳидшавӣ бо фарогирии ҳуқуқи таъсис додани иттифоқҳои касаба барои ҳимояи манфиатҳои худ мебошад. Ин ҳуқуқ, ки ҳамчунин чун озодии иттиҳодияҳо ва ассосиатсияҳо маъруф аст, ба шаҳрвандон имконияти истифодаи шаклҳои гуногуни фаъолияти якҷояи ташкилӣ, муттаҳидсозии кӯшишҳои худ баҳри амалисозии ин ё вазифаҳоро медиҳад.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба инкишофи фаъолияти сиёсӣ ва худфаъолиятии шаҳрвандон мусоидат мекунанд, бинобар ин амалисозии ҳуқуқи озодона ва соҳибихтиёрона таъсис додани иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ кафолати ташаккулёбии давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ принсипи плюрализми сиёсиро таҷассум карда, ба мӯътадилии вазъи сиёсӣ дар мамлакат мусоидат мекунад.

> **Плюрализм (аз лот. Peuralis- бисёр) принсипи ифодакунандаи гуногунрангии сиёсӣ ва идеологӣ, имконияти дар ҷомеа озодона арзи вуҷуд кардани ақидаҳои гуногуни сиёсӣ, мактабҳо, идеологияҳо, ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо ҳадафҳо ва барномаҳои гуногун мебошад.**

Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ имконияти маҳдуд накардани ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби қувваҳои сиёсӣ, гурӯҳи одамон ва шахсиятҳои алоҳида, балки бо роҳи изҳори иродаи аксарият ба вақти муайяне додани ҳокимият ба онҳоеро фароҳам меорад, ки ба онҳо бовар доранд.

Ҳуқуқи муттаҳидшавии шаҳрвандон дар худ ҳуқуқи таъсис додан, дар асоси ихтиёрӣ ширкат варзидан дар таъсиси иттиҳодияи ҷамъиятӣ барои ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва муваффақ шудан ба ҳадафҳои умумӣ, ҳуқуқи ихтиёрӣ дохил шудан ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии мавҷуда ё худдорӣ кардан аз дохилшавӣ ба онҳо, ҳамчунин ихтиёрӣ ва бемамониат баромадан аз иттиҳодияҳои ҷамъиятиро фарогир аст. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки шаҳрвандро дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ нигоҳ дорад. Дохилшавӣ ва

баромадан аз иттиҳодияҳо танҳо ба хоҳиш ва иродаи шаҳрвандон вобаста аст.

Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ бо дигар ҳуқуқҳо ва озодиҳои сиёсӣ, масалан, бо озодии фикр, сухан, эътиқод, бо ҳуқуқи иштирок дар интихобот ва ғайра алоқаи байниҳамдигарӣ дорад. Таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба амалишавии ҳамаи дигар ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ дар натиҷаи мубориза пурдавоми халқ ташаккул ёфта, муттасил мукаммал гардидааст. Дар ҷаҳони имрӯза он дар стандартҳои байналмилалии ҳуқуқҳои инсон ва дар аксари конститутсияҳо таҷассум ёфтааст. Чунончи, мутобиқи моддаи 20-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ба ҳар кас озодии ассосиатсияҳо кафолат дода мешавад, касе маҷбур карда намешавад, ки ба ин ё он ассосиатсия дохил гардад. Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ низ дар моддаи 22 ҳуқуқ ва озодии ассосиатсияҳоро бо фарогирии таъсиси иттифоқҳои касаба ва дохил шудан ба онҳо барои ҳимояи манфиатҳои худ таҳким мебахшад.




**Расми 30. Ҳуқуқ барои муттаҳид шудан**

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи шаҳрвандонро ба муттаҳидшавӣ кафолат медиҳад.

**Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳақ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ дошта, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад.**

*Моддаи 28-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ ва кафолатҳои он, ҳамчунин тартиби таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” (соли 1998), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” (соли 1998) ва дигар санадҳои меъёрӣ-қонунгузорӣ ба танзим даровarda мешавад.

Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ мутлақ нест, вай ба манфиатҳои амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи саломатӣ ва маънавияти аҳолӣ ё ҳимояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсони дигар метавонад

маҳдуд карда шавад. Қонунгузории мамлакат барои аз ин ҳуқуқҳо истифода кардани ашхосе, ки навъҳои муайяни фаъолияти касбиро ба ҷо меоранд, масалан, онҳое, ки ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳ ва милиса дохиланд, метавонад маҳдудиятҳо ҷорӣ намояд.

**2.ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ВА ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.** Қонунгузории мамлакати мо фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсиро кафолат медиҳад. Мутобиқи моддаи 8-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон "ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд". Давлат дар фаъолияташон ба онҳо имкониятҳои баробар медиҳад.

**Иттиҳодияи ҷамъиятӣ ташкилоти ихтиёрии худидоракунанда ва ғайритиҷоратии бо ташаббуси шаҳрвандон дар асоси умумияти ақидаҳо муттаҳидгаштаест барои амалисозии ҳадафҳои умумии дар Оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ нишондодашуда.**

Дар асоси моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои оммавӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои занон, собиқадорон, маъюбон, ҷавонон ва кӯдакон, иттиҳодияҳои илмӣ, техникӣ, маданӣ-маърифатӣ, варзишӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, фондҳо, ассосиатсияҳо, кумитаҳо ва дигар иттиҳодияҳои шаҳрвандон ҳамчун иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ эътироф мешаванд.

***Фикр кунед ва мисолҳои ба Шумо маълуми иттиҳодияҳои ҷамъиятии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаро оред.***

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр иттиҳодияҳои ҷамъиятии кӯдакон таъсис ёфтаанд. Масалан, дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ созмонҳои талабагии "Ахтарон" ва "Ворисони Сомониён", ҳамчунин дар синфҳои болоии мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ ва мактабҳои ибидоӣ, миёна ва олии касбӣ Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон амал мекунанд. Ҳамаи онҳо ихтиёрӣ таъсис гардида, узвият ва баромадан аз сафҳояшон ба иродаи озодона асос ёфтаанд.

Ба ин тариқ, навъҳои гуногуни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мавҷуданд, вале ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҳизбҳои сиёсӣ танҳо ҳизбҳое мутааллиқанд, ки ҳадафашон соҳибият ба ҳокимият аст. Фақат онҳо ба фаъолияти сиёсӣ ҳақ доранд. Ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳизби сиёсӣ дар оинннома ва барномаи он, ки ба ҳама дастрас гардонида мешавад, ифода меёбад.

Ҳизбҳо бояд манфиатҳои гурӯҳҳо ва табақаҳои муайяни аҳолиро ифода ва ҳимоя кунанд. Ба ин маънӣ созмонҳои ҳизбӣ ҳанӯз дар дунёи қадим амал мекарданд. Аз ҷумла дар бораи онҳо Арасту маълумот дода, байни шаҳрвандони давлати Афина, сокинони кӯҳсорон, ҳамвориҳо ва назди соҳилҳоро ҷудо мекунад. Айнан чунин гурӯҳҳо дар Рим низ амал карда,

истилоҳи “ҳизб” (“партия”) дар ҳамин ҷо пайдо шудааст. Барои ин гурӯҳҳо чунин ҷиҳатҳо хос буданд: табақагӣ, камшуморӣ, ноустуворӣ (ҳама гуна дигаргуншавии вазъият боиси парокандагии гурӯҳ мегардад); аз нигоҳи ташкилӣ расмият надоштан; робитаи суст бо оммаҳо (характери баргузидагӣ). Чунин гурӯҳҳо дар асрҳои миёна низ мавҷуд буданд, масалан, муборизаи маълуми “сиёҳҳо” (феодалҳо) ва “сафедҳо” (бойҳои шаҳрӣ) дар Флоренсияи асри XI. Инқилобҳои буржуазӣ барои пайдошавии ҳизбҳои зиёд такон бахшиданд. Чунончи, Инқилоби Фаронса ба пайдошавии ҳизбҳои фелянҳо, жирондиён ва якобиҳо оварда расонд. Таъсири назарраси ҳизбҳо ба сиёсат дар миёнаҳои асри XIX ба амал омад. Дар ин давра нахустин ҳизбҳои оммавӣ дар мамлакатҳое чун ИМА (соли 1828 – ҳизби демократӣ, соли 1854 – ҳизби ҷумҳуриявӣ) ва Британияи Кабир (соли 1850 – ҳизби либералӣ, соли 1867– ҳизби консервативӣ) пайдо шуданд. Дар дигар мамлакатҳо ҳизбҳои сиёсӣ дертар созмон ёфтанд.

**Ҳизби сиёсӣ иттиҳодияи ҷамъиятиест, ки вазифаи асосиаш иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа тавассути ташаккули иродаи сиёсии шаҳрвандон, ҳамчунин амалисозии ҳокимият ба воситаи намояндагони худ мебошад.**

Ҳизбҳои сиёсии ҳозира манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни аҳолиро ифода мекунанд: онҳоро ба узвият ва ҷонибдории худ ҷалб мекунанд; барои қисми муайяни ҷомеа барномаи сиёсии ҷолиб таҳия карда, дар мубориза барои ҳокимият ширкат меварзанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 28-и Конститутсия ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд аз он ҷумла моҳият (характер)-и демократидошта, динӣ ва атеистӣ бошанд. Тибқи моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” дар мамлакати мо танҳо ҳизбҳои сиёсии ҷумҳуриявӣ созмон ёфта метавонанд. Онҳо аз ҷониби шаҳрвандон озодона, бе ягон рухсат, дар анҷумани (конференсия, ҷамъомад) муассисон бо қабул кардани Оинннома ва ташкил намудани мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб созмон меёбанд.

Ҳизби сиёсӣ дар қаламрави мамлакати мо бояд аз тарафи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шавад. Барои гузаштан аз қайди давлатӣ ҳизбҳои сиёсӣ рӯйхати на камтар аз ҳазор нафар шаҳрвандони ҷонибдорро, ки сокинони аксар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ мебошанд, пешниҳод мекунанд. Дар Тоҷикистон амал кардани ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, аз ҷумла сохторҳои онҳо манъ аст.

Феълан дар Тоҷикистон 8 ҳизби сиёсӣ амал мекунанд: Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон, Ҳизби аграрии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон.

Мутобиқи моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” узвият ба ҳизби сиёсӣ танҳо бо баёни озодонаи иродаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст. Шаҳрвандоне узви ҳизби сиёсӣ шуда метавонанд, ки синнашон ба 18 расидааст.

Дар сурати аз ҷониби ҳизби сиёсӣ вайрон карда шудани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин аз мамлакатҳои хориҷӣ кӯмакҳои иқтисодию сиёсӣ гирифтани онҳо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қатъ кардани фаъолияти ғайриқонунӣ огоҳинома мебароранд. Агар ҳизб дар мӯҳлати даҳ рӯз талаботро дар бораи қатъ намудани фаъолияти ғайриқонунӣ иҷро накунад, фаъолияти он бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муддати то шаш моҳ метавонад қатъ карда шавад. Дар ҳолатҳои қатъиян муайянкардаи қонун пурра қатъ кардани фаъолияти ҳизб мумкин аст.

## 3.КАФОЛАТҲО ВА МАҲДУДИЯТҲОИ ҲУҚУҚИ МУТТАҲИДШАВӢ.

Ҳуқуқи муттаҳидшавии шаҳрвандон танҳо дар ҳолатҳои аниқ муқарраркардаи қонун маҳдуд карда мешавад. Дар қонунгузории мамлакатҳои гуногун аксаран маҳдудсозии ҳуқуқи мазкур дар шакли манъсозии таъсиси ҷамъиятҳои махфӣ, созмонҳои ҳарбикунонидашуда ва иттиҳодияҳои ҳадафҳояшон зиддиҷамъиятӣ дучор мешавад.

Чунончи, мутобиқи моддаи 8-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон "Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст".

Тибқи моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсие, ки ҳадафҳо ё фаъолияташон ба зӯран сарнагун кардани сохти конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ, тарғиби маҳалгароӣ, бадбинии миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ нигаронида шудаанд, манъ аст. Ҳизбҳои сиёсӣ ва аъзои онҳо дар фаъолияти сиёсии худ ҳақ надоранд, ки ташкилотҳои диниро истифода кунанд.

Ғайр аз ин, таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар мақомоти амнияти давлатӣ, корҳои дохилӣ, прокуратура, гумрук, полиси андоз, адлия, судҳо, Қувваҳои мусаллаҳ ва дигар ташкилотҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мактабҳои миёна ва таълимгоҳҳои олӣ роҳ дода намешавад.

Судҳо, прокурорҳо, хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, амнияти давлатӣ, полиси андоз, гумрук, адлия, ҳамчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа аъзои ҳизбҳои сиёсӣ шуда наметавонанд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқи муттаҳидшавӣ, гуногунандешӣ (плюрализм), иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизби сиёсӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Ҳуқуқи муттаҳидшавӣ чист? Ҳуқуқи муттаҳидшавӣ барои шаҳрвандон чӣ аҳамият дорад?*

*2.Зери мафҳуми “плюрализми сиёсӣ” чиро мефаҳманд?*

*3.Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллии таҳкимбахшандаи ҳуқуқи муттаҳидшавиро номбар кунед.*

*4.Иттиҳодияи ҷамъиятӣ чист? Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амал мекунанд?*

*5.Мисоли зеринро аз таҷрибаи судии Британияи Кабир бодиққат хонда, ба савол ҷавоб гӯед: “Маъмурияти яке аз роҳҳои оҳан гурӯҳи калони кормандонро аз кор озод кард. Сабаби ин ҳол бо вуҷуди мавҷудияти фишори кордиҳандагон аз ҷониби онҳо рад карда шудани узвият ба иттифоқҳои касабаи роҳиоҳанчиён гардид. Суд парвандаро баррасӣ намуда, қайд кард, ки аз кор озод кардан ё таҳдиди коргар баҳри бе ризқу рӯзӣ мондани ӯ ва аҳли оилааш шакли вазнини маҷбурсозӣ баҳри узвият ба иттифоқи касаба аст. Суд ба хулосае омад, ки чунин маҷбуркунӣ худи табиати муттаҳидшавии озоду ихтиёриро маҳв месозад”. Ба андешаи Шумо, оё дар ин ҳолат ҳуқуқи муттаҳидшавӣ вайрон карда шуд? Чаро шаҳрвандонро бар хилофи иродаи онҳо баҳри узвият ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ маҷбур кардан мумкин нест?*

*6.Ҳизби сиёсӣ чист? Ҳизбҳои сиёсӣ аз дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо чӣ фарқ мекунанд?*

*7.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чандсолагӣ узви ҳизби сиёсӣ шудан мумкин аст? Оё шаҳрвандони хориҷӣ аъзои ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон шуда метавонанд?*

*8.Пораи зерро аз Қонун бар зидди ташкил кардани ҳизбҳои нав, ки дар Олмонии фашистӣ соли 1933 қабул карда шуда буд, бодиққат хонед: “1. Дар Олмон ба сифати ҳизби сиёсии ягона Ҳизби миллӣ-сотсиалистии коргарӣ мавҷуд аст. 2. Агар ягон кас барои дастгирӣ намудани сохтори ташкилии ягон ҳизби дигаре ё баҳри таъсиси ҳизби нав тадбире андешад, вай бо нигоҳдорӣ дар девонахона ба мӯҳлати то 3 сол ё ҳабс кардан ба мӯҳлати аз 6 моҳ то 3 сол ҷазо дода мешавад”. Ба андешаи Шумо, чаро дар ин давраи таърихӣ дар Олмон таъсиси дигар ҳизбҳо манъ карда шуда буд?”.*

# §33. ҲУҚУҚИ ИШТИРОК ДАР МАҶЛИСҲО, ГИРДИҲАМОИҲО, НАМОИШҲО ВА РОҲПАЙМОИҲОИ ОСОИШТА

**1.ҲУҚУҚИ ИШТИРОК ДАР ҶАМЪОМАДҲО, МАҶЛИСҲО, НАМОИШҲО ВА РОҲПАЙМОИҲОИ ОСОИШТА: МАФҲУМ, ХУСУСИЯТҲО.** Ҳуқуқи иштирок дар маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта унсури муҳими ҳокимияти халқӣ, ҳуқуқи асосии сиёсии инсон ва шаҳрванд аст.

Ҳар инсон бояд имконият дошта бошад, ки фикри худро оид ба масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ ба таври инфиродӣ ё дастаҷамъӣ чорабиниҳои гуногуни оммавӣ ташкил карда ва гузаронида ва дар онҳо иштирок карда, баён карда тавонад. Ҳуқуқи иштирок дар чорабиниҳои

оммавиро шаҳрвандон чи ба манфиати рушди шахсияти худ, худифшосозӣ ва чи барои иштироки фаъолонаи худ дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ амалӣ гардонда метавонанд.

Чорабиниҳои оммавиро чи шаҳрвандон ва чи мақомоти ҳокимияти давлатӣ метавонанд ташкил кунанд, бинобар ин онҳо, чун қоида, ҳадафҳои зерин доранд: ё дастгирии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, ё эътироз ба амалҳо ва қарорҳои онҳо. Ҳамчунин онҳо бо мақсади ҷалб кардани таваҷҷуҳ ба масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии шаҳрвандон, худи мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, барои ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ гузаронида мешаванд. Чорабиниҳои мазкур ба ифодаи на танҳо ақидаҳои сиёсӣ дахл мекунанд, балки инчунин метавонанд талабҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дошта бошанд.

Бисёр вақт дар мамлакат чорабиниҳои оммавии барои тамоми аҳолӣ барҷаста гузаронида мешаванд, масалан, ҷашнвораҳо, зодрӯзи ходимони илм ва фарҳанг, санаҳои воқеаҳои таърихӣ ва сиёсӣ, ки моҳияти фарҳангӣ-сиёсӣ доранд. Аммо дар параграфи мазкур сухан дар бораи чорабиниҳои ифодакунандаи фаъолияти сиёсии шаҳрвандон меравад.

Ҳуқуқи иштирок дар маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта дар худ инҳоро фарогир аст: 1) ҳуқуқи ташкили чорабинии оммавӣ ва иштирок дар он; 2) ҳуқуқи аз давлат талаб кардани пешниҳоди ройгони фазои кушод (кӯчаҳо, майдонҳо, боғҳо ва ғайра) барои гузаронидани чорабиниҳо, паҳн кардани иттилоот дар ВАО, ҳамкориҳо дар ташкилу гузаронидани чорабиниҳо; 3) ҳуқуқ ба ҳимояи давлатӣ дар сурати зарурат.

Чорабиниҳои оммавиро дар шаклҳои гуногун гузаронидан мумкин аст, ки асоситаринашон инҳоянд: ҷамъомадҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, роҳпаймоиҳои осоишта, пикетҳо, манифестатсияҳо.

**Маҷлис – иштироки якҷояи шаҳрвандон дар ҷои қаблан муайяншуда [redacted] ва вақти қаблан муайянгардида барои муҳокимаи дастаҷамъӣ ва [redacted] масъала.**

Маҷлисҳо дар толорҳо, майдонҳо ва дигар ҷойҳо гузаронида мешаванд. Иштирокдорони ҷамъомад одатан қарор (резолютсия) қабул мекунанд.

**Гирдиҳамоӣ шакли мутташаккилии ифодаи афкори ҷамъиятӣ, дастгирии оммавии қарорҳо, талабот ва дигар мурочиатҳои шаҳрвандон аст, ки дар ҷой ва вақти қаблан муайяншуда гузаронида мешавад.**

Гирдиҳамоиҳо барои муҳокимаи масъалаҳои муҳими ҷамъиятӣ, аз ҷумла сиёсӣ, дастгирии ягон талабот, изҳори ҳамраъӣ ё эътироз оид ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ташкил карда мешаванд. Гирдиҳамоиҳо дар ҷои муайян гузаронида шуда, дар онҳо ҳамаи хоҳишмандон метавонанд суханронӣ кунанд, нуқтаи назари хешро оид ба масъалаҳое, ки сабаби ин чорабинӣ шудаанд, баён доранд.

**Намоиш шакли баёни мутташаккилонаю оммавӣ ва дастаҷамъонаю инфиродии афкор оид ба ҳама гуна масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ аст.**

Намоиш шакли нисбатан маъмули чорабиниҳои оммавӣ буда ва одатан оид ба ягон воқеаи муҳими хуш, ё барои баёни эътироз барпо гардида, роҳпаймоии оммавии намоишгарон бо шиорҳо, транспарантҳо ва плакатҳо аст. Одатан дар намоишҳо ҳазорон одамон иштирок мекунанд. Намоишҳо метавонанд бо гирдиҳамоиҳо огоз гарданд ва анҷом ёбанд. Яке аз гуногуннавъиҳои намоиш роҳпаймоӣ мебошад.

**Роҳпаймоӣ як навъи намоиш аст, ки бо роҳи ҳаракати шаҳрвандон бо маршрути қаблан муайяншуда сурат мегирад.**

Роҳпаймоӣ, чун қоида, шакли пиёда қадам зада, баён кардани фикру ақидаҳо аст, ки дар ин маврид гурӯҳи одамони ҳамфикри бо мақсади умумӣ муттаҳидшуда ба ҷои муайян, масалан, назди бинои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё манбаи хатари экологӣ ва ғайра ҷамъ омада, ин ҷо ҷамъомади начандон калон мегузаронанд. Иштирокдорони роҳпаймоӣ метавонанд ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ эътироз ё талабот пешниҳод кунанд, аз воситаҳои агитатсияи аёнӣ, асбобҳои аудиовизуалӣ истифода намоянд. Гуногуннавъии роҳпаймоиҳо гузаштан тавассути мавзеи аҳолинишин ва тамоми мамлакат аст.

**Пикет шакли ошкоро баён кардани афкори дастаҷамъӣ ё инфиродии шаҳрвандон бо роҳи ҷойгирсозии онҳо дар назди объекти пикетшаванда мебошад.**

Пикет гурӯҳи начандон калони одамон аст, ки бо плакатҳо ва транспарантҳо дар назди ягон объект, аксаран дар назди бинои мақомоти ҳокимияти давлатӣ рост меистанд, мешинанд ва ё ба таври ҳалқашакл ҳаракат мекунанд. Бар фарқият аз дигар шаклҳо пикетро як одам ҳам карда метавонад. Гуногуннавъии махсуси ташкили пикет шаҳрчаи хаймагӣ аст.

**Манифестатсия омезиши навъҳои гуногуни чорабиниҳои оммавӣ аст.**

На ҳамеша ҷамъшавии тасодуфии одамонро ҷамъомад ва аз ҷониби онҳо муҳокима шудани ягон масъаларо гирдиҳамоӣ номидан мумкин аст. Барои ин дар онҳо мавҷуд будани мақсадҳои якҷояи ҷамъиятӣ-сиёсӣ лозим аст. Ғайр аз ин дар хусуси чунин ҷамъомад бояд мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешакӣ хабардор карда шаванд. Аммо дар баъзе ҳолатҳо одамони тасодуфан ҷамъшуда метавонанд иштирокдори чунин чорабиниҳо шаванд. Масалан, соли 1961 дар шаҳри Берлин шаҳриён шоҳиди огози сохтмони девори Берлин гашта, ба он эътироз баён карданд ва ба ин тариқ, ташкилкунандагони гайриихтиёрии гирдиҳамоии зидди бунёди ин девор гаштанд.

***Ба андешаи Шумо, оё ҷамъшавии одамони мутаҳайир дар ҷои ба вуқуъ пайвастани садамаи нақлиётӣ дар роҳ, ё гурӯҳи шаҳриёнро, ки бегоҳӣ дар назди фаввораи муҷассамаи Исмоили Сомонӣ ҷамъ омада, истироҳат мекунанд, шакли оммавию ошкорои баёни афкор ҳисобидан мумкин аст? Ҷавоби худро далелнок созед.***

Ҷамъомадҳои оммавии осоишта метавонанд ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти байналхалқӣ бахшида шаванд. Чунин шакли чорабиниҳо аз нимаи дуюми асри XX маъмул гардиданд. Аҳолии бисёр мамлакатҳои ҷаҳон бо ин роҳ ба сиёсати ҷангҷӯёнаи ҳукуматҳои худ ё дигар давлатҳо эътироз баён мекунанд, ташаббусҳои ҷангҷӯёнаро маҳкум месозанд ва муборизаи халқҳои мамлакатҳои гуногунро барои истиқлолият дастгирӣ мекунанд.

Ҳуқуқи озодии ҷамъомадҳои осоишта дар ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон таҷассум ёфтаанд. Чунончи, ҳуқуқи мазкурро моддаи 20-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар таҳким бахшидааст, онро Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрандӣ ва сиёсӣ низ кафолат медиҳад, ки дар моддаи 21-умаш омадааст: "Ҳуқуқ ба ҷамъомадҳои осоишта эътироф карда мешавад".

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳуқуқи иштироки ҳар касро дар ҷамъомадҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта кафолат додааст.

> **Шаҳрванд ҳақ дорад дар маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоии осоишта, ки қонун муқаррар кардааст, ширкат варзад. Ҳеҷ касро ба ин тадбирҳо маҷбуран ҷалб кардан мумкин нест.**
>
> *Моддаи 29-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Ҳуқуқи иштирок дар ҷамъомадҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта бар фарқият аз дигар ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ на танҳо ба шаҳрвандони мамлакат тааллуқ дорад, балки онро шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа низ метавонанд амалӣ гардонанд. Ҳуқуқи мазкур мутлақ набуда, онро метавон танҳо дар асоси қонун маҳдуд кард.

## 2.ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲУҚУҚИ ИШТИРОК ДАР ҶАМЪОМАДҲО, ГИРДИҲАМОИҲО, НАМОИШҲО ВА РОҲПАЙМОИҲОИ ОСОИШТА

Ҳуқуқи шаҳрвандон ба гузаронидани ҷамъомадҳои осоишта бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта" (соли 1998) ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст.

Мутобиқи моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта" шаҳрвандон ҳақ доранд дар маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоиштаи муқарраркардаи қонун иштирок намоянд. Ҳеҷ

касро ба ин тадбирҳо маҷбуран ҷалб кардан мумкин нест. Тибқи моддаи 4-и қонуни мазкур шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа аз озодии иштирок дар намоишҳо баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонуни мазкур, ба истисноi ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузории амалкунанда, истифода мебаранд. Масалан, ба чунин ҳолатҳои истисноӣ манъи истифодаи васоити моддӣ-техникӣ ва пулии шаҳрвандони хориҷӣ барои таъмини гузаронидан ва маблағгузории намоишҳо дохил мешавад.

Мувофиқи моддаи 6-и қонуни мазкур ташкилотчиёни ҷамъомадҳои осоишта метавонанд ҳар шаҳрванд ё гурӯҳи шаҳрвандон, ҳамчунин ҳизби сиёсӣ ё иттиҳодияи ҷамъиятӣ бошанд. Ашхоси аз ҷониби суд ғайри қобили амал ё қисман ғайри қобили амал эътирофшуда, ҳамчунин ашхоси дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳдошташаванда ташкилотчиёни намоишҳо шуда наметавонанд.

Кӯдакони ноболиғ ва хурдсоли ҳамроҳи волидонашон дар ҷамъомадҳои оммавии осоишта иштироккунанда, албатта, ба ташкили чунин чорабиниҳо ҳақ надоранд. Вале бо вуҷуди ин давлат вазифадор аст, ки амнияти онҳоро таъмин намояд.

***Ба фикри Шумо, оё хизматчиёни давлатӣ ҳақ доранд, ки дар ҷамъомадҳои осоишта иштирок кунанд?***

Ташкилотчиёни ҷамъомадҳои осоишта вазифадоранд, ки дар ин хусус на дертар аз 15 рӯзи санаи муайяншуда роҳбарияти вилоят, шаҳр, ноҳияро дар бораи гузаронидани чунин чорабинӣ ба таври хаттӣ хабардор созанд.

Намоишҳоро аз соати 8 то соати 20 дар ҳама гуна ҷойҳои барои ин мақсад имконпазир, ба истисноi ҷойҳое, ки истифодаи онҳо маҳдуд ё манъ карда шудааст, гузаронидан мумкин аст. Мувофиқи моддаи 10-и қонуни зикршуда ҷойҳое, ки гузаронидани намоишҳо дар онҳо манъ аст, инҳо шуда метавонанд: ҳудудҳо, биноҳо, иншооте, ки амнияти шаҳрвандонро таъмин намекунанд; ҷойҳои наздики истеҳсолот ва иншооти хатаровару зарарнок; ҷойҳои пайвасти роҳҳои оҳан ва роҳҳои мошингард, пулҳо, пулҳои болои ҳам, хатҳои ҷудосозандаи роҳҳои оҳан, хатҳои нафту газгузар ва хатҳои барқи баландшиддат, ис-




**Расми 31. Ҳуқуқи иштирок дар маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта**

тгоҳҳои баркӣ, объектҳое, ки дар онҳо хавфи сӯхтору таркиш калон аст; ёдгориҳои таърих ва фарҳанг, қабристонҳо ва иншооти динӣ, мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳо ва боғҳои миллӣ, зиёратгоҳҳо.

Гузаронидани намоишҳо дар назди биноҳое, ки дар онҳо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷойгир шудаанд, ба кори мӯътадили ин мақомот набояд халал расонанд.

Дар қонун ҳуқуқҳо ва вазифаҳои ташкилотчиёни ҷамъомадҳои осоишта, боздоштан ва анҷом додани намоишҳо бо талаби намояндагони мақомоти корҳои дохилӣ, иштироки ихтиёрии шаҳрвандон дар намоишҳо, таъмини шароитҳо барои гузаронидани намоишҳо, кафолатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон бобати озодона баён кардани фикри худ ҳангоми гузаронидани намоишҳо ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани тартиби ташкилу гузаронидани намоишҳо нишон дода шудаанд.

Ҷамъомадҳои оммавие осоишта ҳисобида мешаванд, ки моҳияти зӯроварона надоранд ва ба чунин амалҳо водор намесозанд. Дар вақти гузаронидани намоишҳо ба иштирокдорони он ҳамроҳи худ доштани силоҳ, чизҳои махсус тайёркарда ё мувофиқгардонидашудае, ки онҳоро бар зидди ҳаёт ва саломатии одамон, инчунин зараррасонӣ ба моликияти корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон истифода кардан мумкин аст, манъ карда мешавад. Бояд гуфт, ки ашёи ҳифзкунандаи бадан ва либос, масалан, тоскулоҳ, айнакҳои муҳофизатӣ, дастпӯшакҳо ва ғайра силоҳ ҳисобида намешаванд.

Дар вақти гузаронидани намоиш иштирокдорони он бояд тартиботи ҷамъиятӣ ва тартиби муқарраркардаи ташкилотчиёни намоишро риоя кунанд. Дар сурати вайрон карда шудани тартибот аз ҷониби як нафар ё гурӯҳи одамон онҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, вале ин чунин маънӣ надорад, ки бетартибиҳо сар шудаанд, яъне моҳияти осоиштагии ҷамъомад ё намоиш ба ин сабаб тағйир намеёбад. Дар ҳама ҳолат давлат вазифадор аст ҳимояи иштирокдорони ҷамъомади осоишта ва онҳоеро, ки дар чунин ҷамъомад иштирок надоранд, таъмин намояд. Нигоҳдории тартибот дар вақти чорабиниҳои оммавӣ ба зиммаи мақомоти корҳои дохилӣ ва ташкилкунандагони чорабинӣ вогузошта мешавад.

**3.МАҲДУДИЯТҲОИ ҲУҚУҚИ ИШТИРОК ДАР МАҶЛИСҲО, ГИРДИҲАМОИҲО, НАМОИШҲО ВА РОҲПАЙМОИҲОИ ОСОИШТА.** Амалисозии ҳуқуқ ба чорабиниҳои оммавӣ бо маҳдудиятҳои муайян алоқаманд аст. Вай набояд ҳуқуқ ва озодиҳои дигар одамонро халалдор созад. Истифодаи ҳуқуқи мазкур барои зӯран дигаргун намудани сохти конститутсионӣ, барангехтани бадбинии нажодӣ, миллӣ, динӣ, тарғиби зӯроварӣ ва ҷанг манъ аст.

Мувофиқи моддаи 15-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта” гузаронидани чорабинии оммавӣ дар ҳолатҳои муайян манъ карда мешавад:

1) агар мақсадҳои намоиши дар назарбуда тарғиби амал ва ё худи амал бо Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шуда бошанд;

2) агар гузаронидани он дар ҷое ба нақша гирифта шавад, ки қаблан барои гузаронидани чорабинии дигар дархост шудааст, инчунин вақте ки қаблан барои гузаронидани чорабинии дигар дархост шудааст, ё дар ҳоле, ки барои гузаронидани намоишҳо манъ ё маҳдуд карда шудааст;

3) агар он барои ҳаракати нақлиёт ва шаҳрвандон халали рафънашаванда расонад ё расонида тавонад, ё ба боздошта шудани кори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои марбут ба таъмини ҳаёти аҳолӣ хавф дошта бошад;

4) агар он барои ҳаёт, саломатӣ ва амнияти шаҳрвандон таҳдиди воқеӣ ба бор орад, ҳамчунин ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии онҳоро халалдор созад;

5) агар он бо вайрон кардани муқаррароти қонуни мазкур гузаронида шавад.

Аммо аз болои қарори мақомоти давлатӣ дар бораи манъ кардани гузаронидани ҷамъомади осоишта мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд шикоят кардан мумкин аст. Чунин шикоятро суд бояд дар бадали се рӯз баррасӣ намояд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред**: *ҷамъомад, маҷлис, гирдиҳамоӣ, маҷлис, намоиш, роҳпаймоӣ, пикет, манифестатсия.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1) Ҳуқуқи иштирок дар маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта чӣ маънӣ дорад? Барои шаҳрвандон амалисозии ин ҳуқуқ чӣ аҳамият дорад?*

*2) Оё шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқ доранд, ки дар ҷамъомадҳои осоишта иштирок кунанд?*

*3) Шаклҳои ба Шумо маълуми гузаронидани чорабиниҳои оммавиро номбар кунед. Шарҳ диҳед, ки маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, пикетҳо аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?*

*4) Кадом санадҳои ба Шумо маълуми байналмилалӣ ва миллӣ ҳуқуқи ҷамъомадҳои осоиштаро кафолат медиҳанд?*

*5) Ба фикри Шумо, барои чӣ ташкилотчиёни намоишҳо вазифадоранд, ки мақомоти ҳокимияти давлатиро дар хусуси гузаронидани чунин чорабинӣ пешакӣ хабардор намоянд?*

*6) Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кадом ҷойҳо гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ манъ аст?*

*7) Оё ҳуқуқҳои шаҳрвандонро бобати иштирок дар маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта маҳдуд кардан мумкин аст?*

# §34. ҲУҚУҚИ ОЗОДИИ СУХАН, МАТБУОТ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ АХБОР

**1.МАФҲУМ ВА АҲАМИЯТИ ҲУҚУҚИ ОЗОДИИ СУХАН, МАТБУОТ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ АХБОР.** Байни ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии шаҳрвандон озодии сухан мавқеи махсусро ишғол карда, яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои конститутсионии инсон маҳсуб мешавад.

Озодии сухан аз назорати идеологии давлат озод будани ҳар кас, имконияти ошкоро (хаттӣ, шифоҳӣ, бо истифодаи воситаҳои ахбори омма) баён кардани фикри худро оид ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва фаъолияти давлат дар назар дорад.

Ҳар инсон дар ҷомеа оид ба ин ё он проблема фаҳмиши худро дорад, метавонад дар бораи моҳияти онҳо, ҷанбаҳои гуногун, роҳҳои ҳаллашон андешаҳои худро баён созад. Дар ҳар ҷомеа ҳамеша нуктаҳои назари мухолиф буда метавонанд. Плюрализми (бисёр будани) андешаҳо яке аз шартҳои рушду барқарории давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аст, зеро имконият медиҳад, ки муваффақиятҳо ва камбудиҳои равандҳои дар давлат ва ҷомеа баамалоянда нишон дода, таваҷҷӯҳ ба пешниҳодҳои мушаххаси шаҳрвандон оид ба тағйир додани вазъият, аз ҷумла бобати таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии одамон, равона карда шавад.

Озодии сухан якчанд унсурро дар бар мегирад, ки бо ҳам зич алоқаманд буда, дар ягонагии ногусастанӣ арзи вуҷуд мекунанд:

1) озодии ҳар одам барои ошкоро баён кардани фикр, ғояҳо ва андешаҳои худ ва тарғиби онҳо бо ҳамаи усулҳои қонунӣ;

2) озодии матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма аз сензура ва ҳуқуқи шаҳрвандон бахри таъсис додан ва истифода кардани мақомоти иттилоотӣ;

3) озодии дастрасӣ ба манбаҳои иттилоот ё ҳуқуқи гирифтани иттилооте, ки манфиати ҷамъиятӣ дошта, ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дахл доранд.

**Воситаҳои ахбори омма (ВАО) рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, бюллетенҳо ва дигар нашрияҳои даврии барои тарғиби ошкоро пешбинишуда, ҳамчунин намоишҳои телевизионӣ ва барномаҳои радио, хроникаи кино, хабарҳои агентиҳои иттилоотӣ, сабтҳо ва барномаҳои аудио ва аудиовизуалӣ мебошанд.**

Озодии матбуот ва истифодаи воситаҳои ахбори омма дар ҳар давлати демократии замони ҳозира кафолат дода мешавад.

? *Васоити ахбори оммаи ба Шумо маълуми дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаро ба хотир оред ва номбар кунед.*

Озодии сухан, матбуот ва ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор на танҳо ба шаҳрвандони мамлакат, балки шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа низ тааллуқ доранд.

Озодии сухан, матбуот ва ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор ба ҳуқуқҳои "насли якум" мансубанд. Стандартҳои ҳозираи байналмилалии ҳуқуқҳои инсон ин ҳуқуқро таҳким бахшидаанд. Чунончи, мутобиқи моддаи 19-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар "ҳар як инсон ба озодии ақида ва баёни озодонаи он ҳақ дорад, ин ҳуқуқ бемамониат нигоҳ доштани ақидаи худ, озодона, бо ҳар восита ва сарфи назар аз сарҳади давлатӣ ҷустуҷӯ, дастрасу интишор намудани маълумоту ғояҳоро дар бар мегирад".

Моддаи 19-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ низ ба ҳамин ҳуқуқ бахшида шудааст: "1. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки ақидаҳои худро бемамониат пайравӣ намояд. 2. Ҳар як инсон ба изҳори озодонаи ақидаи худ ҳақ дорад; ин ҳақ озодии ҷустуҷӯ кардан, ба даст овардан ва паҳн намудани ҳама гуна маълумот ва ғояро, сарфи назар аз марзҳои давлатӣ, шифоҳӣ, хаттӣ, ё тавассути матбуот ё шаклҳои бадеии изҳор ё дигар усулҳо бо интихоби худ дар бар мегирад".

Ба ин тариқ, озодии сухан, матбуот ва ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор ҳуқуқи муҳимтарини сиёсӣ ба шумор меравад ва бе таъмини он сохти демократии давлат ғайри имкон аст.

**2.КОНСТИТУТСИЯ ВА ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ОЗОДИИ СУХАН, МАТБУОТ ВА ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ АХБОР.** Озодии сухан, матбуот ва ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахборро Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад.

> **Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад.**
>
> ***Моддаи 30-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.***

Ин нишондоди Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҷузъ ба ҷузъ дар қонунгузории ҷории ҷумҳурӣ, масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма"-и соли 1990 (бо тағйироти соли 2002), дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сирри давлатӣ" (соли 2003) ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба тартиб оварда шудаанд.,

Мутобиқи моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи матбуот ва диғар воситаҳои ахбори омма" матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон озоданд. Ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ҳуқуқ дорад ақидаю афкори худро озодона баён кунад, онҳоро дар ҳар шакл дар матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма тарғиб намояд. Мувофиқи моддаи 27-и қонуни мазкур шаҳрвандон барои фавран гирифтани маълумоти боэътимод дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ,

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор тавассути воситаҳои ахбори омма ҳақ доранд. Ташкилотҳои давлатӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ҳаракатҳо ва шахсони мансабдор вазифадоранд, ки маълумоти барои воситаҳои ахбори омма заруриро пешниҳод кунанд.

Ҳуқуқи таъсиси воситаҳои ахбори оммаро ҳукуматҳои маҳаллӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳои оммавӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, иттиҳодияҳои кооперативӣ, динӣ ва дигар иттиҳодияҳои шаҳрвандон, ҳамчунин ашхоси алоҳидаи ба синни 18 расида доранд. Аммо инҳо муассисони ВАО шуда наметавонанд: шаҳрвандони ба синни 18 нарасида ё мувофиқи тартиботи муқарраркардаи қонун ғайри қобили амал ё қисман ғайри қобили амал эътирофшуда, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки фаъолияташон бо қонун манъ шудааст; шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа.



**Расми 32. Сензура манъ аст**

Ҳамаи ВАО дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз қайд гузаронида шуда бошанд. Дар мамлакати мо фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ иҷозат дода мешавад.

Муқаррароти зерини дар моддаи 30-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин моддаи 2-и қонуни зикргардида таҳкимбахшидашуда муҳим аст: "Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст".

**Сензура назорати ҳокимияти расмӣ ба мундариҷа, интишор ва пахн кардани маводи чопӣ, мундариҷа ва иҷрои (намоиш додани) намоишҳои саҳнавӣ, барномаҳои радио-телевизион бо мақсади роҳ надодан ё маҳдуд кардани паҳншавии ғояҳо ва маълумотҳоест, ки ғайри қобили қабул ва зараровар эътироф мешаванд.**

Дар даврони шӯравӣ муассисае бо номи "Идораи адабӣ" (Главлит) мавҷуд буд, ки маводи илмӣ, бадеӣ, мақолаҳо, барномаҳои радио ва телевизионро ҳамаҷониба аз назар мегузаронд. Ҳамаи ин мавод, агар дар онҳо ягон фикри мухолифи идеологияи расмии давлат бошанд, чоп ва пахш карда намешуданд. Яъне озодии афкор ва сухан маҳдуд буд.

Дар Тоҷикистони ҳозира сензура дар ҳамаи шаклҳо манъ аст, ки ин аз ҷониби давлат кафолат дода шудани озодии сухан ва озодии воситаҳои ахбори омма мебошад.

**3. МАҲДУДИЯТИ ОЗОДИИ СУХАН, МАТБУОТ ВА ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ АХБОР.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма" баробари ба воситаҳои ахбори омма додани ҳуқуқи озодона амал кардан баъзе маҳдудиятҳои озодии сухан ва матбуотро низ таҳким бахшидааст.

Дар моддаи 6-и қонуни мазкур омадааст, ки нашр кардани маълумотҳое, ки сирри давлатӣ ё ягон сирри бо қонун ҳимояшаванда мебошанд, даъватҳои зӯроварона сарнагун сохтан ё дигар кардани сохти конститутсионӣ, пастзанандаи шаъну эътибори давлат ва Президент, тарғиби ҷанг, зӯроварӣ ва бераҳмӣ, терроризм дар ҳамаи шаклҳои зуҳуроти он, истисно ё бадбинии нажодӣ, миллӣ ва динӣ, порнография, даъватҳои содир кардани кирдорҳои чун ҷиноят ҷазододашаванда дар воситаҳои ахбори омма манъ аст.

Ҳамчунин истифодаи воситаҳои ахбори омма барои дахолат кардан ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон, таарруз ба шарафу эътибори онҳо манъ буда, бо қонун таъқиб карда мешавад. Ҳар як журналист вазифадор аст, ҳуқуқҳо, манфиатҳои ҳуқуқӣ, эътибори миллии шаҳрвандон, ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии ташкилотҳоро эҳтиром намояд.

Зарари маънавии ба шаҳрванд расонидашуда дар натиҷаи дар ВАО паҳн кардани маълумотҳои ноҳақи доғдоркунандаи шаъну эътибори шаҳрванд, ё зарари дигари ба ӯ расонидашуда бо қарори суд таллофӣ карда мешавад.

Маҳдудсозии озодии сухан, матбуот ва ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор дар ҳолатҳое,ки агар маълумот ва иттилоот сирри давлатиро ташкил диҳанд ва агар дар мамлакат вазъияти фавқулодда эълон шуда бошад, раво аст.

Мувофиқи моддаи 30-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи маълумотҳое, ки сирри давлатиро ташкил медиҳанд, бо қонун муайян карда мешавад.

> **Сирри давлатӣ маълумотҳои ҳифзкунандаи давлат дар соҳаи мудофиа, иқтисодиёт, муносибатҳои беруна, амнияти давлатӣ ва ҳимояи тартиботи ҳуқуқӣ мебошанд, ки паҳн кардани онҳо ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонида метавонанд.**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сирри давлатӣ" (соли 2003) номгӯи маълумотҳоеро, ки ба сирри давлатӣ мансубият доранд, таҳким бахшидааст. Масалан, дар соҳаи мудофиа – дар бораи силоҳҳо ва таъминоти моддӣ-техникии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра; дар соҳаи иқтисодиёт – дар бораи истифодаи нақлиёт, алоқа, дигар соҳаҳо ва объектҳои инфраструктураи мамлакат ба манфиати таъмини амнияти он, дар бораи захираҳои металлҳо, сангҳои қиматбаҳо, асъор ва дигар арзишҳо, амниятҳои марбут ба тайёр кардани нишонҳои пулӣ ва қоғазҳои қиматнок ва ғайра; дар соҳаи муносибатҳои беруна – дар бораи содирот ва воридоти силоҳҳо, техникаи ҳарбӣ, навъҳои

алоҳидаи стратегии ашёи хом ва маҳсулот ва ғайра; дар соҳаи амнияти давлатӣ ва ҳимояи тартиботи ҳуқуқӣ – дар бораи ташкил ва тартиби амалисозӣ ва хифзи мақомоти олии ҳокимияти қонунбарор ва ҳокимияти иҷроия, муассисаҳои давлатии бонкӣ ва ашхоси дорои мансаби олии давлатӣ, дар бораи низоми алоқаи ҳукуматӣ ва махсус ва ғайра.

Маълумотҳои зерин ба сирри давлатӣ тааллуқ надоранд: 1) дар бораи офатҳои табиӣ, фалокатҳо ва дигар воқеаҳои фавқулодда, ки ба амал омадаанд ё ба амал меоянду ба амнияти шаҳрвандон таҳдид мекунанд; 2) дар бораи ҳолати муҳити зист ва саломатии аҳолӣ, дараҷаи зиндагии он бо фарогирии ғизо, либос, манзил, хизматрасонии тиббӣ ва таъминоти иҷтимоӣ, ҳамчунин дар бораи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-демографӣ, вазъияти тартиботи ҳуқуқӣ, маърифат ва фарҳанги аҳолӣ; 3) дар бораи амалҳои ғайриҳуқуқии мақомоти давлатӣ  ва шахсони мансабдор.

Дастрасӣ ба сирри давлатӣ ба шаҳрвандони қобили амали ба синни 18 расидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он ба онҳо ба сабаби фаъолияти хидматӣ ё илмӣ- таҳқиқотиашон зарур аст ва барои ин тибқи муқарраротӣ пешбининамудаи қонуни мазкур рухсатномаи мувофиқ ба расмият даровардa шудааст, мумкин аст.

Ба шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа дастрасӣ ба сирри давлатӣ дар ҳолатҳои истисноӣ дар асоси созишномаҳои байналмилалӣ ё рухсати хаттии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин мебошад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *озодии сухан, матбуот ва ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор, ВАО, сензура, сирри давлатӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Озодии сухан, матбуот ва ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор чист? Амалисозии ҳуқуқи мазкур барои инсон ва шаҳрванд чӣ аҳамият дорад?*

*2. Файласуф ва маорифпарвари франсавӣ Волтер навиштааст: "Бе озодии баёни фикри худ одамон ҳеҷ гуна озодие  надоранд". Ба андешаи Шумо, файласуф чиро дар назар дорад?*

*3. Тасаввур кунед, ки дар ҷомеа озодии сухан амалӣ мешавад, аммо кафолатҳои озодии матбуот нест. Оё дар ин ҳолат озодии сухан ба таври воқеӣ амалӣ шуда метавонад? Нуқтаи назари худро далелнок созед.*

*4. Санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии таҳкимбахшандаи озодии сухан ва матбуотро номбар кунед.*

*5. Оё кӯдак метавонад муассиси воситаҳои  ахбори оммаи кӯдакона бошад?*

*6. Сензура чист? Оё он дар Тоҷикистони имрӯза амалӣ мешавад?*

*7. Дар кадом ҳолатҳо маҳдудияти озодии сухан ва матбуот раво аст?*

*8. Сирри давлатӣ чист? Кадом маълумотҳо сирри давлатианд?*

# §35. ҲУҚУҚИ МУРОҶИАТ КАРДАН БА МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ

**1.ҲУҚУҚИ МУРОҶИАТ КАРДАН: МАФҲУМ, ХУСУСИЯТҲОИ АМАЛИШАВӢ.** Ҳуқуқи муроҷиат кардан ба мақомоти давлатӣ ё ҳуқуқи петитсия яке аз ҳуқуқҳо ва озодиҳои сиёсии инсон ва шаҳрванд, омили муҳими рушди демократии мамлакат мебошад. Муроҷиат (петитсия) шакли махсуси таъсиррасонӣ ба равандҳои идоракунӣ дар давлат аст. Онҳо ба мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ирсол карда шуда, як навъ на танҳо усули барқарорсозии ҳуқуқи вайроншудаи шаҳрванд, балки инчунин шакли иштироки сиёсӣ дар ҳалли корҳои оммавӣ мебошанд.

Амалишавии ҳуқуқи муроҷиат кардан инкишофи ташаббуси шахсӣ ва манфиатдории шаҳрвандро ҳангоми ҳалли масъалаҳои характери давлатӣ ва ҷамъиятӣ дошта дар назар дорад. Чун қоида, тартиби дидан, баррасии муроҷиат ва қабули қарорҳоро аз рӯи он қонунгузории мамлакат муайян менамояд.

Ҳуқуқи муроҷиат кардан ба шахс имконияти фиристодани шикоят, ариза ва пешниҳодотро ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, аз ҷумла ба суд, фароҳам меорад. Маънии шикоятҳо аксаран талабот бобати бартарафсозии вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс аст, ки дар натиҷаи амали (беамалии) ғайриқонунии шахсони мансабдор ба амал омадааст. Дар муроҷиатномаҳо инчунин на танҳо манфиатҳои қонунии шаҳрванд, балки манфиатҳои ҷамъиятӣ, талаби баҳодиҳӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё воқеаҳои ҷудогонаи ҳаёти ҷамъиятӣ метавонанд ифода гарданд.

Ҳуқуқи муроҷиат карданро на танҳо шаҳрвандони мамлакат, балки шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа низ амалӣ гардонда метавонанд, масалан, муроҷиат бо ариза дар хусуси қабул кардан ба шаҳрвандӣ.

Муроҷиатҳо метавонанд инфиродӣ ва дастаҷамъона, шифоҳӣ ва хаттӣ бошанд. Шикояти инфиродӣ одатан манфиатҳои шахси алоҳидаро инъикос мекунад, вале дар он ба манфиатҳои дигарон низ дахл кардан мумкин аст. Масалан, сокини шаҳри Душанбе Н.Д.Шоймуродов ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо шикоят дар ин хусус муроҷиат кард, ки вақтҳои охир соҳибони нақлиёти мусофиркашонӣ бе сабабҳои асоснок нархи роҳкироро хеле баланд бардоштаанд. Муроҷиати мазкур инфиродӣ аст, вале он ба манфиати аксари шаҳрвандон дахл мекунад.

Муроҷиати дастаҷамъона метавонад масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва шаҳрвандони онро фаро гирад. Одатан дар зери онҳо одамони зиёде имзо мегузоранд. Масалан, зери бинои баландошёнае дар хиёбони Рӯдакӣ қаҳвахонае кушода шуд. Ин ҷо ҳар рӯз то поси шаб мусиқии баланд садо медиҳад ва ин амал барои истироҳати сокинони бино халал мерасонад. Соҳиби қаҳвахона хоҳишу огоҳиҳои чандинкаратаи сокинони биноро ба эътибор намегирад. Дар натиҷа онҳо маҷбур шуданд бо шикояти дастаҷамъона ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ муроҷиат карда,

талаб намоянд, ки соҳиби қаҳвахона тартиботи муқарраркардаи қонунро риоя кунад ва мусиқии баландро баъди соати 22 хомӯш намояд.

Ҳар як шикоят аз ҷониби роҳбар ё шахси мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, корхона, ташкилот бояд баррасӣ шавад. Аммо на ҳамаи онҳо имконият доранд, ки ҳамаи шаҳрвандони шикоятдоштаро шахсан қабул кунанд, бинобар ин дар назди мақомоти ҳокимияти давлатӣ бисёр вақт раёсат ё шуъбаҳои махсуси баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон амал мекунанд.

Ҳуқуқи мурочиат кардани инсон бо дигар ҳуқуқ ва озодиҳо алоқаманд аст, зеро ҳимояи онҳоро кафолат медиҳад. Ҳуқуқи мурочиат кардан мутлақ аст ва ҳатто дар шароити вазъияти фавқулодда ҳам маҳдуд карда намешавад.

**2. ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲУҚУҚИ МУРОҶИАТ КАРДАН.** Ҳуқуқи мурочиат кардан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким бахшида шудааст.

**Шаҳрванд ҳақ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ мурочиат намояд.**

*Моддаи 31-и Конститутсияи (Сарқонуи) Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон” (соли 1996) низ ҳуқуқи мурочиат кардани шаҳрвандони мамлакат ва шаҳрвандони хориҷию ашхоси бетабааро кафолат медиҳад. Мутобиқи моддаи 1-и қонуни мазкур шаҳрвандон ҳақ доранд шахсан ё якҷоя бо дигарон, ё ба воситаи намояндагони ваколатдори худ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдор, ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, ки ба салоҳияти онҳо ҳалли масъалаҳои дар мурочиат ба миёнгузоштташуда дохил мешаванд, мурочиат намоянд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон” навъҳои зерини мурочиатро таҳким мебахшад:

**Пешниҳодот** мурочиати ба беҳбуди фаъолияти мақомоти давлатӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо нигаронидашудаи шаҳрвандон аст.

**Ариза** мурочиати шаҳрвандон бобати бартарафсозии ҳуқуқвайронкуниҳои ба онҳо маълумгашта ё хоҳиши амалисозии ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо мебошад.

**Шикоят** мурочиат бо талаби барқарорсозии ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон аст, ки бо амал/беамалӣ, ё қарорҳои мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, ҳамчунин ашхоси мансабдори онҳо вайрон карда шудаанд.

Дар мурочиатҳо бояд фамилия, ном, суроғаи шаҳрванд, моҳияти

пешниҳодот, ариза ё шикоятҳо нишон дода шаванд. Мурочиатҳое, ки дар онҳо насаб, ном ва маълумотҳо оид ба ҷои истиқомат нестанд, ё онҳо бо воқеият мувофиқат намекунанд, анонимӣ (номаи номаълум) маҳсуб шуда, баррасӣ намегарданд. Шикоятҳо ва аризаҳои мувофиқи тартиботи муқарраршуда пешниҳодгардида бояд ҳатман баррасӣ шаванд. Рад кардани қабули шикоятҳо ва аризаҳо манъ аст.

Шаҳрванди бо шикоят ба мақомоти давлатӣ, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, корхона, муассиса, ташкилот мурочиаткарда ҳақ дорад: ба шахси тафтишкунандаи шикоят далелҳоро шахсан баён созад; бо маводи тафтишот шинос шавад; маводи иловагӣ пешниҳод намояд ё дар бораи онҳоро талаб кардани мақомоти шикоятро баррасикунанда дархост кунад; аз хизмати адвокат ё шахси дигар истифода намояд; дар бораи натиҷаҳои баррасии шикоят ҷавоби хаттӣ гирад; мувофиқи тартиботи муқаррargардида ҷуброн кардани зарарро аз шахсони гунаҳкор талаб намояд; дар сурати розӣ нашудан бо қарори қабулшуда ба мақомоти судӣ шикоят кунад.

Мурочиати шаҳрвандон дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи ворид шуданашон ва мурочиатҳое, ки омӯзишу тафтиши иловагиро талаб намекунанд, дар муддати на дертар аз 15 рӯз бояд баррасӣ гарданд. Дар ҳолатҳое, ки барои ҳалли ариза ё шикоят гузаронидани тафтиши махсус зарур аст, мӯҳлати баррасӣ метавонад дароз карда шавад, вале он набояд аз ду моҳ зиёд бошад.

Шаҳрвандон барои додани аризаҳо ва шикоятҳои тӯҳматангезу таҳқиркунанда, ҳамчунин даъвои барангезандаи хусумати миллию динӣ ва дигар кирдорҳои мувофиқи тартиботи ҷиноятӣ ҷазододашаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон” таъқиби шаҳрвандон ба сабаби мурочиат ва маҷбурсозии онҳоро барои иштирок дар амалҳои ҳимоякунандаи ягон мурочиат манъ мекунад.

Кормандони мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо дар мавридҳои ғайриқонунӣ рад кардани баррасии мурочиат; бе сабабҳои узрнок вайрон кардани мӯҳлати баррасии мурочиатҳо; қабули қарори асоснадоштаи мухолифи қонун; паҳн кардани маълумотҳои сирри давлатӣ ё ягон сирри дигар маҳсубшаванда, ё иттилооти бо қонун ҳимояшаванда дар бораи ҳаёти шахсии шаҳрвандон, инчунин дигар иттилоот, агар онҳо ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро маҳдуд созанд, гунаҳкор дониста, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Назорати риояи қонунгузорӣ дар бораи мурочиати шаҳрвандон ба зиммаи Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи ӯ вогузошта шудааст.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқи мурочиат ва пешниҳод кардан, ариза додан, шикоят намудан.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Ҳуқуқи муроҷиат кардан чист? Амалисозии ҳуқуқи мазкур барои инсон чӣ аҳамият дорад?*

*2.Оё шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бетабаа ҳуқуқи муроҷиат кардан доранд?*

*3.Навъҳои ба Шумо маълуми муроҷиат карданро номбар кунед. Мисолҳо биёред.*

*4.Кадом санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи муроҷиат карданро кафолат медиҳанд?*

*5.Фикр кунед ва мисолҳои муроҷиати инфиродию дастаҷамъиро оред.*

*6.Қонунгузории Тоҷикистон барои баррасии шикоят чӣ гуна мӯҳлат муқаррар кардааст?*

*7.Ба фикри Шумо, одамон вақти пешниҳод кардани шикоят ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми баррасӣ ва баровардани қарор оид ба шикоят бо чӣ душвориҳое дучор омада метавонанд?*

# БОБИ 11
# ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДӢ

## §36. ТАВСИФИ УМУМИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДӢ

**1. ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДӢ: МАФҲУМ, МУНДАРИҶА.** Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ гурӯҳи махсуси ҳуқуқҳои инсон мебошанд, ки дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ амалӣ мешаванд; дар соҳаи меҳнат ва моликият, яъне дар соҳаи иқтисодии фаъолияти ҳаётии ҷомеа ва давлат вусъат пайдо мекунанд.

Ҳуқуқҳои иқтисодӣ ҳуқуқҳои асосии аз ҷониби умум эътирофшудаи инсон мебошанд. Онҳо универсалӣ, ҷудонопазир, тақсимнашаванда буда, чун қоида, аз лаҳзаи таваллуд пайдо мегарданд ва ба соҳибияти инсон ба неъматҳои ҳаёти иқтисодӣ, озодиҳо дар соҳаи муносибатҳои хоҷагидорӣ ва меҳнатӣ нигаронида мешаванд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ ба ҳамаи одамон: шаҳрвандон, хориҷиён, ашхоси бетабаа ва дигарон кафолат дода мешаванд. Гурӯҳи мазкури ҳуқуқ ва озодиҳо мақоми инсонро ҳамчун иштирокдори фаъолияти иқтисодӣ муайян карда, ба таъмини некӯаҳволӣ ва сифати ҳаёти одамон, қонеъсозии талаботу манфиатҳои иқтисодӣ ва дигар талаботу манфиатҳои моддии ба онҳо алоқаманд нигаронида мешаванд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ метавонанд инфиродӣ бошанд, масалан, ҳуқуқи моликияти хусусӣ, ҳуқуқи интихоби касб. Онҳо инчунин дастаҷамъона мешаванд, масалан, ҳуқуқи коллективи меҳнатӣ ба корпартоӣ, озодии занон аз табъиз дар соҳаи шуғл.

Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ мутлақ нестанд ва метавонанд дучори маҳдудиятҳои қонунӣ гарданд.

**Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ маҷмӯи ҳуқуқҳо ва озодиҳое мебошанд, ки имконияти таъмини озодона ихтиёрдории кардани моликият ва фаъолиятро дар соҳаи меҳнат ва соҳибкорӣ мемонанд.**

Ба ҳуқуқҳои асосии иқтисодӣ инҳоро мансуб донистан мумкин аст: ҳуқуқи моликияти хусусӣ, ҳуқуқи мерос, ҳуқуқи амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, манъи меҳнати маҷбурӣ ва ғайра.

Дар ҷаҳони имрӯза ин категорияи ҳуқуқҳо ва озодиҳо бештар вайрон карда мешаванд, зимнан, на танҳо аз ҷониби давлат, балки инчунин корфармоёни хусусӣ, гурӯҳҳои ҷинояткор ва ғайра. Чунин вайронкуниҳо инҳоянд: ғайриқонунӣ аз кор озод намудани одамон, меҳнати маҷбурӣ, ба таври систематик дер додан ё напардохтани музди меҳнат, табъиз дар соҳаи шуғл ва бизнес, истифодаи меҳнати кӯдакон, маҳдудсозии имкониятҳои соҳиб шудан ба моликият ва бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани занон, ҷавонон, муҳоҷирин ва ғайра.

Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама, бо ҳуқуқҳои иҷтимоӣ алоқамандии нисбатан зичтар доранд, бинобар ин дар адабиёт бисёр вақт онҳоро муттаҳид сохта, иҷтимоӣ-иқтисодӣ меноманд, ҳарчанд ҳар ду гурӯҳи ҳуқуқҳо хусусиятҳои махсуси худро доранд.

***Таснифоти ба Шумо маълуми ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ба хотир оред, кадом ҳуқуқу озодиҳо ба «насли дуюм» тааллуқ доранд?***

Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодии инсон ба «насли дуюм»-и ҳуқуқҳо мансубанд. Онҳо дар раванди муборизаҳо бо нобаробариҳои иқтисодӣ барои некӯаҳволии моддии аҳолӣ ташаккул ёфтаанд. Ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби озодонаи кор, истироҳат ва фароғат, дараҷаи кофии пардохти музди меҳнат ва дигар ҳуқуқу озодиҳо асоси талаботи баромадҳои иқтисодии дар ҷаҳон дар охири асри XIX – ибтидои асри XX ба амаломадаро ташкил дода, бори аввал дар конститутсияҳои як қатор давлатҳои аврупоӣ таҳким бахшида шуданд. Аммо ҳуқуқи моликияти хусусӣ хеле барвақттар таҳким ёфт ва бинобар ин бисёр олимон онро ба ҳуқуқҳои «насли якум» мутааллиқ медонанд.

Банизомдарорӣ ва ҳимояи байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳуқуқҳои иқтисодӣ соли 1948, вақте бисёре аз онҳо дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар таҳким бахшида шуданд, шурӯъ гардид. Соли 1966 ҳуҷҷати муҳимтарини байналхалқӣ – Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қабул карда шуд, ки моҳияти на тавсиявӣ, балки барои давлатҳои иштирокдор ҳатмӣ дорад ва он ҳуқуқ ва озодиҳои асосии иқтисодии инсонро кафолат бахшид.

Дар ҷаҳони имрӯза аксари конститутсияҳо ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодиро таҳким мебахшанд, зимнан, номгӯи онҳо пайваста васеъ мешавад. Умуман, амалисозии ҳуқуқҳо ва озодиҳои иқтисодӣ дар ҷаҳони имрӯза аз бисёр ҷиҳат ба сатҳу вазъияти имкониятҳои молиявӣ-иқтисодии давлати мушаххас, аз мавҷудияти захираҳо ва омилҳои дигар вобаста аст.

**2. НИЗОМИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДӢ.** Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ бо ҳам алоқаманд буда, низоми ягонаро мемонанд. Низоми ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар моддаҳои 17, 23, 24-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, моддаҳои 6-8-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ- ҳуқуқӣ оварда шудаанд. Онҳо ҳамчунин дар қонунгузории миллии бисёр мамлакатҳои ҷаҳон инъикос ёфтаанд.

***Моддаҳои баёнгардидаи ҳуҷҷатҳои мазкури байналмилалиро бодиққат омӯзед. Дар онҳо кадом ҳуқуқ ва озодиҳои инсон кафолат дода шудаанд?***

Ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар низом тавре ташкил карда шудаанд, ки ҳар кадоме аз онҳо бевосита бо дигаре вобаста аст, масалан, ҳуқуқ ба истироҳат давоми мантиқии ҳуқуқи меҳнат кардан мебошад ва ғайра.

Мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуқуқҳои асосии иқтисодӣ инҳо мансубанд: ҳуқуқ ба моликият ва мерос (моддаи 32), ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқи интихоби касб; ҳуқуқи ҳимоя аз бекорӣ, ҳуқуқ ба пардохти баробари музди меҳнат, манъи меҳнати маҷбурӣ (моддаи 35), ҳуқуқ ба истироҳат (моддаи 37).

Қайд кардан зарур аст, ки ҷавҳари ҳуқуқҳои иқтисодиро ҳуқуқи фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ ташкил медиҳанд, зеро онҳо тарафи муҳими рушди давлат – иқтисодиёти бозориро мунъакис карда, барои таъмини озодии шахсият дар соҳаи иқтисодиёт аҳамияти махсус доранд. Тақдири гузариши давлат ба низоми нави хоҷагидорӣ аз дараҷаи рушди соҳибкорӣ дар мамлакат ва сатҳи некӯаҳволии халқ вобаста аст. Бинобар ин масъалаи мазкур вақтҳои охир аз ҷониби давлатҳо ба таври ҷиддӣ дастгирӣ карда мешавад. Чунончи, дар Тоҷикистон қонун «Дар бораи ҳифзи давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2002) қабул карда шудааст.

Бо дар назардошти рушди соҳибкорӣ ва моликияти хусусӣ ҳуқуқҳои иқтисодиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: 1) ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ ва мерос; 2) ҳуқуқи соҳибият, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани сарватҳои табиӣ (аз ҷумла замин); 3) ҳуқуқ ба фаъолияти озодонаи соҳибкорӣ ва дигар навъҳои фаъолияти иқтисодӣ, ки бо қонун манъ карда нашудаанд; 4) ҳуқуқи озодона ихтиёрдорӣ кардани қобилияти меҳнатии худ, озодии интихоби навъи фаъолият ва касб; 5) ҳуқуқ ба меҳнат ва мукофотонидан барои меҳнати муваффақиятнок.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодии инсон, низоми ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Кадом ҳуқуқ ва озодиҳоро иқтисодӣ меноманд? Ба андешаи Шумо, кадом хусусиятҳо онҳоро аз дигар ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд фарқ мекунонанд?*

*2. Мисолҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инфиродӣ ва коллективии иқтисодиро оред.*

*3. Чаро ҳуқуқҳои иқтисодиро ба «насли дуюм»-и ҳуқуқҳо мансуб медонанд?*

*4. Пораи зерро аз дебочаи Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бодиққат хонед ва ба савол ҷавоб гӯед: «Идеали шахсияти озод аз тарсу ҳарос ва ниёзмандӣ танҳо вақте амалӣ мегардад, агар шароитҳое фароҳам оварда шаванд, ки дар он ҳар кас метавонад аз ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худ, ҳамчунин аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии худ истифода намояд». Ба андешаи Шумо, алоқамандии байниҳамдигарии ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ бо дигар гурӯҳҳои ҳуқуқҳои инсон дар чӣ ифода меёбанд?*

*5. Ҳуҷҷатҳои байналмилалии кафолатдиҳандаи ҳуқуқҳо ва озодиҳои иқтисодии инсонро номбар кунед.*

*6. Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом ҳуқуқҳои иқтисодӣ таҳким бахшида шудаанд?*

# §37. ҲУҚУҚ БА МОЛИКИЯТ

## 1. ҲУҚУҚ БА МОЛИКИЯТ ВА МЕРОС: МАФҲУМ, АҲАМИЯТ.

Нахустасоси ҳамагуна ҷомеа ва давлати демократӣ ҳуқуқи моликияти хусусӣ аст, бинобар ин инкишофи худи институти моликияти хусусӣ ва таҳкимбахшии кафолатҳои ҳуқуқи мазкур аз ҷониби давлат шарти зарурии амалишавии ислоҳотҳои ҳозираи иқтисодӣ мебошад.

Ҳуқуқи моликияти хусусиро дар адабиёт ҳамзамон ҳам чун ҳуқуқи иқтисодӣ, ҳам чун ҳуқуқи шахсӣ (шаҳрвандӣ) ва ҳам чун ҳуқуқҳои табиию фитрии инсон баррасӣ мекунанд. Вай ба ҳар инсон, сарфи назар аз шаҳрвандӣ, мутааллиқ буда, яке аз сангҳои маҳаки озодии шахсият мебошад, кӯшиши соҳибият ба моликият ва доштани ҳуқуқи ҳимояшаванда ба он кӯшиши аксарияти одамон аст.

**Моликият амвол ё воситаҳои молиявие мебошанд, ки ба ашхоси алоҳида, давлат ва ташкилотҳо тааллуқ доранд.**

Моликият асоси мустақилияти ҳақиқии инсон ва боварии ӯ ба фардост. Файласуфони бузурги гузашта Гегел, Кант ва бисёр дигарон саҳми ҳалкунандаи моликияти хусусиро дар ташаккули ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ асоснок гардондаанд.

Ҳуқуқи моликиятро ҳанӯз Инқилоби бузурги Фаронса чун «муқаддас ва дахлнопазир» эълом доштааст, бинобар ин бисёр муаллифон онро ба ҳуқуқҳои «насли якум» мансуб медонистанд, вале акнун дар бораи характери муқаддасии он чизе намегӯянд, ҳарчанд ҷудонопазирӣ ва дахлнопазирии онро рад ҳам намекунанд.

Тадриҷан ҷомеаи ҷаҳонӣ зарурати ҷорисозии маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқи мазкурро дарк кард. Онҳо бар талаботи батанзимдарории давлатии иқтисодиёт, инкишофи қонунгузории меҳнатӣ ва иҷтимоӣ асос ёфта буданд. Ба ҷомеа аён гашт, ки ҳуқуқи бемаҳдудияти моликияти хусусӣ ба худсариҳои хоҷагидорӣ дар корхонаҳо, норозигии иҷтимоӣ ва низоъҳо,

тақсимоти ноадолатонаи неъматҳои моддӣ оварда мерасонад, бинобар ин вай ба муқаррар гардидани маҳдудиятҳои боздорандаи худсариҳо мусоидат карда, давлатро ба андешидани чораҳое, ки битавонанд на доираи танги одамон, балки аксариятро соҳибмоликият гардонанд, водор сохтанд.

Дар санадҳои ҳозираи меъёрии байналмилалӣ ва миллӣ ҳуқуқ ба моликият одатан чун яке аз ҳуқуқҳои асосии иқтисодии инсон ва баробар бо ҳуқуқҳои иҷтимоию фарҳангӣ ба ҳуқуқҳои «насли дуюм» мансуб дониста мешавад.

Мутобиқи моддаи 17-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар «Ҳар як инсон ҳақ дорад амволро чи шахсан ва чи якҷоя бо дигарон ихтиёрдорӣ намояд. Ҳеҷ кас набояд аз амволи худ худсарона маҳрум карда шавад».

**Амвол маҷмӯи ашё ва арзишҳои моддиест, ки дар моликияти ягон шахс, давлат, ташкилот, муассиса мебошад.**

Амволи дар моликият бударо ба манқул ва ғайриманқул ҷудо мекунанд. Ба амволи манқул маблағҳои пулӣ, саҳмҳо, вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматнокро мансуб медонанд, ба амволи ғайриманқул бошад, қитъаҳои замин, биноҳои истиқоматӣ, хонаҳо, бӯстонсароҳо, гаражҳо, ашёи рӯзгор ва истеъмоли шахсӣ, корхонаҳо, ки барои амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд, ҳамчунин биноҳо, иншоот, таҷҳизот, ашё ва ғайра дохил мешаванд.




**Расми 33. Ҳуқуқ ба моликият ва мерос**

Ихтиёрдории озодонаи моликият ва ҳимояи онро қонун кафолат медиҳад, ҳеҷ касро аз моликият маҳрум кардан мумкин нест. Маҳрум кардан аз он танҳо мувофиқи тартиботи муқарраркардаи қонун дар ҳолатҳои зарурати ҷамъиятӣ ва бо талофӣ намудани зарари баробарарзиш, ки ҳаҷмашро суд муқаррар кардааст, мумкин аст. Баробари ин истифодаи моликият набояд ҳуқуқҳо ва озодиҳои дигар шаҳрвандонро вайрон созад.

Ҳуқуқи моликият ҳокимияти истисноӣ ва мустақилро ба ашёи дар асоси қонунӣ гирифтаю таҳкимбахшидашуда мемонад. Бар асоси ин ҳокимият шахс ҳуқуқ дорад дар ҳудудҳои муайянкардаи қонун аз ашё истифода кунад ва ба он ихтиёрдорӣ намояд.

Соҳибият амалан доштани ашё аст. Он қисми асосии ҳуқуқи моликиятро ташкил медиҳад, вале метавонад аз охирӣ ҷудо карда, ба шахси дигар тибқи қарордод ё ягон санади дигар дода шавад, масалан, киро додан, қарз додан, вогузории ашё барои соҳибияти ҷорӣ ва якумрӣ. Ҳуқуқи соҳибиятро ба моликият, масалан, бо бастани қарордод (хариду фурӯш, ҳадякунӣ, ивазнамоӣ ва ғайра), мустақилона ба вуҷуд овардани чизи нав (сохтмони хонаи истиқоматӣ, фурӯхтани либос ва ғайра), меросгирӣ гирифтан мумкин аст.

**Мерос амволест, ки бо тартиби меросгузорӣ аз одами фавтида (меросгузор) ба меросгирон мегузарад.**

Ҳуқуқи мерос низ ба ҳар кас кафолат дода мешавад, мерос метавонад ҳуқуқи моликият ба амвол, ҳуқуқҳои истисноӣ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва ғайраро фаро гирад. Амволи баъди фавти соҳибмулк ба мерос гузошташуда тибқи қонун ё васиятномаи мувофиқи қоидаҳои пешбиникардаи қонунгузории гражданӣ тартибдодашуда ба меросгирони он мегузарад.

Истифода кардан ҳуқуқи истеъмоли чиз барои қонеъсозии талаботу манфиатҳои худ вобаста аз таъиноти он буда, вай аз истеъмоли моликиятдорон чи аз худи чиз ва чи аз самараю фоидаҳои меовардаи он иборат аст. Аз амвол бар зарари манфиатҳои дигарон истифода кардан манъ аст. Истифодаро соҳибмулк метавонад ҳамчунин ба шахси сеюм вогузорад.

Ихтиёрдорӣ маънои доштани ҳуқуқи нобуд кардани чиз, тағйир додани таркиби он, бо ҳамаи усулҳои пешбиникардаи қонун даст кашидан аз он, ба шахси дигар вогузор намудани ягон ҳуқуқи дигаре ба чиз, соҳибӣ ва истифода кардани онро дорад.

Ҳуқуқи моликиятдориро танҳо дар асоси қонун маҳдуд кардан мумкин аст.

**2. ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ БА МОЛИКИЯТ ВА МЕРОС.** Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба моликият ва меросро кафолат медиҳанд.

Ҳуқуқи моликиятдорӣ, чуноне дар моддаи 12-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, яке аз асосҳои конститутсионӣ мебошад.

**Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.**

*Моддаи 12-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликияти ба андозаи баробар аз ҷониби давлат ҳифзшавандаро таҳким мебахшад. Мувофиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон моликият дар мамлакати мо дар ду шакл – ошкоро (давлатӣ) ва хусусӣ зуҳур мекунад. Ба моликияти хусусӣ моликияти шаҳрвандон, ашхоси юридикии ғайриҳукуматӣ ва иттиҳодияҳои онҳо тааллуқ доранд. Моликияти давлатӣ бо моликияти ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ муаррифӣ шудааст.

Давлат худро вазифадор донистааст, ки моликияти хусусиро ҳифз карда, дахлнопазирии онро таъмин намояд. Мутобиқи моддаи 32-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ҳақ дорад, дар моликият амвол дошта бошад, онро чи танҳо ва чи якҷоя ба одамони дигар соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намояд.

**Ҳар кас ҳақ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад. Ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад.**

***Моддаи 32-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Шаҳрванд ҳақ дорад дар моликияти худ ҳама гуна амволи истеҳсолӣ, фарҳангӣ ва таъиноти дигар доштаро, ба истиснои он чизҳое, ки мувофиқи қонун ба сабаби амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба ӯ мансуб буда наметавонанд, дошта бошад. Чунончи, масалан, дар асоси моддаи 13-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигариҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд...».

Соҳибмулк хақ дорад нисбати амволи худ ҳар амалеро, бо фарогирии таъсиси корхонаҳо ва хоҷагиҳои хусусӣ ва фаъолиятҳои дигари иқтисодӣ, ба ҷо орад. Кодекси ҷиноятӣ, масалан, барои чунин ҷиноятҳо бар зидди моликият, чун дуздӣ, қаллобӣ, азхудкунӣ, горатгарӣ, ҷабру ситам, тамаъҷӯӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ мекунад. Кодекси гражданӣ асосҳои соҳибият ва қатъи ҳуқуқи моликиятро таҳким мебахшад, муқаррар менамояд, ки ба моликияти шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ ҳама гуна амвол, ба истиснои навъҳои алоҳида, ки тибқи қонун ба онҳо мансуб буда наметавонанд, дохил мешаванд.

Қонунгузории ба масъалаҳои моликияти хусусӣ бахшидашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатҳои ҳуқуқ ба моликиятеро, ки аз таҳкими имкониятҳои васеи соҳибият ба ҳуқуқи моликият, методҳо ва усулҳои ҳифзи он ва таъминот аз ҷониби мақомоти судӣ иборат аст, дар назар дорад.

Кафолати ҳуқуқи моликияти хусусӣ ҳамчунин ҳуқуқи мерос мебошад. Кодекси гражданӣ ҳамаи нозукиҳои гузариши амволи соҳибмулкро баъди фавти ӯ ба меросгирон мувофиқи қонун ё васиятнома ба танзим медарорад.

Ҳуқуқи мерос бояд иҷрои иродаи соҳибмулкро нисбати амволи ӯ кафолат диҳад ва дар айни замон адолатро, алалхусус вақте сухан дар бораи ҳимояи манфиатҳои хешовандони ғайри қобили меҳнат ва хурдсол меравад, таъмин намояд.

**3. МАҲДУДИЯТҲОИ ҲУҚУҚ БА МОЛИКИЯТ.** Ҳеҷ кас ҳақ надорад ғайриқонунӣ шаҳрвандро аз моликият маҳрум созад ё ҳуқуқи ӯро ба моликият маҳдуд кунад, аммо ҳуқуқи моликиятро дар баъзе ҳолатҳо дар асоси қонун маҳдуд кардан мумкин аст.

Қарори суд ва ҳукме, ки мусодиракунии амволро пешбинӣ мекунад, барои маҷбуран қатъсозии ҳуқуқи моликияти хусусӣ асос шуда метавонад. Ҳангоми шароитҳои фавқулодда (офатҳои табиӣ, эпидемияҳо) бо қарори мақомоти давлатӣ кашида гирифтани моликият ба амал бароварда, бо тартиботи маъмурӣ мусодира кардани моликият имконпазир аст, вале дар ҳама ҳолат мурочиати шаҳрванд ба суд барои барқарорсозии ҳуқуқи худ ба моликият пешбинӣ мешавад. Ғайр аз ин, аз болои ҳамаи ин гуна амалҳо ба суд шикоят кардан мумкин аст.

Маҷбурӣ маҳрум кардан аз амвол барои эҳтиёҷоти давлатӣ танҳо ба таври пешакӣ ва ба андозаи баробарарзиш талофӣ кардан мумкин аст. Ба ин маънӣ, милликунонии маҷбурӣ бе ҷуброн, ки дар давлатҳои тоталитарӣ қабул шуда буд, манъ аст.

? ***Мисолҳои таърихии ба Шумо маълуми зӯран милликунонии амволро ба хотир оред.***

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқ ба моликият, моликият, амвол, соҳибият, истифода, ихтиёрдорӣ, мерос.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Зери мафҳуми ҳуқуқ ба моликият чиро мефаҳманд? Маънии мафҳумҳои «соҳибият», «истифода», «ихтиёрдорӣ»-и моликиятро фаҳмонед.*

*2. Ба андешаи Шумо, чаро баъзе муаллифон ҳуқуқи моликиятро чун ҳуқуқҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) ва ҳуқуқҳои «насли якум» баррасӣ мекунанд? Фаҳмонед, ки чаро онро ба ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ мансуб донистан мумкин аст?*

*3. Амвол чист? Кадом амволро ба манқул ва ғайриманқул мансуб медонанд?*

*4. Шумо кадом шаклҳои моликиятро медонед?*

*5. Ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ дар кадом санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким бахшида шудаанд?*

*6. Нақши давлатро дар таъмини кафолатҳои ҳуқуқ ба моликият муайян намоед.*

*7. Оё ҳуқуқи моликиятро маҳдуд кардан мумкин аст?*

*8. Мерос чист? Моҳияти ҳуқуқ ба мерос аз чӣ иборат аст?*

## §38. ҲУҚУҚ БА МЕҲНАТ ВА ИНТИХОБИ КАСБ

**1. ҲУҚУҚ БА МЕҲНАТ ВА ИНТИХОБИ КАСБ: МАФҲУМ, АҲАМИЯТ.** Ҳуқуқ ба меҳнат дар низоми ҳуқуқҳои иқтисодӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Вай ба одам имконият медиҳад, ки меҳнат кунад ва подоши меҳнати худро гирад. Меҳнат талаботи аввалиндараҷаи инсон, манбаи соҳиб шудан ба некӯаҳволии моддӣ ва моликият мебошад.

Ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касб ҳуқуқи махсуси конститутсионии инсон ва шаҳрванд аст. Вай дар худ маҷмӯи томи ҳуқуқу озодиҳои ба ҳам алоқамандро фаро мегирад: озодии меҳнат, озодии интихоби касб, ҳуқуқ ба ҳимоя аз бекорӣ, ҳуқуқ ба шароитҳои боадолатонаи меҳнат, ҳуқуқ ба корпартоӣ, ҳуқуқ ба меҳнат бо расидан ба синни нафақа ва ғайра.

Ҳуқуқ ва озодиҳои мазкур дар қонунгузориҳои байналмилалӣ ва конститутсияҳои аксари мамлакатҳои ҷаҳон таҳким ёфта, на танҳо барои шаҳрвандони ин давлатҳо, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ, масалан, муҳоҷирини меҳнатӣ, ашхоси бетабаа аҳамият доранд, зеро ҳар инсонро аз худсариҳои корфармоён ҳифз карда, имконият медиҳанд, ки шараф ва манфиатҳои худро ҳимоя намояд.

Ҳуқуқ ба меҳнат бо озодии меҳнат зич алоқаманд аст. Озодии меҳнат мутобиқи моддаи 23-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар эълом дошта шудааст: «Ҳар як инсон дорои ҳаққи меҳнат, интихоби озодонаи кор ва шароити одилонаю мусоиди меҳнат ва ҳаққи ҳимоя аз бекорист». Мувофиқи моддаи 6-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқ ба меҳнат «ҳуқуқи ҳар инсонро ба пайдо кардани имконияти барои зиндагӣ бо меҳнат пул кор кардан, ки ӯ озодона интихоб менамояд, ё ба он озодона розӣ мешавад» фаро мегирад.

Озодии меҳнат аз ҳуқуқи ҳар кас бобати озодона ихтиёрдорӣ кардани лаёқатмандиҳои худ ба меҳнат, интихоби навъи фаъолият ва касб иборат аст. Ин ҷо дар бораи ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудани ӯ барои «муфтхӯрӣ» ҳарфе буда наметавонад. Чун дар солҳои пеш вазифаи конститутсионии меҳнат кардан акнун нест. Инсон бобати чи қабулшавӣ ба кори доимӣ, чи аз он рафтан, чи гузаштан ба кори дигари барои ӯ нисбатан шавқовару фоидабахш озод аст. Озодии меҳнат тавассути фаъолияти инфиродии меҳнатӣ, шуғл варзидан бо фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра амалӣ мешавад.

Озодии меҳнат бо манъ будани меҳнати маҷбурӣ алоқаманд аст. Манъи меҳнати маҷбурӣ бо моддаи 8-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешбинӣ шудааст: «1. Ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ нигоҳ дошта шавад; ғуломӣ ва ғуломфурӯшӣ дар ҳамаи навъҳои онҳо манъ аст. 2. Ҳеҷ кас набояд дар ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шавад. 3. а) Ҳеҷ кас набояд ба меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ маҷбур карда шавад...». Чунин меҳнат на танҳо меҳнати ғуломӣ ҳисобида мешавад, ки дар замони мо хеле кам дучор меояд, балки ҳама гуна шаклҳои маҷбурсозии инсон баҳри кор дар шароитҳои ғайриихтиёрӣ қабулшуда ё бо таҳдиди ягон ҷазодиҳӣ, масалан, сари вақт надодани музди меҳнат ё қисми он ба

кормандон, ки дар корпартоиҳо иштирок мекунанд, таҳдиди истифодаи ҷазодиҳии интизомӣ мебошад.

**Меҳнати маҷбурӣ аз ҷониби корманд бе розигии ӯ зери таҳдиди истифодаи ҷазодиҳии интизомӣ иҷро кардани кор аст.**

Баробари ин иҷрои вазифаҳои аз хизмати ҳарбӣ, дар шароити вазъияти фавқулодда ё бо ҳукми суд бармеомада меҳнати маҷбурӣ ҳисобида намешавад.

Ҳуқуқ ба меҳнат маънии вазифадории нафаре бобати пешниҳод кардани кор ба ҳамаи хоҳишмандонро надорад. Дар иқтисодиёти бозорӣ давлат қодир нест, ки чунин вазифаро ба зиммаи соҳибкорони хусусӣ бор кунад ва ё онро ба дӯши худ гирад, зеро вай аллакай ҳамаи корхонаҳоро идора намекунад. Қабулшавии одам ба кор асосан бо қарордод бо кордиҳанда муайян мешавад. Вале корманди кироягирифташуда ҳақ дорад риояи шароитҳои муайян – шартҳои одилонаи корро талаб намояд.



**Расми 34. Меҳнати маҷбурӣ манъ аст**

Истилоҳи «шартҳои одилона ва мӯътадили меҳнат» чунин маънӣ дорад, ки шароитҳои меҳнат ба талаботи бехатарӣ ва гигиена ҷавобгӯ бошад, музди меҳнат бе ягон табъиз ва на камтар аз андозаи минималии музди меҳнати муқарраркардаи қонун пардохта шавад, барои ҳар кас имкониятҳои баробари ишғол кардани вазифаи баландтар таъмин гардад. Пас, агар бехатарӣ ва гигиена таъмин нагардида бошад, ба саломатии корманд дар истеҳсолот зарар расонида шуда бошад, кордиҳанда барои ин ҷавобгар аст ва дар ҳолатҳои муайян ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Моддаи 7-и Паймони байналмхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқ ба шароитҳои одилонаи меҳнатро аз ҷумла дар он бо фарогирии подоше, ки чун минимум ба ҳамаи меҳнаткашон инҳоро таъмин намояд, кафолат медиҳад: музди одилонаи меҳнат ва маоши баробар барои меҳнати боарзиш бе ягон фарқият, зимнан, ба занон кафолат додани шароити меҳнати на бадтар аз шароитҳое, ки мардон истифода мекунанд бо маоши баробар барои меҳнати баробар; рӯзгузаронии қаноатбахш

барои худи онҳо ва оилаҳои онҳо; шароитҳои меҳнати ҷавобгӯи талаботи бехатарӣ ва гигиена; имкониятҳои ба ҳама баробари ишғол кардани вазифаҳои нисбатан баландтар танҳо дар асоси собиқаи меҳнатӣ ва тахассус; истироҳат, фароғат ва маҳдудсозии оқилонаи вақти корӣ ва рухсатии даврии пардохтшаванда, ҳамчунин додани подоши меҳнат дар рӯзҳои ид.

Мутобиқи моддаи 23-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар «Ҳар як инсон бидуни ягон табъиз барои кори баробар ба музди баробар ҳақ дорад. Ҳар як коргар ба музди одилонаю қаноатбахш, ки зиндагии сазовори ҳар як инсон ва аҳли оилаи ӯро таъмин кунад, дар сурати зарурат бо дигар воситаҳои таъминоти иҷтимоӣ пурра гардонида шавад, ҳақ дорад».

Ҳуқуқ ба ҳимоя аз бекорӣ вазифадории давлатро бобати татбиқ намудани сиёсати иқтисодие, ки аз рӯи имконият ба шуғли пурра, ҳамчунин расонидани кӯмаки ройгон ба одамони бекор ва бо ҷои кор таъмин кардани онҳо мусоидат намояд, дар назар дорад. Кафолатҳои ҳуқуқ ба ҳимоя аз бекорӣ бо қонунгузории миллӣ муқаррар карда мешаванд.

**2. ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ БА МЕҲНАТ ВА ИНТИХОБИ КАСБ.** Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи меҳнат кардани ҳар касро таҳким мебахшад ва кафолат медиҳад.

**Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст.**

*Моддаи 35-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсият ҳақ дорад, ки муносибатҳои меҳнатии худро баъди 15-солагӣ амалӣ гардонад.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ яке аз проблемаҳои ҷиддӣ таъмини шаҳрвандон бо ҷои кор аст, бинобар ин дар мамлакати мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кӯмак ба шуғли аҳолӣ» (соли 2003) қабул карда шуд, ки дар он асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ, аз ҷумла кафолатҳои давлат ба меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ аз бекорӣ пешбинӣ шудаанд.

**Шуғл навъҳои гуногуни фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони қобили меҳнати ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифнабудаи бо қонеъсозии талаботи шахсӣ ва ҷамъиятӣ вобастаест, ки ба онҳо фоида (подоши меҳнат) меорад.**

Мутобиқи қонуни мазкур шаҳрвандони ҷои кор надошта метавонанд ҳамчун бекорон дар мақомоти махсуси шуғли аҳолӣ аз қайд гузаранд. Фаъолияти ин мақомот ба ҳимояи шаҳрвандон аз бекорӣ нигаронида шудааст. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз қайд гузаштани шаҳрвандони бекор пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои зеринро талаб менамояд: шиноснома, дафтарчаи меҳнатӣ ё ҳуҷҷати онро ивазкунанда, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи тахассуси касбӣ, маълумотнома дар бораи музди меҳнат аз ҷойҳои охирини кор дар зарфи ду соли охир. Баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои мазкур мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ шаҳрвандро ҳамчун одами бекор ба қайд мегирад ва ӯ аз лаҳзаи гузаштан аз қайд ҳуқуқи бекор, аз ҷумла ҳуқуқи истифода кардан аз имтиёзҳои муқарраркардаи қонунро соҳиб мешавад.

Ҳар як шаҳрванд ҳуқуқи гирифтани музди меҳнат дорад, бинобар ин кордеҳ, сарфи назар аз вазъияти молиявӣ, вазифадор аст, ки ба шаҳрванд моҳе ду маротиба музди меҳнат пардохт кунад. Вайрон кардани ҳуқуқи мазкур манъ аст ва ба шаҳрвандон барои меҳнати баробар бояд музди баробар дода шавад. Дар ин маврид музди меҳнати пардохтшаванда набояд аз маоши ҳадди ақали муқарраркардаи қонун кам бошад. Музди меҳнати ҳадди ақал кафолати давлатӣ буда, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Ба музди меҳнати ҳадди ақал пардохтҳои иловагӣ, иловапулиҳо, мукофотҳо, ҳамчунин пардохти зиёд барои давомнокии вақти кор дохил намешаванд. Вобаста ба шароитҳои табиию иқлим ва дигар омилҳои объективӣ ба музди меҳнат коэффисиенти ноҳиявӣ муқаррар мегардад. Дар ин ҳолат музди меҳнати ҳадди ақал бо истифодаи ин коэффисиент муайян карда мешавад.

Дар асоси қонунгузории меҳнат мӯҳлатҳои пардохти музди меҳнат бо қарордоди коллективӣ ё дигар санади меъёрӣ муқаррар мегардад ва бояд на камтар аз як маротиба дар ҳар ним моҳ бошад. Дар сурати мувофиқ омадани рӯзи пардохти музди меҳнат бо рӯзи истироҳат ё рӯзи ид пардохти он дар арафаи ин рӯз сурат мегирад.

Давлат бо мақсади кафолати пардохти саривақтии музди меҳнат нисбати кордеҳоне, ки пардохти музди меҳнати кормандонро ба таъхир меандозанд, чораҳои гуногунро пешбинӣ намудааст. Кормандони гунаҳкори ба таъхир афтодани пардохти музди меҳнат мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида мешаванд.

**3. КАФОЛАТҲО ВА МАҲДУДИЯТҲОИ ҲУҚУҚ БА МЕҲНАТ ВА ИНТИХОБИ КАСБ.** Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатҳои гуногуни ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касбро пешбинӣ карда, ҳамчунин маҳдудиятҳо ҷорӣ месозад.

Қабули шаҳрвандон ба кор мувофиқи қарордоди (шартномаи) меҳнатӣ сурат гирифта, бастани қарордоди меҳнатӣ характери озодона дорад. Кордеҳ вазифадор аст, ки мувофиқи қонун бо категорияҳои зерини шаҳрвандон қарордоди меҳнатӣ бандад: маъюбон, ноболиғон,

шаҳрвандони тибқи квотаи муқарраргардида ба кор фиристодашуда, ҳамчунин занони ҳомиладор ва заноне, ки кӯдакони то сесола доранд.

***Моддаи 35-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро бодиққат хонед, барои кадом категорияҳои шаҳрвандон маҳдудиятҳо муқаррар гардидаанд?***

Ҳангоми қабул ба кор баробари кафолатҳои ҳуқуқӣ нисбати баъзе шаҳрвандон маҳдудиятҳо муқаррар гардидаанд. Дар асоси моддаҳои 160, 161, 162-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи меҳнати занон дар корҳои ҳеризаминӣ, дар корҳои вазнин ва корҳои шароити меҳнаташон зарарнок, ҳамчунин корҳои марбут ба дастӣ бардоштану ба ҷойҳои дигар бурдани чизҳои вазнашон аз меъёрҳои муқарраргардида зиёд манъ аст. Инчунин ҷалб кардани занон ба корҳои шабона, корҳои зиёда аз вақти муқаррарӣ ва кор дар рӯзҳои истироҳат ва ид манъ карда шудааст.

Чунин маҳдудиятҳо дар қонунгузории меҳнатӣ нисбати шаҳрвандони ба синни 18 нарасида низ пешбинӣ шудаанд. Давомнокии вақти корӣ барои кормандони аз 15 то 18 сола дар як ҳафта на бештар аз 35 соат ва ашхоси аз 14 то 15 сола дар як ҳафта на бештар аз 24 соат муқаррар гардидааст.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳури Тоҷикистон ба ноболигон ҳуқуқи меҳнат ва озодии меҳнат кафолат дода мешавад. Қобили меҳнат будани инсон дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-солагӣ фаро мерасад. Муқаррар гардидани синни мазкур дар муносибатҳои меҳнатӣ чунин маънӣ надорад, ки шаҳрванд вазифадор аст, аз синни 15-солагӣ фаъолияти меҳнатиашро шурӯъ намояд. Ин меъёр моҳияти фармоишӣ дошта, шаҳрвандро ваколатдор месозад, ки аз ин синну сол ҳуқуқҳои конститутсионии худро амалӣ созад.

Бояд дар назар дошт, ки барои тайёр кардани хонандагони ноболиги мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба истеҳсолот онҳоро барои иҷрои корҳои сабуки ба саломатиашон зарарнадошта ва ба раванди ҷараёни таълим халалнарасонанда дар вақтҳои холӣ аз дарсҳо баъди расидан ба синни 14-солагӣ танҳо бо ризоияти яке аз волидон ё шахсони онҳоро ивазкунанда ба кор қабул намудан мумкин аст. Ғайр аз ин истифодаи меҳнати ноболигон дар корҳои зеризаминӣ, корҳои вазнин ва корҳои шароити меҳнаташон зарарнок манъ аст.

Ба шаҳрвандони хориҷӣ низ ҳуқуқ ба меҳнат, озодии меҳнат, озодии бастани қарордоди меҳнатӣ ва ҳуқуқи гирифтани музди меҳнат кафолат дода шудаанд. Аммо дар баъзе соҳаҳо фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ маҳдуд карда мешавад.

***Ба хотир оред, ки оё шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хидмати давлатӣ, мақомоти судию ҳифзи ҳуқуқ кор карда метавонанд?***

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касб, меҳнати маҷбурӣ, шароитҳои одилона ва мӯътадили меҳнат, шуғл.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Ҳуқуқи инсон ба меҳнат ва интихоби озодона меҳнат чӣ маъно дорад?*

*2. Дар шароити иқтисоди бозорӣ бекорон чӣ ҳуқуқҳое доранд?*

*3. Меҳнати маҷбурӣ чист? Оё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳнати маҷбурӣ истифода карда мешавад?*

*4. Ибораи «подоши баробар барои меҳнати баробар» чӣ маънӣ дорад?*

*5. Оё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони хориҷии дар қаламрави мамлакат ба таври доимӣ иқоматдошта ҳуқуқи меҳнат кардан доранд?*

*6. Санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии байналмилалӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҳуқуқ ба меҳнат ва озодии интихоби касбро таҳким мебахшанд, номбар кунед.*

*7. Ба андешаи Шумо, махсусиятҳои меҳнати ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чигунаанд?*

*8. Оё маҳдудиятҳои ҳуқуқ ба меҳнат мумкин аст?*

## §39. ҲУҚУҚ БА ИСТИРОҲАТ

**1. ҲУҚУҚ БА ИСТИРОҲАТ: МАФҲУМ, АҲАМИЯТ.** Ҳуқуқи муҳимтарини ҳар як инсон дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ҳуқуқ ба истироҳат мебошад. Ҳуқуқ ба истироҳат бо ҳуқуқи ҳар инсон ба меҳнат, шароитҳои боадолатонаю мӯътадили меҳнат ва дигар ҳуқуқу озодиҳо, масалан, ҳуқуқҳои шахсӣ ва фарҳангӣ зич алоқаманд аст.

? ***Фикр кунед ва мисолҳои алоқамандии ҳуқуқи истироҳатро бо дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон, масалан, ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ ба хотир оред.***

Ҳуқуқ ба истироҳат бо танзими вақти корӣ ва вақти истироҳат, аз ҷумла муқаррар кардани давомнокии ҳадди охири вақти корӣ, кам кардани вақти кории шабона, дар арафаи рӯзҳои ид ва истироҳат, чун қоидаи умумӣ манъ кардани корҳои берун аз меъёр, кор дар рӯзҳои истироҳат ва ид, муқаррар кардани давомнокии минималии истироҳати ҳафтаина, ба кормандон додани танаффус барои истироҳат ва хӯрокхӯрӣ, муқаррар намудани қоидаҳо дар бораи додани рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда барои истироҳат ва давомнокии минималии он, рухсатиҳои иловагӣ барои категорияҳои алоҳидаи кормандон ва ғайра дар қонунгузории давлат таъмин карда мешавад.

Ҳуқуқ ба истироҳат ба ҳуқуқҳои асосии инсон мансуб аст. Вай дар стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон зикр гардидааст. Чунончи, моддаи 24-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқи ҳар касро ба истироҳат ба таври зайл таҳким бахшидааст:

> **Ҳар як инсон ба истироҳату фароғат, аз ҷумла маҳдудияти оқилонаи рӯзи корӣ ва рухсатии пулакии даврӣ ҳақ дорад.**
> *Моддаи 24-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар.*

Моддаи 7-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқи ҳар касро ба истироҳат, фароғат ва маҳдудияти оқилонаи вақти корӣ, рухсатии даврии пардохтшаванда баробар бо мукофотонӣ барои рӯзҳои ид кафолат медиҳад.

Ҳуқуқ ба истироҳат дар конститутсияҳои аксари мамлакатҳои ҷаҳон таҳким ёфта, як навъ кафолати хоси давлат ба ҳуқуқи истироҳат барои шаҳрвандони қобили меҳнат мебошад.

**2.ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ БА ИСТИРОҲАТ.** Ҳуқуқ ба истироҳат аз имконияти ба ҳар кас додашудаи гузаронидани вақти истироҳат бо салоҳдиди худ иборат аст.

Дар Тоҷикистон ҳуқуқ ба истироҳат ҳуқуқи конститутсионии ҳар одам буда, ҳамчунин дар қонунгузории меҳнатӣ таҳким бахшида мешавад.

**Шаҳрванд ҳуқуқи истироҳат дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар кардани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пулӣ, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароитҳои дигаре таъмин карда мешавад, ки қонун муайян кардааст.**
*Моддаи 37-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.*



Расми 35. Ҳуқуқ ба истироҳат

Зери мафҳуми «вақти истироҳат» давомнокии вақти муайяне, ки дар тӯли он одам аз вазифаҳои меҳнатӣ озод асту истироҳат мекунад, фаҳмида мешавад. Вай ин вақтро мутобиқи хоҳиши худ, барои қонеъсозии манфиатҳои хеш ва барқарорсозии қобилияти меҳнатии худ истифода карда метавонад. Яъне шаҳрванд дар давраи истироҳат аз иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ комилан озод буда, истифодаи онро бо салоҳдиди худ муайян менамояд. Азбаски одам дар давраи иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ қувваи зиёди рӯҳию ҷисмонӣ сарф мекунад, вай қувваи сарфкардаашро тавассути истироҳати ба ӯ бо қонунгузории меҳнатӣ кафолатдодашуда бояд барқарор созад.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар касро ба истироҳат таҳким бахшида, дар баробари ин дар назар дорад, ки давомнокии бо қонун муқарраршудаи вақти корӣ, рӯзҳои истироҳат ва ид, рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда ба онҳое кафолат дода мешавад, ки бо қарордоди (шартномаи) меҳнатӣ кор мекунанд. Ба ин тариқ, кафолатҳои конститутсионии таъминкунандаи амалисозии ҳуқуқи

истироҳатро бо мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ба кор аз рӯи қарордод (шартнома) алоқаманд медонанд. Ин чунин маънӣ дорад, ки шаҳрванд қарордоди (шартномаи) меҳнатӣ баста, ҳуқуқ дорад аз кордеҳи мушаххас риояи ҳадди охири бо қонун муқарраргардидаи давомнокии вақти корӣ, ба ӯ додани рӯзҳои истироҳату ид, рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда барои истироҳатро талаб намояд, кордеҳ бошад, дар навбати худ вазифадор аст, ки ин талабҳоро қонеъ созад ва барои ҳуқуқи истироҳатро амалӣ сохтани корманд шароит фароҳам орад. Дар он ҷое, ки қарордоди (шартномаи) меҳнатӣ ва меҳнати муташаккили дастҷамъона нест, давлат бо ёрии кафолатҳои зикршуда ҳуқуқи истироҳатро таъмин карда наметавонад. Шаҳрванди бо фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғулбуда худ муайян месозад, ки вай имрӯз ё рӯзи дигар чанд соат кор мекунад, дар рӯзҳои истироҳат ва ид кор мекунад ё намекунад, барои вай рухсатӣ лозим аст ё не.

Дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои зерини вақти истироҳати шаҳрвандон муқаррар карда шудаанд:

1.Танаффусҳо дар тӯли рӯзи корӣ. Чун қоида, давомнокии чунин танаффусҳо набояд аз ду соат зиёд бошад. Дар созишномаҳо ва қарордодҳои меҳнатӣ кордеҳ якҷоя бо намояндагони иттифоқи касаба давомнокии чунин танаффусҳоро муқаррар менамояд. Дар хотир бояд дошт, ки чунин танаффусҳо ба вақти корӣ дохил намешаванд ва пардохт намегарданд.

2.Танаффусҳои байни рӯзҳои корӣ. Чунин танаффусҳо ба шаҳрванд баъди анҷоми ҳар як рӯзи корӣ дода мешаванд. Мутобиқи талаботи қонунгузории меҳнатӣ давомнокии чунин танаффусҳо набояд аз 12 соат кам бошад.

3.Рӯзҳои истироҳат. Ҳар як шаҳрванд баъди ҳар ҳафтаи корӣ ҳуқуқ дорад, ки ҳар ҳафта як рӯз истироҳат кунад. Ин қоида нисбати корхонаҳое истифода мешавад, ки дар онҳо ҳар ҳафта шаш рӯзи корӣ дорад. Кормандони корхонаҳои ҳафтае панҷ рӯзи корӣ дошта ҳуқуқ доранд ду рӯз истироҳат кунанд. Рӯзи умумии истироҳат якшанбе аст. Рӯзи дуюми истироҳат ҳангоми ҳафтаи панҷрӯзи корӣ бо графики кори корхонаҳо муқаррар мегардад. Ҳар ду рӯзи корӣ, чун қоида, паиҳам дода мешаванд.

Кор кардан дар рӯзҳои истироҳат мумкин нест, вале дар корхонаҳое, ки боздоштани кор бо шароитҳои истеҳсолӣ-техникӣ ё ба сабаби зарурати хизматрасонии бетанаффуси доимӣ ба аҳолӣ имконнопазир аст, ҳамчунин дар дигар корхонаҳои истеҳсолоташон бетанаффус рӯзҳои истироҳат бо навбат дар рӯзҳои гуногуни ҳафта мувофиқи графики сменагии муқарраркардаи кордеҳ баъди маслиҳатҳои пешакӣ бо мақомоти намояндагии кормандон дода мешаванд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои идро муқаррар менамояд.

**?** ***Фикр кунед ва мисолҳои ба Шумо маълуми идҳои миллӣ ва таърихии дар Тоҷикистон қайдшавандаро оред.***

Рӯзҳои ид вобаста ба аҳамиятнокии онҳо рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои беистироҳат мешаванд. Рӯзҳои иди рӯзҳои истироҳат эълоншуда характери анъанавӣ дошта, санаҳои барҷастаро таҷассум мекунанд, кор дар рӯзҳои ид боздошта мешавад. Ин қоида нисбати корхонаҳое, ки бетанаффус кор мекунанд, истифода намегардад. Қонунгузории меҳнатӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» (соли 1995 ва бо тағйироти соли 2005) рӯзҳои идҳои зеринро рӯзҳои истироҳат эълон кардаанд: 1 январ – Соли нав; 8 март – Рӯзи байналхалқии занон; 21-23 март – ҷашни Наврӯз; 1 май – Рӯзи байналхалқии якдилии меҳнаткашон; 9 май – Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ; 27 июн – Рӯзи Ваҳдати миллӣ; 9 сентябр – Рӯзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 6 ноябр – Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон; Иди Рамазон – як рӯз дар ҳар сол дар рӯзи мувофиқомада; Иди Қурбон – як рӯз дар ҳар сол дар рӯзи мувофиқомада.

Мутобиқи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати ба рӯзи истироҳат рост омадани идҳои рӯзи истироҳат эълоншуда рӯзи истироҳат ба рӯзи кории баъди қайд кардани идҳо гузаронида мешавад.

Ба рӯзҳои иди рӯзи истироҳат эълоннашуда инҳо мансубанд: 22 июл – Рӯзи забони тоҷикӣ, ҷашнҳои Меҳргон, Сада ва ғайра.

Қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ба шаҳрвандон додани рухсатиро танзим мекунад.

**Рухсатӣ мӯҳлатест (вақтест), ки дар тӯли он шаҳрванд дар асоси қонунгузории меҳнатӣ аз иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ бо шарти нигоҳдории ҷои кор ва вазифа озод карда мешавад ва ӯ онро барои истироҳат ва барқарорсозии қобилияти корӣ, инчунин қонеъсозии дигар манфиатҳои худ истифода мекунад.**

Вобаста ба моҳият ва аҳамият рухсатиҳои ҳарсолаи пардохтшаванда ва рухсатиҳои иҷтимоиро ҷудо мекунанд:

Рухсатиҳои ҳарсолаи пардохтшаванда ба ҳар шаҳрванд дар асоси қарордоди (шартномаи) меҳнатӣ дар корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, барои фаъолияти меҳнатӣ дода мешаванд. Рухсатиҳои ҳарсолаи пардохтшаванда дар соли аввали кор бояд баъди 11 моҳ дода шаванд. Рухсатӣ барои соли дуюм ва солҳои минбаъдаи кор бояд дар ҳама гуна вақти соли корӣ мутобиқи навбати додани рухсатиҳо дода шавад. Ҳамзамон бо додани рухсатӣ давомнокии он аҳамияти махсус дорад. Давомнокии рухсатии минималии додашаванда аз 24 рӯзи тақвимӣ кам нест. Новобаста аз характери фаъолияти меҳнатии шаҳрванд ба ӯ рухсатии иловагӣ дода мешавад, масалан, ба рухсатии асосии кормандони машғули корҳои шароити меҳнаташон зарарнок ва вазнин боз 7 рӯзи тақвимӣ илова мегардад, ё ба рухсатии асосии кормандоне, ки характери корашон махсус аст, ё онҳое, ки корҳоро дар шароитҳои номусоиди табиӣ-иқлимӣ ба ҷо овардаанд, 3 рӯзи тақвимӣ илова карда мешавад.

Дар давраи дар рухсатӣ будани шаҳрванд ҷои кор ва музди меҳнаташ нигоҳ дошта мешавад. Дар вақти рухсатӣ бо ташаббуси кордеҳ қарордоди (шартномаи) меҳнатиро бекор кардан ё онро дигаргун сохтан мумкин нест. Ҳамчунин бозхонд аз рухсатӣ танҳо бо ризоияти корманд ба амал баровварда мешавад. Дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон надодани рухсатӣ дар бадали ду соли паиҳам, инчунин надодани рухсатии ҳарсола ба кормандони ноболиге, ки машғули корҳои шароити меҳнаташон зарарнок ва вазнин аст, манъ мебошад.



**Расми 36. Ҳуқуқ ба истироҳат**

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари рухсатиҳои ҳарсолаи пардохтшаванда ҳамчунин рухсатиҳои иҷтимоиро пешбинӣ кардааст. Ба гурӯҳи рухсатиҳои иҷтимоӣ инҳо дохил мешаванд: рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд; рухсатии нигоҳубини кӯдак; рухсатии таълимӣ, рухсатии эҷодӣ; рухсатии бемузд.

Дар давраи додани рухсатии иҷтимоӣ ҷои кор нигоҳ дошта мешавад. Музди меҳнат дар вақти рухсатии иҷтимоӣ дар сурате нигоҳ дошта мешавад, ки агар онро қонунгузории меҳнатӣ ё созишномаю қарордоди дастаҷамъӣ пешбинӣ карда бошанд.

Қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин барои ноболигон ҳуқуқи рухсатӣ муқаррар кардааст. Ба кормандони аз 18 сола ҷавонтар ҳамасола дар вақти тобистон ё ҳама гуна вақти барои онҳо мувофиқ рухсатии меҳнатии пардохтшавандаи мӯҳлаташ на камтар аз 30 рӯзи тақвимӣ дода мешавад.

Барои шаҳрвандони хориҷӣ давомнокии вақти рухсатӣ, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун барои шаҳрвандони Тоҷикистон аст.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқ ба истироҳат, вақти истироҳат, рӯзҳои ид, рухсатӣ, рухсатии иҷтимоӣ*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Ҳуқуқ ба истироҳат чист? Оё ҳуқуқи истироҳат маҳдуд карда мешавад?*

*2. Санадҳои асосии меъёрӣ- ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии кафолатдиҳандаи ҳуқуқи ҳар одамро ба истироҳат номбар кунед.*

*3. «Вақти истироҳат» чист? Шумо кадом навъҳои вақти истироҳатро медонед?*

*4. Ба фикри Шумо, чаро давлат рӯзҳои ҷашнҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва миллиро*

*рўзҳои истироҳат эълон кардааст? Ҷашну идҳои ба Шумо маълумро номбар кунед.*

*5. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандон кадом навъҳои рухсатиҳоро муқаррар кардааст?*

*6. Зарурати рухсатиҳои иҷтимоиро асоснок кунед.*

*7. Махсусиятҳои ҳуқуқи истироҳати ноболиғон дар Тоҷикистон чигунаанд?*

*8. Дар бораи варианти идеалии рухсатии худ нақл кунед.*

# БОБИ 12
# ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИҶТИМОӢ

## § 40. ТАВСИФИ УМУМИИ ҲУҚУҚҲОИ ИҶТИМОӢ

**1.ҲУҚУҚҲОИ ИҶТИМОИИ ИНСОН: МАФҲУМ, МУНДАРИҶА.** Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ дар маҷмӯи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар таъмини адолати иҷтимоӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, зеро онҳо озодии инсонро дар соҳаи иҷтимоӣ таъмин карда, имконияти ҳимояи манфиатҳои ҳаётии инсонро фароҳам меоранд.

Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ чун ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба ҳуқуқҳои насли дуюм тааллуқ доранд. Агар ҳуқуқҳои насли якум ҳимояи шаҳрвандонро аз дахолати давлат дар назар дошта бошад, табиати ҳуқуқҳои иҷтимоӣ чун ҳуқуқҳои насли дуюм аз он иборат аст, ки барои истифодаи онҳо дар ҳаёт аз ҷониби давлат таҳияи барномаҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти ҳамаҷонибаи ташкилию хоҷагӣ лозим аст. Дараҷаи амалисозии ҳуқуқҳои насли дуюм аз бисёр ҷиҳат аз дараҷаи рушди иқтисодӣ ва захираҳои молиявии мамлакат вобаста мебошад.

Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ба инсон сатҳи арзандаи зиндагӣ ва ҳимояи иҷтимоиро таъмин мекунанд. Яке аз ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии иҷтимоӣ ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ мебошад, ки суғуртаи иҷтимоӣ, таъмини нафақа ва хизматрасонии тиббиро фаро мегирад. Ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҳамчунин инҳо мансубанд: ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба ташкили оила, ҳуқуқ ба ҳимояи кӯдакон ва маъюбон ва ғайра.

> **Ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрванд маҷмӯи ҳуқуқҳо ва озодиҳоест, ки ба шахс сатҳи арзандаи зиндагӣ ва ҳангоми мавҷудияти шароитҳои муайян имконияти аз давлат гирифтани арзишҳои моддиро таъмин менамоянд.**

Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ дар конститутсияҳои на ҳамаи давлатҳои ҷаҳон инъикоси пурраи худро ёфтаанд. Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эълон гардидани давлати иҷтимоӣ (қисми 2-и

моддаи 1) ҳуқуқҳои ичтимоии инсон ва шаҳрванд ба андозаи пурра нишон дода шудаанд.

***Ба хотир оред, ки давлати иҷтимоӣ чист? Давлати иҷтимоӣ ба шаҳрвандони худ кадом кафолатҳоро медиҳад?***

Ҳуқуқҳои ичтимоӣ бо ҳуқуқҳо ва озодиҳои иқтисодӣ зич алоқамандӣанд. Аммо гурӯҳи мазкури ҳуқуқҳо хусусиятҳое дорад, ки онро аз дигар ҳуқуқҳо ва озодиҳо фарқ мекунонад. Он бо муносибатҳое, ки дар соҳаи иҷтимоии ҷомеа пайдо мешаванд, алоқамандии бевосита дорад, яъне ҳуқуқҳои иҷтимоӣ дар алоқамандии зич бо ҳуқуқҳои иқтисодӣ барои қонеъсозии талабҳои муҳимтарини баҳри шаҳрвандон зарурӣ - манзил, гизо, кор, истироҳат ва ғайра нигаронида шудаанд.

Хусусияти дуюм ва хеле муҳими ин гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳо дар он зоҳир мешавад, ки онҳо кафолатҳоро соҳибанд, яъне онҳо нисбати дигар ҳуқуқу озодиҳо функсияи кафолатиро ба ҷо меоранд, масалан, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқ ба шароитҳои хуби зиндагӣ ва ғайра.

Амалисозии муттасили ин ҳуқуқу озодиҳо шарти муҳим ва кафолати дигар ҳуқуқҳо ва озодиҳои шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар шароити Тоҷикистони имрӯза, ки бо роҳи иқтисоди бозорӣ пеш меравад, амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ воситаи аз ҳама муҳими демократикунонии ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дастгирии давлатии табақаҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ камҳимояи аҳолӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари зикри шаклҳои иқтисодиёти бозорӣ мутаносибан ҳуқуқҳо ва дигар шаклҳои ёрии тиббӣ (аз ҷумла хусусӣ-қисми 2-и моддаи 38), дигар шаклҳои таҳсил (аз ҷумла хусусӣ-қисми 3-и моддаи 41), ҳуқуқи манзил бо роҳи сохтани манзилгоҳҳои кооперативӣ ва хусусӣ (моддаи 36) оварда шуда, ҳамчунин кафолатҳои гирифтани ёрии ройгони тиббӣ дар муассисаҳои давлатии нигоҳдории тандурустӣ (моддаи 38) дода мешавад. Амалисозии ин муқаррароти конститутсиониро дар асоси қонун ва мутобиқи шароити иқтисодиёти бозорӣ оид ба соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон таъмин кардан мумкин аст. Зарурати мавҷудият дар қонунгузории амалкунанда, ба ҷуз муқаррар кардани ҳуқуқҳои муайяни иҷтимоии конститутсионӣ, яке аз хусусиятҳои муҳими ин гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳо мебошад. Аз ин рӯ қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои маориф», «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ», Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра нақши муҳим мебозанд.

**2. НИЗОМИ ҲУҚУҚҲОИ ИҶТИМОӢ.** Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ низоми ягонаро ташкил дода, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1.Ҳуқуқҳои иҷтимое, ки дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким бахшида шуда ва ба инсон кафолати ҳаёти осоиштаю арзанда дода, аз таъсироти ноосоишта ва ғайричашмдошти иқтисодиёти

бозорӣ эмин медоранд: ҳуқуқ ба музди меҳнати ҳадди ақали кафолотдодашуда (қисми 1-моддаи 35); ҳуқуқ ба ҳимояи давлатии оила, ғамхорӣ ва парастории махсуси давлат ба оила ва кӯдак, ҳимояи давлатии ятимон ва маъюбон (қисмҳои 1 ва 3-и моддаи 34); ҳуқуқ ба ҳимояи давлатӣ дар вақти пиронсолӣ, беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти меҳнатӣ ва маҳрум шудан аз сарпараст (қисми 1-и моддаи 39); ҳуқуқ ба тарбия ва таълими ятимон ва маъюбон аз ҷониби давлат (қисми 3-и моддаи 34); ҳуқуқ ба манзил, аз ҷумла бо роҳи сохтани манзили кооперативӣ ва хусусӣ (моддаи 36); ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии ройгони тиббӣ дар муассисаҳои давлатии нигоҳдории тандурустӣ (моддаи 38).

2.Ҳуқуқҳои иҷтимоии дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатдодашудае, ки рушди мӯътадили физиологии инсонро таъмин мекунанд: ҳуқуқ ба истироҳат (моддаи 37); ҳуқуқ ба тарзи солими ҳаёт ва дастрасӣ ба маълумот оид ба вазъи ҳақиқии он (моддаи 38).

3.Ҳуқуқҳои иҷтимое, ки баҳри муваффақ шудан ба ҳамкории иҷтимоӣ дар ҷомеа имконият медиҳанд: ҳуқуқи таъсис ё ташкил додани иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ (қисми 1-моддаи 28-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо" (соли 1992), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (соли 1998); ҳуқуқ ба баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективӣ, аз ҷумла бекорӣ (Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Бешубҳа, кафолатҳои ҳуқуқӣ барои амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ аҳамияти ҷиддӣ доранд, аммо қайд кардан зарур аст, ки дар низоми кафолатҳои ин гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳо омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии рушди ҷомеа ва давлати мо нақши ҳалкунанда мебозанд.Бартарафсозии боқимондаҳои бӯҳрони иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ ва миллӣ, баҳаракатдарории имкониятҳои ба болоравии дараҷаи некӯаҳволии одамон мусоидаткунанда омилҳое мебошанд, ки дар асоси онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон барои худ ҳаёти арзанда дошта метавонанд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқҳо ва озодиҳои иҷтимоӣ*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Кадом ҳуқуқҳо ва озодиҳоро иҷтимоӣ меноманд? Ба ақидаи Шумо, кадом хусусиятҳо онҳоро аз дигар ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд фарқ мекунонанд?*

*2.Низоми ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ чиро ифода мекунанд? Ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро номбар кунед.*

*3.Ба хотир оред, ки давлати иҷтимоӣ чист? Вобастагии амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ аз ташаккули давлати иҷтимоӣ дар чӣ ифода мегардад?*

*4.Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро бодиққат хонед. Ин санадҳои байналмилалӣ кадом ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоиро кафолат медиҳанд?*

*5.Ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрванд чигуна таъмин мегарданд?*

## § 41. ҲУҚУҚИ ТАШКИЛИ ОИЛА. ҲИФЗИ МОДАРӢ ВА КӮДАКӢ

**1. МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИ ТАШКИЛИ ОИЛА.** Ҳуқуқи ташкили оила яке аз ҳуқуқҳои муҳимтарини иҷтимоӣ аст, зеро ҷамъияти инсонӣ бе оила вуҷуд дошта наметавонад ва аз сатҳи некӯаҳволии оила вобаста аст, ки ин ё он ҷомеа дар кадом сатҳи рушди маънавию моддӣ қарор дорад. Ҳуқуқи ташкили оила ва зери ҳимояи давлат қарор доштани оила ҳанӯз дар Конститутсияи соли 1977 таҳким ёфта буд. Дар Конститутсияи даврai истиқлолият (соли 1994) ба муносибатҳои оилавӣ ду модда (моддаҳои 33-34) бахшида шудааст. Давлат ӯҳдадор шудааст, ки оиларо ҳамчун асоси ҷомеа ҳифз кунад.

Мутобиқи моддаи 33-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба синни никоҳ расидан шарти ягонаи аз тарафи мард ва зан пайдо кардани ҳуқуқ барои озодона бастани аҳди никоҳ аст. Дар муносибатҳои оилавӣ ва ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ ҳамсарон баробарҳуқуқуқанд. Якникоҳӣ принсипи асосии ташкили оила мебошад. Бисёрникоҳӣ манъ аст.

Дар моддаи 34-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудани меъёре, ки тибқи он модар ва кӯдак зери парастории махсуси давлат мебошанд, ба зиммаи давлат барои рушди соҳаи иҷтимоӣ масъулияти бузург мегузорад. Ин масъулиятнокӣ аз таҳияи чорабиниҳое иборат аст, ки ба фароҳам овардани шароитҳо баҳри мустаҳкамшавии оила, манфиатдорӣ ба модарӣ, ҳифзи манфиатҳои ҳамаи аъзои оила, аз ҷумла модар ва кӯдак, ки пурра амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои оилавиро кафолат медиҳанд, нигаронида шудаанд.

Мусаллам аст: инъикоси ин меъёрҳои конститутсионӣ (қисми 1-и моддаи 34) тасдиқ мекунад, ки дар ҳуқуқи миллӣ муқарраroти мутобиқи категорияи санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (соли 1989), Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (соли 1966) ва ғайра истифода шудаанд.



Расми 37. Баробарҳуқуқӣ дар оила

Аз ҷумла дар моддаи 16-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва моддаи 10-и Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ оила ҳамчун ячейкаи табиӣ ва асосии ҷомеа пазируфта шудааст. Дар санадҳои зикршуда ва

дигар санадҳои байналмилалӣ ҳифзи ҳуқуқҳои модар ва кӯдак таҳким ёфта, дастгириҳои гуногуни иҷтимоии оила пешбинӣ шудаанд.

Чунончи, дар моддаи 10-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гуфта шудааст: ба оила ки, ячейкаи табиӣ ва асосии ҷомеа мебошад, аз рӯи имконият ҳимоя ва ёрии аз ҳама пурвусъат алалхусус вақти ташкилшавии он ва ҳанӯз, ки ба зиммаи вай масъулияти гамхорӣ дар ҳаққи кӯдакони номустақил ва тарбияи онҳо намеистад, расонида шавад. Никоҳ бояд бо ризоияти озодонаи тарафҳои ақди никоҳкунанда баста шавад.

Дар ин санад ҳамчунин қайд гардидааст, ки модарон вақти ҳомиладорӣ, то таваллуд ва баъди таваллуди кӯдак бояд зери парастории махсус бошанд. Дар назар доштани чораҳои махсуси модарӣ, ҳифзи кӯдакон ва наврасон, манъи истифодаи меҳнати кӯдакон, агар ин меҳнат ба саломатии кӯдак ва инкишофи ӯ зарари маънавию ҷисмонӣ расонад, навъи шаклҳои дигари дастгирии оила мебошад.

Кӯдакон аз истисмори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бояд ҳимоя карда шаванд. Дар моддаи 25-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар муқаррар карда шудааст: "Ҳамаи кӯдаконе, ки дар ақди никоҳ ва берун аз он таваллуд шудаанд, бояд аз ҳимояи иҷтимоии баробар истифода намоянд».

Паҳлуҳои ҷудогонаи принсипҳои ҳифзи модарӣ ва кӯдакӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои наврасон дар як қатор эъломияҳои (конвенсияҳои) Созмони байналмилалии меҳнат таҷассум ёфтаанд. Аз ҷумла дар Конвенсияи СБМ №103 «Дар бораи ҳимояи модарӣ» пешбинӣ шудааст, ки давомнокии рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд камаш 12 ҳафта буда, давраи ҳатмии рухсатии баъди таваллудро фаро мегирад. Фармон дар бораи аз кор озод кардан дар давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад.

Дар дигар конвенсияҳои дахлдори ин созмон синну соли минималии қабул ба кор муайян карда шудааст. Дар соҳаи кишоварзӣ он аз 14-солагӣ ва дар дигар ҳолатҳо аз 15-солагӣ муқаррар гардидааст. Мутобиқи дигар ҳуҷҷати меъёрии ин созмон – Конвенсияи №90 «Дар бораи меҳнати шабонаи наврасон дар саноат» ба корҳои шабона дар саноат ҷалб кардани наврасони то 18-сола манъ карда шудааст.

**2.ҲУҚУҚИ ТАШКИЛИ ОИЛА.** Ҳифзи оила, модарӣ ва кӯдакӣ фарогири ақди никоҳи озод аст. Никоҳ асос ва пояи ташаккули оила маҳсуб шуда, дар ақди ризоияти дуҷониба ва ихтиёрии он барои ҳифзи ҳуқуқҳои аъзои оила аҳамияти фавқулодда дорад. Давлат тавассути муқаррар кардани шартҳои махсуси бастани ақди никоҳ вайронкунии ҳуқуқро ҳангоми бастани ақди никоҳ огоҳ месозад.

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чун санади асосии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ шартҳои никоҳ, бо розигии дуҷонибаи марду зан бастани ақди никоҳ ва ба синни никоҳ расиданро ҳамчун эътирофшуда муқаррар кардааст. Кодекси оила ҳамчунин

ҳолатҳоеро, ки мавҷудияташон монеъи никоҳ мегарданд, пешбинӣ намудааст. Муқаррар намудани шартҳои никоҳ баробарии мард ва занро дар ташкили оила таъмин мекунад.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон оиларо асоси ҷомеа дониста, зери ҳимояи давлат қарор доштани онро эълон кардааст. Мутобиқи Конститутсия ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад, мардон ва занони ба синни никоҳ расида метавонанд озодона ақди никоҳ банданд. Дар муносибатҳои оилавӣ ва ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ шавҳар ва зан баробарҳуқуқанд. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрникоҳиро манъ мекунад. Ҳифзи оила, модарӣ ва кӯдакӣ дар сатҳи афзалиятмандии сиёсати иҷтимоӣ ва давлатӣ дастгирии иҷтимоии оила маҳсуб мешавад. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки модар ва кӯдак зери ҳимоя ва парастории давлат қарор доранд. Ин муқаррароти Конститутсия далели он аст, ки тавлиди кӯдак ва никоҳ на танҳо кори шахсӣ, балки чун кори аҳамияти калони ҷамъиятидошта дастгирии давлатро тақозо доранд.



**Расми 38. Ҳуқуқ ташкили оила**

Ҳимоя ва кӯмак ба оила, модар ва кӯдак дар санадҳои гуногуни ҳуқуқӣ зикр шудааст. Қонунгузории оилавӣ муносибатҳои оилавиро ба тартиб андохта, дар таъмини ҳуқуқҳои аъзои оила нақши муҳим мебозад. Соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти оила ҳангоми қабули қарорҳо барои инкишофи худ, афзалиятмандии манфиатҳои кӯдакон, баробарҳуқуқии шавҳар ва зан ҳангоми тақсими боадолатонаи ӯҳдадориҳои оилавӣ, норавоии дахолати беасос ба корҳои оила дар қонунгузории оилавӣ ифода гардида, сиёсати давлатро дар мавриди ҳимоя ва мустаҳкамсозии оила муайян мекунанд.

Рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуди кӯдак барои занҳои машғули фаъолияти меҳнатӣ, ки дар қонунгузории меҳнатии мамлакат пешбинӣ шудааст, аз ҷумлаи чораҳои ҳуқуқии бевосита ба ҳифзи модарию кӯдакӣ нигаронидашуда мебошад. Ҳадафи ин рухсатиҳо фақат ҳимояи манфиатҳои модару кӯдак набуда, онҳо ба андозаи муайян ба сифати ҷуброни камшавии даромади оила ба сабаби ҳомиладорӣ ва таваллуди кӯдак баромад мекунанд. Давомнокии рухсатӣ, кӯмаки пулие, ки ҳангоми рухсатӣ дода мешавад, ҳуқуқи бозгашт ба ҷои аввалаи кор баъди рухсатӣ

омили муҳими дастгирии иҷтимоии модар ва кӯдак маҳсуб мешаванд.

Мутобиқи моддаи 164-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба занҳо рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд бо давомнокии 70 рӯзи тақвимӣ то таваллуд ва 70 рӯзи тақвимӣ баъди таваллуд бо пардохти кӯмакпулӣ аз ҳисоби суғуртаи давлатӣ дода мешавад. Дар сурати ба амал омадани мушкилот дар вақти таваллуд рухсатии баъди таваллуд 86 рӯзро ташкил дода, ҳангоми таваллуд шудани ду ва зиёда аз он кӯдак рухсатӣ ба 110 рӯзи тақвимӣ мерасад. Моддаи 165-и кодекс муқаррар менамояд, ки рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак то якунимсола шудани ӯ бо пардохти кӯмакпулӣ дар ин давра аз ҳисоби сугуртаи давлатӣ бо хоҳиши модар сурат мегирад. Ин навъи рухсатиҳо низ пардохти кӯмакпулиро дар назар дорад.

Қонунгузорӣ ҳифзи махсуси ҳуқуқҳои меҳнатии занон ва фароҳам овардани шароитҳои зерини мӯътадили меҳнатии ҷавобгӯи хусусиятҳои физиологии занонро таъмин менамояд: кафолатҳои баланд ҳангоми қабул ба кор ва озод кардан аз кор, манъи меҳнати онҳо дар корҳои вазнин ва корҳои шароиташон зарарнок, маҳдудияти меҳнати занони ҳомила дар сменаҳои шабона ва гузаронидани онҳо ба кори нисбатан сабуктар ва ғайра. Қонунгузории меҳнатӣ дар ин самт манфиатҳои занҳои коркунандаро ҳамаҷониба ба тартиб овардааст.



**Расми 39. Ҳуқуқи ба ақди никоҳ даромадан**

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқи ташкили оила, ҳифзи модарӣ ва кӯдакӣ, оила.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Маънии ҳуқуқи ташкили оила чист? Чаро ин ҳуқуқ ба ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ таалллуқ дорад?*

*2. Моддаҳои кафолатдиҳандаи ҳифзи оиларо дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар кунед.*

*3. Кадом санадҳои байналмилалӣ зарурати ҳифзи ҳуқуқҳои оиларо инъикос мекунанд?*

*4. Исбот кунед, ки дар масъалаҳои дохилиоилавӣ оила соҳибихтиёр ва мустақил аст.*

*5. Зан-модар чӣ ҳуқуқҳо дорад? Чаро модарон ва кӯдакон ниёзманди ҳифзи махсуси давлат мебошанд?*

*6. Давлат ҳифзи ҳуқуқҳои занҳо-модарон ва кӯдаконро бо ёрии кадом воситаҳо ва тадбирҳо таъмин менамояд?*

## § 42. ҲУҚУҚ БА МАНЗИЛ

**1. ҲУҚУҚ БА МАНЗИЛ: МАФҲУМ, АҲАМИЯТ.** Ҳуқуқ ба манзил яке аз ҳуқуқҳои конститутсионӣ дар соҳаи иҷтимоӣ мебошад. Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 36) муқаррар шудааст, ки ин ҳуқуқ бо роҳи амалӣ сохтани сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва инфиродӣ таъмин карда мешавад. Дар моддаи 22- и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлнопазирии манзили шахсият (ҳуқуқи шахсӣ) таъкид шудааст. Мутобиқи қисми 2-и модда зада даромадан ба манзил ва маҳрум кардани инсон аз манзил раво нест.

Дар назари аввал басо аҷиб менамояд, ки масъалаи таъмин бо манзил ба соҳаи ҳуқуқҳои инсон тааллуқ дорад. Аммо омӯзиши қонунҳои миллӣ ва санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, ҳамчунин фаҳмиши аҳамияти ҷои истиқомати бехавф барои таъмини шарафи одамӣ, тансиҳатии ҷисмонию рӯҳӣ ва сифати зиндагӣ дар маҷмӯъ ба муайян кардани омилҳои исботкунандаи робитаи мустаҳками масъалаи таъминот бо манзил ва ҳуқуқҳои инсон мусоидат мекунанд. Таъминот бо манзили кофӣ ба сифати яке аз талабҳои асосии қонунии инсон баррасӣ мешавад. Бе таъмини манзил дар бораи риояи ҳуқуқҳои инсон чизе гуфтан душвор аст. Мувофиқи маълумоти Маркази СММ дар бораи мавзеъҳои аҳолинишин беш аз 1 миллиард аҳолии рӯи Замин манзили кофӣ надоранд ва зиёда аз 100 млн. одам дар шароитҳое зиндагӣ мекунанд, ки онҳоро ба категорияи одамони бехона мансуб донистан зарур аст.

Таъмини дастрасии оби ошомиданӣ ва меъёрҳои санитария талаби асосиест, ки бевосита ба ҳуқуқ ба манзил алоқаманд мебошад. Мувофиқи маълумотҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии нигаҳдории тандурустӣ зиёда аз 1,2 млрд. аҳолии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба оби тоза дастрасӣ надоранд. Мафҳуми ҳуқуқ ба манзили кофӣ тавзеҳи худро дар ҳуҷҷати муҳими байналмилалӣ-Стратегияи глобалӣ дар соҳаи манзил ёфтааст, ки мундариҷаи мухтасараш чунин аст: манзили кофӣ маънии ҳимояи зарурии ҳаёти шахсӣ, манзили барои зиндагӣ зарурӣ, амнияту рӯшноӣ ва ҳавотозакунаки зарурӣ, инфраструктураи заминавии зарурӣ ва ҷойгир будани манзил на дар наздикии объектҳои истеҳсолӣ ва дигар сохтмонҳои асосиро дорад ва ин ҳама бояд дастраси шаҳрвандон бошад.

Ҳуқуқ ба манзил дар санадҳои байналмилалӣ бо ду усул ифода меёбад: яке бевосита, яъне ба сифати ҳуқуқи асосии инсон, ки ба ҳар кас тааллуқ дорад ва дигаре дар қаринаи дигар гурӯҳҳои ҳуқуқҳо ва озодиҳо. Ба ҳадди

охир ҳуқуқ ба манзили кофӣ ҳуқуқи ҳар як кӯдак, ҳар як зан ва ҳар як мард сарфи назар аз ҷои истиқомоти онҳост. Ба ин сабаб дар банди 1-и моддаи 25- и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар гуфта шудааст: «Ҳар як инсон ба чунин сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла хӯрок, пӯшок, манзил, нигоҳубини тиббӣ ва таъминоти зарурии иҷтимоие, ки барои нигоҳдории сиҳатӣ ё дигар ҳолатҳси маҳрумият аз воситаҳои зиндагӣ, ки бо сабабҳои новобаста аз ӯ ба вуҷуд меоянд, ҳақ дорад». Дар банди 1-и моддаи 11-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ омадааст: «Давлатҳои иштирокдори ин Паймон ҳуқуқи ҳар касро ба сатҳи кофии зиндагӣ барои худи ӯ ва оилааш, ки гизо, либос ва манзили кофӣ ва муттасил беҳшавии шароитҳои зиндагиро фаро мегирад, эътироф менамоянд». Ғайр аз ин ҳуҷҷатҳо ҳуқуқи ҳар кас ба манзили кофӣ дар Конвенсияи пешрафти иҷтимоӣ ва рушд (соли 1969) ва Конвенсияи Ванкувер дар бораи мавзеъҳои аҳолинишин (соли 1976) тасдиқ карда шудааст. Мутобиқи моддаи 5-и Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъизи нажодӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 11 январи соли 1995 тасдиқ кардааст, давлатҳои иштирокдор ӯҳдадор мешаванд, баробарҳуқуқии одамонро дар масъалаи амалисозии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба манзил пурра таъмин намоянд. Дар моддаи 14-и Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон, ки Ҷумҳурии Тоҷистон онро 25 октябри соли 1993 тасдиқ кардааст, сухан дар бораи барҳам додани ҳамаи навъҳои маҳдудсозии ҳуқуқҳои занон дар ноҳияҳои деҳотӣ ва таъмин намудани занон бо шароитҳои зарурии зиндагӣ, алалхусус шароитҳои манзилӣ, шароитҳои санитарӣ ва таъмин бо қувваи барқ ва об меравад.

Дар моддаи 27-и Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак сухан дар бораи ҳуқуқҳои махсуси манзили кӯдакон меравад, ки ҳамчун ҳуқуқҳои волидон ва дигар ашхоси тарбияткунандаи кӯдак дар таъминот бо ғизо, либос ва манзил дар назар дошта мешавад. Дар ниҳояти кор дар моддаи 37-и Конвенсияи СММ ва тавсияҳо ба ҷомеаи ҷаҳонии меҳнат масъалаи таъминоти одамон бо манзил чун унсури табиӣ ва ҳатмӣ ва мақоми ҳуқуқии инсон тасдиқ карда шудааст.

**2. ТАЪМИНИ ИҶРОИ ҲУҚУҚ БА МАНЗИЛ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.** Бояд қайд кард, ки ҳамаи ҳуқуқҳои дигари инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба шаъну эътибори инсонӣ, ҳуқуқ ба дараҷаи арзандаи ҳаёт, ҳуқуқ ба интихоби озодонаи ҷои зист, ҳуқуқ ба озодии фикр ва ассосиатсияҳо, ҳуқуқ ба амнияти шахсӣ ва гайра барои амалисозӣ, истифода ва соҳибихтиёрии ҳуқуқ ба манзили кофӣ шарти зарурӣ ба шумор меравад. Дар айни замон мавҷудияти дастрасӣ ба манзили бехавф ба одамон имконияти истифодаи дигар ҳуқуқҳоро низ медиҳад. Ба ин тариқ, таъмини ҳуқуқ ба манзил асоси боэътимоди истифодаи дигар ҳуқуқҳои инсон мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон ҳуқуқи худро ба манзил бо роҳи сохтмони давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва инфиродӣ таъмин карда метавонанд Сохтмони давлатии манзил аз ҷониби давлат ба амал бароварда шуда, он манзил ба шаҳрвандони эҳтиёҷманд тақсим карда мешавад. Сохтмони ҷамъиятӣ аз ҳисоби корхонаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, амалӣ мегардад. Сохтмони кооперативӣ аз воситаҳои пулии шаҳрвандон, ки дар кооперативҳои сохтмонии манзил муттаҳид шудаанд, амалӣ карда мешавад. Сохтмони инфиродӣ аз ҳисоби воситаҳои пулии ҳар шаҳрванд бо мақсади иқомати минбаъда дар он сурат мегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъминот бо манзил асосан бо роҳи ҷалб кардани воситаҳои пулии давлатӣ, шаҳрвандон, ташкилот ва корхонаҳо барои сохтмони манзил ба амал меояд.

Ашхоси барои гирифтани манзил дар назди ҳукуматҳои маҳаллӣ дар навбат истода аз ҳисоби фонди давлатии манзил бо хона таъмин карда мешаванд.

Ташкилоту корхонаҳои фонди манзилӣ дошта кормандони худро мувофиқи тартиботи муқарраркардаи қонун бо манзил таъмин мекунанд. Агар онҳо фонди махсуси манзилӣ надошта бошанд, коргарон ва хизматчиёнро вобаста ба имкониятҳои мавҷуда бо манзил таъмин менамоянд. Яке аз роҳҳои беҳтарини таъмин кардани эҳтиёҷмандон бо манзил сохтмони кооперативии манзил мебошад.

Дар айни замон сохтмони хусусии манзил хеле вусъат пайдо кардааст. Барои сохтмони манзили шахсӣ ҳукуматҳои маҳаллӣ қитъаҳои замин ҷудо мекунанд.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини мӯътадили ҳуқуқ ба манзилро тавассути чораҳои махсус, ки дар дахлнопазирии манзил, раво набудани маҳрум кардан аз манзил, шакли судии ҳифзи ҳуқуқҳои манзилӣ ифода мегардад, дар назар дорад.

Зери мафҳуми дахлнопазирии манзил роҳ надодан ба ҳодисаҳои зада даромадан ба манзил дар назар аст. Зада даромадан ба манзил танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, мувофиқи нишондоди қонун, раво аст.

Қонунгузории амалкунанда ду ҳолати аз манзил маҳрум кардани соҳибиқ онро пешбинӣ менамояд: агар манзиле, ки дар он одам зиндагӣ мекунад, дар ҳолати садамавӣ қарор дошта бошад; агар шахс онро бо вайрон кардани тартиботи муқарраршуда гирифта бошад. Дар ҳолати якум манзил дар натиҷаи омилҳои гуногун ба ҳолати садамавӣ расида ба ҳаёту саломатии шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ хавф дорад. Бо мақсади бартарафсозии чунин хатар тадбирҳои саривақтӣ андешида шуда, аз ҷумла бо роҳи додани манзили дигар шаҳрванд аз манзили аввала маҳрум карда мешавад. Дар ҳолати дуюм агар шахс манзилро худсарона, бо вайрон кардани тартиботи муқарраршуда соҳиб шуда бошад, вай аз ин манзил бе додани манзили дигар берун карда мешавад.

Ба ҷуз ду ҳолати зикршуда шаҳрванд ҳамчунин мувофиқи тартиботи судӣ аз манзил маҳрум карда мешавад. Қонунгузорӣ мувофиқи тартиботи судӣ аз манзил берун карданро бо додан ё надодани манзили дигар пешбинӣ менамояд. Аз манзил берун кардани шаҳрванд бо надодани манзили дигар дар ҳолатҳои зерин мумкин аст: 1). Агар соҳибхона ва аъзои оилаи ӯ ва дигар ашхоси якҷоя бо онҳо зиндагикунанда ба таври доимӣ манзилро ноообод созанду вайрон кунанд (дагалии беасос, баланд кардани овози радио, телевизор ва магнитофон баъди соати 23-и шаб, горатгарӣ ва гайра) ва чораҳои огоҳию таъсиррасонии ҷамъиятӣ (огоҳсозии ҳамсояҳо ва милитсия) ба онҳо асаре нарасонад; 2). Агар вай манзилро мувофиқи таъинот истифода накунад ва чораҳои огоҳсозию таъсиррасонӣ натиҷаҳои мусбат надиҳанд, ҳамчунин истифодаи манзил чун анбор, мағоза, ҷои хизматрасонии коммуналӣ – дар ин ҳолатҳо масъалаи аз манзил берун кардани шаҳрванд бе додани манзили дигар ба миён меояд; 3) Агар онҳо бо вайронкунии доимии қоидаҳои хобгоҳ дар хона ё бино якҷоя зиндагӣ кардани дигар шаҳрвандонро имконнопазир гардонанд ва чораҳои огоҳсозию таъсиррасонии ҷамъиятӣ натиҷаҳои мусбат ба бор наоранд. Чун қоида, дар чунин ҳолатҳо соҳиби хона огоҳ карда мешавад, ки минбаъд қоидаҳои иқомати якҷояро вайрон накунад. Агар ин огоҳсозиҳо натиҷае набахшанд, соҳиби манзил ва аҳли оилаи ӯ мувофиқи тартиботи судӣ аз ин манзил бе додани манзили дигар берун карда мешаванд; 4) Агар волидон аз ҳуқуқи волидайнӣ маҳрум гардида бошанд ва зиндагии якҷоя бо кӯдакон, ки нисбати онҳо ҳуқуқи волидайнӣ маҳрам карда шудааст, имконнопазир дониста шуда бошад. Он гоҳ ба манфиати кӯдакон одамони манфиатдор (мақомоти васоят ва парасторӣ ва дигарон) ҳуқуқ доранд, талаб намоянд, ки ин волидон бе додани манзили дигар аз ин манзил берун карда шаванд; 5) Ба ҷуз ин ҳолатҳо берун кардани шаҳрвандон аз манзил мувофиқи тартиботи зерин мумкин аст: а) агар соҳиби манзил худсарона бозсозӣ карда, тарҳи хонаро дигаргун сохта бошаду ин амали ӯ барои ҳаёти дигар бошандагони бино хавф орад ва ба шакли аввала баргардондани ҳолати хона имконнопазир бошад; б) дар ҳолатҳои гайриқонунӣ дониста шудани ҳуҷҷати (ордери) манзил, ки шахс онро бо роҳи ғайриқонунӣ гирифтааст; в) агар иҷоранишин баъди огоҳсозӣ хонаро озод накарда бошад; г) агар истиқоматкунандаи муваққатӣ озод кардани хонаро рад кунад.

Инҳо ҳолатҳои истисноианд. Дар ҳолатҳои дигар истиқоматкунанда ва аъзои оила ӯ мувофиқи тартиботи судӣ бо додани манзили дигар аз ин манзил берун карда мешаванд. Чунин ҳолатҳо ҳангоми вайрон кардани бино, дигаргунсозии он, дар сурати қатъ гардидани қарордоди меҳнатӣ бо ташкилот ва корхонае, ки манзил додааст ва ғайра ба амал меоянд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқ ба манзил, манзили давлатӣ, манзили хусусӣ, манзили кооперативӣ, манзили ҷамъиятӣ, ҳуқуқ ба манзили кофӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Ҳуқуқи ҳар кас ба манзил чӣ маъно дорад? Чаро ҳуқуқ ба манзил ҳуқуқи иҷтимоист?*

*2. Санадҳои меъёрии байналмилалӣ ва миллиеро номбар кунед, ки ҳуқуқи манзилро кафолат медиҳанд?*

*3. Чаро таъмин кардан бо манзил яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон маҳсуб мешавад?*

*4. Аз алоқамандии ҳуқуқ ба манзил бо дигар ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд мисолҳо оред.*

## §43. ҲУҚУҚ БА ҲИФЗИ САЛОМАТӢ

**1. ҲУҚУҚ БА ҲИФЗИ САЛОМАТӢ: МАФҲУМ, АҲАМИЯТ.** Саломатӣ ва қобилияти кории одамон арзишҳои муҳимтарини иҷтимоии давлат мебошанд. Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 38) ҳуқуқи ҳар кас ба саломатӣ таҳким бахшида шудааст. Дар банди 1-и моддаи 170-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, саломатӣ ба номгӯи арзишҳои шахсии ғайримоддӣ дохил карда шудааст. Қонунгузории амалкунанда мафҳуми мушаххаси саломатиро кушода надодааст, бинобар ин дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ дар бораи мафҳуми саломатӣ ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Дар Оинномаи Ташкилоти умумиҷаҳонии нигаҳдории тандурустӣ ҳамчун «некӯаҳволии пурраи (комили) иҷтимоӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳии одам» зикр гардидааст. Ду навъи саломатӣ – алоҳидаи шахсӣ (инфиродӣ) ва саломатии аҳолиро бояд фарқ кард. Саломатии инсонро танҳо дар муқоиса бо беморӣ эътироф кардан нашояд. Вай таркиб ё ҳамоҳангии сифатҳои биологӣ ва иҷтимоӣ аст. Беҳуда нест, ки ҳанӯз дар замонҳои қадим ба омилҳои муайянкунандаи саломатӣ шароитҳои хуби зиндагӣ, нақшаи гигиенӣ, ғизои пурмаҳсулро шомил медонистанд. Ҳанӯз Суқроти бузург гуфта буд, ки саломатии инсон аз фаъолият, одатҳо ва шароити зиндагии одам вобаста аст.

Нигаҳдории тандурустӣ институти комплексист. Ба он тайёр кардани кадрҳои тиббӣ, чорабиниҳои гуногуни иҷтимоӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, илмӣ, тиббӣ, санитарию эпидемиологӣ ва пешгирикунандае дохил мешаванд, ки давлат ба манфиати шаҳрвандони худ бояд ба амал барорад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» (соли 1997) воситаҳои асосии таъминсозии саломатӣ инҳоянд: гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунандаи бемориҳо дар ҷои истиқомати аҳолӣ; мубориза бар зидди ин бемориҳо; таъмин кардани шароитҳои мусоиди зиндагӣ; расонидани хизматҳои тиббӣ ва санитарӣ; дастрасии баробарии халқ ба хизматрасониҳои тиббӣ ва санитарӣ; масъулиятшиносии кормандони тиб барои сари вақт расонидани хизмати босифати тиббӣ; табобат ва барқарорсозии саломатии одамон.

Ба ин тариқ, ҳуқуқ ба саломатӣ яке аз ҳуқуқҳои муҳимтарини иҷтимоӣ

дар ҷаҳони имрӯза ба шумор меравад. Ба мундариҷаи ин ҳуқуқҳо омилҳои зерин дохил мешаванд: 1). Ҳуқуқ ба гирифтани ёрии касбии тиббӣ. Мутобиқи моддаи 22-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ" шаҳрвандон ҳангоми гум кардани қобилияти корӣ ва ҳолатҳои дигар ба ёрии иҷтимоии тиббӣ (табобатӣ, ташхисӣ, пешгирикунанда ва ғайра) ҳақ доранд. Чунин ёрии пешгирикунанда бояд дар муассисаҳои давлатии нигаҳдории тандурустӣ ройгон расонида шавад. Мувофиқи нишондоди ин қонун шаҳрвандон бо ёрии таъҷилии тиббӣ дар муассисаҳои наздиктарини тиббию пешгирикунанда, сарфи назар аз тобеияти ҳудудию идоравии онҳо, бояд таъмин карда шаванд. 2). Ҳуқуқ ба таъминоти саривақтӣ бо доруворӣ тавассути бастани карордодҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ. 3) Ҳуқуқ ба протезикунонии (ориятии) пулакӣ дар асоси қарордод. 4). Ҳуқуқ ба табобати косметологӣ дар асоси қарордод. 5). Ҳуқуқ ба донорӣ ва трансплантатсия. 6). Ҳуқуқи иштирок дар озмоиши тиббӣ. Бояд дар назар дошт, ки мутобиқи моддаи 18-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ қарор додани инсон манъ аст. 7). Ҳуқуқи шаҳрванд ба беҳдошти экологӣ, санитарӣ-эпидемиологӣ ва радиатсионӣ. 8). Ҳуқуқи шаҳрванд ба дастрасӣ ба маълумот дар бораи саломатии худ ва омилҳои ба саломатии ӯ таъсиррасонанда. 9). Шаҳрвандон ба таллофӣ карда шудани зарари ба онҳо расонидашуда ҳангоми ташхис, озмоиш ё худтабобат ҳақ доранд. 10). Ҳуқуқи шаҳрванд ба муносибати инсондӯстонаи кормандони тиб, интихоби духтур ва муассисаи табобатию ташхискунанда, бо хоҳиши ӯ гузаронидани консилиум ва машваратҳо, ҳуқуқи даъват кардани адвокат барои ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда.

**2. РАСОНИДАНИ ЁРИИ ТИББӢ БА АҲОЛӢ.** Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» (моддаи 22) ва «Дар бораи фаъолияти тиббии хусусӣ" (моддаҳои 11-13 ва 15 -16) ду навъи ёрии тиббӣ – ёрии тиббии ройгон ва ёрии пулакии муассисаҳои хусусии тиббиро (дар сурати мавҷудияти дипломи духтур ва рухсатнома барои чунин фаъолият) ҷудо мекунанд. Расонидани ёрии пулакӣ мувофиқи қарордоде сурат мегирад, ки дар адабиёти ҳуқуқшиносии Россия ва хориҷа номҳои гуногун доранд: қарордод дар бораи расонидани хизмати тиббӣ, қарордоди расонидани хизмати тиббӣ, қарордоди байни духтур ва бемор ва ғайра. Шакли қарордодии расонидани хизмати тиббӣ ба муносибатҳои байни муассисаҳои тиббӣ ва шаҳрвандон монандӣ дорад, зеро он бо дар назардошти манфиатҳои ҳар ду ҷониб амалӣ мегардад. Қарордоди расонидани хизмати тиббӣ, чун қоида, ба таври шифоҳӣ баста мешавад, вале шакли хаттии қарордод низ имконпазир аст.

Ҳангоми расонидани хадамоти тиббӣ ба имкониятҳои моддии шаҳрванд умед бастан лозим нест, зеро бо дар назардошти воқеияти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ чунин самт метавонад ба оқибатҳои ғайриҷашмдошт оварда расонад. Сифати ёрии тиббӣ аз сифати таҷҳизоти тиббӣ ҳангоми амалиёти ҷарроҳӣ, воситаҳои доруворӣ ва лаёқатмандии

духтур сахт вобаста аст. Қонун ҳуқуқи беморро барои интихоби духтур муқаррар кардааст. Ҳамчунин дар қонунгузории тиббӣ гурӯҳҳо ва категорияҳои муайяни бемороне муқаррар карда шудаанд, ки ба онҳо бо дастурхати (ретсепти) духтур доруворӣ ройгон ё қисман ройгон дода мешавад. Бояд гуфт, ки таъминот бо доруворӣ яке аз проблемаҳои ҷиддии соҳаи тиб мебошад. Хеле гарон будани нархи доруворихои аз хориҷа овардашаванда боиси он гардидааст, ки бисёр духтурон тарзи расонидани хизмати тиббиро на аз рӯи салоҳдиди тиббӣ, балки бо ризоияти бемор ва ба назар гирифтани вазъи молиявии ӯ ва роҳҳои дигар муайян мекунанд.




Расми 40. Ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ

Ба ин тариқ, ба ҳифзи саломатӣ дар асоси тадриҷан инкишоф додан ва баланд бардоштани сифат ва дараҷаи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ бояд кафолат дода шавад. Дар ин қисмат пешгирии беморӣ, сари вақт муайян кардан ва ҷустуҷӯи роҳҳои табобати он, барқарорсозии қобилияти кории бемор аҳамияти махсус дорад. Ба ташкилу гузаронидани тадбирҳои аз бемориҳо пешгирикунандаи кӯдакон, занони ҳомиладор ва наврасон бояд диққати махсус дод.

Дар мустаҳкамшавии саломатии шахсият рушди оммавии тарбияи ҷисмонӣ аҳамияти калон дорад. Тарбияи ҷисмонӣ, машқҳо ва туризм дар мамлакати мо марҳила бар марҳила ба усули доимии ҳаёти муқаррарии одамон табдил меёбанд.

Ҷамъиятҳои варзишӣ барои кӯдакону наврасон аҳамияти ҷиддӣ касб мекунанд. Дар мамлакати мо оид ба таҳким бахшидани заминаи моддӣ-техникӣ, рушди клубҳои машққунию тарбияи ҷисмонӣ ва таъмин кардани онҳо бо кадрҳои баландихтисос тадбирҳо андешида мешаванд.

Амалисозии ҳуқуқ ба саломатӣ бо таъмини шароитҳои мусоиди зиндагӣ зич алоқаманд аст. Бинобар ин як қатор чорабиниҳои хусусияти умумидошта бояд бо манъи ифлоссозии муҳити зист, партофтани партовҳои истеҳсолӣ ба об таҳким бахшида шаванд. Ғайр аз ин, сарфи назар аз шакли моликият корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор вазифадоранд, ки мутобиқи техникаи бехатарӣ ва гигиенӣ бояд шароитҳои мусоиди меҳнатро таъмин кунанд.

**Мафҳуми зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ*

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Зери мафҳуми ҳуқуқ ба саломатӣ чиро мефаҳманд? Кадом ҳуқуқу озодиҳо ин мафҳумро фаро мегиранд?*

*2. Зарурати ҳуқуқ ба ҳифзи саломатиро асоснок кунед.*

*3. Оё худи шаҳрванд дар ҳаққи саломатии худ ғамхорӣ карда метавонад?*

*4. Санадҳои меъёрии байналмилалӣ ва миллии кафолатдиҳандаи ҳуқуқ ба саломатиро номбар кунед.*

*5. Мисолҳои ба Шумо маълуми вайрон кардани ҳуқуқ ба саломатиро оред.*

## §44. ҲУҚУҚ БА ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ

**1. ҲУҚУҚ БА ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ: МАФҲУМ, АҲАМИЯТ.** Талабот ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамзамон бо пайдоиши ҷомеаи инсонӣ ба миён омад. Сарфи назар аз сохти сиёсию иқтисодӣ дар ҷомеа ва давлат одамоне ҳастанд, ки бо сабабҳои табиии ба онҳо вобастанабуда наметавонанд эҳтиёҷоти худро бо қувваи хеш таъмин созанд. Ба онҳо гурӯҳҳои гуногуни одамон, пеш аз ҳама, кӯдакон ва пиронсолон мансубанд. Ғайр аз ин, ба онҳо ҳар як шахсе, ки ба сабаби бад шудани вазъи саломатӣ муваққатан ё ба таври доимӣ қобилияти меҳнатиашро гум мекунад, мансуб буда метавонад.

Бояд дар назар дошт, ки асоси озодӣ, адолат, эҳтиром ва арзиши шахсии инсон ҳуқуқҳои инсон мебошанд ва дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои муҳимтарини байналмилалӣ, амсоли Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (моддаи 22), Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (моддаи 10) ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ чун воситаи болоравии ҳаёти арзанда қайд шудааст. Моддаи 39-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҳуқуқии шаҳрвандонро дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ муқаррар кардааст. Мувофиқи он ба ҳар кас дар пиронсолӣ, дар ҳолатҳои беморӣ, маъюбӣ, аз даст додани қобилияти меҳнатӣ, маҳрум шудан аз парастор ва ҳолатҳои дигар, ки қонун муайян мекунад, таъминоти иҷтимоӣ кафолат дода мешавад. Бояд гуфт, ки нафақаи давлатӣ, кӯмакпулиҳо ва дигар тадбирҳои иҷтимоӣ кафолатҳои ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандон маҳсуб мешаванд. Нақши давлат дар амалисозии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар таъминоти иҷтимоӣ басо бузург аст.



**Расми 41. Ҳама ғизо хӯрдан мехоҳанд**

Дар низоми давлатӣ таъминоти иҷтимоӣ ба унсурҳои зерин ҷудо мешавад: низоми нафақа; низоми кӯмакпулиҳо ва нигаҳдошти маблағ; низоми расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони пиронсол, маъюбон, оилаҳои серфарзанд ва бекорон.

Ба ин тариқ, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳуқуқ ба нафақа ба сабаби пиронсолӣ, маъюбӣ, маҳрум шудан аз сарпараст ва гирифтани кӯмакпулиҳо ҳангоми беморӣ ва барои тарбияи кӯдакон ва ғайраро фарогир аст.

**2.ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ.** Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ифодаи кафолати давлатӣ дар фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ дар ҳолати аз даст додан ё гум кардани имконият ва қобилияти корӣ, мустақилона пул кор кардан ё кӯмакпулӣ барои таваллуди кӯдак ва тарбияи он мебошад.

Дар низоми таъминоти иҷтимоӣ ҳуқуқ ба нафақа мавқеи марказиро ишғол менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъминоти нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” ду навъи нафақаҳоро муқаррар кардааст: нафақаи меҳнатӣ ва нафақаи иҷтимоӣ. Нафақа барои пиронсолӣ, ҳангоми маъюбӣ, маҳрум шудан аз сарпараст ва ғайра ба навъи якум дохил мешаванд.

Нафақаи пиронсолӣ барои мардон аз синни 63-солагӣ дар сурати мавҷудияти собиқаи кории на камтар аз 25 сол ва барои занҳо аз синни 58-солагӣ дар сурати мавҷудияти собиқаи кории на камтар аз 20-сол муқаррар карда шудааст. Қонунгузорӣ андозаи минималӣ (дар айни замон 20 сомонӣ) ва максималии (дар айни замон 180 сомонӣ) нафақаро муайян кардааст.

Нафақаи маъюбӣ барои шаҳрвандоне пешбинӣ мешавад, ки қобилияти кории худро пурра ё қисман аз даст додаанд, ё аз рӯи қонун маъюбони гурӯҳҳои 1,2,3 дониста шудаанд. Маъюбӣ мувофиқи қонун вақте эътироф мешавад, ки бемории махсусе дар натиҷаи бемориҳои умумӣ пайдо шудааст. Нафақа ҳамчунин ба онҳое пешбинӣ мешавад, ки аз сарпарасте, ки дар таъминоти ӯ буданд, маҳрум гаштаанд.

Нафақаи иҷтимоӣ бо тартиби махсус, яъне ба шахсоне дода мешавад, ки аз гирифтани нафақаи меҳнатӣ маҳруманд. Навъи дигари таъминоти иҷтимоӣ ҳуқуқи гирифтани кӯмакпулӣ мебошад. Ин кӯмакпулӣ ҳангоми муваққатан ғайри қобили кор будан ва гузоштани протез ва ғайра дода мешавад.

Нафақаи иҷтимоӣ ба шаҳрвандони корнамекарда ва пиронсолоне таъин мегардад, ки бо сабабҳои обеъктивию субъективӣ нафақаи меҳнатиро кор накардаанд. Асосҳо барои гирифтани нафақаи иҷтимоӣ гуногунанд, аз ҷумла фарорасии маъюбӣ (дараҷаҳои 1,2,3), маъюбӣ аз кӯдакӣ, фарорасии синни нафақа, фавти яке аз волидон то расидан ба синни 18-солагӣ. Ҳаҷм

ва андозаи нафақа вобаста ба асосҳои таъин гардидани нафақа, дараҷаи маъюбӣ ва вақти ба амал омадани он, маҳрум шудани кӯдаки ноболиғ аз як ё ҳар ду волидайн фарқ мекунанд.

Давлат бо тартиботи қонунӣ муайян кардааст, ки кадом мақомоти давлатӣ вазифадор аст, ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандонро таъмин кунад. Амалисозии ин ҳуқуқҳо аз замони бавуҷудоии онҳо, аз ҷумла аз пайдоиши имконияти ҳуқуқ ба нафақа дар мавриди расидан ба синни муайян (мардҳо ба синни 63 ва занҳо ба синни 58) вобаста аст.

Дар ин маврид ҳар кас ҳуқуқи муроҷиат кардан ба мақомоти ҳифзи иҷтимоиро барои додани нафақа ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар ин хусус соҳиб мешавад. Мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда андозаи нафақаро муайян мекунад. Қонунгузорӣ асосан баъди баромадан ба нафақа ҳатман аз кор рафтанро пешбинӣ намекунад. Агар шаҳрванд аз ӯҳдаи иҷрои фаъолияти меҳнатӣ барояд, вай метавонад баъди баромадан ба нафақа ҳам корашро давом дода, ҳам музди меҳнат ва ҳам нафақа гирад. Ҳамчунин муқаррар шудааст, ки нафақагир барои иҷрои рӯзи кории нопурра метавонад қарордод бандад. Ин қоида моҳияти одамдӯстдорӣ дошта, ба таъмини ҳаёти арзанда дар пиронсолӣ мусоидат мекунад.

Агар шахс ба синни нафақа расаду вале собиқаи пурраи корӣ надошта бошад (барои мардҳо дар сурати мавҷудияти собиқаи кории на камтар аз 25 сол ва барои занҳо дар сурати мавҷудияти собиқаи кории на камтар аз 20 сол), дар ин маврид қонунгузорӣ ҳуқуқи гирифтани нафақаро бо собиқаи нопурраи корӣ (на камтар аз 5) сол пешбинӣ менамояд.

Қонун навъҳои гуногуни нафақаи махсусро чун додани нафақа ба сабаби маъюбӣ, сарфи назар аз собиқаи корӣ, муайян ва пешбинӣ менамояд.

Агар шахс маъюби гурӯҳҳои 1,2,3 бошад, вай метавонад оид ба таъин кардани нафақа ба мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ муроҷиат кунад ва нафақаи маъюбӣ мутобиқи қонунгузорӣ таъин карда ва дода мешавад. Андозаи минималии нафақаи маъюбони гурӯҳҳои 1,2,3 набояд аз андозаи минималии музди меҳнат кам бошад.

Шахси дар таъминоти одами фавтида қарордошта дар мавриди маҳрум шудан аз сарпараст ҳуқуқи гирифтани нафақаро соҳиб мешавад.Чунин нафақа ҳамчунин ба шахси ба синни нафақа расида, агар сарпарасти ӯ фавтад, дода мешавад ва ӯ дигар навъҳои нафақаро гирифта наметавонад.

Кӯдакони то 18-сола ва муҳассилин ҳуқуқ доранд чунин нафақаро то синни 23-солагӣ гиранд.

Ҳуқуқи гирифтани нафақаи иҷтимоиро кӯдакони маъюби гурӯҳҳои 1,2 ва 3, мардони синнашон 65-сола ва занҳои синнашон 60-сола, кӯдакони аз сарпарастони худ маҳрумшуда, ҳамчунин маъюбони то 16-сола доранд.

Қонунгузорӣ ду навъи кӯмакпулии оилавиро пешбинӣ кардааст: кӯмакпулии яквақта ҳангоми таваллуд шудани кӯдак ва кӯмакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак то якуним сола шудани вай.

Барои гирифтани кӯмакпулии оилавӣ зарур аст, ки шаҳодатнома дар бораи таваллуди кӯдак ва маълумотномаи тиббӣ пешниҳод карда шавад. Кӯмакпулии мазкур ба он аъзои оила дода мешавад, ки бевосита бо тарбияи кӯдак машғул аст.

**3. КӮМАКИ ИҶТИМОӢ БА АҲОЛӢ.** Бо назардошти шароитҳои имрӯзаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ додани кӯмакпулӣ ба бекорон аҳамияти фавқулодда дорад. Одам дар он маврид бекор ҳисобида мешавад, ки вай аз ҷои кор маҳрум гашта, бо мақсади дарёфти кори мувофиқ дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар қайд истода бошад.

Кӯмакпулӣ ба одами бекор ба андози 50 фоизи андозаи минималии музди меҳнати ҷои охирини кор дода шуда, вай набояд аз андозаи муқарраршудаи минималии музди меҳнат кам бошад. Ба ин тариқ, аҳамияти ин кӯмакпулӣ дар он ифода мегардад, ки шахс ҳар қадар муваққатӣ кор накунад, қонунгузорӣ гирифтани даромади муайянро барои пешбурди зиндагӣ кафолат медиҳад. Дигар шакли кӯмак ин кӯмак дар мавриди дафнкунӣ аст ва он ба шахсе дода мешавад, ки аз аҳли оилааш касе фавтидааст. Андозаи ин кӯмак ба андозаи 12 каратаи музди меҳнат баробар аст ва аз ҷониби корхона - ҷои асосии корманд дода мешавад. Шарти асосии гирифтани ин кӯмакпулӣ шаҳодатнома дар бораи фавт аз мақомоти САҲШ (ЗАГС) мебошад.

Ҳуқуқи гирифтани кӯмак дар давраи корношоямии муваққатӣ низ ба низоми таъминоти иҷтимоӣ дохил мешавад. Кӯмак дар давраи корношоямии муваққатӣ аз фонди махсус ва фонди истеҳсолӣ дар мавриди муваққатан қобилияти кориро гум кардани корманд ё хизматчӣ дода мешавад. Барои гирифтани ин навъи кӯмак ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод мегарданд: варақаи беморӣ ва маълумотнома дар бораи корношоямии муваққатӣ.



**Расми 42. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ**

Қонунгузорӣ андозаи ин кӯмакро бо тартиби зер муқаррар кардааст: ба андозаи 100 фоизи музди меҳнат-агар корманд собиқаи кории 8 сола дошта бошад; иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ашхоси бо онҳо баробаркардашуда; ашхоси се нафар ва зиёда аз он кӯдакони то 15-сола (хонандагони то 18 сола) дошта; кӯмак ба шахси 5 сол собиқаи корӣ

дошта ба андозаи 80 фоиз ва ба шахси то 5 сол собиқаи бетанаффуси корӣ дошта ба андозаи 60 фоиз дода мешавад.

Шахс ҳақ дорад барои корношоямии муваққатӣ дар тамоми давраи корношоямӣ кӯмакпулӣ гирад, вале он дар мавриди бемориҳои фитрӣ низ набояд аз 4 моҳ зиёд бошад, аммо дар мавриди гирифторӣ ба касалии сил набояд аз 12 моҳ зиёд бошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки андозаи кӯмакпулӣ аз андозаи музди ҳармоҳаи меҳнат набояд зиёд бошад. Кӯмакпулӣ ҳангоми ҳомиладорӣ ва таваллуди кӯдак дар сурати пешниҳод кардани шаҳодатнома дар бораи таваллуд дода мешавад. Ин кӯмакпулӣ дар ҳаҷми пурраи музди меҳнат дар давраи рухсатӣ дода мешавад, ки 70 рӯзи тақвимиро то ва 70 рӯзи тақвимиро баъди таваллуд фаро мегирад.

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, нафақа, хизматрасонии иҷтимоӣ ба бекорон, нафақаи иҷтимоӣ, нафақаи меҳнатӣ, кӯмаки иҷтимоӣ, корношоямӣ.*

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ чӣ маънӣ дорад?*

*2. Дар кадом ҳолатҳо ба шаҳрвандон кӯмаки иҷтимоӣ расонида мешавад?*

*3. Ба низоми давлатии таъминоти иҷтимоӣ кадом унсурҳо дохил мешаванд?*

*4. Нафақа чист? Шумо кадом навъҳои нафақаро медонед?*

*5. Маъюбон ва пиронсолон аз давлат кадом навъҳои нафақа ва кӯмаки иҷтимоиро мегиранд?*

*6. Онҳое, ки муваққатан қобилияти кориашонро гум кардаанд ва ятимон аз давлат чӣ гуна кӯмакҳо мегиранд?*

# БОБИ 13
# ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ФАРҲАНГӢ

## § 45. ТАВСИФИ УМУМИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ФАРҲАНГӢ

**1. ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ФАРҲАНГИИ ИНСОН: МАФҲУМ, ХУСУСИЯТҲО.** Ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ гурӯҳи махсуси ҳуқуқҳо мебошанд, ки рушди маънавии инсонро кафолат дода, ба шахс кӯмак мекунанд, иштирокдори пешрафти маънавӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ гардад. Онҳо аз ҷониби инсон дар раванди фаъолияти маънавӣ ва эҷодӣ ва шиносоӣ бо зебоӣ амалӣ гардонда мешаванд.

Истилоҳи «фарҳанг» (дар забони лот. Cultura-рӯёнидан, сабзонидан) дар ибтидо маънии соҳиби донишҳо ва таҷриба шудани инсонро дошт. Ба маънии васеъ зери мафҳуми фарҳанг ҳамаи дастовардҳои инсоният, ҳамаи он чи ки инсон офаридааст, фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ фарҳангро ба моддӣ ва маънавӣ ҷудо мекунанд. Фарҳанги моддӣ соҳаи истеҳсолоти моддӣ: техника, васоити коммуникатсия, биноҳо, иншоот, нақлиёт, роҳҳо, манзил, асбобҳои рӯзгор, либос ва ғайраро фаро мегирад. Фарҳанги маънавӣ дар худ соҳаи истеҳсолоти маънавӣ ва натиҷаҳои он: дин, фалсафа, ахлоқ, санъат, илм, анъанаҳо, одатҳо ва ғайраро шомил месозад. Байни фарҳанги моддӣ ва маънавӣ ягонагии амиқ мавҷуд аст, зеро ҳар дуи онҳо натиҷаи фаъолияти инсон мебошанд, ки дар саргаҳашон дар ниҳояти кор ибтидои маънавӣ-ғояҳо, лоиҳаҳо, андешаҳои инсон, ки ӯ ба шакли моддӣ муҷассам месозад, меистанд.

**Ҳуқуқҳо ва озодиҳои фарҳангӣ маҷмуи ҳуқуқҳо ва озодиҳое мебошанд, ки имкониятҳои инсонро оид ба амалӣ гардонидани муносибатҳои фарҳангии ба рушди маънавии ҷомеа нигаронидашуда ифода менамоянд.**

Ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои фарҳангӣ мансубанд: ҳуқуқи таҳсил, ҳуқуқи озодона иштирок кардан дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, ҳуқуқи дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, ҳуқуқ ба эҷодиёт, ҳуқуқи истифодаи натиҷаҳои пешрафт ва гайра. Ҳамаи онҳо дар низоми ягона байни ҳам алоқамананданд.

Ҳуқуқҳо ва озодиҳои фарҳангӣ барои рушди ҳар як инсон, ҷомеа ва давлат аҳамияти муҳимтарин доранд. Рушди фарҳанг ҳуқуқ ва қарзи ҳар як миллат аст. Ба ҳар кас дастрасӣ ба дониш ва имконияти ҳаловат бурдан аз санъат ва адабиёти ҳамаи халқҳо, иштирок кардан дар пешрафти илм дар ҳамаи гӯшаҳои кураи Замин, истифода намудан аз неъматҳои он ва кӯмак кардан ба ҳаёти фарҳангӣ бояд таъмин карда шавад. Ҳамаи давлатҳо бобати демократикунонии фарҳанг, таъмини ҳуқуқҳо ва озодиҳои фарҳангӣ, кафолатҳои ширкат варзидан дар натиҷаҳои он бе ягон маҳдудият бояд тадбирҳо андешанд. Давлатҳо вазифадоранд, ки барои ҳифзи озодии эҷодиёт шароитҳо фароҳам оранд, ба кормандони эҷодӣ кӯмак расонанд, онҳоро бо ҳуқуқи таъсис додани иттифоқҳои касаба баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои худ ва ғайра таъмин намоянд.

Дар сатҳи байналмилалӣ дастгирӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои фарҳангии инсон бевосита ба доираи вазифаҳои дар назди ташкилоти махсусгардонидашудаи СММ-ЮНЕСКО истода дохил мешаванд. Ба ҳуқуқҳои фарҳангӣ хусусиятҳое хосанд, ки онҳоро аз дигар гурӯҳҳои ҳуқуқҳо ва озодиҳо фарқ мекунонанд. Онҳо бо тавлиди муносибатҳои фарҳангӣ дар ҷомеа, бо пайдошавии озодии эҷодиёт ба миён меоянд, вале чун анъана онҳоро ба насли дуюми ҳуқуқҳо мансуб медонанд, зеро эътироф ва таҳкими ҳуқуқии онҳо ба миёнаҳои асри XX рост меояд.

Ҳуқуқҳо ва озодиҳои фарҳангӣ ба ҳар кас аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ дошта, аз шаҳрвандӣ ва ё раияти ин ё он давлат будани инсон вобаста нестанд. Онҳо дар худ асосан озодиҳои гуногунро таҷассум мекунанд, масалан, озодии ҳар кас ба эҷодиёт, озодии истифода аз воситаҳои ахбори омма ва ғайра.

Ҳуқуқҳо ва озодиҳои фарҳангӣ метавонанд инфиродӣ ё дастаҷамъона бошанд. Масалан, ҳуқуқи таҳсил, ҳуқуқи истифода аз забони модарӣ, ҳуқуқи муаллифии асари адабӣ ё мусиқӣ ба таври инфиродӣ амалӣ мешаванд, аммо ҳуқуқи нигоҳдории фарҳанги миллӣ, одатҳо, эътиқод, ки ба ақаллиятҳои миллӣ, миллатҳо ва халқҳои алоҳида тааллуқ доранд, дастаҷамъӣ мебошанд.

Ҳуқуқҳо ва озодиҳои фарҳангӣ бо мақсади таъмини эътирофи зарурӣ ва эҳтироми ҳуқуқҳо ва озодиҳои дигар одамон, маънавият, тартибот ва некӯаҳволӣ дар ҷомеа метавонанд ба таври қонунӣ маҳдуд карда шаванд. Масалан, озодии эҷодиёт чунин маънӣ надорад, ки ба одам ҳама чиз мумкин бошад, бинобар ин вай дар асарҳои худ набояд меъёрҳои ахлоқию маънавӣ ё қоидаҳои ҳуқуқиро вайрон кунад. Асарҳои адабӣ, мусиқӣ, бадеӣ, иттилоот дар ВАО набояд нажодпарастӣ, миллатгароӣ, душманӣ, бадбинии иҷтимоию диниро тарғиб кунанд.

**2. НИЗОМИ ҲУҚУҚҲОИ ФАРҲАНГӢ.** Ҳуқуқҳо ва озодиҳои фарҳангӣ байни ҳам алоқамананданд ва низоми ягонаро мемонанд. Низоми ҳуқуқҳои фарҳангӣ дар моддаҳои 26-27-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, моддаҳои 13-15-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ зикр гардидааст. Ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ ҳамчунин дар конститутсияҳо ва қонунгузориҳои бисёр мамлакатҳои ҷаҳон инъикос ёфтаанд.

? ***Моддаҳои зикршудаи ин санадҳои байналмилалиро бодиққат омӯзед: дар онҳо кадом ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таҳким ёфтаанд ва кафолат дода шудаанд?***

Ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ байни ҳам алоқаманд буда ва онҳо дар якҷоягӣ бо дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон амал карда, муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба тартиб меоваранд.

Мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуқуқҳои асосии фарҳангӣ мансубанд: иштироки озоди ҳар кас дар ҳаёти фарҳангии мамлакат ва дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ (моддаи 40); ҳуқуқи таҳсил (моддаи 41).

Татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ бо амалисозии ҳамаи гурӯҳҳои дигари ҳуқуқҳои инсон зич алоқаманд аст. Чунончи, ҳангоми амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ чун озодии сухан, озодии матбуот, ҳуқуқи истифодаи иттилоот ҳуқуқҳои фарҳангӣ, чун муҳаррики ин ҳуқуқҳо

баромад мекунанд. Озодии эътиқод низ бо дин ва ҳуқуқҳои фарҳангӣ зич алоқаманд аст. Ҳуқуқҳо ва озодиҳои фарҳангӣ бо ҳуқуқҳои иқтисодӣ алоқамандии зич доранд, масалан, онҳо ҳангоми интихоби касб, кор ва ихтисос чун асос баромад мекунанд. Ҳамин тавр, ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ дар маҷмӯъ бо ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низоми ягонаи муносибатҳоеро ба вуҷуд меоранд, ки ба рушди минбаъдаи ҷомеа мусоидат мекунанд.

**3. РУШДИ ФАРҲАНГ ВА АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚҲО ВА ОЗОДИҲОИ ФАРҲАНГӢ.** Инкишофу пешрафти дар ҷомеа баамалоянда, пеш аз ҳама, бо дараҷаи рушди илму маориф тавсиф меёбад. Тоҷикон фарҳанг ва арзишҳои маънавии бой доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун вориси фарҳанги бузург дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷои бо худ хосро ишғол намуда, байни ҳамаи халқҳо ва миллатҳо обрӯю эътибори арзанда дорад. Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ташкилёбии худ ба инкишофи соҳаи фарҳанг аҳамияти махсус медиҳанд. Ҳанӯз соли 1924 дар Тоҷикистон Комиссариати халқии маориф ташкил шуда буд, ки ба соҳаи маориф ва баланд бардоштани сатҳи маънавии аҳолӣ роҳбарӣ мекард.

***Ҷадвалро бодиққат омӯзед. Ба фикри Шумо, кадом омилҳо ба баланд гардидани сатҳи маърифати аҳолӣ таъсир мерасонанд?***

| Солҳо | Миқдори мактабҳо ва интернатҳо | Муаллимон | Хонандагон |
|---|---|---|---|
| 1924 | 4 интернат, 3 мактаби ибтидоӣ | 3 | 152 |
| 2004 | 3677 мактаб | 100000 | 2 млн. |

Барои ҳар ҷомеа рушди санъат нақши муҳим мебозад. Чунончи, намунаҳои аввалин театр ҳанӯз дар ҷомеаи ибтидоӣ пайдо шуда буданд. То истилои арабҳо шаклҳои гуногуни санъати театр танҳо аз ҷониби одамони сарватманд паҳн мегардиданду истифода мешуданд.

***Дар бораи театрҳои халқӣ чиҳо медонед?***

| Соли ташкилшавӣ | Театрҳои аввалин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
|---|---|
| 1929 | Театри давлатии академии ба номи А. Лоҳутӣ |
| 1935 | Театри драмавии мусиқӣ |
| 1937 | Театри касбии русӣ |
| 1940 | Театри давлатии академии опера ва балет |

Яке аз навъҳои муассисаҳои фарҳангӣ осорхонаҳо (музейҳо) мебошанд, ки аз таърих ва ҳаёти халқҳои мамлакат маводи зарурӣ гирд оварда, ба одамон баҳри шиносоӣ манзур мекунанд. Ҳар кас метавонад озодона ба осорхона рафта, бо таърих ва фарҳанг шинос шавад. Дар Тоҷикистон Осорхонаи миллии бо номи Камолиддин Беҳзод, Осорхонаи археология ва бостоншиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон ва ғайра мавҷуданд, ки ҳар кас метавонад он ҷо рафта, ҷаҳони маънавии худро бой гардонад.

Шаҳрвандон донишҳои худро ҳамчунин дар китобхонаҳо бой гардонда метавонанд. Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ соли 1933 таъсис ёфтааст.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо шабакаҳои радио ва телевизион барои халқ хизмат мекунанд. Радиостансияи аввалин дар Душанбе ҳанӯз соли 1933 ба кор шурӯъ карда буд. Нахустин барномаи телевизиони Тоҷикистон 7 ноябри соли 1959 пахш гардид. Аз он замон то имрӯз барномаҳои онро одамон тавассути антеннаи 192 метраи студияи телевизион тамошо мекунанд.

Сокинони ҷумҳурӣ иттилооти гуногунро аз ВАО, аз ҷумла рӯзномаҳо мегиранд. Аввалин рӯзномаҳо ҳанӯз дар ибтидои асри ХХ чоп шуда буданд: "Бухорои шариф"(соли 1911), "Овози тоҷик" (соли 1918), "Тоҷикистони советӣ"(соли 1925), "Красный Таджикистан" (соли 1928), "Раҳнамои дониш" (соли 1926), "Роҳбари дониш" (соли 1927), "Иди тоҷик" (соли 1929) ва ғайра.

Мусиқӣ яке аз шаклҳои маъмули санъат аст. Вай бо пайдоиши одам арзи вуҷуд карда, яке аз воситаҳои фароғат, орзую хаёлҳои ширин ва рӯҳбаландӣ ба мубориза ву корномаҳо маҳсуб мешавад. Дар таърихи халқи тоҷик навъҳои мусиқиҳои «Шашмақом», «Фалак» маъмуланд.

Аз ҷумла «Шашмақом» имрӯз барои рушди мусиқии классикии тоҷик таъсири пурсамаре мерасонад. Аввалин мактабҳои мусиқӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд (соли 1934) ва Душанбе ташкил ёфта буданд. Имрӯз дар Тоҷикистон Консерваторияи миллӣ, Донишкадаи давлатии санъат, даҳҳо омӯзишгоҳҳо ва мактабҳои мусиқӣ фаъолият доранд.

Халқи тоҷик бисёр ҷашнҳои миллӣ ва маросимҳои динии дорои анъанаҳои қадимӣ мебошад. Инҳо аз ҷумла ҷашни миллии Наврӯз, идҳои Рамазон ва Қурбон, тӯйҳои арӯсӣ, хатнасур, зодрӯзҳо ва ғайраанд.

Ҳуқуқҳои фарҳангӣ, барқарорию амалисозии онҳо дар ҷомеа барои рушди маънавӣ бо роҳи барпо намудани давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд шароитҳо фароҳам меоранд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред**: ***фарҳанг, ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ, низоми ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ.***

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Кадом ҳуқуқ ва озодиҳоро фарҳангӣ меноманд? Ба андешаи Шумо, кадом хусусиятҳо онҳоро аз дигар ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд фарқ мекунонанд?*

*2.Сисерон қайд карда буд: «Баробари фарҳанги ифодакунандаи коркарду сабзгардонии замин фарҳанге ҳаст, ки мазраи дилҳоро сабз мегардонад». Шумо ин гуфтаи файласуфро чӣ тавр мефаҳмед? Зери мафҳуми фарҳанги моддӣ ва маънавӣ чиҳо фаҳмида мешаванд?*

*3.Аз робитаи байниҳамдигарии ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ бо дигар ҳуқуқҳои инсон мисолҳо оред.*

*4.Ҳуҷҷатҳои байналмилалии кафолатдиҳандаи ҳуқуқҳои фарҳангии инсонро номбар кунед.*

*5.Шумо кадом ҳуқуқу озодиҳои фарҳангии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро медонед? Аз ҳуқуқҳои инфиродӣ ва дастаҷамъии фарҳангӣ мисолҳо оред.*

*6.Кадом ҳунарпешаҳои халқӣ ва шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро медонед?*

## §46. ҲУҚУҚИ ИШТИРОК ДАР ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ҶОМЕА

**1.ҲУҚУҚИ ИШТИРОК ДАР ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ҶОМЕА ВА ШАКЛҲОИ ИСТИФОДАИ ОН.** Ҳар кас, сарфи назар аз мансубияти шаҳрвандӣ, ҳуқуқи иштирок кардан дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, истифодаи муассисаҳои фарҳангӣ ва дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ дорад.

Иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ шаклҳои васеи вобастагӣ ба онро асоснок гардонида, ҷаҳони маънавии ҳар одамро ганӣ мегардонад.

Стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангиро таҳким мебахшанд. Мувофиқи моддаи 27-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар “ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа озодона ширкат варзад, аз ҳунар баҳра барад, дар пешрафти илм саҳм гирад ва аз дастовардҳои он истифода намояд. Ҳар як инсон ба ҳифзи манфиатҳои моддию маънавии худ, ки самараи корҳои илмӣ, адабӣ ё ҳунарии ӯ мебошанд, ҳақ дорад”. Моддаи 15-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ ҳуқуқҳои зерини ҳар касро эътироф мекунад: а) иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ; б) баҳрабардорӣ аз натиҷаҳои пешрафти илмӣ ва истифодаи амалии онҳо; в) истифода аз ҳифзи манфиатҳои маънавию моддӣ, ки вобаста ба ҳама гуна осори илмӣ, адабӣ ё бадеӣ ба миён меоянду вай муаллифи онҳост.

Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳуқуқи иштироки озодонаро дар ҳаёти фарҳангӣ кафолат медиҳанд.

**Ҳар шахс ҳақ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷамъият, эҷодии бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад. Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад. Моликияти зеҳнӣ дар ҳимояи қонун аст.**

***Моддаи 40-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Мутобиқи моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” (соли 1997) шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз баромади иҷтимоӣ, мансубияти нажодӣ ва миллӣ, ҷинс, забон, таҳсилот, эътиқод, вазъи иҷтимоию амволӣ, навъи шуғл ҳуқуқҳои зерин доранд: 1) истифодаи озодона аз дастовардҳои фарҳанги умумимиллӣ ва умумибашарӣ; 2) мутобиқи шавқмандиҳо ва лаёқатмандиҳои худ машғул шудан бо ҳамаи навъҳои фаъолияти эҷодии касбӣ ва ғайрикасбӣ (ҳавасмандӣ); 3) соҳибият ба моликияти зеҳнӣ, нигоҳдории асрори маҳорати худ, озодона ихтиёрдорӣ кардани дастовардҳои хеш; 4) озодона истифода кардани арзишҳои маънавӣ, эстетикӣ ва ғайра ва доштани дастгирии давлатӣ дар ҳифзи фарҳанги миллии худ; 5) озодона истифода кардан аз сарватҳои фарҳангии худ, фондҳои китобхонаҳо, осорхонаҳо ва бойгониҳои давлатӣ; 6) бе маҳдудият гирифтани таҳсилоти гуманитарӣ ва бадеӣ, озодона интихоб кардани шаклу усулҳои таҳсил; 7) ғамхорӣ кардан барои нигоҳдории мероси гузашта ва дастовардҳои ҳозираи фарҳангӣ; 8) соҳиби хусусии авмоле будан, ки аҳамияти таърихию фарҳангӣ доранд, коллексияҳо ва мавод, биноҳо ва иншоот, муассисаҳо, корхонаҳо ва дигар объектҳои фарҳангӣ; 9) бо мақсади офаридани арзишҳои фарҳангӣ таъсис додани ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, ассосиатсияҳо, иттифоқҳои эҷодӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ; 10) ошкоро манзур кардани натиҷаҳои фаъолияти эҷодии худ дар хориҷа; 11) амалисозии фаъолияти фарҳангӣ дар ҳудуди давлатҳои дигар бо дар назардошти қонунгузории ин давлатҳо.




**Расми 43. Ҳуқуқ иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа**

Барои амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ муассисаҳо ва ташкилотҳои фарҳангӣ мавҷуданд. Инсон ҳақ дорад дар фаъолияти муассисаи фарҳангӣ ширкат варзад ё аз фаъолияти эҷодии он ҳаловат бубарад.

Ҳар кас метавонад аз арзишҳои фарҳангӣ истифода кунад. Моддаи 8-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” номгӯи онҳоро таҳким бахшидааст. Ба арзишҳои миллӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозёфтҳои археологӣ, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, коллексияи ашёи қадимӣ ва асарҳои санъат, аз ҷумла расмҳо, мусаввараҳо, асарҳои ҳайкалтарошӣ, топонимҳои аҳамияти таърихӣ дошта, асарҳои ороишӣ, нашрҳои дастхатӣ, осори қадимӣ, дастнависҳои муаллифон, литографияҳо, ҳуҷҷатҳои таърихӣ, асарҳои нодир, марқадҳои шахсиятҳои маъруф, боғҳо, манзараҳои табиии аҳамияти таърихӣ дошта ва ғайра мансубанд.

Тарғибу ташвиқи мероси миллӣ-фарҳангӣ ва дастовардҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи муассисаҳои театрию намоишӣ ва консертӣ, кино ва муассисаҳои тарғиботи видеоӣ, китобхонаҳо, бойгониҳо, клубҳо, хонаҳои маданият, боғҳои фарҳангу истироҳат, марказҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, толорҳои намоиш, осорхонаҳо, мамнӯъгоҳҳои таърихию табиӣ, радио ва телевизион, иттифоқҳои эҷодӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии коркунони (ходимони) фарҳанг ва санъат, марказҳои илмӣ-техникӣ, марказҳои берунаЗмактабии фарҳангӣ-фароғатӣ, идораҳои рӯзномаву маҷаллаҳо, нашриётҳо ва ғайра мебошад.

Барои ҳар одам боздид аз осорхона, истифода аз китобхона ва бойгониҳо ихтиёрӣ аст. Дар муассисаҳои фарҳангӣ барои гирифтани маълумот, ҷамъоварии ҳар гуна мавод шароитҳои зарурӣ мавҷуданд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳангоми иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ одам вазифадор аст, ба қоидаҳо ва тартиботи дохилии муассиса итоат кунад.

## 2. ҲУҚУҚИ ИНСОН БА ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ.

Имрӯз ягон соҳае нест, ки дар он дастовардҳои илм ва техника истифода нашавад. Шаҳодати он телевизорҳо, компютерҳо, дастгоҳҳои видео ва аудио, телефонҳои мобилӣ, антеннаҳои телевизионии маснӯӣ, ҳуҷҷатҳои электронӣ ва ғайра мебошанд. Истифодаи дастовардҳои илмӣ ба миллионҳо одамон кӯмак карда, кори онҳоро осон мегардонад. Одамон дар муддати кӯтоҳтарин метавонанд бо ҳамдигар гуфтугӯ кунанд, ба якдигар маълумотҳои заруриро расонанд, бо ёрии Интернет иттилооти гуногун пайдо карда, онро истифода намоянд.

**?** ***Мисолҳои ба Шумо маълуми дастовардҳои илм ва техникаро оред.***

Дар натиҷаи истифодаи дастовардҳои илм ва техника одам метавонад сатҳи дониши худро баланд бардорад, аз маводи Интернет истифода карда (ҳуқуқи таҳсил) маълумотҳои гуногунро фаҳмад (ҳуқуқ ба иттилоот), мукотибаи электронӣ дошта бошад (ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ) ва дигар навъҳои истифодаи ҳуқуқҳои худро таъмин намояд. Ҳамчунин таъсири дастовардҳои илм ва техника ба муҳити зист (проблемаҳои экология), вазъи саломатӣ (пешгирии бемориҳои гуногун) ба мушоҳида мерасад.

Одам офарандаи ҳамаи ин воситаҳо буда, метавонад на танҳо истифодаи муваффақона ва оқилонаи онҳоро дар хоҷагӣ, ҳамчунин роҳ надодан ба вайрон кардани ҳуқуқҳои инсон таъмин намояд.

Тарғиби иттилоот ва паҳн кардани асарҳое, ки ба зӯран сарнагун сохтани сохти конститутсионӣ, ҷангу зӯроварӣ, бераҳмӣ, бадбинии миллию динӣ даъват мекунанд ва шаъну эътибори миллиро паст зада, порнография ва бадахлоқиро ташвиқ мекунанд, манъ аст. Маҳдуд ва манъсозии истифодаи мероси фарҳангӣ, фаъолияти фарҳангӣ ва дастовардҳои он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**3. МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ ВА ҲИМОЯИ ОН.** Озодии эҷодиёти бадеӣ, илмӣ ва дигар навъҳои эҷодиёт бо озодии сухан ва матбуот алоқаманданд, зеро танҳо сухани муаллиф аҳамияти иҷтимоӣ ва арзишмандии асарро муайян мекунад, ё сухан сабаби маҳдудияти ҳуқуқи ӯ мегардад. Озодии эҷодиёт аз ҷониби давлат маҳдуд карда намешавад, зеро он натиҷаи меҳнати шахсии ҳар инсон аст. Бо ҳамин асосҳо давлат набояд ба фаъолияти эҷодии шаҳрванд халал расонад ва сензураи давлатӣ муқаррар намояд.

Мутобиқи моддаи 13-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти эҷодиро эътироф мекунад ва ба озодии фаъолияти эҷодӣ дахолат намекунад. Давлат фаъолияти эҷодиро дастгирӣ мекунад ва ба инкишофи он ёрии моддӣ ва маънавӣ мерасонад, эҷодиётро аз дахолати ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ҳизбҳо ҳифз менамояд, ба амалишавии гояҳои эҷодӣ кӯмак мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишофи ҳамаи навъҳои фаъолияти эҷодии касбӣ ва ғайрикасбӣ (ҳаваскорӣ), эҷодиёти театрӣ, мусиқӣ, санъати тасвирӣ, санъати кино, сирк, телевизион, радио, эҷодиёти анъанавии касбӣ, фаъолияти эҷодии устоҳои халқӣ ва ғайра шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда мешаванд.

Моликияти зеҳнӣ ҳуқуқҳои шахсии молумулкӣ ва гайримолумулкие мебошанд, ки ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, инфиродигардонии воситаҳои иштирокдорони аҳдҳои шаҳрвандӣ, маҳсулоти шахсӣ, корҳо ё хизматрасониҳо, чун объектҳои дигар, баробар дониста шудаанд.

Тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба объектҳои моликияти зеҳнӣ инҳо мансубанд: 1) натиҷаҳои фаъолияти эҷодии зеҳнӣ: асарҳои илмӣ, санъат ва адабиёт, аз ҷумла барномаҳо барои мошинҳои электронии ҳисоббарор, барномаҳои компютерӣ ва маҷмӯи маълумот; иҷро намудан, фонограммаҳо, ташкили намоиши эфирӣ ё намоиши кабелӣ, ихтироот, моделҳои муфид, намунаҳои саноатӣ, дастовардҳои селексионӣ, топологияи микросхемаҳои интегралӣ: маълумоти дорои сирри хизматӣ ё тиҷоратӣ; 2) воситаҳои фардикунонии иштирокдорони аҳдҳои шаҳрвандӣ, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ, номи фирмавӣ: тамғаи

мол ва тамгаи хизматрасонӣ; номи маҳали истеҳсоли мол ва нишондодҳои истеҳсолӣ; 3) натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонии ба онҳо баробаркардашуда, ки мутобиқи қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд.

Вақте сухан дар бораи моликияти зеҳнӣ меравад, пеш аз ҳама ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқи патентӣ дар назар аст.

**?** ***Ба фикри Шумо, моликияти зеҳнӣ чӣ тавр ҳифз карда мешавад?***

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ, арзишҳои фарҳангӣ, моликияти зеҳнӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фарҳанг" кадом ҳуқуқҳои фарҳангӣ номбар карда шудаанд?*

*2.Дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ чӣ маънӣ дорад? Арзишҳои фарҳангӣ чист?*

*3.Дар романи Иван Ефремов "Таиси Афинӣ" муколамаи Искандари Мақдунӣ ва ҳамсафи ӯ Птоломей, ки шоҳони Мисрро тобеъ сохта буд, оварда шудааст: «Птоломей пай бурд, ки истилогарон ин ё он мамлакатро тобеъ сохта, дар навбати аввал мероси фарҳангӣ - таърихии онро нобуд месозанд. Ӯ сабаб пурсид. Искандари Мақдунӣ ҷавоб дод: "Мероси фарҳангӣ халқро рӯҳбаланд месозад, мо онро нест карда, рӯҳи шикастнопазири халқро, ки барои ҳифзи мамлакати худ ҷонашро ҳам дарег намедорад, барҳам мезанем. Дар ҷои вайрона муҳаббат ба халқи худ, ба гузаштаи худ, ба корнамоию қаҳрамонӣ ва ҷонфидоии шаҳрвандӣ пайдо намешавад. Халқ гузаштаи шӯҳратёри худро фаромӯш карда ва ба тӯдаи беҳунар табдил ёфта, дар ҳеҷ хусус фикр накарда, фақат гами шиками худро мехӯрад".*

*Оё Шумо мисолҳои вайрон карда шудани ёдгориҳои таърихро оварда, сабабҳои онро шарҳ дода метавонед?*

*4. Моликияти зеҳнӣ чист?*

## § 47. ҲУҚУҚИ ТАҲСИЛ

**1.ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДОН БА ТАҲСИЛ.** Ҳуқуқи ҳар кас ба таҳсил ҳуқуқи муҳимтарини фарҳангӣ мебошад. Вай бо стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон таҳким бахшида шудааст.

Чунончи, дар моддаи 26-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар омадааст: "Ҳар як инсон ҳуқуқи таҳсил дорад. Ақаллан таҳсили ибтидоӣ ва миёна бояд бепул бошад. Таҳсили ибтидоӣ бояд ҳатмӣ бошад. Таълими техникӣ ва касбӣ бояд дастраси ҳамагон бошад. Таҳсили олӣ бояд мувофиқи

қобилияти ҳар кас ба ҳама як хел дастрас бошад". Ва баъд: "Мақсади таълим бояд рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон, афзоиши эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон бошад. Таълим бояд ба ҳусни тафоҳум, бурдборию дӯстии миёни тамоми миллатҳо, гурӯҳҳои нажодӣ ва мазҳабӣ ва ҳамчунин ба вусъати фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид дар роҳи ҳифзи сулҳ мусоидат намояд".

***Ба андешаи Шумо, чаро амалисозии ҳуқуқи таҳсил бо рушди маънавии ҷомеа вобаста аст?***

Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчунин мақсадҳои таҳсили пешқадамро муқаррар мекунанд: рушди мукаммали шахсияти инсон ва эътирофи эҳтиром ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон, додани имконияти иштирокдори манфиатҳои ҷамъият будан, мусоидат намудан ба ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди дӯстии байни миллатҳо, гурӯҳҳои этникӣ ва динӣ.

Давлат вазифадор аст, ки: а) дар асоси баробарҳуқуқӣ таҳсили ибтидоиро дастрас ва ҳатмию ройгон гардонад, таҳсилоти миёна ва олии касбиро дастраси ҳамагон созад; б) дар ҳамаи мактабҳои олӣ сатҳу сифати баробари таълимро таъмин намояд; в) гирифтани таҳсилот ва такмили онро эҳтиром намояд, тайёр кардани омӯзгорони оянддаро таъмин кунад.



**Расми 44. Ҳуқуқ ба таҳсил**

Одам бори аввал дар синни 6-7 солагӣ қадам ба остонаи мактаб ниҳода, ба амалисозии ҳуқуқи худ ба таҳсил шурӯъ менамояд. Ҳуқуқи таҳсил дар Тоҷикистон бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузорӣ кафолат дода мешавад.

**Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад. Шаклҳои дигари таълимро қонун муайян мекунад.**

***Моддаи 41-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Кафолати таҳсил ҳамчунин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" (соли 2004) дода шудааст: "Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз миллат, нажод, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулк, ҳуқуқи таҳсил кафолат дода мешавад. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад".

Таҳсилоти даврагӣ имконияти одам баҳри таҳсил кардан ва баланд бардоштани дараҷаи касбии худ дар тӯли тамоми ҳаёт мебошад.

Шаҳрванд ҳақ дорад шакли муассисаи таълимӣ ва шакли таҳсилро интихоб намояд. Шаклҳои таҳсил рӯзона, шабона, ғоибона, бо танаффус ва экстернат мешаванд. Муассисаҳои таълимии давлатӣ ба ҳар кас имконият медиҳанд, ки ройгон таҳсил кунад. Ҳар кас, сарфи назар аз вазъи моддии худ, метавонад дар асоси озмун таҳсилоти миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олии касбӣ гирад.

Барои таълими кӯдакон ва наврасон, ятимони бе падару модар, онҳое, ки иллатҳои ҷисмонию рӯҳӣ доранд, инчунин кӯдаконе, ки рафторашон барои ҷомеа хавфнок аст, муассисаҳои таълимии махсус таъсис дода мешаванд.

Иштирок дар идоракунии муассисаҳои таълимӣ, ҳуқуқҳои баробар ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ, озодии ақидаҳо, гирифтани маълумот ба забони модарӣ, озодии иттиҳодияҳо ва ғайра эҳтироми шаъну эътибор ва қадру қимати инсонро таъмин мекунанд.

**2.ШАКЛҲОИ ГИРИФТАНИ ТАҲСИЛОТ.** Бо мақсади таъмини ҳуқуқи таҳсил давлат навъҳои зерини таълимро кафолат медиҳад:

**1.Таълиму тарбияи томактабӣ.** Падару модарон, ё шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, дар таъмини инкишофи ҷисмонӣ ва зеҳнии давраи аввали кӯдакӣ ва минбаъд барои ба мактаб омода намудани фарзандони худ масъуланд. Бо мақсади расонидани ёрӣ ба оилаҳо, муҳайё намудани шароити мусоиди тарбияи фарзандон дар давраи то мактаб бо назардошти майлу хоҳиш ва ниёзи падару модарон дар давлат кӯдакистонҳо, хонаҳои кӯдакон ва дигар муассисаҳои томактабии кӯтоҳмуддат, рӯзона, шабонаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ ташкил карда мешаванд.

**2.Ҳуқуқи шаҳрвандон барои гирифтани таҳсилоти умумӣ**. Таҳсилоти умумӣ аз се зина иборат аст: зинаи ибтидоӣ (синфҳои 1-4), зинаи умумии асосӣ (синфҳои 5-9); зинаи миёнаи умумӣ (синфҳои 10-11).

Ҳуқуқ ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тавассути мактабҳои ибтидоӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, гимназияҳо ва литсейҳо амалӣ мегардад. Зинаҳои мазкур метавонанд ба таври мустақил ё дар ҳайати мактабҳои таҳсилоти умумӣ, мактабҳои умумии миёна, гимназияҳо, литсейҳо таъсис ёбанд. Ба синфи якум кӯдакони ба синни 7-солагӣ расида дохил мешаванд. Ашхоси то 16-сола дар муассисаҳои таълимии рӯзона таҳсилоти умумии асосӣ (нӯҳсола) мегиранд. Ба зинаи

сеюми таҳсил хонандагон мувофиқи хоҳиш, лаёқат ва шавқмандиҳояшон қабул карда мешаванд. Калонсолони таҳсилоти умумӣ надошта метавонанд таҳсилро шабона, ғоибона, бо танаффусҳо ва ба таври экстернат давом диҳанд. Баъди хатми мактаби таҳсилоти умумӣ ва мактаби миёна шаҳрванд ҳақ дорад таҳсилро давом диҳад.

**3.Ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ.** Ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба шаҳрвандон мувофиқи майлу хоҳиш ва қобилияташон дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ амалӣ мегардад. Шаҳрванд метавонад тавассути литсейҳои касбӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, курсҳои касбомӯзӣ таҳсилоти ибтидоии касбӣ гирад.

**4.Ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ.** Шаҳрванд имконият дорад дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (техникумҳо, литсейҳо, коллеҷҳо, мактабҳои миёнаи касбӣ) таҳсилот гирад.

**5.Ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти олии касбӣ.** Таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва коллеҷҳои мактабҳои олии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҷумла хусусӣ, амалӣ гардонда мешавад. Таҳсилоти олии касбӣ тавассути донишгоҳҳо, академияҳо, донишкадаҳо ва дигар муассисаҳои олии касбии ба онҳо баробар дода мешавад. Таҳсили шаҳрвандон дар ин муассисаҳо дар асоси озмун ройгон ё бо қарордод (пулакӣ) таъмин мегардад. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ дар асоси шартнома пулакӣ таҳсилоти дуюми олӣ гиранд.

**6.Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии касбӣ** ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дараҷаи таҳсилоти худро дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ инкишоф диҳанд, Таҳсили мазкур тавассути магистратура, аспирантура, докторантураҳое, ки дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмӣ фаъолият доранд, амалӣ мегардад.

Ҳуқуқи таҳсил ба одам ҳамчунин имконияти гирифтани **таҳсилоти иловагиро** медиҳад. Таҳсилоти иловагиро шахс ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ, баъд аз хатми муассиса ва ё баъди гирифтани диплом ба таври ройгон ё пулакӣ соҳиб шуда метавонад. Ба чунин муассисаҳо инҳо тааллуқ доранд: академияҳои хурди илмӣ, қасрҳо, стансияҳо, клубҳо, марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, мактабҳои варзишӣ, ҳунарӣ, бадеӣ, мусиқӣ, рассомӣ, курсҳои дӯзандагӣ, ронандагӣ ва ғайра.

Таҳсилоти иловагӣ ба принсипҳои интихоби ихтиёрии навъи муассисаҳои иловагӣ ва таҳсилот, майлу хоҳиши хонандагон, донишҷӯён асос ёфта, бе маҳдудият барои тамоми шаҳрвандон пешниҳод мегардад.

**7.Таҳсилоти махсус** барои ашхосе, ки имкониятҳои маҳдуд дошта, ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд ва гирифтори иллати ҷисмонӣ, рӯҳӣ мебошанд ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок аст, таъмин карда

мешавад. Муассисаҳои таълимии махсус дар шакли мактаб-интернатҳо, мактабҳои махсуси таълимӣ ва синфҳои махсус ташкил мегарданд.

Баъди хатми муассисаи таълимӣ одам ҳақ дорад таҳсили гирифтаи худро бо ҳуҷҷати дахлдор тасдиқ кунад. Муассисаҳои таълимӣ ба шаҳрвандон ҳуҷҷатҳои зерин медиҳанд: шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9); шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11); шаҳодатнома дар бораи касб (дараҷа, синф, гурӯҳ) ба ашхосе, ки аз рӯи муқаррароти пешбинишуда касб омӯхтаанд; диплом дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (барои хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ); диплом дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ (барои хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ); диплом дар бораи таҳсилоти олии касбӣ (бакалавр, мутахассис, магистр); дипломи номзад ё доктори илм (ба ашхосе, ки аз рӯи масъалаи таҳқиқкардаашон рисола ҳимоя кардаанд).

Ба шаҳрвандоне, ки ин ё он зинаи таҳсилро пурра ба анҷом нарасондаанд, маълумотнома ва ба шаҳрвандоне, ки таҳсилоти иловагӣ гирифтаанд, сертификат дода мешавад. Баъди гирифтани ҳуҷҷати дахлдор шахс ба амалисозии дигар ҳуқуқҳои худ (ҳуқуқ ба меҳнат) шурӯъ карда метавонад.

**3.ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ ИШТИРОКДОРОНИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ.** Ҳангоми таҳсил байни иштирокдорони раванди таълим (тарбиягирандагон, хонандагон, донишҷӯён, омӯзгорон, волидон) муносибатҳои ҳуқуқӣ ба амал меоянд. Ҳар кадоме аз онҳо ҳуқуқҳо ва вазифаҳое доранд, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таҳким ёфтаанд. Дар қонун «Дар бораи маориф» ва оинномаҳои муассисаҳои таълимӣ ҳуқуқҳо ва вазифаҳои онҳо таҳким бахшида шудаанд.

Тарбиягирандагон, хонандагон ва донишҷӯён дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ чунин ҳуқуқҳо доранд: сари вақт дониш андӯзанд ва малакаҳои амалии зарурииро азбар кунанд; шаклҳо, мӯҳлатҳои таҳсил, ихтисос, барномаҳои инфиродии машғулиятҳои берунаазсинфиро интихоб намоянд, аз заминаҳои истеҳсолӣ, илмӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва маишӣ ройгон ё ба таври имтиёзнок истифода кунанд; ба сабабҳои асоснок таҳсилро дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ қатъ кунанд, мувофиқи ихтисоси гирифтаашон таҳсилро давом диҳанд; худро аз амалҳои кормандони маъмурӣ, педагогӣ ва дигар кормандон, ки шаъну эътибор, нуфуз ва эҳтиромро паст мезананд, ҳифз намоянд.

Ҳуқуқ ва вазифаҳои мураббиён ва муаллимон: ҳифзи шаъну эътибори касбии худ, таъмин кардани шароитҳои зарурӣ барои фаъолияти касбӣ, такмили ихтисос, пеш бурдани таҷрибаи пешқадами худ, интихоби озодонаи шаклҳо, методҳо ва усулҳои таълими муваффақона, рухсатиҳои илмӣ ва иҷтимоӣ ва ғайра, иштирок дар идоракунии муассисаҳои таълимӣ.

Муаллимон вазифадоранд, ки аз ҷониби хонандагон, тарбиягирандагон ва донишҷӯён аз бар кардан ва иҷро намудани барномаҳои таълимӣ ва илмиро таъмин кунанд, хонандагонро тибқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯҳияи эҳтироми волидайн, одамони калонсол, ҳамсолон, риояи қоидаҳои талабагӣ тарбия намоянд, онҳоро аз амалҳои зӯроваронаи ҷисмонӣ ҳимоя кунанд, сатҳи маърифатнокии худро такмил дода, ба дараҷаҳои баланди касбӣ ноил гарданд.

Ҳуқуқҳои волидайн ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд: барои фарзандони ноболиғи худ интихоб кардани муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, шакли таҳсил, иштирок кардан дар корҳои мақомоти худидоракунии муассисаи таълимӣ; муроҷиат кардан ба мақомоти давлатии идоракунии маориф ва муассисаҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои таълим ва тарбия; ҳимоя кардани манфиатҳои кӯдакон вобаста ба таълим ва тарбия; тарбия кардани кӯдакон дар руҳи инсондӯстдорӣ, меҳнатдӯстӣ, накӯкорӣ, раҳму шафқат, эҳтироми аъзои оила ва дигарон. Волидайн дар сурати иҷро накардани ҳуқуқ ва вазифаҳои худ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳуқуқи таҳсил, шаклҳои таълим.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1.Ҳуқуқи таҳсил чӣ маънӣ дорад?*

*2.Ба андешаи Шумо, оё шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа ҳуқуқи таҳсил доранд?*

*3.Кадом ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи таҳсилро кафолат медиҳанд?*

*4.Шаклҳо ва зинаҳои таҳсилро номбар кунед.*

*5.Дар кадом муассисаи таълимӣ таҳсилоти махсус гирифтан мумкин аст?*

*6.Баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти иловагӣ чӣ гуна ҳуҷҷатҳо дода мешаванд?*

*7.Иштирокдорони раванди таълимро номбар кунед. Онҳо чӣ гуна ҳуқуқ ва вазифаҳо доранд?*

*8.Мисолҳои ба Шумо маълуми мақолҳо, зарбулмасалҳо ва гуфторҳои халқиро дар бораи таълим оред.*

# БОБИ 14
# ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

## §48. ТАВСИФИ УМУМИИ ВАЗИФАҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

**1. МАФҲУМ ВА МУНДАРИҶАИ ВАЗИФАҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД.** Шаҳрванд ва давлат дар муносибатҳои ҳуқуқӣ қарор доранд. Агар як тараф – давлат дар назди шаҳрванд вазифаҳо дошта бошад, пас тарафи дуюм – шаҳрванд низ дар назди давлат вазифаҳои муайянро ба ҷо меорад. Ягонагии ҳуқуқ ва вазифаҳо принсипи муҳимтарини ҷамъияти мо мебошад, ки тавассути мувофиқату ҳамоҳангии ҳадафҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ масъулияти якҷоя ва масъулияти талабҳои иҷтимоиро ифода мекунад. Ифодаи «Ҳуқуқ бе вазифа ва вазифа бе ҳуқуқ вуҷуд надоранд» ин ҷо татбиқи худро меёбад.



**Расми 45. Таносуби ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои шаҳрвандон**

Мафҳуми «вазифаҳо» мавҷудияти амалҳоест, ки ба зиммаи инсон гузошта шудаанду ҳатмӣ эътироф гардидаанд.

> **Вазифа ҷораи бо қонун пешбинишудаи рафтори дурусти инсон (шаҳрванд) аст, ки аз ӯ амалҳои бо қонун муайянгардидаро тақозо мекунад.**

Вазифаҳо ба манфиати чи ҷомеа ва чи ҳар инсони алоҳида муқаррар мегарданд.

Бисёр одамон ҳуқуқҳои худро аввалиндараҷа ҳисобида, чунин мешуморанд, ки дар назди касе ягон вазифае надоранд. Ин хатои калон аст. Ҳуқуқ бе вазифадорӣ вуҷуд дошта наметавонад. Мо ҳар рӯз бо ин сару кор дорем. Мисол: духтарча аз мактаб бармегардад ва мегӯяд, ки барои бозӣ кардан меравад. Модараш ба ӯ иҷозат намедиҳад: «Ту дарсҳоятро тайёр мекунӣ». Духтарча ба қаҳр меояд: «Чаро охир? Ман ҳуқуқи истироҳат кардан дорам». Модар мефаҳмонад: «Дуруст аст, ҳуқуқ дорӣ, вале ту ҳамчунин вазифадорӣ, ки хуб хонӣ. Вазифаи ту бояд дар мадди аввал истад».

***Ба фикри Шумо, дар ин баҳс кӣ ҳақ аст?***

Яке аз принсипҳои асосии дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар таҳкимбахшидашуда чунин аст: «Ҳар як инсон дар бобати татбиқи ҳуқуқу озодиҳои худ бояд танҳо ба дараҷае маҳдуд карда шавад, ки аз тарафи қонун фақат бо мақсади таъмини эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва қонеъ гардондани талаботи одилонаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии умумӣ дар шароити ҷомеаи демократӣ муқаррар карда шудааст». Аз ин принсип бармеояд, ки ҳар кадоме аз ҷонибҳо баробари ҳуқуқҳо вазифаҳо низ доранд.

Мисол: Одамон дар соҳили баҳр истироҳат доранд. Ҳаво хеле гарм аст ва истироҳаткунандагон бисёранд. Байни онҳо ҳам пиронсолон ҳастанд ва ҳам ҷавонон. Карим ин ҷо ҳамроҳи рафиқони худ барои офтоб хӯрда лолагун шудану истироҳат кардан омад. Вай бо худ магнитофони навашро овард ва мусиқии дӯстдоштаашро бо тамоми овоз баланд кард. Мӯйсафеди аз ин садо бедоршуда ғур-ғуркунон гуфт: «Ҷавонҳо аз худ рафтаанд, одамони атрофро умуман ҳурмат намекунанд». Оташи ҷанҷол баланд шуд. Як гурӯҳ ҷонибдори Карим шуда изҳор карданд, ки ӯ ҳуқуқи истироҳат кардан дорад, гурӯҳи дигар мӯйсафедро ҷонибдорӣ карданд.

***Ба фикри Шумо, дар ин баҳс кӣ ҳақ аст?***

**Аввал мо вазифаҳои худро бояд қатъиона, пайвичдонона ва бетаваққуф иҷро кунем. Дар ин сурат ҳамаи ҳуқуқҳои мо худ аз худ иҷро мешаванд. Вале агар мо кӯшиш кунем, ки танҳо ҳуқуқҳои худро амалӣ созем, дар ин сурат ҳуқуқҳоямон ситораҳои парронеро мемонанд, ки ҳамаамон дидаему аммо боре ҳам ба даст нагирифтаем».**

***Маҳатма ГАНДИ***

Бисёр ҳолатҳое ҳастанд, ки ҳуқуқ ва вазифаҳои инсон бо ҳам бархӯрд мекунанд. Мисол; дар баъзе давлатҳо қонунҳое ҳастанд, ки мувофиқи онҳо бояд одамони мошинсавор ба худ тасмаҳои амниятӣ банданд. Бисёр одамон бар зидди чунин қонун эътироз баён мекунанд. Онҳо исбот кардан мехоҳанд, ки ин ҳуқуқу озодиҳои онҳоро маҳдуд месозад. Вале ҳукуматҳои ин давлатҳо далелҳо меоранд, ки вақте одамон мошинсаворӣ мекунанд, онҳо дар назди бемористонҳо, духтурон ва дар маҷмӯъ дар назди ҷамъият вазифадоранд чораҳое бинанд, ки дар сурати дучори садама шудан ҷароҳат набардоранд. Агар онҳо тасмаҳои амниятӣ набанданд, дар натиҷаи садамаи эҳтимолӣ зарбаю ҷароҳатҳо бардошта, боиси сарф гардидани вақт ва пул мегарданд ва катҳои бемории одамонеро ишғол менамоянд, ки воқеан ҳам беморанд. Ба ин тариқ, онҳо ҳуқуқҳои беморонро барои гирифтани табобат маҳдуд месозанд.

Аҳамияти муқаррар гардидани вазифаҳои дуҷонибаи байни давлат ва инсон ба он оварда мерасонад, ки ҳаёти арзандаи инсон ва шаҳрванд таъмин мегардад ва ин шаҳодати шукуфоии давлат аст.

**2. ВАЗИФАДОРИИ ИНСОН ДАР ТАЪЛИМОТИ ДИНӢ ВА МУҚАРРАРОТИ ФАЛСАФӢ.** Дар ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ- буддой, яҳудӣ, насронӣ, мусулмонӣ дар назди одамон вазифаи риояи ғояи «Бо одами дигар тавре рафтор нанамо, ки намехоҳӣ бо ту чунин рафтор кунанд» гузошта шудааст. Дар таълимоти зардуштӣ омадааст, ки яке аз вазифаҳои муҳимтарини волидон дар назди фарзандон таълим додани онҳо аст. Яке аз мутафаккирони гузашта мардро вазифадор донистааст, ки зану фарзандонашро бемаълумот нагузорад, то ки ӯ гирифтори пушаймонӣ ва азобу уқубат нагардад.

Дар Ислом низ дар бораи таълим додани занону кӯдакон ибрози ақида карда шудааст. Дар яке аз ҳадисҳои Муҳаммад (с) омадааст, ки «зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй» ва дониш гирифтани занон ҳатмӣ동 дониста шудааст.

Дар Эъломияи умумии исломии ҳуқуқҳои инсон (соли 1990) гуфта шудааст: «Андӯхтани дониш ва ҷустуҷӯи ҳақиқат на танҳо ҳуқуқ, балки вазифаю қарзи ҳатмии ҳар мусулмон аст». Ё худ: «Эҳтироми эҳсосоти динии дигар одамон эътиқоди ҳар як мусулмон аст».

Аз нигоҳи фалсафӣ ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқҳои рӯҳонии универсалианд. Муқаррароти фалсафӣ одамонро вазифадор месозанд, ки низоми муносибатҳои байни одамонро дар тамоми замонҳою давраҳо риоя кунанд.

*Ислом вазифаҳои одамонро чигуна муайян кардааст?*

> **Ҳар як ҳуқуқи дар Эъломия баёншуда ба зиммаи инсон ҳамчунин вазифаҳо мегузорад.**
>
> *Эъломияи умумии исломии ҳуқуқҳои инсон*

**3. ВАЗИФАҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ШАКЛҲОИ ГУНОГУНИ ДАВЛАТДОРӢ.** Дар шароити демократия вазифаҳои инсон ва шаҳрванд дар асоси принсипи баробарҳуқуқӣ, ихтиёрӣ ва мушаххасӣ муайян гардидаанд, ки ҳар як инсон ва шаҳрванд онҳоро бояд аниқ донад.

Баъзе вазифаҳое ҳастанд, ки шаҳрванд онҳоро ба зимма дошта, аммо шахси бетабаа чунин ҳуқуқҳо надорад. Масалан, иштирок кардан ва овоз додан дар раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот, иҷро кардани ӯҳдадориҳои ҳарбӣ ва ғайра.

Дар шароити тоталитаризм одам дар ихтиёри худ нест ва ӯ ба фармону фармоишоти нашршудаи мақомоти болой итоат карда, вазифадор аст, ки онҳоро ҳатман ба ҷо орад. Тоталитаризм дар асоси эътиқодҳое амал мекард, ки ҷомеаи муваффақона наметавонад аз рӯи принсипи озодии шахсият арзи вуҷуд кунад.

Ҷиноятҳои бар зидди инсоният дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ содиршуда одамонро ба зарурати таъминоти юридикӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои

инсон, муайян кардани вазифаҳои ӯ водор сохтанд. Тамоми ҷаҳон бо чашмони худ дид, ки дар сурати рад кардани ҳуқуқҳои табиӣ ва фитрии инсон чӣ даҳшатҳое ба амал меоянд. Оинномаи СММ ва Эъломияи умумии ҳуқуқи башар шаҳодати ба таври ҳуҷҷатӣ баланд бардоштани шуури ҷамъиятӣ мебошанд. Дар ин ҳуҷҷатҳо ҳуқуқҳои инсон ва мутаносибан вазифаҳои ӯ на танҳо ба сифати маънавияти идеалӣ, балки ҳамчунин чун принсипҳои сиёсати байналхалқӣ ва тартиботи нави ҷаҳонӣ мавқеъ доранд.

**Ҳар як инсон дар назди ҷомеае, ки рушди озод ва камолоти шахсияти ӯ фақат дар он имконпазир аст, ӯҳдадор мебошад.**
*Моддаи 29-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар*

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ва ашхоси дар қаламрави Тоҷикистон зиндагикунандаро, ки иҷрои ин вазифаҳо барои онҳо ҳатмист, муқаррар кардааст. Дар сурати ихтиёрӣ иҷро накардани онҳо давлат сиёсати маҷбурсозии худро ба кор мебарад.

Вазифаҳои конститусионии шаҳрвандон аз иҷрои талаботи Конститутсия, қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ (санадҳои дар асоси қонунҳо қабулшуда) иборат аст ва мо бояд ҳуқуқҳо ва озодиҳо, шарафу эътибори дигаронро эҳтиром намоем.

Иҷрои қонунҳои соҳавӣ низ вазифаи ҳар як шаҳрванд ва тамоми сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Баъзе меъёрҳои конститутсионӣ вазифаи манъ карданро муқаррар намудаанд (масалан, манъи тарғиби афзалиятмандии иҷтимоӣ, ранги пӯст, миллат, дин ва забон).

Ба ин тарик, дар вазифаҳои конститусионӣ масъулияти шахсият дар назди ҷомеа ва инсон дар назди давлат эътироф карда мешавад.

---

**Мафҳуми зеринро ба хотир гиред:** *вазифаҳои инсон ва шаҳрванд*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Зери мафҳуми вазифаҳо чиро мефаҳманд?*

*2. Ба фикри Шумо, чаро зарур аст, ки вазифаҳои муайян иҷро карда шаванд?*

*3. Кадом санадҳои байналмилалӣ муқаррароти зарурати иҷро кардани вазифаҳоро дар назди ҷомеа ва давлат таҳким мебахшанд?*

*4. Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом вазифаҳои шаҳрванд таҳким бахшида шудаанд?*

## §49. ВАЗИФАИ РИОЯИ ҚОНУНҲО ВА ЭҲТИРОМИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

**1. ҚОНУНҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА САНАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ.** Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Санадҳои байналмилалии ҳуқуқиие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқукии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Дар низоми вазифаҳои ҳуқуқӣ вазифаҳои конститутсионӣ нақши муҳим мебозанд. Байни онҳо инҳо ҳастанд: ҳифзи Ватан; манъи вайрон кардани ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии дигар одамон; манъи фаъолиятҳои иқтисодӣ, ки ба монополизм ва рақобати ғайрипоквиҷдонона нигаронида шудаанд; ҳифзи муҳити зист; гирифтани таҳсилоти умумӣ; ҳифзи мероси таърихӣ ва фарҳангӣ.

Яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мебошад, ки аз ҷониби СММ 10 декабри соли 1948 қабул карда шудааст. Дар Эъломия қайд карда шудааст: «Ҳар як инсон дар назди ҷомеае, ки рушди озод ва камолоти шахсияти ӯ фақат дар он имконпазир аст, ӯҳдадор мебошад. Ҳар як инсон дар бобати татбиқи ҳуқуқу озодиҳои худ бояд танҳо ба дараҷае маҳдуд карда шавад, ки аз тарафи қонун фақат бо мақсади таъмини эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва қонеъ гардонидани талаботи одилонаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии умумӣ дар шароити ҷомеаи демократӣ муқаррар карда шудааст». Чунин масъулият ба зиммаи шаҳрвандон дар шакли вазифа вогузошта шудааст.

**Ҳамаи одамон дар назди қонун баробаранд ва бидуни ҳеҷ як тафовут ба ҳимояи баробари ҳуқуқӣ ҳақ доранд. Ҳамаи одамон дар муқобили ҳар гуна табъизе, ки хилофи ҳамин Эъломия мебошад ва таҳдиди табъиз аз ҷонибе, ки набошад, ба ҳимояи баробар ҳақ доранд.**

*Моддаи 7-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар.*

Дар Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак нисбати вазифаҳои волидон ва давлатҳои иштирокдор қайд шудааст, ки волид (он) ё шахсони дигари кӯдакро тарбиякунанда дар доираи қобилият ва имкониятҳои молиявии худ барои таъмини шароитҳои зиндагии баҳри инкишофи кӯдак зарурӣ масъулияти асосӣ ба дӯш доранд.

Давлатҳои иштирокдор мувофиқи шароитҳои миллӣ ва дар доираи

имкониятҳои худ оид ба расонидани ёрӣ ба волидон ва дигар шахсони кӯдаконро тарбиякунанда, амалисозии ин ҳуқуқ чораҳои зарурӣ андешида, дар сурати зарурат кӯмаки моддӣ мерасонанд ва барномаҳоро алалхусус бобати таъмин кардан бо ғизо, либос ва манзил дастгирӣ менамоянд.

Кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун мавҷуданд. Дар мавзӯи мазкур мо ду кодексро баррасӣ мекунем. Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона аҳди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани аҳди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд. Бисёрникоҳӣ манъ аст.

Дар ин бобат Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст. Дар он аз ҷумла дар қисмати вазифаҳои фарзандон гуфта шудааст, ки фарзандони ба синни балоғатрасидаи қобили меҳнат бояд волидони ғайриқобили меҳнат ва ба кӯмак ниёзманди худро парасторӣ кунанду дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ намоянд.

Андозаи алименти (нафақаи) мувофиқи тартиботи судӣ аз ҳар кадоме аз фарзандон моҳе ситонидашаванда аз ҷониби суд бо маблағи қатъии пулӣ бар асоси вазъи моддӣ ва оилавии волидон ва фарзандон ва дигар ҷонибҳои манфиатдошта муайян карда мешавад.

Бо талаби даъвогар суд ҳангоми муайян кардани андозаи алиментҳо ҳамаи фарзандони ба балоғатрасидаи қобили меҳнати волиди мазкурро, сарфи назар аз он ки талабот ба ҳамаи фарзандон пешниҳод шудааст, ё танҳо ба чанд нафаре аз онҳо, бояд ба назар гирад.

Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар вазифаҳо низ муаяйн карда шудаанд: ҳамсарон вазифадоранд, ки аз ҷиҳати моддӣ якдигарро дастгирӣ намоянд; бародарон ва хоҳарони ноболиғи ниёзманд дар сурати надидани кӯмаки моддӣ аз волидони худ мувофиқи тартиботи судӣ бояд аз бародарону хоҳарони ба балоғатрасидаи қобили меҳнаташон, ки ба қадри кофӣ маблағ доранд, ин ёриро (алиментро) гиранд; вазифаҳои бобоҳо ва бибиҳо оид ба таъмин намудани наберагони худ; вазифаҳои наберагон бобати таъмин намудани бобоҳо ва бибиҳои худ.

**Волидон барои тарбияи фарзандони худ масъуланд, фарзандони ба балоғатрасидаи қобили меҳнат вазифадоранд, ки ба волидони худ нигоҳубин кунанд.**

***Аз Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Баробари дигар кодексҳои соҳавӣ Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти шаҳрвандон нақши муҳим мебозад. Дар он ҳудудҳои ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, ки барои шаҳрвандон ҳатмианд, муқаррар карда шудаанд:

1. Амалҳои шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ, ки танҳо бо нияти зараррасонӣ ба шахси дигар иҷро карда мешаванд, ҳамчунин сӯиистифода аз ҳуқуқ дар шаклҳои дигар роҳ дода намешавад.

2. Истифодаи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ бо мақсадҳои маҳдудсозии рақобат, ҳамчунин сӯиистифода аз вазъи ҳукмфармоии худ дар бозор манъ аст.

3. Шахси аз ҳуқуқ сӯиистифодакарда вазифадор аст, ки вазъи шахси аз сӯиистифода ҷабрдидаро барқарор созад ва зарари ба ӯ расонидашударо талофӣ намояд.

4. Дар ҳолатҳое, ки суд ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандиро вобаста аз поквиҷдонона ва оқилона амалӣ гардонида шудан ё нашудани ин ҳуқуқҳо вобаста медонад, поквиҷдонӣ ва оқилии иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ талаб карда мешавад.

5. Амалишавии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ набояд ҳуқуқҳо ва манфиатҳои бо қонунгузорӣ ҳифзшавандаи дигар субъектҳои ҳуқуқро вайрон кунад ва набояд ба муҳити зист зарар расонад.

6. Шаҳрвандон ва ашхоси юридикӣ ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳои ба онҳо тааллуқдошта бояд поквиҷдонона, бо риояи талабҳои дар қонунгузорӣ зикршуда, принсипҳои ахлоқии ҷомеа амал намоянд, соҳибкорон бошанд, қоидаҳои одоби кориро риоя кунанд. Ин вазифаро аз қарордод набояд истисно кард ё маҳдуд сохт. Поквиҷдонӣ, оқилӣ ва боадолатии амалҳои иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ талаб карда мешавад.

7. Ба амалҳои шаҳрвандон ва шахсони воқеӣ, ки ба расонидани зарар ба шахси дигар, ҳамчунин амалисозии ҳуқуқ бар хилофи таъиноти он нигаронида шудаанд, роҳ дода намешавад. Дар сурати риоя нашудани талабҳои пешбиникардаи қисмҳои 6-8-и моддаи мазкур суд метавонад ҳифзи ҳуқуқҳои ба шахс тааллуқдоштаро рад кунад.

Ба ин тариқ, ҳар як инсон ва шаҳрванд вазифадор аст, талабҳои қонунҳо, созишномаҳо ва дигар санадҳои миллӣ ва байналмилалиро оид ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон, сарфи назар аз ҷинс, риоя намояд ва дар иҷрои онҳо масъулиятнок бошад.

---

**Мафҳуми зеринро ба хотир гиред:** *вазифаи риояи қонунҳо ва эҳтироми ҳуқуқҳои инсон.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Чаро ҳар як инсон ва шаҳрванд вазифадор аст, ки қонунҳоро риоя намояд? Риоя накардани қонунгузории мамлакат ба чӣ оварда расонида метавонад?*

*2. Эҳтироми ҳуқуқҳои дигар инсон ва шаҳрванд дар чӣ зуҳур меёбад?*

*3. Аз муносибатҳои беэҳтиромона ба ҳуқуқҳои одамон мисолҳо оред.*

## §50. ВАЗИФАИ ҲИФЗИ ВАТАН ВА МАНФИАТҲОИ ДАВЛАТ ВА ҶОМЕА

**Ватандӯстӣ ва амнияти миллӣ асоси сиёсати давлатии мо мебошад.**

*Эмомалӣ Раҳмон*

**1.ҲУҶҶАТҲО ДАР БОРАИ ӮҲДАДОРИИ ҲАРБӢ ВА ХИЗМАТИ ҲАРБӢ.** Барои одамон хонаашон пеш аз ҳама Ватан аст. Вай чун модари ягона ва такрорнашаванда мебошад. Чунон ки модарро интихоб

намекунанд, Ватан ҳам интихобнашаванда аст. Ҳифзи Ватан пеш аз ҳама ҳифзи хонаи худ ба шумор меравад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» асос ёфта, аз дигар санадҳои қонунгузорӣ, ҳамчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.

Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян мекунад.

Чунин қонун Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2005 «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» мебошад.

Қонуни мазкур муносибати вобаста ба иҷрои ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбиро аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим бахшида, салоҳиятҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар ин соҳа муайян менамояд.

**2. ТАРТИБИ ИҶРОИ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ.** Ӯҳдадории умумии ҳарбии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоро дар назар дорад: дар қайди ҳарбӣ будан; омодагии ҳатмӣ ба хизмати ҳарбӣ; даъват (дохил шудан) ба хизмати ҳарбӣ; ба ҷо овардани хизмати ҳарбӣ; эҳтиётӣ будан, аз ҷумла даъват ба ҷамъомадҳо ва гузаштан аз ҷамъомадҳои ҳарбӣ ҳангоми эҳтиётӣ будан, омӯзиши ҳарбӣ дар давраи ҷанг.

Аз ӯҳдадории ҳарбӣ шаҳрвандони зерин озоданд: мардҳои аз 16-сола хурд ва аз 60-сола калон, занҳои аз 18-сола хурд ва аз 50-сола калон; онҳое, ки ба сабаби вазъи саломатӣ барои хизмати ҳарбӣ ношоянданд.

**Иҷрои ӯҳдадории умумии ҳарбии шаҳрвандонро мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо, шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, дар доираи салоҳиятҳои худ таъмин мекунанд.**

***Аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»***

Ҷавобгарии шаҳрванд ё шахси мансабдор барои вайрон кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ». Шаҳрванди бо даъват (даъватнома) ба комиссариати ҳарбӣ дар мӯҳлати нишондодашуда ба сабаби узрнок ҳозирнагашта аз хизмати ҳарбӣ саркашикарда ҳисобида шуда, дар ҳолатҳои вобаста ба ҳалли масъала оид ба даъват ба хизмати ҳарбӣ, ё ҷамъомадҳои ҳарбӣ, инчунин озодшавӣ ё озодшавии муваққатии ғайриқонунӣ аз даъват ба хизмати ҳарбӣ гирифта барои саркашӣ аз даъват

ба хизмати ҳарбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва дар ҳолатҳои дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

Сабабҳои узрноки ҳозир нашудан бо даъвати (даъватномаи) комиссариати ҳарбӣ дар мавриди тасдиқи ҳуҷҷатии сабабҳои ҳозир нашудан инҳо мебошанд: беморӣ ё маъюбии шаҳрванд, ки боиси гум кардани қобилияти корӣ гаштааст; вазъияти вазнини саломатӣ ё фавти (ҳалокати) хеши наздик ё падархонди ин шаҳрванд, монеъ гардидани офати табиӣ, ё дигар ҳолатҳои ба иродаи шаҳрванд вобастанабуда, ки ӯро аз имконияти дар мӯҳлат ва ҷои нишондодашуда ҳозир шудан ба комиссарияти ҳарбӣ маҳрум сохтаанд; дигар ҳолатҳое, ки комиссияи даъватӣ ё суд онҳоро чун сабабҳои узрнок эътироф кардаанд. Ашхоси ба саркашӣ кардани шаҳрванд аз иҷрои ӯҳдадории ҳарбӣ кӯмакрасонида, ҳамчунин ба иҷрои ӯҳдадории умумии ҳарбӣ аз ҷониби шаҳрванд монеъшаванда ё вазифаҳои бо ин қонун муқарраргардидаро иҷронакарда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**3. ТАШКИЛИ БАҚАЙДГИРИИ ҲАРБӢ.** Шаҳрвандон вазифадоранд дар қайди ҳарбӣ истанд, ба истиснои инҳо: онҳое, ки бо қонуни мазкур аз ӯҳдадории умумии ҳарбӣ озод карда шудаанд, шаҳрвандони ҷинси зан, ки ихтисоси ҳарбии баҳисобгирӣ надоранд; онҳое, ки дар шакли маҳрумият аз озодӣ ҷазои ҷиноятиро аз сар мегузаронанд; онҳое, ки аз синни эҳтиётӣ будан гузаштаанд; занҳои соҳиби ихтисоси ҳарбӣ-баҳисобгирӣ буда, вале бештар аз 3 кӯдакдошта. Бақайдгирии ҳарбии шаҳрвандон аз ҷониби комиссариати ҳарбии ҷои истиқомат ба амал бароварда мешавад. Дар мавзеъҳои аҳолинишине, ки комиссариатҳои ҳарбӣ нестанд, бақайдгирии ибтидоии ҳарбиро ҷамоатҳо ба ҷо меоранд.

Мутобиқи қонун шаҳрвандони ҷинси марди аз 18 то 27-солаи дар қайдбуда, ё онҳое, ки вазифадоранд дар қайд бошанду ҳуқуқи муваққатан озодшавӣ ё озодшавии батамом аз даъвати ҳарбӣ надоранд, барои даъват ба хизмати ҳарбӣ ба сифати аскари қаторӣ ё ҳайати сержантӣ вазифадор дониста мешаванд.

**4.ХИЗМАТИ ҲАРБӢ.** Хизмати ҳарбӣ навъи махсус ва афзалиятноки хизмати давлатӣ аст, ки дар иҷрои бевоситаи вазифаҳои конститутсионӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Қувваҳои мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва қисмҳои ҳарбӣ ифода ёфта, аз инҳо иборат аст: а) хизмати ҳарбӣ бо даъват дар вазифаҳои аскар ё сержантҳо; б) хизмати ҳарбӣ мувофиқи тартиботи ихтиёрӣ дар вазифаи прапорщикҳо; в) хизмати ҳарбӣ бо даъват ва мувофиқи тартиботи ихтиёрӣ дар вазифаҳои ҳайати афсарон; г) хизмати ҳарбии занон мувофиқи тартиботи ихтиёрӣ дар вазифаҳои аскарон, сержантҳо, прапоршикҳо ва ҳайати афсарон; г) хизмати ҳарбии курсантҳо ва шунавандагони муассисаҳои таълимии ҳарбии таҳсилоти касбӣ.

**Шахси шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон набуда дар қувваҳои мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва қисмҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмати ҳарбиро адо карда наметавонад.**

*Аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ».*

**5. МӮҲЛАТИ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ.** Мӯҳлатҳои хизмати ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ чунин муқаррар шудааст: барои онҳое, ки хизмати ҳарбиро бо даъват дар вазифаҳои аскарон ва сержантҳо ба ҷо меоранд - 24 моҳ ва барои онҳое, ки таҳсилоти олӣ доранд –18 моҳ. Огози хизмати ҳарбӣ барои шаҳрвандони ба хизмати ҳарбӣ даъватшуда рӯзи омадан ба комиссариёти ҳарбӣ барои фиристодан ба ҷои хизмат маҳсуб мешавад.

Шаҳрванди бори аввал ба хизмати ҳарбӣ қабулшуда ва ё аз хизмати ҳарбӣ нагузаштаву бори аввал ба ҷамъомади ҳарбӣ даъватшуда дар назди Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Байраки ҷангии қисми ҳарбӣ савганд ёд мекунад.

Ҷавоб шудан аз хизмати ҳарбӣ мувофиқи тартиботи муқарраркардаи Низомнома дар бораи адои хизмати ҳарбӣ сурат мегирад.

**6.ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН.** Агар одамон эҳсоси ватандӯстӣ намедоштанд, аз зебоии хонаи худ, кишвари худ, Ватани хурду бузургашон ҳаловат бурда наметавонистанд.

Ҷангҳо дар ҳамаи давру замонҳо буданд, аммо ҳазорҳо сарбозон – муҳофизони Ватан низ буданд, ки барои Ватани худ ҷони хешро дареғ намедоштанд. Торумор кардан ва рондани душман ҳамеша вазифаи муқаддаси ҳар як сокини кишвар дониста мешуд. Бо боварии том метавон гуфт, ки дар йн лаҳзаҳо онҳоро факат як чиз – муҳаббат ба Ватан ба корномаҳо ҳидоят менамуд.

Дар тарбияи ватандӯстии одамон шоирону нависандагон нақши муҳим мебозанд. Фирдавсии бузург навиштааст:

*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.*

Ӯ баробари ватандӯстӣ ба тартибу интизом ва омодагии ҳамешагии ҷангӣ даъват кардааст:

*Пароканда лашкар наояд ба кор.*
*Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.*

Шоири ҷанговар Ҳабиб Юсуфӣ дар шеъри «Ба Ватан» изҳор кардааст, ки тайёр аст чизи аз ҳама беҳтарин - ҷонашро дар роҳи Ватан нисор кунад:

*Ман на танҳо дил, тану ҷон ҳам фидоят мекунам,*
*То шавам чун қаҳрамонони ту ман ҳам қаҳрамон.*

Яке аз асарҳои баъди истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон иншошуда, ки арзишмандии Ватанро барои тоҷикон ва Тоҷикистониён тараннум мекунад, Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (муаллифаш Гулназар Келдӣ) мебошад. Суруди миллӣ дар мазраи дилҳои ҳар як шаҳрванд тухми садоқату муҳаббат бо Ватан мекорад ва сабз мегардонад.

Дар банди сеюми Суруди миллӣ Ватан модар ва қувваю иқтидори Ватан қувваю иқтидори халқ, саодату некӯаҳволии халқ дастоварди Ватан хонда шуда, дӯстию рафоқати халқҳои ҷаҳон бо Тоҷикистон бо ҳастии мамлакат тавъам дониста шудааст. Дар Низомнома дар бораи Суруди миллӣ қайд шудааст, ки аз ёд донистани он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.

*Ту модари ягонаӣ,*
*Бақои ту бувад бақои хонадони мо,*
*Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо*
*Зи ту саодати абад насиби мост*
*Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, ҳабиби мост.*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

**Ҳифзи Ватан на танҳо вазифаи ҳуқуқӣ, балки қарзи ахлоқӣ ва ватандӯстии ҳар як шаҳрванд аст.**

***Аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»***

Ба ин тариқ, хизмати ҳарбӣ вазифаи конститутсионӣ ва қарзи ахлоқии ҳар як ҷавонмарди ӯҳдадории ҳарбӣ доштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин занҳоест, ки ба онҳо мувофиқи тартиботи ихтиёрӣ ҳуқуқи ба ҷо овардани хизмати ҳарбӣ дода шудааст.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ӯҳдадории умумии ҳарбӣ, эҳтиётӣ будан, бақайдгирии ҳарбӣ, хизмати ҳарбӣ, Ватан.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Хизмати ҳарбӣ барои чӣ лозим аст?*

*2. Дар бораи вазифаҳои шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ оид ба қайди ҳарбӣ нақл кунед.*

*3. Шумо мафҳуми «ватандӯстӣ»-ро чӣ тавр мефаҳмед?*

*4. Хизмати ҳарбӣ чист?*

*5. Ба волидайнатон дар бораи масъулиятнокии вобаста ба даъвати ҳарбӣ нақл кунед.*

*6. Шеърҳои ба мавзӯи ватандӯстӣ бахшидашударо ҷамъоварӣ намоед.*

# §51. ВАЗИФАИ ҲИФЗИ ТАБИАТ, ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ФАРҲАНГӢ

**1. ВАЗИФАИ ҲИФЗИ ТАБИАТ.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи табиат, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои он, беҳдошти муҳити зист вазифаи аввалиндараҷаи давлат, кори ҳамаи одамон ва қарзи ахлоқии ҳар як шаҳрванд аст.

Мафҳуми муҳити зист муҳити маскунии одам, биосфераи зиндагии ҳамаи мавҷудоти зиндаи рӯи замин аст: мафҳуми муҳити зист низоми ягонаи табиати табиӣ ва он қисматҳои онро, ки ба сабаби фаъолияти одам дигаргун гаштааст, фаро мегирад.

Ашхоси юридикӣ ва воқеӣ ҳангоми ташаккул додани комплексҳои ҳудудиву истеҳсолӣ, рушди саноат ва соҳаи кишоварзӣ, бунёду азнавсозии шаҳрҳо, дигар мавзеъҳои аҳолинишин вазифадоранд, ки меъёрҳои то ҳадди охир раво донисташудаи дараҷаи сарборӣ ба муҳити табиии зисти минтақаро бо дар назардошти имкониятҳои потенсиалии он, зарурати истифодаи оқилона ҳудудҳои табиӣ бо мақсади таъмини шароитҳои нисбатан мусоиди ҳаёти аҳолӣ, роҳ надодан ба вайроншавии системаҳои табиии экологӣ ва фарорасии тағйироти барқарорнашаванда дар муҳити табиии зист ба инобат гиранд.

**Корхонаҳо, ташкилот ва муассисаҳо, ҳамчунин шаҳрвандон вазифадоранд қоидаҳои технологӣ ва талаботи ҳифзи табиатро риоя карда, захираҳои табииро оқилона истифода кунанд ва барқарор созанд, барои беҳдошти муҳити зист тадбирҳои самарабахш андешанд.**

***Моддаи 42-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи табиат».***

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадоранд табиатро эҳтиёт кунанд, сарватҳои онро ҳифз намоянд ва талаботи қонунгузории ҳифзи табиатро риоя кунанд. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳо ва вазифаҳои худро мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар ҳаёт татбиқ месозанд.

Асоси сабзшавии бештари муҳити зист ва инкишофи олами зиндаро об ташкил мекунад. Дар ин боб Пифагор (625-574 то милод) қайд кардааст, ки ҳамаи чизи зинда аз як ҷавҳар ба амал меояд ва




**Расми 46. Вазифаи табиатро ҳимоя кардан**

ин ҷавҳар об аст. Бояд қайд кард, ки нуқтаи назари Пифагор бо зикри Қуръон, ки баъди 900 сол иншо шудааст, мувофиқ аст. Дар ояти 30 сураи 21-и Қуръон омадааст, ки «Ва пайдо кардем аз об ҳама чизи зиндаро..».

Моҳи декабри соли 2003 СММ бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон қароре қабул кард, ки Даҳсолаи (солҳои 2005-2015) амалиёти «Об барои ҳаёт» ном дорад. Бар асоси барномаҳо ва нақшаҳои амалиёти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2005-2015 ин амалиёт бо беҳдошти муҳити зист, экология ва санитарияи на танҳо Тоҷикистон, балки дигар минтақаҳо сабаб мешавад.

## 2.ҲИФЗ ВА ИСТИФОДАИ МЕРОСИ ТАЪРИХӢ ВА ФАРҲАНГӢ.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи табиат ва объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихӣ-фарҳангӣ», дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, ки ҳифзи онҳо вазифаи ҳар як шаҳрванд мебошад, ёдгориҳои манқул ва ғайриманқулро фаро мегиранд.

Ёдгориҳои ғайриманқул аз ёдгориҳои таърихӣ – биноҳо, иншоот, ҷойҳои ёдгорӣ, муҷассамаҳову обидаҳо, ёдгориҳои археологӣ, ғорҳо, қароргоҳҳо, шаҳрҳо, хоктеппаҳо, боқимондаҳои мавзеи сукунати қадимӣ, истеҳкомҳо, системаҳои обпартоию обёрӣ, роҳу кӯпрукҳо, қалъаҳо ва қӯрғонҳои алоҳида; офаридаҳои якҷояи инсону табиат, ҳамчунин минтақаҳо, аз ҷумла ҷойҳои маскунияти қадимӣ мебошанд, ки аз нигоҳи таърих, бостоншиносӣ ва антропология арзишманданд ва аҳамияти калони илмиву амалӣ доранд.

Ёдгориҳои манқул аз объектҳои ягона-бозёфтҳои археологӣ, ашёи қадимӣ, муқаддасоти таърихӣ, асарҳои бадеӣ (мусаввараҳо, графика, санъати амалӣ, кино ва суратнигорӣ) иборатанд, ки дар осорхонаҳо, фондҳо, китобхонаҳо, анборҳо, коллексияҳои гуногуни давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ маҳфуз дошта мешаванд. Соҳибони объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ бояд аз мақомоти салоҳиятдор шиносномаи намунаи муқаррарии объектҳои ҳифзи мерос бигиранд.

**Давлатҳои тарафдори Конвенсияи мазкур истиқлолияти давлатҳоеро, ки дар ҳудудашон мероси фарҳангӣ ва табиии дар моддаҳои 1 ва 2 муайянгардида ҷойгиранд, комилан эҳтиром намуда ва ҳуқуқҳои пешбиникардаи қонунгузории миллиро нисбати мероси нишондодашуда маҳдуд насохта, эътироф менамоянд, ки вай мероси умумии аҳли башар аст ва барои ҳифзи он ҳамаи ҷомеаи байналмилалӣ вазифадор аст ҳамкорӣ намояд.**

*Моддаи 6-и Конвенсия дар бораи ҳифзи мероси умумиҷаҳонии фарҳангӣ ва табиӣ*

## 3. ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ТАБИАТ, ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ФАРҲАНГӢ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи табиат» (аз 27.12.1993), «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихӣ-фарҳангӣ", дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Дар моддаи 13-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигариҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

Дар бораи вазифаи ҳар як шаҳрванд бобати ҳифзи табиат дар моддаи 44-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст, ки ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст.



Расми 47. Табиатро ҳимоя намо

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи табиат» вазифаҳои қонунгузории ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи табиат зикр гардидааст.

Вазифаҳои қонунгузории ҳифзи табиат ба танзим даровардани муносибатҳо дар соҳаи ҳамкории ҷомеа ва табиат бо мақсади нигоҳдории сарватҳои табиӣ ва муҳити табиии маскунияти одам, истифодаи оқилона ва такрористеҳсолкунии захираҳои табиӣ, бартарафсозии таъсиррасонии аз нигоҳи экологӣ хавфноки фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолиятҳои дигар, беҳдошт ва беҳбуди сифати муҳити зисти табиӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи нишондодшудаи муносибатҳо ба манфиати наслҳои имрӯза ва фардоинаи одамон мебошад.

**Корхонаҳо, ташкилот ва муассисаҳо, ҳамчунин шаҳрвандон вазифадоранд, ки қоидаҳои технологӣ ва талаботи ҳифзи табиатро риоя карда, захираҳои табииро оқилона истифода намоянд ва барқарор созанд, барои беҳдошти муҳити зист тадбирҳои самарабахш андешанд.**

*Моддаи 42-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи табиат"*

Барои ташкили фаъолияти пурсамар ва мақсаднок оид ба таъмини сифати зарурии муҳити зист Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Ғайр аз ин барномаҳои давлатии минтақавӣ ва маҳаллӣ таҳия гардидаанд, ки дар онҳо тадбирҳо оид ба ҳифзи табиат, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои табиӣ, андешидани тадбирҳои пурсамар барои беҳдошти муҳити зисти зиндагии одамон бо дурнамои оянда муайян гардидаанд.

Яке аз мисолҳои барҷастаи он сохтмон ва мавриди истифода қарор додани силсиланеругоҳҳои обиюю барқии Рогун, Сангтӯда-1, Сангтӯда 2 ва як катор НОБ-ҳои хурд дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандони ба саломатӣ ва амволи шаҳрвандон, хоҷагии халқ ва табиат бо ифлос кардани муҳити табиии зист, вайрон кардан, нобуд сохтан ва хароб сохтан, истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ, вайрон сохтани системаҳои табиии экологӣ ва дигар вайронкуниҳои қонунгузории ҳифзи табиат зараррасонда вазифадоранд, ки онро мутобиқи қонунгузории амалкунанда талофӣ намоянд.**

*Моддаи 79- и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи табиат».*

Вазифаи конститутсионии ҳар як сокини Тоҷикистон аз ҳифзи табиат ва арзишҳои таърихӣ-фарҳангӣ ва дарки эҳсоси масъулиятшиносӣ дар ин ҷода иборат аст.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳифзи муҳити зист, табиат, экология, сарватҳо, сарватҳои табиӣ, мероси таърихӣ-фарҳангӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо**

*1. Шумо мафҳуми «муҳити зист»-ро чӣ гуна мефаҳмед?*

*2. Нақши об дар мавҷудияти олами зинда чӣ гуна аст?*

*3. Оё кӯдакон метавонанд дар кори ҳифзи муҳити зист саҳм гузоранд? Мисолҳо оред.*

*4. Фарқияти байни мафҳумҳои «мероси фарҳангӣ» ва «мероси табиӣ» аз чӣ иборат аст?*

## §52. ВАЗИФАИ ПАРДОХТАНИ АНДОЗ ВА БОҶҲОИ МУҚАРРАРКАРДАИ ҚОНУН

**1. ҲУҶҶАТҲО ОИД БА АНДОЗ ВА БОҶ.** Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (03.12.2004), Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Пардохти саривақтии андозҳо қарзи конститутсионии ҳар як шаҳрванд аст.

**Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд**

*Моддаи 45-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад. Андоз пардохти муқаррарнамудаи Кодекси андоз ба буҷети давлатӣ ба ҳисоб рафта, дорои хусусияти ҳатмӣ ва инфиродии ғайриэквивалентӣ мебошад. Андозҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андозҳои умумидавлатӣ ва андозҳои маҳаллӣ иборатанд.

Ба андозҳои умумидавлатӣ инҳо дохил мешаванд: 1) андози даромад аз шахсони воқеӣ (андоз аз даромади шахсони воқеӣ); 2) андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ; 3) андоз аз арзиши иловашуда; 4) аксизҳо; 5) андози иҷтимоӣ; 6) андози замин; 7) андозҳо аз истифодабарандагони қаъри замин; 8) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард; 9) андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад; 10) андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ; 11) боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ; 12) боҷи давлатӣ; 13) андоз аз фурӯш (нахи пахта ва аллюминийи аввалия); 14) андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо; 15) андоз ба маҳсулоти коркарди молҳо; 16) дигар пардохтҳои ҳатмии умумиҷумҳуриявӣ.

Ба андозҳои маҳаллӣ инҳо дохил мешаванд: 1) андоз аз амволи ғайриманқул; 2) андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт; 3) андоз аз фурӯши чакана; 4) дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ.

Ҷамъоварии андозе, ки дар қисми махсуси ҳамин кодекс зикр шудааст, ба истиснои андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, аз ҷониби мақомоти андоз таъмин карда мешавад. Ҷамъоварии андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт аз ҷониби Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

**Санадҳои қонунгузории андоз дар ҳолатҳои мутобиқат ба муқаррароти моддаи 45-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд қувваи бозгашт дошта бошанд.**

*Моддаи 2- Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**2. ПАРДОХТИ АНДОЗ ВАЗИФАИ ҲАР КАС АСТ.** Мутобиқи моддаи 38-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупоранда ӯҳдадор аст: 1) сари вақт дар баҳисобгирии бақайдгирӣ ба сифати андозсупоранда ва

қайди супорандаи андоз аз арзиши иловашуда истад; 2) ҳамаи ӯҳдадориҳои андозро мутобиқи ҳамин Кодекс дар ҳаҷми пурра иҷро намояд; 3) талаботи қонунии мақомоти андозро дар хусуси бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршудаи қонунгузории андоз иҷро намуда, инчунин ҳангоми вазифаҳои хизматӣ ба фаъолияти қонунии онҳо монеъ нашавад; 4) дар асоси амрнома шахсони мансабдори мақомоти андозро барои азназаргузаронии амволе, ки объекти андозбандӣ ва (ё) объекти бо андозбандӣ алоқаманд мебошанд, иҷозат диҳад; 5) ба мақомоти далхдори андоз эъломияҳои андоз, дигар ҳисоботи андоз ва ҳуҷҷатҳоро тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс пешниҳод намояд; 6) ҳисоббаробаркунии пулиро мутобиқи ҳамин Кодекс бо истеъмолкунандагон, ки ҳангоми ичрои амалиёти тиҷоратӣ ё хизматрасонӣ тавассути пули нақд, корҳои пардохтии бонкӣ, чекҳо бо татбиқи ҳатмии мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва додани чеки назоратӣ ба дасти истеъмолкунанда сурат мегирад, амалӣ намояд; 7) бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз баҳисобгирии даромадҳои (хароҷотҳои) худ, объекти андозбандӣ ва (ё) объектҳои бо андозбандӣ алоқамандро пеш барад; 8) дар муддати на камтар аз соли баъди ба охир расидани соли тақвимӣ маълумоти баҳисобгирии муҳосиботӣ, дигар баҳисобгирӣ ва ҳуҷҷатҳои барои ҳисоб ва пардохти андозҳои барои ҳамин соли тақвимӣ зарурӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиккунандаи даромадҳои гирифташуда, хароҷот ва андозҳои пардохташударо (нигоҳдошташударо) нигоҳ дорад.




Расми 48. Вазифаи пардохти андоз

Андозсупоранда дигар ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодексро иҷро менамояд.

Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба ғайр аз ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи қисми 1-и моддаи 38-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадоранд, ба таври хаттӣ ба мақомоти андози маҳалли бақайдгириашон маълумоти зеринро пешниҳод намоянд: 1) оид ба ҳамаи воҳидҳои махсусашон, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд-дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи таъсис, азнавташкилшавӣ ё барҳамхӯрӣ; 2) оид ба эълон намудани муфлисшавӣ, барҳамхӯрӣ ё азнавташкилшавӣ-дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи қабули чунин қарор. 3) оид ба тағйир ёфтани маҳали ҷойгиршавӣ ё зист - дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи чунин тағйирот.

Барои ичро накардан ё ичрои номатлуби ӯҳдадориҳои ба зиммааш гузошташуда андозсупоранда мутобиқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

> **Яктарафа даст кашидан аз ичрои ӯҳдадориҳои андоз ё яктарафа тағйир додани тартиби ичрои он аз ҷониби андозсупорандагон ё дигар шахси ӯҳдадор, агар он дар конунгузории андоз пешбинӣ нашуда бошад, иҷозат дода намешавад.**
>
> ***Қисми 3-и моддаи 79-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.***

Яке аз боҷҳои гуногуннавъ пардохтҳои гумрукӣ мебошад. Пардохтҳои гумрукӣ тибқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешаванд.

Қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (03.12.2004), дигар конунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки қабул гардиданашон дар ин кодекс нишон дода шудааст ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Мутобиқи моддаи 350-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1. Шахси масъули пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз декларант ба ҳисоб меравад. Агар мол аз тарафи брокери гумрук (намоянда) декларатсия карда шавад, ӯ мувофиқи қисми 2-и моддаи 144-и ҳамин Кодекс барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз шахси масъул ҳисоб меёбад.

2.Ҳангоми риоя нашудани муқаррароти ҳамин Кодекс дар бораи истифодабарӣ ва ихтиёрдории мол ё ичрои дигар талаботу шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс барои татбиқи расмиёти гумрукӣ ва низоми гумрукӣ, ки мазмуни онҳо пурра ё қисман аз супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз озод карданро пешбинӣ менамояд, шахсони барои супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ, соҳиби анбори гумрукӣ, интиқолдиҳанда, шахсоне, ки ба зиммаи онҳо масъулияти риояи низомҳои гумрукӣ гузошта шудааст, ҳисоб мешаванд.

3.Ҳангоми насупурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, аз ҷумла ҳангоми нодуруст ҳисоб кардан ва (ё) дер супурдани онҳо дар назди мақомоти гумрук шахсе ҷавобгар аст, ки масъулияти супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андозро ба зимма дорад.

4.Ҳангоми интиқоли ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ масъулияти супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба ӯҳдаи шахси интиқолдиҳандаи ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт ва ба зиммаи шахсе мебошад, ки дар интиқоли ғайриқонунӣ иштирок мекунад, агар онҳо аз чунин интиқоли ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт огоҳ буданд ва ё бояд огоҳ мебуданд, ҳангоми воридот бошад, инчунин шахсоне

масъуланд, ки молу воситаҳои нақлиёти ғайриқонунӣ воридшударо барои худ харида гирифтаанд ва ё моликияти худ қарор додаанд, ба шарте, ки ҳангоми харидан ғайриқонунӣ ворид шудани онҳоро медонистанд ё худ бояд огоҳ мебуданд, ки ин ваҷҳ ба таври зарурӣ тибқи тартиби муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Агар шахсони номбаршуда дар содироту воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт ба сифати декларант амал карда бошанд, онҳо барои супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз чунин масъулиятро ба зимма доранд.

**3. ТАДБИРҲОИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ОИД БА ДОДАНИ ТОВОНИ ЗАРАР.** Мақомоти гумрукӣ бо мақсади талофӣ кардани зарар тадбирҳои зеринро ба амал мебароранд: барои қабули қарори ғайриқонунӣ, ҳаракат ё беҳаракатӣ шахсони мансабдори мақомоти гумрукӣ мувофиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ ё дигар навъҳои ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Мақомоти гумрукӣ ба ашхос ё амвол барои қабули қарори ғайриқонунӣ, ҳаракат ё беҳаракатии шахсони мансабдори мақомоти гумрукӣ ё шахсони дигар, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматии худ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар овардаанд, тавони зарарро медиҳанд, агар тадбири дигаре бо Кодекси мазкур ё дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашуда бошанд. Зарари бо амалҳои қонунии мақомоти гумрукӣ расонидашуда талофӣ карда намешавад.

**Кори гумрук маҷмӯи методҳо ва воситаҳои таъмини риояи батанзимдарории гумрукӣ - тарифӣ, манъкунӣ ва маҳдудиятҳое мебошанд, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои батанзимдарории давлатии фаъолияти берунии иқтисодии вобаста ба ҷойивазкунии молҳо ва воситаҳои нақлиёт ба воситаи сарҳади гумрукӣ муқаррар карда шудааст.**

***Аз Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Умуман, пардохти андозҳо ва боҷҳо вазифаи конститусионии ҳар як сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон, моловаранда ва молбаранда мебошад, ки барои онҳо риояи кодекс ва қонунҳо ҳатмӣ ба шумор меравад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *андоз, боҷ, гумрук, товон, декларант.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Пардохти андозҳо ва боҷҳо барои чӣ зарур аст ?*
2. *Андоз чист?*
3. *Фаъолияти гумрукӣ чист?*
4. *Маънии моддаи 350-и Кодекси гумрукро фаҳмонда диҳед.*

# БОБИ 15
# ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА ПРОБЛЕМАҲОИ КОРРУПСИЯ

## §53. ТАВСИФИ КОРРУПСИЯ ҲАМЧУН ЗУҲУРОТ

**1. МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ КОРРУПСИЯ**. Дар ҷаҳони имрӯза яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи муваффақона амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои инсон коррупсия мебошад. Вай рушди умумимиллӣ, болоравии иқтисодиёт ва некӯаҳволии иҷтимоиро бозмедорад, боварии шаҳрвандонро ба давлат коста мегардонад, аз кӯдакон умедро ба оянда кашида мегирад, табақаҳои камбизоати аҳолиро аз некӯаҳволие, ки ба онҳо тибқи ҳуқуқҳояшон мансуб аст, маҳрум месозад.

Мафҳуми «коррупсия» (аз лот.corruptio – вайрон кардан, харида гирифтан) дар ибтидо амалҳои ашхосеро, ки ҳадафашон вайрон сохтан, халал расонидан ба рафти мӯътадили мурофиаи судӣ ё раванди идоракунӣ ба корҳои ҷомеа буд, ифода мекард. Минбаъд зери мафҳуми «коррупсия» харидани шахсони мансабдор, фурӯхташавандагии амалдорон, истифодаи имкониятҳои хидматӣ ба манфиатҳои шахсиро мефаҳмидагӣ шуданд.

Раванди ташаккули мафҳуми ҳозираи коррупсия дар таърихи тамаддун якчанд ҳазорсолаҳоро дар бар мегирад. Ба андешаи бисёр олимон, нишонаҳои аввалинро дар бораи коррупсияи амалдорон дар бойгониҳои Бобулистони қадим (нимаи дуюми асри XXIV то давраи мо), ҳамчунин дертар дар қонунҳои машҳури Хаммурапи дучор омадан мумкин аст, ки яке аз бандҳояш, масалан, чунин аст: «Агар одам амволи худо ё қасрро дуздида бошад, ин одам бояд кушта шавад; ҳамчунин оне, ки аз дасти вай чизи дуздиро гирифт, бояд кушта шавад» (ин ҷо сухан дар бораи тороҷи мансабӣ, истифодаи имкониятҳои хидматӣ ба манфиатҳои шахсӣ ва аз худ кардани амволи дар натиҷаи ҷинояти коррупсионӣ ба даст овардашуда меравад). Дар сарчашмаҳои Юнон ва Рими қадим низ коррупсия хотиррасон мешавад. Масалан, дар ёдгории ҳуқуқии Рим Таблисаи IX.3. Авл. Гелия, Шабҳои аттикӣ, XX, 17 омадааст: «Наход ту қарори судро дар хусуси додани ҳукми қатл ба он судя ва миёнрав, ки барои баррасии парванда таъин шуда буданду оид ба ин кор ришваи пулӣ гирифтанашон фош шуд, бераҳмона шуморӣ?»

Динҳои ҷаҳонӣ низ коррупсияро маҳкум карда, аз ҷумла паёмбари ислом Муҳаммад (с) фармудаанд: “Ришвагиранда, ришвадиҳанда ва миёнарави байни ҳарду дар оташи дӯзаханд”. Дар ҷои дигар Паёмбари ислом ин ашхосро сазовори лаънати Худованд хондааст.

Дар асрҳои миёна мафҳуми «коррупсия» боз ҳам васеътар паҳн мешавад. Арбоби намоёни сиёсии он замон Никколо Макиавелли коррупсияро ба бемории шабоҳат додааст, ки дар ибтидо фаҳмиданаш

душвору табобаташ осон ва дертар аллакай фаҳмиданаш осону табобаташ қариб имконнопазир аст.

Дар ҷаҳони имрӯза дар санадҳои миллӣ ва байналмилалии ҳуқуқӣ мафҳумҳои гуногуни коррупсия истифода мешаванд, ки нисбатан серистеъмолашон дар айни замон чунин таърифи пешниҳодкардаи Конгресси нӯҳуми СММ мебошад.

**Коррупсия сӯиистифода аз ҳокимияти давлатӣ барои гирифтани фоида ба мақсадҳои шахсӣ аст.**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005 чунин таърифи коррупсияро додааст:

**Коррупсия – ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробаркардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ истифода мебаранд.**

*Моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»*

Кирдорҳои коррупсионӣ (ҳаракат ё беҳаракатӣ) аз дигар кирдорҳо бо он фарқ мекунанд, ки: а) онҳо аз ҷониби амалдорони давлатӣ, ҳамчунин ашхоси вазифаҳои роҳбарии корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои коллективиро базиммадошта содир мегарданд (роҳбарони корхонаҳои инфиродӣ ва оилавӣ субъектҳои коррупсия маҳсуб намешаванд ва дар ин корхонаҳо маҳдудиятҳои хидмати якҷояи хешовандон паҳн намешаванд); б) аз ҷониби ашхоси зикршуда барои расидан ба мақсад салоҳиятҳои хидматии онҳо ё имкониятҳои ба онҳо алоқаманд истифода мешаванд; в) мақсади ин амалҳо гирифтани фоидаи шахсӣ (барои худ ва нафари сеюм) мебошад.

Кирдорҳо танҳо дар сурати мавҷудияти аломатҳои дар боло зикршуда коррупсия эътироф мегарданд. Масалан, нозири андоз дар рафти тафтиш пинҳон кардани андозро ошкор намуда, ришва мегираду аз ин вайронкорӣ чашм мепӯшад, муфаттиш аз одами айбдоршаванда пул мегираду ғайриқонунӣ парвандаи ӯро қатъ месозад, роҳбари муассиса бо вуҷуди мавҷудияти дигар номзадҳои арзанда хеши худро ба кор қабул мекунад.

Кирдорҳое, ки дар онҳо ҳатто яке аз аломатҳои нишондодашуда нестанд, коррупсия маҳсуб намешаванд. Моҳияти коррупсияро дар муқоиса бо дигар зуҳуроти монанд ё умумӣ, ки ба онҳо аз ҷумла гирифтани пораро мансуб медонанд, беҳтар муайян кардан мумкин аст.

**Пора – аз ҷониби шахси мансабдор шахсан ё ба воситаи миёнаравҳо гирифтани пора дар шакли пул, коғазҳои қиматнок, амвол ё фоидаи дорои характери амволи дошта барои иҷро кардан ё накардани амали муайян ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ, агар чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) ба доираи ваколати хидматии шахси мансабдор дохил бошанд ё он вобаста ба қудрати мавқеи мансабиаш ба чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) мусоидат карда метавонад, ҳамчунин барои пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хидмат.**

*Қисми 1-и моддаи 319-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ба ин тариқ, коррупсия сӯиистифода аз салоҳиятҳои мансабӣ буда, ҳадаф аз он гирифтани фоидаи шахсӣ мебошад, порагирӣ бошад, танҳо як навъи шаклҳои гуногуни коррупсия аст. Мафҳуми «коррупсия» танҳо порагириро ифода намекунад, зеро сӯиистифода аз салоҳиятҳо метавонад усулҳои сершумори зоҳиршавӣ дошта бошад. Масалан, он дар истифодаи аз ҳад зиёди ҳокимият, истифода ё ғайриқонунӣ додани афзалият ҳангоми тақсимоти неъматҳои моддӣ, аз худ кардан ё тороҷ сохтани амволи боваркардашуда, сохтакории хидматӣ, ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани монеаҳо ба шахсони воқеию юридикӣ бобати амалисозии ҳуқуқҳо ва манфиатҳои онҳо, ошнобозӣ, протексионизм, ҷӯрабозӣ, хешутаборчигӣ, дахолат ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагӣ, маҳдудсозии рақобат ва ғайра зоҳир мегардад.

***Фикр кунед, оё таносуби мафҳумҳои «коррупсия» ва «порапарастӣ»-ро чун таносуби мафҳумҳои «умумӣ» ва «хусусӣ» арзёбӣ кардан мумкин аст?***

**2. ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ, ТАШАККУЛИ ХУСУСИЯТҲОИ МИНТАҚАВӢ ВА ШАКЛҲОИ ҲОЗИРАИ КОРРУПСИЯ.** Пайдоиши коррупсия ба давраи таназзули ҷамоаи ибтидоӣ ва ба миён омадани давлатҳои нахустин, яъне то замоне рафта мерасад, ки вазифаи идоракунӣ имконияти фоидабиниро ба вуҷуд оварда буд. Ин раванд дар ҳар сарзамин ба тарзи хос ҷараён ёфта, онро халқҳои гуногун ба ҳар тарз аз сар гузаронидаанд. Шаклҳои гуногуну аз ҳамдигар фарқкунандаи истеҳсолот дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон арзи вуҷуд карда ба типҳои таърихии давлат ва сохти иҷтимоии онҳо таъсир расонида, ба ташаккули моделҳои барои ҳар минтақаи ҷаҳон хоси коррупсия мусоидат намудаанд.

Коршиносон коррупсияро ҳамчун қазияи байналмилалӣ арзёбӣ намуда, вобаста аз хусусиятҳои минтақавӣ моделҳои рушди коррупсияро ба навъҳои аврупоиигарбӣ, осиёӣ, африкоӣ ва америкоилотинӣ ҷудо намудаанд.

Ба модели аврупоиигарбии рушди коррупсия сатҳи пасти мавҷудияти коррупсия дар сохторҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт дар шакли хизматрасониҳои пасипардагӣ зуҳур ёфтан хос буда, бо ҳамин сабаб онро коррупсияи *иқтисодӣ* низ меноманд. Хусусияти

таърихии ташаккули модели аврупоиигарбии коррупсия дар он ифода меёбад, ки дар кишварҳои Аврупо сохти авлодӣ маҳз дар натиҷаи ҳамчун дастгоҳи ҳокимияти табақаҳои соҳиби моликияти хусусӣ ташаккул ёфтани давлат аз байн рафт. Ин ҳокимият кӯшиш ба харҷ медод то, ки амнияти боэътимоди моликияти хусусии худро таъмин намояд. Дар баробари ташаккули сохти сармоядорӣ табақаи буржуазияи навтавлидёфта ба табақаи феодалон муқобил истода, ба давлати феодалӣ имконият намедод, ки ба мояи мавҷудияти худ- моликияти хусусӣ дастдарозӣ кунад. Буржуазия дар ниҳояти кор мутлақияти феодалиро барҳам зада, ҳукмронии моликияти сармоядориро таъмин намуд.

Ҳифзшавандагии моликияти хусусӣ ба таҳкими ботадриҷи озодиҳои шаҳрвандӣ, ки истиқлолияти муайяни фард аз ҳокимияти сиёсӣ, дахлнопазирии шахсият, манъи дахолати давлат ба иқтисодиёт, озодона ихтиёрдорӣ намудан ба моликият ва ғайраро дар назар дорад, мусоидат намуд. Бо дар назардошти ин гуфтаҳо ба ин модели рушди коррупсия хусусияти аз ҷониби аҳли ҷомеа ҳамчун падидаи ғайримуқаррарӣ арзёбӣ шудани коррупсия, оштинопазирии он нисбати ҳолатҳои суистеъмол шудани ҳокимият ва аз ин лиҳоз хеле пардапӯшона амалӣ шудани кирдорхои коррупсионӣ хос аст.

Ба **модели осиёгии** рушди коррупсия ҳузури коррупсия дар соҳахои гуногуни ҳаёт хос мебошад. Ин шакли коррупсияро бо сабаби ба муносибатҳои иҷтимоӣ печ дар печ будани муносибатҳои коррупсионӣ (хешутаборӣ, ҳамшаҳрчигӣ, ҳамкорӣ ва ғ.) ҳамчун коррупсияи *иҷтимоӣ* низ арзёбӣ мекунанд. Ин ҳолат ба хусусияти инкишофи таърихии кишварҳои минтақа асос ёфтааст. Дар кишварҳои Осиё бо сабаби аз ҷониби пешвоёни қавму қабилаҳо ғасб намудани на воситаҳои истеҳсолот, балки вазифаи идоракунии онҳо хоҷагиҳои ҷамоаи ибтидоӣ аз байн рафт. Асоси иқтисодии ин ҷомеаро чунин падидае ба монанди «ҳокимият-моликият», ки имконияти ихтиёрдории моликияти дастаҷамъиро ба ҳокимияти сиёсӣ ё маъмурӣ вобаста мекард, ташкил медод. Дар ин сохтор сарварон амалан нақши синфи ҳукмрон (табақаи аъёну ашроф)-ро иҷро мекарданд. Онҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ба шахсони соҳибмулк, ки дар ҷараёни рушди минбаъдаи муносибатҳои молию пулӣ пайдо шуда буданд, то он дараҷае имконият надиҳанд, ки сарватманд шуда, қудрати даъвои ҳокимиятро кунанд. Маҳз бо ҳамин мақсад давлат ва амалдорони он фаъолияти мулкдоронро таҳти назорати қатъӣ гирифта, нақши онҳоро дар ҷомеа паст ва баъзан амволи аз ҳад зиёд сарватмандшудагонро мусодира мекарданд.

Бо сабаби набудани кафолатҳои ҳифзи молу мулк, оҷизӣ дар назди ҳокимияти муқтадиру худкомаи амалдорони давлатӣ, бозаргонону мулкдорони сарватманд наҷоти худро дар ҳимояи гурӯҳӣ дида, миқдори зиёди хешовандон, ҳамшаҳриён ва хидматгоронро дар атрофи худ ҷамъ намуда, дар ин замина корпоратсияҳои оилавию маҳаллӣ бунёд мекарданд. Чун натиҷаи мавҷуд набудани механизмҳои ҷилавгирӣ аз

худкомагиҳои ҳокимон дар заминаҳои манфиатҷӯии иҷтимоӣ (оилавӣ ва қавмӣ) муттаҳид шудани ҳам элитаи сиёсӣ ва ҳам элитаи иқтисодӣ, инчунин муайян набудани доираи ваколат ва беназоратии мансабдорони давлатӣ коррупсияро дар кишварҳои Осиёи Марказии тоинқилобӣ ба як падидаи роиҷу маъмул табдил дод. Дар кишварҳои ин минтақа дар шароити имруза низ чунин заминаҳои коррупсия аз қабили ҳузури зиёдатии давлат дар иқтисодиёт, дақиқ тафриқа нашудани ҳокимияти давлатӣ, ваколатҳои васеи амрдиҳию назоратии шахсони мансабдор, имконияти аз ҷониби онҳо гирифтани фоидаи шахсӣ аз ваколатҳои хизматӣ, таъсири анъанаву робитаҳои анъанавии пешин (ҳамшаҳрчигӣ, хешутаборчигӣ, ҷӯрабозӣ, тағобозӣ ва ғайра) аз байн нарафтаанд.

Моделҳои дигари рушди коррупсия низ хамин гуна хусусиятхои худро доранд. Ба ақидаи коршиносон дар ***модели африқоӣ*** ҳокимият пурра ба кланҳои асосии иқтисодӣ, ки байни ҳам мувофиқа кардаанд, фурӯхта ё ба онҳо омехта шуда, мавҷудияти боэътимоди онҳоро тавассути фишангҳои сиёсӣ таъмин менамояд.

?

***Фикр кунед, ки боз кадом омилҳои таърихӣ ба ташаккули хусусиятҳои минтақавии коррупсия дар кишварҳои аврупоӣ ва осиёӣ мусоидат намудаанд?***

***Модели америкоилотинии*** рушди коррупсия бо он фарқ мекунад, ки ба коррупсия муросокорию саҳлангорӣ намудани ҳукумат боиси аз ҷониби сохторҳои пасипардагӣ ва ҷиноятпешаи иқтисодиёт ба даст овардани қудрати ба давлат ҳамто мегардад. Ҳокимият ба муқовимати бевоситаю шадид бо мафия, ки аллакай ба «давлат дар дохили давлат» табдил ёфтааст, кашида мешавад.

Коррупсияи муосир шаклҳо ва хусусиятҳои гуногуни зоҳиршавӣ дошта, аз ин лиҳоз онро гайр аз хусусиятҳои минтақавӣ метавон аз рӯи дигар меъёрҳо низ тасниф (гурӯҳбандӣ) намуд. Меъёрҳои нисбатан маъмули таснифи коррупсия ҷудокунӣ аз рӯи дараҷаи афзоиш, бахшҳои паҳншавӣ ва соҳаҳои фаъолият мебошанд. Чунончи, коррупсия аз рӯи дараҷаи афзоиш ба се навъ ҷудо мешавад:

1) ***маҳдуд*** (ин коррупсия асосан дар сатҳи боло маҳдуд шуда, бахшҳои васеи ҳаёти иҷтимоии ҷомеаро фаро намегирад);

2) ***паҳншуда*** (ин коррупсия хеле паҳн шуда, ҳама бахшҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад, қариб ҳама кор ба воситаи ришва ҳал мешавад);

3) ***харобкунанда*** (ин коррупсия ба чунон сатҳе мерасад, ки сохти ҷамъиятиро хароб мекунад).

Коррупсия аз рӯи бахшҳои паҳншавӣ ба коррупсияҳо дар бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ ҷудо мешавад.

***Коррупсия дар бахши давлатӣ*** – кирдорҳои корррупсионии шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, муассисаҳо, ташкилот ва корхонаҳои давлатиро дар бар мегирад.

***Коррупсия дар бахши хусусӣ*** аз он лиҳоз ҷой дошта метавонад, ки хизматчиёни ташкилоту муассисаҳои тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ низ захираҳои ба онҳо тааллуқнадоштаро ихтиёрдорӣ намуда, имконият доранд, ки ин ваколатҳоро бар зарари ташкилоту муассисаҳо лекин ба манфиати шахсии худ истифода баранд.

Аз рӯи самтҳои фаъолияти худ коррупсия ба шаклҳои зерин ҷудо мешавад:

1) ***дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ;***
2) ***дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;***
3) ***дар соҳаи андоз ва гумрук;***
4) ***дар сохторҳои низомӣ;***
5) ***дар соҳаи тандурустӣ;***
6) ***дар соҳаи маориф;***
7) ***дар соҳаи хоҷагии манзилию-коммуналӣ;***
8) ***дар соҳаи кишоварзӣ ва ғайра.***

**3. САБАБҲОИ КОРРУПСИЯ.** Коррупсия ҳамчун падидаи таърихӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ҳамин гуна сабабҳои зиёду гуногунҷабҳа дорад. Яке аз сабабҳои асосии коррупсия омезиши давлат бо иқтисодиёт мебошад, ки он аз таърихи қадими кишвар сарчашмаи гирифта, дар солҳои ҳокимияти шӯравӣ боз ҳам бештар доман паҳн кард. Бояд гуфт, ки имконияти дахолати давлат ба равандҳои иқтисодӣ ҳама вақт барои фоидабинии шахсӣ аз ваколатҳои мансабӣ (маъмурӣ) шароит фароҳам меоварад. Аз ин рӯ, яке аз мақсадҳои асосии ислоҳоти соҳаи идоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисор кардани миқдори вазоратҳо, муттаҳиду аз нав баррасӣ намудани ваколатҳои онҳо ва ғайраҳо, ба ин васила маҳдуд намудани ҳузур ва дахолати зиёдатии давлат ба иқтисодиёт мебошад.

Сабаби дигари коррупсия, ки хоси давраи гузариш мебошад, арзи вуҷуд кардани тавлиди шаклҳои муосири танзими давлатии иқтисодиёт (литсензиякунонӣ, бақайдгирии давлатӣ, сертификатсиякунонӣ, қарздиҳӣ, имтиёзот, озмунҳои хусусигардонӣ, хариди давлатӣ, ҷойгиркунонии фармоишҳои давлатӣ, ихтиёрдории захираҳои табиӣ ва энергетикӣ, фаъолияти муассисӣ ва ғайра) мебошад. Ин фишангҳо дар сурати танзими қонунии ҳамаҷониба ва саривақтии худро наёфтан, барои коррупсия шароити боз ҳам мусоидтарро ба миён оварда метавонанд.

Номукаммалии қонунгузорӣ, аз қабили дар баъзе қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ мавҷуд будани «даричаҳо» ва меъёрҳои барои коррупсия имкониятҳои иловагӣ фароҳамоваранда, инчунин сатҳи нокифояи таъминоти моддии хизматчиёни давлатӣ, суст будани назорати давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти онҳо, хеле васеъ будани доираи салоҳдиди хизматчиёни давлатӣ дар мавриди қабули қарорҳо низ ба паҳншавии коррупсия мусоидат карда метавонанд.

***Фикр кунед, ба андешаи Шумо боз кадом сабабҳо ба паҳншавии коррупсия мусоидат мекунанд? Барои барҳам додани сабабҳои коррупсия чӣ бояд кард?***

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *коррупсия, порасизонӣ*

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Коррупсия чист? Кирдорҳои коррупсионӣ дар чӣ ифода мегарданд?*

*2. Ба андешаи Шумо, оё дар ин ҳолатҳо коррупсия ҷой дорад: а) фурӯшандаи кӯчагӣ бо роҳи фиреб пули харидорро аз худ мекунад; б) ходими масъули давлатӣ ҳангоми пайдо шудани ҷанҷол дар рӯи ҳавлии хонааш ҳамсояашро лату кӯб мекунад; в) соҳиби корхонаи хусусӣ ба вазифаи роҳбарии ширкат хеши худашро таъин мекунад. Назари худро бо далелҳо исбот кунед.*

*3. Ин гуфтаи Томас Гоббсро бодиққат хонед: «Одамони аз боигарии худ ифтихордошта ба умеди он ки аз ҷазогирӣ бо роҳи харида гирифтани адлияи давлатӣ ё бар ивази пулу дигар инъомҳо дастгирӣ меёбанд, ҷасуронаю бебокона даст ба ҷиноят мезананд. Коррупсия решаест, ки аз он дар ҳамаи замонҳо ва дар ҳамаи майлу гуноҳҳо як навъ тамасхуре ба ҳамаи қонунҳо бармеояд». Шумо ин фикри файласуфро чӣ навъ арзёбӣ мекунед?*

*4. Шаклҳои гуногуни коррупсияро номбар кунед.*

*5. Махсусиятҳои ташаккули амсилаҳои коррупсия дар мамлакатҳои шарқӣ (Осиёӣ) аз чӣ иборатанд?*

*6. Ба андешаи Шумо, сабабҳои коррупсия чигунаанд?*

# §54. ОҚИБАТҲОИ КОРРУПСИЯ ВА ТАЪСИРИ ОН БА АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

**1.КОРРУПСИЯ ВА ПРОБЛЕМАҲОИ БАРОБАРҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДӢ.** Эътирофи баробарии ҳама ва роҳ надодан ба табъиз нисбат ба одамон аз рӯи ҳамаи асосҳо меъёри мутамаддинӣ ва демократӣ будани ҳар як давлату ҷомеа аст.

Соҳибият ба афзалиятҳо ва бартариҳои ноадолатона дар муқоиса бо дигарон ҳангоми иҷрои функсияҳои давлатӣ, дастрасӣ ба хидмати давлатӣ ва неъматҳои ҷамъиятӣ, бемасъулиятӣ дар назди қонун ва суд, баробари дигарон ба ҷо наовардани вазифаҳо дар назди давлат сӯиистифода аз ҳокимият ба манфиатҳои шахсӣ мебошад. Бинобар ин проблемаҳои баробарҳуқуқии шаҳрвандӣ ва коррупсия ба ҳамдигар чун ду тарафи ҳамон як зуҳурот муносибати рӯирост доранд.

Ҷомеаи ҳозира бисёр мисолҳои табъизи одамонро аз рӯи аломатҳои нажодӣ, миллӣ, этникӣ ва динӣ медонад, аммо таъмини барбарҳуқуқии шаҳрвандон, сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ ва моликиятдорӣ, ҳанӯз чун масъалаи муҳим боқӣ мемонад. Чунончи, дар бисёр мамлакатҳои ИДМ аъзои парламент, депутатҳо ва судҳо дар ҳамаи дараҷаҳо ашхоси дахлнопазиранд. Созмонҳои байналмилалӣ ин номгӯро нодуруст хеле

васеъ ва ба принсипҳои баробарии одамон дар назди қонун ва суд номувофиқ меҳисобанд.

Бо вуҷуди имконпазирии дастрасии қариб ҳамаи одамон ба адолати судӣ дар ҳолатҳои ҷудогона коррупсия ба баробарии шаҳрвандон дар назди суд, баррасии боадолатона ва беғаразонаи парвандаҳо дар суд монеъ мешавад.

Баробари таъмини баробарҳуқуқӣ дар самти таъмини баробарии ҳама ҳангоми амалисозии вазифаҳои конститутсионӣ иҷрои корҳои зиёде дар пешанд. Аз ҷониби ашхоси мансабдор, мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, корхонаю ташкилотҳои шаклҳои моликияташон гуногун бобати риояи қонунҳо ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ба хатоҳои зиёд роҳ дода мешаванд.

Саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ бо роҳи додани пора, додани ҳаргуна мӯҳлатҳои муваққатии ғайриқонунии даъват ба хизмат, ғайриқонунӣ озод кардан аз хизмати ҳарбӣ аз вайронкуниҳои коррупсионии баробарии вазифаи шаҳрвандон бобати ҳифзи Ватан далолат мекунанд. Коррупсия баробарии вазифаҳоро бобати андозситонӣ (саркашӣ аз пардохти андозҳо чи аз ҷониби худи шахсони мансабдор ва чи ба кӯмаки онҳо аз ҷониби дигар субъектҳои хоҷагидорӣ) низ вайрон месозад.

**2. ОҚИБАТҲОИ СИЁСИИ КОРРУПСИЯ ВА ТАЪСИРИ ОН БА АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ СИЁСӢ.** Коррупсия дар соҳаи сиёсат ба вайроншавии мувозинати байни рукнҳои ҳокимият оварда мерасонад, боварии халқро ба давлат коста мегардонад, дуршавии байни ҷомеа ва давлатро пурзӯр месозад, заминаҳои ягонагии миллиро чун шакли давлат дар назди хатари беруна вайрон мекунад.

Ба хотир овардан кофист, ки дар асри VII, замони ба қаламрави Сосониёни Эрон ҳуҷум овардани арабҳо, аз 140 миллион аҳолии ин империяи пуриқтидор аксарашон ҷанговар буданд. Сарбозони араб ҳамагӣ 50-60 ҳазор нафар буданд, ки агар ҷанговарони эронӣ ироdat ба муқовимати ҷиддӣ медоштанд, байни онҳо, бешак, гум шуда мерафтанд. Вале арабҳо ғалаба ба даст оварданд ва сабаби он нобаробарии даҳшатангез дар ҷомеаи эронӣ буд. Яъне ин ҷо мақом, афзалиятмандиҳо, дастрасӣ ба хидмат, таҳсил ва ҳатто вазъи амволии ҳар нафар танҳо аз баромади иҷтимоии (авлодии) ӯ вобастагӣ дошт.

***Фикр кунед ва мисолҳои таърихии ба Шумо маълуми оқибатҳои коррупсияро барои сиёсати давлат оред.***

Коррупсия обрӯи мамлакатро дар сатҳи байналмилалӣ резонда, хатари баркандагии иқтисодию сиёсии онро пурзӯр мегардонад. Дар кӯшишҳои аз нав ҷудо кардани соҳаҳои таъсиррасонӣ дар ҷаҳони имрӯза давлатҳои пуриқтидор бисёр вақт проблемаи коррупсияро ба сифати баҳона барои дахолат намудан ба корҳои дохилии давлатҳои ҷавон истифода мекунанд.

Коррупсия ба амалишавии ҳуқуқҳои шаҳрвандон барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат, озодии сухан, матбуот, ҳуқуқи истифода аз воситаҳои ахбор ва ҳуқуқи мурочиат ба мақомоти давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Аз ҷумла вайронкуниҳои коррупсионии ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон метавонад дар вайрон кардани талаботи қонун бобати шаффофияти раванди интихобот, тартиби маблағгузории интихобот, истифодаи маблағҳои давлатӣ ва захираҳои маъмурӣ ба манфиати номзадҳо ё ҳизбҳои алоҳида, харида гирифтани овози интихобкунандагон, таҳрифи натиҷаҳои интихобот ва вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи интихобот ба манфиатҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ ифода гардад.

Коррупсия метавонад ҳамчунин ба амалисозии ҳуқуқи дастрасии баробар ба хизмати давлатӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Чунин баробариро фурӯхташавандагии ходимони алоҳидаи масъули қабулу ба вазифаҳои болоӣ тавсия кардани кадрҳо, «сарпарастӣ» аз ҷониби шахсони обрӯманд, хешутаборӣ ва ҷӯраю ошнобозӣ метавонанд вайрон кунанд.

Ҷомеаи пӯшида ва набудани ошкорбаёнӣ муҳитест, ки ба рушди коррупсия мусоидат мекунад, бинобар ин маҳдудсозии ғайриқонунии гуногунандешӣ, озодии сухан ва матбуотро метавон чун амалҳои зидди ошкорсозии коррупсия арзёбӣ кард.

Коррупсия дар роҳи амалисозии ҳуқуқи мурочиати шаҳрвандон ба мақомоти давлатии ҳокимият метавонад монеаҳои ҷиддӣ ба вуҷуд оварад. Ин монеаҳо дар дастнорасии шахсони мансабдор барои шаҳрвандон, пешгирии ба шахсони мансабдор расидани мурочиатҳои хаттӣ, аз рӯи мурочиатҳо қабул кардани қарорҳои беасосу ғайриқонунӣ, таъқиби шаҳрванд ба сабаби мурочиати ӯ ба мақомоти давлатӣ ё дар мурочиат мавҷуд будани танқид ва ғайра ифода мегарданд.

**3. ТАЪСИРИ КОРРУПСИЯ БА ИҚТИСОДИЁТ ВА АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДӢ.** Коррупсия дар роҳи пешрафти иқтисодии давлат ва баланд гардидани самаранокии институтҳои бозорӣ монеаи ҷиддист.

Коррупсия дар соҳаи иқтисодиёт:

1) ба саркашӣ аз иҷрои вазифаҳо оид ба пардохти андозҳо, пардохтҳои гумрукӣ ва дигар боҷҳо мусоидат мекунад, иқтисодиёти пасипардагиро вусъат бахшида, имкониятҳои буҷавии давлатро оид ба иҷрои барномаҳои иҷтимоӣ суст мегардонад;

2) ҷаззобияти инвеститсионии иқтисодиётро барои маблағгузорони хориҷию ватанӣ кам месозад;

3) барои истифодаи бесамар, азхудкунӣ ва торочи кӯмакҳои техникии хориҷӣ ва башардӯстона, захираҳои миллии молиявӣ, аз ҷумла маблағҳои буҷетӣ заминаҳои мусоид фароҳам меорад;

4) ба иштироки ғайриқонунии ходимони давлатӣ дар фаъолияти

соҳибкорӣ, монополиякунии бозор, маҳдудсозии рақобат, дахолат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва нобаробарии шароитҳо барои бизнес (тиҷорат) мусоидат менамояд;

5) иқтидори иқтисодӣ, қобилияти мудофиавӣ ва истиқлолияти миллии давлатро суст мегардонад.

Мувофиқи ҳисобу китоби мумайизони (экспертҳои) институтҳои байналмилалии молиявӣ дар мамлакатҳои ИДМ иқтисодиёти пасипардагӣ то 70% иқтисодиёти расмиро ташкил дода, ҳаҷми пораҳои ҳар сол додашаванда баробари нисфи қисми даромади буҷети онҳост.

Коррупсия ба пурсамар амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби касб ва ғайра халал мерасонад.

Вайронкориҳои коррупсионии ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ аз ғайриқонунӣ кашида гирифтани он, маҷбурсозӣ ба дасткашӣ (баъзан ба бепул додан) аз амвол ба манфиати мақомоти маҳаллии ҳокимият ё ашхоси дигар, халал расондан ё сохтани монеаҳои сунъӣ барои пурсамар истифода кардани моликият, дахолат ба раванди фаъолияти хоҷагидории мулкдорон иборат аст.

Вайрон кардани ҳуқуқ ба меҳнат истифодаи меҳнат бе ба расмият даровардани қабул ба кор, маблағҳои музди меҳнат ба дигар мақсадҳо, напардохтан ё сари вақт пардохт накардани музди меҳнат, ба кормандони хоҷагиҳои коллективӣ напардохтани ҳиссаи онҳо аз даромадҳои умумии корхона ва ғайра мебошад.

Ҳуқуқи одамон ба истироҳат бо надодани танаффус ба кормандон барои истироҳат, рӯзҳои истироҳат, ҷалб кардани кормандон ба кор дар рӯзҳои ид, надодани рухсатиҳои ҳамасола ё иловагӣ, ё додани рухсатиҳои мӯҳлаташон назар ба муқаррароти қонун кам ва ғайра вайрон карда мешавад.

## 4. ҶАНБАҲОИ ИҶТИМОИИ КОРРУПСИЯ, ОҚИБАТҲОИ ОН БАРОИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИҶТИМОӢ.

Коррупсия маблағҳои зиёди моддию молиявиро аз ҳадафҳои рушди иҷтимоӣ дур месозад, бӯҳрони буҷетиро амиқ мегардонад ва дар давлат иҷрои барномаҳои иҷтимоиро душвор мекунад.

? ***Ба хотир оред, ки моҳияти «давлати иҷтимоӣ» аз чӣ иборат аст?***

Мисолҳои таърихӣ аз моҳияти зиддииҷтимоии режимҳои тоинқилобӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, набудани ягон хел маблаггузории соҳаҳои маориф, нигаҳдории тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ аз буҷети давлатӣ шаҳодат медиҳанд. Чунончи, масалан, соли 1913 даромади аморати Бухоро тақрибан 30 млн.сӯми тиллоиро ташкил медод. Аз ин маблагҳо барои нигаҳдории армия (сарбозон) 1 млн.сӯм, нигаҳдории навкарон 100 ҳазор сӯм, инъомҳо ва ҳадяҳо ба амалдорони воломақом 1

млн.сӯм, хароҷоти дигар 100 ҳазор сӯм сарф мегардид. Ҳамаи маблағҳои боқимонда – беш аз 27 млн.сӯм барои нигаҳдорӣ ва таъмини ҳавою ҳавасҳои амир Олимхон сарф мешуд.

Дигар оқибати на камтар аз ин фалокатбори коррупсия дар соҳаи иҷтимоӣ метавонад тақсимоти ноодилонаи неъматҳои ҷамъиятӣ ба фоидаи гурӯҳи маҳдуд аз ҳисоби табақаҳои нисбатан камҳимояи аҳолӣ, пурзӯршавии ба табақаҳо ҷудошавӣ ва нобаробарии амволии аҳолӣ бошад.

Коррупсия ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ, бешак, таъсири манфӣ мерасонад. Чунончи, масалан, ришваситонии духтурон (ғайриқонунӣ пул гирифтани онҳо барои расонидани ёрии тиббӣ) ҳуқуқи шаҳрвандонро ба гирифтани ёрии ройгону сифатноки тиббӣ вайрон мекунад.

Ҳуқуқи шаҳрвандонро ба таъминоти иҷтимоӣ бо азхудкунӣ ё тороҷи маблағҳои нафақа, муддатҳои дароз напардохтани нафақа ва кӯмакпулиҳо, дигар амалҳои сӯиистифода аз ҷониби мақомоти ба соҳаи таъминоти иҷтимоӣ алоқаманд низ метавон вайрон кард.

**5. КОРРУПСИЯ ҲАМЧУН МОНЕА ДАР АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ФАРҲАНГӢ.** Коррупсия пешрафти илмӣ-техникӣ, инкишофи санъату маорифро боздошта ва заминаҳои ахлоқию иродати ҷомеаро ба навшавии моддиву маънавӣ вайрон сохта, барои рушди фарҳангии ҷомеа ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ оқибатҳои басо ҳузнангез дорад.

Вайронсозиҳои коррупсионии ин ҳуқуқу озодиҳо метавонанд дар маҳдудшавии дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, талаву тороҷгарӣ ва ба хориҷа интиқол додани ин арзишҳо, сохтани нусхаҳои ғайриаслии асарҳои санъати тасвирӣ ифода ёбанд.

Ҳуқуқҳои муаллифӣ бо нашри китобҳо бе огоҳсозии муаллиф ва ба ӯ надодани ҳаққи қалам, азхуд кардани натиҷаҳои меҳнати каси дигар ва дуздӣ, ки баъзан бо истифодаи мансаби хидматӣ ба амал меоянд, вайрон карда мешаванд.

Навъҳои паҳншудаи коррупсия дар нашриётҳо чопи дигарбораи китобҳои симиёӣ ва қадимӣ, детективҳои тарҷумашудаи хориҷӣ бо вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва напардохтани ҳаққи қалам, пинҳон кардани даромадҳои изофа аз андозбандӣ бо роҳи чопи тиражҳои сабтнашуда ва ғайра мебошанд.

Вайронсозиҳои коррупсионии ҳуқуқ ба таҳсил ситондани маблағҳои ғайриқонунӣ барои таҳсил дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, маблағҷамъкунӣ аз волидон бо ҳар гуна баҳонаҳо, ришваситонӣ ҳангоми қабули имтиҳонот ва санҷишҳо дар мактабҳои олӣ ва техникумҳо ва ғайра маҳсуб мешаванд. Ҳамаи инҳо вайронкунии ҷиддии ҳуқуқҳо ва озодиҳои фарҳангӣ мебошанд.

**Савол ва супоришҳо**

*1. Вайрон кардани принсипҳои ба коррупсия асосёфтаи баробарҳуқуқӣ дар чӣ ифода ёфта метавонад?*

*2. Коррупсия ба таъмини баробарии вазифаҳо чӣ таъсире мерасонад?*

*3. Коррупсия дар соҳаи сиёсат чӣ оқибатҳо дошта метавонад? Коррупсия ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандон чӣ тавр таъсир мерасонад?*

*4. Коррупсия барои иқтисодиёти давлат чӣ оқибатҳое меорад? Коррупсия ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии одам ва шаҳрванд чӣ тавр таъсир мерасонад?*

*5. Оқибатҳои асосии иҷтимоии коррупсияро номбар кунед. Шумо таъсири коррупсияро ба сатҳи ҳифозати ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?*

*6. Оқибатҳои манфии коррупсия барои фарҳанги мамлакат чигунаанд? Ба андешаи Шумо, коррупсия ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ чӣ навъ метавонад таъсир расонад?*

## §55. ЧОРАҲОИ ЗИДДИ АМАЛИ КОРРУПСИЯ

**1. САНАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚИИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ.** Яке аз шартҳои муборизаи муваффақона бар зидди коррупсия фароҳам овардани заминаи мусоиди меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин соҳа аст.

Дар айни замон як силсила ҳуҷҷатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба мубориза бар зидди коррупсия қабул шудаанд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: Кодекси байналмилалии рафтори ашхоси мансабдори давлатӣ (Резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ №51/59 аз 28 январи соли 1997), Стандартҳои умумии мубориза бар зидди коррупсия дар идораҳо ва мақомоти полис (Интерпол, соли 2002), Конвенсияи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд аз 21 ноябри соли 1997 дар бораи мубориза бар зидди харида гирифтани ашхоси мансабдори хориҷӣ дар муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ, Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятkориҳои муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2000, Нақшаи амалиёти Истанбулӣ дар мубориза бар зидди коррупсия барои мамлакатҳои иқтисодиёташон даргузар аз 12 сентябри соли 2003, Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия аз 31 октябри соли 2003.

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокдори Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятkориҳои муташаккили трансмиллӣ, Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия ва Нақшаи амалиёти Истанбулӣ дар мубориза бар зидди коррупсия барои мамлакатҳои иқтисодиёташон даргузар мебошад.

Ҳадафи санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии зикршуда кӯмак кардан аст ба:

1) қабул ва таҳкимбахшии чораҳо дар самти пешгирӣ ва мубориза

бар зидди коррупсия, осонгардонӣ ва дастгирии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин соҳа;

2) коркард ва амалисозии сиёсати пурсамари зиддикоррупсионӣ, таъмини амалиёти мӯътадили мақомоти махсусгардонидашуда, таъсиси низоми пурсамари хидмати давлатӣ, низоми дурусти харид, дидани чораҳо оид ба пешгирии коррупсия дар бахши хусусӣ;

3) аз ҷониби давлатҳои иштирокдор муқаррар гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои нисбатан характерноки коррупсионӣ, таъмини ҳимояи шоҳидон ва маълумотдиҳандагон, ҷуброни хисорот аз коррупсия;

Давлатҳои иштирокдори ҳуҷҷатҳои байналмилалии мазкур, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифадоранд, ки барои таъмини амалишавии ӯҳдадориҳои худ чораҳои қонунгузорӣ ва маъмурӣ андешанд.

**2. САНАДҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия заминаи қонунӣ-ҳуқуқӣ сохта шуда, он бо суръати тез мукаммал мегардад.

Манбаи асосии қонунгузории зиддикоррупсионӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки меъёрҳои бевосита ба пешгирии коррупсия нигаронидашуда (принсипи тақсими ҳокимиятҳо, манъи ишғол кардани вазифаи дигар аз ҷониби ашхоси вазифаҳои баланди давлатидошта, аъзои ҳукумат, судяҳо ва прокурорҳо ва машғул шудани онҳо бо фаъолияти соҳибкорӣ) дорад.

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии махсус ба масъалаҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия бахшидашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои иловагии пурзӯр кардани мубориза бо ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва коррупсия» аз 21 июли соли 1999, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ (бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июни соли 2004 тасдиқ карда шудааст), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани Агентии мубориза бар зидди коррупсия ва ҷиноятҳои иқтисодии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 январи соли 2007.

Санадҳои қонунгузории ба масъалаи ҷазодиҳӣ барои коррупсия бахшидашуда инҳоянд: Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ. Чораҳои ба решакан кардани коррупсия нигаронидашуда ҳамчунин дар дигар қонунҳо ва санадҳои зерқонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд.

**3. КАФОЛАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲО АЗ КОРРУПСИЯ.** Ҳуқуқ ва озодиҳои асосии дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкимёфта барои иҷро ва риоя аз ҷониби

ҳокимиятҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ ҳатмианд. Онҳоро бо роҳи қабули санадҳои қонунгузорӣ ва зерқонунӣ бекор кардан, тағйир додан ва ихтисор кардан мумкин нест, бинобар ин таҳкими конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолат аз сӯиистифода аз ҷониби ҳокимият ба шумор меравад.

Қонунҳо ва санадҳои зерқонунии вайронсозандаи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ бо қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон номувофиқ дониста мешаванд.

Аз болои далелҳои мушаххаси вайрон гардидани ҳуқуқу озодиҳо бар асари оқибатҳои коррупсия аз ҷониби ашхоси мансабдор ба судҳои умумӣ шикоят кардан мумкин аст ва онҳо ҳуқуқ доранд, ки санадҳои ғайриқонуниро бекор карда, ҳуқуқҳои вайроншударо барқарор созанд.

Кафолати муҳими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо аз коррупсия ҳамчунин назорати прокурорӣ мебошад. Мақомоти прокуратура вазифадоранд, ки вайронкуниҳои коррупсионии ҳуқуқу озодиҳоро пешгирӣ карда, ба бекор кардани санадҳои вайронкунандаи ин ҳуқуқу озодиҳо муваффақ гарданд.

**4. КОРРУПСИЯ ҲАМЧУН ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ.** Ҳуқуқвайрон-куниҳои коррупсионӣ вобаста аз соҳаи тааррӯз ва дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ тақсим мешаванд ба:

а) ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ, ки барои коррупсия шароит фароҳам меоваранд;

б) ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии бо коррупсия алоқаманд;

в) ҷиноятҳои характери коррупсионидошта.

Ҳуқуқвайронкуниҳои интизомии фароҳамоварандаи шароит барои коррупсия кирдорҳои пешбиникардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (моддаи 11) ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки ҷораҳои ҷавобгарии интизомиро ба бор меоранд.

Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии бо коррупсия алоқаманд кирдорҳои пешбиникардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (моддаи 12) ва Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ мебошанд, ки ҷораҳои таъсиррасонии маъмуриро ба бор меоваранд.

Ҷиноятҳои характери коррупсионидошта кирдорҳои тамаъкоронаи пешбиникардаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мешаванд, ки аз ҷониби ашхоси ба иҷрои функсияҳои давлатӣ салоҳиятманд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифодаи мақоми хидматӣ содир кардаанд ё аз ҷониби онҳо бо додани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, афзалиятмандиҳо ва хадамоти ғайриқонунӣ алоқамананд.

Ба ҷиноятҳои характери коррупсионидошта бештар аз 40 ҷинояти

пешбиникардаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб аст. Байни онҳо сӯиистифода аз салоҳиятҳои хидматӣ, аз меъёр зиёд кардани салоҳиятҳои хидматӣ, гирифтан ва додани ришва, гирифтани инъомҳо бо роҳи тамаъҷӯӣ, харидани хизматчӣ, сохтакории хидматӣ, аз худ кардан ва тороҷ намудани амвол, хариди тиҷоратӣ, сӯиистифода аз салоҳиятҳои кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо ва боз бисёр ҷиноятҳои дигар ҳастанд.

Мувофики Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани мукофоти ғайриқонунӣ аз ҷониби шахси мансабдор чун «гирифтани пора» (моддаи 319-и КҶ) арзёбӣ мегардад, гирифтани чунин пора бо роҳи тамаъҷӯӣ аз ҷониби хизматчиёне, ки ашхоси мансабдори давлатӣ нестанд, ҳамчун «гирифтани мукофоти ғайриқонунӣ бо роҳи тамаъҷӯӣ» арзёбӣ мешавад. Ба ҳамин монанд додани мукофоти ғайриқонунӣ ба шахси мансабдори давлатӣ чун «додани пора» (моддаи 320-и КҶ), чунин амал нисбат ба хизматчии шахси мансабдори мақомоти давлатӣ набуда чун «додани мукофот ба хизматчӣ» (моддаи 325-и КҶ) арзёбӣ мегарданд.

**Сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ аз ҷониби шахси мансабдор истифода намудани ваколатҳои хукуматии худ бар хилофи манфиатҳои хизматӣ, агар ин кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ содир шуда, ба таври ҷиддӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ташкилотҳо, ё манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи ҷамъият ё давлатро поймол карда бошанд.**

***Моддаи 314-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Меъёри асосии маҳдудсозии гирифтани пора ва мукофоти ғайриқонунӣ аз сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ он аст, ки ҳангоми сӯиистифода шахси мушаххаси пешниҳодкунандаи мукофоти моддӣ ва мутобиқан хизмати ғайриқонунӣ ҷавобан ба мукофот расонидашаванда нест.

**Сохтакории хизматӣ, яъне аз ҷониби шахси мансабдор, ҳамчунин хизматчии давлатӣ, ё хизматчии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки шахси мансабдор намебошад, ба асноди расмӣ дидаю дониста дохил намудани маълумотҳои бардурӯғ, ҳамчунин ба асноди зикршуда ворид намудани ислоҳоте, ки мазмуни аслии онро таҳриф мекунад, ё дидаю дониста додани ҳуҷҷатҳои бардурӯғ ё қалбакӣ, агар ин кирдор бо мақсади ғаразнок ё дигар манфиатҳои шахсӣ содир шуда бошад.**

***Моддаи 323-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин кирдорҳои коррупсионӣ дар бахши хусусӣ, чун азхудкунӣ ё исрофкории амволи боваркардашуда, ришвадиҳии тиҷоратӣ, сӯиистифода аз ваколатҳои хизматии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо ва ғайраро ба сифати ҷиноят эътироф мекунад.

**Азхудкунӣ ё исрофкорӣ, яъне тасарруфи амволи ғайр, ки ба гунаҳкор бовар карда супурда шудааст, ё дар ихтиёри ӯ мебошад.**

*Моддаи 245-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Он чи ки нисбати шахси мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ додан ё гирифтани пора номида мешавад, нисбати шахси мансабдори ташкилоти тиҷоратӣ ё ҷамъиятӣ ҳамчун ришвадиҳии тиҷоратӣ арзёбӣ мегардад.

**Ришвадиҳии тиҷоратӣ - 1) ғайриқонунӣ додани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар амвол ба шахсе, ки дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона вазифаи идоракуниро ба ҷо меорад, ҳамчунин вобаста ба мақоми ишғолнамудаи ин шахс ғайриқонунӣ расонидани хизмати дорои хусусияти амволӣ ба ӯ барои амали анҷомдодааш (беамалиаш) ба манфиати ришвадиҳанда; 2) аз ҷониби шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, ғайриқонунӣ гирифтани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар амвол, ҳамчунин аз ҷониби ӯ ғайриқонунӣ вобаста ба мақоми ишғолнамудаи хизматӣ истифода бурдани хизматрасонии дорои хусусияти амволӣ барои амали анҷомдода (беамалӣ) ба манфиати ришвадиҳанда.**

*Моддаи 279-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**5. ТАШКИЛИ ПЕШГИРӢ ВА МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ.** Пешгирӣ ва муборизаро бар зидди коррупсия дар доираи салоҳиятҳои худ ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу назорат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма ва созмонҳои байналмилалӣ ба амал мебароранд.

Вазифаи ҳокимияти қонунбарор (парламент) дар ин соҳа таҳияи қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва ташаккули заминаи ҳуқуқии мубориза бар зидди коррупсия мебошад.

Ҳокимияти иҷроия (ҳукумат) вазифадор аст, ки ислоҳотҳои зиддикоррупсионӣ гузаронад, консепсия ва барномаҳои зиддикоррупсионӣ таҳия карда, амалӣ созад, фаъолияти мӯътадили мақомоти махсусгардондашударо бобати пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия таъмин кунад, ба ташаккули ҳокимияти иҷроия ва хадамоти шаҳрвандии ғайрикоррупсионӣ мусоидат кунад.

Вазифаи ҳокимияти судӣ нигаҳдории ҳокимиятҳои қонунбарору иҷроия аз суиистифода, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон аз худсарӣ ва поймолкуниҳо, ҷазо додани коррупсионерҳо ва мубориза бар зидди коррупсия дар муҳити худ мебошад.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти махсуси зиддикоррупсионӣ вазифадоранд, ки далелҳои коррупсияро ошкору пешгирӣ ва тафтиш карда, сабабҳо ва шароитҳои ба амал омадани коррупсияро омӯзанд ва таҳлил кунанд, оид ба осон кардани равандҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои нави идоракунӣ, ки имконият медиҳанд, шароитҳо барои коррупсия

камтар гарданд, пешниҳодҳо таҳия созанд, ба аҳли ҷомеа дар бораи ҳодисаҳои коррупсия ва вазъи корҳо дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия маълумотҳо манзур намоянд, ба маърифати зиддикоррупсионии шаҳрвандон кӯмак расонанд.

Бизнес ва соҳибкорӣ низ вазифадоранд, ки ба ташаккули иқтисодиёти ғайрикоррупсионӣ тавассути амалисозии кодексҳои одоби касбӣ кӯмак кунанд.

Васоити ахбори омма ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар фошсозии коррупсия, вусъати маърифати зиддикоррупсионӣ, баланд бардоштани талаботи одобӣ ва пешгирии коррупсия нақши муҳим мебозанд.

Иштироки фаъолонаи ҳар кадоме аз сохторҳои дар боло номбаршудаи низоми давлатии зиддикоррупсионӣ дар кори пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия гарави ноил шудан ба комёбиҳо дар ин кори душвор мебошад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *хариди тиҷоратӣ, сӯиистифода аз салоҳиятҳои хидматӣ, азхуд кардан ва тороҷ намудан, сохтакории хидматӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Кадом санадҳои байналмилалӣ- ҳуқуқии ба масъалаҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия бахшидашуда ба Шумо маълуманд? Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокдори кадоме аз онҳо аст?*

*2. Фикр кунед, ки кадом меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пешгирии коррупсия нигаронида шудаанд?*

*3. Навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсиониро номбар кунед. Онҳо аз якдигар чӣ фарқ доранд?*

*4. Ба андешаи Шумо, оё коррупсия ҷиноят аст ва мубориза бар зидди он танҳо кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад?*

*5. Вазифаҳои дар назди мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ истодаро, ки ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия нигаронида шудаанд, тавсиф бахшед.*

## §56. ПЕШГИРИИ КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**1. САМТҲОИ АСОСИИ ПЕШГИРИИ КОРРУПСИЯ.** Фаъолияти давлат дар соҳаи пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия (сиёсати зиддикоррупсионии давлатӣ) дар шароитҳои ҳозира ба самти мустақили сиёсати давлатӣ табдил мееёбад.

> **Сиёсати зиддикоррупсионӣ таҳия ва мунтазам амалисозии чорабиниҳои давлатӣ оид ба решакан кардани сабабҳо ва шароитҳоест, ки ба паҳншавии коррупсия мусоидат мекунанд.**

Дар параграфҳои қаблӣ қайд карда шуд, ки коррупсия решаҳо ва сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ-идоракунӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дорад, бинобар ин пешгирии самарабахш ва маҳдудсозии масоҳатҳои коррупсия коркарду амалисозии маҷмӯи чорабиниҳои айнан чунин характер доштаро тақозо мекунад.

Самтҳои асосии ин чорабиниҳои давлатӣ инҳоянд:

а) банақшагирии чораҳои зиддиамали коррупсия дар сатҳи умумидавлатӣ;

б) такмили қонунгузории миллӣ;

в) бунёди низоми пурсамар, боадолатона ва шаффофи қабул ба хизмати давлатӣ ва ба ҷо овардани хизмати давлатӣ;

г) фароҳам овардани шароитҳо барои назорати пурсамари ҷамъиятӣ ва давлатӣ ба тақсимот ва сарфи маблағҳои буҷет;

ғ) таҳкими ҳокимияти судӣ;

д) баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкорсозӣ, пешгирӣ ва тафтиши далелҳои коррупсия;

е) таҳкими низоми институтҳои давлатӣ аз нигоҳи самаранокии фаъолияти онҳо дар зиддиамали коррупсия;

ё) таҳқиқи вазъи коррупсия тавассути методикаи оморӣ, иҷтимоӣ ва усулҳои дигар;

ж) вусъати дастрасӣ ба иттилоот, таъмини шаффофияти қабули қарорҳо, ҷалби аҳли ҷомеа ба зиддиамали фаъолона бар зидди коррупсия;

з) таълим ва тарбияи зиддикоррупсионии ашхоси мансабдор ва шаҳрвандон.

**?** ***Фикр кунед, ба андешаи Шумо, боз кадом самтҳои иловагии пешгирии коррупсия мавҷуданд?***

**2. БАНАҚШАГИРИИ ЗИДДИ АМАЛИ КОРРУПСИЯ.** Муваффақияти сиёсати зиддикоррупсионӣ чи дар сатҳи умумидавлатӣ ва чи дар сатҳи идоравӣ аз бисёр ҷиҳат вобастаи банақшагирии дурусту босифати ин сиёсат аст.

Банақшагирии умумидавлатии сиёсати зиддикоррупсионӣ таҳия ва қабули Барномаи (стратегияи) давлатии мубориза бар зидди коррупсия дар давраи муайянро дар назар дорад. Қабл аз таҳияи чунин барнома бояд таҳқиқоти амиқи иҷтимоӣ, оморӣ ва дигар шаклҳои таҳқиқи ҳолат, сабабҳо ва хусусиятҳои зуҳури коррупсия дар соҳаҳои гуногун сурат бигирад.

Барномабандии умумидавлатӣ имконият медиҳад, ки самтҳои асосии пешгирии коррупсия, мундариҷаи чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ, давраҳои гузаронидани онҳо, сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятии сафарбаршаванда, манбаъҳои маблағгузорӣ ва механизмҳои назорати амалисозии барнома муайян карда шаванд.

Шарти муҳимтарини муваффақият дар таҳияи барномаи давлатӣ ба

коркарди он ҷалб намудани намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираҳои соҳибкорон, созмонҳои байналмилалӣ ва воситаҳои ахбори омма мебошад.

Бо дар назардошти махсусиятҳои вазифаҳо ва нақши ҳар як идора дар амалисозии чораҳои зиддикоррупсионӣ дар асоси барномаи умумидавлатӣ ҳамчунин чорабиниҳои идоравиро таҳия ва амалӣ гардондан мумкин аст.

Назорат ба амалисозии барномаи умумидавлатӣ ба зиммаи мақомоти умумидавлатии зиддикоррупсионӣ вогузошта мешавад. Ҳамчунин ҷорӣ намудани амалияи ҳисоботдиҳии мақомоти давлатӣ бо мақсади арзёбии самаранокии фаъолияти зиддикоррупсионии онҳо мувофиқи мақсад аст.

**3. ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ.** Номукаммалии қонунгузорӣ барои ба амал омадани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ заминаи мусоид фароҳам оварда метавонад. Аз ҷумла ба ин, масалан, мавҷудияти холигиҳо (нокисиҳо), номуайянӣ ва ихтилофоти санадҳои қонунгузорӣ ё меъёрҳои алоҳидаи онҳо мусоидат мекунанд. Онҳо ба ашхоси мансабдори коррупсияписанд имконият медиҳанд, ки бо тамаъҷӯии инъомҳои ғайриқонунӣ бо роҳи сохтани монеаҳои сунъӣ дар роҳи амалишавии озодонаи ҳуқуқҳои шаҳрвандон машғул шаванд.

Дар худи қонунҳо ё меъёрҳои алоҳида мавҷуд будани монеаҳои беасос дар роҳи амалисозии ниятҳои фоиданоки ҷамъиятӣ (равандҳои мураккабгардонидашуда, ӯҳдадориҳои серхарҷ ва ё бо душворӣ иҷрошаванда) шаҳрвандон ва ё соҳибкоронро ба харида гирифтани ашхоси мансабдор ё рафтан ба сӯи «иқтисодиёти пасипардагӣ» маҷбур месозанд. Чунин меъёрҳо дар соҳаи қонунгузории андоз ва гумрук хеле зиёданд.

Бисёр вақт меъёрҳои ҳуқуқ низ ба ашхоси мансабдор баҳри амал кардан бо салоҳдиди худ имкониятҳои аз ҳад зиёд медиҳанд, ки ин ҳам савдои озодро дар интихоби тарзи ҳалли масъалаҳо осон мегардонад.

Бинобар ин яке аз самтҳои муҳими пешгирии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экспертизаи доимию бонизоми қонунгузорӣ ва лоиҳаи қонунҳо бо мақсади дар онҳо бартараф кардани «холигоҳҳо» барои коррупсия мебошад. Ҳамчунин такмили худи қонунгузории зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади криминаликунонии (эътироф кардан ба сифати ҷазои ҷиноятӣ) ҳамаи шаклҳои имконпазирии зоҳиршавии коррупсия ва фарогирии кирдорҳои коррупсионии ҳамаи категорияҳои ашхоси мансабдор зарур аст.

**4. ОДОБ, ТАНЗИМИ ИХТИЛОФОТИ МАНФИАТҲО, ИНКИШОФИ ҲИСОБОТДИҲӢ ВА ШАФФОФИЯТ ДАР ХИДМАТИ ДАВЛАТӢ.** Ташаккули асосҳои одобӣ, ҳавасмандгардонии росткорию беғаразӣ, таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ шартҳои муҳимтарини пешгирии коррупсия дар хидмати давлатӣ ба шумор меравад.

***Фикр кунед, ҳар як хизматчии давлатӣ бояд чӣ гуна сифатҳо дошта бошад?***

**Одоб (дар забони юнонӣ ethikos – маънавияти марбут, ифодакунандаи ақидаҳои маънавӣ) маҷмӯи меъёрҳои рафтори мансубони касб, ягон гурӯҳ ё ҷомеаи касбӣ аст.**

Талабҳои одобӣ ба хизматчиёни давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июни соли 2004 тасдиқ карда шудааст, баён гардидаанд.

Кодекси одоб муқаррар кардааст, ки хизматчии давлатӣ бояд:

1) ба амалисозии стандартҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи хидмату рафтори бенуқс кӯшад, ҳангоми иҷрои вазифаҳои хидматӣ ва вақти фориғ аз хизмат ба онҳо содиқона ва бегузашт пайравӣ намояд;

2) аз ҳамаи он чи ки обрӯи мақомоти давлатиро паст мезанад, барканор бошад. Вай ба фоидаи манфиатҳои шахсӣ ё манфиатҳои дигар одамон набояд ба обрӯи касби худ зарар расонад;

3) фаъолияти худро тавре амалӣ созад, ки ба лаёқати амал кардани худ чун шахси фурӯхтанашаванда ва беғараз ягон зарра шубҳа наафтад;

4) аз таъсири шаҳрвандон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои касбию ҷамъиятӣ озоду мустақил бошад, ба ашхос ва ташкилотҳои алоҳида эътибори хоса надиҳад;

5) аз гирифтани пардохти (подоши) муқаррарнашуда барои иҷрои вазифаҳои худ дар шакли чи моддӣ (пул, инъомҳо) ва чи ғайримоддӣ (хизматҳо) канораҷӯӣ кунад;

6) иштирокро дар корҳое, ки ба онҳо хешовандонаш ҷалб шудаанд ё ҳолатҳои дигар, ки баҳри бевосита ё бавосита манфиатдор будани ӯ ба натиҷаи ниҳоӣ асос шуда метавонанд ва ин ҳама метавонад, ки бегаразии вайро зери шубҳа гузорад, рад кунад.

Ҳолати охирин вазъи ихтилофдори манфиатҳо номида мешавад.

**Ихтилофи манфиатҳо зиддияти байни вазифаҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ ва манфиатҳои хусусии шахсони мансабдор аст, ки дар ин маврид манфиатҳои хусусӣ кодиранд ба тарзи ғайриҳуқуқӣ ба иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои расмӣ аз ҷониби онҳо таъсир расонанд.**

Яке аз гуногуннавъиҳои ихтилофи манфиатҳо дар хизмати давлатӣ непотизм мебошад.

**Непотизм (аз лот.nepotis – набера, ҷиян) вазъиятест, ки дар он як хешованд ба кор хешованди дигарро қабул намуда, дар ин маврид салоҳияти ба ӯ назорат карданро дорад.**

Протексионизм (ҷӯрабозӣ)-ро низ ба нусхаи дигари ихтилофи манфиатҳо дар хизмати давлатӣ мансуб донистан мумкин аст.

**Протексионизм (аз лот.protectio – ҳимоя, сарпарастӣ) вазъиятест, ки вақти интихоби кадрҳо афзалият ё бартарият ба дӯстон (ҳамсинфон, ҳамсабақони солҳои донишҷӯӣ, ҳамхизматҳо ва ғайра), сарфи назар аз он ки онҳо барои кор дар вазифаи муайян лоиқ ҳастанд, ё не, дода мешавад.**

Бо мақсади барҳам додани ихтилофи манфиатҳо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба депутатҳо, аъзои Ҳукумат, судяҳо, прокурорҳо ва дигар ашхоси мансабдор ишғол кардани вазифаи дигар ва шуғлварзиро бо фаъолияти соҳибкорӣ манъ кардааст. Хизмати якҷояи хизматчиёни давлатии ба якдигар хеш, агар хизмати онҳо бо тобеияти бевосита ё зери назорати яке будани дигаре алоқаманд бошад, манъ аст.

Бо мақсади таъмини назорат ва ҳисоботдиҳандагии хизматчиёни давлатӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005 хизматчиёни давлатиро вазифадор намудааст, ки ҳамасола дар бораи даромадҳо ва вазъи амволиашон декларатсия пешниҳод кунанд.

Ба пешгирии коррупсия ҳамчунин таъмини шаффофияти равандҳои харидҳои давлатӣ, хусусигардонии амволи давлатӣ, додани иҷозатномаҳои (литсензияҳои) давлатӣ, вомбаргҳои Бонки миллӣ, вомбаргҳои кафолатноки ҳукуматӣ, маблағҳои буҷетӣ ва равандҳои озодсозӣ аз пардохти андозҳо мусоидат мекунанд.

**5. ТАЪЛИМИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ АШХОСИ МАНСАБДОР ВА ШАҲРВАНДОН.** Воситаи муҳими пешгирии коррупсия вусъату тарғиби донишҳо дар бораи коррупсия, ихтилофоти манфиатҳо, меъёрҳои одоб, ҷазодиҳӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани вазъи оштинопазирӣ ба коррупсия дар ҷомеа мебошад.

Ҳалли ин вазифа ташкили таълими доимии ашхоси мансабдори мақомоти андоз, гумрук ва мақомоти дигарро дар ҷойҳои корашон дар назар дорад. Ташкили курсҳои махсуси таълимӣ оид ба масъалаҳои одоб ва чорабиниҳои зиддиамали коррупсия барои ашхоси мансабдори мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимият дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии назди Раёсати хизмати давлатӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон басо муҳим аст.

Ба соҳибкорон омӯзондани усулҳои зиддиамали фаъолона ба коррупсия ва фошсозии ходимони коррупсияписанд, ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқии журналистон ва ба онҳо омӯзонидани усулҳои таҳқиқоти журналистии ҳодисаҳои коррупсионӣ нақши махсус мебозанд.

Гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ ва мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои мубориза бар зидди коррупсия ва интишори ҳисоботҳои мақомоти давлатӣ дар бораи вазъи иҷрои барномаҳои зиддикоррупсионӣ хеле муҳим мебошанд.

Вале омили аз ҳама муҳими пешгирии коррупсия ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар аҳолӣ, махсусан дар насли наврас, тавассути амалисозии барномаҳои таълими оммавӣ бо дохил кардани барномаҳои давлатӣ дар мактабҳо ва донишгоҳҳо мебошад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ихтилофи манфиатҳо, непотизм, протексионизм, одоб.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Маънии сиёсати зиддикоррупсионии давлат чист? Самтҳои асосии пешгирии коррупсияро тавсиф бахшед.*

*2. Қонунгузории номукаммал ба кадом тарз ба инкишофи коррупсия мусоидат мекунад?*

*3. Одоб чист? Нақши одоб дар пешгирии коррупсия чӣ гуна аст?*

*4. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизматчиёни давлатӣ чӣ гуна талаботи одобӣ пешниҳод мешавад?*

*5. Зери мафҳуми ихтилофи манфиатҳо чиро мефаҳманд?*

*6. Ба нақши таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ дар пешгирии коррупсия тавсиф бахшед.*

# ФАСЛИ III
# МЕХАНИЗМҲОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

## БОБИ 16
## МЕХАНИЗМҲОИ МИЛЛИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

### § 57. ТАВСИФИ УМУМИИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

**1. МУНДАРИҶАИ МЕХАНИЗМҲОИ МИЛЛИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ВА НИЗОМИ ОНҲО.** Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ мафҳуми «механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон» васеъ тафсир мешавад. Агар калимаи «механизм» ба маънои аслӣ воҳиди даруни мошин ё таҷҳизоти томи техникиро ифода намояд, ба маънои маҷозӣ ҳамчун воҳиди сохтори томи низом фаҳмида мешавад, ки тавассути вай ин ё он кор ба анҷом мерасад. Вақте мо калимаи «механизм»-ро зимни мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқҳои инсон» истифода мекунем, албатта, маънои маҷозии онро дар назар дорем. Яъне зери истилоҳи «механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон» муносибатҳо ва методҳои ҳуқуқие фаҳмида мешаванд, ки тавассути онҳо ҳуқуқҳои инсон аз ҳама гуна таарруз ҳифз мегарданд. Агар ҳар як муносибат ва методи ҳуқуқӣ дар ин ё он навъи ҳуқуқҳои инсон истифода шавад, онҳо дар якҷоягӣ низоми ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро ташкил мекунанд.

Низоми ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро ба ду гурӯҳи калон ҷудо кардан мумкин аст: 1) механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон; 2) механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон.

Механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон роҳҳо ва муносибатҳое мебошанд, ки бо қонунгузории миллӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон муайян шудаанд. Ҳар як ҷомеа манфиатдор аст, ки механизмҳои хифозат воқеӣ бошанд. Танҳо дар сурати таҳияи механизмҳои пешқадам ва самаранок ва ташкили механизми ягонаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, ки ҳамаи воҳидҳои он якҷоя амал мекунанд, шароитҳои мусбати риояи ҳуқуқҳои инсонро муқаррару таъмин кардан мумкин аст.

Азбаски механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро санадҳои ҳуқуқӣ (Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ) ташкил медиҳанд, онҳоро механизмҳои миллии ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон меноманд.

**2. АЛОМАТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ МЕХАНИЗМҲОИ МИЛЛИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.** Механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон аз механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон бо хусусиятҳои худ фарқ мекунанд.

**Якум**, агар механизмҳои миллӣ бо Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ муайян гарданд, механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ танзим мешаванд.

**Дуюм,** ҳангоми муқаррар кардани механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дастовардҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ ба эътибор гирифта мешаванд.

**Сеюм,** механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон аз тарафи давлат маблаггузорӣ ва таъмин карда мешаванд. Давлат механизмҳоро муайян карда, маблағгузорӣ ва кори бонизоми онҳоро таъмин мекунад. Агар ин кор саривақт ва дар сатҳи зарурӣ ташкил карда нашавад, механизмҳо натиҷаи назаррасу дилхоҳ намедиҳанд.

**3.УНСУРҲОИ АСОСИИ МЕХАНИЗМҲОИ МИЛЛИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.** Мақомот, ташкилот ва шахсони мансабдор ба сифати субъектҳои амалисозандаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон баромад мекунанд. Вобаста ба самти фаъолият, муносибат бо рукнҳои ҳокимият ва нақши мебозидаашон механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро ба се унсури асосӣ тақсим кардан мумкин аст:

1. Ҳифзи судии ҳуқуқҳои инсон;
2. Ҳифзи давлатии гайрисудии ҳуқуқҳои инсон;
3. Ҳифзи ғайриҳукуматии ҳуқуқҳои инсон;

Ин се унсури миллии механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон умумияти бисёре дошта бошанд ҳам, аммо бо мундариҷа, принсипҳои ташкилшавӣ ва методҳои таъсиррасонӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар мамлакати мо ҳар сеи ин унсур истифода мешаванд.

Дар мамлакатҳои пешқадами демократӣ дар низоми ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳокимияти судӣ мавқеи аз ҳама волоро ишғол карда, ба нақши он баҳои баланд дода мешавад. Ин рукни ҳокимият баҳсҳои на танҳо байни шаҳрвандон, инчунин шаҳрвандон ва давлатро тавассути амалисозии адолати судӣ ҳаллу фасл менамояд. Дар амалияи судии Аврупо ва ИМА баҳсҳои байни шаҳрвандон ва давлатро чун, масалан, «Андрес бар зидди Австрия», «Мейер бар зидди Небраска» ном мегиранд, ки басо ибратангез аст. Ҳангоми исботу тасдиқ шудани далели аз ҷониби давлат вайрон карда шудани ҳуқуқҳои инсон суд давлатро водор месозад, ки ин ҳуқуқҳои вайронкардашударо барқарор кунад.

Таъиноти асосии ҳокимияти судӣ аз амалисозии адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон иборат аст. Адолати судӣ мувофиқи тартиботи муқарраркардаи қонун сурат гирифта, мурофиа (раванд) ном дорад. Адолати судӣ тавассути мурофиаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ,

конститутсионӣ ва хоҷагӣ амалӣ мешавад. Навъҳои мурофиаҳо бо кодексҳо ва қонунҳои соҳавӣ танзим меёбанд, масалан, Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ (1961), Кодекси мурофиаи граждании (1961), Кодекси мурофиаи хоҷагӣ (1998), Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ (1985), Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионӣ» (1995).

Унсури судии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар асоси принсипҳои маъмули адолати судӣ амалӣ мегардад. Ба ин принсипҳо ҷиҳатҳои демократӣ ва инсондӯстонаи мурофиа хосанд, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон мусоидат мекунанд. Принсипи демократии адолати судӣ ба ҳар касе, ки ҳуқуқҳояшро вайроншуда меҳисобад, имконият медиҳад, дар ҷамъомади ошкорою баробари судӣ баромад карда, мавқеи худро тавассути овардани далелҳо ҳимоя кунад ва ба суд ҳақ будани худро исбот намояд. Суд адолати судиро дар асоси арзёбии бегаразонаи дархостҳо ва пешниҳодот амалӣ гардонида, бар асоси мӯътақидии ботинии худ бо дар назардошти донишҳои юридикӣ қарор қабул мекунад.

Дар низоми миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон нақши институтҳои давлатии ғайрисудӣ низ басо калон аст. Нақши онҳоро ҳангоми ҳифзи ҳуқуқҳои инсон Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ муайян мекунанд.

Мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 5, 10, 14) ҳамаи мақомоти давлатӣ ва ҳар як шахси мансабдор вазифадоранд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро на танҳо эътирофу риоя кунанд, балки ҳимоя намоянд. Яъне Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро муқаррар карда, ҳамаи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳоро вазифадор менамояд, ки дар ҳифзи ҳуқуқҳои инсон иштирок кунанд. Дар ин маврид мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре ҳастанд, ки ба ин кор бештар ҷалб мегарданд. Инҳо Президенти мамлакат ва воҳидҳои сохтории дастгоҳи ӯ, Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва қонуният, Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқҳои инсон, прокуратура, милитсия, адвокатура мебошанд.

Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти номбаршуда ба андозаҳои гуногун ба амал бароварда мешаванд, чунки вазифаҳои асосии баъзе аз онҳо фаъолияти ҳуқуқҳифзкунӣ буда, онҳо бо ҳамин мақсад таъсис ёфтаанд, барои дигарон бошад, чунин вазифаҳо шартианд, зеро онҳо ин корро ба андозае баҷо меоранд, ки иҷрои вазифаи асосиашон тақозо менамояд.

Махсусияти институти давлатии ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон аз он иборат аст, ки вай аз мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ таркиб ёфта, ҳатто як қатор ташкилотҳои ғайриҳукуматиро низ фаро мегирад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ин созмонҳои ғайридавлатӣ ҳам бошанд (адвокатура), онҳо таъиноти давлатӣ доранд ва функсияҳои сохтадавлатиро ба ҷо меоранд. Махсусияти институти адвокатура бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Қисми дигари институти ҳифзи давлатии ғайрисудии ҳуқуқҳои инсонро муассисаҳои гуногуни маъмурӣ ташкил медиҳанд, ки нисбат ба сохторҳои тобеи худ салоҳиятҳои ҳокимиятӣ дошта, метавонанд қарорҳо ё амалиёти ин мақомотро бекор кунанд ва ба ҳамин васила ҳуқуқҳои вайроншударо барқарор карда, шахсони айбдорро ба ҷавобгариҳои интизомӣ ё маъмурӣ кашанд. Аммо шакли маъмурии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон тарафҳои манфии худро низ дорад. Масалан, вақти аз ҷониби Раиси вилоят қабул кардани қарор аз рӯи шикоят аз болои қарори раиси ноҳия барои ӯ манфиатҳои идоравӣ, албатта, бегона нестанд. Бинобар ин, чунин унсури ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар бисёр мавридҳо ба кашолкориҳои зиёдатӣ оварда мерасонад.

Дар давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ, ки ғояи асосӣ барпо кардани ҷомеаи шаҳрвандист, нақши ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ басо калон аст. Қабл аз ҳама онҳо барои ҳимояи манфиатҳои ҷомеа таъсис меёбанд ва аз ин рӯ роҳу усулҳоеро истифода мекунанд, ки рӯҳияи маҷбурсозӣ надошта, бештар ба боварӣ ва эътиқодмандиҳо такя мекунанд. Ин ташкилотҳо шаҳрвандонро қабул карда, шикоятҳо ва пешниҳодоти онҳоро гӯш мекунанд, бо проблемаҳои онҳо аз наздик шинос мешаванд, дар сурати ошкор гардидани далелҳои вайрон карда шудани ҳуқуқҳо ва манфиатҳо таваҷҷӯҳро ба онҳо тавассути ВАО ҷалб месозанд ва бо истифода аз афкори ҷамъиятӣ ҳуқуқҳои вайроншударо ҳимоя мекунанд.

Феълан дар Тоҷикистон беш аз 250 ташкилоти ғайриҳукуматӣ амал мекунанд, ки дар ҳамкорӣ бо аҳли ҷомеа ва сохторҳои давлатӣ корҳои муфиди ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон нигаронидашударо ба ҷо меоранд. Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ аз рӯи мақоми худ бояд ташаббускор бошанд ва шаҳрвандони эҷодкори ҷумҳуриро муттаҳид сохта, фаъолияти хешро бо истифодаи захираҳои дохилидавлатии молиявӣ амалӣ созанд.

**4.НАҚШИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ ДАР ТАКМИЛИ НИЗОМИ МИЛЛИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.** Дар рушди низоми ҳифзи ҳуқуқҳои инсон нақши ҷомеаи ҷаҳонӣ калон аст. Дар сатҳи байналхалқӣ ҳуқуқи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои инсон ба низом дароварда, садҳо санадҳои ҳуқуқиро муттаҳид месозанд. Ин санадҳои ҳуқуқӣ ғояҳои аз ҳама пешқадамро дар бораи ҳуқуқҳои инсон таҳким бахшида, аз инсоният риояи онҳоро талаб мекунанд. Ва имрӯз ин санадҳои байналмилалӣ ба қонунгузориҳои миллии бисёр мамлакатҳои ҷаҳон бо

роҳи тасдиқ кардан (ратификатсия) ворид гардида, ҳаёти одамони миллатҳои гуногуни сокини ин мамлакатҳоро сабук мегардонанд. Дар ҳамин асос ҳамоҳангии ҳуқуқҳои миллӣ ва байналмилалӣ ба амал меояд. Заминаи ин ҳамоҳангӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар моддаи 10-и Конститутсия омадааст, ки санадҳои ҳуқуқи байналмилалии Тоҷикистон эътирофкарда қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро тасдиқ (ратификатсия) кардааст, ки дар онҳо ӯҳдадориҳои давлатҳои иштирокдор оид ба ворид намудани меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ муқаррар гардидаанд. Ҳатто дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ» (1998) қоидае муқаррар гардидааст, ки мувофиқи он Тоҷикистон барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии ба зимма гирифтааш санадҳои дохилии меъёрию ҳуқуқӣ қабул мекунад.

Ба ин тариқ, ҳамоҳангшавии ҳуқуқҳои миллӣ ва байналмилалӣ манфиатбахш буда, аз як ҷониб аҳли ҷамъияти Тоҷикистон имконият пайдо мекунанд, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро истифода кунанд. Аз ҷониби дигар, риояи ҳуқуқҳои инсон дар Тоҷикистон аз тарафи ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ назорат карда мешавад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, низоми ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, ҳифзи судии ҳуқуқҳои инсон, ҳифзи давлатии ғайрисудии ҳуқуқҳои инсон, ҳифзи ғайриҳукуматии ҳуқуқҳои инсон.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Зери мафҳуми "механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон" чӣ фаҳмида мешавад?*

*2. Низоми ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ба кадом унсурҳо тақсим мешавад?*

*3. Баҳсҳои байни инсон ва давлатро асосан кадом мақомот ҳаллу фасл мекунад?*

*4. Унсури ҳифзи давлатии ғайрисудии ҳуқуқҳои инсон чиро мефаҳмонад ва онро кадом субъектҳо амалӣ мегардонанд?*

*5. Маъмурияти мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №12-и деҳаи Ругунд бо хоҷагии давлатии "Токпарвар" дар бораи иҷрои кори муайяне қарордод ба имзо расонд. Мувофиқи ин қарордод мактаб ӯҳдадор шуд, ки баҳорон бо қувваи 100 нафар хонандагони синфи 10 дар 2 га ангурзор токҳоро бурад. Ба ин васила муаллимони таълими меҳнат сарбориҳо гирифта, хонандагон малакаҳои токбурӣ меомӯхтанд. Илова бар ин хоҷагии давлатӣ ӯҳдадор шуд, ки ба ҳар хонанда барои кори анҷомдодааш дар мӯҳлати на дертар аз 5 рӯзи баъди анҷоми корҳо музди меҳнат медиҳад.*

*Хонандагон ӯҳдадориҳои худро бомуваффақият ва пурра иҷро намуданд. Аммо маъмурияти хоҷагии давлатии "Токпарвар" ӯҳдадории худро иҷро нанамуд, яъне ба хонандагон музди меҳнаташонро надод.*

*• Дар ин ҳолат чӣ бояд кард?*

*• Кадом механизми миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро истифода кардан мумкин аст ва кадоме аз онҳо аз ҳама пурсамаранд?*

*• Оё дар доираи соатҳои барои дарси таълими меҳнат ҷудокардашуда ихтиёрӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб кардани хонандагони синфи 10 қонунӣ аст?*

## § 58. ҲИФЗИ СУДИИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

**1.ҲОКИМИЯТИ СУДӢ: МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲО.** Ҳокимияти судӣ мутобиқи моддаи 84-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонуният ва адолатро ҳифз кунад.

Функсияи асосии суд амалӣ гардонидани адолати судӣ аст. Адолатнокӣ категорияи ахлоқист, чун санги маҳаки баҳсҳост ва ҳар кас дар лаҳзаи душвор метавонад аз он истифода кунад. Вақте ин адолатро судҳо аз рӯи қонун муайян мекунанд, он адолати судӣ номида мешавад. Доираи салоҳияти судҳое, ки адолати судиро амалӣ мегардонанд, дар моддаи 84-и Конститутсия таҳким бахшида шудааст. Фаъолияти дигар судҳо, масалан, чун суди рафиқона, суди ҳакамӣ, ки дар номашон ифода ёфтаасту ин ё он масъалаҳоро ҳал мекунад, амалисозии адолати судӣ ҳисоб намешавад. Барои ҳалли ягон масъалаи мушаххас суди дигар таъсис намедиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили суди фавқулодда манъ аст (моддаи 84-и Конститутсия). Бо назардошти он ки тартиби фаъолияти судҳои фавқулодда ба талаботи принсипҳои демократӣ ҷавобгӯ нест, таърих ин таҷрибаи манфии адолати судиро маҳкум кард.

Ҳокимияти судӣ бо як қатор аломатҳояш аз дигар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ фарқ мекунад.

Ҳокимияти судӣ рукни мустақили ҳокимияти давлатӣ аст. Манбаи таъсиси ҳокимияти судӣ, чун дигар рукнҳои ҳокимияти давлатӣ, халқ мебошад ва он бо вай дар асоси баробарҳуқуқӣ ҳамкорӣ мекунад. Дар мавриди ворид шудани шикоят аз амалҳои дигар рукнҳои ҳокимият суд амали онҳоро санҷида, фаъолияти зиддиҳуқуқиашонро нишон медиҳад ва санадҳои ғайриқонунии ин мақомотро бекор месозад.

Адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз ҷониби суди мустақил амалӣ мегардад. Амалисозии адолати судӣ салоҳияти хосаи ҳокимияти судӣ аст.

Ҳокимияти судӣ ба ягон ҳокимияти дигар тобеъ нест, судяҳо ҳангоми амалӣ гардонидани адолати судӣ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат мекунанд. Касе ҳақ надорад,

ки ба фаъолияти судяҳо мудохила кунад. Дахолат ба фаъолияти судя ҷиноят аст ва шахсони гунаҳкор барои монеъ шудан ба амалишавии адолати судӣ тибқи моддаи 345-и КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Мустақилияти судяҳо бо кафолатҳои ҳуқуқию иҷтимоӣ таъмин мегардад. Дар натиҷа ҳангоми амалисозии адолати судӣ қарорҳои қатъие қабул карда мешаванд, ки ризоият ё тасдиқ намудани касеро талаб намекунанд ва иҷрои онҳо ҳатмӣ аст (Моддаи 8-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳо»).

Ҳокимияти судӣ мувофиқи тартиботи муқарраркардаи қонун, ки дар моддаи 2-и Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ифода гардидааст, тавассути истеҳсолоти судии конститутсионӣ, граждани, хоҷагӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ амалӣ гардонида мешавад.

Зери мафҳуми мурофиаи судӣ фаъолияти бо қонун муайянкардашудаи суд оид ба баррасию ҳал кардани корҳои марбут ба муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои дар онҳо иштироккунанда фаҳмида мешавад. Тартиботи мурофиавӣ ба суд имконият медиҳад, ки оид ба ҳар баҳс ҳақиқатро муқаррар созад ва дар асоси қонун қарори адолатнок қабул намояд.

Хусусиятҳои дар боло қайдгардида мундариҷаи ҳокимияти судиро муайян карда, онро аз дигар рукнҳои ҳокимияти давлатӣ фарқ мекунонанд.

**2. НИЗОМИ СУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. СУДҲОИ ДОИРАИ САЛОҲИЯТАШОН УМУМӢ ВА МАХСУС.** Зери мафҳуми низоми судӣ ҳамаи судҳо ва звеноҳои онҳо фаҳмида мешавад. Моддаи 84-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми судиро ба тариқи зайл муайян кардааст: Суди Конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе.

Ин низоми судӣ ягона буда, ҳамаи звеноҳо адолати судиро ба амал мебароранд. Тарзи ташкил, сохтор ва фаъолияти онҳо бо Қонуни алоҳидаи конститутсионӣ ба танзим даровaрда шудааст.

Низоми судиро вобаста ба салоҳият ва самти фаъолият ба ду гурӯҳи шартӣ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Судҳои салоҳияташон умумӣ.
2. Судҳои салоҳияташон махсус.

Ба судҳои салоҳияташон умумӣ инҳо дохил мешаванд: Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе, судҳои шаҳрию ноҳиявӣ. Гурӯҳи мазкур аз се звено иборат буда, ҳар як звено воҳиди алоҳидаи маъмурӣ -

территориявӣ ва дар маҷмӯъ тамоми мамлакатро фаро мегирад. Ин судҳо аксари кулли корҳоро баррасӣ менамоянд ва баъзан онҳоро судҳои умумиграждани низ меноманд.

**Суди конститутсионӣ** ба судҳои салоҳияташон махсус мансуб буда, ба низоми ягонаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил аст. Ҳамзамон Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми махсус дорад. Тартиби ташкилшавӣ ва фаъолияти он бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 89) ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1995) муайян карда шудааст. Мутобиқи моддаи 1-и ҳамин Қонуни конститутсионӣ Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҳокимияти судӣ оид ба ҳифзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини волоият ва амали мустақими меъёрҳои Конститутсия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи Конститутсия, ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис ёфтааст.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми судӣ ҷои аввалро ишғол карда, аз 7 судя бо шомилсозии Раис, ҷонишини ӯ ва судяҳо иборат аст, ки онҳоро бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ интихоб менамояд. Яке аз онҳо намояндаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Дар Суди конститутсионӣ парвандаҳо ошкоро баррасӣ мешаванд. Ҳар кас ҳуқуқ дорад дар ҷамъомади судии Суди конститутсионӣ иштирок карда, бо рафти кори он шинос шавад. Мурофиа мубоҳисавӣ буда, тарафҳо ҳангоми пешниҳоди далелҳо ва дархостҳо ҳуқуқҳои баробар доранд.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» доираи субъектҳоеро, ки ҳуқуқи ба Суди конститутсионӣ муроҷиат кардан доранд, муайян менамояд (моддаи 37). Баробари субъектҳои дигар шаҳрвандон низ ҳақ доранд ба Суди конститутсионӣ бар асоси истифодаи қонун ва танҳо баъди баррасӣ шудани шикояташон дар мақомоти дахлдор оид ба масъалаҳои вайрон карда шудани ҳуқуқҳои конститутсионӣ ё манфиатҳои қонуниашон муроҷиат кунанд. Бо ин роҳ онҳо метавонанд ҳуқуқҳои асосии худро ҳифз кунанд.

Сарфи назар аз он ки моддаи 37-и Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин ҳуқуқро ба «шаҳрвандон» мутааллиқ донистааст, аммо истилоҳи мазкур шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабааро низ фаро мегирад. Мутобиқи моддаи 37-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аризаҳои шаҳрвандон танҳо дар суратҳои зерин қабул карда мешаванд:

1. Агар қонуни татбиқшуда ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро вайрон намуда бошад.

2. Агар қонун дар парвандаи мушаххас аллакай татбиқ карда шуда бошад ва аз ҷониби мақомоти дахлдор аллакай баррасӣ шуда бошад.

Бояд дар назар дошт, ки ба Суди конститутсионӣ бо шикоят аз болои санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар моддаи 89-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишондодашуда: қонунҳо, санадҳои ҳуқуқи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, созишномаҳои ҳукми амал пайдонакардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат кардан мумкин аст.

Аз рӯи натиҷаҳои баррасии мурочиати шахс бобати вайрон карда шудани ҳуқуқҳои конститутсионӣ ё озодиҳо суд яке аз чунин қарорҳоро қабул мекунад:

1.Дар бораи ба Конститутсия мутобиқатнадошта ҳисоб кардани қонун ё қисмати он ва аз эътибор соқит донистани он.

2. Дар бораи ба Конститутсия мутобиқатнадошта ҳисоб кардани қонун ё қисмати он.

Дар фаъолияти Суди конститутсионӣ ҳуқуқҳои инсон нақши махсус доранд. Ҳамасола ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ғайриконститутсионӣ будани ин ё он санад даҳҳо шикояту аризаҳо ворид мегарданд. Дар бисёр ҳолатҳо дархостҳо дар бораи мутобиқат накардани онҳо ба Конститутсия аз ҷониби суд қонеъ кунонида мешавад.

**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** зинаи олии судӣ буда, ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, граждании ва маъмурӣ ба фаъолияти судҳои ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, судҳои ҳарбӣ назорат мебарад.

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ парвандаҳоро ба сифати суди зинаҳои якум, дуюм, мувофиқи тартиби назорат ва аз рӯи ҳолатҳои нав муайяншуда баррасӣ менамояд: барои санҷиши конститутсионии қонуни татбиқшуда оид ба парвандаи мушаххас ҳуқуқ дорад ба Суди конститутсионӣ мурочиат намояд; амалияи судиро ҷамъбаст мекунад, ба судҳо оид ба масъалаҳои истифодаи қонунгузории амалкунанда, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои судӣ ба миён меоянд, шарҳу тавзеҳоти роҳбарикунанда медиҳад, дигар ваколатҳои ба вай додаи қонунро ба ҷо меорад.

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Раис, ҷонишини аввали ӯ, ҷонишинон, судяҳо ва машваратчиёни халқӣ, ки онҳоро бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб менамояд, таркиб меёбад.

Дар Суди Олӣ Пленуми Суди Олӣ, раёсати Суди Олӣ, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои гражданий Суди Олӣ, коллегияи судӣ оид ба

парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ ва коллегияи ҳарбӣ ташкил карда мешавад.

**Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятҳо, суди шаҳри Душанбе** аз раис, ҷонишини якум, ҷонишинони раис, судяҳои суд ва машваратчиёни халқӣ иборатанд.

Азбаски судҳои зикргардида судҳои звенои васатианд, парвандаҳоро ҳам чун судҳои моҳиятан зинаи аввал ва ҳам ба сифати зинаи кассатсионию назораткунанда баррасӣ мекунанд.

Ин судҳо ба сифати зинаҳои кассатсионию назораткунанда парвандаҳоеро баррасӣ мекунанд, ки судҳои шаҳриву ноҳиявӣ ба сифати зинаҳои моҳиятан якум баррасӣ кардаанд. Яъне агар даъвогар ё ҷавобгари маҳкумшуда ё ҷабрдида аз рӯи парванда бо қарор ё ҳукми суди ноҳия ё шаҳр розӣ набошад ва аз замони эълон гардидани ҳукмнома 7 рӯз ва қарор 10 рӯз нагузашта бошад, ҳақ дорад, ки бо шикоят ба Суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе мурочиат кунад. Суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе дар навбати худ вазифадоранд, ки шикоятро қабул карда, дар мӯҳлати на бештар аз як моҳ онро баррасӣ намоянд.

**Судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ** звенои асосии низоми судии мамлакатро ташкил медиҳанд. Дар ҳамаи шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳои шаҳрию ноҳиявӣ таъсис дода шудаанд.

Судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ парвандаҳои гражданӣ, ҷиноятӣ ва маъмуриро моҳиятан баррасӣ мекунанд. Ба онҳо баррасии ҳамаи парвандаҳо, ба истиснои парвандаҳое, ки барои баррасиашон судҳои болоӣ ваколатдоранд, мумкин аст. Судя аз рӯи натиҷаҳои баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ҳукм ва парвандаҳои ғражданӣ қарор мебарорад. Кори тамоми низоми судӣ аз сифати кори судяҳои ин звено вобаста аст.

Ба судҳои шаҳриву ноҳиявӣ оид ба ҳамаи масъалаҳо мурочиат кардан мумкин аст. Масалан, одам техникаи маишии рӯзгор харид ва он зуд аз кор баромад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон» харидор ҳақ дорад иваз кардани чизи вайрон ва дар сурати набудани ҳамон хел чиз баргардондани маблағи додаашро талаб кунад. Дар сурати қонеъ гардонда нашудани талаботи харидор вай ҳақ дорад ба суд мурочиат кунад, суд бошад, дар навбати худ вазифадор аст, ки аризаро моҳиятан пурра, объективӣ ва беғаразона баррасӣ карда, аз рӯи натиҷаҳои он қарор қабул намояд. Ё шаҳрванд бо қарори қабулкардаи сардухтури стансияи санитарию эпидемиологӣ розӣ нест. Дар ин маврид ҳам ӯ ҳақ дорад барои муайян кардани дурустӣ ё нодурустии қарори сардухтур ба суд мурочиат кунад. Садҳо чунин мисолҳоро, ки предмети баррасӣ дар суд мебошанд, овардан мумкин аст.

**Судҳои иқтисодӣ**. Низоми судҳои иқтисодии мамлакат, ки судҳои салоҳияташон махсус мебошанд, аз Суди Олии иқтисодӣ, судҳои иқтисодии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе иборат аст.

Судҳои иқтисодӣ баҳсҳои хоҷагиро баррасӣ мекунанд. Моҳияти парвандаҳои мазкур баҳсҳои байни субъектҳои хоҷагидор аст. Инҳо беш аз ҳама баҳсҳои байни корхонаҳо ва ташкилотҳо мебошанд. Аммо бо ба назари эътибор гирифтани мақоми моликияти хусусӣ шаҳрвандон низ дар ин кор чун тарафҳо баромад мекунанд. Соҳибкорони инфиродӣ низ метавонанд дар суди иқтисодӣ ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя кунанд.

Судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори ҳифзи кафолатҳо (озодиҳои иқтисодӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳамаи шаклҳои моликият) ва ҳуқуқҳои иқтисодӣ (ҳуқуқи моликият ва талофии зарар), ки дар моддаҳои 12, 32-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, нақши муҳим мебозанд.

Масалан, комбинати консервбарории «Себи сурх» ба хоҷагии деҳқонии «Азим» маблағро сари вақт напардохт. Ба ин васила ба хоҷагии деҳқонӣ, ки моликияти хусусӣ аст, зарар расонида шуд. Хоҷагии деҳқонии «Азим» ҳуқуқ дорад, ба суди иқтисодии вилоят бо талаби ситондани маблағ ва таллофӣ кардани зарари расонидашуда муроҷиат кунад ва ба ҳамин васила тавассути суди иқтисодӣ ҳуқуқи конститутсионии худро ҳифз намояд.

**Судҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон** ба низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, чун судҳои салоҳияташон махсус адолати судиро дар ҳамаи қисмҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданй назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти идоракунии ҳарбӣ ва дигар қисмҳои ҳарбӣ ба амал мебарорад.

Судҳои ҳарбӣ дар ҳайати Қувваҳои Муссалаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи принсипи территориявӣ оид ба маҳали ҷойгиршавии гарнизонҳо ташкил гардида, аз судҳои ҳарбии гарнизонҳо ва коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиб меёбанд.

Фаъолияти судҳои ҳарбӣ ба ҳимояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ, шаҳрвандони дар ҷамъомадҳои ҳарбӣ иштирокдошта ва дигар шаҳрвандон ва манфиатҳои қонунии қисмҳо, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои ҳарбӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

Судҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи категорияҳои парвандаҳои ҷиноятии марбут ба хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ӯҳдадориҳои ҳарбӣ дошта ва ё бо иштироки онҳо ба амаломадаро баррасӣ мекунанд.

Ба судҳои ҳарбӣ корҳои марбут ба Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин парвандаҳое, ки хизматчиёни ҳарбӣ дар он ба

сифати тараф (ҳо) баромад мекунанд, тобеанд. Судҳои ҳарбӣ ҳамчунин парвандаҳоро аз рӯи шикоятҳои хизматчиёни ҳарбӣ аз болои қарорҳо ва фармонҳои мақомоти идоракунии ҳарбӣ, ки ҳуқуқҳо ва озодиҳои конститутсионии онҳоро вайрон мекунанд, баррасӣ менамоянд.

Ба ин тариқ, низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз судҳои салоҳиятҳояшон умумӣ ва махсус иборат буда, ҳар кадоме аз онҳо дар кори ҳифзи ҳуқуқҳои инсон нақши муҳим доранд.

**3. АДОЛАТИ СУДӢ. ВАЗИФАИ АСОСИИ МАҚОМОТИ СУДӢ ДАР АМАЛИСОЗИИ АДОЛАТИ СУДӢ.** Моддаи 2-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар кардааст, ки ҳокимияти судӣ танҳо ба судҳо мутааллиқ аст ва ягон мақомот ё шахси дигар ҳақ надорад, ки ба зиммаи худ вазифаи амалисозии адолати судиро бигирад. Яке аз фарқиятҳои асосӣ,ки субъекти адолати судӣ танҳо суд аст ва дигар ягон мақомоте онро иваз карда наметавонад, аз ҳамин ҷост. Вобаста ба он ки ҳокимияти судӣ рукни гуногуннавъии ҳокимияти давлатист, пас адолати судӣ ҳамчун як навъи фаъолияти давлатӣ баромад мекунад.

Дигар аломати адолати судӣ тартиби махсуси мурофиавии амалишавии он мебошад. Яъне парвандаҳои гуногун (ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ, хоҷагӣ ва конститутсионӣ) мувофиқи тартиботи муқарраркардаи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1995), Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ (1961), Кодекси мурофиаи гражданӣ (1961), Кодекси мурофиаи хоҷагӣ (1998), Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ (1985) баррасӣ мешаванд. Ин тартиби мурофиавӣ имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳо ва манфиатҳои ашхоси ба мурофиаи судӣ ҷалбшуда таъмин карда шаванд.

Адолати судӣ танҳо мувофиқи тартиботи муқарраргардидаи мурофиавӣ амалӣ мегардад ва вайрон кардани он маънии адолати судиро зери шубҳа мегузорад. Суд ҳангоми баррасии парвандаи мушаххас меъёрҳои гуногуни ҳуқуқро истифода мекунад ва ба фикри ягона омада, қарори дахлдор қабул менамояд. Бинобар ин адолати судӣ қарори боадолатонаи ба қонун асосёфтаи суд мебошад.

Бо дар назардошти андешаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки **адолати судӣ яке аз вазифаҳои махсуси давлат буда, дар ин самт дар мурофиаи судӣ парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ, хоҷагӣ ва конститутсионӣ баррасӣ шуда, дар асоси Конститутсия ва қонунҳо қарорҳо қабул мегарданд. Натиҷаи он қабули қароре мегардад, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардида нигаронида шуда, иҷрои он ҳатмист.**

**4. ПРИНСИПҲОИ АДОЛАТИ СУДӢ.** Адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қоидаҳои умумиҳуқуқие ба амал бароварда мешавад, ки моҳияти демократии ташкил ва фаъолияти судиро ифода менамояд.

Ин қоидаҳои умумиинсонӣ принсипҳои адолати судӣ мебошанд. Принсипҳои адолати судӣ тӯли замонҳои дароз роҳи барқароршавии худро паймуда, дар ин байн фаъолияти суд ва рушди ҳаёти ҷамъиятӣ дар шуури ҷамъиятӣ бартарӣ ҳосил кардани арзишҳои умумибашариро такмил бахшидаанд. Ин принсипҳо дар санадҳои дар боло зикргардида таҳким ёфтаанд ва дар тантанаи адолат аҳамияти калонро моликанд.

Принсипҳои адолати судӣ, ки дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ёфтаанд, инҳоянд: конуният (моддаи 10); мустақилияти ҳокимияти судӣ (моддаҳои 9,84); амалишавии адолати судӣ ҳангоми баробарҳуқуқии ҳама дар назди қонун ва суд (моддаи 17); таъмини ҳуқуқҳои инсон ба кафолати ҳифзи судӣ (моддаи 19); кафолатҳои ёрии ҳуқуқӣ ҳанғоми амалишавии адолати судӣ (моддаҳои 19,92); фарзияи бегуноҳӣ (моддаи 20); мустақилияти судяҳо ва тобеияти онҳо танҳо ба Конститутсия ва қонунҳо (моддаи 87); баррасии танҳо ва дастаҷамъонаи парвандаҳо (моддаи 88); амалисозии адолати судӣ бар асоси мубоҳиса ва баробарии тарафҳо (моддаи 88); ошкоро будани мурофиаи судӣ (моддаи 88); забони мурофиаи судӣ (моддаи 88).

Адолати судӣ аз рӯи ҳамаи категорияҳои парвандаҳо (гражданӣ, ҷиноятӣ, хоҷагӣ ва конститутсионӣ) бояд дар асоси принсипҳои зикршуда амалӣ гардад. Дар сурати риоя нашудани яке аз принсипҳо ҳукм ё қарори суд ғайриқонунӣ ҳисобида, он аз ҷониби суди болоии зинаи дуюми бекор карда мешавад.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *ҳокимияти судӣ, низоми судӣ, мурофиаи судӣ, судҳои салоҳияташон умумӣ ва махсус, Суди конститутсионӣ, суди иқтисодӣ, суди ҳарбӣ, адолати судӣ, принсипҳои адолати судӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо**

*1. Ҳокимияти судӣ чист ва аломатҳои он чигунаанд?*

*2. Зери истилоҳи «мурофиаи судӣ» чӣ фаҳмида мешавад?*

*3. Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом судҳоро фаро мегирад?*

*4. Ҳайат ва салоҳиятҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кунед.*

*5. Ҳайат ва салоҳиятҳои судҳои вилоятиро номбар кунед.*

*6. Ҳайат ва салоҳияти судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявиро номбар кунед.*

*7. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳои дигар (конститутсионӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ) барои чӣ таъсис дода шудаанд?*

*8. Шахс ба Суди конститутсионӣ бо кадом масъала муроҷиат карда метавонад?*

*9. Кадом шартҳои қабули аризаи шаҳрвандон аз ҷониби Суди конститутсионӣ мавҷуданд?*

*10. Аломатҳои адолати судӣ ва принсипҳои онро номбар кунед.*

*11. Шаҳрванд Қодиров В.С. бо мақсади харидани трактор аз шаҳрванд Шарифов Р.И. 2 ҳазор сомонӣ қарз пурсид ва ваъда дод, ки баъди вақти муайяне қарзро бармегардонад. Қодиров В.С. пулро гирифта, ба Шарифов Р.И. дар ин хусус забонхат дод. Вақти ваъдагӣ анҷом ёфт, вале Қодиров В.С. пулро ба Шарифов Р.И. барнагардонд. Қодиров В.С. аз Шарифов Р.И. қарзашро пурсид. Вале Шарифов Р.И. гуфт, ки феълан пул надорад, ҳамин ки ҳосилро ғундошта, пул пайдо мекунад, қарзро бармегардонад. Ин далел Шарифов Р.И.-ро қонеъ насохт. Аз рӯи ин баҳс Шарифов Р.И. ба кадом суд муроҷиат карда метавонад?*

*12. Парвандаи ҷиноятиро нисбати хизматчии ҳарбӣ кадом суд баррасӣ мекунад?*

## §59. МЕХАНИЗМҲОИ МАЪМУРИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

**1. ИНСТИТУТҲОИ ДАВЛАТИИ ҒАЙРИСУДИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ВА МАХСУСИТЯҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО.** Дар амалисозии эҳтирому риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон баробари ҳокимияти судӣ дигар мақомот ва муассисаҳо, созмонҳо ва шахсони мансабдор низ фаъолият мебаранд. Нақш ва шакли фаъолияти ҳар кадоме аз ин мақомот аз доираҳои ҳуқуқӣ вобастаанд. Ин механизми ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро баъзан «механизми маъмурӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон» низ меноманд. Мо мавзӯи мазкурро зери унвони институти давлатии ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон меомӯзем. Ин ҷо мо мақомотеро фаро мегирем, ки маъмурӣ нестанду аммо институтҳои давлатӣ мебошанд ва дар баробари вазифаҳои асосиашон бо ҳифзи ҳуқуқҳои инсон низ машғул мешаванд. Масалан, комитети Маҷлиси миллӣ, комитети Маҷлиси намояндагон, адвокатура, прокуратура мақомоти маъмурӣ набуда, институтҳои давлатӣ мебошанд ва ҳамчунин бо ҳифзи ҳуқуқҳои инсон машғуланд. Аз ин рӯ, омӯзиши онҳо дар доираи мақомоти маъмурӣ чандон дуруст нест.

Шаклҳо ва навъҳои фаъолияти давлатӣ басо вусъатнок буда, аз қонунэҷодкунӣ, иқтисоддорию созмондиҳӣ, фарҳанг ва тарбия, мудофиа ва амният, ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимояи тартиботи ҷамъиятӣ иборатанд. Ҳар кадоме аз вазифаҳои номбаршуда аз ҷониби мақомоти дахлдор ба хотири таъмини талаботи инсон, манфиатҳои ҷамъият ва давлат амалӣ мегарданд.

Вазифаи таъмини шароитҳои шоистаи зиндагӣ, риояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон матлаби ғамхории давлат дар симои мақомоти он аст. Мақомоти давлатӣ вазифаҳои соҳавии худро иҷро карда истода ҳамзамон вазифадоранд, ки ҳуқуқҳои инсонро на танҳо риоя кунанд, балки дар ҳолатҳои зарурӣ ҳифз кунанд. Аз иҷрои ин вазифа мутобиқи талаботи моддаи 10-и Конститутсия касе озод нест. Аммо мақомот ва

муассисаҳое ҳастанд, ки ҳифзи ҳуқуқҳои инсон вазифаи асосиашон мебошад.

Боз як хусусияти институтҳои давлатии ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқи инсон ин аст, ки фаъолияти онҳо дар муқоиса бо ҳифзи судӣ характери нисбатан динамикӣ, яъне фаъол дорад. Яъне агар ҳокимияти судӣ механизми ҳимояро танҳо ҳангоми гирифтани шикоятҳо ба амал барорад, мақомоти маъмурӣ метавонанд бо ташаббуси худ ҳодисаҳои ҳуқуқвайронкуниро муқаррар карда, барои барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда чораҳои пуртаъсир бинанд.

Дуюм, агар суд аризаро мувофиқи тартиботи муқарраркардаи кодексҳои мурофиавӣ баррасӣ намояд, мақомоти маъмурӣ онро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон», ки 11 декабри соли 1996 қабул гардидааст ва дигар қонунҳои соҳавӣ баррасӣ мекунанд. Қонуни зикршуда дар кори батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ бобати овардани арзу шикоятҳо ва тартиби баррасии онҳо аз ҷониби шахсони мансабдор нақши калон мебозад. Дар ин қонун мафҳуму мундариҷаи **пешниҳодот, аризаҳо ва шикоятҳо** кушода дода шуда, шахсони мутасаддии баррасию ҳалли онҳо муқаррар гардидаанд, мӯҳлатҳои баррасӣ, огоҳсозӣ аз натиҷаҳои баррасии муроҷиатҳо муайян шудаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» 2 сентябри соли 1998 таҳти №345 Дастурамали коргузорӣ бо муроҷиатҳои шаҳрвандонро қабул кардааст. Ин дастурамал тартиби қабул ва ҳалли муроҷиатҳои шаҳрвандонро танзим мекунад.

**2. ПРЕЗИДЕНТ – ҲОМИИ КОНСТИТУТСИЯ ВА ҚОНУНҲО, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД.** Мақом, вазъи ҳуқуқӣ ва нақши Президентро дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷомеа боби 4-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст.

Мутобиқи моддаи 64-и Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст.

Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Мундариҷаи ин моддаи Конститутсия васеъ аст. Аввалан, дар ин модда қайд гардидааст, ки Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо аст. Яъне Президент шахсест, ки ҳифзи Конститутсия ва қонунҳоро кафолат медиҳад. Президент на танҳо шахси муқаррарӣ, ӯ институт, мансаби олии давлатӣ мебошад. Вай соҳиби ҳокимияти ҳифзкунандаи муқаррароти Конститутсия ва қонунҳоест, ки дар онҳо ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон таҳким бахшида шудаанд. Сониян, Президент ҳомии ҳуқуқҳо ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд аст. Ин вазифаро Президент бо роҳу воситаҳои гуногун ба ҷо меорад. Аз як тараф, вай бевосита бо одамон вомехӯрад, шикояту дархостҳои онҳоро гӯш мекунад ва барои

бартарафсозии ҳуқуқвайронкуниҳо ва барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда чораҳои мушаххас меандешад. Чораҳое, ки Президент мебинад, фаврӣ ва самараноканд. Масалан, ҷавобан ба муроҷиати сокинони минтақаи Рашт бобати нокифоягии таъмини ҳуқуқҳои онҳо ба иттилоот дар минтақаи Рашт дар муддати кӯтоҳтарин маркази пахши барномаҳои телевизионӣ сохта ба истифода дода шуд.

Аз тарафи дигар, Президент мақомоти гуногуни давлатӣ таъсис дода, онҳоро вазифадор менамояд, ки дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон пурсамар ва бонизом фаъолият намоянд.

Президенти мамлакат барои ҳимояи Конститутсия ва қонунҳои мамлакат, ки бояд ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳифз намоянд, механизмҳои худро ба кор мебарад. Аз ҷумла ӯ Дастгоҳи иҷроияи Президент ва Ҳукуматро ташкил кардааст, ки дар онҳо сохторҳои гуногун барои амалишавии меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо фаъолият мекунанд. Масалан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони худ аз 25.02.2002 Низомномаро дар бораи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст. Тибқи банди 2-и он Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти давлатии таъминкунандаи фаъолияти Президент ва Ҳукумати Тоҷикистон мебошад. Дар банди 10-и Низомномаи мазкур қайд шудааст, ки вазифаи асосии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани шароитҳо ба Президент баҳри аз ҷониби ӯ иҷро шудани вазифаҳои ҳомии Конститутсия ва қонунҳои мамлакат, ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили ваҳдати миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзии мамлакат, пойдории давлат ва мӯътадил амал кардани мақомоти давлатӣ аст.

**3. РАЁСАТИ КАФОЛАТҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚҲОИ ШАҲРВАНДОНИ ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.** Дастгоҳи иҷроияи Президент аз якчанд воҳидҳои сохторӣ иборат аст. Байни онҳо сохторҳое ҳастанд, ки вазифаи асосиашон машғул шудан бо масъалаҳои ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Чунин сохтор раёсати кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқҳои шаҳрвандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Раёсат дар асоси Низомномаи бо Амри Президент аз 17.02.1998 тасдиқшуда фаъолият мекунад.

Мутобиқи Низомномаи мазкур вазифаҳои раёсат аз инҳо иборат аст:

1. Таъмини фаъолияти Президент ва Ҳукумати Тоҷикистон оид ба амалисозии назорат ба ҳолати риояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд;
2. Таъмини фаъолияти Президент ва Ҳукумати Тоҷикистон бобати барқарорсозии ҳуқуқҳо ва озодиҳои вайронкардашудаи конститутсионии инсон ва шаҳрванд;

3. Иштирок дар амалисозии сиёсати Сарвари давлат дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ва масъалаҳои дигар.

Бо мақсади иҷрои вазифаҳои дар боло қайдшуда Раёсати кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқҳои шаҳрвандони Дастгоҳи иҷроияи Президент функсияҳои зеринро ба ҷо меорад:

4. Ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, корхонаҳо ва муассисаҳо ва шахсони мансабдор оид ба таъмин намудани кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд назорат мебарад;
5. Баррасии саривақтии шикоятҳо ва аризаҳои шаҳрвандонро аз ҷониби Дастгоҳи иҷроияи Президент ва дигар мақомоти иҷроия таъмин мекунад;
6. Қабули шахсии шаҳрвандонро аз ҷониби Президент ва Дастгоҳи ӯ ташкил мекунад;
7. Ҳисоботи ашхоси масъули вазоратҳо ва идораҳоро оид ба таъмин намудани кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мешунавад.

**4. КОМИССИЯИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ТАЪМИН НАМУДАНИ ИҶРОИ ӮҲДАДОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.** Ҳукумати мамлакат бо мақсади таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз 4 марти соли 2002 қарор кард, ки дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи оид ба таъмини намудани иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон таъсис диҳад. Комиссияи мазкур мақомоти байниидоравии машваратӣ маҳсуб шуда, кори худро дар асоси низомнома ба ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳо ва идораҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо оид ба таъмини ҳамоҳангсозии (имплементатсияи) иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон равона намудааст.

Вазифаи асосии Комиссия таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон аст. Комиссия функсияҳои гуногунро ба ҷо оварда, ҳуқуқ дорад ба мақомоти манфиатдор супориш диҳад, ки иҷрои ӯҳдадориҳоро дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои вайронкардашуда таъмин намоянд, дар бораи иҷрои ин корҳо ҳисобот шунавад.

**5. КУМИТАИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҚОНУНИЯТИ КОНСТИТУТСИОНӢ, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН.** Фаъолияти комитет қисми муҳими кори Маҷлиси намояндагон аст. Мутобиқи моддаи 22-и

Тартиби (регламенти) кори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти кумитаи мазкур баррасии масъалаҳое мебошад, ки бо ҳуқуқи инсон зич алоқаманданд. Масалан, таҳияи тафсири Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, тайёр кардани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд фаъолияти соҳавии кумита маҳсуб мешавад.

Кумита на танҳо бо қонунэҷодкунӣ, балки бо ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо низ машғул мешавад. Кумита ҳамасола ҳазорҳо арзу шикоят мегирад, ки ба масъалаҳои вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳо марбутанд. Ин муроҷиатҳои шаҳрвандон дар кумита мавриди баррасиҳо қарор мегиранд. Баъдан онҳо ба вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор барои иҷро интиқол гардида, ба рафти иҷрояшон назорат бурда мешавад.

**6. КУМИТА ОИД БА ТАЪМИНИ АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ВА ҚОНУНИЯТИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.** Кумитаи мазкур 17 апрели соли 2000 бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати 7 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ ташкил ёфтааст. Кумита ҳангоми омӯзиш ва баррасии қонунҳо онҳоро аз нигоҳи асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният арзёбӣ карда, дар иҷлосияҳо аз номи кумита хулосаҳо иброз медорад. Дар ҳолате, ки қонун ба талаботи асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният ҷавобгӯй аст, кумита ба он хулосаи мусбат медиҳад. Дар ҳолати акс қонунҳои вайронкунандаи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ба Маҷлиси намояндагон баргардонда мешавад. Ба Маҷлиси намояндагон баргардондани қонуни ғайриҳуқуқӣ усули ҳифзи ҳуқуқи инсон мебошад.

Усули дигари ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мусоидаткунанда ба ҷамъомадҳои кумита даъват кардани шахсони мансабдори мутасаддии риояи ҳуқуқҳои инсон мебошад. Масалан, мутобиқи моддаи 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олӣ» (19.04.2000) кумитаи номбурда ҳуқуқ дорад дар назди Шӯрои Маҷлиси миллӣ дар бораи шунидани ҳисоботи Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосия оид ба риояи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон ва шаҳрванд масъала гузорад, ё аз раисони ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе талаб кунад, ки дар бораи ҳолати риояи Конститутсия ва қонунҳо дар иҷлосия ҳисобот диҳанд.

Усули дигари амалисозии фаъолияти кумита қабули муроҷиатҳои шаҳрвандон аст. Кумита оид ба вайрон кардани ҳуқуқҳои конститутсионӣ масъалаҳо муҳокима карда, ин муроҷиатҳоро ба мақомоти салоҳиятдор мефиристад ва рафти иҷрои саривақтии онҳоро назорат мекунад.

**7. ПРОКУРАТУРА.** Прокуратура мақомоти давлатӣ аст ва бинобар ин мо онро ба механизмҳои давлатии ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқи инсон мансуб медонем.

Мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни)Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияи асосии прокуратура назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (моддаи 93).

Прокуратура мақомоти ягона ва марказиест, ки ба он Прокурори Генералӣ сарварӣ мекунад. Прокурори Генералӣ ба Маҷлиси миллӣ ва Президент ҳисоботдиҳанда аст.

Тартиби ташкил ва фаъолият, сохтор ва салоҳияти прокуратура бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 25 июли соли 2005 қабул шудааст, танзим мешавад.

Мақсади амалисозии назорат барои риояи дақиқ ва якхелаи қонунҳо ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва шахсӣ мебошад. Моддаи 4-и Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифаи мақомоти прокуратураро чун таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ муайян кардааст, ки мақсад аз онҳо ҳифзи:

1) истиқлолият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2) ҳуқуқҳо ва озодиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқҳои дигари инсон ва шаҳрванд;
3) асосҳои сохти демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятию динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои гайриҳукуматӣ мебошад.

Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки нақши прокуратура дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бебаҳост.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, мақомоти идоракунии ҳарбӣ, мақомоти назоратӣ, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шаклҳои моликият, шахсони мансабдори онҳо мебошад.

Байни самтҳои фаъолияти мақомоти прокуратура назорати риояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд асосист. Прокурор ҳангоми иҷрои вазифаҳо дар самтҳои гуногун бо масъалаҳои ҳуқуқҳои инсон дучор меояд, чун объектҳои назорат бо одамон вобастаанд, прокурор назоратро амалӣ гардонда истода, дараҷаи риояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муқаррар менамояд. Ба масъалаҳои таҳкимбахшии назорати прокурорӣ ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд Прокурори генералӣ борҳо таваҷҷӯҳро ҷалб намуда, якчанд дастур ба

нашр расондааст, ки дар онҳо аз прокурорҳои тобеъ дар сатҳи зарурӣ ва бо камоли масъулиятшиносӣ ба роҳ мондани ин кор талаб карда мешавад.

Дар самти назорати риояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд прокурор кори худро бо методҳои гуногун амалӣ месозад.

Аввалан, ӯ бо ташаббуси худ дар доираи нақшаи кор корхонаҳо ва муассисаҳо, ташкилотҳо ва мақомоти давлатиро санҷида, қонуншиканиҳоеро ошкор месозад, ки дар рафти онҳо ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд низ халал дидаанд. Дар чунин ҳолатҳо прокурор вазифадор аст, ки ҳолати воқеиро муқаррар созад ва барои барқарорсозии ҳуқуқҳои вайронкардашуда чораҳо бинад. Яъне ӯ вобаста ба характери ҳуқуқи вайронкардашуда яке аз санадҳои таъсиррасонии прокуроририро (эътироз, пешниҳодот, қарор, амр) иншо мекунад ва барои иҷро кардан мефиристад.

Сониян, дар бисёр ҳолатҳо аз амалҳо ва ё қарорҳои шахси мансабдори ҳокимияти маҳаллӣ ё ташкилоту идораҳо ба шаҳрвандон зарар расонида мешавад. Масалан, одам аз вазифааш ғайриқонунӣ сабукдӯш карда шудааст, ё ӯро умуман аз кор ҷавоб дода, бо ҳамин ҳуқуқи конститутсиониашро ба меҳнат вайрон кардаанд. Агар ин шахс ба прокуратура муроҷиат кунад ва прокурор дар ин қарор нишонаҳои ғайриқонунӣ аз кор озод карданро мушоҳида намояд, вай ба қарори роҳбари корхона эътироз баён месозад. Дар ин сурат дар мӯҳлати 10 шабонарӯз аз тарафи шахси мансабдор оид ба бартарафсозии ҳуқуқвайронкунӣ ва сабабу шароитҳои ба он мусоидаткарда бояд қарори дахлдор қабул карда, оид ба натиҷаҳо ба таври хаттӣ ба прокурор хабар дода шавад.

Сеюм, прокурор ҳангоми амалӣ гардонидани назорат ба фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқу тафтишоти пешакӣ кӯшиш мекунад, ки ба вайрон кардани ҳуқуқҳои инсон роҳ дода нашавад, аммо дар мавриди мавҷудияти чунин таҳдид баҳри роҳ надодан ба он тадбирҳо меандешад. Бинобар ин қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ назорати прокуроририро ҳамчун кафолати риояи ҳуқуқҳои инсон мепазиранд. Масалан, ҳангоми фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ бе рухсати прокурор гузаронидани чораҳои вайронкунандаи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ба махфияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муошират, дахлнопазирии манзил, ба истиснои ҳолатҳое, ки ба таъхир гузоштанашон имконнопазир аст, мумкин нест. Ё худ ҳангоми таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ прокурор асоснокӣ ва қонунӣ будани боздошту дар маҳкама нигоҳ доштанро бо мақсади роҳ надодан ба вайронкунии озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ месанҷад ва танҳо дар сурати риояи тартиботу мавҷудияти асоси боэътимод барои ҳабси пешакӣ иҷозат медиҳад.

Прокурор ҳамчунин барои боздошт дар ҷои қабулу тақсимкунӣ,

муқаррар кардани назорат ба рафтори ашхоси аз ҷазо озодкардашуда, ҳабси амвол, ки бо кафолатҳои ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон марбутанд, иҷозат медиҳад. Прокурор вазифадор аст, ки ашхоси нодуруст боздоштшуда, ҳамчунин дар ҷойҳои нигоҳдории муваққатӣ ва ҷойҳои тафтишоти қаблӣ нодуруст нигоҳдошташавандаро озод кунад.

**8. АДВОКАТУРА.** Адвокатура байни дигар мақомоти давлатӣ, ки фаъолияташон ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд нигаронида шудааст, мақоми махсус дорад ва барои вай расонидани ёрии ҳуқуқӣ вазифаи ягонаест, ки Конститутсия муайян кардааст.

Моддаҳои 19 ва 92-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳҳои **адвокат ва адвокатураро** таҳким бахшида, вазифаҳои онҳоро бо боздошту ҳабси пешакӣ, тафтишот ва баррасии судии парванда вобаста медонад. Агар Конститутсия мавҷудияти адвокатураро пеш аз ҳама бо мурофиаҳои ҷиноятӣ вобаста шуморад, вай ҳамзамон мурофиаҳои гражданӣ, маъмурӣ, хоҷагӣ ва конститутсиониро низ дар назар дорад.

Дар асоси Конститутсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» (4 ноябри соли 1995) қабул шудааст, ки моҳият, ҳадафҳо ва вазифаҳои адвокатура ва шаклҳои ташкили онро муайян мекунад.

Мутобиқи моддаи 1-и ин қонун адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияи мустақили касбиест, ки тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидани ёрии ҳуқуқиро ба ашхоси воқеию ҳуқуқӣ таъмин мекунад. Адвокат ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ашхоси воқеию ҳуқуқиро амалӣ гардонида истода, ғояҳои инсондӯстӣ, адолат ва қонуниятро таҷассум месозад.

Аҳамияти иҷтимоии адвокатура дар расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои миҷозон дар шароити эълон гардидани давлати демократии ҳуқуқбунёд ба маротиб меафзояд. Мураккабии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар давраи ислоҳотҳои ҳуқуқӣ ва барқароршавии принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд қабули теъдоди зиёди санадҳои меъёрию ҳуқуқиро тақозо мекунад ва дар истифодаву татбиқи дурусти онҳо нақши адвокат ҳамчун ҳуқуқшиноси касбӣ басо калон аст.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *институти давлатии ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, Президент – ҳомии Конститутсия ва ҳуқуқҳои инсон, кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқҳои шаҳрванд, прокуратура, адвокатура, ёрии ҳуқуқӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо**

*1. Ба ҷуз ҳифзи судӣ боз кадом усулҳои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мавҷуданд?*

*2. Ҳифзи давлатии ғайрисудии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро кадом мақомот ва шахсони мансабдор ба амал мебароранд?*

*3. Ҳифзи давлатии ғайрисудии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро кадом санадҳои ҳуқуқӣ муайян мекунанд?*

*4. Ҳомии Конститутсия ва ҳуқуқҳои инсон кист ва ин чӣ маънӣ дорад?*

*5. Дар бораи нақши прокуратура дар таъмини риояи ҳуқуқҳои инсон нақл кунед. Вазифаҳои асосии он кадомҳоянд?*

*6. Супориши Президенти мамлакатро дар Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2006) оид ба манъи ҷалб кардани хонандагон ба мавсими ҷамъоварии ҳосили пахта аз нигоҳи риояи ҳуқуқи инсон муҳокима кунед.*

*7. Якчанд қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба назари Шумо дар ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд аҳамияти бештаре доранд, номбар кунед. Кӯшиш кунед, ки онҳоро таҳлил намоед.*

## § 60. МЕХАНИЗМҲОИ ҒАЙРИҲУКУМАТИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

**1. СОЗМОНҲОИ ҒАЙРИҲУКУМАТӢ – ИНСТИТУТИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ.** Механизмҳои ғайриҳукуматии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар баробари механизмҳои судӣ ва ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон нақшу мавқеи ба онҳо хосро доро буда, тавассути созмонҳои ғайриҳукуматӣ амалӣ гардонида мешаванд. Ҷомеаи инсонӣ бо вуҷуди он ки барои ҳалли масъалаҳои идоракунӣ давлату ҳукумат созмон додааст, ба муттаҳидшавии одамон берун аз доираи ҳукумат, ки дар баробари ҳукумат проблемаҳои ҷамъиятиро ба манфиати беҳбуди он ҳал мекунанд, ниёзманд аст. Ин созмонҳо ба таври ихтиёрӣ аз тарафи одамон созмон дода шуда, созмонҳои ғайритиҷоратии пайрави арзишҳои умумибашарӣ мебошанд. Масалан, онҳо проблемаҳои мавҷударо ба давлат ва сохторҳои он маълум сохта, дар меъёрофаринӣ фаъолона ширкат меварзанд, дар назди ҳукумат оид ба проблемаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, экология, тандурустӣ, маориф, фарҳанг масъалагузориҳо мекунанд ва андешидани тадбирҳои мушаххасро талаб менамоянд, мониторинги фаъолияти мақомоти давлатиро гузаронида, дар ин хусус аҳли ҷамъиятро хабардор месозанд.

Баъзе созмонҳои ғайриҳукуматӣ мониторинги иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии ба зимма гирифтаи ҳукуматро амалӣ мегардонанд, Боз баъзе созмонҳои ғайриҳукуматие ҳастанд, ки ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои инсонро вазифаи асосии худ медонанд. Чунин созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар Тоҷикистон бисёранд. Масалан, «Бюрои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳуқуқуҳои инсон ва риояи қонуният», «Ассосиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммаи мустақил», «Ҷавонон ва тамаддун», Маркази таҳлилии машваратӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон», «Маркази рушди инсон ва ҷомеа» ва ғайра.

Созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар мамлакатҳои дорои анъанаҳои демократӣ дар муносибатҳои байни ҷомеа ва давлат воситае буда, ба

беҳшавии ин муносибатҳо мусоидат мекунанд, ҳодисаҳои вайрон кардани ҳуқуқҳои инсонро аз ҷониби давлат пешгирӣ менамоянд. Хушбахтона, дар мамлакати мо бо раванди афзоиши теъдоди созмонҳои ғайриҳукуматӣ мавқеъ ва нақши онҳо низ бобати ба низомдарории муносибатҳои байни ҳокимият ва ҷомеа беш аз пеш вусъат меёбад. Созмонҳои ғайриҳукуматӣ институти ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд. Барқарорӣ ва инкишофи созмонҳои ғайриҳукуматӣ ба пешрафти босуръати ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ба арзишҳое чун эътирофи ҳуқуқҳои инсон, дахлнопазирии онҳо, гуногуншаклии моликият, озодии меҳнат ва соҳибкорӣ, худидоракунӣ ва озодии афкор асос мекунад. Бо ташкилёбии асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди он таъсиррасонии давлат ба инсон камтар мегардад ва вобастагии сахти инсон аз давлат аз байн меравад.

**2. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛЁБӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНҲОИ ҒАЙРИҲУКУМАТӢ.** Асоси ҳуқуқии ташкилёбӣ ва фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (1998) мебошанд. Дар моддаи 28-и Конститутсия омадааст, ки «шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳақ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ дошта, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба он дохил ва аз онҳо хориҷ гардад».

Ин меъёри конститутсионӣ ба шаҳрвандон ҳуқуқ медиҳад, ки дар созмонҳо ва иттиҳодияҳо муттаҳид шаванд. Созмонҳои ғайриҳукуматӣ иттиҳодияи шаҳрвандон ба шумор меравапд ва фаъолияти онҳо бо қонун «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (1998) танзим мегардад.

Шаҳрвандон дар асоси ин қонун бо мақсади дар ҳаёт татбиқ намудани ҳуқуқҳои шахсӣ , иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ва ҳифзи манфиатҳояшон метавонанд бе гирифтани рухсати пешакӣ аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ муттаҳид шаванд (моддаҳои 3,6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»).

Давлат ҳуқуқҳо ва манфиатҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятиро таъмин мекунад ва дар асоси Конститутсия барои иҷрои вазифаҳои оинномавии ин ташкилотҳо шароитҳо фароҳам меорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд созмонҳои ғайриҳукуматии маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ таъсис ёбанд. Онҳо бо ташаббуси муассисонашон-на камтар аз се шаҳрванд таъсис дода мешаванд. Ба ҳайати муассисони иттиҳодияи ҷамъиятӣ баробари шахсони воқеӣ шахсони юридикӣ низ дохил шуда метавонанд (моддаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»).

Созмонҳои мазкур фаъолияташонро мувофиқи оинномаҳои қабулкардаашон, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

қайд гузаронида мешаванд, амалӣ месозанд. Ин созмонҳо баробари дигар субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ вазифадоранд, ки талаботи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро бечунучаро иҷро кунанд. Прокурори Генералӣ ва прокурорҳои тобеи вай ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби ин созмонҳо назорат мебаранд.

Мақомоти бақайдгирӣ низ ба риояи вазифаҳои оинномавӣ аз ҷониби ин ташкилотҳо назорат карда, ҳатто ҳақ доранд, ки аз аъзои созмон оид ба масъалаҳои кори оинномавӣ шарҳу тавзеҳот талаб намоянд.

**3. ВАЗИФАҲОИ СОЗМОНҲОИ ҒАЙРИҲУКУМАТӢ.** Вазифаҳои асосии созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар оинномаҳои онҳо зикр мегарданд. Баъзе аз онҳо вазифаҳои маҳдуди муайян доранд, аммо аксарашон вазифаҳои универсиалие доранд, ки бо ҳифзи ҳуқуқҳои инсон вобастаанд. Онҳо дар раванди қонунэҷодкунӣ ширкат варзида, мониторинги риояи ҳуқуқҳои инсонро мегузаронанд , ба одамони ниёзманд кӯмак мекунанд, бо маърифати ҳуқуқӣ машғул мешаванд, адабиёт ба нашр расонда, конференсия ва семинарҳо мегузаронанд, ҳамкориҳои байналмилалиро амалӣ месозанд.

**4. ШАКЛҲОИ МАЪМУЛИ ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНҲОИ ҒАЙРИ-ҲУКУМАТӢ.** Яке аз навъҳои маъмули фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ расонидани ёрии ройгони ҳуқуқӣ ба табақаҳои ниёзманди аҳолӣ мебошад. Дар ин бобат созмонҳои ғайриҳукуматие чун «Ҳуқуқ ва некӯаҳволӣ», «Маркази таҳлилии машваратӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон» ва ғайра корҳои зиёдеро ба ҷо меоранд. Маҳз бо ёрии созмони ғайриҳукуматии «Ҳуқуқ ва некӯаҳволӣ» бисёр табақаҳои камбизоати аҳолӣ ба ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии худ муваффақ гардидаанд .

Созмони гайриҳукуматии «Маркази таҳқиқоти гендерӣ»тавассути гузаронидани конференсияҳо ва семинарҳои гуногун, ҳамчунин ҷопи китобу брошюраҳо масъалаҳои марбут ба маърифати ҳуқуқии занон ва мардонро ба маълумоти одамон расонида, проблемаҳои оилавиро ҳал мекунад, ба занҳо бо додани маслиҳатҳо ёрмандӣ мекунад.

Имрӯз дар Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирини меҳнатӣ, ки дар Россия мебошанд, бо қатъияти тамом дар миён меистад, чун таъмини ҳуқуқу озодиҳои онҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия як қатор созишномаҳои байниҳукуматӣ ба имзо расониданд, ки ба масъалаҳое чун баробарсозии ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар Россия ва Тоҷикистон, осон кардани тартиби равуо ба ҳар ду мамлакат дахл мекунанд.

Боз як хусусияти ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар Тоҷикистон ин аст, ки онҳо, мутаассифона, қариб маблағгузории дохилидавлатӣ надоранд. Бисёре аз онҳо фаъолияти худро дар асоси грантҳои созмонҳои

байналмилалӣ ва ёриҳои беруна аз дигар давлатҳо амалӣ месозанд. Сохторҳои тиҷоратии мамлакати мо имкониятҳои молиявии ба ин ташкилотҳо кӯмак расонданро алҳол надоранд.

Пешрафти фаъолияти ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ба манфиатҳои бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ созгор аст.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *механизмҳои ғайриҳукуматии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ташкилоти ғайриҳукуматӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ.*

---

**Савол ва супоришҳо**

*1. Кадом механизмҳои ғайриҳукуматии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ба Шумо маълуманд?*

*2. Созмонҳои ғайриҳукуматӣ чист ?*

*3. Кадом созмонҳои ғайриҳукуматии Тоҷикистонро номбар карда метавонед?*

*4. Асосҳои ҳуқуқии таъсисёбӣ ва фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ чигунаанд?*

*5. Вазифаи созмонҳои ғайриҳукуматӣ аз чӣ иборат аст?*

*6. Нақши созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар чӣ зоҳир мешавад?*

# БОБИ 17 МЕХАНИЗМҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

## §61. ТАВСИФИ УМУМИИ НИЗОМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

**1. МЕХАНИЗМҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН: МАХСУСИЯТҲО ВА НАВЪҲО.** Ҳуқуқҳои инсон ва қазияҳои ҳифзӣ он ҳанӯз дар замонҳои қадим таваҷҷӯҳи инсониятро ба худ ҷалб кардаанд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бо гузашти асрҳо тадриҷан барқарор гардида, дар санадҳои қонунгузории сатҳҳои гуногун таҳким ёфтаанд. Ҳуқуқҳои инсон, ҳамчунин ҳифзи онҳо чун проблемаҳои давлатҳои алоҳида пеш аз ҳама дар қонунгузориҳои онҳо таҳким ёфта ва ба танзим дароварда шудаанд. Ҳалли мусбати проблемаи мазкур аз бисёр ҷиҳат бо вазифаҳои иқтисодию сиёсӣ ва мавқее, ки инсон дар низоми арзишҳо дар давлат ишғол менамуд, аз таваҷҷӯҳи давлат ба арзишҳои демократӣ, озодӣ ва риояи ҳуқуқҳои инсон чун симои асосии рушди дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият ва давлат баамалоянда вобаста буд.

Асри XX дар фаҳмишу ҳифзи ҳуқуқҳои инсон саҳми басо бузург

гузошт. Пеш аз ҳама, ҳуқуқи инсон чун категорияи байналмилалӣ пазируфта шуд, номгӯи ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосӣ, ки бояд ҳар як одам соҳиб бошад, муайян гардид, ҳамчунин механизмҳои байналмилалии ҳифз ва назорати риояи ҳуқуқҳои инсон муқаррар гардиданд. Ба ин ҳама вайронкуниҳои оммавии ҳуқуқҳои инсон дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, ваҳшонияти режимҳо, мавҷудияти низоми мустамликадорӣ, табъизи нажодӣ, геносид ва ғайра сабаб гаштанд.

Марҳилаи муҳим дар муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъсиси Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) гардид. Оинномаи СММ аввалин муоҳидаи байналмилалие маҳсуб мешавад, ки ба инкишофи ҳамкории давлатҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон асос гузошт.

Самтҳои асосии фаъолияти СММ дар соҳаи ҳуқуқи инсон инҳоянд:

1.Таҳияи санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон. Ба сифати мисоли чунин санадҳо Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (аз 10 декабри соли 1948), Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (аз 16 декабри соли 1966), Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (аз 16 декабри соли 1966) ва ғайраро номбар кардан мумкин аст;

2.Назорати иҷрои ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаи давлатҳо дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон. Инҳо ташкили мақомоти махсусе мебошанд, ки вазифаашон назорати доимӣ ба риояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон дар ҳудуди ҳамаи давлатҳо, бе ягон истисно, мебошад.

3. Доир кардани машваратҳо оид ба масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои инсон.

СММ ҳамаи функсияҳои худро тавассути мақомоти асосию ёрирасони хеш, ки ба ин ё он андоза бо масъалаҳои ҳуқуқи инсон машгул мешаванд, амалӣ мегардонад. Масъулияти асосӣ барои иҷрои вазифаҳои марбут ба риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ба зиммаи Ассамблеяи Генералӣ гузошта шудааст. Ваколати мақомоти мазкур дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон бо моддаи 13-и Оинномаи СММ муайян гардидааст. Дар он гуфта мешавад: “Ассамблеяи Генералӣ бо мақсади ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, маориф, нигаҳдории тандурустӣ ва кӯмак баҳри амалисозии ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосӣ барои ҳама, сарфи назар аз нажод, ҷинс, забон ва дин, таҳқиқот гузаронида, тавсияҳо медиҳад».

Ассамблеяи Генералӣ омӯзиши ҳолат, эътирофу риояи ҳуқуқҳои инсонро тавассути Шӯрои иқтисодию иҷтимоӣ ва мақомоти ёрирасони он, муассисаҳои махсусгардонидашуда ва Муншии умумии СММ ташкил мекунад. Дар натиҷаи баррасиҳо тавсияҳои дахлдор қабул мегарданд. Онҳо ҳарчанд характери ҳатмӣ надошта бошанд ҳам, бар асоси он ки ба ҷонибдориашон ҳама ё аксари кулли давлатҳои аъзои СММ овоз додаанд, чун ӯҳдадориҳои умумӣ қариб аз ҷониби ҳама иҷро мешаванд.

Мутобиқи Оинномаи СММ (моддаи 22) Ассамблеяи Генералӣ барои иҷрои вазифаҳои худ ба андозаи зарурат мақомоти гуногуни ёрирасон таъсис медиҳад.

Тахти сарварии Ассамблеяи Генералӣ бо масъалаҳои ҳуқуқҳои инсон Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ машгул мешавад. Он соли 1946 Комиссияи оид ба ҳуқуқҳои инсонро ташкил дод, ки ба доираи вазифаҳояш аз ҷумла омӯзиши васеи вазъияти ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва тайёр кардани пешниҳодоту маърӯзаҳо дар ин хусус ба Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дохил мешавад.

Ассамблеяи Генералӣ дар иҷосияи 48-уми худ 20 декабри соли 1993 Резолютсияи № 48/141-ро дар бораи таъсис додани мансаби Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон қабул кард, ки вазифаи вай ҳамоҳангсозии тамоми фаъолияти СММ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон, андешидани тадбирҳои дахлдори афзункунандаи самаранокӣ дар ин соҳа мебошад.

Бо қазияҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчунин дигар мақомоти СММ, аз ҷумла идораи Комиссари Олии СММ оид ба корҳои гурезаҳо, Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), Барномаи СММ оид ба муҳити зист (ЮНЕП), ҳамчунин муассисаҳои махсусгардонидашудаи СММ-Ташкилоти байналхалқии меҳнат, ЮНЕСКО, Ташкилоти умумиҷаҳонии нигаҳдории тандурустӣ ва ғайра машғуланд.

**Механизмҳои минтақавии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон**. Баробари механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон механизмҳои минтақавӣ низ амал мекунанд, ки САҲА, ИДМ ва ғайра аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

**Созмони амниягу ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА)** қаблан Машварат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо номида мешуд. Вай бар асоси Ҳуҷҷати хотимавии Хелсинки 1 августи соли 1975 ташкил ёфта, яке аз самтҳои фаъолияташ эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ мебошад. Дар ин ҳуҷҷат қайд шудааст, ки давлатҳои иштирокдор ҳуқуқҳо ва озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайраро дастгирӣ мекунанд, инкишоф медиҳанд ва дар ҳаёт пурсамар татбиқ менамоянд. Давлатҳои иштирокдор озодии шахсиятро бобати ибодат овардан ба дин ё эътиқод бо ҳидояти виҷдони худ эътироф ва эҳтиром мекунанд; ҳуқуқҳои ақаллиятҳо, баробарии онҳоро дар нақди қонун эҳтиром мекунанд, ба онҳо имконият фароҳам меоваранд, ки аз ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ истифода кунанд ва гайра. Ба сурати умум қисмати VII-и Ҳуҷҷати хотимавӣ пурра ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон бахшида шудааст.

Дар асоси қарори мулоқоти Будапешт аз 1 январи соли 1995 Машварат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ба Созмони амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо табдил дода шуд ва мутобиқан ба ин салоҳияти мақомоти он васеъ гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи САҲА мебошад ва дар мамлакати мо намояндагии нозирони САҲА фаъолият мекунад.

**Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.** 8 декабри соли 1991 роҳбарони се давлат – Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белорус ва Украина Созишномаро дар бораи таъсис додани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба ҷои ИҶШС ба имзо расонданд. Баъдан роҳбарони 11 ҷумҳурии собиқ иттиҳод, аз ҷумла Тоҷикистон, 21 декабри соли 1991 Протоколро ба созишномаи зикргардида имзо карданд. 9 декабри соли 1993 ба ИДМ Ҷумҳурии Гурҷистон низ ҳамроҳ шуд. 22 январи соли 1993 Оинномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қабул карда шуд, ки ба принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи байналмилалӣ, муқаррароти Оинномаи СММ ва Ҳуҷҷати хотимавии САҲА асос мекунад.

Мутобиқи моддаи 2-и Оинномаи ИДМ яке аз ҳадафҳои асосии ИДМ «таъмини ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон мутобиқи принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуҷҷатҳои САҲА», ҳамчунин кӯмак кардан ба шаҳрвандони ИДМ баҳри озодона ҳаракат ва муошират кардан мебошад.

Низоми мақомоти ИДМ аз ду навъ иборат аст: 1) Мақомоти оинномавӣ. 2) Мақомоти дигар.

Ба мақомоти оинномавӣ Шӯрои сарони давлатҳо, Шӯрои сарони ҳукуматҳо, Кумитаи ҳамоҳангсозию машваратӣ, Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ, Шӯрои вазирони мудофиа, Шӯрои фармондеҳони қӯшунҳои сарҳадӣ, Суди иқтисодӣ, Комиссияи оид ба ҳуқуқҳои инсон дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи дуюм мақомоте дохил мешаванд, ки дар асоси созишномаҳо ё мутобиқи қарори Шӯрои сарони давлатҳо ё Шӯрои сарони ҳукуматҳо таъсис ёфтаанд. Инҳо Котиботи иҷроия, Шӯрои сарони идораҳои берунии иқтисодӣ, Шӯрои байнидавлатӣ оид ба сиёсати зиддимонополӣ, Шӯрои байнидавлатӣ оид ба вазъиятҳои характери табиӣ ва технологӣ дошта ва ғайра мебошанд.

Ҳар як давлати иштирокдор, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар назди мақомоти оинномавӣ ва мақомоти дигари ИДМ намояндаи доимии мухтори худро доранд, ки робитаҳои байниҳамдигарӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлати худро ба амал мебароранд.

Мақоми олии ИДМ Шӯрои сарони давлатҳо мебошад. Он масъалаҳои махсусан муҳими фаъолияти давлатҳои аъзоро дар соҳаи манфиатҳои умумии онҳо муҳокима мекунад. Шӯрои сарони давлатҳо соле ду маротиба ҷамъомад мегузаронад. Бо пешниҳоди яке аз давлатҳои аъзо гузаронидани ҷамъомади ғайринавбатии Шӯрои сарони давлатҳо мумкин аст (моддаи 21-и Оинннома).

Шӯрои сарони ҳукуматҳо ҳамкории мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатҳои аъзоро ҳамоҳанг месозад ва соле чор маротиба ҷамъомад мегузаронад. Ҷамъомади ғайринавбатиро бошад, бо ташаббуси ҳукумати яке аз давлатҳои аъзо даъват кардан мумкин аст.

Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ ҳамоҳангии фаъолияти давлатҳои аъзоро ба амал бароварда, дар мутобиқсозии онҳо бо фаъолияти

ташкилотҳои байналмилалӣ, ташкили машваратҳо оид ба масъалаҳои сиёсии ба манфиатҳои ҳамагон мувофиқ саҳм мегирад.

Кумитаи ҳамоҳангсозӣ-машваратӣ мақомоти доимоамалкунандаи иҷроия ва ҳамоҳангсози ИДМ мебошад. Вай дар роҳи иҷрои қарорҳои Шӯрои сарони давлатҳо ва Шӯрои сарони ҳукуматҳо оид ба масъалаҳои ҳамкорӣ пешниҳодҳо омода карда, барои тайёр кардани лоиҳаи ҳуҷҷатҳо машваратҳои намояндагон ва мумайизонро (экспертҳоро) ташкил мекунад, ташкилу гузаронидани ҷамъомадҳоро таъмин менамояд, ҳамчунин ба кори дигар мақомоти ИДМ ёрмандӣ мекунад.

Шӯрои вазирони мудофиа мақомоти оид ба сиёсати ҳарбӣ буда, фаъолияти идораҳои мудофиавии ИДМ-ро ҳамоҳанг месозад.

Шӯрои фармондеҳони қӯшунҳои сарҳадӣ бо масъалаҳои ҳифзи сарҳадҳои берунии давлатҳои аъзо ва таъмини мӯътадилии онҳо машғул мешавад.

Суди иқтисодӣ мақомоти ҳалкунандаи баҳсҳои дар раванди иҷрои ӯҳдадориҳои иқтисодӣ ба амал меомада буда, тафсири нуқтаҳои созишномаҳо ва санадҳои дигарро оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ба амал мебарорад.

Комиссияи оид ба ҳуқуқҳои инсон мақомоти машваратӣ ва назораткунандаи ИДМ ба рафти иҷрои ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаи давлатҳои аъзо дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон мебошад.

**2. НАҚШИ ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.** Дар шароити ҳозира нақши ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон беш аз пеш меафзояд. Аввалан, бо ташаббуси ташкилотҳои байналмилалӣ конференсияҳо, семинарҳо, машваратҳои дараҷаҳои гуногун даъват мешаванд, ки ба шарҳу эзоҳ ва тавзеҳи маънӣ ва аҳамиятнокии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо мусоидат мекунанд. Дуюм, онҳо ба муқаррар гардидану сурат гирифтани ҳамкориҳои байни давлатҳо дар масъалаи риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон кӯмак мерасонанд. Сеюм, ташкилотҳои байналмилалӣ таҷрибаи пешқадаму мусбати давлатҳоро бобати таъмини ҳифзи дилхоҳи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва ғайра дар тамоми ҷаҳон паҳн месозанд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред**: *САҲА, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.*

---

**Саволҳо ва супоришҳо:**

*1. Кадом механизмҳои минтақавии ҳифзи ҳуқуқи инсонро медонед?*

*2. Нақши Созмони амнияту ҳамкории Аврупо (САҲА)-ро дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон шарҳ диҳед.*

*3. Ба фаъолияти ИДМ ҳамчун созмони минтақавӣ тафсир бахшед.*

## §62. СММ ВА НАҚШИ ОН БАҲРИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶАҲОНИ ҲОЗИРА

**1.СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД: ТАЪРИХИ ТАШКИЛЁБӢ ВА ПРИНСИПҲОИ ФАЪОЛИЯТ.** Созмони Милали Муттаҳид ташкилоти байналмилалии универсалии соли 1945 бо мақсадҳои зерин таъсисёфта мебошад: дастгири сулҳ ва амнияти байналмилалӣ; андешидани тадбирҳои пурсамари дастаҷамъона барои пешгирӣ ва бартарафсозии таҳдидҳо ба сулҳ; бо роҳи мусолиматомез ҳал кардани баҳсҳои байналхалқӣ; рушди муносибатҳои дӯстонаи байни халқҳо; амалисозии ҳамкориҳо дар ҳалли проблемаҳои байналмилалии характери иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва башардӯстона дошта; дастгирӣ ва инкишоф додани эҳтиром ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии ҳамагон, сарфи назар аз тафовутҳои нажодӣ, ҷинсӣ, забон, дин ва ғайра (моддаи 1-и Оинномаи СММ).

Созмони Милали Мутаҳид (минбаъд СММ) бо ташаббуси Иттиҳоди Шӯравӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Британияи Кабир таъсис ёфтааст. Дар Конференсияи Қрим (соли 1945) дар бораи таъсиси ташкилоти умумии байналмилалӣ барои нигаҳдории сулҳ ва амният қарор қабул карда шуд.

Таъсиси СММ ва қабули Оинномаи он ба марҳилаи сифатан нави байналмилалии батанзимдории ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ибтидо гузошт.

**2. ОИННОМАИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД.** Оинномаи СММ дар таърихи муносибатҳои байналмилалӣ нахустин қарордоди байналхалқиест, ки ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон асос гузошт. Нуктаҳои асосии Оинномаи СММ аз ҷониби намояндагони Иттиҳоди Шӯравӣ, ИМА, Британияи Кабир ва Хитой таҳия гардиданд. Матни ниҳоии Оинномаи СММ дар конференсияи Милали Мутаҳид дар Сан-Франсиско (апрел-июни соли 1945) бо иштироки намояндагони 50 давлат мувофиқа карда шуд ва имзои он 26 июни соли 1945 ба вуқӯъ пайваст. Оиннома бояд аз ҷониби давлатҳои ба он имзогузошта тасдиқ (ратификатсия) карда мешуд. Муқаррар гардид, ки Оиннома баъди ба маҳфузият супурдани тасдиқномаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, ИМА, Британияи Кабир, Хитой ва Франсия, ки мақоми аъзои доимии Шӯрои амниятро соҳиб гардиданд, ҳукми амал пайдо мекунад. Оиннома 24 октябри соли 1945 ҳукми амал пайдо кард ва ин рӯз санаи таъсисёбии Созмони Милали Муттаҳид маҳсуб мегардад.

Оинномаи СММ аз дебоча, 19 боб ва 111 модда иборат аст. Қисми ҷудонопазири Оинномаи СММ Статути Суди байналхалқӣ мебошад. Оинномаи СММ эҳтироми ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсонро дастгирӣ мекунад. СММ давлатҳоро вазифадор мекунад, ки ҳамкориҳои

байналмилалиро бо мақсадҳои кӯмак расонидан ба «эҳтирому риояи умумии ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама, сарфи назар аз тафовутҳои нажодӣ, ҷинсӣ, забон, дин ва ғайра вусъат бахшанд» (банди «с» -и моддаи 55).

Оинномаи СММ самтҳои асосии рушд ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар ҳуқуқи муосири байналмилалӣ муайян менамояд. Зимнан, талаботи Оинномаи СММ бобати риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ба ҳамаи давлатҳо тааллуқ дорад. Зиёда аз он, Оинномаи СММ ҳамаи давлатҳои аъзои СММ-ро вазифадор менамояд, ки дар ҳамкорӣ бо СММ бо мақсади муваффақ шудан ба эҳтирому риояи ҳамагонии ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама, бе ягон истисно, кӯшишҳои якҷоя ва мустақилона кунанд.

Принсипҳои асосии фаъолияти СММ дар моддаи 2-и Оинномаи СММ таҳким ёфтаанд. Онҳо чунинанд: 1. Соҳибихтиёрии баробари ҳамаи аъзои СММ; 2. Иҷрои поквиҷдононаи ӯҳдадориҳои ба зимма гирифташуда; 3. Ҳалли мусолиматомези баҳсҳои байналмилалӣ бо усулҳое, ки боиси таҳдид ба сулҳу амнияти байналмилалӣ нашаванд; 4. Таъмини он ки давлатҳои аъзои СММ набуда мувофиқи принсипҳои СММ амал намоянд; 5. Дахолат накардани СММ ба корҳое, ки салоҳиятҳои дохилии ҳар давлат мебошанд ва ғайра.

**3.ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН-УЗВИ СММ.** 2 марти соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ташкилоти бонуфузи байналмилалие чун Созмони Милали Муттаҳид гардид. Аллакай 1 феврали соли 1993 дар шаҳри Душанбе Намояндагии нозирони СММ дар Тоҷикистон таъсис ёфт. Ин воқеаи муҳиме дар ҳаёти Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон буд. Аз ҳамин сана сар карда, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва ҳамчунин ҳифзи онҳо шурӯъ шуд. Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун узви СММ, бо муассисаҳои махсуси СММ муваффақона ҳамкорӣ мекунад. Таҷриба ва ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бисёр соҳаҳо, алалхусус дар ҳалли низоъҳои дохилимиллӣ, аз ҷониби СММ ҳамчун роҳнамои амалиёт тавсия шудааст. Мамлакати мо ҳамаи санадҳои байналмилалии оид ба ҳуқуқи инсонро имзо карда, тасдиқ намудааст ва онҳоро дар ҳаёт фаъолона татбиқ менамояд.

**4. МАҚОМОТИ АСОСИИ СММ.** Мақомоти асосии СММ инҳоянд: Ассамблеяи Генералӣ, Шӯрои Амният, Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, Шӯрои васоят, Суди байналмилалӣ ва Котибот (банди 1-и моддаи 7-и Оинномаи СММ).

**Ассамблеяи Генералӣ.** Аъзои Ассамблеяи Генералӣ ҳамаи аъзои Созмони Милали Муттаҳид маҳсуб мешаванд ва ҳар узви СММ дар

Ассамблеяи Генералӣ на бештар аз 5 намоянда дорад. Мутобиқи моддаи 10-и Оинномa ба салоҳияти Ассамблеяи Генералӣ ҳама гуна масъалаву корҳо, аз ҷумла масъалаҳои кӯмакрасонӣ ба амалисозии ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ ва додани тавсияҳо ба аъзои СММ дохил мешавад.

Ассамблеяи Генералӣ буҷети СММ-ро баррасӣ ва тасдиқ мекунад. Вай аъзои ғайридоимии Шӯрои Амният, аъзои Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоиро интихоб менамояд, мақомоти ёридиҳанда ташкил мекунад, масъалаҳои қабул ба узвияти СММ ва аз он хориҷ кардан, боздошти амалисозии ҳуқуқ ва имтиёзҳои аъзои СММ-ро ҳаллу фасл карда, Муншии умумиро таъин менамояд.

Ассамблеяи Генералӣ ба таври сессионӣ кор мекунад, ки ҳар сол даъват карда мешавад. Сессияҳои махсус бошанд, аз ҷониби Муншии умумӣ бо талаби Шӯрои Амният ё аксари аъзои СММ даъват мегарданд.

Ассамблеяи Генералӣ кумитаҳо ва комиссияҳои чи доимӣ ва чи муваққатӣ амалкунанда таъсис дода, фаъолияти худро тавассути онҳо амалӣ месозад.

Қарорҳои Ассамблеяи Генералӣ оид ба масъалаҳои муҳим бо овоздиҳии аксарият – аз се ду ҳиссаи аъзои дар овоздиҳӣ иштирокдоштаи Ассамблея қабул мешаванд. Ба чунин масъалаҳо аз ҷумла инҳо мансубанд: даровардани тағйирот ба Оинномa, интихоби аъзои ғайридоимии Шӯрои Амният, интихоби аъзои Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва ғайра. Оид ба масъалаҳои дигар қарорҳо бо овоздиҳии оддии аксарият қабул мешаванд.

**Шӯрои Амният**. Давлатҳои аъзои СММ барои таъмини амалҳои фаврӣ ва пурсамар ба зиммаи он масъулияти асосиро баҳри нигоҳдории сулҳ ва амнияти байналмилалӣ вогузоштаанд. Шӯрои Амният аз 15 давлати аъзо иборат буда, 5-тои онҳо аъзои доимӣ ва 10-тояшон аъзои ғайридоимӣ мебошанд ва аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ интихоб карда мешаванд. Аъзои доимии Шӯрои Амният: Иттиҳоди Шӯравӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Британияи Кабир, Чин ва Фаронса. Дар айни замон ҷои Иттиҳоди Шӯравиро дар Шӯрои Амният Федератсияи Россия ишғол менамояд.

Аъзои ғайридоимии Шӯрои Амният ба мӯҳлати 2 сол интихоб мешаванд. Ҳамасола панҷ давлат аз нав интихоб мегарданд. Мутобиқи резолютсияи Ассамблеяи Ғенералии СММ (соли 1963) ҷои аъзои ғайридоимӣ чунин тақсим мешавад: аз Африқо ва Осиё – 5 аъзо, аз Аврупои Шарқӣ–1, аз Америкои Лотинӣ–2, аз Аврупои Ғарбӣ ва дигар давлатҳо–2 ҷой.

Шӯрои Амният ваколатдор аст, ки ҳама гуна баҳс ва ҳама гуна вазъияти ба нигоҳдории сулҳ ва амнияти байналмилалӣ таҳдидкунандаро тафтиш кунад. Вай мавҷудияти ҳама ғуна таҳдид ба сулҳ, ҳама гуна ҳодисаҳои вайрон кардани сулҳро муайян сохта, тавсияҳо медиҳад ё қарор мекунад, ки барои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии сулҳу амнияти байналмилалӣ чӣ гуна чораҳо дидан лозим аст. Ба ибораи дигар, ҳамаи

масъалаҳои марбут ба нигоҳдории сулҳ ва амнияти байналмилалӣ ба салоҳияти Шӯрои Амният таалуқ доранд.

Мутобиқи моддаи 25-и Оинномаи СММ аъзои СММ ба зиммаи худ ӯҳдадорӣ гирифтаанд, ки ба қарорҳои Шӯрои Амният итоат карда, онҳоро иҷро намоянд. Қарори Шӯрои Амният бо роҳи овоздиҳӣ қабул мешавад. Қарорҳои Шӯрои Амният вақте қабулшуда маҳсуб мегарданд, ки ба ҷонибдории онҳо нӯҳ аъзо, бо фарогирии овозҳои аъзои доимӣ, овоз диҳанд. Агар ҳатто як аъзои доимӣ зид овоз диҳад, қарор қабулнагардида ҳисоб намешавад. Чунин ҳуқуқи аъзои доимии Шӯрои Амниятро ҳуқуқи вето ( ҳуқуқи боздоштан ё бекор кардан) меноманд.

**Вето (аз лот. Veto- манъ мекунам)-санади боздоранда ё роҳнадиҳанда ба қувваи амал пайдо кардани қарори ягон мақомот.**

**Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ.** Ин шӯро аз ҷумлаи мақомоти асосии СММ буда, аз 54 давлати аъзои СММ иборат аст, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ ба мӯҳлати се сол интихоб гардида, сеяки онҳо ҳар сол аз нав интихоб карда мешаванд.

Вазифаҳои асосии ин мақомот кӯмак кардан ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, шуғли пурраи аҳолӣ, пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ, ҳалли проблемаҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, нигаҳдории тандурустӣ, фарҳанг ва маориф, эҳтиром ва риояи ҳамагонии ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама мебошад.

Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои махсусгардонидашудаи СММ-ро амалӣ гардонда, миёнрави робитаи онҳо ба СММ аст.

Ин мақомот ваколатдор аст тадқиқот гузаронида, оид ба масъалаҳои байналмилалии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин дар соҳаҳои фарҳанг, маориф, нигоҳдории тандурустӣ, эҳтироми ҳуқуқҳои инсон маърӯзаҳо тайёр кунад, аз рӯи онҳо ба СММ, Ассамблеяи Генералӣ ва ташкилотҳои махсусгардонидашудаи манфиатдор тавсияҳо манзур намояд (моддаи 62-и Оинномаи СММ).

**Шӯрои васоят.** Мутобиқи Оинномаи СММ Шӯрои васоят вазифаҳои СММ-ро оид ба муносибат ба қаламравҳое, ки бо низоми байналмилалии васоят фаро гирифта шуда буданд, амалӣ месохт. Дар айни замон ба сабаби додани истиқлолият ба ҳамаи қаламравҳои таҳти васоят қарордошта зарурат ба чунин мақомот аз байн рафтааст.

**Суди байналмилалии СММ.** Ин мақомоти асосии судии СММ, ки тибқи Статут амал менамояд, қисми ҷудонопазири Оинномаи СММ-ро ташкил медиҳад. Суд аз 15 нафар аъзо иборат аст, ки аз ҷумлаи ашхоси дорои сифатҳои баланди ахлоқии ба талаботи пешниҳодшаванда барои таъин кардан ба мансабҳои баланди судӣ ҷавобгӯй ё ҳуқуқшиносони дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ обрӯю нуфузи баланддошта интихоб карда мешаванд (моддаи 2-и Статут). Аъзои судро Ассамблеяи Генералӣ ва

Шӯрои Амният интихоб мекунанд. Мӯҳлати ваколати аъзои суд 9 сол бо имконпазирии аз нав интихоб кардан мебошад.

Суд, чун қоида, дар ҳайати пурра ҷамъомад мегузаронад. Салоҳияти суд аз ҳалли баҳсҳои байни давлатҳо, қабули хулосаҳои машваратӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқшиносӣ иборат аст. Мутобиқи Оинномаи СММ чунин хулосаҳоро Ассамблеяи Генералӣ ё Шӯрои Амният, ҳамчунин дигар мақомоти СММ ва муассисаҳои махсусгардонидашуда талаб мекунанд.

**Котиботи СММ**. Мутобиқи моддаи 97-и Оинномаи СММ котибот аз Муншии умумӣ ва кормандоне, ки барои СММ метавонанд зарур бошанд, иборат аст. Кормандони котибот ашхоси мансабдори байналмилалӣ эътироф мегарданд.

Мутобиқи Оинномаи СММ Муншии умумӣ шахси асосии мансабдори маъмурии СММ мебошад. Ӯ бо тавсияи Шӯрои амният аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ ба мӯҳлати 5 сол таъин мешавад. Ваколати асосии ӯ аз амалӣ гардонидани фаъолияти иҷрокунандагию фармоишӣ иборат буда, бо татбиқи қарорҳои Ассамблеяи Генералӣ, Шӯрои Амният, инчунин дигар мақомоти СММ вобаста мебошад. Ба ӯ ҳуқуқ дода шудааст ҳамаи масъалаҳоеро, ки ба андешааш метавонанд ба нигаҳдории сулҳу амнияти байналмилалӣ таҳдид намоянд, ба маълумоти Шӯрои Амният расонад. Ӯ дар ҷамъомадҳои Ассамблеяи Генералӣ, Шӯрои Амният, Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, дигар мақомоти СММ ширкат меварзад, гайр аз ин дар конференсияҳо ва машваратҳои байналмилалӣ иштирок мекунад.

Аъзои СММ вазифадоранд, ки моҳияти байналмилалии вазифаҳои Муншии умумӣ ва кормандони котиботро эҳтиром кунанд. Ҷонишинони Муншии умумӣ ва шахсони мансабдори котиботро Муншии умумӣ таъин мекунад. Ҳангоми таъин кардани кормандон салоҳиятмандӣ, поквиҷдонӣ ва намояндагии ҷуғрофии онҳо ба назар гирифта мешавад.

**5. НАҚШИ СММ ДАР ҶАҲОНИ ҲОЗИРА.** Дар асри XXI СММ кӯшишҳо дорад, ки эҳтироми ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон воқеӣ гардад. Ин аз якчанд ҳолатҳо бармеояд:

Якум, эҳтироми ҳуқуқҳои инсон аз ҷониби давлат, ҷомеа, сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин ашхоси алоҳида гарави эҳтироми ҳар фард, эътирофи шаъну эътибори инсонии ӯ аст. Эҳтироми ҳуқуқҳои инсон гарави дарки аҳамиятнокӣ, сифатҳои инфиродӣ, қобилиятнокӣ ва манфиатбахшии худ дар ҷомеа аст. Мутобиқан ба ин аз ҷониби одами алоҳида чунин эҳтиром нисбат ба ашхоси дигар,ҷомеа ва давлат низ бояд зоҳир гардад.

Дуюм, ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон бояд дар ҳама ҷо риоя карда шаванд. Ин аз талаботи Оинномаи СММ бармеояд. Риояи ҳуқуқҳои инсон маънои додани имкониятҳои амал кардан мутобиқи ҳуқуқҳои додашуда, яъне амалисозии имкониятҳои дар қонунгузорӣ таҳкимёфтаро дорад.

Сеюм, таъмини ҳамаҷонибаи амалисозии ҳуқуқҳои инсон.

Аммо бо сабабҳои гуногуни объективию субъективӣ ба давлат муяссар намешавад, ки амалишавии ин ҳуқуқҳоро таъмин кунад. Бинобар ин давлат вазифаҳои худро, ки аз Оинномаи СММ бармеоянд, дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ на ҳамеша иҷро карда метавонад. Ба ин сабаб СММ сиёсати паҳн кардани таҷрибаҳои пешқадаму мусбатро дар соҳаи амалисозии ҳуқуқҳои инсон ба амал мебарорад.

Чорум, такмили механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон. Ин маънии соддагардонии усулҳо ва воситаҳои ҳифз, ҳамчунин пурзӯр кардани назоратро ба риояи ҳуқуқҳои инсон аз ҷониби СММ дорад. Дар чунин шароит ҳама гуна ҳодисаҳои вайрон кардани ҳуқуқ аз ҷониби ҷи субъектҳо ва ҷи давлат аксуламали сазовор мебинад. Аксуламали манфӣ ба ҳодисаҳои вайрон кардани ҳуқуқҳои инсон ба амалҳои фаъолона барои ҳифз ва барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда оварда мерасонад.

Вазифаҳои давлат бояд ба ин мувофиқат кунанд, яъне таъмин кардани шахси ҳуқуқҳояш вайронкардашуда бо воситаҳои самарабахши ҳифзи ҳуқуқҳо; таъмин кардан ва рушд додани воситаҳои ҳимояи судӣ; таъмини истифодаи мақомоти салоҳиятдор аз воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки низоми ҳуқуқии давлат муқаррар кардаанд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред**: *Ассамблеяи Генералии СММ, Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ, Суди байналмилалии СММ, Муншии умумии СММ.*

---

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Кадом принсипҳои асосии СММ-ро медонед?*
2. *Мақомоти асосии СММ-ро номбар кунед.*
3. *Функсияҳои асосии Шӯрои амнияти СММ-ро номбар кунед.*
4. *Нақши СММ-ро дар асри XXI шарҳ диҳед.*
5. *Муносибатҳои байниҳамдигарии СММ ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ диҳед.*

## § 63. МАҚОМОТИ СММ ОИД БА ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

**1.МАҚОМОТИ АСОСИИ СММ ОИД БА ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.** Бо проблемаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба андозаи муайян ҳамаи мақомот ва муассисаҳои СММ машғуланд. Ғайр аз ин СММ мақомоте дорад, ки вазифаи асосиашон ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодиҳои эътирофгардидаи байналмиллалии инсон мебошанд. Инҳо Комиссияи оид ба ҳуқуқҳои инсон, Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Идораи Комиссари Олии СММ оид ба корҳои гурезаҳо, кумитаҳои гуногун ва ғайраанд.

**Комиссияи оид ба ҳуқуқҳои инсон.** Комиссияи мазкур аз ҷониби Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ соли 1946 таъсис ёфтааст. Вазифаи асосии он тадқиқи ҳолати таъмин ва амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, тайёр кардани тавсияҳо ва лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои байалмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон мебошад. Мақомоти мазкур ҳамчунин супоришҳои махсуси Ассамблеяи Генералии СММ ва Шӯрои иқтисодию иҷтимоиро ба ҷо меорад. Дар шароити ҳозира Комиссияи оид ба ҳуқуқҳои инсон яке аз мақомоти асосии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон гардидааст. Дар комиссия ба таври доимӣ масъалаҳои вобаста ба дағалона вайрон гардидани ҳуқуқҳои инсон муҳокима мешаванд. Комиссияи оид ба ҳуқуқҳои инсон дар ин ё он мамлакат вайрон гардидани ҳуқуқҳои инсонро муқаррар карда, метавонад тафтишоти махсус гузаронад ва оид ба бартарафсозии камбудиҳо тавсияҳо таҳия намояд.

Фаъолияти комиссия мунтазам такмил меёбад. Дар айни замон баробари истифодаи ҳисоботҳои (маърӯзаҳои) даврии давлатҳо дар бораи вазъияти риоя ва таъмини ҳуқуқҳои инсон дар қаламрави худ комиссия аз шабакаи паҳншудаи гурӯҳҳои корӣ ва маърӯзагарон, ки ваколат доранд, вазъият ва ҳолатҳои мушаххаси риояи ҳуқуқҳои инсонро дар мамлакати мушаххас тафтиш намоянд, истифода мекунад, шикоятҳои инфиродӣ ё шикоятҳои гурӯҳҳои одамон ва созмонҳои ғайриҳукуматиро баррасӣ менамояд. Дар оянда фаъолияти Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон метавонад боз ҳам такмил ёбад.

**Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон**. Ин вазифаро Ассамблеяи Генералии СММ соли 1994 таъсис додааст. Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон шахси мансабдорест, ки аз ҷониби Муншии умумӣ таъин шуда, ӯро Ассамблеяи Генералӣ ба мӯҳлати чор сол тасдиқ мекунад. Комисари Олӣ дар фаъолияти худ Оинномаи СММ, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва дигар ҳуҷҷатҳои байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон ба роҳбарӣ мегирад. Вай аз ваколатҳое бархурдор аст, ки имконият медиҳанд ҳама гуна проблемаҳоро дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон баррасӣ намояд ва дар чорабиниҳои ба пешгирию бартарафсозии ҳодисаҳои вайрон кардани ҳуқуқҳои инсон нигаронидашуда иштирок кунад.

Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон вазифадор аст:

1. Ба риоя ва амалисозии ҳифзи ҳамаи ҳуқуқҳои граждани̇, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ кӯмак кунад ва ин тадбирҳоро дастгирӣ намояд.

2. Супоришҳои мақомоти салоҳиятдори СММ-ро дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон иҷро намояд ва бо мақсади кӯмакрасонӣ ба дастгирии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон тавсияҳо пешниҳод кунад.

3. Дар риоя ва амалисозии ҳифзи ҳуқуқҳо ба рушд ва расонидани дастгирӣ дар ин масъала аз ҷониби мақомоти СММ кӯмак кунад.

4. Тавассути Маркази оид ба ҳуқуқҳои инсон ва дигар муассисаҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон хидматгузориҳои машваратӣ, кӯмакҳои механикию молиявиро ба амал барорад.

5. Барномаҳои таълимию тарғиботии СММ-ро дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон ҳамоҳанг созад ва ғайра.

Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ҳамасола дар бораи фаъолияти худ ба Комиссияи оид ба ҳуқуқҳои инсон ва тавассути Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба Ассамблеяи Генералӣ ҳисобот пешниҳод мекунад.

**Суди байналмилалии ҷиноятӣ** моҳи июли соли 1998 таъсис ёфтааст. Барои таъсиси суд инҳо асос шуданд: 1.Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиноят эътироф гардидани баъзе амалҳои зиддиҳуқуқӣ. 2.Бе ҷазо мондани бисёр ашхоси воломақоми давлатӣ, ки бар зидди сулҳ, ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон кирдорҳои зиддиқонунӣ кардаанд. 3.Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк гардидани зарурати таъсиси Суди байналмилалии ҷиноятӣ, ки бояд ба ҷиноятҳои характери байналмилалидоштаи аз ҷониби ашхоси алоҳида содиршаванда, сарфи назар аз он ки вай фармонҳои дигар одамонро иҷро кардааст ё худ чунин фармонҳо додааст, таваҷҷӯҳ кунад.

Мутобиқи Статут Суди байналмилалии ҷиноятӣ мақомоти судии доимоамалкунандаест, ки ваколатдор аст нисбати ашхоси ҷинояти ҷиддӣ содиркарда тибқи муқаррароти қисми 2-и Статут амалиёти судӣ иҷро кунад. Суди байналмилалии ҷиноятӣ вазифаҳои худро дар қаламрави ҳар давлати иштирокдор амалӣ гардонда метавонад. Вай чунин навъҳои ҷиноятро баррасӣ менамояд: 1.Қатли ом; 2.Ҷиноятҳои ҳарбӣ; 3.Бар зидди инсоният; 4.Ҳуҷумҳо. Ҳамаи ин ҷиноятҳо ҷиддӣ буда, боиси изтиробу нигаронии тамоми инсонияти тараққипарвар мегарданд.

Суди байналмилалии ҷиноятӣ аз 18 судя иборат аст. Ба ҳайати он ашхоси дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ, ки одамони беғаразу мустақил мебошанд ва талаботи пешниҳодшавандаи давлатҳоро бобати пешбарӣ ба вазифаҳои баландмақоми судӣ қонеъ кунонида метавонанд, интихоб карда мешаванд. Барои ишғол кардани мансаби судя ҳар давлати иштирокдор як нафар номзад пешниҳод карда метавонад, ки бояд шаҳрванди ҳамон давлат бошад.

**2. МАҚОМОТИ ҚАРОРДОДИИ СММ ОИД БА ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН.** Баробари мақомоти асосии зикргардида оид ба ҳуқуқҳои инсон мақомоти ба истилоҳ қарордодӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон мавҷуданд. Онҳо, чун қоида, мутобиқи созишномаҳои байни давлатҳо басташуда таъсис мегарданд. Ба чунин мақомот инҳо мансубанд: Кумитаи оид ба ҳуқуқҳои инсон, Кумитаи зидди шиканҷа, Кумитаи оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, Кумитаи бартарафсозии табъизи нажодӣ, Кумитаи бартарафсозии табъиз нисбат ба занон ва ғайра. Мақомоти мазкур асосан вазифаҳои назоратиро ба риояи қарордодҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ба амал мебароранд.

**Кумитаи оид ба ҳуқуқҳои инсон.** Ин мақомоти СММ соли 1977 таъсис ёфта, ба амалишавии Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966) назорат мебарад. Кумита аз 18 нафар аъзо иборат аст, ки онҳоро давлатҳои аъзо аз ҷумлаи шаҳрвандони худ интихоб мекунанд.

Кумитаи оид ба ҳуқуқҳои инсон ҳақ дорад гузоришҳо ва шикоятҳоро дар бораи вайрон гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии инсон, ки аз давлатҳои аъзо мерасанд, баррасӣ намояд. Вай ҳамчунин ваколатдор аст маърӯзаҳоро оид ба тадбирҳои андешидашуда ва дастовардҳои амалишавии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар мамлакатҳои аъзо қабул кунад ва баррасӣ намояд. Кумита шикоятҳои хаттии ашхоси алоҳидаро низ, ки ҳуқукҳояшон вайрон карда шудаанд, баррасӣ мекунад.

**Кумитаи оид ба ҳуқуқҳои кӯдак** соли 1991 таъсис ёфта, мақомоти махсус оид ба назорат ба амалишавии нуктаҳои Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак аз 20 ноябри соли 1989 аст. Кӯмита аз 10 аъзо иборат аст, ки давлатҳои аъзо таъин кардаанд. Кумитаи оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ба иҷрои ӯҳдадориҳои давлатҳои аъзо дар соҳаи риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак назорат мебарад. Давлатҳои аъзо вазифадоранд, ки ба Кумита оид ба иҷрои Конвенсия ва пешрафтҳо дар соҳаи амалан тадбиқ гардидани ҳуқуқҳои кӯдак маърӯзаҳо пешниҳод намоянд.

Кумитаи оид ба ҳуқуқҳои кӯдак бо мақомот ва муассисаҳои махсусгардонидашуда СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ҳамкорӣ мекунад, маърӯзаҳои пешниҳодкардаи давлатҳои аъзоро маълуми ҳамагон месозад, таҳқиқу тафтиши махсуси ҳолатҳои амалишавии ҳуқуқҳои кӯдакро мегузаронад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакро имзо карда, ба имзорасии онро соли 1993 тасдиқ кардааст.

**Кумитаи зидди шиканҷа** дар асоси Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар навъҳои муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну эътибор ва ҷазодиҳӣ (аз 10 декабри соли 1984) таъсис ёфтааст.

Кумита аз 10 мумайзи бо овоздиҳии пинҳонӣ аз ҷумлаи ашхоси давлатҳои аъзо ба мӯҳлати 4 сол пешниҳодкарда иборат аст.

Кумита маърӯзаҳои давлатҳои иштирокдорро оид ба тадбирҳои андешидаашон бобати иҷрои ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаашон дар роҳи татбиқи Конвенсия баррасӣ мекунад. Агар Кумита дар бораи дар ҳудуди ягон давлати иштирокдор мунтазам истифода шудани шиканҷа маълумоти боэътимод гирад, ҳақ дорад, ки он ҷо, бо гирифтани ризоияти ҳамон давлат, таҳқиқу тафтишот гузаронад.

Мутобиқи моддаи 2-и Конвенсия ҳар як давлати иштирокдор барои пешгирии ҳодисаҳои шиканҷа дар қаламрави худ бояд чораҳои пурсамари қонунгузорӣ, маъмурӣ ва гайра бинад. Ягон хел ҳолатҳои истисноӣ шиканҷаро ҳақ бароварда наметавонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи мазкурро соли 1994 тасдиқ карда, он аз 10 феврали соли 1995 барои ҷумҳурӣ ҳукми амал пайдо кардааст.

**Кумитаи бартарафсозии табъизи нажодӣ** ба амалишавии Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи бартарафсозии ҳамаи шаклҳои табъизи нажодӣ аз 21 декабри соли 1965 назорат мебарад. Вай аз 18 мумайизи интихобкардаи давлатҳои иштирокдори Конвенсия ба мӯҳлати 4 сол иборат аст. Кумитаи мазкур вазифаҳои худро ба таври зайл амалӣ

месозад: Якум, маърӯзаҳои пешниҳодкардаи давлатҳои иштирокдорро дар бораи чораҳои дидаашон бо мақсади амалисозии муқаррароти Конвенсия ва дар бораи пешрафтҳо дар ин самт меомӯзад. Дуюм, вай ҳақ дорад барои баррасии шикоятҳои ашхоси алоҳида ва баҳри танзими баҳсҳои миёни давлатҳо дар раванди иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба Конвенсия баамаломада гурӯҳҳои кории доимӣ ва комиссияҳои махсуси мусолиҳавӣ таъсис диҳад.

Мутобиқи Конвенсия давлатҳои иштирокдор вазифадоранд дар ҳар ду сол ба Кумита, ки бояд ҳамасола дар назди Ассамблеяи Генералӣ оид ба фаъолияти худ ҳисобот диҳад, маърӯзаҳо пешниҳод намоянд. Дар натиҷаи омӯзиши маърӯзаҳои давлатҳои иштирокдор вай метавонад оид ба проблемаҳои баррасишуда пешниҳодот манзур созад.

**Кумитаи бартарафсозии табъиз нисбат ба занон соли** 1982 дар асоси Конвенсия дар барои бартарафсозии ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон аз 18 декабри соли 1979 таъсис ёфтааст.

Ҳадафи асосии Кумита назорати амалишавии муқаррароти Конвенсия буда, он аз 23 аъзо, ки ба мӯҳлати 4 сол аз ҷумлаи ашхоси дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ - мутахассисони варзидаи дар соҳаи ҳуқуқҳои занон пешниҳодкардаи давлатҳои иштирокдори Конвенсия интихоб карда мешавад.

Кумита маърӯзаҳо ва дигар иттилооти пешниҳодкардаи давлатҳои иштирокдорро омӯхта, аз рӯи натиҷаҳои онҳо пешниҳодот ва тавсияҳо тайёр мекунад. Кумита бо дигар мақомоти карордодии СММ ва Идораи Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон ҳамкориҳои зич дорад.

Кумита ҳамасола дар бораи фаъолияти худ тавассути Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба Ассамблеяи Генералии СММ маърӯза пешниҳод мекунад. Дар он вай дар асоси омӯзиши маърӯзаҳо ва иттилооти пешниҳодкардаи давлатҳои иштирокдори Конвенсия метавонад пешниҳодот ва тавсияҳо манзур созад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокдори Конвенсия дар бораи бартарафсозии ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон мебошад. Вай ин Конвенсияро 26 июни соли 1993 тасдиқ карда, он барои ҷумҳурӣ аз 25 ноябри соли 1993 ҳукми амал пайдо кардааст.

Давлатҳои иштирокдор оид ба вазъи амалишавии конвенсияҳои дар боло зикршуда давра ба давра маърӯзаҳо пешниҳод менамоянд. Баробари ин агар давлати иштирокдоре чунин шуморад, ки давлати дигаре муқаррароти Конвенсияро иҷро намекунад, вай бояд инро ба кумитаи дахлдор маълум созад. Он гоҳ кумита ин маълумотро ба давлати зикршуда маълум менамояд. Давлати мазкур вазифадор аст, ки дар бораи чораҳои андешидааш дар бадали се моҳ ба таври хаттӣ кумитаро хабардор созад. Дар сурати имконнопазирии танзимшавӣ ин масъала бо роҳи гуфтушунид дар зарфи шаш моҳ ҳал карда мешавад. Ва агар дар ин муддат ҳам масъала ҳал нашавад, давлати манфиатдор масъалаи мазкурро ба баррасии кумита пешниҳод менамояд. Дар сурати зарурат

кумита комиссияи мусолиҳавие таъсис медиҳад, ки он баҳси мазкурро омӯхта, ба кумита якҷоя бо тавсияҳо ва хулосаҳо оид ба масъалаи мавриди баҳс маърӯза пешниҳод мекунад. Раиси кумита маърӯзаи комиссияро ба ҳар кадоме аз давлатҳои баҳскунанда мефиристад. Ва ин давлатҳо дар тӯли се моҳ бояд ба кумита ҷавоб гардонда, маълум созанд, ки оё онҳо бо тавсияҳои комиссия розӣ ҳастанд, ё не. Дар ҳолати акс маърӯзаи комиссия ва изҳороти давлатҳои манфиатдор ба дигар давлатҳои иштирокдори Конвенсия фиристода мешавад.

Оид ба бисёр конвенсияҳо имконпазирии пешниҳод кардани шикоятҳои инфиродӣ ё дастаҷамъона бобати ҷой доштани ҳодисаҳои вайрон кардани ҳуқуқҳо, ки дар натиҷаи онҳо давлати мушаххаси иштирокдори Конвенсия метавонад зарар бинад, пешбинӣ шудааст. Агар ҳамаи дигар тадбирҳои ба эътидол оварандаи вазъият натиҷе набахшанд, одамон ва давлатҳои алоҳида метавонанд аз ин имконият истифода кунанд.

---

**Мафҳумҳои зеринро ба хотир гиред:** *табъиз, геносид, шиканҷа, конвенсия, мақомоти конвенсионӣ.*

---

**Саволҳо ва супоришҳо**

*1. Мақомоти асосии СММ-ро оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон номбар кунед?*

*2. Кадом мақомоти қарордодии СММ-ро оид ба ҳуқуқҳои инсон медонед?*

*3. Ба мақомоти байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар кадом ҳолатҳо шикоят кардан мумкин аст?*

*4. Салоҳияти кумитаҳои СММ-ро муайян намуда, барои исбот мисолҳо биёред.*

---

## Тавзеҳот оид ба расмҳои китоб

Расмҳо дар зери рақамҳои зерин ба қалами У.З. Тоҳиров тааллуқ доранд: 2, 5, 6, 7 ,8, 9, 11, 15, 17, 19, 22, 23, 25, 29, 30, 31, 32, 33, 34, 35, 38, 40, 42, 43, 45, 46, 48.

Расмҳои дигар аз натиҷаи озмуни хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар мавзӯи ҳуқуқи инсон интихоб карда шудаанд: расми 1 - Пирова Д; расми 4- Муҳаммад Т.; расми 10 - Ҷалилов А.; расми 12 - Еракина К.; расми 13 - Ҷалилова Ҷ .; расми 14 - Ҷабборзода М.; расми 16 - Муродова А.; расми 18 - Азиза М.; расми 20 - Абдувохитов Б.; расми 21 - Шарипова К, расмҳои 24, 44 - Ҷалилова М.; расми 26 - Муродова А.; расми 27 - Каримзод А. расми 28 - Фирӯзи А.; расми 36 - Акрамзода А.Н.; расми 37 - Зиёдуллои Ш.; расмҳои 3, 39 - Ҷалилова Ҷ., расми 41 - Ҷалилов А.; расми 47 - Акрамзода А.Н.

# МУНДАРИЧА

саҳ.
**Сарсухан** ......................................................................3

**Фасли I**
**ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН: МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ТАНОСУБ БО ДАВЛАТ ВА ҶОМЕА**

***Боби 1***
**Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи инсон**
§1. Мафҳуми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ..........................................5
§2. Моҳияти ҳуқуқҳои инсон ......................................................11

***Боби 2***
**Пайдоиш ва ташаккули ғояи ҳуқуқи инсон**
§3. Аз таърихи пайдоиш ва ташаккули ғояи ҳуқуқи инсон ................14
§4. Роҳҳои мухталифи рушди ҳуқуқи инсон дар таърихи тамаддунҳо ......21
§5. Ғояҳои ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони форс-тоҷик .......26
§6. Сарчашмаҳои ҳуқуқии Тоҷикистони таърихӣ оид ба ҳуқуқи инсон....31

***Боби 3***
**Ҳуқуқҳои инсон: принсипҳо ва навъҳо**
§7. Принсипҳои ҳуқуқи инсон ......................................................40
§8. Таснифи ҳуқуқҳои инсон ......................................................45

***Боби 4***
**Асосҳои маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд**
§9. Асосҳои умумии маҳдудсозии ҳуқуқ
ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд ....................................50
§10. Норавоии маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои ҷудогонаи
инсон ва шаҳрванд дар шароити вазъияти фавқулодда ..................54

***Боби 5***
**Ҳуқуқҳои инсон, сиёсат ва ахлоқ: таносуб**
§11. Афзалияти ҳуқуқҳои инсон нисбат ба сиёсат ..............................58
§12. Арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқҳои инсон ........................................63

*Боби 6*

**Ҳуқуқҳои инсон дар шароити ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ**

§13. Ҳуқуқҳои инсон ва давлати ҳуқуқбунёд ....................67
§14. Ҳуқуқҳои инсон ва давлати иҷтимоӣ ....................71
§15. Нақши ҳуқуқҳои инсон дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ..........75
§16. Барқарории давлати ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ....................79

*Боби 7*

**Санадҳо оид ба ҳуқуқи инсон**

§17. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон....................81
§18-19. Санадҳои байналхалқии ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ..............87

**Фасли II**

**ҲУҚУҚҲО, ОЗОДИҲО ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД**

*Боби 8*

**Мақоми ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд**

§20. Мақоми ҳуқуқии инсон ....................94
§21. Мақоми ҳуқуқии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ....................98
§22. Вазъияти ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ....................104

*Боби 9*

**Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ**

§23. Тавсифи умумии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ ....................110
§24. Ҳуқуқ ба ҳаёт ....................113
§25. Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият ....................121
§26. Ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ ....................128
§27. Озодии виҷдон ва эътиқод ....................135
§28. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ва ёрии ҳуқуқӣ ....................141
§29. Озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист ....................149

*Боби 10*

**Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ**

§30. Тавсифи умумии ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ ....................154
§31. Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат ..........158
§32. Ҳуқуқи муттаҳидшавӣ ....................164

§33. Ҳуқуқи иштирок дар маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо,
намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта ....................................169
§34. Ҳуқуқи озодии сухан, матбуот ва истифодаи воситаҳои ахбор ....176
§35. Ҳуқуқи мурочиат кардан ба мақомоти давлатӣ ........................181

*Боби 11*

**Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ**

§36. Тавсифи умумии ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ ..........................184
§37. Ҳуқуқ ба моликият ..............................................................187
§38. Ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касб .........................................192
§39. Ҳуқуқ ба истироҳат ..............................................................197

*Боби 12*

**Ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ**

§40. Тавсифи умумии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ .........................................202
§41. Ҳуқуқи ташкили оила. Ҳифзи модарӣ ва кӯдакӣ ........................205
§42. Ҳуқуқ ба манзил ..................................................................209
§43. Ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ .....................................................213
§44. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ...................................................216

*Боби 13*

**Ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ**

§45. Тавсифи умумии ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ ............................220
§46. Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа ..............................225
§47. Ҳуқуқи таҳсил .......................................................................229

*Боби 14*

**Вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд**

§48. Тавсифи умумии вазифаҳои инсон ва шаҳрванд ..........................235
§49. Вазифаи риояи қонунҳо ва эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ..................239
§50. Вазифаи ҳифзи Ватан ва манфиатҳои давлат ва ҷомеа .................241
§51. Вазифаи ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ............246
§52. Вазифаи пардохтани андоз ва боҷҳои муқарраркардаи қонун .....249

*Боби 15*

**Ҳуқуқи инсон ва проблемаҳои коррупсия**

§53. Тавсифи коррупсия ҳамчун зуҳурот ...........................................254
§54. Оқибатҳои коррупсия ва таъсири он ба
амалишавии ҳуқуқҳои инсон ....................................................260
§55. Чораҳои зидди амали коррупсия ..............................................265
§56. Пешгирии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................270

## Фасли III
## МЕХАНИЗМҲОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

### *Боби 16*


**Механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон**

§57. Тавсифи умумии механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ..............276

§58. Ҳифзи судии ҳуқуқҳои инсон ..............................................281

§59. Механизмҳои маъмурии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ......................289

§60. Механизмҳои ғайриҳукуматии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ..............297


### *Боби 17*


**Механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон**

§61. Тавсифи умумии низоми байналмилалии
ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ..............................................................300

§62. СММ ва нақши он бахри ҳифзи ҳуқуқи инсон
дар чаҳони ҳозира ......................................................................305

§63. Мақомоти СММ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ..........................310

**М.А. Маҳмудов, Т.Н. Зиёзода, А.Г. Холиқов, З. Искандаров, Р.Ш. Сотиволдиев, Ш.М. Менглиев, Е.М. Павленко, Н. Муродова, Р.Ф. Салихова, Ғ. Лутфонов, У.З.Тоҳиров, М.Н.Халифаев**

# ҲУҚУҚИ ИНСОН

*Китоби дарсӣ барои синфи 10*

Роҳбари нашр: *Исан Ҳасанов*
Муҳаррири техникӣ: *Баҳринисо Холова*
Мусаҳҳеҳ: *Саидаҳмад Қаландар*
Тарроҳи компютер: *Фаридуллои Исматулло*

*Дар ҷараёни таълифи китоб кормандони Маркази иттилоот ва аснод оид ба ҳуқуқи инсон ба муаллифон ва муҳаррирон ёрии иттилоотию техникӣ расонидаанд.*

Ба матбаа 19.11.10 супорида шуд. Ба чоп 20.01.11 имзо шуд.
Коғази офсет. Чопи офсет. Андозаи 60x90 1/16. Ҷузъи чопӣ 20.
Супориши № 7. Ададаи нашр 88 000.

**Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “ТоРус”**
**ш. Душанбе, к. Айнӣ, 5**

Комбинати полиграфии Душанбе
734063, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.